**БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН**

قَالَ اللهُ تَعَالى:

إِنَّما يُرِيدُ اللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنْكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيراً.

سورة الأحزاب / الآية 33

**Худованд танҳо мехоҳад нопокӣ ва гуноҳро аз шумо Аҳли Байт дур кунад ва шуморо комилан пок гардонад.**

Сураи Аҳзоб, ояи 33

# Ақоиди Ислом
# дар
# Қуръони карим

قَالَ رَسُول الله7:

## اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ اللهِ، وَ عِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي، مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا، وَاِنَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَاحَتيّ يرِدَا عَلَيَّ الْحَوْضَ.

<صحيح مسلم، ج٧، ص١٢٢، سنن دارمي، ج٢، ص٤٣٢، مسند احمد، ج٣، ص١۴، ١٧، ٢۶، ۵٩، ج۴، ص٣۶۶، ٣٧١، ج۵، ص ١٨٢، مستدرك حاكم، ج٣، ص١٠٩، ١۴٨، ۵٣٣، و ...>

**Расули Худо[с] фармудаанд:**

**(Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд).**

(*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7****, саҳ*. ***122;*** *Сунани Дорамӣ*, *ҷилди* ***2****, саҳ*. ***432;*** *Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3****, саҳ*. ***14, 17, 26, 59,*** *ҷилди* ***4****, саҳ*. ***366, 371,*** *ҷилди* ***5****, саҳ*. ***182;*** *Мустадраки Ҳоким*, *ҷилди* ***3****, саҳ*. ***109, 148, 533*** *ва* ***...***)

# Ақоиди Ислом дар Қуръони карим

Муаллиф:

**Аллома Сайид Муртазо Аскарӣ**

Мутарҷим: Зарринтоҷ

Номи китоб:

**Ақоиди Ислом дар Қуръони карим-ҷилди 1**

| | |
|---|---|
| Муаллиф: | Сайид Муртазо Аскарӣ |
| Мутарҷим: | Зарринтоҷ |
| Виростор: | Маҳистони Асадӣ |
| Таҳиякунананда: | Муовинати фарҳангии идораи тарҷума |
| Ношир: | Маркази чоп ва нашри Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) |
| Чопхона: | Лайло |
| Навбати чоп: | аввал |
| Адади нашр: | 2000 |
| Соли чоп: | 2006 |
| ISBN: | 964-529-076-7 |

**www.ahl-ul-bayt.org**

***Ҳаққи чоп маҳфуз аст***

عقائد الإسلام في القرآن الكريم - ج1 / تاجيكى

مؤلف: علامه سيد مرتضى عسكرى

مترجم:عبد الله زرين تاج

## Сарсухан

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави

шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт[а] медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт[а] захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт[а] кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро таи маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт[а] барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат[а] барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт[а]-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ[(с)] моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

Акнун ҷо дорад, то камоли ташаккури худро ба ҷаноби аллома Сайид Муртазо Аскарӣ барои таълифи ин китоб ва устод Зарринтоҷ ба ҷиҳати тарҷумаи он иброз дошта, ҳамчунин аз тамоми ҳамкорони мӯҳтараме, ки моро барои ба самар расидани ин асар ёрӣ карданд, хусусан азизоне, ки дар идораи тарҷума анҷоми вазифа менамоянд, сипосгузорӣ намоем.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт* [(а)]

**Тақдим:**

Савоби ин китобро ҳадя менамоям:

@ - ба нахустбонуе, ки ба Худо ва Паёмбараш(с) имон овард ва ҷону молашро то лаҳзаҳои охири ҳаёти худ дар роҳи Ислом фидо намуд.

@ - ба модари итрати Расул(с) ва зуррияи боқияи он ҳазрат.

@ - ба модари Фотимаи Заҳро – сайидаи занони ҳар ду ҷаҳон(а).

@ - ба модаркалонам Уммулмӯъминин – Хадичаи Кубро(а).

@ Аз Худои зулҷалол хоҳонам мусулмононро аз ин навиштор баҳраманд намояд, иннаҳу самиъун муҷиб.

*Сайид Муртазо Аскарӣ*

## Пешгуфтори муаллиф[1]

Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

***Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин, вассалоту вассалому ъало Муҳаммадин ва олиҳит тоҳирин вассалому ъало асҳобиҳил мунтаҷабин.***

Бо сабабҳои зерин ба таълиф ва нигориши ин китоб камари ҳиммат бастам:

1. Мушоҳида намудам, ки макотиби гуногуни башарӣ бо Қуръони карим мухолифат доранд ва қонунгузорони низоми иҷтимоӣ қонунҳои ҷомеаро бар асоси чунин дидгоҳе дар ситез бо аҳкоми қуръонӣ бино ниҳодаанд ва ин бунёди береша насл ба насл мавриди эътимод, истинод ва дастмояи ояндагон мегардад.

Ин амр бархе уламои мусулмонро бар он дошта аст то ба по хезанд ва бо тавҷеҳоти гуногун баёни Худовандро дар Қуръони карим дар мавриди пайдоиши хилқат, ки зербинои ваҳй дар ташреи қавонини Ислом аст, бо дидгоҳи моддии махлуқин яксон ва яксӯ ҷилва диҳанд. Ин талошҳои онон ба нобудии биниши саҳеҳ аз баёни Қуръони карим дар бораи пайдоиши хилқат ва робитаи он бо Худои холиқ ва Парвардигори қонунгузор анҷомид.

Аз ин сабаб ба тадвини баҳсҳои ин китоб ҳиммат гумоштам. Бо талоши мутавозеона ба истинботи бархе аз фармудаҳои Қуръони карим дар бораи Худои холиқи парвардигори қонунгузор ва асмои ҳуснои ӯ

[1] Сарсухани муаллиф ба таври хулоса оварда шуда аст.

кӯшиш ба харҷ додам. Дар бораи чигунагии хилқат ва иртиботи он бо холиқ аз аввали пайдоиш то рӯзи қиёмат ба баёни Қуръон муроҷиат кардам ва бидуни он ки аз масири ин баён, ба чизе аз гуфтори одамиён мунҳариф гардам, ба таҳқиқ ва пажуҳиш пардохтам.

2. Дар пайи муҳоҷирати мусулмонон ба кишварҳои Ғарбӣ ва қатъи алоқаи онон бо манобеи исломии кишварашон ва баъд аз пирӯзии инқилоби исломӣ дар Эрон ва мутаваҷҷеҳ шудани чашмҳои мардум аз кишварҳои дуру наздик ба Ислом ва шинохти он, манро водор сохт, ки баъд аз мушоҳидаи ин ниёзҳо бар худ воҷиб донам, ки давраҳое аз китобҳои омӯзишии исломиро дар радаҳои мухталифи фикрӣ омода ва пешкаш намоям. Барои ин кор ба ёрии Худо барномаи махсусе тартиб дода ва силсилаи дарсҳои "*Нақши аимма дар эҳёи дин*"-ро тадвин намудам, ки бахши аввали он ба номи "*Истилоҳоти Исломӣ*" муқаддимаи ин китоб қарор гирифта аст.

***3.*** Дар ҳамин китоб (*Нақши аимма дар эҳёи дин*), вақте барои баррасии ақоиди Ислом, ба маъноҳои амиқи Қуръон наздик шудам, дарёфтам, ки:

Қуръони азим ақоиди Исломро чунон содда ва равон баён мекунад, ки ҳар кас забони арабро бидонад ва ба синни булуғи ақлӣ расида ва мухотаби фармудаи "Ё аййуҳан нос, - Эй мардумон" бошад, каломи Худоро пас аз ин хитоб ба хубӣ дарк мекунад.

Вале афсӯс, ки донишмандон дар тафсири Қуръон ба фалсафаи файласуфон, ирфони сӯфиён, каломи мутакаллимон, ривоятҳои исроилӣ ва дигар ривоёти баррасинашудаи ба Расули Худо (с) нисбатдодашуда эътимод карда ва оятҳои Қуръонро ба кӯмаки онҳо тафсир ва таъвил намудаанд. Онҳо бо ин кори худ аз "Ақоиди Ислом" тилисм, муаммо ва чистонҳое

сохтаанд, ки ғайр аз доноён ба равиши илмии уламо дар фунуни балоғат, мантиқ, калом, фалсафа ва монанди инҳо ҳеҷ касро ёрои фаҳми он нест. Ин равишҳо боис гардид то мусулмонон ба тафриқа гароянд ва ба гурӯҳҳои мӯътазила, ашоира, мурҷиа ва ҳоказо тақсим гарданд.

4. Дар ин баррасиҳо ҳамчунин ақоиди Исломро силсилаи баҳампайваста ёфтам, ки бархе аз он роҳкушои бархеи дигар аст. Дар маҷмӯъ ин ақоид пайкараи ягона ва муттаҳидеро мемонад, ки ҳар бахши он бахши дигарро комил мекунад. Замоне ки донишмандон дар таълифоти худ бархе аз бахшҳоро ҷудо аз ҳам меоваранд, ҳикмати ақоиди Ислом аз пажуҳандагонаш норавшан ва зери парда мемонад.

Хулоса он ки силсилаи ақоиди Исломро дар ин китоб ҳамон гуна, ки дар Қуръони карим ёфтаам, тартиб додам. Маҷмӯаи ҳамоҳанг ва ҳамгун, ки ҳар бахше бахши дигарро пура намуда мавзӯи пешин роҳкушои мавзӯи бахши оянда мегардад. Бо ин равиш ва услуб аст, ки ақоиди Ислом ва ҳикмати он дониста мешавад. Аз ҳамин сабаб ҷамъбандӣ ва фарогирии баҳси охир пеш аз ҷамъбандӣ ва фарогирии матолиби омада дар баҳсҳои пешин имконпазир нест.

Агар дар ин талоши мутавозеонаам тавфиқ ёфтам, Худоро сипосгузорам ва сипосу шукр барои ӯст, ки ин неъматро бароям арзонӣ дошт. Ва агар дар порае аз мавορид лағжидам, онро аз кӯтоҳӣ ва қусури хеш медонам ва аз Худои мутаол ва фазлу карамаш дархости авф ва гузашт менамоям.

*Сайид Муртазо Аскарӣ*

## Сухане аз мутарҷим

Сипосу ситоиш махсуси Худованди қодиру тавоно аст, ки ба ин бандаи ҳақиру нотавон нерӯ бахшид, то тарҷумаи китоби “**Ақоиди Ислом дар Қуръони карим**”-ро ба зиммаи худ гирифта, онро дар ҳадди тавони худ ба анҷом расонам.

Китоби мазкур таълифи мутафаккири бузурги муосири олами ислом аллома *Сайид Муртазо Аскарӣ* (Худованд эшонро ҳифз кунад) мебошад. Ҳазрати Аллома тамоми умри бобаракати худро, ки дар ҳоли ҳозир (соли 2006) 92 сол аз умрашон сипарӣ мешавад, сарфи хидмат ба Исломи ноби Муҳаммадӣ (с) намудаанд. Даҳҳо асари гаронбаҳо дар заминаҳои гуногуни фарҳанг ва маорифи исломӣ маҳсули талошу кӯшиши шабонарӯзии ин шахсияти нотакрор мебошад.

Аллома Сайид Муртазо Аскарӣ яке аз парчамбардорони ҳаракати иттиҳод ва ваҳдати байни фирқаҳо ва мазҳабҳои исломӣ мебошанд ва дар ин замина талоши фаровонеро ба харҷ додаанд. Яке аз ин кӯшишҳо ҳамин китобе аст, ки хонандагони азиз дар даст доранд. Дар ин китоб, ки дар 3 ҷилд ба чоп расидааст ҳазрати Устод бо он зиракӣ ва нуктасанҷие, ки аз улуми мухталифи динӣ баҳраманд ҳастанд, ба хубӣ тавонистаанд *Ақоиди Исломро* аз оёти Қуръони карим берун оваранд. Аз он ҷо ки Қуръони азимушшаън барои ҳамаи мусулмонон мӯътабар ва дорои ҳуҷҷият мебошад, Алломаи бузургвор бо

меҳварияти Қуръон ақоиди нобро танҳо аз Қуръони карим истихроҷ намудаанд.

Мо низ аз ин фурсат истифода намуда китоби мазкурро ба забони тоҷикӣ омодаи чоп намудем, то хонандагони мӯҳтарам бо такя ба оёти Каломуллоҳ ақоиди Исломро дар ҳадди тавон ва бардошти худ фаро гиранд ва аз ақоиди мухталиф ва инҳирофии бепоя парҳез намоянд.

Инҷониб бар худ зарур медонам, ки баъзе нукотеро дар мавриди тарҷумаи китоб ва тарзи истифодаи он ба хонандагони азиз гӯшзад намоям.

Нахуст тасмим бар он доштем, ки китоби мазкурро аз тарҷумаи форсии он ки тавассути мутарҷимони мӯҳтарам оқоён: Муҳаммад Ҷавод Карамӣ (ҷилди аввал ва дуввум) ва Ато Муҳаммад Сардорниё (ҷилди саввум) тарҷума ва чоп шуда аст, ба хати кириллӣ барои хонандагони тоҷик пешкаш намоем. Аммо замоне ки китобро баррасӣ ва коршиносӣ намудем, ба ин натиҷа расидем, ки дар тарҷумаи китоб матни аслии онро ки ба забони арабӣ нигошта шудааст, меҳвар қарор дода шавад, зеро:

Дар тарҷумаи форсии ин китоб ғалатҳои чопӣ дар матни тарҷума, дар оёти Қуръон, номи сураҳо ва шумораи оятҳо зиёд дида мешавад.

Калимаҳо ва ибораҳои зиёдеро метавон пайдо намуд, ки барои хонандаи тоҷик бегона, душворфаҳм ва ғайримаъмул мебошанд.

Аз ин сабаб тасмим гирифтем асли арабии матни китобро дар баробари матни тарҷумаи форсии он меҳвари аслӣ қарор бидиҳем ва бо бартараф намудани ин саҳву хатогиҳо матни солим ва қобили фаҳми умумро пешкаши хонандагони гиромӣ намоем, то

эшон дар сатҳҳои гуногун баҳрае аз ин суфраи маънавӣ барои хеш дарёфт намоянд..

Инчунин барои истифодаи бештари хонандагони азиз аз ин китоб дар тарҷумаи тоҷикии матни мазкур тағиротеро низ эҷод намудем, ки ба қарори зер мебошанд:

1. Тамоми он даста аз оятҳои Қуръон, ки аз панҷ сатр камтар буданд, талаффузи таҳтуллафзии ононро бо хати кириллии тоҷикӣ дар дохили матн овардем, то он даста аз падарону модарон ва хоҳарону бародарони гиромӣ, ки бо хати арабӣ ва умуман хондани Каломуллоҳ ошноӣ надоранд ва нияти ҳифзи ин оётро дошта бошанд, кӯмаке карда бошем.

2. Барои талаффузи саҳеҳу дурустари оёти раббонӣ се аломатро дар матн барои се овози **“ъ”**, **“и”** ва **“у”** ҷойгузин намудем, ки шарҳи он чунин аст:

Дар забони тоҷикӣ барои овози “**ҳамза**”-и арабӣ овози ҳарфи “**ъ**”-ро муносиб донистаанд, ки дар натиҷа ҳарфи “**ъ**” ҳам ба ҷои ҳарфи “**ъайн**” адои вазифа менамояд ва ҳам ба ҷои овози “**ҳамза**”. Ин ду ҳамсадо дар забони арабӣ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд, зеро баромадгоҳи талаффузи онҳо аз ҳамдигар мутафовит ҳаст. Ба ин сабаб мо барои талаффузи “**ҳамза**” аломатеро интихоб намудем, ки шакли он {**ʿ**} чунин мебошад.

{**ʿ**} – Ин аломат садои ҳамзаи арабиро ифода мекунад ва тарзи талаффузи он аз ҳанҷара дар интиҳои ҳалқ адо шуда ва дар ҳангоми талаффузи он торҳои савтӣ ба якдигар васл мешавад ба тавре, ки овози ҳарф дар ҳоли сукун (ист) қатъ мешавад. Аммо ҳарфи **ъайн** аз миёнаи ҳалқ адо мешавад ва дар ҳангоми талаффузи он девораи ҳалқ ҷамъ мешавад ва садои ҳарф дар ҳоли сукун, миқдоре кашида мешавад.

{**ӣ**}- Ин аломати садои {**и**} мебошад ва аломати болои он нишондиҳандаи овози кашида ва мадноки {**и**} мебошад, ки ҳадди ақалли талаффузи он баробар аст бо дучанди садои {**и**}, ки шиддатноктар адо мешавад.

{**ӯ**}- Ин аломат нишонаи садои {**у**} мебошад ва аломати болои он низ бар кашидашудан ва маднокии он далолат мекунад ва ҳадди ақалли адои овози он баробар аст бо талаффузи дучанди овози садоноки {**у**}.

3. Тамоми оёте, ки аз Қуръони карим далел оварда шудаанд, тарҷумаашонро дар худи матн ва асли арабии ин оётро дар поварақи ҳамон саҳифа ва ё саҳифаи баъдӣ (вобаста ба ҳаҷми оёт) овардаем.

4. Калима ва ибораҳое, ки дар бахши "*Шарҳи вожаҳо*" маъно ва тафсири онҳо дода шуда аст, дар фасли "*Феҳрастҳо*" тарзи навишти арабиашон бо зикри саҳифа дар ҷадвал оварда шуда аст.

4. Дар қисмати охири ҷилди саввум низ ашъори арабиро ба сурати таҳтуллафзӣ қабл аз тарҷумаи он дар дохили матн ва асли арабии абётро дар поварақ ҷой додем.

Дар охир рӯи ниёз ба даргоҳи бениёз оварда мегӯем: *Парвардигоро***!** *Ин кори нолоиқ ва ношоистаи моро***,** *ки танҳо ба хотири ризои ту буд***,** *ба даргоҳи хеш қабул бифармо***!** *Ҳамаи саҳву хатогиҳо ва лағжишҳое***,** *ки нохудогоҳ дар тӯли анҷоми вазифа аз мо сар задааст***,** *бибахшу биёмурз ва моро аз пайравони ростини набии мукаррамат Ҳазрати Муҳаммади Мустафо* **(с),** *ки ин сол* ***(1385 – 2006)*** *ба номи эшон номгузорӣ шуда аст***,** *қарор бидеҳ***!** *Омин ё Раббал ъоламин***.**

Зарринтоҷ,

аввали Фарвардини 1385,

*марти* ***2006***

إِنَّ هَذَا الْقُرْآنَ يِهْدِي لِلَّتِي هِيَ أَقْوَمُ وَيُبَشِّرُ الْمُؤْمِنِينَ الَّذِينَ يَعْمَلُونَ الصَّالِحَاتِ أَنَّ لَهُمْ أَجْراً كَبِيراً [9]

*Дар ҳақиқат ин Қуръон, ба роҳе ки устувортарини роҳҳост, ҳидоят мекунад; ва ба мӯъминоне, ки корҳои шоиста анҷом медиҳанд мужда медиҳад, ки барои онон подоши бузурге аст.*

**Сураи Исро, ояи 9.**

## Ояи каримаи "Аласту бираббикум" ва талоши фикрӣ

Худои субҳон бино бар он чи дар Қуръони карим омадааст, аз зуррия ва насли Одам паймон гирифтааст, чунонки дар сураи Аъроф фармудааст:

***Ва из ахаза раббука мин бани Одама мин зуҳӯриҳим зурриятаҳум ва ашҳадаҳум ъало анфусиҳим а ласту бираббикум қолӯ бало шаҳидно ан тақӯлу явмал қиёмати инно кунно ъан ҳозо ғофилӣн. Ав тақӯлу иннамо ашрака обоуно мин қаблу ва кунно зурриятан мин баъдиҳим афатуҳликуно бимо фаъалал мубтилӯн*** **Ê**

**Ä***Он гоҳ, ки Парваридигорат аз фарзандони Одам, зуррия ва наслашонро берун кашид ва ононро гувоҳи худашон гирифт ва фармуд: оё ман Парвардигори шумо нестам? Гуфтанд: оре, гувоҳӣ медиҳем. Ин барои он буд, ки дар рӯзи қиёмат нагӯед мо аз ин масъала ноогоҳ будем, ё нагӯед падарони мо мушрик*

*шуданд ва мо насли баъдии ононем, оё моро ба хотири онон ҳалок мекунӣ?!*[1]

Барои тафсир ва шарҳи ин ду оят ба муқаддимаи зер ниёзмандем:

Ҳангоме ки навзод аз раҳими модар ҷудо шуда ва банди нофаш, ки воситаи дарёфти ғизои ӯст, бурида мешавад, ғаризаи гуруснагӣ ӯро ба талош ва дар паи дарёфти ғизо водор мекунад. Пас, мегиряд, ҷиғ мекашад, дасту по мезанад ва то замоне ки пистони модарро бигирад, ширро бимакад ва аз маҷрои даҳон ба меъда бирасонад, ором намегирад. Ин ғариза дар одамӣ ҳамешагӣ аст ва ӯро дар тӯли зиндагӣ, барои ёфтани ғизо, ба талош ва ҳаракат водор мекунад.

Дар ин ғариза, ки мо онро талоши меъда дар ёфтани ғизо меномем, ҳамаи ҳайвонот бо инсон баробаранд ва ин, аввалин ғаризае аст, ки инсонро ба сӯи кор ва талош дар зиндагӣ ба пеш ҳаракат медиҳад.

Пас аз он ки навзод калон ва калонтар мешавад, ғаризаи дуввумӣ ба тадриҷ дар ӯ рушд карда, дар овони кӯдакӣ ва ибтидои навҷавонӣ зоҳир мегардад ва нерӯи мағзиашро барои дарёфти ғизои рӯҳӣ ба талош

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 172-173.

وَإِذْ أَخَذَ رَبُّكَ مِن بَنِي آدَمَ مِن ظُهُورِهِمْ ذُرِّيَّتَهُمْ وَأَشْهَدَهُمْ عَلَى أَنفُسِهِمْ أَلَسْتُ
بِرَبِّكُمْ قَالُواْ بَلَى شَهِدْنَا أَن تَقُولُواْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ إِنَّا كُنَّا عَنْ هَذَا غَافِلِينَ (172)
أَوْ تَقُولُواْ إِنَّمَا أَشْرَكَ آبَاؤُنَا مِن قَبْلُ وَكُنَّا ذُرِّيَّةً مِّن بَعْدِهِمْ أَفَتُهْلِكُنَا بِمَا فَعَلَ
الْمُبْطِلُونَ ﴿173﴾

ва такопӯ водор месозад. Дар ин ҳол ҳар чизеро дар атрофи худ мебинад таваҷҷӯҳашро ҷалб карда, ӯро ба савол аз падару модар ва атрофиён мекашонад, то иллати вуҷуди ҳар падидаеро бипурсад. Барои намуна, ҳангоме ки офтобро дар ҳоли ғуруб мебинад аз эшон мепурсад: офтоб шабҳо ба куҷо меравад? Ё вақте чашмаи оберо дар кӯҳсорон дар ҳоли ҷӯшиш ва ҷараён мебинад, мепурсад: ин обҳо аз куҷо меоянд? Ё гоҳе ки абрҳоро дар осмон равон мебинад, мепурсад: ин абрҳо ба куҷо мераванд? Ва ғайра...

Ҳамин гуна ӯ огоҳиашро аз мавҷудот густариш медиҳад ва бо саволҳое, ки аз иллат ва сабаби падидаҳо ва ҳаракоти онҳо аз падару модар ё афроди калонсол аз худ мекунад, ниёзи ғаризаи дуюми худро таъмин менамояд. Пас, ин ғариза низ инсонро ба талош барои сер намудани ин хел гуруснагӣ водор мекунад. Ин дар ҳақиқат ҳамон талош ва кӯшиши ақли башар дар роҳи шинохт ва дарки маърифат аст. Ӯ бо ковишгарию баррасӣ дар паи дастёбӣ ва фаҳми сабабҳо ва иллатҳои вуҷуди падидаҳост. Ин шеваи бархӯрд бо ҳаводис ва падидаҳо дар тӯли умри одамӣ бо ин ғариза густариш меёбад ва ӯро ба ковишу баррасӣ дар иллати пайдоиши мавҷудот кашонда, дар паи ёфтани сабаби ҳаракот ва истодани мавҷудот равон мекунад. Ин танҳо роҳи маърифатшиносӣ ва касби ҳамаи донишҳои башарӣ аст.

Баҳс ва баррасӣ ва ковишгарии инсон дар ёфтани иллати падидаҳо, дар ниҳоят ӯро ба шинохти падидоварандаи онҳо, яъне Худои холиқ мерасонад.

Таҳқиқу пажуҳиши ӯ дар ёфтани иллати ҳаракат ва истодани мавҷудот бошад, ӯро ба асосгузори назм ва низом дар зиндагии фардӣ ва ҷамъии махлуқот, раҳнамун месозад.

Барои намуна, гардиши Моҳ ба даври Замин ва Замин ба даври Офтоб, ё ҳаракати электрон дар даруни атом ба даври ҳастаи худ, ҳаракати ҳуҷайраҳои сурху сафед дар хун ва дигар намунаҳои ошкори назму низом дар ҳаракат ва сукуни мавҷудот, ки на ба шумор ояд ва на қобили шумориш бошад, - инҳо ҳама инсонро дар чунин ковише ба ин натиҷа мерасонад, ки: падидаҳо ва мавҷудоти осмону замин ва ҳарчи миёни он ду аст, Парвардигори қонунгузор ва назмофрине доранд, ки зиндагии ҳар як аз онҳоро барномарезӣ ва танзим фармудааст. Ва ин ҳамон маънои сухани Худои мутаол дар ояи каримаи сураи Аъроф аст, ки мефармояд: “***Ва из ахаза раббука...***”

## Тафсири оят

> ***Ва из ахаза раббука мин бани одама мин зуҳӯриҳим зурриятаҳум*** Ê
>
> Ä *Ҳангоме ки Худованд аз ҳар як аз афроди Бани Одам, зуррия ва насли ӯро берун оварад*

ва насли ҳар падаре аз пушти ӯ ҷудо ва хориҷ шуд, *ашҳадаҳум ъало анфусиҳим*, ҳар як аз ононро бар худаш гувоҳ гирифт ва аз роҳи фитрати кунҷков ва ҷустуҷӯгаре, ки ба ӯ бахшида буд то аз сабаби падид омадани падидаҳо ва ҳаракат ва сукуни мавҷудот ҷӯё

шавад, аз эшон пурсид: “Оё ман Парвардигори шумо нестам?” Ва чун ҳамаи онон бо ақли фитрии худ, дарёфта буданд, ки ҳар махлуқеро холиқе аст ва ҳар назмеро нозиме, фарёди бале ва оре сар доданд. Ин ҳамон ғаризаи фитрӣ аст, ки инсонро аз дигар махлуқот ҷудо карда ва башар ба василаи он ба натиҷагирӣ ва ҷамъбандӣ пардохта ва он чиро, ки дигар махлуқот тавони дарк ва дарёфташонро надоранд фаро мегирад. Шарҳ ва баёни он бо ёрии Худо дар тафсири ояи каримаи: ***“Ва ъаллама одамал асмо’а куллаҳо”*** меояд.

## Инсон маҷбури муҳит ва падару модар нест

Чи хеле ки гуфта гузаштем, Худованди раҳмон ба василаи ҳамон ғаризае, ки сириштти одамиёнро бар он бино ниҳодааст,ононро гувоҳи худашон гирифт ва пурсид: “Оё ман Парвардигоратон нестам?” Онон ҳам ба забони фитрат посух доданд: “Оре, гувоҳӣ мадиҳем, Парвардигори мо туӣ”. Ин ҳамон маъноии ҳадиси ривоятшуда аз паёмбар аст, ки фармуд:

> ***Куллу мавлӯдин юладу ъалал фитрати ҳатто якӯна абавоҳу юҳаввидониҳи ва юнас-сирониҳи Ê***
>
> *Ä Ҳар навзоде бар пояи фитрат (ақли пажуҳишгар) ба дунё меояд то он гоҳ, ки падар ва модар, ӯро*

*мунҳариф ва тобеи худ, яъне яҳудӣ ва насронӣ ва маҷусӣ кунанд.*[1]

Яъне, ҳар инсоне бар фитрати шинохти рубубият, бо истинтоҷи ақлӣ, ба дунё меояд. Ва ин падару модаранд, ки ӯро аз фитрати салимаш мунҳариф карда ва ба дини яҳуд, ё насоро, ё маҷус, ки аз дини фитрат рӯйгардон шуда ва оини Худои азизро таҳриф кардаанд, дохил менамоянд.

Аммо ин ки Худовандононро, танҳо бар имон ба "рубубият"–и хеш гувоҳ гирифт ва аз гувоҳӣ бар "улуҳият" ва имон ба он чизе напурсид, аз он рӯ аст, ки имон ба "рубубият" ва қонунгузории Худо дар низоми зиндагии махлуқот, мусталзими имон ба "улуҳият" ва холиқи онон аст, дар ҳоле ки акси он содиқ нест. (баён ва тавзеҳи он дар тафсири ояи карима: "Аллазӣ халақа фасавво", меояд).

Оре, Худои мутаол ононро бар худашон гувоҳ гирифт то рӯзи қиёмат нагӯянд: мо аз ин мавзӯъ ғофил будем, мутаваҷҷеҳи рубубият ва Парвардигории ту набудем! Бурҳон ва далеле барои мо наовардӣ, ақлҳои моро ҳам, ки ба камол нарасондӣ то ин "рубубият"-ро дарёбем! Ё нагӯянд:

***Иннамо ашрака обоуно мин қаблу ва кунно зурриятан мин баъдиҳим Ê***

---

[1] Сафинатулбиҳор, моддаи "фитрат"; Саҳеҳи Муслим, "китоби қадар", боби маъно куллу мавлуд...; Саҳеҳи Бухорӣ, "китоби ҷаноиз", "китоби тафсир", "китоби қадар"; Сунани Абудовуд, "китоби суннат"; Сунани Тирмизӣ, "китоби қадар"; Муснади Аҳмад, ҷ. 2, саҳ. 233, 235.

*Ä Падарони пешини мо мушрик шуданд ва мо насли баъдии онон будем.*

Яъне: падарони мо пеш аз мо, бар ширк ба "улуҳият" ва куфр ба "рубубият" парварида шуданд ва мо дар ҳоле ба дунё омадем, ки чизеро дарк намекардем ва онон буданд, ки моро ба сӯи мароми худашон ҷиҳат доданд. Мо ҳам дар асари тарбияти эшон он гуна ки мехостанд, парвариш ёфтем. Пас, гуноҳ гуноҳи онон аст ва осору паёмади он ҳам барояшон!

***Афатуҳликуно бимо фаъалал мубтилӯн Ê***

*Ä Оё моро ба хотири чизе, ки падарон ва модарон сабаби он буданд, кайфар медиҳӣ?!*

Ин ҳамон чизе аст, ки имрӯза онро, "ҷабри муҳит ва асари он бар инсон, ба хусус бар кӯдакон" меноманд. Худои субҳон мефармояд: шуморо чунин сухане нашояд гуфт, зеро мо шуморо ба ғаризаи ковишгар ва иллатёб муҷаҳҳаз кардаем. Ҳамон гуна, ки наслҳои баъдӣ ҳамеша чизҳоеро кашф карда ва мекунанд, ки гузаштагон аз он бехабар будаанд ва онҳоро сахт инкор ва дастноёфтанӣ медонистанд, монанди: қувваи бухор, нерӯи электрикӣ, суръати нур, гардиши ситорагон ба даври якдигар ва дигар кашфиёте, ки шумориш ва ҳисоби онҳо аз имкон берун аст.

Дар ҳамаи ин маворид, башар бо ақли фитрии илатёби худ имкони онро ёфта то пиндор ва гуфтори гузаштагонро ботил, ақоиди ононро пуч ва кашфи ҷадиди худро ба исбот бирасонад.

Оре, Худои мутаол ба мо чунин посух медиҳад: ба воситаи он ки шуморо бо ғариза ва ҳисси кунҷковӣ аз иллатҳо офаридем ва ақли мумайииз ва ҷудокунандаи ҳаққу ботил ва шиносоии дуруст ва нодуруст ато намудем, ҳуҷҷатро бар шумо тамом кардем, пас шуморо нашояд, ки бигӯед: "Мо инро намедонистем ва аз он ғофил будем", ё бигӯед: "Падарон ва модарони мо мушрик буданд ва мо аз онон пайравӣ кардем ва муҳити зиндагӣ бар мо асар гузошт".

Худованд барои радди ин пиндор ва исботи ин ки инсон метавонад бо муҳите, ки дар он парвариш ёфта ва зиндагӣ мекунад, ба мухолифат бархезад, дар Қуръони карим намуна ва мисол оварда ва фармуда аст:

***Зараббаллоҳу масалан лиллазӣна кафарӯ имраата Нӯҳин ва имраата Лӯтин конато таҳта ъабдайни мин ъибодино солиҳайни фахонатоҳумо фалам юғниё ъанҳумо миналлоҳи шай'ан, ва қӣладхулон нора маъад дохилӣн. Ва зараббаллоҳу масалан лиллазӣна оманӯ имраата Фиръавна из қолат рабби абни лӣ ъиндака байтан фил ҷаннати ва наҷҷинӣ мин Фиръавна ва ъамалиҳи ва наҷҷинӣ минал қавмиз золимӣн. Ва Маряма ибната Ъимрона, аллатӣ аҳсанат фарҷаҳо, фанафахно фӣҳи мин рӯҳино ва саддақат бикалимоти раббиҳо ва кутибиҳи ва конат минал қонитӣн*** **Ê**

**Ä** *Худованд барои касоне, ки кофир шудаанд, зани Нӯҳ ва зани Лутро мисол мезанад, ки дар ҳарими*

> *нубувват ва тахти сарпарастии ду тан аз бандагони солеҳи мо буданд ва ба он ду хиёнат карданд. Робитаашон бо ин паёмбар чизе аз азобашон накост ва ба онҳо гуфта шуд: вориди оташ шавед, ҳамроҳи касоне, ки ворид мешаванд. Худованд барои мӯъминон, зани Фиръавнро мисол мезанад, ҳангоме ки гуфт: Парвардигоро! Хонае дар биҳишт назди худат барои ман бино кун ва маро аз Фиръавн ва кирдораш раҳоӣ деҳ ва аз гурӯҳи ситамкорон халосӣ бахш. Ҳамчунин, Марям - духтари Имронро мисол мезанад, он ки домони худро пок нигаҳ дошт ва мо аз рӯҳи худ дар ӯ дамидем ва ӯ калимоти Парвардигор ва китобҳояшро тасдиқ кард ва аз фармонпазирони таслими Худо буд.*[1]

Осия - зани Фиръавн дар хонаводаи кофир ва муҳити куфролуд ва кофирпарвар зиндагӣ мекард. Ӯ зани касе буд, ки шавҳараш даъвои "*улуҳият*" ва "*рубубият*"дошт. Бино бар ин, табиӣ буд, ки ӯ низ ба гумони қавми худ, "*олиҳа*" ва худои дуввумдараҷа ба ҳисоб ояд ва мавриди ситоиш ва такрими хос ва парастиш воқеъ шавад. Вале

---

[1] Сураи Таҳрим, ояи 10-12.

ضَرَبَ اللَّهُ مَثَلاً لِّلَّذِينَ كَفَرُوا اِمْرَأَةَ نُوحٍ وَاِمْرَأَةَ لُوطٍ كَانَتَا تَحْتَ عَبْدَيْنِ مِنْ عِبَادِنَا صَالِحَيْنِ فَخَانَتَاهُمَا فَلَمْ يُغْنِيَا عَنْهُمَا مِنَ اللَّهِ شَيْئاً وَقِيلَ ادْخُلَا النَّارَ مَعَ الدَّاخِلِينَ {10} وَضَرَبَ اللَّهُ مَثَلاً لِّلَّذِينَ آمَنُوا اِمْرَأَةَ فِرْعَوْنَ إِذْ قَالَتْ رَبِّ ابْنِ لِي عِندَكَ بَيْتاً فِي الْجَنَّةِ وَنَجِّنِي مِن فِرْعَوْنَ وَعَمَلِهِ وَنَجِّنِي مِنَ الْقَوْمِ الظَّالِمِينَ {11} وَمَرْيَمَ ابْنَتَ عِمْرَانَ الَّتِي أَحْصَنَتْ فَرْجَهَا فَنَفَخْنَا فِيهِ مِن رُّوحِنَا وَصَدَّقَتْ بِكَلِمَاتِ رَبِّهَا وَكُتُبِهِ وَكَانَتْ مِنَ الْقَانِتِينَ {12}

ӯ ҳамаи онҳоро рад карда, бо шавҳар, хонавода ва ҳамаи мардуми мамлакаташ ба мухолифат бархост ва танҳо ба Парвардигори оламиён имон овард.

Осия аз Фиръавни қудратманди муддаии рубубият ва кирдораш безорӣ ҷуст ва гуфт: Худоё! Маро аз Фиръавн ва корҳое, ки мекунад раҳоӣ бахш ва маро аз ҷамоати ситамкори бехирад, яъне аз қавми худам халосӣ деҳ. Дар баробари онҳо истод, муқовимат кард то дар роҳи Парвардигори оламиён ба шаҳодат расид.

Аз тарафи дигар, ҳар як аз ду зани Нӯҳ ва Лут, бо он ки дар хонаи паёмбароне буданд, ки мардумро ба итоати Парвардигори оламиён фаро мехонданд, бо ин ҳол, ба Парвардигори олам ва ба шавҳаронашон кофир шуданд.

Муҳимтар аз ин ду, дар мухолифат бо шароити муҳит, писари Нӯҳ аст. Он ки Худои мутаол дар сураи Ҳуд, достони мухолифати ӯро бо падар, дар мавриди саворшудан бар киштӣ оварда ва фармуд:

***Ва ҳия таҷрӣ биҳим фӣ мавҷин кал ҷиболи ва нодо Нӯҳун ибнаҳу ва кона фӣ маъзилин, ё бунайя иркаб маъано ва ло такун маъал кофирӣн. Қола саовӣ ило ҷабалин яъсимунӣ минал мо'и, қола ло ъосимал явма мин амриллоҳи илло ман раҳима, ва ҳола байнаҳумал мавҷу факона минал муғрақӣн* Ê**

**Ä***Киштӣ ононро дар миёни амвоҷи кӯҳмонанд пеш мебурд. Нӯҳ фарзандашро, ки дар каноре буд нидо дод ва гуфт: фарзандам! Бо мо савор шав ва*

*ҳамроҳи кофирон набош. Ӯ гуфт: акнун ба кӯҳе паноҳ мебарам то аз об нигаҳдорам бошад. Нӯҳ гуфт: имрӯз нигаҳдорандае аз амри Худо нест магар онро, ки ӯ мавриди раҳмат қарор диҳад. Дар ин ҳол буданд, ки мавҷе миёнашон фосила андохт ва фарзанди Нӯҳ аз гарқшудагон буд.*[1]

Пас занони Нӯҳ ва Лут бо шавҳаронашон мухолифат карданд ва писари Нӯҳ дар ҳоле, ки нишонаҳои азоби илоҳӣ ва амвоҷи кӯҳпайкарро медид, аз хостаи падар сарпечӣ кард ва аз савор шудан бар киштӣ худдорӣ варзид. Инон ҳама дар роҳи пайравӣ аз хостаи дил ва ҳавои нафс ин роҳҳоро баргузиданд, на аз ҷабри муҳит!

Зани Фиръавн дар мухолифат бо ҳавои нафс бо шавҳар, хонавода ва қавми хеш ба мубориза бархост то фармони Парвардигорашро пайравӣ кунад ва Марям - духтари Имрон, ки дар хонаводаи мӯъмин зиндагӣ мекард, бар хилофи зани Нӯҳ ва Лут калимоти Парвардигор ва китобҳояшро тасдиқ кард. Пас, ҷабри муҳит ва хонавода бемаънӣ аст. Ин хонавода ва муҳит нестанд, ки инсонро ба куфр ва имон водор мекунанд, балки танҳо тамоюл, одатҳо, гароиш ва пайравӣ аз муҳит аст, ки чун дар одамӣ пайдо шавад, ӯро аз ҳақ мунҳариф мекунад. Чунонки Худои мутаол дар ҳафт маврид аз Қуръони карим аз он хабар дода ва фармудааст: Умматҳои гузашта ба паёмбаронашон

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 42-43.

وَهِيَ تَجْرِي بِهِمْ فِي مَوْجٍ كَالْجِبَالِ وَنَادَى نُوحٌ ابْنَهُ وَكَانَ فِي مَعْزِلٍ يَا بُنَيَّ ارْكَب مَّعَنَا وَلاَ تَكُن مَّعَ الْكَافِرِينَ {42} قَالَ سَآوِي إِلَى جَبَلٍ يَعْصِمُنِي مِنَ الْمَاء قَالَ لاَ عَاصِمَ الْيَوْمَ مِنْ أَمْرِ اللّهِ إِلاَّ مَن رَّحِمَ وَحَالَ بَيْنَهُمَا الْمَوْجُ فَكَانَ مِنَ الْمُغْرَقِينَ {43}

мегуфтанд: дар парастиш ва ибодати бутҳо ва малоика аз падаронашон пайравӣ мекунанд, монанди достони Иброҳим(а) ва қавми ӯ, ки дар сураи Анбиё омадааст:

***Валақад отайно Иброҳима рушдаҳу мин қаблу ва кунно биҳӣ ъолимӣн. Из қола лиабӣҳи ва қавмиҳи мо ҳозиҳит тамосӣлул латӣ антум лаҳо ъокифӯн. Қолӯ ваҷадно обоано лаҳо ъобидӣн*** **Ê**

**Ä***Мо пеш аз ин Иброҳимро ба рушд ва камоли худ расонидем ва ба шоистагиаш доно будем, ҳангоме ки ба падар ва қавмаш гуфт: ин муҷассамаҳо чист, ки шумо худро асир ва бандаи онон кардаед? Гуфтанд: мо падаронамонро ҳамеша парастандаи онҳо ёфтаем.*[1]

Ва дар сураи Шуаро омада аст:

***Ватлу ъалайҳим набаа Иброҳима. Из қола лиабиҳи ва қавмиҳи мо таъбудӯн. Қолӯ наъбуду асноман фаназаллу лаҳо ъокифӣн. Қола ҳал ясмаъӯнакум из тадъӯн. Ав янфаъӯнакум ав язуррӯн. Қолӯ ваҷадно обоано казолика яфъалӯн*** **Ê**

**Ä***Достони Иброҳимро бар онон бихон, ҳангоме ки ба падар ва қавмаш гуфт: чӣ мепарастед? Гуфтанд: мо бутҳоеро мепарастем ва худро вақфи парастиши онҳо мекунем. Иброҳим гуфт: оё вақте*

---

[1] Сураи Анбиё, ояи 51-53.

وَلَقَدْ آتَيْنَا إِبْرَاهِيمَ رُشْدَهُ مِن قَبْلُ وَكُنَّا بِه عَالِمِينَ {51} إِذْ قَالَ لِأَبِيهِ وَقَوْمِهِ مَا هَذِهِ التَّمَاثِيلُ الَّتِي أَنتُمْ لَهَا عَاكِفُونَ {52} قَالُوا وَجَدْنَا آبَاءنَا لَهَا عَابِدِينَ {53}

*онҳоро даъват мекунед суханонатонро мешунаванд?* *Оё нафъ ва зараре ба шумо мерасонанд?!* *Гуфтанд: мо падаронамонро дидаем, ки чунин мекунанд.*[1]

Ва достони Мӯсо ва Фиръавниён дар сураи Юнус, ки мефармояд:

***Қола Мӯсо а тақӯлӯна лилҳаққи ламмо ҷоакум а'сиҳрун ҳозо ва ло юфлиҳус соҳирӯн. Қолӯ а ҷи'тано литалқитано ъаммо ваҷадно ъалайҳи обоано ва такӯна лакумал кибриёу фил арзи ва мо наҳну лакумо биму'минӣн Ê***

*Ä Мӯсо гуфт: оё ҳангоме ки ҳақ ба суроғи шумоён омад, мегӯед ин сеҳр аст, дар ҳоле ки соҳирон ҳаргиз растагор намешаванд? Гуфтанд: оё омадаӣ то моро аз он чи падаронамонро бар он ёфтаем мунсариф гардонӣ то бузурге дар замин барои шумо бошад? Мо ҳаргиз шуморо бовар надорем.*[2]

Ё достони Хотами анбиё(с) бо қавми худ, ки дар сураи Моида мефармояд:

---

[1] Сураи Шуаро. Ояи 69-74.

وَاتْلُ عَلَيْهِمْ نَبَأَ إِبْرَاهِيمَ {69} إِذْ قَالَ لِأَبِيهِ وَقَوْمِهِ مَا تَعْبُدُونَ {70} قَالُوا نَعْبُدُ أَصْنَاماً فَنَظَلُّ لَهَا عَاكِفِينَ {71} قَالَ هَلْ يَسْمَعُونَكُمْ إِذْ تَدْعُونَ {72} أَوْ يَنفَعُونَكُمْ أَوْ يَضُرُّونَ {73} قَالُوا بَلْ وَجَدْنَا آبَاءنَا كَذَٰلِكَ يَفْعَلُونَ {74}

[2] Сураи Юнус, ояи 77-78.

قَالَ مُوسَى أَتقُولُونَ لِلْحَقِّ لَمَّا جَاءكُمْ أَسِحْرٌ هَـذَا وَلاَ يُفْلِحُ السَّاحِرُونَ {77} قَالُواْ أَجِئْتَنَا لِتَلْفِتَنَا عَمَّا وَجَدْنَا عَلَيْهِ آبَاءنَا وَتَكُونَ لَكُمَا الْكِبْرِيَاء فِي الأَرْضِ وَمَا نَحْنُ لَكُمَا بِمُؤْمِنِينَ {78}

***Ва изо қӣла лаҳум таъолав ило мо анзалаллоҳу ва илар расӯли қолӯ ҳасбуно мо ваҷадно ъалайҳи обоано авалав кона обоуҳум ло яъламуна шай'ан ва ло яҳтадӯн Ê***

***Ä****Ва ҳар гоҳ ба эшон гуфта шуд ба сӯи оёти Худо ва паёмбар биёед, гуфтанд: он чи падаронамонро бар он ёфтаем моро бас бошад, магар на он аст, ки падаронашон на донише доранд, ки бар он эътимод кунанд ва на роҳи ҳидояте, ки дар он раҳсипор шаванд.*[1]

Ва дар сураи Луқмон фармудааст:

***Ва минан носи ман юҷодилу филлоҳи биғайри ъилмин ва ло ҳудан ва ло китобин мунӣр. Ва изо қӣла лаҳум, иттабиъӯ мо анзалаллоҳу қолӯ бал наттабиъу мо ваҷадно ъалайҳи обоано авалав конаш шайтону ядъӯҳум ило ъазобис саъӣр Ê***

***Ä****Бархе аз мардумон бидуни он ки донише дошта, ё роҳнамоӣ шуда бошанд ва ё китоби равшангаре пеши рӯяшон бошад, дар бораи Худо муҷодила мекунанд. Ва ҳар гоҳ ба эшон гуфта шуд: аз оёти нозилаи Худованд пайравӣ кунед, гуфтанд: балки аз он чи падаронамонро бар он ёфтаем*

---

[1] Сураи моида, ояи 104.

وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ تَعَالَوْاْ إِلَى مَا أَنزَلَ اللّهُ وَإِلَى الرَّسُولِ قَالُواْ حَسْبُنَا مَا وَجَدْنَا عَلَيْهِ آبَاءنَا أَوَلَوْ كَانَ آبَاؤُهُمْ لاَ يَعْلَمُونَ شَيْئاً وَلاَ يَهْتَدُونَ {104}

*пайравӣ мекунем. Оё на он аст, ки шайтон эшонро ба оташи шӯълавар ва азоби он фаро мехонад?*[1]

Ва дар сура Зухруф фармудааст:

***Ва ҷаъалул малоикатал лазӣна ҳум ъибодур раҳмони иносан, а'шаҳидӯ халқаҳум сануктабу шаҳодатуҳум ва юс'алӯн. Ва қолӯ лав шоар раҳмону мо ъабадноҳум мо лаҳум бизолика мин ъилмин ин ҳум илло яхрусӯн. Ам отайноҳум китобан мин қаблиҳи фаҳум биҳӣ мустамсикӯн. Бал қолӯ инно ваҷадно обоано ъало умматин ва инно ъало осориҳим муҳтадӯн Ê***

***Ä*** *Онон малоика, - бандагони холиси Худои раҳмонро, мода пиндоштанд. Оё инон гувоҳи хилқаташон буданд, ки чунин иддаое доранд? Ва яқин гувоҳии эшон навишта ва аз он пурсида мешаванд. Ва гуфтанд: агар Худо мехост мо онҳоро намепурсидем. Ҷоҳилона сухан мегӯянд, дар ин бора ҳеҷ иттилое надоранд, фақат гумоне мезананд ва дурӯғ мебофанд. Оё пеш аз ин китобе додаем ва ба он тамассук ҷустаанд? Не, балки гуфтаанд: мо падаронамонро дар ин роҳ якпорча ва якраъй ёфтем ва мо ҳам дар паи онон роҳ меёбем.*[2]

---

[1] Сураи Луқмон, ояи 20-21.

**... وَمِنَ النَّاسِ مَن يُجَادِلُ فِي اللَّهِ بِغَيْرِ عِلْمٍ وَلَا هُدًى وَلَا كِتَابٍ مُّنِيرٍ {20} وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ اتَّبِعُوا مَا أَنزَلَ اللَّهُ قَالُوا بَلْ نَتَّبِعُ مَا وَجَدْنَا عَلَيْهِ آبَاءَنَا أَوَلَوْ كَانَ الشَّيْطَانُ يَدْعُوهُمْ إِلَى عَذَابِ السَّعِيرِ {21}**

[2] Сураи Зухруф, ояи 19-22.

Ва дар оёти баъд дар ҳамон сура дар достони умматҳои гузашта омадааст:

> ***Ва казолика мо арсално мин қаблика фӣ қарятин мин назӣрин илло қола мутрафӯҳо инно ваҷадно обоано ъало умматин ва инно ъало осориҳим муқтадӯн. Қола авалав ҷиътукум биаҳдо миммо ваҷадтум ъалайҳи обоакум қолӯ инно бимо урсилтум биҳӣ кофирӯн. Фантақамно минҳум фанзур кайфа кона оқибатул муказзибӣн*** **Ê**
>
> **Ä** *Ҳамин тавр, пеш аз ту дар ҳеҷ шаҳр ва диёре бимдиҳандае нафиристодем, ҷуз он ки рифоҳталабони мустакбири он гуфтанд: мо падаронамонро бар ойини худ муттаҳид ва якпорча ёфтем ва албатта, ки бар роҳи онон иқтидо мекунем. Паёмбари бимдиҳанда гуфт: оё агар ба чизе беҳтар аз он чи падаронатонро бар он ёфтаед ба назди шумо омада бошам, боз ҳам аз падаронатон тақлид мекунед? Гуфтанд: мо ба ҳарчи барои мо оварда бошед, бовар надорем. Пас аз онон интиқом кашидем, бингар чӣ гуна аст оқибати дурӯғшуморандагон!*[1]

---

وَجَعَلُوا الْمَلَائِكَةَ الَّذِينَ هُمْ عِبَادُ الرَّحْمَنِ إِنَاثاً أَشَهِدُوا خَلْقَهُمْ سَتُكْتَبُ شَهَادَتُهُمْ وَيُسْأَلُونَ {19} وَقَالُوا لَوْ شَاءَ الرَّحْمَنُ مَا عَبَدْنَاهُم مَّا لَهُم بِذَلِكَ مِنْ عِلْمٍ إِنْ هُمْ إِلَّا يَخْرُصُونَ {20} أَمْ آتَيْنَاهُمْ كِتَاباً مِّن قَبْلِهِ فَهُم بِهِ مُسْتَمْسِكُونَ {21} بَلْ قَالُوا إِنَّا وَجَدْنَا آبَاءنَا عَلَى أُمَّةٍ وَإِنَّا عَلَى آثَارِهِم مُّهْتَدُونَ {22}

[1] Сураи Зухруф, ояи 23-25.

وَكَذَلِكَ مَا أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ فِي قَرْيَةٍ مِّن نَّذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتْرَفُوهَا إِنَّا وَجَدْنَا آبَاءنَا عَلَى أُمَّةٍ وَإِنَّا عَلَى آثَارِهِم مُّقْتَدُونَ {23} قَالَ أَوَلَوْ جِئْتُكُم بِأَهْدَى مِمَّا وَجَدتُّمْ عَلَيْهِ آبَاءكُمْ

## Тафсири оёт

Худованд дар оёти гузашта хабар медиҳад: халилаш Иброҳим[а] аз қавми худ пурсид: ин муҷассамаҳое, ки худатонро вақфи ибодати онҳо кардаед, чӣ ҳастанд? Оё вақте ононро мехонед, суханони шуморо мешунаванд? Оё нафъ ва зарар ба шумо мерасонанд? Гуфтанд: мо ба ин масоил коре надорем, мо падаронамонро бар ин равиш дидаем ва аз онон пайравӣ мекунем! Дар ҷои дигар, аз бархӯрди Мӯсо[а] бо Фиръавниён ҳикоят мекунад, ки ба онон гуфт: оё ин оёти ҳаққи Худовандро сеҳр меномед? Фиръавниён гуфтанд: омадаӣ, ки моро аз масири падаронамон мунҳариф намоӣ?!.

Худованд аз даргирии Хотами Анбиё[с] бо мушрикини Қурайш низ хабар дод ва фармуд: ҳар гоҳ ба онон гуфта шуд ба фармони Худо дароед, гуфтанд: равиши падарон ва сираи онон моро бас! Дар ҷои дигар мефармояд: бархе мардумон, дур аз ҳар гуна иттилоу дониш ё роҳнамою равшангаре дар бораи Худо ба баҳс ва ҷадал мепардозанд.

Куффори Қурайш малоикаро мепарастиданд ва ононро унос ва мода мепиндоштанд. Худои субҳон аз роҳи саволи инкорӣ мепурсад: оё инон шоҳиди хилқати малоика ва унусияти онон буданд? Ё он ки Худованд китобе ҳамонанди Таврот ва Инҷил бароятон фиристода ин қазияро дар он овардааст ва инон бо тамассук ва истинод ба он сухан мегӯянд? На,

---

قَالُوا إِنَّا بِمَا أُرْسِلْتُم بِهِ كَافِرُونَ {24} فَانتَقَمْنَا مِنْهُمْ فَانظُرْ كَيْفَ كَانَ عَاقِبَةُ الْمُكَذِّبِينَ {25}

чунин нагуфтанд, балки гуфтанд: мо падаронамонро ба ин равиш якпорча ва муттаҳид ёфтем ва дар масири онҳо роҳ меёбем.

Худои субҳон низ барои тасаллӣ ва оромиши хотири паёмбари худ ва ин ки ин сира ва равиш тозагӣ надорад ва ҳамаи умматҳо бо паёмбаронашон чунин бархӯрдҳои ҷоҳилона ва бехирадонае доштаанд, мефармояд: мо дар ҳеҷ шаҳр ва диёре паёмбари бимдиҳандае барои тарсондани мардумон нафиристодем, магар он ки ситамгарони мустакбири он диёр гуфтанд: мо падаронамонро бар дине, ки дорем якдилу яксадо ёфтаем ва мо ҳам бар масир ва роҳи онон рафта ва бар эшон иқтидо мекунем. Паёмбари фиристодаи Худо, ки барои бим додани онҳо рафта буд, мегуфт: оё агар чизе беҳтар аз равиши падаронатон барои шумо оварда бошам боз ҳам инкор мекунед ва куфр меварзед? Онон гуфтанд: мо ба ҳарчи шумо оварда бошед кофирем!

Пас натиҷа мегирем: асабияти қавмӣ ва гурӯҳӣ, ки бархоста аз ҷаҳл ва нодонӣ аст чунин хостаҳоеро дар ҷони инсон менишонад ва ӯро ба ин ҷо мекашонад, ки бо фитрати пок ва солими худододиаш, ки роҳнамои ӯ дар шинохти Худои холиқ ва Парвардигори парваришгар аст, ба ситез ва мухолифат бармехезад.

## Фишурдаи баҳс

Аз он ҷо ки нафси одамӣ кунҷков ва пажуҳишгар аст, дар тӯли зиндагӣ ба монанди меъдаи ҳарис ва серинопазири худ, ки дар тӯли ҳаёт ғизо меҷӯяд, дар

ҷустуҷӯи шинохт ва маърифат мебошад. Пас, ҳангоме ки ҷӯёи иллати ҳаракат дар мутаҳаррикҳо ва сабаби вуҷуд дар мавҷудот мегардад, ақли ӯ ба ин натиҷа ва ҳукм мерасад, ки: ҳар ҳаракате ҳатман бояд ҳаракатдиҳанда дошта бошад ва ҳар офаридашудае дорои назм ва низоме, ки бо ҳисоб ва диққату нуктасанҷӣ ба вуҷуд омада бошад, ба яқин бояд офаринандаи муносиби худро доро бошад. Ин офаринанда номаш "Илоҳ", яъне Худост.

Пас, ҳеҷ касро нашояд, ки дар рӯзи қиёмат бигӯяд:

***Инно кунно ъан ҳозо ғофилӣн Ê***

***Ä** Мо аз ин масоил ғофил будем.*

Ё бигӯяд: "Падарони мо дар гузашта ширк оварданд ва мо аз насли эшон будем", яъне интихоби роҳ аз тарафи онон буда аст, "оё моро ба хотири кирдори ҷоҳилонаи онон ҳалок мекунӣ?" Зеро, ҳоли эшон дар ин бора ҳоли мардумон дар зиндагии дунёст, мардум пеш аз кашфи нерӯи барқ дар торикӣ зиндагӣ ба сар мебурданд. Ба хотири ғаризаи таҳқиқ ва кунҷковӣ, ки дар зоти онон ройгон ва амонат ниҳода шуда буд, фарзандонашон ба кашфи нерӯи барқ даст ёфтанд. Дигар кашфиёти башар ҳам дар ҳар давра ва насле, ки гузаштагон ба он дастрасӣ надоштаанд, аз ин қабил аст. Аз ҳамин сабаб ҳамон гуна, ки насли башар торикии дунёи моддии худро бо таҳқиқ равшан намуд, метавонист торикии куфри падаронашон низ пушти сар гузошта ва аз нури паёбарон равшанӣ биҷӯяд. Пас, ҳеҷ касе наметавонад бигӯяд: чун падарони ман дар торикии зулм ва ширк ва торикии инкори Холиқ ба

сар бурданд, ман ҳам ночор аз онон пайравӣ мекардам. Ночорӣ даркор нест, зеро Худованди раҳмон бо фиристодани паёмбарон, барои тазаккури оқилон ва ноогоҳон, ҳуҷҷатро бар мардумон тамом кардааст. Чунонки ба Хотами паёмбаронаш фармудааст:

***Фазаккир иннамо анта музаккир. Ласта ъалайҳим бимусайтир*** Ê

ÄПас *тазаккур бидеҳ, ки ту танҳо, тазаккурдиҳандаӣ. Ту бар онон мусаллат нестӣ.*[1]

Ва низ Қуръонро "Зикр" номида ва фармудааст:

***Ва анзално илайказ Зикра литубаййина линноси мо нуззила илайҳим ва лаъаллаҳум ятафаккарӯн*** Ê

Ä*Мо ин Зикрро бар ту фиристодем то он чи барои мардумон фиристода шудааст, барояшон баён ва равшан намоӣ, то андеша намоянд.*[2]

Дар баҳси оянда он чиро дар ин ҷо хулоса ва фишурда овардем, ба қувваи илоҳӣ бо шарҳу басти лозим баррасӣ хоҳем кард.

---

[1] Сураи Ғошия, ояи 21-22.

فَذَكِّرْ إِنَّمَا أَنتَ مُذَكِّرٌ {21} لَّسْتَ عَلَيْهِم بِمُصَيْطِرٍ {22}

[2] Сураи Наҳл, ояи 44.

... وَأَنزَلْنَا إِلَيْكَ الذِّكْرَ لِتُبَيِّنَ لِلنَّاسِ مَا نُزِّلَ إِلَيْهِمْ وَلَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ {44}

### *Оё махлуқот тасодуфӣ падид омадаанд?!*

Ҳанӯз афроде ҳастанд, ки мегӯянд: хилқат ва назми ҳастӣ тасодуфӣ падид омадааст. На махлуқотро холиқе аст, на низомро низомдиҳандае! Хулосаи гуфторашон ин аст:

Ҳамаи ин мавҷудоти бешумор ва ғайриқобилишумориш дар маҷмӯаи ҳастӣ, иттифоқӣ падид омадаанд. Яъне, зарраҳо ва унсурҳои гуногун дар андозаҳо ва мавқеиятҳои хос, тасодуфӣ дар канори якдигар қарор гирифтаанд, тасодуфӣ ба миқдори лозим ва мутаносиб бо ҳам омехта шуда, тасодуфӣ дар ҳавои муносиб ва мулоими табъи худ қарор гирифта, тасодуфӣ бо дигар унсурҳо таркиб шуда ва якдигарро такмил кардаанд, тасодуфӣ дар мадорҳои шоиста дур ва наздики ҳам ҷосозӣ шудаанд, тасодуфӣ ба як маҷмӯаи бешумор ва бекарони муназзам ва ҳаётофарин табдил шудаанд; тасодуфҳои дақиқ ва ҳисобшуда! Дар андозаҳои лозим ва шоиста! То он ҷо, ки унсурҳои аслии ҳаёт монанди: оксиген ва гидроген ва... падидор ва мояҳои зист ва зистан, омода ва муҳайё гардидааст!!!

Барои равшан шудани ҳарчи бештари ин мавзӯъ ва барои он ки решаи ин муғолатакориҳо ва пардапӯшиҳо аз реша зада шавад, ба ёрии Худои мутаол мисоли зерро меоварем:

Шумо агар даҳ адад тӯби хурди якхеларо бигиред ва аз як то даҳ шуморагузорӣ намоед, сипас онҳоро дар халтае бирезед ва онро сахт такон диҳед то комилан омехта шуда ва аз тартиби шумора хориҷ шаванд. Пас аз он тасмим бигиред ба тартиб онҳоро аз як то даҳ аз халта берун оваред, эҳтимоли берун овардани тӯби шумораи як, эҳтимоли аз як то даҳ мебошад. Яъне мумкин аст бори аввал берун биёяд, ё дуюм ва ё дар марҳалаи охир, ки даҳумин ва охирин аст. Ҳоло агар бихоҳед шумораҳои як ва дуро паси ҳам берун оваред, нисбати эҳтимол аз як то сад мерасад. Яъне ҳам мумкин аст дар марҳалаи аввал бо ҳам берун биёянд ва ҳам мумкин аст шумо маҷбур бошед сад бор ин амалро такрор кунед то муваффақ гардед. Аммо агар хостед шумораҳои як, ду ва серо ба тартиб паси ҳам берун оваред, нисбати эҳтимол дар ин ҷо аз як то ҳазор мешавад. Яъне мумкин аст шумо маҷбур бошед ҳазор маротиба ин корро такрор намоед. Дар марҳалаи баъд, яъне берун овардани шумораҳои як, ду, се ва чаҳор нисбат авҷ мегирад ва ба рақами аз як то даҳ ҳазор мерасад. Яъне мумкин аст маҷбур шавед даҳ ҳазор бор такрор кунед то хостаи шумо таҳаққуқ ёбад ва ҳамин тавр пеш равад то ҷое, ки бихоҳед ҳамаи он даҳ адад тӯби шуморагузоришударо ба тартиби шумораҳои аз як то даҳ берун оваред, нисбати эҳтимол аз як то даҳҳо

миллион мерасад.[1] Ин як равиши илмии пазируфта-шудаи равшан мебошад!

Ҳоло, агар дидгоҳи илмӣ чунин аст, ки барои берун овардани тасодуфе, ки танҳо даҳ адади пуштисариҳам аз як халта бо назми мавриди назар ва тартиби шумора бошад, ин ҳама такрор лозим меояд, диди илмӣ дар бораи эҷоди чунин низоме, ки имрӯза онро мушоҳида мекунем, чӣ хоҳад буд? Назму низоме, ки на танҳо маҷмӯаи мавҷудоташ бешумор ва қобили шумориш нестанд, балки мавҷудоти даруни як мавҷудаш низ бо диди илмии тезбин ва абзори шинохтшудаи имрӯзин, дар шумор ва ҳисоб наояд! Ҳол, оё ҳеҷ дорандаи шууреро сазовор аст, ки бигӯяд: инҳо ҳама тасодуфӣ падид омадаанд, барои ҳар як аз онҳо иттифоқан ҷузъи муносиби он падид омадааст, аз рӯи тасодуф дар канори ҷузъи дигар ҷой гирифта ва ҳамин тавр ҷузъе дар канори ҷузъи дигар, бахше дар масири бахши охир радиф, ҳамгун ва дамсоз омада, ин назми муҳаййарулъуқули шигифтофарин эҷод гардидааст?!!

Худои азими назмофарин дар сураи Ҳиҷр мефармояд:

***Ва лақад ҷаъално фис самои бурӯҷан ва зайяннохо линнозирӣн Ê***

*ÄМо дар осмон бурҷҳое қарор додем ва онҳоро барои бинандагон оростем.*[2]

---

[1] "Илм ба имон даъват мекунад", таълифи А. Кресси Моррисон

[2] Сураи Ҳиҷр, ояи 16.

وَلَقَدْ جَعَلْنَا فِي السَّمَاء بُرُوجاً وَزَيَّنَّاهَا لِلنَّاظِرِينَ {16}

***Вал арза мададноҳо ва алқайно фӣҳо равосия ва анбатно фӣҳо мин кулли шай'ин мавзӯн* Ê**

*Ä**Ва заминро густурдем; ва дар он кӯҳҳои собит ва устувор ниҳодем ва аз он ҳар чизи мавзун ва муносиб, дар он рӯёнидем.*[1]

Ва дар сураи Бақара мефармояд:

***Инна фӣ халқис самовоти вал арзи, вахтилофил лайли ван наҳори, вал фулкил латӣ таҷрӣ фил баҳри бимо янфаъун носа, ва мо анзалаллоҳу минас самои мин моин, фааҳё биҳил арза баъда мавтиҳо, ва басса фӣҳо мин кулли доббатин ва тасрӣфир риёҳи, вас саҳобил мусаххари байнас самои вал арзи, лаоётин лиқавмин яъқилӯн* Ê**

*Ä**Ба яқин дар офариниши осмонҳо ва замин ва гардиши рӯзу шаб ва дар ҳаракати киштӣ бар рӯи об ба сӯи мардумон ва обе, ки Худованд аз осмон мефиристад ва заминро пас аз мурдан зинда мекунад ва ҷунбандагонро дар он густариш медиҳад ва чархиши бодҳо ва абрҳои ромшуда миёни осмон ва замин, барои соҳибони ақлу андеша нишонаҳо аст.*[2]

---

[1] Сураи Ҳиҷр, ояи 19.

وَالأَرْضَ مَدَدْنَاهَا وَأَلْقَيْنَا فِيهَا رَوَاسِيَ وَأَنبَتْنَا فِيهَا مِن كُلِّ شَيْءٍ مَّوْزُونٍ {19}

[2] Сураи Бақара, ояи 164.

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَاخْتِلاَفِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ وَالْفُلْكِ الَّتِي تَجْرِي فِي الْبَحْرِ
بِمَا يَنفَعُ النَّاسَ وَمَا أَنزَلَ اللّهُ مِنَ السَّمَاءِ مِن مَّاء فَأَحْيَا بِهِ الأرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا وَبَثَّ

Оре, ба Худо савганд, ки дар офариниши осмон ва замин нишонаҳои тадаббур ва андешаи фаровон аст. Дар низоми ҳамгун ва ҳамоҳанг дижҳои осмон ва ситораҳояш ва дар мизони мустаҳкаму санҷидаи гиёҳон ва рӯиши онҳо, барои андешамандону хирадмандон нишони қудрат, азамат,тадбир ва назми бешумор аст, агар биандешанд! Вале афсӯс, ки ҳавои нафс, инсони оқил ва андешамандро аз тааққул ва андеша нигаҳ медорад!!!

## *Илоҳ ва маънои он*

### Аввал: маънои “илоҳ” дар китобҳои луғат

Хулосаи он чи дар китобҳои луғат дар бораи вожаи “*илоҳ*” омада аст, чунин аст:

Илоҳ бар вазни "китоб" аз моддаи “*алиҳа*” – “*йа’лаҳу*” ба маънои ибодат, яъне: итоати хозиона аст. Лафзи “*илоҳ*” монанди "китоб" ҳам масдар аст ва ҳам исми мафъул; пас, ҳамон гуна, ки "китоб" ба маънои "мактуб", яъне "навишташуда" омада аст, “*илоҳ*” низ ба маънои “*ма’луҳ*”, яъне "*ибодатшуда*" меояд. Бинобар ин, “*илоҳ*” дар луғат, яъне:

1-*Ибодат ва итоати хозиона*. (маънои масдар)

2-*Маъбуд ва мутоъ*: ибодатшуда. (маънои мафъулӣ)

Ин маънои “*илоҳ*” дар луғат буд.

---

فِيهَا مِن كُلِّ دَآبَّةٍ وَتَصْرِيفِ الرِّيَاحِ وَالسَّحَابِ الْمُسَخِّرِ بَيْنَ السَّمَاء وَالأَرْضِ لآيَاتٍ لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ {164}

## Дуввум: маънои “илоҳ” дар муҳоварот ва гуфтугӯҳои мардуми арабзабон

“***Илоҳ***” дар муҳовароти мардуми арабзабон ба ду маъно аст:

1-Ҳангоме ки шахси арабзабоне аз дигаре хабар медиҳад ва мегӯяд: “*алаҳа*”, мақсудаш ин аст, ки ӯ ибодатеро анҷом додааст. Яъне, барои маъбуди худаш ибодати динӣ, монанди: намоз, дуо ва қурбонӣ баҷо овардааст. Ва замоне, ки мегӯяд: “*илоҳан*” бар вазни “*китобан*”, мақсудаш он маъбуде аст, ки ибодат ва парастиш мешавад ва маросими динӣ барои ӯ анҷом мегирад. Яъне, ин ҳайъат маънои исми мафъулӣ дорад, ҳамон гуна, ки китоб ҳам ба маънои мактуб, яъне навишташуда меояд. Арабҳо ҳар чизеро, ки ибодат ва парастиш шавад, “*илоҳ*” мегӯянд, ки ҷамъи он олиҳа аст. Хоҳ холиқ ва офаринанда бошад, ё махлуқ ва офарида, барои онҳо фарқе надорад, монанди бутҳо, офтоб, моҳ, ё говҳо, ки мавриди парастиш ҳиндуҳо ҳастанд.

2-"***Илоҳ***" гоҳе ба маънои *мутоъ* ва пайравишуда меояд. Монанди он чи дар Қуръони карим омадааст:

1-***Араайта ман иттахаза илоҳаҳу ҳавоҳу афаанта такӯну ъалайҳи вакӣло*** **Ê**

**Ä***Оё дидӣ касеро***,** *ки ҳавои нафси худро мутои худ гирифтааст***?** *Оё ту метавонӣ ӯро ҳидоят ва роҳнамоӣ кунӣ***?!**[1]

[1] Сураи Фурқон, ояи 43.

2-***Афараайта ман иттахаза илоҳаҳу ҳавоаҳу ва азаллаҳуллоҳу ъало ъилмин*** Ê

Ä*Оё дидӣ касеро*, *ки ҳавои худро пайравӣ мекунад ва Худованд ӯро доништа гумроҳ сохта аст*?![1]

Яъне, ҳар ки аз ҳавои нафси худ пайравӣ мекунад, дар воқеъ ҳавои нафс ва хостаи дилро маъбуд ва мутоъи хеш гирифтааст. Чунонки дар сураи Қасас мефармояд:

***Ва ман азаллу мимман иттабаъа ҳавоҳу биғайри ҳудан миналлоҳи*** Ê

Ä*Оё гумроҳтар аз он кас*, *ки ҳавои нафси худро пайравӣ карда ва ҳидояти илоҳиро напазируфта аст*, *касе пайдо мешавад*?![2]

3-Дар сураи Шуаро сухани Фиръавн ба Мӯсоро меоварад, ки гуфт:

***Лаин иттахазта илоҳан ғайрӣ, лааҷъаланнака минал масҷӯнӣн*** Ê

Ä *Агар ҷуз ман илоҳи дигареро пайравӣ кунӣ*, *туро зиндонӣ хоҳам кард*![3]

---

أَرَأَيْتَ مَنِ اتَّخَذَ إِلَـهَهُ هَوَاهُ أَفَأَنتَ تَكُونُ عَلَيْهِ وَكِيلاً {43}

[1] Сураи Ҷосия, ояи23.

أَفَرَأَيْتَ مَنِ اتَّخَذَ إِلَـهَهُ هَوَاهُ وَأَضَلَّهُ اللَّهُ عَلَى عِلْمٍ ... {23}

[2] Сураи Қасас, ояи 50.

... وَمَنْ أَضَلُّ مِمَّنِ اتَّبَعَ هَوَاهُ بِغَيْرِ هُدًى مِّنَ اللَّهِ ... {50}

[3] Сураи Шуаро, ояи29.

Ин ки “*илоҳ*”-ро дар ин оят, мутоъ ва пайравишуда, маъно кардем, барои он аст, ки Фиръавн ва мардум зери фармони ӯ маъбудҳои парастидании худро доштанд. Чунонки Худои субҳон дар сураи Аъроф аз қавли онҳо овардааст:

***Ва қолал малау мин қавми Фиръавна а'тазару Мӯсо ва қавмаҳу лиюфсидӯ фил арзи ва язарака ва олиҳатака... Ê***

***Ä****Ашрофи қавми Фиръавн ба ӯ гуфтанд*: *оё Мӯсо ва қавми ӯро раҳо мекунӣ*, *ки дар замин фасод кунанд ва ту ва маъбудҳои туро раҳо созанд*?!...[1]

Ин маъбудҳо, ки дар ин ҷо омада аст, ҳамон маъбудҳои парастидании Фиръавн ва қавми ӯст, ки барои онҳо қурбонӣ мекарданд ва маросими динӣ мегирифтанд. Аммо, Фиръавн худаш ҳам "*илоҳ*" буд, илоҳи ба маънои мутоъ ва пайравишуда. Агарчи ин эҳтимол низ меравад, ки Фиръавн иддаои "*улуҳият*" ба маънои аввал ҳам дошта аст, яъне худро маъбуди парастиданӣ ҳам медониста аст. Чунонки аз бархе миллатҳо нақл шуда аст, ки онҳо подшоҳон худро аз насли "*олиҳа*"-и офтоб ё ғайри он медонистанд ва барои онон бархе маросими ибодиро баргузор мекарданд.

---

قَالَ لَئِنِ اتَّخَذْتَ إِلَهاً غَيْرِي لَأَجْعَلَنَّكَ مِنَ الْمَسْجُونِينَ {29}

[1] Сураи Аъроф, ояи 127.

وَقَالَ الْمَلأُ مِن قَوْمِ فِرْعَونَ أَتَذَرُ مُوسَى وَقَوْمَهُ لِيُفْسِدُواْ فِي الأَرْضِ وَيَذَرَكَ وَآلِهَتَكَ ... {127}

Ин буд маънои "***илоҳ***" дар назди араб ва ғайри араб аз миллатҳои азбайнрафта ва боқимонда.

## Саввум: маънои "илоҳ" дар истилоҳи исломӣ

"***Илоҳ***" дар истилоҳи исломӣ аз "*Асмои ҳусно*"-и Худованд ва ба маънои *маъбуд* ва *офаринандаи* махлуқот мебошад. Ин вожа гоҳе дар Қуръони карим, ҳамроҳ бо қаринае, ки далолат бар маънои *луғавӣ* дорад омада аст, монанди:

***Аллазӣна яҷъалӯна <u>маъа</u>ллоҳи илоҳан <u>охар</u>*** Ê

Ä *Онон**,** ки бо Аллоҳ маъбуди дигаре қарор медиҳанд**.***[1]

Зеро, ду калимаи: "**охир**" ва "**маъаллоҳ**" дар ояи карима, далел бар онанд, ки мақсуд аз "*илоҳ*" маънои луғавии он, яъне: *мутоъ* ва *маъбуд* аст. Яъне, ҳамон ки ҷуз Аллоҳ пайравӣ ва парастиш мешавад.

"*Илоҳ*" дар оёти бисёре аз Қуръони карим, бидуни қарина ва мутлақ ба маънои истилоҳиаш омадааст ва "*улуҳият*"-ро мунҳасир ва хоси Худои субҳон мекунад. Мо дар баҳси оянда шарҳи онро баён медорем.

Ҷомеътарин сухан дар маънои "*илоҳ*" сухане аст, ки Ибни Манзур - муаллифи китоби "Лисонулъараб", дар зайли вожаи "*илоҳ*", аз қавли Абилҳайсам оварда аст, ки мегӯяд:

---

[1] Сураи Ҳиҷр, ояи 96.

الَّذِينَ يَجْعَلُونَ مَعَ اللَّهِ إِلـهاً آخَرَ ... {96}

“Худои азза ва ҷалла фармудааст: Худованд ҳеҷ фарзанде нагирифтааст ва ҳеҷ *илоҳе* бо ӯ нест. Агар *илоҳе* ҷуз ӯ вуҷуд дошт, ҳар *илоҳе* ба махлуқи худ мепардохт.

Яъне, ҳеҷ кас наметавонад *илоҳ* бошад, магар он ки *маъбуд* буда ва битавонад барои ибодаткунандаи худ холиқ, розиқ ва мусаллату муқтадир бар ӯ бошад. Ҳар кас чунин набошад *илоҳ* нест, балки ӯ махлуқе аст, гарчи ноҳақ ибодат шуда бошад.

## *Маънои “Ло илоҳа иллаллоҳ”*

Бо тадаббур ва диққат дар оёте, ки дар ботил намудани сухани мушрикин дар бораи улуҳият дар Қуръони карим омада аст, маънои “*илоҳ*” равшан мегардад. Оёте, ки улуҳиятро мунҳасир ва махсуси Худованди баландмартабаи қодир медонад ва оёте, ки дар бораи муҳоварот ва ҷидол бо мушрикин дар мавриди вожаи *илоҳ* омадааст. Чунонки дар оёти зер мушоҳида мекунем:

***Ва лақад халақнал инсона мин сулолатин мин тӣн. Сумма ҷаъалноҳу нутфатан фӣ қарорин макӣн. Сумма халақнан нутфата ъалақатан, фахалақнал ъалақата музғатан, фахалақнал музғата ъизоман, факасавнал ъизома лаҳман, сумма анша’ноҳу халқан охар, фатаборакаллоҳу аҳсанул холиқӣн*** **Ê**

**Ä***Мо инсонро аз усораи гил офаридем, сипас ӯро нутфае дар қароргоҳи мутмаини раҳим қарор*

*додем; сипас нутфаро ба сурати алақа ва алақаро ба сурати музға ва музғаро ба сурати устухонҳое даровардем. Пас аз он бар устухонҳо гӯшт пӯшондем, сипас онро офариниши тозае додем. Пас бузург аст Худое, ки беҳтарини офаринандагон аст.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

***Сулола:*** *холиса* ва *усорае*, ки ба нармӣ ва оромӣ аз чизе гирифта ва берун оварда мешавад. Нутфаро аз он рӯ сулола номидаанд, ки усораи ғизо аст ва аз ғизо ба вучуд меояд.

***Нутфа:*** нутфа ҳамон манӣ ё оби андаке аст, ки аз зан ва мард хориҷ мешавад.

***Қарор:*** ҳар маҳалли босубот ва оромеро, ки ашё дар он ором гиранд, яъне ба оромиш бирасанд, маҳалли қарор ё қароргоҳ меноманд.

***Макӣн:*** ҳар чизи собит ва ноҷунбонро, ки дар ҷои худ устувор бошад, макин, яъне ҷойгирифта ва мутмаин гӯянд.

Пас, маънои ояи мавриди назар ин мешавад, ки: мо нутфаро дар қароргоҳи худаш, яъне дар раҳм қарор додем.

---

[1] Сураи Мӯъминун, ояи 12-14.

**وَلَقَدْ خَلَقْنَا الْإِنسَانَ مِن سُلَالَةٍ مِّن طِينٍ {12} ثُمَّ جَعَلْنَاهُ نُطْفَةً فِي قَرَارٍ مَّكِينٍ {13} ثُمَّ خَلَقْنَا النُّطْفَةَ عَلَقَةً فَخَلَقْنَا الْعَلَقَةَ مُضْغَةً فَخَلَقْنَا الْمُضْغَةَ عِظَاماً فَكَسَوْنَا الْعِظَامَ لَحْماً ثُمَّ أَنشَأْنَاهُ خَلْقاً آخَرَ فَتَبَارَكَ اللَّهُ أَحْسَنُ الْخَالِقِينَ {14}**

***Ъалақа:*** хуни бастаи ғализи часпандаро алақ ва як қитъа аз онро “алақа” гӯянд.

***Музға:*** ҳангоме, ки араб мегӯяд: “мазағал лаҳма”, мақсудаш ин аст, ки гӯштро дар даҳон хоида ва бо дандон қитъа қитъа кард, то фурӯ барад.

Ба як тика гӯшти қобили хоидан низ музға гӯянд. Ба ин хотир, ба ҷанини ҷойгирифта дар шиками модар, ҳангоме ки ба андозаи луқмаи гӯште дар ҳадди хоидан гардад, музға гӯянд. Музға пас аз алақа падид меояд.

***Иншо:*** эҷод, падид овардан ва парвариш додан.

Аншааш шай’а, яъне он чизро эҷод кард ва парвариш дод.

Ва аншааллоҳул халқа, яъне Худованд махлуқотро офарид ва онҳоро парвариш дод.

## Тафсири оёт

Мо инсонро аз усораи ноб ва софи гили замин офаридем. Сипас, ӯро дар ҷойгоҳи собит ва оромбахши вай, яъне дар раҳими модар қарор додем. Пас аз он, ин нутфаро ба хун табдил кардем, хуни ҷомид, ғализ, баста ва часпон, ки ба ҳар чӣ бирасад ба он мечаспад. Сипас, ин хуни бастаи ғализро ба гӯште ҳамонанди гӯшти хоиданӣ мубаддал сохтем. Пас, он гоҳ ҳамин тиккагӯштро устухон намудем, сипас ҳамон устухонро бо гӯшт пӯшондем. Дар наҳоят ӯро офариниши дигар, шомили аъзо ва рӯҳи инсонӣ додем. Пас, бузург аст Худое, ки беҳтарини офаридагон аст, Худое, ки ин мавҷуди печида ва шигифтоварро дар таи мароҳиле ин хел, офаридааст!

## Бозгашт ба нутфаи оғозин

Худованд дар сураи Мӯъминун пас аз оёти 12, 13 ва 14, ки баҳси он гузашт ва низ пас аз ёдоварии мавҷудоте, ки ба нафъи инсон ва дар ихтиёр ва тасхири ӯ ҳастанд ва пас аз баёни навъҳои махлуқоти худ, мефармояд:

> ***Валақад арсално Нӯҳан ило қавмиҳи фақола ё қавми уъбудуллоҳа, мо лакум мин илоҳин ғайруҳу, афало таттақӯн*** Ê
>
> *Ä Мо Нӯҳро ба назди қавмаш фиристодем. Ӯ ба эшон гуфт: эй қавми ман! Худоро ибодат кунед, ҳеҷ илоҳе ҷуз ӯ, барои шумо нест. Оё парво намекунед?!*[1]

Сипас ба офариниши умматҳои дигаре, ки махлуқоти Худои азза ва ҷалла будаанд, ишора карда, бо шарҳи кофӣ ба баёни инкор ва куфри онон мепардозад, то ба ояи 91-и ин сура мерасад ва мефармояд:

> ***Маттахазаллоҳу мин валадин ва мо кона маъаҳӯ мин илоҳин, изан лазаҳаба кулли илоҳин бимо халақа ва лаъало баъзуҳум ъало баъзин...*** Ê

[1] Сураи Мӯъминун, ояи 23.
وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا نُوحاً إِلَى قَوْمِهِ فَقَالَ يَا قَوْمِ اعْبُدُوا اللَّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَهٍ غَيْرُهُ
أَفَلَا تَتَّقُونَ {23}

*Ä Худованд ҳаргиз фарзанде барои худ интихоб накарда ва ҳеҷ илоҳи дигаре бо ӯ нест, ки агар чунин мешуд, ҳар як аз илоҳон ба сӯи офаридаҳои худ мерафт ва ба идораи онҳо мепардохт ва баъзе бар баъзе дигар бартарӣ меҷустанд ва...*[1]

Мо дар ин оёт, боризтарин ва равшантарин сифати улуҳиятро, холиқийят ва офариниш меёбем ва ба ҳамин сабаб ҳам мебинем Худои азза ва ҷалла мушрикинро масхара карда ва пас аз он ки мефармояд: *осмон ва замин ва ҳарчи миёни онҳост, ҷуз ба ҳақ, наофаридем,*[2] ба паёмбар мефармояд: *ба онон бигӯ: ин маъбудҳоеро, ки ғайри Худо парастиш мекунед ба ман нишон диҳед чӣ чизе аз заминро офаридаанд, ё чӣ ширкате дар офариниши осмонҳо доранд?!*[3]

Дар сураи Раъд низ мефармояд:

***Ам ҷаъалӯ лиллоҳи шуракоа халақӯ кахалқиҳи фаташобаҳал халқу ъалайҳим қул, Аллоҳу холиқу кулли шай'ин ва ҳувал воҳидул қаҳҳор Ê***

*Ä Оё барои Худо шариконе қарор додаанд, ки ҳамонанди Худо офаридаанд ва ин офаринишҳо бар*

---

[1] Сураи Мӯъминун, ояи 91.

مَا اتَّخَذَ اللَّهُ مِن وَلَدٍ وَمَا كَانَ مَعَهُ مِنْ إِلَـهٍ إِذاً لَّذَهَبَ كُلُّ إِلَـهٍ بِمَا خَلَقَ وَلَعَلَا بَعْضُهُمْ عَلَى بَعْضٍ ... {91}

[2] Сураи Аҳқоф, ояи 3.

[3] Сураи Аҳқоф, ояи 4.

قُلْ أَرَأَيْتُم مَّا تَدْعُونَ مِن دُونِ اللَّهِ أَرُونِي مَاذَا خَلَقُوا مِنَ الْأَرْضِ أَمْ لَهُمْ شِرْكٌ فِي السَّمَاوَاتِ اِئْتُونِي بِكِتَابٍ مِّن قَبْلِ هَذَا أَوْ أَثَارَةٍ مِّنْ عِلْمٍ إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ {4}

*онон муштабеҳ шудааст?! Бигӯ: Худои Холиқ ҳамаи чиз аст; ва ӯст ягонаи пирӯз!*[1]

Ва дар сураи Наҳл мефармояд:

***Афаман яхлуқу каман ло яхлуқу афало тазаккарӯн*** **Ê**

**Ä** *Оё касе, ки меофаринад, монанди касе аст, ки намеофаринад?! Оё мутазаккир намешавед?!*[2]

Ин маъно, яъне такя ва эътимод бар холиқият ба унвони боризтарин сифати улуҳият дар оёти дигаре монанди: ояи (20)-и сураи Наҳл, ояи (3)-и сураи Фурқон, ва ояи (9)-и сураи Аъроф такрор шуда аст.

Дар тамоми ин оёт, мубориза ва истидлол бо мушрикон дар масъалаи тавҳид, ҳавли меҳвари яктоии холиқ мегардад. Дар ояи аввал Худои мутаол аз куффор мепурсад: ба ман нишон диҳед, онҳоро, ки ҷузъи Худо мехонед ва парастиш мекунед, чӣ чизи заминро барои шумо офаридаанд?! Ва дар ояи дуюм мефармояд:

Оё ба ин сабаб барои Худо ёр ва шарик қарор додед, ки аз онҳо ҳам махлуқоте ҳамчун офаридаҳои Худо дидаед ва офариниши Худо бо офариниши дигарон

---

[1] Сураи Раъд, ояи 16.

... وَالنُّورُ أَمْ جَعَلُواْ لِلّهِ شُرَكَاء خَلَقُواْ كَخَلْقِهِ فَتَشَابَهَ الْخَلْقُ عَلَيْهِمْ قُلِ اللّهُ خَالِقُ كُلِّ شَيْءٍ وَهُوَ الْوَاحِدُ الْقَهَّارُ {16}

[2] Сураи Наҳл, ояи17.

أَفَمَن يَخْلُقُ كَمَن لاَّ يَخْلُقُ أَفَلا تَذَكَّرُونَ {17}

бар шумо муштабеҳ шуда ва қобили ташхис нест?! Дар ояи сеюм низ мепурсад:

Оё он ки меофаринад ва ин ҳама мавҷудоти гуногунро падид меоварад, бо касе ки чизе наофарида ва намеофаринад, яксон аст?

Ва мефармояд: ҳеҷ илоҳ ва маъбуд бо ӯ нест. Дар ояи дигаре мефармояд: бигӯ: Худост холиқи ҳамаи ашё ва ӯст ягонаи пирӯз.

Қуръони карим, ҳамин хел дар мақоми истидлол бо мушрикон бурҳон меоварад ва ба онон, ки илоҳон ва маъбудони дигареро ибодат карда ва онҳоро шарик дар ибодати Худои якто ва ягона қарор медиҳанд, мефармояд: Офариниши махлуқот махсуси Худованд аст ва илоҳони дигар, ҳеҷ қудрате дар офариниш надоранд.

Аз ин рӯст, ки мо дармеёбем, равшантарин сифати Илоҳ, офариниш аст.

Ин мавзӯъ, дар оёти зайл, ба гунаи равшантар баён мегардад, он ҷо, ки мефармояд:

***1-Золикумуллоҳу раббукум, ло илоҳа илло ҳува холиқу кулли шай'ин фаъбудӯҳу*** **Ê**

**Ä** *Ин аст Парвардигори шумо!* **“***Ҳеҷ илоҳе***”** *ҷуз ӯ нест***.** *Офаринандаи ҳамаи чиз ӯст***,** *пас ӯро ибодат кунед***.**[1]

---

[1] Сураи Анъом, ояи 102.

ذَلِكُمُ اللّهُ رَبُّكُمْ لا إِلَـهَ إِلاَّ هُوَ خَالِقُ كُلِّ شَيْءٍ فَاعْبُدُوهُ ... {102}

***2-Ё қавми уъбудуллоҳа мо лакум мин илоҳин ғайруҳу ҳува аншаакум минал арзи Ê***

***Ä (****Солеҳ паёмбар гуфт:****)*** *Эй қавми ман! Худоро ибодат кунед, ки "илоҳе" ҷуз ӯ барои шумо нест! Ӯст, ки шуморо аз замин офарид.*[1]

***3-Ҳал мин холиқин ғайруллоҳи ярзуқукум минас самои вал арзи ло илоҳа илло ҳува... Ê***

***Ä*** *Оё "офаринандае" ҷуз Худо ҳаст, ки шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ диҳад?! Ҳеҷ "илоҳе" ҷуз ӯ нест...*[2]

***4-Ваттахазӯ мин дӯниҳи олиҳатан ло яхлуқӯна шай'ан ва ҳум юхлақӯн Ê***

***Ä*** *Онон ғайр аз Худованд "илоҳоне" барои худ баргузиданд, маъбудоне, ки чизе намеофаринанд, балки худашон офарида шудаанд...*[3]

***5-Ё айюҳан носу зуриба масалун фастамиъӯ лаҳӯ инал лазӣна тадъӯна мин дӯниллоҳи лан яхлуқӯ зубобан ва лав иҷтамаъӯ лаҳӯ ва ин яслубҳумуз зубобу шай'ан ло ястанқизӯҳу минҳу заъуфат толибу вал матлӯб. Мо***

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 61.

**... يَا قَوْمِ اعْبُدُواْ اللّهَ مَا لَكُم مِّنْ إِلَـهٍ غَيْرُهُ هُوَ أَنشَأَكُم مِّنَ الأَرْضِ ...** {61}

[2] Сураи Фотир, ояи 3.

**... هَلْ مِنْ خَالِقٍ غَيْرُ اللَّهِ يَرْزُقُكُم مِّنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ ...** {3}

[3] Сураи Фурқон, ояи 3.

**وَاتَّخَذُوا مِن دُونِهِ آلِهَةً لَّا يَخْلُقُونَ شَيْئاً وَهُمْ يُخْلَقُونَ ...** {3}

***қадаруллоҳа ҳаққа қадриҳи, инналлоҳа лақавиюн ъазӣз*** Ê

Ä *Эй мардум! Масале зада шуда аст, ба он гӯш фаро диҳед: касонеро, ки ғайр аз Худо мехонед, ҳаргиз наметавонанд магасе биёфаринанд, ҳарчанд барои ин кор даст ба дасти ҳам диҳанд! Ва ҳар гоҳ магас чизе аз онҳо бирабояд, наметавонанд онро бозпас гиранд! Талабкунанда ва матлуб, обид ва маъбуд, ҳар ду заиф ва нотавонанд! Ба ростӣ, Худоро он гуна, ки бояд бишносанд нашинохтанд; Худованд қавии шикастнопазир аст.*[1]

Худои мутаол дар ин мавзӯъ аз Қуръони карим ҳамаи мардумонеро, ки "*илоҳоне*" ҷуз "*Аллоҳ*"-ро мехонанд, тарафи хитоб қарор дода ва ба онон мефармояд:

Ба ин масал гӯш фаро диҳед: ононеро, ки ба ҷуз Худо мехонед, фиръавнҳою подшоҳону зӯрмандон бошанд ё говону бутону маъбудони дигар, ҳаргиз наметавонанд магасро биофаринанд.

Яъне ҳеҷ як аз ин фиръавнҳои гарданкаши чаббор ва ҳеҷ як аз ин говҳои мавриди парастиш, ё ҳар маъбуд ва илоҳи дигаре аз маъбудони мардум, наметавонанд олудатарин ва пасттарин ҳашараро биофаринанд. Ҳашарае, ки ҳамаи мардум онро мешиносанд ва дар ҳамаи ҷомеаҳои рӯи замин пароканда аст ва ҳамаи

---

[1] Сураи Ҳаҷ, ояи 73-74.

يَا أَيُّهَا النَّاسُ ضُرِبَ مَثَلٌ فَاسْتَمِعُوا لَهُ إِنَّ الَّذِينَ تَدْعُونَ مِن دُونِ اللَّهِ لَن يَخْلُقُوا ذُبَاباً وَلَوِ اجْتَمَعُوا لَهُ وَإِن يَسْلُبْهُمُ الذُّبَابُ شَيْئاً لَّا يَسْتَنقِذُوهُ مِنْهُ ضَعُفَ الطَّالِبُ وَالْمَطْلُوبُ {73} مَا قَدَرُوا اللَّهَ حَقَّ قَدْرِهِ إِنَّ اللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ {74}

халқ аз он дурӣ мекунанд! Инҳо чӣ гуна маъбудоне ҳастанд, ки ҳеҷ як аз онҳо наметавонанд магаси олударо биёфаринанд? Агар бо ҳам ҷамъ оянд ва якдигарро пуштибонӣ кунанд, боз ҳам қодир бар офариниши як намуна аз ин ҳашараи бемиқдор нестанд!

Гузашта аз он, агар ҳамин магас чизеро аз ин маъбудҳои пиндорӣ рабуд, говҳо бошанд ё Фиръавн ё "олиҳа"-и дигар, қудрати пас гирифтани ӯро ҳам надоранд. Масалан, агар хуни ҳамин говҳои мавриди парастиш дар Ҳиндро бимакад, гови бечора наметавонад ҳаққи худ, яъне хуни макидашударо пас бигирад! Ваҳ, ки чи заиф ва нотавон аст ин гови бечора, маъбуди башар! Ва оҷизтар ва нотавонтар аз он касе аст, ки аз ин мавҷуди бечора ҳоҷат мехоҳад! Ба ростӣ, ки Худоро ончунон, ки шоистаи зоти муқаддаси ӯст, нашинохтанд. Худое, ки офаридгори ҳамаи махлуқот, қавӣ ва қудратманд ва шикастнопазир аст.

Бино бар ин офариниш ва ҳамаи ҳастӣ аз они Худои мутаол асту бас. Ӯст, ки махлуқотро офарид ва мавҷудотро ба вуҷуд овард, зинда мекунад, мемиронад ва молики ҳар чиз ӯст. Муассире ҷуз ӯ дар олами хилқат нест то дархости худро ба сӯи ӯ барем. Пас воҷиб аст, ки танҳо ӯро ибодат кунем ва фақат аз ӯ ҳоҷат бихоҳем.

Оёти зер, ин маъноро тавзеҳ медиҳад:

***1-Қул араайтум ин ахазаллоҳу самъакум ва абсоракум ва хатама ъало қулӯбикум ман илоҳун ғайруллоҳи йаътӣкум биҳи Ê***

*ÄБигӯ: ба ман посух диҳед: агар Худованд, гӯш ва чашми шуморо бигирад ва дилҳои шуморо мӯҳр кунад, ки чизеро нафаҳмед, кадомин илоҳ аст, ҷуз Аллоҳ, ки онҳоро ба шумо баргардонад?!*[1]

***2-Аллазӣ лаҳӯ мулкус самовоти вал арзи ло илоҳа илло ҳува юҳйӣ ва юмӣт Ê***

*ÄҲамон Худое, ки ҳукумати осмонҳо ва замин, аз они ӯст; илоҳ ва маъбуде ҷуз ӯ нест, зинда мекунад ва мемиронад.*[2]

***3-Ман илоҳун ғайруллоҳи йаʼтӣкум бизиёин, афало тасмаъӯн Ê***

*ÄКадомин илоҳ ва маъбуде ҷуз Худо метавонад барои шумо равшаноӣ биёварад, оё намешунавед?!*[3]

***4-Золикумуллоҳу раббукум лаҳул мулку ло илоҳа илло ҳува фаанно тусрафӯн Ê***

*ÄИн аст Аллоҳ, Парвардигори шумо, ҳукумати олами ҳастӣ аз ӯст;*

*Ҳеҷ маъбуде ҷуз ӯ нест; пас чаро аз роҳи ҳақ мунҳариф мешавед?!*[1]

---

[1] Сураи Анъом, ояи 46.

قُلْ أَرَأَيْتُمْ إِنْ أَخَذَ اللّهُ سَمْعَكُمْ وَأَبْصَارَكُمْ وَخَتَمَ عَلَى قُلُوبِكُم مَّنْ إِلَـهٌ غَيْرُ اللّهِ يَأْتِيكُم بِهِ ... {46}

[2] Сураи Аъроф, ояи 158.

... الَّذِي لَهُ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ لا إِلَـهَ إِلاَّ هُوَ يُحْيِـي وَيُمِيتُ ... {158}

[3] Сураи Қасас, ояи71.

... مَنْ إِلَهٌ غَيْرُ اللَّهِ يَأْتِيكُم بِضِيَاء أَفَلَا تَسْمَعُونَ {71}

***5-Ло илоҳа илло ҳува юҳйӣ ва юмӣту раббукум ва раббу обоикумул аввалӣн* Ê**

**Ä** *Ҳеҷ илоҳе ҷуз ӯ нест, зинда мекунад ва мемиронад, Парвардигори шумо ва Парвардигори падарони шумо аст.*[2]

***6-Иннамо илоҳукум аллоҳул лазӣ ло илоҳа илло ҳува васиъа кулла шай'ин ъилмо* Ê**

**Ä** *Ба яқин илоҳ ва маъбуди шумо Аллоҳ аст, илоҳи дигаре ҷуз ӯ нест, илм ва дониши ӯ ҳамачизро фаро гирифтааст.*[3]

***7-Қул лав кона маъаҳӯ олиҳатун камо яқӯлӯна изан лабтағав ило зилъарши сабӣло* Ê**

**Ä** *Бигӯ: агар ончунон, ки мегӯян бо Худо худоёни дигаре буд, дар ин сурат мекӯшиданд то роҳе ба сӯи Худованди соҳиби Арш пайдо кунанд.*[4]

***8-Ва иттахазӯ мин дӯниллоҳи олиҳатан лиякӯнӯ лаҳум ъиззо* Ê**

---

[1] Сураи Зумар, ояи 6.

... ذَلِكُمُ اللَّهُ رَبُّكُمْ لَهُ الْمُلْكُ لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ فَأَنَّى تُصْرَفُونَ {6}

[2] Сураи Духон, 8.

لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ يُحْيِي وَيُمِيتُ رَبُّكُمْ وَرَبُّ آبَائِكُمُ الْأَوَّلِينَ {8}

[3] Сураи Тоҳо, ояи 98.

إِنَّمَا إِلَهُكُمُ اللَّهُ الَّذِي لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ وَسِعَ كُلَّ شَيْءٍ عِلْماً {98}

[4] Сураи Исро, ояи 42.

قُل لَّوْ كَانَ مَعَهُ آلِهَةٌ كَمَا يَقُولُونَ إِذاً لَّابْتَغَوْاْ إِلَى ذِي الْعَرْشِ سَبِيلاً (42)

*Ä Онон ғайр аз Худо, маъбудҳои дигареро барои худ баргузиданд, то мояи иззаташон бошанд.*[1]

***9-Ам лаҳум олиҳатун тамнаъуҳум мин дӯнино Ê***

*Ä Оё ононро худоёне аст, ки метавонанд дар баробари мо аз эшон дифоъ кунанд?*[2]

***10-А'аттахизу мин дӯниҳи олиҳатан ин юриднир раҳмону бизуррин ло туғни ъаннӣ шафоъатуҳум шай'ан ва ло юнқизӯн Ê***

*Ä Оё ғайр аз Худо маъбудони дигареро баргузинам, ки агар Худои раҳмон бихоҳад зиёне ба ман бирасонад, шафоати онҳо камтарин суде барои ман надорад ва маро наҷот нахоҳад дод?!*[3]

***11-Ва иттахазӯ мин дӯниллоҳи олиҳатан лаъаллаҳум юнсарӯн Ê***

*Ä Онон ғайр аз Худо, маъбудҳои дигаре барои хеш баргузидаанд, ба ин умед, ки ёрӣ шаванд!*[4]

---

[1] Сураи Марям, ояи 81.

وَاتَّخَذُوا مِن دُونِ اللَّهِ آلِهَةً لِّيَكُونُوا لَهُمْ عِزّاً {81}

[2] Сураи Анбиё, ояи 43.

أَمْ لَهُمْ آلِهَةٌ تَمْنَعُهُم مِّن دُونِنَا ... {43}

[3] Сураи Ёсин, ояи 23

أَأَتَّخِذُ مِن دُونِهِ آلِهَةً إِن يُرِدْنِ الرَّحْمَن بِضُرٍّ لاَّ تُغْنِ عَنِّي شَفَاعَتُهُمْ شَيْئًا
وَلاَ يُنقِذُونِ {23}

[4] Сураи Ёсин, ояи 74.

وَاتَّخَذُوا مِن دُونِ اللَّهِ آلِهَةً لَعَلَّهُمْ يُنصَرُونَ {74}

***12-Фамо ағнат ъанҳум олиҳатуҳум, аллатӣ ядъӯна мин дӯниллоҳи мин шай'ин ламмо ҷоа амру раббик*** **Ê**

**Ä** *Ва ҳангоме ки фармони муҷозоти Парвардигор расид, маъбудоне, ки ғайр аз Худо мехонанд, ононро ба ҳеҷ ваҷҳ ёрӣ накарданд.*[1]

Қуръони карим ҳамин тавр сареҳ ва равшан мегӯяд: ҳар гуна офариниш хоси Худои ягона аст. Нузули борон, рӯиши гиёҳон, шифои беморон, пирӯзӣ бар душманон, бартараф кардани фақру парешонӣ, ҳамаи инҳо ва амсоли он ва ҳар гуна ҳаракат ва сукуни олами ҳастӣ, танҳо аз ҷониби Худои мутаол асту бас. Пас, Илоҳи ҳақиқии ҷаҳони ҳастӣ ӯст. Дар қудрат, шавкат ва афъолаш бешарик ва ягона аст, шабеҳ ва мислу монанд надорад: на касеро зода ва на аз касе зода шуда, куфв ва ҳамто ва ҳамонанд надорад. Ӯст Худои азиз ва муқтадир ва якто. Ҳамон гуна, ки худро тавсиф карда ва фармудааст:

***1-Иннамаллоҳу илоҳун воҳидун субҳонаҳу ан якӯна лаҳӯ валадун*** **Ê**

**Ä** *Ба яқин Худо, танҳо маъбуди ягона аст. Ӯ муназзаҳ аст, ки фарзанде дошта бошад.*[2]

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 101.

... فَمَا أَغْنَتْ عَنْهُمْ آلِهَتُهُمُ الَّتِي يَدْعُونَ مِن دُونِ اللّهِ مِن شَيْءٍ لِّمَّا جَاء أَمْرُ رَبِّكَ ... {101}

[2] Сураи Нисо, ояи 171.

... إِنَّمَا اللّهُ إِلَـهٌ وَاحِدٌ سُبْحَانَهُ أَن يَكُونَ لَهُ وَلَدٌ ... {171}

***2-Лақад кафарал лазӣна қолӯ инналлоҳа солису салосатин ва мо мин илоҳин илло илоҳун воҳид Ê***

***Ä Онон, ки гуфтанд: "Худованд яке аз се худост", ба яқин кофир шуданд. Ҳеҷ илоҳ ва маъбуде ҷуз Худои ягона вуҷуд надорад.***[1]

***3- Ва қолаллоҳу ло таттахизӯ илоҳайни иснайни иннамо ҳува илоҳун воҳидун ... Ê***

***Ä Худованд фармуд: ду маъбуде барои худ интихоб накунед; яқинан маъбуди шумо ҳамон Худои ягона аст.***[2]

То ин ҷо равшан шуд, ки улуҳият хоси Худованд аст. Ин хусусият худ сабаб мешавад то ибодати ғайр ҳамроҳ бо ибодати Худо, манъ бошад. Пас, ибодат ҳам бояд танҳо барои Худованд анҷом пазирад, чунон, ки фармуд:

***1-Иннанӣ аналлоҳу ло илоҳа илло ано фаъбуднӣ ва ақимис салота лизикрӣ Ê***

***Ä Ман Аллоҳ ҳастам, маъбуде ҷуз ман нест! Танҳо маро ибодат кун ва намозро барои ёди ман барпо дор.***[3]

---

[1] Сураи Моида, ояи 73.

لَّقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَالُواْ إِنَّ اللّهَ ثَالِثُ ثَلاَثَةٍ وَمَا مِنْ إِلَـهٍ إِلاَّ إِلَـهٌ وَاحِدٌ ... {73}

[2] Сураи Наҳл, ояи 51.

وَقَالَ اللّهُ لاَ تَتَّخِذُواْ إِلـهَيْنِ اثْنَيْنِ إِنَّمَا هُوَ إِلهٌ وَاحِدٌ ... {51}

[3] Сураи Тоҳо, ояи 14.

إِنَّنِي أَنَا اللَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدْنِي وَأَقِمِ الصَّلَاةَ لِذِكْرِي {14}

***2-Ва мо арсалнока мин қаблика мин расулин илло нӯҳо илайҳи аннаҳу ло илоҳа илло ано фаъбудӯн*** **Ê**

**Ä***Мо пеш аз ту, ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳӣ кардем: маъбуде ҷуз ман нест; пас танҳо маро ибодат кунед.*[1]

***3-*** *Оё касе, ки осмонҳо ва заминро офарид ва аз осмон барои шумо обе фиристод, ки бо он богистонҳои сурурангез рӯёнидем, боғҳое, ки шумо ҳаргиз қудрати рӯёндани дарахтонашонро надоштед, оё бо ин Худо, маъбуди дигаре ҳаст?! Не, балки онон гурӯҳи нодонанд, ки аз ҳақ рӯгардон шуда ва офаридаро дар радифи Офаридагор қарор медиҳанд!*

*Оё он ки заминро ром кард ва истиқрор бахшид, дар ҷой ҷойи он наҳрҳое равон сохт, барои он кӯҳҳои устувор эҷод кард, миёни ду дарё монеае офарид, оё бо ин Худо, маъбуди дигаре ҳаст?! Не, балки бештари онон намедонанд!*

*Ё касе, ки дуои бечораро иҷобат мекунад ва гирифториро бартараф месозад ва шуморо ҷонишинони замин қарор медиҳад; оё бо Худо, маъбуди дигаре ҳаст?! Хеле кам мутазаккир мешавед!*

*Оё он ки шуморо дар торикиҳои саҳро ва дарё ҳидоят мекунад ва касе, ки бодҳоро пеш аз нузули*

---

[1] Сураи Анбиё, ояи 25.

وَمَا أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ مِن رَّسُولٍ إِلَّا نُوحِي إِلَيْهِ أَنَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدُونِ {25}

*раҳматаш муждагонӣ мефиристад; оё бо ин Худо, маъбуди дигаре ҳаст?! Баланд аст мартабаи Худованд аз он чи инон шарики ӯ қарор медиҳанд! Ё он ки офариниширо оғоз кард, сипас таҷдидаш мекунад ва он ки аз осмон ва замин рӯзиатон медиҳад; оё бо он Худо, маъбуди дигаре ҳаст?! Бигӯ: "далел ва бурҳонатонро биёваред агар рост мегӯед!"*[1]

Бино бар ин, худое ҷуз Худои ягона нест. Шарик ва мислу монанд надорад. Ҳамон гуна, ки бар хилофи пиндори бархе, духтарон ва писарон низ надорад. Гуфтори ин гурӯҳро дар баҳси оянда баррасӣ мекунем.

## Оё Худованд духтар ё писар дорад?

Дар миёни мӯътақидон ба теъдоди худоён, касоне ёфт мешаванд, ки барои Худои субҳон духтарон ва писарони хаёлӣ тарошида ва ба он мӯътақид шудаанд. Худованд дар сураи Соффот аз қавли эшон мефармояд:

---

[1] Сураи Намл, ояи 60-64.

أَمَّنْ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ وَأَنزَلَ لَكُم مِّنَ السَّمَاءِ مَاء فَأَنبَتْنَا بِهِ حَدَائِقَ ذَاتَ بَهْجَةٍ مَّا كَانَ لَكُمْ أَن تُنبِتُوا شَجَرَهَا أَإِلَهٌ مَّعَ اللَّهِ بَلْ هُمْ قَوْمٌ يَعْدِلُونَ {60} أَمَّن جَعَلَ الْأَرْضَ قَرَاراً وَجَعَلَ خِلَالَهَا أَنْهَاراً وَجَعَلَ لَهَا رَوَاسِيَ وَجَعَلَ بَيْنَ الْبَحْرَيْنِ حَاجِزاً أَإِلَهٌ مَّعَ اللَّهِ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ {61} أَمَّن يُجِيبُ الْمُضْطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكْشِفُ السُّوءَ وَيَجْعَلُكُمْ خُلَفَاء الْأَرْضِ أَإِلَهٌ مَّعَ اللَّهِ قَلِيلاً مَّا تَذَكَّرُونَ {62} أَمَّن يَهْدِيكُمْ فِي ظُلُمَاتِ الْبَرِّ وَالْبَحْرِ وَمَن يُرْسِلُ الرِّيَاحَ بُشْراً بَيْنَ يَدَيْ رَحْمَتِهِ أَإِلَهٌ مَّعَ اللَّهِ تَعَالَى اللَّهُ عَمَّا يُشْرِكُونَ {63} أَمَّن يَبْدَأُ الْخَلْقَ ثُمَّ يُعِيدُهُ وَمَن يَرْزُقُكُم مِّنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ أَإِلَهٌ مَّعَ اللَّهِ قُلْ هَاتُوا بُرْهَانَكُمْ إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ {64}

***Фастафтиҳим а'лираббикал баноту ва лаҳумул баннӯн. Ам халақнал малоиката иносан ва ҳум шоҳидӯн. А'ло иннаҳум мин ифкиҳим лаяқӯлӯн. Валадаллоҳу ва иннаҳум лакозибӯн. Астафал баноти ъалал банӣн. Мо лакум кайфа таҳкумӯн Ê***

*Ä Аз эшон бипурс: оё Парвардигорат духтароне дорад ва писарон аз они онҳост?! Оё мо фариштагонро муаннас офаридем ва онон нозир буданд?! Бидонед инҳо бо ин дурӯғи бузургашон мегӯянд: "Худованд фарзанд оварда аст!" Ростиро, ки онон дурӯғгӯянд! Оё Худованд духтаронро бар писарон тарҷеҳ додааст? Шуморо чӣ шуда аст? Дар бораи Худо чӣ гуна қазоват мекунед?!*[1]

Дар сураи Зухруф мефармояд:

***Ва ҷаъалул малоиката аллазӣна ҳум ъибодур раҳмони иносан а'шҳидӯ халқаҳум сатуктабу шаҳодатуҳум ва юс'алӯн. Ва қолӯ лав шоар раҳмону мо ъабаднохум... Ê***

*Ä Фариштагонро, ки бандагони Худои раҳмонанд мода пиндоштанд; оё офариниши ононро шоҳид будаанд?! Гувоҳии онон навишта ва бозхост*

[1] Сураи Соффот, ояи 149-154.

فَاسْتَفْتِهِمْ أَلِرَبِّكَ الْبَنَاتُ وَلَهُمُ الْبَنُونَ {149} أَمْ خَلَقْنَا الْمَلَائِكَةَ إِنَاثاً وَهُمْ شَاهِدُونَ {150} أَلَا إِنَّهُم مِّنْ إِفْكِهِمْ لَيَقُولُونَ {151} وَلَدَ اللَّهُ وَإِنَّهُمْ لَكَاذِبُونَ {152} أَصْطَفَى الْبَنَاتِ عَلَى الْبَنِينَ {153} مَا لَكُمْ كَيْفَ تَحْكُمُونَ {154}

*мешавад. Ва гуфтанд: агар Худо мехост мо онҳоро парастиш мекардем.*[1]

***Ам иттахаза миммо яхлуқу банотин ва асфокум билбанӣн*** Ê

Ä *Оё Худованд аз миёни офаридагонаш, духтаронро барои худ гирифта ва писаронро барои шумо баргузида аст?!*[2]

Дар ҳоле, ки ҳар гоҳ яке аз ононро ба ҳамон чизе, ки барои Худои раҳмон дар пиндори худ тарошида ва мисол оварда, башорат диҳанд, рухсораш сиёҳ шуда ва хашмгин мегардад![3]

Ин мушрикон, фариштаҳоро дар қолаби бутҳои: *Лот* ва Уззо ва Манот, парастиш мекарданд; ва ин серо пайкара ва тандиси малоик медонистанд.

Худованд дар сураи Наҷм мефармояд:

***Афараайтумул Лота вал Ъуззо. Ва Манотас солисатал ухро. А лакумуз закару ва лаҳул унсо. Тилка изан қисматун зӣзо. Ин ҳия илло асмоун саммайтумӯҳо антум ва обоукум мо анзалаллоҳу биҳо мин султонин ин***

---

[1] Сураи Зухруф, ояи 19-20.

وَجَعَلُوا الْمَلَائِكَةَ الَّذِينَ هُمْ عِبَادُ الرَّحْمَنِ إِنَاثاً أَشَهِدُوا خَلْقَهُمْ سَتُكْتَبُ شَهَادَتُهُمْ وَيُسْأَلُونَ {19} وَقَالُوا لَوْ شَاء الرَّحْمَنُ مَا عَبَدْنَاهُم ... {20}

[2] Сураи Зухруф, ояи 16.

أَمِ اتَّخَذَ مِمَّا يَخْلُقُ بَنَاتٍ وَأَصْفَاكُم بِالْبَنِينَ {16}

[3] Сураи Зухруф, ояи 17.

وَإِذَا بُشِّرَ أَحَدُهُم بِمَا ضَرَبَ لِلرَّحْمَنِ مَثَلاً ظَلَّ وَجْهُهُ مُسْوَدّاً وَهُوَ كَظِيمٌ {17}

***яттабиъӯна иллаз занна ва мо таҳвал анфусу ва лақад ҷоаҳум мин раббиҳимул ҳудо Ê***

***Ä****Ба ман бигӯед: оё бутҳои: Лот ва Уззо ва Манот, ки сеюмини онҳост (духтарони Худоянд)?! Оё саҳми шумо писар аст ва саҳми Худо духтар?! (бо он ки ба гумони шумо духтарон беарзишанд!) Дар ин сурат чунин тақсим ноодилона аст! (Чунин нест, балки) Инҳо номҳое аст, ки шумо ва падаронатон бар онҳо ниҳодаед. Худованд ҳеҷ далеле бар сиҳати ин пиндор нозил накарда аст; онон танҳо аз гумону ҳадс ва ҳавои нафс пайравӣ мекунанд, дар ҳоле ки ҳидояти Парвардигорашон ба онон расида аст.*[1]

***Инналлазина ло йу'минӯна бил охирати лаюсаммӯнал малоиката тасмиятал унсо. Ва мо лаҳум биҳӣ мин ъилмин ин яттабиъӯна иллаз занна ва инназ занна ло юғнӣ миналҳаққи шай'о Ê***

***Ä****Онон, ки ба охират имон надоранд, фариштагонро духтарони Худо меноманд! Онон бар ин гуфтаи худ далеле надоранд, танҳо аз ҳадсу*

---

[1] Сураи Наҷм, ояи 19-23.

أَفَرَأَيْتُمُ اللَّاتَ وَالْعُزَّى {19} وَمَنَاةَ الثَّالِثَةَ الْأُخْرَى {20} أَلَكُمُ الذَّكَرُ وَلَهُ الْأُنثَى {21} تِلْكَ إِذاً قِسْمَةٌ ضِيزَى {22} إِنْ هِيَ إِلَّا أَسْمَاء سَمَّيْتُمُوهَا أَنتُمْ وَآبَاؤُكُم مَّا أَنزَلَ اللَّهُ بِهَا مِن سُلْطَانٍ إِن يَتَّبِعُونَ إِلَّا الظَّنَّ وَمَا تَهْوَى الْأَنفُسُ وَلَقَدْ جَاءهُم مِّن رَّبِّهِمُ الْهُدَى {23}

*гумон пайравӣ мекунанд, дар ҳоле ки ҳадсу гумон ҳаргиз одамиро аз ҳақ бениёз намекунад!*[1]

Бархе дигар аз мушрикон, аҷинаро парастиш мекарданд. Худованд дар бораи онон дар сураи Анъом фармуда аст:

***Ва ҷаъалӯ лиллоҳи шуракоал ҷинна ва халақаҳум ва харақу лаҳӯ банина ва банотин биғайри ъилмӣн субҳонаҳу ва таъоло ъаммо ясифӯн. Бадӣъус самовоти вал арзи анно якӯну лаҳӯ валадун ва лам такуна лаҳӯ соҳибатун ва халақа кулла шай'ин ва ҳува бикулли шай'ин ъалӣм Ê***

*Ä Барои Худо ҳамтоён ва анбозе аз ҷин қарор доданд, дар ҳоле ки онон офаридаи Худо ҳастанд. Ва барои ӯ бидуни ҳар гуна далелу донише писарон ва духтарон тарошиданд. Муназзаҳ аст Худо ва бартар аст аз он чи тавсиф мекунанд. Ӯ падидоварандаи осмонҳо ва замин аст; чӣ гуна мумкин аст фарзанде дошта бошад, дар ҳоле ки ҳамсаре надошта аст?! Ӯ ҳама чизро офарида ва ба ҳамаи ашё огоҳ аст.*[2]

---

[1] Сураи Наҷм, ояи 27-28.

إِنَّ الَّذِينَ لَا يُؤْمِنُونَ بِالْآخِرَةِ لَيُسَمُّونَ الْمَلَائِكَةَ تَسْمِيَةَ الْأُنثَى {27} وَمَا لَهُم بِهِ مِنْ عِلْمٍ إِن يَتَّبِعُونَ إِلَّا الظَّنَّ وَإِنَّ الظَّنَّ لَا يُغْنِي مِنَ الْحَقِّ شَيْئاً {28}

[2] Сураи Анъом, ояи 100-101.

وَجَعَلُواْ لِلّهِ شُرَكَاء الْجِنَّ وَخَلَقَهُمْ وَخَرَقُواْ لَهُ بَنِينَ وَبَنَاتٍ بِغَيْرِ عِلْمٍ سُبْحَانَهُ وَتَعَالَى عَمَّا يَصِفُونَ {100} بَدِيعُ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ أَنَّى يَكُونُ لَهُ وَلَدٌ وَلَمْ تَكُن لَّهُ صَاحِبَةٌ وَخَلَقَ كُلَّ شَيْءٍ وهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ {101}

Ва дар сураи Сабо фармудааст:

***Ва явма яҳшуруҳум ҷамӣъан сумма яқӯлул лилмалоикати а'ҳоулои ийёкум конӯ яъбудӯн. Қолӯ субҳонака анта валийюно мин дӯниҳим бал конӯ яъбудӯнал ҷинна аксаруҳум биҳим му'минӯн*** **Ê**

**Ä** *Ва рӯзе, ки Худованд ҳамаи ононро бармеангезад ва ба фариштагон мегӯяд: "оё инон шуморо мепарастиданд?!" Мегӯянд: муназзаҳӣ! Танҳо ту валии моӣ на онон; балки ҷинро парастиш мекарданд ва бештарашон ба онҳо имон доштанд!*[1]

Ин гурӯҳ аз мушрикон, ки малоикаро парастиш мекарданд, дар асри мо вуҷуд надоранд. Онон мунқариз шуда ва танҳо ёде аз кирдорашон боқӣ мондааст. Аммо, он ки дар замони мо ҳанӯз боқӣ монда ва мегӯянд Худованд писар дорад, Насоро ҳастанд, ки дар сураи Тавба дар бораи онон фармудааст:

***Ва қолатил яҳуду Ъузайрун ибнуллоҳи ва қолатин насоро ал-Масӣҳу ибнуллоҳи золика қавлуҳум биафвоҳиҳим юзоҳи'ӯна қавлал лазӣна кафарӯ мин қаблу қоталаҳумуллоҳу анно йу'факӯн*** **Ê**

---

[1] Сураи Сабо, ояи 40-41.

وَيَوْمَ يَحْشُرُهُمْ جَمِيعاً ثُمَّ يَقُولُ لِلْمَلَائِكَةِ أَهَؤُلَاء إِيَّاكُمْ كَانُوا يَعْبُدُونَ {40} قَالُوا سُبْحَانَكَ أَنتَ وَلِيُّنَا مِن دُونِهِم بَلْ كَانُوا يَعْبُدُونَ الْجِنَّ أَكْثَرُهُم بِهِم مُّؤْمِنُونَ {41}

***Ӓ****Яҳуд гуфтанд*: *"Узайр писари Худост*!*" Ин сухане аст*, *ки бар забон меоваранд ва бо гуфтори кофирони пешин дамсоз мешаванд*. *Худо ононро бикушад*, *аз роҳи ҳақ ба куҷо мунҳариф мешаванд*?!*[1]

Дар сураи Нисо мефармояд:

Эй Аҳли Китоб! Дар динатон ғулув ва зиёдаравӣ накунед! Ва дар бораи Худо сухан ба ғайри ҳақ нагӯед! Исои Масеҳ - писари Марям, фиристодаи Худо ва Калимаи ӯст, ки ба Марям илқо намуд; ва рӯҳе аз тарафи ӯ буд. Пас, ба Худо ва паёмбаронаш имон оваред ва нагӯед: "Худованд сегона аст!" Аз чунин гуфторе худдорӣ кунед, ки барои шумо беҳтар аст! Ба яқин Худо танҳо маъбуди ягона аст; ӯ муназзаҳ аст, ки фарзанде дошта бошад; ҳар чӣ дар осмонҳо ва замин аст аз они ӯст ва ҳамин бас, ки Худо мудаббир ва коргардони онҳо бошад.

Масеҳ - писари Марям, ҳаргиз аз ин ки бандаи Худо бошад ибо надорад ва фариштагони муқарраби ӯ низ чунинанд. Ҳар кас аз ибодат ва бандагии Худо рӯй бартобад ва такаббур варзад, ба зудӣ ҳамаи онро назди худ ҷамъ хоҳад кард.[2]

---

[1] Сураи Тавба, ояи 30.
**وَقَالَتِ الْيَهُودُ عُزَيْرٌ ابْنُ اللّهِ وَقَالَتْ النَّصَارَى الْمَسِيحُ ابْنُ اللّهِ ذَلِكَ قَوْلُهُم بِأَفْوَاهِهِمْ يُضَاهِؤُونَ قَوْلَ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِن قَبْلُ قَاتَلَهُمُ اللّهُ أَنَّى يُؤْفَكُونَ** {30}

[2] Сураи Нисо, ояи 171-172 .
**يَا أَهْلَ الْكِتَابِ لاَ تَغْلُواْ فِي دِينِكُمْ وَلاَ تَقُولُواْ عَلَى اللّهِ إِلاَّ الْحَقِّ إِنَّمَا الْمَسِيحُ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ رَسُولُ اللّهِ وَكَلِمَتُهُ أَلْقَاهَا إِلَى مَرْيَمَ وَرُوحٌ مِّنْهُ فَآمِنُواْ بِاللّهِ وَرُسُلِهِ وَلاَ تَقُولُواْ ثَلاَثَةٌ انتَهُواْ خَيْراً لَّكُمْ إِنَّمَا اللّهُ إِلَـهٌ وَاحِدٌ سُبْحَانَهُ أَن يَكُونَ لَهُ وَلَدٌ لَّهُ مَا فِي**

Дар сураи Моида мефармояд:

Онон, ки гуфтанд: "Худованд ҳамон Масеҳ - писари Марям аст", мусалламан кофир шуданд, дар ҳоле ки худи Масеҳ гуфт: Худоро ки Парвардигори ману шумост, бипарастед зеро, ҳар кас шарике барои Худо қарор диҳад, Худованд биҳиштро бар ӯ ҳаром карда аст ва ҷойгоҳи ӯ дӯзах аст ва ситамкорон ёру ёваре надоранд.

Онон, ки гуфтанд: "Худованд, яке аз се худо аст" ба яқин кофир шуданд; ҳеҷ маъбуде ҷуз Худои ягона нест; ва агар аз он чӣ мегӯянд даст набардоранд, азоби дардноке ба кофирони онҳо хоҳад расид. Оё ба сӯи Худо барнамегарданд ва аз ӯ талаби омурзиш намекунанд? Дар ҳоле ки Худованд омурзандаи меҳрубон аст.

Масеҳ - писари Марям, фақат фиристодаи Худо буд, ки пеш аз ӯ низ фиристодагони дигаре будаанд. Модараш зани бисёр ростгӯ буд; ҳар ду таом мехӯрданд; бингар чӣ гуна нишонаҳоро барои онон ошкор месозем! Ва бингар чи гуна аз ҳақ мунҳариф мешаванд. Бигӯ: "оё ҷуз Худованд, чизеро мепарастед, ки молики суд ва зиёни шумо нест?!" Ва Худо шунавою доност.[1]

---

السَّمَاوَات وَمَا فِي الأَرْض وَكَفَى بِاللّهِ وَكِيلاً {171} وَإِنَّ مِنكُمْ لَمَن لَّيُبَطِّئَنَّ فَإِنْ أَصَابَتْكُم مُّصِيبَةٌ قَالَ قَدْ أَنْعَمَ اللّهُ عَلَيَّ إِذْ لَمْ أَكُن مَّعَهُمْ شَهِيداً {72}

[1] Сураи Моида, ояи 72-76.

لَقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَالُواْ إِنَّ اللّهَ هُوَ الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ وَقَالَ الْمَسِيحُ يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ اعْبُدُواْ اللّهَ رَبِّي وَرَبَّكُمْ إِنَّهُ مَن يُشْرِكْ بِاللّهِ فَقَدْ حَرَّمَ اللّهُ عَلَيهِ الْجَنَّةَ وَمَأْوَاهُ النَّارُ

Ва боз дар ҳамон сура фармуда аст:

***Лақад кафарал лазӣна қолӯ инналлоҳа ҳувал Масӣҳу ибну Маряма. Қул фаман ямлику миналлоҳи шай'ан ин арода ан юҳликал Масӣҳабна Маряма ва уммаҳу ва ман фил арзи ҷамӣъан. Ва лиллоҳи мулкус самовоти вал арзи ва мо байнаҳумо яхлуқу мо яшоу валлоҳу ъало кулли шай'ин қадӣр*** Ê

Ä*Онон ки гуфтанд: "Худо ҳамон Масеҳ - писари Марям аст", ба яқин кофир шуданд; бигӯ: "агар Худо бихоҳад Масеҳ ибни Марям, модараш ва ҳамаи афроди рӯи заминро нобуд кунад, чӣ касе метавонад пешгирӣ кунад? Ҳукумати осмонҳо ва замин ва он чи миёни он ду қарор дорад, аз они Худо аст. Ҳар чӣ бихоҳад меофаринад ва ӯ бар ҳар чизе тавоно аст.*[1]

Ва дар сураи Оли Имрон фармудааст:

---

وَمَا لِلظَّالِمِينَ مِنْ أنصَارٍ {72} لَّقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَالُواْ إِنَّ اللّهَ ثَالِثُ ثَلاَثَةٍ وَمَا مِنْ إِلَـهٍ
إِلاَّ إِلَـهٌ وَاحِدٌ وَإِن لَّمْ يَنتَهُواْ عَمَّا يَقُولُونَ لَيَمَسَّنَّ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِنْهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ
{73} أَفَلاَ يَتُوبُونَ إِلَى اللّهِ وَيَسْتَغْفِرُونَهُ وَاللّهُ غَفُورٌ رَّحِيمٌ {74} مَّا الْمَسِيحُ ابْنُ
مَرْيَمَ إِلاَّ رَسُولٌ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِ الرُّسُلُ وَأُمُّهُ صِدِّيقَةٌ كَانَا يَأْكُلاَنِ الطَّعَامَ انظُرْ كَيْفَ
نُبَيِّنُ لَهُمُ الآيَاتِ ثُمَّ انظُرْ أَنَّى يُؤْفَكُونَ {75} قُلْ أَتَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللّهِ مَا لاَ يَمْلِكُ
لَكُمْ ضَرّاً وَلاَ نَفْعاً وَاللّهُ هُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ {76}

[1] Сураи Моида, ояи 17.
لَّقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَآلُواْ إِنَّ اللّهَ هُوَ الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ قُلْ فَمَن يَمْلِكُ مِنَ اللّهِ شَيْئاً إِنْ
أَرَادَ أَن يُهْلِكَ الْمَسِيحَ ابْنَ مَرْيَمَ وَأُمَّهُ وَمَن فِي الأَرْضِ جَمِيعاً وَلِلّهِ مُلْكُ السَّمَاوَاتِ
وَالأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا يَخْلُقُ مَا يَشَاءُ وَاللّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ {17}

***Инна масала Ъӣсо ъиндаллоҳи камасали Одама халақаҳу мин туробин сумма қола лаҳӯ кун фаякӯн Ê***

*Ä Масали Исо назд Худо ҳамчун Одам аст, ки ӯро аз хок офарид, сипас ба ӯ фармуд: "мавҷуд бош"! Ӯ ҳам фавран мавҷуд шуд.*[1]

Ва дар сураи Марям мефармояд:

***Ва қолӯ иттахазар раҳмону валадан. Лақад ҷи'тум шай'ан иддан. Такодус самовоту ятафаттарна минҳу ва таншаққул арзу ва тахиррул ҷиболу ҳаддан. Ан даъав лир раҳмони валадан. Ва мо янбағӣ лир раҳмони ин яттахиза валадан. Ин куллу ман фиссамовоти вал арзи илло отир раҳмони ъабдо Ê***

*Ä Ва гуфтанд: "Худованди раҳмон фарзанде барои худ баргирифт." Ростиро ки сухани мункир ва нописанде гуфтед! Наздик аст ба хотири ин сухан, осмонҳо аз ҳам муталошӣ гардад ва замин шикофта шавад ва кӯҳҳо аз ҳам фурӯ резад. Аз ин рӯ, ки барои Худои раҳмон фарзанде қоил шуданд! Дар ҳоле ки ҳаргиз барои Худованди раҳмон сазовор нест, ки фарзанде баргузинад. Ҳеҷ кас дар осмонҳо ва замин боқӣ намемонад, магар он ки бо хузуъ ва бандагӣ назди Худо ояд.*[2]

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 59.

إِنَّ مَثَلَ عِيسَى عِندَ اللّهِ كَمَثَلِ آدَمَ خَلَقَهُ مِن تُرَابٍ ثِمَّ قَالَ لَهُ كُن فَيَكُونُ {59}

[2] Сураи Марям, ояи 88-93.

Худованд дар оёти сураи Ихлос бар ҳамаи гуфтор ва пиндори ин гурӯҳ хати бутлон кашида ва фармудааст:

> ***Бисмиллоҳир раҳмонир раҳӣм. Қул ҳуваллоҳу аҳад. Аллоҳус самад. Лам ялид ва лам юлад. Ва лам якун лаҳӯ куфуван аҳад*** **Ê**
>
> **Ä** *Бигӯ: Худованд якто ва ягона аст; Худованд бениёзи мутлақ аст; ҳаргиз назода ва зода нашуда; ва ҳамто ва монанде барои ӯ нест.*

**Шарҳи вожаҳо**

Барои он ки аз баҳси гузашта натиҷаи беҳтар бигирем, бархе аз алфози оётро , тавзеҳ медиҳем:

***Ифк:*** дурӯғ ва ифтиро ва рӯйгардондан аз ҳақ ба сӯи ботил.

***Казӣм:*** касе, ки ғаму андӯҳи шадид ва ҷонкоҳ дорад.

***Султон:*** султон дар ин ҷо ба маънои далел ва бурҳон аст.

***Зӣзо:*** ҷоирона ва ситамгарона, "*қисмату зӣзо*": тақсими ноодилона.

***Харқ:*** иддаои дурӯғин, сохтагӣ ва тарошиданӣ.

***Бадӣъ:*** падидоваранда ва эҷодкунандае, ки падидаи ӯ бесобиқа ва ибтикорӣ бошад. *Бадиъус самовоти вал арз,*

---

وَقَالُوا اتَّخَذَ الرَّحْمَنُ وَلَداً {88} لَقَدْ جِئْتُمْ شَيْئاً إِدّاً {89} تَكَادُ السَّمَاوَاتُ يَتَفَطَّرْنَ
مِنْهُ وَتَنشَقُّ الْأَرْضُ وَتَخِرُّ الْجِبَالُ هَدّاً {90} أَن دَعَوْا لِلرَّحْمَنِ وَلَداً {91} وَمَا
يَنبَغِي لِلرَّحْمَنِ أَن يَتَّخِذَ وَلَداً {92} إِن كُلُّ مَن فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ إِلَّا آتِي
الرَّحْمَنِ عَبْداً {93}

яъне: падидоварандаи осмон ва замин, бидуни васила ва абзор ва модели аз пеш таъиншуда ва бидуни модда, замон ва макон. Пас, гуфтани *бадиъ* (мухтареъи ҳақиқӣ) ба ғайри Худо раво нест.

***Юзоҳиӯн:*** *юшобиҳӯн*, яъне шабеҳ ва ҳамонанд мекунанд.

***Иддан:*** *идд* ба маънои амри азим ва чизи нописанд ва бисёр зишт аст.

***Ҳадд:*** вайронии сахту шадид ва нобудӣ, кӯбидан ва хароб кардани бино.

***Масӣҳ:*** Масеҳ лақаби Исо писари Марям ва баргардони вожаи ибронии Машеҳ аст, зеро он ҳазрат бо масҳ кардан ва даст кашидан бар андоми афроди ба бемории пес гирифторшуда ва нобиноёни модарзод, ононро ба изни Худои мутаол шифо мебахшид.

***Калима:*** махлуқе, ки Худованд ӯро бо лафзи: кун (мавҷуд шав) ва ҳамонанди он меофаринад ва аз равиши маъмул ва шинохташудаи хилқат, яъне офариниш тавассути сабабҳо, ҷудо аст. Исо[а] аз он рӯ "*Калимаи Худо*" номида шуда аст, ки Худованд бо гуфтани калимаи: *кун* (*мавҷуд шав*) ӯро офарида аст; ҳамон гуна, ки Закариёи паёмбар[а]-ро мавриди хитоб қарор дода ва фармуда аст:

> ***Анналлоҳа юбашширука би-Яҳё мусаддиқан бикалиматин миналлоҳ Ê***

*ÄХудованд туро ба "Яҳё" башорат медиҳад, касе ки калимаи Худо (Масеҳ)-ро тасдиқ мекунад.*[1]

Ва хитоб ба Марям(а) фармуда аст:

***Инналлоҳа юбашшируки бикалиматин минҳусмуҳул Масӣҳу Ъӣсабну Марям Ê***

*ÄХудованд туро ба калимае аз тарафи худаш башорат медиҳад, ки номаш "Масеҳ, Исо писари Марям" аст.*[2]

Ва дар ояе, ки гузашт омада буд:

Ба яқин Масеҳ, Исо ибни Марям, фақат фиристодаи Худо ва калимаи (махлуқ)-и ӯст.[3]

Номидани Исо(а) ба "Калима", аз қабили номидани мусаббаб ба исми сабаб мебошад, яъне чун калимаи Худо (кун) сабаи пайдоиши Исо(а), ки мусаббаби он аст, гардида, номи сабаб бар мусаббаби ниҳода шуда аст.

***Сиддӣқа:*** *сиддиқ* касе аст, ки ҳаргиз дурӯғ намегӯяд, дурустии гуфторашро бо кирдори хуб исбот мекунад.

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 39.

**... أنَّ اللّـهَ يُبَشِّـرُكَ بِيَحْيَـى مُصَـدِّقاً بِكَلِمَـةٍ مِّـنَ اللّـهِ وَسَـيِّداً وَحَصُـوراً وَنَبِيّـاً مِّـنَ الصَّالِحِينَ** {39}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 45.

**... إِنَّ اللّهَ يُبَشِّرُكِ بِكَلِمَةٍ مِّنْهُ اسْمُهُ الْمَسِيحُ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ ... (45)**

[3] Сураи Нисо, ояи 171.

**يَا أَهْلَ الْكِتَابِ لاَ تَغْلُواْ فِي دِينِكُمْ وَلاَ تَقُولُواْ عَلَى اللّهِ إِلاَّ الْحَقِّ إِنَّمَا الْمَسِيحُ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ رَسُولُ اللّهِ وَكَلِمَتُهُ أَلْقَاهَا إِلَى مَرْيَمَ وَرُوحٌ مِّنْهُ فَآمِنُواْ بِاللّهِ وَرُسُلِهِ وَلاَ تَقُولُواْ ثَلاَثَةٌ انتَهُواْ خَيْراً لَّكُمْ إِنَّمَا اللّهُ إِلَـهٌ وَاحِدٌ سُبْحَانَهُ أَن يَكُونَ لَهُ وَلَدٌ لَّهُ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الأَرْضِ وَكَفَى بِاللّهِ وَكِيلاً** {171}

Сиддиқин дар фазл ва мақом, пас аз анбиё қарор доранд ва сиддиқа муаннаси (занонаи) сиддиқ аст.

***Ъабд:*** *ъабд* дар ин ҷо ба маънои банда ва бардае аст, ки ихтиёри суд, зиён, марг ва зиндагии худро надорад.

***Самад:*** *самад* ҳамон касе аст, ки на зода шуда ва на ҳамто ва на ҳамонанд дорад. Яъне: ҳеҷ чиз аз ӯ берун наомада аст; чӣ ашёи ҷирмдор, сангин, пур, монанди: фарзанд ва амсоли он, ки махлуқ зода мешавад ва чӣ ашёи латиф, беҷирм, нарму нозук, монанди: нафси одамӣ ва ҳайвонӣ ва...

Худои субҳонро на лаҳзае хоб (пинак) мебарад ва на ғаму андӯҳ фаро гирад. Биму умед, бемайлию сурур, хандаю гиря, гуруснагию серӣ ва хастагию нишот ӯро ориз нагардад.

Ӯ аз ҳеҷ чиз берун наомада, он гуна ки ашёи ҷирмдори пурвазни фарбеҳ аз ҳамонанди худ берун меояд, мисли ҷунбандаҳо аз ҷунбанда ва рӯиданиҳо аз замин ва обҳо аз чашма ва меваҳо аз дарахт.

Ҳамчунон ки аз ҳеҷ як аз ашёи латиф ва беҷирм берун наомада аст, он гуна ки оташ аз санг меҷаҳад, ё сухан аз забон берун меояд, шинохту ташхис аз қалб, равшанӣ аз офтоб ва нур аз моҳ.

Ҳеҷ чиз монанди ӯ нест, балки ӯ ягонаи воҳиди самаде аст, ки на аз чизе берун омада аст, на дар чизе печида аст ва на бар чизе такя дорад. Падидоваранда, мухтареъ ва эҷодкунандаи ҳамаи чизҳо ӯст ва ҳамаро бо дасти қудрати худ офарида аст.

Ҳар чиро бихоҳад ба хости худ нобуд мекунад ва ҳар чиро дар илми худ салоҳ бидонад боқӣ мегузорад. Ин аст он Худои самаде, ки на зода ва на зода шуда аст, куфву ҳамонанд ва ҳамто надорад.

## Тафсири оёт

Худованд дар оёти гузашта, бархе аз яҳуди замони Паёмбар(с)-ро муаррифӣ мекунад ва мефармояд: онон мегуфтанд: "Узайр писари Худост!". Ин тоифа ба куллӣ мунқариз ва нобуд шуданд, чунонки бархе аз мушрикин, ки мегуфтанд: "Фариштагон духтари Худо ҳастанд" низ мунқариз гардиданд. Вале Насоро то ба имрӯз боқӣ мондаанд ва ҳамон гуна ки Худои мутаол аз эшон хабар дода аст, (онҳо) мегӯянд: *Масеҳ писари Худост*. Ва мегӯянд: *Худованд яке аз се худост: Аб, Ибн ва Рӯҳулқудус*. Ростиро ки наметавон фаҳмид, чӣ гуна Худои воҳид сегона мешавад ва ҳамон сегона воҳид! Насоро бо ин суханонашон бо куффор ҳамонандӣ ва шабоҳат нишон додаанд ва бо ин қавл ба Худо будани Масеҳ мӯътақид шуданд. Дар ҳоле ки Масеҳ касе ҷуз фиристодаи Худо нест, ки пеш аз ӯ ҳам фиристодагоне будаанд, модараш низ зани ростгӯ ва дурусткирдор буд. Ҳар ду монанди дигарон таом мехӯрданд ва бадеҳӣ аст, ки ҳар кас ғизо бихӯрад ниёзманд ва ночор аз холӣ намудани он аз меъда мегардад ва аз худ наҷосат ба ҷой мегузорад. Чунин фарде наметавонад "илоҳ ва маъбуд" бошад, балки Исо ибни Марям “Калимаи Худо” аст, ки ӯро ба Марям илқо фармуд. Агарчи Насоро ӯро барои он ки бидуни падар ба дунё омада аст, писари Худо

мегӯянд; пайдоиши ӯ ҳамонанди пайдоиши Одам[а] аст, ки Худованд ӯро аз хок офарид ва ба ӯ гуфт: "Мавҷуд бош"! Ӯ "мавҷуд шуд". Ба ростӣ агар бино бар он аст, ки барои Худо фарзандоне бошад (ва Худо муназзаҳ ва бартар аз он аст, ки фарзанд дошта бошад), Одам[а], ки сазовортар аст то писари Худо бошад; аз ин сухани ботил ба Худо паноҳ мебарем. Инон ҳама "Одам ва Исо" ва "малоика ва ҷин ва инс ва осмонҳо ва замин" аз офаридаҳои Худоянд. Ва чӣ дуруст фармуда аст, Худои субҳон:

***Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Қул ҳуваллоҳу аҳад. Аллоҳус самад. Лам ялид ва лам юлад. Ва лам якун лаҳӯ куфуван аҳад.***

Имом Ҳусайн[а] дар посух ба номаи мардуми Басра, ки аз маънои "самад" пурсида буданд, барои онон навишт:

***Ба номи Худованди раҳмону раҳим***

*Аммо баъд! Бидуни илму дониш дар Қуръони карим фурӯ наравед. Дар он муҷодила накунед, надониста дар бораи он сухан нагӯед, ки ман аз ҷаддам расули Худо[с] шунидам, ки мефармуд: ҳар кас дар бораи Қуръон надониста сухан гӯяд ҷойгоҳи худро дар оташ баргузинад. Худои субҳону мутаол, "самад"-ро дар Қуръон тафсир карда ва фармудааст:*

*Худо ягона аст, Худо самад аст, сипас онро шарҳ додааст, ки на зода ва на зодашуда, куфв, ҳамто ва ҳаммонанде надорад. На чизе монанди фарзанд ва амсоли он аз ашёи сақил ва сангин-(ки аз махлуқот берун меояд)-аз ӯ*

*берун омада, ва на чизе аз ашёи латиф ва ғайри сангин мисли нафсу ҷон. Аз чурту пинакӣ, хобу ваҳм, ғаму андӯҳ, хандаю гиря, биму умед, тамоюлу безорӣ ва гуруснагию серӣ муназзаҳ ва мубаррост. Ӯ бартар аз он аст, ки ашёи латиф ва дурушт аз ӯ берун ояд. На зода шуда ва на аз чизе ба вуҷуд омада, ё аз он хориҷ шуда-(он гуна, ки ашёи ҷирмдор аз аносири худ берун меоянд, ё ҷунбандагон ва наботот аз замин мерӯянд ва зода мешаванд, ё об аз чашмасорон ва мева аз дарахтон зуҳӯр меёбанд)-ҳамон гуна, ки аз синфи ашёи латифе ҳам нест, ашёе, ки ба марокизи худ вобастаанд, монанди: дидан, ки аз чашм аст, шунидан, ки аз гӯш, бӯидан, ки аз бинӣ, чашидан аз даҳон, сухан гуфтан аз забон, маърифату шинохт аз қалб ва оташ аз санг. На, ҳеҷ як аз инҳоро ҳамонанд нест, балки ӯст Худои ягонаи беҳамтои самад, ки на аз чизе аст, на дар чизе, на бар чизе. Падидоваранда ва ихтироъкунандаи чизҳо аст, холиқ ва эҷодкунандаи онҳо ба дасти қудрати худ, ҳар чиро бо машият ва хости худ барои нобудӣ офарида дар ҳам навардад ва ҳар чиро ба илми худ барои бақо ва будан офарида, боқӣ нигаҳ медорад. Ин аст он Худои ягонаи самад, ки на зода ва на зодашуда, ҳамто ва ҳамонанд ва ҳамтироз надорад.*

## Натиҷаи баҳс

Дар миёни мӯътақидон ба бисёрхудоӣ, афроде монанди мушрикини Қурайш буданд, ки мегуфтанд: "Фариштагон духтарони Худоянд". Ин тоифа мунқариз ва нобуд шудаанд.

Афроди дигаре буданд, ки мегуфтанд: "Азиз писари Худост"; мисли бархе яҳуди замони Пайғамбар(с). Ин гурӯҳ низ мунқариз гардиданд.

Бархе аз онон мегуфтанд: "Исо ибни Марям писари Худост ва Худо яке аз худоёни сегона аст: Аб, Ибн ва Рӯҳулқудус. Ҳамаи Насоро то имрӯз ба он гуфта пойбанданд.

Бархе дигар, ҷинро мепарастиданд. Ин тоифа дар давраҳои мухталиф дидгоҳҳо ва мазоҳиби гуногуне дар бораи ҷин доштанд.

Худованд дар Қуръони карим ботил будани ҳамаи ин гуна гуфтаҳо ва ақволро ошкор кардааст; он ҷо, ки аз пиндори фариштапарастон хабар дод, ки мегуфтанд: фариштагон духтарони Худоянд ва муаннас ҳастанд. Фармуд: оё инон офариниши фариштагонро назорагар буданд ва дидаанд, ки онон муаннас (мода) ҳастанд? Ва он ҷо, ки аз Масеҳ ва модараш сухан гуфт, фармуд: ин ду таом мехӯранд, дар ҳоле ки мо медонем ҳар кас таом бихӯрад мадфуъ дорад ва хӯрдан ва мадфуъгузоридан аз сифоти башарӣ аст. Ва фармуд: масали Исо дар валодат ва офариниши ӯ бидуни падар, монанди Одам ва офариниши ӯ аз хок аст, ки илова бар падар, модар ҳам надошт!

Пас, ба яқин Исо, фариштагон, ҷин ва ҳамаи мавҷудоти осмонҳо ва замин, ҳама ва ҳама бандагони Худоянд. Худо на касеро зода ва на аз касе зодашуда, мислу монанд ва куфву ҳамто надорад.

Қуръони карим ҳамин хел улуҳият, яъне офаринишро мунҳасир ва хоси Худованди ягона ва бешарик медонад ва бар он истидлол мекунад ва ҳар он чи ғайр аз Офаридгори ягона бошад, онро махлуқи ӯ медонад.

Дар баҳси оянда синфҳои махлуқоти Худоро бар асоси силсилаи маротибашон дар ҳастӣ, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

## *1 – Малоика*

Муфради он малак, яъне фаришта, синфе аз махлуқоти болдори[1] Худо ва дорои маргу зиндагӣ ҳастанд. Онон бандагони мутеъ ҳастанд, ки Худоро парастиш мекунанд, дастуроташро итоат карда ва ҳаргиз аз фармони ӯ сарпечӣ намекунанд. Гоҳе дар анҷоми дастурот ва фармонбардорӣ аз Худо ба сурати инсон низ зоҳир мешаванд. Худованд расулони худро аз эшон баргузида аст. Чунончи дар сураи Фотир фармуд аст:

***Алҳамду лиллоҳи фотирис самовоти вал арзи ҷоъилил малоикати русулан ӯли аҷниҳатин масно ва сулоса ва рубоъа язӣду фил халқи мо яшоу, инналлоҳа ъало кулли шай' ин қадӣр Ê***

*Ä Ҳамду ситоиш махсуси Худованди офаринандаи осмонҳо ва замин аст. Худованде, ки фариштагонро паёмрасононе қарор дод, дорои болҳои дугона, сегона, чаҳоргона ва ҳарчи бихоҳад дар*

[1] Болдорро бинобар он чи Қуръони карим фармудааст, мегӯем, аммо кайфият ва чигунагии онро намедонем.

*офариниш меафзояд, Худованд бар ҳар чизе тавоност.*[1]

Дар сураи Зухруф мефармояд:

***Ва ҷаъалул малоикатал лазӣна ҳум ъибодур раҳмони иносан а шаҳидӯ халқаҳум*** **Ê**

**Ä** *Инон фариштагонро, ки бандагони Худованди раҳмонанд муаннас пиндоштанд; оё шоҳиди офариниши онҳо будаанд?!*[2]

Дар сураи Шӯро мефармояд:

***Вал малоикату юсаббиҳӯна биҳамди раббиҳим ва ястағфирӯна лиман фил арз*** **Ê**

**Ä** *Фариштагон пайваста тасбеҳгӯ ва ситоишгари парвардигорашон буда ва барои касоне, ки дар замин ҳастанд аз Худо омурзиш мехоҳанд.*[3]

Дар сураи Наҳл мефармояд:

***Яхофӯна раббаҳум мин фавқиҳим ва яфъалӯна мо йуъмарӯн*** **Ê**

**Ä** *Онон танҳо аз мухолифати парвардигорашон, ки ҳоким бар онҳост, метарсанд; ва ҳарчиро маъмур шуданд ба анҷом мерасонанд.*[4]

---

[1] Сураи Фотир, ояи 1.

**الْحَمْدُ لِلَّهِ فَاطِرِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ جَاعِلِ الْمَلَائِكَةِ رُسُلاً أُولِي أَجْنِحَةٍ مَّثْنَى وَثُلَاثَ وَرُبَاعَ يَزِيدُ فِي الْخَلْقِ مَا يَشَاءُ إِنَّ اللَّهَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ** {1}

[2] Сураи Зухруф, ояи 19.

**وَجَعَلُوا الْمَلَائِكَةَ الَّذِينَ هُمْ عِبَادُ الرَّحْمَنِ إِنَاثاً أَشَهِدُوا خَلْقَهُمْ سَتُكْتَبُ شَهَادَتُهُمْ وَيُسْأَلُونَ** {19}

[3] Сураи Шӯро, ояи 5.

**... وَالْمَلَائِكَةُ يُسَبِّحُونَ بِحَمْدِ رَبِّهِمْ وَيَسْتَغْفِرُونَ لِمَن فِي الْأَرْضِ ...** {5}

[4] Сураи Наҳл, ояи 50.

Дар бораи ин ки гоҳе ба сурати инсон низ медароянд, дар сураи Марям фармуда аст:

***Фаарсално илайҳо рӯҳано фатамассала лаҳо башаран савийё. Қолат иннӣ аъӯзу бирраҳмони минка ин кунта тақийё. Қола иннамо ано расӯлу раббики лиаҳаба лаки ғуломан закийё*** **Ê**

**Ä***Мо руҳи худро ба сӯи ӯ фиристодем ва ӯ дар шакли инсони мутаодил ва беайб бар Марям зоҳир шуд! Марям сахт тарсид ва гуфт: ман аз шарри ту, ба Худои раҳмон паноҳ мебарам, агар парҳезкорӣ! Фаришта гуфт: "Ман фиристодаи Парвардигори ту ҳастам"; омадаам то писари пок ва покизае ба ту бибахшам!*[1]

Дар сураи Ҳуд дар бораи фурӯ фиристодани азоб бар қавми Лут аз омадани фариштагон ба сурати инсон хабар дода ва фармуд:

*Расулон барои Иброҳим башорат овардананд ва гуфтанд:* **С***алом! Ӯ низ бар онон салом гуфт ва тӯле накашид, ки гӯсолаи биряне барои онҳо овард. Аммо, ҳангоме ки дид дасти онҳо ба он намерасад ва аз он намехӯранд, нописандашон дид ва дар дил аз онон эҳсоси тарс кард. Онон ба ӯ гуфтанд: натарс; мо ба сӯи қавми Лут фиристода шудаем... Ва ҳангоме, ки фиристодагони мо, (фариштагони азоб), ба назди Лут омаданд, аз омаданашон нороҳат шуд ва қалбаш фишурада гашт ва гуфт: "Имрӯз рӯзи бисёр*

---

يَخَافُونَ رَبَّهُم مِّن فَوْقِهِمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ {50}

[1] Сураи Марям, ояи 17-19.

... فَأَرْسَلْنَا إِلَيْهَا رُوحَنَا فَتَمَثَّلَ لَهَا بَشَراً سَوِيّاً {17} قَالَتْ إِنِّي أَعُوذُ بِالرَّحْمَن مِنكَ إِن كُنتَ تَقِيّاً {18} قَالَ إِنَّمَا أَنَا رَسُولُ رَبِّكِ لِأَهَبَ لَكِ غُلَاماً زَكِيّاً {19}

*сахте аст"... Фариштагон гуфтанд: Эй Лут! Мо расулони Парвардигори туем! Онон ҳаргиз ба ту даст нахоҳанд ёфт...*[1]

Дар сураи Анфол дар бораи фариштагон ва ин ки чӣ гуна дар симои ҷангҷӯён дар ҷанги Бадр ба ёрии мусулмонон омаданд, фармуд:

***Из тастағӣсӯна раббакум фастаҷоба лакум аннӣ мумиддукум биалфин минал малоикати мурдифӣн Ê***

***Ä****Ба ёд оваред ҳангомеро, ки аз шиддати нороҳатӣ дар миёни Бадр, аз Парвардигоратон кӯмак мехостед; ва ӯ хостаи шуморо пазируфт ва фармуд: ман шуморо бо як ҳазор аз фариштагон, ки пушти сари ҳам фуруд меоянд, ёрӣ мекунам.*[2]

Ва дунболи он мефармояд:

***Из юҳӣ раббука илал малоикати аннӣ маъакум фасаббитул лазӣна оману саулқӣ фӣ қулӯбил лазӣна кафарур руъба, фазрибӯ фавқал аъноқи вазрибӯ минҳум кулла банон Ê***

***Ä****Ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон ваҳй кард: "Ман бо шумо ҳастам" касонеро, ки имон овarданд, собитқадам доред! Ба зудӣ дар дилҳои*

[1] Сураи Ҳуд, ояи 69-71.

**وَلَقَدْ جَاءتْ رُسُلُنَا إِبْرَاهِيمَ بِالْبُـشْرَى قَالُواْ سَلاَماً قَالَ سَلاَمٌ فَمَا لَبِثَ أَن جَاء بِعِجْلٍ حَنِيذٍ** {69} **فَلَمَّا رَأَى أَيْدِيَهُمْ لاَ تَصِلُ إِلَيْهِ نَكِرَهُمْ وَأَوْجَسَ مِنْهُمْ خِيفَةً قَالُواْ لاَ تَخَفْ إِنَّا أُرْسِلْنَا إِلَى قَوْمِ لُوطٍ** {70} **وَامْرَأَتُهُ قَآئِمَةٌ فَضَحِكَتْ فَبَشَّرْنَاهَا بِإِسْحَاقَ وَمِن وَرَاء إِسْحَاقَ يَعْقُوبَ** {71}

[2] Сураи Анфол, ояи 9.

**إِذْ تَسْتَغِيثُونَ رَبَّكُمْ فَاسْتَجَابَ لَكُمْ أَنِّي مُمِدُّكُم بِأَلْفٍ مِّنَ الْمَلآئِكَةِ مُرْدِفِينَ** {9}

*кофирон тарс ва ваҳшат меафканам; зарбаҳоро бар болои гардан фурӯ оред ва ҳамаи ангӯштонашонро қатъ кунед.*[1]

Дар сураи Оли Имрон фармуда аст:

***Из тақӯлу лилму'минӣна алан якфиякум ан юмиддакум раббукум бисалосати олофин минал малоикати мунзалӣн. Бало ин тасбирӯ ва таттақӯ ва йа'тӯкум мин фавриҳим ҳозо юмдидкум раббукум бихамсати олофин минал малоикати мусаввамӣн*** **Ê**

**Ä** *Ҳангоме ки ба мӯъминон гуфтӣ: оё шуморо кофӣ нест, ки Парвардигоратон бо се ҳазор фариштае, ки аз осмон фуруд меоянд кӯмакатон кунанд?! Оре, агар истиқомат варзед ва тақво пеша кунед ва душман ба ҳамин зудӣ ба суроғи шумо биёяд, Худовандатон ба панҷ ҳазор фариштаи нишондор ёрӣ хоҳад кард!*[2]

Дар бораи гузиниши фариштагон ба паёмрасонӣ мефармояд:

***Аллоҳу ястафӣ минал малоикати русулан ва минанноси...*** **Ê**

---

[1] Сураи Анфол , ояи 12.

إِذْ يُوحِي رَبُّكَ إِلَى الْمَلآئِكَةِ أَنِّي مَعَكُمْ فَثَبِّتُواْ الَّذِينَ آمَنُواْ سَأُلْقِي فِي قُلُوبِ الَّذِينَ كَفَرُواْ الرَّعْبَ فَاضْرِبُواْ فَوْقَ الأَعْنَاقِ وَاضْرِبُواْ مِنْهُمْ كُلَّ بَنَانٍ {12}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 124-125.

إِذْ تَقُولُ لِلْمُؤْمِنِينَ أَلَن يَكْفِيكُمْ أَن يُمِدَّكُمْ رَبُّكُم بِثَلاَثَةِ آلاَفٍ مِّنَ الْمَلآئِكَةِ مُنزَلِينَ {124} بَلَى إِن تَصْبِرُواْ وَتَتَّقُواْ وَيَأْتُوكُم مِّن فَوْرِهِمْ هَذَا يُمْدِدْكُمْ رَبُّكُم بِخَمْسَةِ آلافٍ مِّنَ الْمَلآئِكَةِ مُسَوِّمِينَ {125}

*Ä Худованд аз фариштагон расулоне бармегузинад ва аз мардумон низ...*[1]

Дар бораи фиристодани ваҳй тавассути онон фармуд:

***Иннаҳу лақавлу расӯлин карӣм. Зӣ қувватин ъинда зил ъарши макӣн. Мутоъин сумма амӣн Ê***

*Ä Ин сухани расули бузургвор (Ҷабраил) аст. Соҳиби қудрат аст, ки назди Худованди соҳиби Арш мақоми волое дорад. Дар осмонҳо мутоъ ва амин аст.*[2]

Дар сураи Бақара фармуд:

***Қул ман кона ъадувван ли-Ҷибрӣла фаиннаҳу наззалаҳу ъало қалбика биизниллоҳ... Ê***

*Ä Бигӯ: ҳар кас душмани Ҷабраил бошад (дар ҳақиқат душмани Худост), зеро ӯ ба фармони Худо, Қуръонро бар ту нозил карда аст...*[3]

Дар сураи Шуаро мефармояд:

***Ва иннаҳу латанзӣлу раббил ъоламӣн. Назала биҳир рӯҳул амӣн. Ъало қалбика литакӯна минал мунзирӣн Ê***

---

[1] Сураи Ҳаҷ, ояи 75.

اللَّهُ يَصْطَفِي مِنَ الْمَلَائِكَةِ رُسُلاً وَمِنَ النَّاسِ ... {75}

[2] Сураи Таквир, ояи 19-21.

إِنَّهُ لَقَوْلُ رَسُولٍ كَرِيمٍ {19} ذِي قُوَّةٍ عِندَ ذِي الْعَرْشِ مَكِينٍ {20}

مُطَاعٍ ثَمَّ أَمِينٍ {21}

[3] Сураи Бақара, ояи 97.

قُلْ مَن كَانَ عَدُوّاً لِّجِبْرِيلَ فَإِنَّهُ نَزَّلَهُ عَلَى قَلْبِكَ بِإِذْنِ اللَّهِ ... {97}

*Ä Ба яқин ин Қуръон, аз сӯи Парвардигори оламиён фиристода шуда аст. Руҳуламин онро нозил карда аст бар қалби ту, то аз бимдиҳандагон бошӣ.*[1]

Дар сураи Наҳл фармуда аст:

***Қул наззалаҳу рӯҳул қудуси мин раббика бил ҳаққи лиюсаббитал лазӣна оману ва ҳудан ва бушро лил муслимӣн Ê***

*Ä Бигӯ: ин Қуръонро, Руҳулқудус аз ҷониби Парвардигорат баҳақ нозил карда аст, то афроди боимонро собитқадам бидорад ва мусулмононро мояи ҳидоят ва башорат бошад.*[2]

Дар сураи Бақара низ фармуда аст:

***...Ва отайно Ъисабна Марямал баййиноти ва айядноҳу бируҳил қудуси... Ê***

*Ä ...Ва Исо ибни Марямро далоили равшан додем; ва ӯро ба василаи Руҳулқудус ёрӣ кардем...*[3]

***Таназзалул малоикату вар рӯҳу фӣҳо биизни раббиҳим мин кулли амр Ê***

---

[1] Сураи Шуаро, ояи 192-194.

وَإِنَّهُ لَتَنزِيلُ رَبِّ الْعَالَمِينَ {192} نَزَلَ بِهِ الرُّوحُ الْأَمِينُ {193} عَلَى قَلْبِكَ لِتَكُونَ مِنَ الْمُنذِرِينَ {194}

[2] Сураи Наҳл, ояи 102.

قُلْ نَزَّلَهُ رُوحُ الْقُدُسِ مِن رَّبِّكَ بِالْحَقِّ لِيُثَبِّتَ الَّذِينَ آمَنُواْ وَهُدًى وَبُشْرَى لِلْمُسْلِمِينَ {102}

[3] Сураи Бақара, ояи 87 ва 253.

... وَآتَيْنَا عِيسَى ابْنَ مَرْيَمَ الْبَيِّنَاتِ وَأَيَّدْنَاهُ بِرُوحِ الْقُدُسِ ... {87}

... وَآتَيْنَا عِيسَى ابْنَ مَرْيَمَ الْبَيِّنَاتِ وَأَيَّدْنَاهُ بِرُوحِ الْقُدُسِ ... {253}

*Ä Фариштагон дар шаби Қадр ба изни Парвардигорашон барои тақдири ҳар коре фуруд меоянд.*[1]

Бархе аз онон муроқиб ва нигаҳбони инсонанд, чунонки дар сураи Қоф мефармояд:

***Ва лақад халақнал инсона ва наъламу мо тувасвису биҳӣ нафсуҳу ва наҳну ақрабу илайҳи мин ҳаблил варӣд. Из яталаққал муталақиёни ъанил ямӣни ва ъаниш шимоли қаъӣд. Мо ялфизу мин қавлин илло ладайҳи рақӣбун ъатӣд Ê***

*Ä Мо инсонро офаридем ва васвасаҳои нафс ва даруни ӯро медонем ва мо ба ӯ аз раги қалбаш наздиктарем. Он ҳангоме ки ду фариштаи рост ва чап, ки мулозими ӯ ҳастанд, аъмолашро дарёфт медоранд, ҳеҷ суханеро бар забон намеовард, магар он ки ҳамон дам фариштае, муроқиб ва омодаи дарёфту забти он аст.*[2]

Яке аз фариштагон "Малакулмавт" аст, Худои субҳон фармуда аст:

***Қул ятаваффокум малакулмавти, аллазӣ вуккила бикум сумма ило раббикум турҷаъӯн Ê***

---

[1] Сураи Қадр, ояи 4.

تَنَزَّلُ الْمَلَائِكَةُ وَالرُّوحُ فِيهَا بِإِذْنِ رَبِّهِم مِّن كُلِّ أَمْرٍ {4}

[2] Сураи Қоф, ояи 16-18.

وَلَقَدْ خَلَقْنَا الْإِنسَانَ وَنَعْلَمُ مَا تُوَسْوِسُ بِهِ نَفْسُهُ وَنَحْنُ أَقْرَبُ إِلَيْهِ مِنْ حَبْلِ الْوَرِيدِ {16} إِذْ يَتَلَقَّى الْمُتَلَقِّيَانِ عَنِ الْيَمِينِ وَعَنِ الشِّمَالِ قَعِيدٌ {17} مَا يَلْفِظُ مِن قَوْلٍ إِلَّا لَدَيْهِ رَقِيبٌ عَتِيدٌ {18}

*Ä Бигӯ: фариштаи марг, ки бар шумо маъмур шуда, рӯҳи шуморо мегирад; сипас ба сӯи Парвардигоратон баргардонда мешавед.*[1]

Бархе аз онон муовинон ва ёрдамчиёни Малакулмавтанд, чунонки фармуд:

***...Ҳатто изо ҷоа аҳадакумул мавту таваффатҳу русулуно ва ҳум ло юфарритун Ê***

*Ä...Ҳангоме ки марги яке аз шумо фаро расид, фиристодагони мо ҷонашро мегиранд; онон дар анҷоми вазоиф кӯтоҳӣ намекунанд.*[2]

Дар сураи Наҳл мефармояд:

***Аллазӣна татаваффоҳумул малоикату золимӣ анфусиҳим, фаалқавус салама мо кунно наъмалу мин сӯин, бало инналоҳа ъалӣмун бимо кунтум таъмалӯн. Фадхулӯ абвоба ҷаҳаннама холидӣна фӣҳо... Аллазӣна татаваффоҳумул малоикату тайййибӣна яқӯлӯна саломун ъалайкум, удхулул ҷannата бимо кунтум таъмалӯн Ê***

*Ä Онон ки фариштагони марг рӯҳашонро мегиранд, дар ҳоле ки ба худ ситам кардаанд! Дар ин мавқеъ таслим мешаванд ва мегӯянд: мо кори баде анҷом надодем! Оре, Худованд ба он чи анҷом медодед огоҳ аст! Акнун аз дарҳои ҷаҳаннам ворид шавед, ки ҷовидона дар он хоҳед буд!... Онон, ки фариштагони марг рӯҳашонро мегиранд, дар ҳоле ки пок ва*

---

[1] Сураи Саҷда, ояи 11.

قُلْ يَتَوَفَّاكُم مَّلَكُ الْمَوْتِ الَّذِي وُكِّلَ بِكُمْ ثُمَّ إِلَى رَبِّكُمْ تُرْجَعُونَ {11}

[2] Сураи Анъом, ояи 61.

... حَتَّىَ إِذَا جَاء أَحَدَكُمُ الْمَوْتُ تَوَفَّتْهُ رُسُلُنَا وَهُمْ لاَ يُفَرِّطُونَ {61}

*покизаанд; ба онон мегӯянд: салом бар шумо! Вориди биҳишт шавед, ба хотири аъмоле, ки анҷом медодед.*[1]

Худои субҳон аз мавқеият ва кори фариштагон дар рӯзи қиёмат низ хабар дода ва мефармояд:

***Таъруҷул малоикату вар рӯҳу илайҳи фӣ явмин кона миқдоруҳу хамсӣна алфа санатин*** **Ê**

**Ä** *Фариштагон ва рӯҳ ба сӯи ӯ боло меравanд, дар он рӯзе, ки миқдораш панҷоҳ ҳазор сол аст.*[2]

Дар сураи Набо фармуда аст:

***Явма яқумур рӯҳу вал малоикату саффан ло ятакалламӯна илло ман азина лаҳур раҳмону ва қола савобо*** **Ê**

**Ä** *Рӯзе, ки рӯҳ ва фариштагон дар як саф меистанд ва ҳеҷ як ба изни Худованди раҳмон сухан намегӯянд ва он гоҳ, ки бигӯянд дуруст мегӯянд!*[3]

Худованд имон ба фариштагонро бар мо воҷиб карда ва дар сураи Бақара фармуда аст:

***Лайсал бирра ан туваллӯ вуҷӯҳакум қибалал машриқи вал мағриби ва локинал бирра ман***

---

[1] Сураи Наҳл, ояи **28-29** ва **32**.

الَّذِينَ تَتَوَفَّاهُمُ الْمَلائِكَةُ ظَالِمِي أَنفُسِهِمْ فَأَلْقَوُاْ السَّلَمَ مَا كُنَّا نَعْمَلُ مِن سُوءٍ بَلَى إِنَّ اللّهَ عَلِيمٌ بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ {28} فَادْخُلُواْ أَبْوَابَ جَهَنَّمَ خَالِدِينَ فِيهَا ... الَّذِينَ تَتَوَفَّاهُمُ الْمَلآئِكَةُ طَيِّبِينَ يَقُولُونَ سَلامٌ عَلَيْكُمُ ادْخُلُواْ الْجَنَّةَ بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ {32}

[2] Сураи Маориҷ, ояи 4.

تَعْرُجُ الْمَلَائِكَةُ وَالرُّوحُ إِلَيْهِ فِي يَوْمٍ كَانَ مِقْدَارُهُ خَمْسِينَ أَلْفَ سَنَةٍ {4}

[3] Сураи Набо, ояи **38**.

يَوْمَ يَقُومُ الرُّوحُ وَالْمَلَائِكَةُ صَفّاً لَّا يَتَكَلَّمُونَ إِلَّا مَنْ أَذِنَ لَهُ الرَّحْمَنُ وَقَالَ صَوَاباً {38}

***омана биллоҳи вал явмил охири вал малоикати вал китоби ван набиййӣн...* Ê**

**Ä** *Некӣ танҳо ин нест*, *ки* (*ба ҳангоми намоз*) *рӯи худро ба сӯи Машриқ ва ё Мағриб кунед*; *балки некӣ ва некӯкор он касе аст*, *ки ба Худо ва рӯзи қиёмат ва фариштагон ва китоби осмонӣ ва паёмбарон имон оварад*...[1]

Ва боз дар ҳамон сура фармуд:

***Ман кона ъадуввaн лиллоҳи ва малоикатиҳи ва русулиҳи ва Ҷибрӣла ва Мӣкола, фаинналлоҳа ъадуввун лил кофирӣн* Ê**

**Ä** *Ҳар касе*, *ки душмани Худо ва фариштагон ва расулони Худо ва Ҷабраил ва Микоил бошад* (*бояд бидонад*, *ки*) *Худованд душмани кофирон аст*.[2]

### Шарҳи вожаҳо

***Фотир:*** холиқ ва падидоваранда.

***Ҳанӣз:*** кабоб ва бирён.

***Накираҳум:*** аз онон тарсид ва бадаш омад.

***Мурдифӣн:*** ба дунболи ҳам, малоикаи мурдифин яъне, гурӯҳ-гурӯҳ дар паи ҳам.

***Саббиту:*** сустиро аз онон дур кунед ва устуворашон доред.

---

[1] Сураи Бақара, ояи 177.

لَّيْسَ الْبِرَّ أَن تُوَلُّواْ وُجُوهَكُمْ قِبَلَ الْمَشْرِقِ وَالْمَغْرِبِ وَلَـكِنَّ الْبِرَّ مَنْ آمَنَ بِاللّهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ وَالْمَلآئِكَةِ وَالْكِتَابِ وَالنَّبِيِّينَ ... {177}

[2] Сураи Бақара , ояи 98.

مَن كَانَ عَدُوّاً لِّلّهِ وَمَلآئِكَتِهِ وَرُسُلِهِ وَجِبْرِيلَ وَمِيكَالَ فَإِنَّ اللّهَ عَدُوٌّ لِّلْكَافِرِينَ {98}

***Мусаввимӣн:*** нишондорон; малоикаи мусаввимин, яъне фариштагоне, ки бар худ ё бар аспони худ аломат гузошта буданд.

***Макӣн:*** бузургвор ва дар ин ҷо ба маънои муқарраб ва арзишманд назди Худо.

***Мутоъ:*** итоатшуда ва мутоъ аз малоика, яъне фармондеҳи фариштагон, ки зердастонаш ӯро итоат мекунанд.

***Баййинот:*** *возеҳот*; оёти баййинот, яъне нишонаҳои равшан.

***Ҳаблулварӣд:*** шоҳраг, дар ин ҷо ба ресмон ташбеҳ шуда аст.

***Муталаққиён:*** ду фариштаи маъмур ва муроқиби инсон, ки ҳар чӣ аз кирдор ва гуфторашро мегиранд (дар номае, ки рӯзи қиёмат онро фарорӯи худ кушода мебинад) сабт мекунанд.

***Рақӣб:*** ҳофиз ва нигаҳбон

***Ъатӣд:*** омода ва муҳайё.

***Таваффо:*** қабз кардан ва дарёфт доштани тому тамом. Худованд ё фариштагон, ки инсонро таваффо мекунанд, яъне рӯҳи ӯро ба ҳангоми мурдан тамом ва камол мегиранд.

***Рӯҳ:*** он чи ҳаёт ва зиндагии тан вобаста ба он аст ва агар аз инсон ё ҳайвон берун равад мемирад. Шинохти ҳақиқат ва кунҳи рӯҳ барои мо муяссар нест. Чунонки Худои мутаол дар сураи Исро ба он ишора карда ва фармуд: ***“****Аз ту дар бораи рӯҳ суол мекунанд****,*** *бигӯ****:*** *рӯҳ аз фармони Парвардигори ман аст ва ҷуз андаке аз дониш ба шумо дода нашудааст****”****.*[1]

[1] Сураи Исро, ояи 85

Изофа ва нисбати рӯҳ ба Худои мутаол, ё изофаи ташрифӣ аст, яъне бахотири арзиши хосе аст, ки назди Худо дорад ва ё изофаи милкӣ аст, яъне чун милки Худо аст онро мансуб ба худ карда аст. Ҳамон гуна ки дар достони офариниши Одам[а] дар сураи Ҳиҷр омада аст, Худо ба малоика фармуд:

***Фаизо саввайтуҳу ва нафахту фӣҳи мин рӯҳӣ фақаъӯ лаҳӯ соҷидӣн*** **Ê**

**Ä***Ҳангоме ки кори хилқати Одамро ба поён расонидам ва аз рӯҳи худ дар ӯ дамидам, ҳамагӣ барои ӯ саҷда кунед.*[1]

Ва дар достони офариниши Исо[а] дар сураи Таҳрим фармуда аст:

***Ва Марьяма ибната Ъимрона, аллатӣ аҳсанат фарҷаҳо фанафахно фӣҳи мин рӯҳино*** **Ê**

**Ä***Марями духтари Имрон, ки домон пок нигаҳ дошт ва мо аз рӯҳи худ дар он дамидем.*[2]

Дар амсоли ин маврид, нисбат додани рӯҳ ба Худо, ҳамонанди нисбат додани "байт" аст ба ӯ, ки дар сураи Ҳаҷ ба Иброҳим[а] мефармояд:

***Ва таҳҳир байтӣ литтоифӣн*** **Ê**

**Ä***Хонаи маро барои тавофкунандагон покиза гардон.*[3]

---

وَيَسْأَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي وَمَا أُوتِيتُم مِّن الْعِلْمِ إِلاَّ قَلِيلاً {85}

[1] Сураи Ҳиҷр, ояи 29.

فَإِذَا سَوَّيْتُهُ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِن رُّوحِي فَقَعُواْ لَهُ سَاجِدِينَ {29}

[2] Сураи Таҳрим, ояи 12.

وَمَرْيَمَ ابْنَتَ عِمْرَانَ الَّتِي أَحْصَنَتْ فَرْجَهَا فَنَفَخْنَا فِيهِ مِن رُّوحِنَا ... {12}

[3] Сураи Ҳаҷ, ояи 26.

Дар ин ҷо изофа ва нисбати Байтуллоҳилҳаром ба Худо изофаи ташрифӣ аст, яъне ба далели хусусияти хосе, ки нисбат ба соири маконҳои замин дорад, Худованд онро гиромӣ дошта ва ба худ нисбат дода, фармуда аст: “Хонаи ман!” Изофаи рӯҳ ба Худо дар ду ояи гузашта низ чунин аст.

Рӯҳ маънои дигаре низ дорад, ки он мояи ҳаёт ва ҳидояти ҷонҳо будан аст, монанди: ваҳй, нубувват, шариатҳои илоҳӣ ва ба хусус Қуръон. Худои субҳон дар сураи Наҳл фармуда аст:

***Юназзилул малоиката биррӯҳи мин амриҳи ъало ман яшоу мин ъибодиҳи Ê***

***Ä** Фариштагонро бо рӯҳ**,** ба фармони худ**,** бар ҳар кадом аз бандагонаш бихоҳад нозил мекунад**.***[1]

Дар сураи Шӯро мефармояд:

***Ва казолика авҳайно илайка рӯҳан мин амрино Ê***

***Ä** Ва ҳамон гуна **(**ки бар паёмбарони пешин ваҳй намудем**)** бар ту низ**,** рӯҳеро ба фармони худ ваҳй кардем**.***[2]

Рӯҳи мавриди ишора дар ин оёт, ки Худованд онро ба паёмбар ваҳй фармуд, Қуръони карим аст. Ин рӯҳ

---

**... وَطَهِّرْ بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ ...** {26}

[1] Сураи Наҳл, ояи 2.

**يُنَزِّلُ الْمَلآئِكَةَ بِالْرُّوحِ مِنْ أَمْرِهِ عَلَى مَن يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ أَنْ أَنذِرُواْ أَنَّهُ لاَ إِلَـهَ إِلاَّ أَنَاْ فَاتَّقُونِ** {2}

[2] Сураи Шӯро, ояи 52.

**وَكَذَلِكَ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ رُوحاً مِّنْ أَمْرِنَا ...** {52}

ғайр аз фариштагон аст, чунонки Худованд дар сураи Қадр низ ба он ишора карда ва фармуда аст:

***Таназзалул малоикату вар рӯҳу фӣҳо биизни раббиҳим мин кулли амр Ê***

***Ä** Фариштагон ва "рӯҳ" дар он шаб ба изни Парвардигор барои тақдири ҳар коре нозил мешаванд.*[1]

Ва дар сураи Маорич фармуда аст:

***Таъручҷул малоикату вар рӯҳу илайҳи фӣ явмин кона миқдоруҳу хамсӣна алфа санатин Ê***

***Ä** Фариштагон ва рӯҳ ба сӯи ӯ боло меравand, дар он рӯзе, ки миқдораш панҷоҳ ҳазор сол аст.*[2]

Шарҳ ва баёни ин мавзӯъро аз сухани имом Алӣ[(a)] дар оянда меоварем.

***Амин:*** сиқа ва амонатдор дар расондани ваҳй. Худованд фариштае ба номи Рӯҳро "амин" дониста ва дар сураи Шуаро фармуда аст:

***Назала биҳир рӯҳул амӣн. Ъало қалбика литакӯна минал мунзирӣн Ê***

***Ä** Рӯҳуламин онро бар қалби ту нозил кард, то аз бимдиҳандагон бошӣ.*[3]

---

[1] Сураи Қадр, ояи 4.

تَنَزَّلُ الْمَلَائِكَةُ وَالرُّوحُ فِيهَا بِإِذْنِ رَبِّهِم مِّن كُلِّ أَمْرٍ {4}

[2] Сураи Маорич, ояи 4.

تَعْرُجُ الْمَلَائِكَةُ وَالرُّوحُ إِلَيْهِ فِي يَوْمٍ كَانَ مِقْدَارُهُ خَمْسِينَ أَلْفَ سَنَةٍ {4}

[3] Сураи Шуаро, ояи 193-194.

نَزَلَ بِهِ الرُّوحُ الْأَمِينُ {193} عَلَى قَلْبِكَ لِتَكُونَ مِنَ الْمُنذِرِينَ {194}

***Қудс:*** покӣ ва *рӯҳулқудус*, яъне рӯҳи пок ва тоҳир. Худованд фариштаи рӯҳро ба сифати "қудс ва покӣ" низ васф карда ва дар сураи Бақара фармуда аст:

***Ва отайно Ъӣсабна Марямал баййиноти ва айяднохҳу бирӯҳил қудус Ê***

***Ä****Мо ба Исо ибни Марям далоили равшан додем ва ӯро бо "Рӯҳулқудус" таид ва ҳимоят кардем.*[1]

Ва дар сураи Наҳл хитоб ба Хотами Анбиё(с) фармуда аст:

***Қул наззалаҳу рӯҳулқудуси мин раббика билҳаққи лиюсаббитал лазӣна оману ва ҳудан ва бушро лил муслимӣн Ê***

***Ä****Бигӯ: ин Қуръонро "Рӯҳулқудус" аз ҷониби Парвардигорат ба ҳақ нозил карда аст,* *то афроди боимонро собитқадам бидорад ва ҳидояту башорате барои мусулмонон аст.*[2]

***Таъруҷ:*** авҷ мегирад ва боло меравад. Аз моддаи *ъуруҷ* ба маънои боло рафтани тадриҷӣ аст.

## Пиндорҳои хаёлӣ аз ҷаҳони ғайб

Дар баҳсҳое, ки аз олами ғайб ва ниҳон сӯҳбат мешавад, маъмулан аз ҷониби мардумоне, ки дар

---

[1] Сураи Бақара, ояи 87.

... وَآتَيْنَا عِيسَى ابْنَ مَرْيَمَ الْبَيِّنَاتِ وَأَيَّدْنَاهُ بِرُوحِ الْقُدُسِ ... {87}

[2] Сураи Наҳл, ояи 102.

قُلْ نَزَّلَهُ رُوحُ الْقُدُسِ مِن رَّبِّكَ بِالْحَقِّ لِيُثَبِّتَ الَّذِينَ آمَنُواْ وَهُدًى وَبُشْرَى لِلْمُسْلِمِينَ {102}

сатҳҳои мухталифи дарк, фаҳм ва биниш ҳастанд, кӯшишҳои гуногуне барои шинохти ин масоил анҷом мегирад. Онон мехоҳанд он чи дар Қуръони карим ва аҳодиси шариф дар бораи оламҳои ғайри маҳсус омада аст, ҳамон гуна ки дар олами ҳис ва модда меёбанд, онро шинохта ва дарк кунанд. Ба ин хотир дар олами хаёл фурӯ мераванд ва тахайюлоту гумони худро илм ва маърифат меноманд. Баён ва шарҳи он, ба изни Худои мутаол, чунин аст:

## Воситаҳои шинохт ва маърифат

Василаи мо барои шинохти ашё ва маърифати онҳо (сивои он чи дар бораи истинтоҷи ақлӣ дар баҳси мисоқ овардем), ду гуна аст: 1-ҳисӣ; 2-нақлӣ.

***Аввал:*** *ҳиссӣ*

Аз он ҷо, ки ҳавоси мо барои ин офарида шудаанд, то мавҷудоти олами моддаро ташхис диҳем, бадеҳӣ аст, ки қудрати амал дар оламҳои ғайримаҳсусро надоранд.

***Дуввум:*** *нақлӣ*

Яъне он чизеро, ки аз роҳи нақл ва хабар медонем, донистаниҳои мо аз ин навъ дар маҳдудаи манқулот аст ва шинохти ҳосил аз он вобастагӣ ба субути садоқат, дурустии хабар ва хабардиҳанда мебошад

Он чи, ки анбиёи илоҳӣ ва паёмбарони Худо[(а)] аз ҷаҳони ғайб мегӯянд, маърифате аз навъи дуввум аст. Яъне шинохти осмонҳои болотар аз ситорагону сайёраҳо, чаҳони фариштагон, ҷин, мушоҳидаи рӯзи қиёмат ва ҳоказо аз роҳи ахбор ва ҳадиси онон барои мо ҳосил мешавад. Болотар аз он, суханон ва аҳодиси эшон дар бораи сифоти Худои субҳон аст, ки илми мо дар ин бора (пас аз онки сидқи нубувват ва рисолати

эшон барои мо собит шуд) маҳдуд ба ҳудуде аст, ки онон баён медоранд. Мо наметавонем чизе аз гуфтаҳои онон дар бораи ин оламро аз роҳи ҳис ташхис дода ва пас аз он дар ихтиёри ақл бигзорем, то сиҳат ва адами сиҳати онро таъин намояд.

## Фишурдаи баҳс

Фариштагон навъе аз махлуқоти Худо, сипоҳиёни Худо ва бандагони Худоянд. Онон бол доранд, зиндагӣ мекунанд, мемиранд, дорои иродаю ақланд ва гоҳе, ки ниёз бошад барои анҷоми фармони Худо ба шакли инсон зоҳир мешаванд. Онон аз ҳайси файзу мақом дараҷоти мутафовите доранд, монанди: Рӯҳуламин, Рӯҳулқудс ва ғайра. Худованд аз онон расулонеро барои расондани ваҳй ва поиноварии қазою қадари инсон дар шаби Қадр баргузида аст. Аз ҷумлаи онон ду фаришта маъмур бар инсонанд, ки аъмоли ӯро сабт мекунанд ва низ Малакулмавт ва зердастони ӯ. Онон ҳама дар рӯзи қиёмат барангехта мешаванд ва ба анҷоми фармони Худо мепардозанд ва ҳаргиз Худоро нофармонӣ нахоҳанд кард. Василаи шинохт ва маърифати мо мунҳасиран ду гуна аст:

***1-****Ҳис ва шинохти ҳиссӣ***. Яъне он чи, ки бо он ба ташхис ва муайян намудани ашё мерасем.

***2-****Нақл ва шинохти нақлӣ***. Яъне он чи, ки бо гирифтани хабар аз ровии мутмаин ва мавриди эътимод дарёфт мекунем.

Аз он ҷо, ки олами фариштагон, ҷин, рӯҳ, қиёмат ва ибтидои офариниш барои мо маҳсус ва машҳуд нест ва мо роҳе ҷуз роҳи нақл, аз тариқи паёмбарони Худо, барои шинохти онҳо надорем (паёмбароне, ки қаблан ростӣ ва дурустии рисолати эшон аз сӯи Худо барои

мо собит шуда аст), пас афроде, ки худро соҳибназар дониста, суханоне аз ин оламҳо бар забон ва қалам овардаанд, чизе беш аз гумон ва ваҳму хаёл наовардаанд ва занну гумон моро аз ҳақ бениёз нахоҳад кард.

Он чи ки дар оёте чун:

***Ва кона ъаршуҳу ъалал мо'и*[1] Ê**

**Ä** *Арши ӯ бар об қарор дошт***.**

Ё:

***Суммаставо илас самои ва ҳия духон*[2] Ê**

**Ä** *Сипас ба офариниши осмон пардохт дар ҳоле***,** *ки дуд буд***,**

омада аст, маъնояш ин нест, ки он об монанди ҳамин обе аст, ки мо имрӯз дар рӯи замин мебинем ва аз таркиби: "оксиген ва гидроген" бо андозаҳои муносиб ба вуҷуд омада аст, ё дуд ва духон, ҳамон дуд ва духоне аст, ки аз оташ бармехезад! Мо ба зудӣ дар баҳси рубубият маънои "Арш"-ро ба ёрии Худо, баён медорем ва дар баҳсу баррасии оянда маънои "само" ва "самовот" дар Қуръони каримро меоварем.

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 7.

**... وَكَانَ عَرْشُهُ عَلَى الْمَاء ...** {7}

[2] Сураи Фуссилат, ояи 11.

**ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء وَهِيَ دُخَانٌ ...** {11}

## 2-Самовот ва арз ва самоул арз

### Нахуст: само ва самовот

**А) Само**

**1-Само ва маънои он дар забони араб**:

**Само**: осмон, дар забони араб ба маънои иртифоъ ва баландӣ аст ва осмони ҳар чизе қисмати болои он аст. Яъне, ҳарчи аз боло бар шумо соя афканад ва шуморо пӯшонад, ҳамонро само гӯянд.

**2-Само ва маънои он дар Қуръони карим**:

Он ҷо, ки "само" дар Қуръони карим муфрад омада аст, гоҳе ба маънои фазои атрофи Замин ва иҳотаи бар он аст, монанди ин оёт:

***1-Алам ярав илат тайри мусаххаротин фӣ ҷаввис само*** Ê

Ä *Оё онон ба паррандагоне, ки дар шароит ва фазои осмон мусаххаранд, назар наафкананд?*[1]

***2-Ва анзала минас самои моан фаахраҷа биҳӣ минас самароти ризқан лакум*** Ê

Ä *Ва аз осмон обе фиристод ва ба василаи он меваҳоро парвариш дод, то рӯзии шумо бошад.*[2]

Инсон бо чашми ғайримусаллаҳ ҳам чигунагии парвози парранда дар фазои атроф ва болои заминро мебинад ва ҳам резиши борон аз абрҳои ҳидоятшуда дар осмони заминро мушоҳида мекунад. Инсон

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 79.

أَلَمْ يَرَوْاْ إِلَى الطَّيْرِ مُسَخَّرَاتٍ فِي جَوِّ السَّمَاء ... {79}

[2] Сураи Бақара, ояи 22.

... وَأَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَخْرَجَ بِهِ مِنَ الثَّمَرَاتِ رِزْقاً لَّكُمْ ... {22}

замоне, ки аз кӯҳ боло меравад дар ҳоле ки офтобро дар осмон болотар дар ҳоли нурафшонӣ мебинад, абрҳоро дар зери по ва дар ҳамон фазои миёни замин ва осмон ё миёни осмоне, ки болои замин ва муҳит бар он аст, мушоҳида мекунад.

Ва гоҳе ба маънои ҳамаи чизҳое аст, ки болои замин аст, монанди: осмонҳои ҳафтгона, ситорагон ва ғайра, чунонки фармуд:

***1-Суммаставо илас самои фасаввоҳунна сабъа самовот*** **Ê**

**Ä***Сипас ба осмон пардохт ва онҳоро ба сурати ҳафт осмон мураттаб сохт.*[1]

***2-Ва мо мин ғоибатин фис самои вал арзи илло фӣ китобӣн мубӣн*** **Ê**

**Ä***Ва ҳеҷ мавҷуди пинҳоне дар осмон ва замин нест, магар ин ки дар китоби мубин сабт аст.*[2]

***3-Явма натвис самоа катаййис сиҷилли лилкутуб...*** **Ê**

**Ä***Дар он рӯз, ки осмонро чун туморе дар ҳам мепечем...*[3]

Мурод аз "само" дар ин оёт ҳамаи чизҳое, ки аз замин болотар аст ва замин дар зер ва поёни он қарор

---

[1] Сураи Бақара , ояи 29.

... ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء فَسَوَّاهُنَّ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ {29}

[2] Сураи Намл, ояи 75.

وَمَا مِنْ غَائِبَةٍ فِي السَّمَاء وَالْأَرْضِ إِلَّا فِي كِتَابٍ مُّبِينٍ {75}

[3] Сураи Анбиё, ояи 104.

يَوْمَ نَطْوِي السَّمَاء كَطَيِّ السِّجِلِّ لِلْكُتُبِ ... {104}

гирифта аст, яъне осмонҳои ҳафтгона ва ғайри он ки болои замин аст.

**Б) Самовот**

Мурод аз самовот дар Қуръони карим осмонҳои ҳафтгона аст. Чунон, ки фармуд:

> ***Ҳувал лазӣ халақа лакум мо фил арзи ҷамӣъан суммаставо илас самои фасаввоҳунна сабъа самовотин ва ҳува бикулли шай' ин ъалӣм*** Ê
>
> Ä *Ӯст Худое, ки ҳар чиро дар замин аст барои шумо офарид; сипас ба осмон пардохт ва онҳоро ба сурати ҳафт осмон мураттаб намуд ва ӯ ба ҳар чиз огоҳ аст.*[1]

## Дуюм: Арз

**Арз**: *Замин*, дар Қуръони карим 451-маротиба ба лафзи танҳо ва як бор бо калимаи "*самовот*" ва пайваст бар он чунин омада аст:

> ***Аллоҳул лазӣ халақа сабъа самовотин ва минал арзи мислаҳунна...*** Ê
>
> Ä *Худованд касе аст, ки ҳафт осмонро офарид ва аз замин низ ҳамонанди онҳоро...*[2]

Мо аз мушобиҳате, ки дар ояи байни замин ва осмонҳо омада аст чунин мефаҳмем, ки ин ҳамонандӣ дар наҳваи офариниш аст, на дар теъдоди онҳо. Агар

---

[1] Сураи Бақара, ояи 29.

هُوَ الَّذِي خَلَقَ لَكُم مَّا فِي الأَرْضِ جَمِيعاً ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء فَسَوَّاهُنَّ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ {29}

[2] Сураи Талоқ, ояи 12.

اللَّهُ الَّذِي خَلَقَ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ وَمِنَ الْأَرْضِ مِثْلَهُنَّ ... {12}

барои замин низ ҳафт табақа кашф шуд, метавон гуфт, ки мурод аз ин ҳамонандӣ миёни осмонҳои ҳафтгона ва замин, шабоҳат дар теъдоди табақоти онҳо аст.

### Сеюм: Офариниши самовот ва арз

Дар оёти бисёре аз Қуръони карим ба хилқати арзу само ва ибтидои он ишора шуда аст. Барои тафсири чунин оёте, ки мавзӯи онҳо аз дастраси ҳис ва таҷрибаи мо хориҷ аст, бояд танҳо ба касе муроҷиат кунем, ки аз тарафи Худо муфассир ва баёнкунандаи Қуръон муаррифӣ шуда аст. Касе, ки Худованд ба ӯ фармудааст:

> ***...Ва анзално илайказ зикра литубаййина линноси мо нуззила илайҳим...*** **Ê**
>
> **Ä**...*Мо ин Қуръонро ба сӯи ту фиристодем*, *то он чиро бар мардум нозил шуда аст*, *барои онон равшан намоем*...[1]

Дар ин бора ва дар бораи ибтидои хилқат ривоёти бисёре аз Расули Худо(с) расида аст. Аммо, чун ин аҳодис монанди аҳодиси аҳком нест, ки тавассути уламои фанн аз ҳайси матну санад баррасӣ шуда бошад ва чун дар ин ҷо низ фурсати чунин баррасӣ ва таҳқиқе нест, ночор дар чунин шароите дар баҳс ва баррасиамон дар ибтидои офариниш ва он чи аз зоҳири оёт фаҳмида мешавад басанда карда, аз ривоёт он чиро ба дурустиаш итминон ё занни қавӣ дорем бармегузинем ва аз Худои бузург мадад ҷуста мегӯем:

**Ибтидои офариниш**

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 44.

... وَأَنزَلْنَا إِلَيْكَ الذِّكْرَ لِتُبَيِّنَ لِلنَّاسِ مَا نُزِّلَ إِلَيْهِمْ ... {44}

Худованди субҳон оғози хилқату офариниш ва пас аз онро дар Қуръони карим чунин тавсиф карда аст:

***1-Ва ҳувал лазӣ халақас самовоти вал арза фӣ ситтати айёмин ва кона ъаршуҳу ъалал мо'и Ê***

*Ä Ӯст Худое, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид ва Арш бар об қарор дошт.*[1]

***2-Инна раббакум, Аллоҳул лазӣ халақас самовоти вал арза фӣ ситтати айёмин суммаставо ъалал ъарши юдаббирул амра Ê***

*Ä Ба яқин Парвардигори шумо, Худованде аст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид; сипас бар Арши қудрат қарор гирифт ва ба тадбири корҳо пардохт.*[2]

***3-Аллазӣ халақас самовоти вал арза ва мо байнаҳумо фӣ ситтати айёмин суммаставо ъалал ъаршир раҳмону фас'ал биҳӣ хабӣро Ê***

*Ä Худое, ки осмонҳо, замин ва он чиро миёни он ду вуҷуд дошт дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арши қудрат қарор гирифт. Худои раҳмон, (ҳар чӣ мехоҳӣ) аз ӯ бихоҳ, ки аз ҳама чиз огоҳ аст.*[3]

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 7.

وَهُوَ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ وَكَانَ عَرْشُهُ عَلَى الْمَاء ... {7}

[2] Сураи Юнус, ояи 3.

إِنَّ رَبَّكُمُ اللّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يُدَبِّرُ الأَمْرَ ... {3}

[3] Сураи Фурқон, ояи 59.

الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ الرَّحْمَنُ فَاسْأَلْ بِهِ خَبِيراً {59}

***4-Авалам ярал лазӣна кафарӯ аннас самовоти вал арза конато ратқан фафатақноҳумо, ва ҷаъално минал мои кулла шай'ин ҳаййин, афало йу'минӯн Ê***

*Ä Оё кофирон надидаанд, ки осмонҳо ва замин ба ҳам пайваста буданд ва мо онҳоро аз якдигар ҷудо кардем ва ҳар чизи зиндаеро аз об қарор додем? Оё имон намеоваранд?*[1]

***5-Ҳувал лазӣ халақа лакум мо фил арзи ҷамӣъан, суммаставо илас самои фасаввоҳунна сабъа самовотин ва ҳува бикулли шай'ин ъалӣм Ê***

*Ä Ӯст Худое, ки ҳамаи он чиро дар замин вуҷуд дорад барои шумо офарид; сипас ба осмон пардохт ва онҳоро ба сурати ҳафт осмон мураттаб намуд. Ва ӯ ба ҳамаи чиз огоҳ аст.*[2]

***6-** Бигӯ: оё шумо ба он касе, ки заминро дар ду рӯз офарид кофир мешавед ва барои ӯ ҳамонандҳое қарор медиҳед? Ӯ Парвардигори ҷаҳониён аст!*

*Ӯ бар гурдаи замин кӯҳҳои устувор қарор дод ва дар он баракат ва фузунӣ бахшид ва дар таи чаҳор рӯз маводди ғизоии онро баробар бо ниёзи хосторон, муқаддар фармуд. Сипас ба офариниш осмон пардохт, дар ҳоле ки ба сурати дуд буд. Ба он ва ба замин дастур дод: "ба вуҷуд оед, хоҳ аз рӯи итоат ва*

---

[1] Сураи Анбиё, ояи 30.

**أَوَلَمْ يَرَ الَّذِينَ كَفَرُوا أَنَّ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ كَانَتَا رَتْقاً فَفَتَقْنَاهُمَا وَجَعَلْنَا مِنَ الْمَاء كُلَّ شَيْءٍ حَيٍّ أَفَلَا يُؤْمِنُونَ** {30}

[2] Сураи Бақара, ояи 29.

**هُوَ الَّذِي خَلَقَ لَكُم مَّا فِي الأَرْضِ جَمِيعاً ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء فَسَوَّاهُنَّ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ** {29}

*ризо ва хоҳ бо сахтӣ ва икроҳ!" Онҳо гуфтанд: мо аз рӯи итоат ва ризо меоем ва шакл мегирем!*

*Пас онҳоро ба сурати ҳафт осмон дар ду рӯз офарид ва дар ҳар осмоне кори онро ваҳй ва муқаррар фармуд. Ва осмони дунё ва поёни онро бо чароғҳое зиннат додем ва аз рахнаи шаётин ҳифз кардем. Ин аст тақдири Худованди тавоно ва доно.*[1]

***7-Аллоҳул лазӣ халақа сабъа самовотин ва минал арзи мислаҳунна...* Ê**

**Ä** *Худованд ҳамон касе аст, ки ҳафт осмонро офарид ва аз замин низ ҳамонанди онҳоро...*[2]

***8-А'антум ашадду халқан амис самоу баноҳо. Рафаъа самкаҳо фасаввоҳо ва ағташа лайлаҳо ва ахраҷа зуҳоҳо. Вал арза баъда золика даҳоҳо. Ахраҷа минҳо моаҳо ва маръоҳо. Вал ҷибола арсоҳо. Матоъан лакум ва лианъомикум* Ê**

**Ä** *Оё офариниши шумо мушкилтар аст ё хилқати осмон, ки Худованд бинояш ниҳод? Сақфи онро барафрошт, онро муназзам сохт ва шабашро торику рӯзашро ошкор намуд! Ва заминро баъд аз он густариш дод, аз он обу чарогоҳашро берун овард*

---

[1] Сураи Фуссилат, ояи 9-12.

قُلْ أَئِنَّكُمْ لَتَكْفُرُونَ بِالَّذِي خَلَقَ الْأَرْضَ فِي يَوْمَيْنِ وَتَجْعَلُونَ لَهُ أَندَاداً ذَلِكَ رَبُّ الْعَالَمِينَ {9} وَجَعَلَ فِيهَا رَوَاسِيَ مِن فَوْقِهَا وَبَارَكَ فِيهَا وَقَدَّرَ فِيهَا أَقْوَاتَهَا فِي أَرْبَعَةِ أَيَّامٍ سَوَاء لِّلسَّائِلِينَ {10} ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء وَهِيَ دُخَانٌ فَقَالَ لَهَا وَلِلْأَرْضِ اِئْتِيَا طَوْعاً أَوْ كَرْهاً قَالَتَا أَتَيْنَا طَائِعِينَ {11} فَقَضَاهُنَّ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ فِي يَوْمَيْنِ وَأَوْحَى فِي كُلِّ سَمَاء أَمْرَهَا وَزَيَّنَّا السَّمَاء الدُّنْيَا بِمَصَابِيحَ وَحِفْظاً ذَلِكَ تَقْدِيرُ الْعَزِيزِ الْعَلِيمِ {12}

[2] Сураи Талоқ, ояи 12.

اللَّهُ الَّذِي خَلَقَ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ وَمِنَ الْأَرْضِ مِثْلَهُنَّ ... {12}

*ва кӯҳҳоро собит ва устувор кард. Ҳамаи инҳо барои баҳрагирии шумо ва чаҳорпоёнатон аст.*[1]

***9-Вассамои ва мо баноҳо. Вал арзи ва мо таҳоҳо*** **Ê**

**Ä** *Қасам ба осмон ва касе, ки онро бино кард. Қасам ба замин ва он ки онро густаронид.*[2]

***10-Вал арза мададноҳо ва алқайно фӣҳо равосия, ва анбатно фӣҳо мин кулли шай' ин мавзӯн. Ва чаъално лакум фӣҳо маъойиша, ва ман ластум лаҳӯ бирозиқӣн*** **Ê**

**Ä** *Ва заминро густурдем, дар он кӯҳҳои собит ниҳодем, ҳар гиёҳи мавзун дар он рӯёнидем, барои шумо ва касоне, ки шумо рӯзидиҳандаи онҳо нестед, анвоъи васоили зиндагиро дар он қарор додем.*[3]

***11-Аллазӣ чаъала лакумул арза маҳдан, ва салака лакум фӣҳо субулан, ва анзала минас самои моан фаахраҷно биҳӣ азвоҷан мин наботин шатто. Кулӯ варъав анъомакум, инна фӣ золика лаоётин лиӯлин нуҳо. Минҳо***

---

[1] Сураи Нозиот, ояи **27-33**.

أَأَنتُمْ أَشَدُّ خَلْقاً أَمِ السَّمَاء بَنَاهَا {27} رَفَعَ سَمْكَهَا فَسَوَّاهَا {28} وَأَغْطَشَ لَيْلَهَا
وَأَخْرَجَ ضُحَاهَا {29} وَالْأَرْضَ بَعْدَ ذَلِكَ دَحَاهَا {30} أَخْرَجَ مِنْهَا مَاءهَا وَمَرْعَاهَا
{31} وَالْجِبَالَ أَرْسَاهَا {32} مَتَاعاً لَّكُمْ وَلِأَنْعَامِكُمْ {33}

[2] Сураи Шамс, ояи 5-6.

وَالسَّمَاء وَمَا بَنَاهَا {5} وَالْأَرْضِ وَمَا طَحَاهَا {6}

[3] Сураи Ҳиҷр, ояи 19-20.

وَالأَرْضَ مَدَدْنَاهَا وَأَلْقَيْنَا فِيهَا رَوَاسِيَ وَأَنبَتْنَا فِيهَا مِن كُلِّ شَيْءٍ مَّوْزُونٍ {19}
وَجَعَلْنَا لَكُمْ فِيهَا مَعَايِشَ وَمَن لَّسْتُمْ لَهُ بِرَازِقِينَ {20}

***халақнокум ва фӣҳо нуъӣдукум ва минҳо нухриҷукум торатан ухро Ê***

*Ä Худованде, ки заминро барои шумо маҳалли осоиш қарор дод ва роҳҳое дар он эҷод кард. Ва аз осмон обе фиристод, ки бо он анвоъи гуногуни гиёҳонро баровардем. Бихӯред ва чаҳорпоёнатонро ба чаро баред, ба яқин дар инҳо нишонаҳои равшане барои хирадмандон аст! Шуморо аз замин офаридем ва дар он бозмегардонем ва бори дигар аз он берун меоварем!*[1]

***12-Аллазӣ ҷаъала лакумул арза фирошан, вас самоа биноан, ва анзала минас самои моан, фаахраҷа биҳӣ минас самароти ризқан лакум, фало таҷъалӯ лиллоҳи андодан ва антум таъламӯн Ê***

*Ä Худованде, ки заминро барои шумо бистар ва осмонро сақф қарор дод. Ва аз осмон обе фурӯ фиристод ва ба василаи он, меваҳоро парвариш дод, то рӯзии шумо бошад. Бино бар ин, барои Худо ҳамтоёне, ки худ (сохтагӣ буданашонро) медонед, натарошед.*[2]

***13-Алам тарав кайфа халақаллоҳу сабъа самовотин тибоқо... Валлоҳу ҷаъала лакумул***

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 53-55.

الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الْأَرْضَ مَهْداً وَسَلَكَ لَكُمْ فِيهَا سُبُلاً وَأَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَخْرَجْنَا بِهِ أَزْوَاجاً مِّن نَّبَاتٍ شَتَّى {53} كُلُوا وَارْعَوْا أَنْعَامَكُمْ إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَاتٍ لِّأُوْلِي النُّهَى {54} مِنْهَا خَلَقْنَاكُمْ وَفِيهَا نُعِيدُكُمْ وَمِنْهَا نُخْرِجُكُمْ تَارَةً أُخْرَى {55}

[2] Сураи Бақара, ояи 22.

الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الأَرْضَ فِرَاشاً وَالسَّمَاء بِنَاء وَأَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَخْرَجَ بِهِ مِنَ الثَّمَرَاتِ رِزْقاً لَّكُمْ فَلاَ تَجْعَلُواْ لِلّهِ أَندَاداً وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ {22}

***арза бисотан Литаслукӯ минҳо субулан фиҷоҷо Ê***

*Ä Оё надидед, ки чӣ гуна Худованд ҳафт осмонро бар рӯи ҳамдигар офарида аст... Ва Худованд заминро барои шумо фарши густурдае қарор дод, то аз роҳҳо ва дараҳои он рафтуомад кунед!*[1]

***14-Афало янзурӯна илал ибили кайфа хулиқат ва илас самои кайфа руфиъат. Ва илал ҷиболи кайфа нусибат ва илал арзи кайфа сутиҳат Ê***

*Ä Оё онон ба шутур наменигаранд, ки чӣ гуна офарида шуда аст?! Ва ба осмон нигоҳ намекунанд, ки чӣ гуна барафрошта аст?! Ва ба кӯҳҳо, ки чӣ гуна дар ҷои худ барпо шудаанд?! Ва ба замин, ки чӣ гуна густурда ва ҳамвор гашта аст?!*[2]

***15-Амман халақас самовоти вал арза ва анзала лакум минас самои моан, фаанбатно биҳӣ ҳадоиқа зота баҳҷатин, мо кона лакум ан тунбиту шаҷараҳо, а илоҳун маъаллоҳи бал ҳум қавмун яъдилӯн. Амман ҷаъалал арза қароран, ва ҷаъала хилолаҳо анҳоран, ва ҷаъала лаҳо равосия ва ҷаъала байнаннаҳрайни***

---

[1] Сураи Нӯҳ, ояи 15, 19 ва 20.

أَلَمْ تَرَوْا كَيْفَ خَلَقَ اللَّهُ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ طِبَاقاً {15}

وَاللَّهُ جَعَلَ لَكُمُ الْأَرْضَ بِسَاطاً {19}

لِتَسْلُكُوا مِنْهَا سُبُلاً فِجَاجاً {20}

[2] Сураи Ғошия, ояи 17-20.

أَفَلَا يَنظُرُونَ إِلَى الْإِبِلِ كَيْفَ خُلِقَتْ {17} وَإِلَى السَّمَاء كَيْفَ رُفِعَتْ {18}

وَإِلَى الْجِبَالِ كَيْفَ نُصِبَتْ {19} وَإِلَى الْأَرْضِ كَيْفَ سُطِحَتْ {20}

***ҳоҷизан, а илоҳун маъаллоҳи бал аксаруҳум ло яъламӯн*Ê**

*Ä**Оё касе, ки осмонҳо ва заминро офарид, барои шумо аз осмон обе фиристод, ки бо он боғҳои зебо ва сурурангез рӯёндем. Боғҳое, ки шумо ҳаргиз наметавонистед дарахтони онро бирӯёнед! Оё маъбуди дигаре бо Худо аст?! Не, балки онон гурӯҳе ҳамонандтароши ҳақнопазиранд! Ё касе, ки заминро мустақарру ором қарор дод, миёни он наҳрҳое равон сохт, барои он кӯҳҳои собиту побарҷо эҷод кард ва миёни ду дарё монеъ эҷод кард. Оё маъбуде бо Худост?! Не, балки бештари онон намедонанд!*[1]

***16-Ва ҷаъално фил арзи равосия ан тамӣда биҳим, ва ҷаъално фӣҳо фиҷоҷан субулан лаъаллаҳум яҳтадӯн. Ва ҷаъалнас самоа сақфан маҳфӯзан, ва ҳум ъан оётиҳо муъризӯн*Ê**

*Ä**Ва дар замин, кӯҳҳои собит ва побарҷое қарор додем, мабодо ононро биларзонад! Ва дар он дараҳо ва роҳҳое қарор додем то ҳидоят шаванд!*

*Ва осмонро сақфи маҳфузе қарор додем, вале онон аз оёти он рӯй гардонданд.*[2]

---

[1] Сураи Намл, ояи 60-61.

أَمَّنْ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ وَأَنزَلَ لَكُم مِّنَ السَّمَاءِ مَاء فَأَنبَتْنَا بِهِ حَدَائِقَ ذَاتَ بَهْجَةٍ مَّا كَانَ لَكُمْ أَن تُنبِتُوا شَجَرَهَا أَإِلَهٌ مَّعَ اللَّهِ بَلْ هُمْ قَوْمٌ يَعْدِلُونَ {60} أَمَّن جَعَلَ الْأَرْضَ قَرَاراً وَجَعَلَ خِلَالَهَا أَنْهَاراً وَجَعَلَ لَهَا رَوَاسِيَ وَجَعَلَ بَيْنَ الْبَحْرَيْنِ حَاجِزاً أَإِلَهٌ مَّعَ اللَّهِ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ {61}

[2] Сураи Анбиё, ояи 31-32.

***17-Алам наҷъалил арза кифото. Аҳёан ва амвото. Ва ҷаъално фӣҳо равосия шомихотин... Ê***

*ÄОё заминро маркази ҷамъшавии инсонҳо қарор надодем, ҳам дар ҳоли ҳаёташон ва ҳам маргашон?! Ва дар он кӯҳҳои устувор ва баланде барафроштем...*[1]

***18-Ҳувал лазӣ ҷаъалаш шамса зиёан вал қамара нӯран ва қаддараҳу манозила литаъламӯ ъададас синӣна вал ҳисоба, мо халақаллоҳу золика илло билҳаққи юфассилул оёти лиқавмин яъламӯн. Инна фӣ ихтилофил лайли ван наҳори ва мо халақаллоҳу фис самовоти вал арзи лаоётин лиқавмин яттақӯн Ê***

*ÄӮст Худованде, ки офтобро равшаноӣ ва моҳро нур қарор дод ва барои он манзилгоҳҳое муқаддар кард, то адади солҳо ва ҳисобро бидонед. Худованд инро ҷуз ба ҳақ наофарида аст. Ӯ оётро барои гурӯҳе, ки аҳли донишанд шарҳ медиҳанд! Ба яқин дар рафтуомади шабу рӯз ва он чи Худованд дар осмонҳо ва замин офарида аст, оёт ва нишонаҳое аст барои гурӯҳе, ки парҳезкоранд.*[2]

---

وَجَعَلْنَا فِي الْأَرْضِ رَوَاسِيَ أَن تَمِيدَ بِهِمْ وَجَعَلْنَا فِيهَا فِجَاجاً سُبُلاً لَعَلَّهُمْ يَهْتَدُونَ {31} وَجَعَلْنَا السَّمَاء سَقْفاً مَّحْفُوظاً وَهُمْ عَنْ آيَاتِهَا مُعْرِضُونَ {32}

[1] Сураи Мурсалот, ояи 25-27.

أَلَمْ نَجْعَلِ الْأَرْضَ كِفَاتاً {25} أَحْيَاء وَأَمْوَاتاً {26} وَجَعَلْنَا فِيهَا رَوَاسِيَ شَامِخَاتٍ ... {27}

[2] Сураи Юнус, ояи **5-6**

## Шарҳи вожаҳо

***Явм:*** рӯз. Фосила миёни тулӯи фаҷр ё хуршед то ғуруби офтоброро явм гӯянд. Ҳамчунин ҳаводиси таърихӣ ва ба ёдмонданӣ ва рӯзҳои ҷангро агарчи муддати зиёде тӯл кашида бошад, монанди явми Хандақ ва явми Сиффин, ки мурод ҷанги Хандақ ва ҷанги Сиффин аст.

***Сумма:*** ин калима бар таъхири замонӣ ё маконӣ ё рутбаӣ баъдӣ аз қаблии худ далолат дорад.

**А)** *Таъхири замонӣ*, монанди:

***Ва лақад арсално Нӯҳан ва Иброҳима... Сумма қаффайно ъало осориҳим бирусулино ва қаффайно би Ъӣсабни Маряма*** **Ê**

**Ä** *Мо Нӯҳ ва Иброҳимро фиристодем*... *Ва пас аз он расулони дигари худро фиристодем ва баъд аз онон Исо ибни Марямро мабъус кардем*.[1]

**Б)** *Таъхири маконӣ*, монанди: аз Қум ба Теҳрон ва пас аз он ба Машҳад рафтам.

**В)** *Таъхири рутбаӣ*, монанди: он чи дар посухи паёмбар омадааст: Шахсе пурсид: Ба чӣ кас некӣ кунам? Паёмбар фармуд: Ба модарат. Пурсид: баъд аз ӯ? Фармуд: модарат. Пурсид: баъд аз ӯ? Фармуд: падарат.

---

هُوَ الَّـذِي جَعَـلَ الشَّـمْسَ ضِـيَاء وَالْقَمَـرَ نُـوراً وَقَـدَّرَهُ مَنَـازِلَ لِتَعْلَمُـواْ عَـدَدَ السِّـنِينَ وَالْحِسَـابَ مَـا خَلَـقَ اللّـهُ ذَلِـكَ إِلاَّ بِـالْحَقِّ يُفَصِّـلُ الآيَـاتِ لِقَـوْمٍ يَعْلَمُـونَ {5} إِنَّ فِـي اخْتِلاَفِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ وَمَا خَلَقَ اللّهُ فِي السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ لآيَاتٍ لِّقَوْمٍ يَتَّقُونَ {6}

[1] Сураи Ҳадид, ояи 26-27.

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا نُوحاً وَإِبْرَاهِيمَ ... ثُمَّ قَفَّيْنَا عَلَى آثَارِهِم بِرُسُلِنَا وَقَفَّيْنَا بِعِيسَى ابْنِ مَرْيَمَ ... {27}

***Духон:*** дуд ё он чизе аст, ки аз оташ боло меравад. Гоҳе ба бухор ва ҳарчи шабеҳи бухор аст, низ "духон" мегӯянд.

***Истиво:*** истиво ъалайҳи: иставло ъалайҳи, яъне бар он мусаллат ва ҳукмрон шуд. Тавзеҳи бештари ин ибора ҳамроҳ бо маънои: (Раҳмон ва Арш )ва (савво) дар баҳси "Сифоти раб" хоҳад омад.

***Ратқ:*** бастан ва замина кардан ва фатқ ба маънои кушодан аст.

***Ҷаъала:*** ҷаъл дар Қуръони карим ба маънои зер омада аст:

**А)** *Ба маънои халқ ва эҷод*, монанди:

***Узкурӯ ниъматаллоҳи ъалайкум из ҷаъала фӣкум анбиёа*** **Ê**

**Ä** *Ба ёд оваред неъматҳои Худо бар худатон ҳангоме ки дар миёни шумо паёмбароне офарид.*[1]

***Ва ҷаъала лакум саробӣла тақӣкумул ҳарра*** **Ê**

**Ä** *Ва барои шумо пироҳанҳое офарида аст, ки шуморо аз гармо ҳифз мекунад.*[2]

**Б)** *Ба маънои гардонидан*, монанди:

***Аллазӣ ҷаъала лакумул арза фирошан*** **Ê**

**Ä** *Худованде, ки заминро барои шумо бистаре гардонид.*[3]

---

[1] Сураи Моида, ояи 20.

... يَا قَوْمِ اذْكُرُواْ نِعْمَةَ اللّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ جَعَلَ فِيكُمْ أَنبِيَاء ... {20}

[2] Сураи Наҳл, ояи 81.

... وَجَعَلَ لَكُمْ سَرَابِيلَ تَقِيكُمُ الْحَرَّ ... {81}

[3] Сураи Бақара, ояи 22.

**В)** *Ба маънои қарор додан ва дастур,* монанди:

***Ликуллин ҷаъално минкум ширъатан ва минҳоҷан Ê***

***Ä** Барои ҳар кадом аз шумо оин ва тариқаи равшане қарор додем.*[1]

**Г)** *Ба маънои мусаххар кардан,* яъне ҳидояти тасхирӣ, монанди:

***Ва ҷаъалнал анҳора таҷрӣ мин таҳтиҳим Ê***

***Ä** Ва наҳрҳоро аз зери онҳо ҷорӣ сохтем.*[2] *Яъне: наҳрҳоро бо ҳидояти тасхирӣ чунон кардем, ки аз зери онон ҷараён ёбад.*[3]

***Равосӣ:*** кӯҳҳои собит ва устувор муфради он *росӣ* аст.

***Қазоҳунна:*** қазо дар ин ҷо ба маънои тақдир ва итмоми хилқат аст, яъне хилқати осмонҳоро дар ду рӯз муқаддар кард ва ба итмом расонид.

***Авҳо фӣ кулли самоин амраҳо:*** яъне, вазифаи фариштагони ҳар осмонро ба онон ёд дод ва ба эшон омӯхт, ки чӣ бояд кунад ва барои чӣ офарида шудаанд. Соири махлуқоти осмонҳоро низ чунон ром ва мусаххар фармуда, ки бар тибқи низоме, ки барои онон офарида аст ҳаракт кунанд.

---

**الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الأَرْضَ فِرَاشاً ...** {22}

[1] Сураи Моида, ояи 48.

**... لِكُلٍّ جَعَلْنَا مِنكُمْ شِرْعَةً وَمِنْهَاجاً ...** {48}

[2] Сураи Анъом, ояи 6.

**... وَجَعَلْنَا الأَنْهَارَ تَجْرِي مِن تَحْتِهِمْ ...** {6}

[3] Ҳидояти тасхириро дар баҳси навъҳои чаҳоргонаи ҳидоят, дар оянда баррасӣ мекунем.

***Самк:*** сақф, фосилаи ҳар чизе аз поён ба боло, чунонки амиқ, фосилаи ҳар чиз аз боло ба поён аст.

***Баноҳо:*** бино, яъне сохтан ва барпо доштан ва дар оя яъне: осмонро дақиқ ва мизон ва маҳкам офарид.

***Савво:*** *саввоҳу*, яъне онро дар масири камол ва истеъдод мавриди назар қарор дорад.

***Ағташа:*** *азлама*, онро торик кард.

***Зуҳо:*** тулӯи офтоб, равшанoии нури он ва баромадани рӯз. Ахраҷа зуҳоҳо, яъне рӯзашро ошкор кард.

***Даҳоҳо:*** *даҳо*, яъне густариш ва ҳамвор кардан. Вал арза даҳоҳо, яъне заминро густуронид ва барои сукунат ва баҳраварии башар онро муҳайё ва ҳамвор сохт.

***Таҳоҳо:*** басатаҳо, яъне онро густариш дод.

***Мададноҳо:*** *мадд*, яъне густариши тӯлии пайваста ва дар оя яъне: заминро барои зиндагӣ барои он, густурда ва ҳамвор кардем.

***Мавзӯн:*** *вазн*, яъне андозагирии ҷисмҳо бо чизи боробари худ аз ҳайси сабукӣ ва вазнинӣ, ё дароз ва паҳно ва ё гармо ва сармо. ***Анбатно фӣҳо мин кулли шай'ин мавзӯн***, яъне: *ҳар чизеро дар замин ба таносуби муҳити хос*, *ҳадафи мавриди назар*, *миқдори ниёз ва муқтазои ҳикмат офаридем*.

## Тафсири оёт

Он чи аз маънии оёт меоварем бар ҳасби маънои зоҳирии алфоз аст ва Худо донотар аст:

Худованди мутаол пеш аз он ки осмону заминро биёфаринад, оберо, ки танҳо Худо ҳақиқаташро медонад ва бар мо равшан нест, офарида аст. Арши Худованд, яъне фариштагоне, ки ба фармони Худо

амал мекарданд бар рӯи ин об буданд ва ҳангоме ки ҳикмат ва хости худовандӣ бар он шуд, ки чизҳои дигареро биёфаранд, ибтидо пеш аз хилқати осмон, заминро офарид. Сипас аз бухори замин ва гармои он, ба халқи осмон пардохт. Ин бухор ё дуд аз замин боло мерафт. Ҳамчунин Худованд осмон ва заминро, дар ҳоле ки ба ҳам пайваста буданд, аз якдигар ҷудо сохт (ва Худо донотар аст) ва ҳамон бухор ё дуди замин, осмон шуд. Ин осмонро Худованд густариш дод ва онро ҳафт табақа рӯи ҳам қарор дод. Ин тафсирро дар каломи имом Алӣ[(а)] чунин меёбем:

Худованд аз дарёи мутароким ва маввоҷи об, хушкии ҷомиде офарид ва сипас аз ҳамон об ё хушкӣ, табақотеро падид овард ва пас аз пайвастагӣ аз якдигар онҳоро ҷудо сохта ба ҳафт осмон табдил кард.[1]

Худованд офариниши осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз, яъне шаш давраи амалӣ ба шарҳи зер ба анҷом расонид:

**Аввал: офариниши замин**

Худованд заминро дар ду рӯз офарид ва дар он кӯҳҳои собит ва побарҷо қарор дод. Дар чаҳор рӯзи дигар, Офтобро дар фазои осмон қарор дод ва обро бар рӯи замин ҷорӣ кард. Сипас ба тақдири соири рӯзиҳою озуқаҳо аз рӯиданиҳо ва ғайри он пардохт. Яъне, зоти об ва табиати ҳар мавҷуди зиндаеро essence онҷунон қарор дод, ки аз об ба вуҷуд ояд.

Сипас ба осмон пардохт, яъне пас аз офариниши замин ба халқи осмон пардохт ва осмон дар ин ҳол, дуд ё бухор буд. Ин бухор ё гармо аз баҳрҳои замин ё аз

[1]Наҳҷулбалоға, хутбаи 202, тафсири Дуррулмансур, ҷ.1, с. 44, Биҳоруланвор, ҷ.58, с.104.

кӯлҳои он бархоста буд. Худованд осмон ва заминро пас аз он ки ба ҳам пайваста буданд, аз якдигар ҷудо кард ва баландии осмонро сақфи замин қарор дод (Худованд донотар аст). Сипас ба ин осмон ва замин фармуд: "Ба вуҷуд оед ва шакл пазиред, хоҳ аз рӯи итоат ва хоҳ икроҳ!" Онҳо гуфтанд: "Мо аз рӯи тоат меоем ва шакл мегирем!"

Пас осмон бо ҳамаи каҳкашонҳо, ситорагон ва дигар мавҷудоти он (ки танҳо Худованд адад ва миқдори онро медонад) ба вуҷуд омад. Сипас заминро дар фосилаи муайян ва дур аз осмон густариш дод. Наҳрҳо, дарахтон ва соири рӯиданиҳоро дар он қарор дод ва пас аз он ҳайвонотро офарид.

Сипас осмони ҷудошуда аз заминро, ки муҳит бар он буд ба ҳафт осмон табдил кард ва дар ҳар осмоне, низоми боистаашро барои сайр ва идомаи бақо дар зоти он қарор дод. Осмони дунёро ба чароғҳои фурӯзони ситорагон orост ва аз ҳамон ситорагон шаҳобҳои соқибро[1] барои ҳифозат аз истироқи самъи[2] шаётин падид овард, ки баҳси он дар оянда меояд.

Офтобро нурдиҳанда ва моҳро равшанибахш офарид ва барои моҳ дар масири худ манозилеро тақдир кард то ҳар шабро дар яке аз ин манозил сипарӣ кунад ва аз офтоб ба миқдоре дур бошад, ки дар як давр худ, як моҳи қамарӣро такмил намояд ва бо ин гардиш, моҳҳо ва солҳо падид ояд ва мардумон шумораи солҳо ва ҳисоби онро бидонанд. Ва дар замин аз ҳар чизе ба андозаи лозими он офарид ва заминро маҳалли сукунат ва оромиши одамиён қарор дод то зиндагон ва

[1] Шаҳоби соқиб: ситораи парранда.

[2] Истироқи самъ: пинҳонӣ сухани касеро гӯш кардан, гапҳои касеро махфиёна поидан, duздона гӯш андохтан..

мурдагон дар он ҷамъ оянд ва дар рӯзи қиёмат аз он маҳшур гарданд.

Бино бар он чи баён доштем, аз оёти гузашта чунин истинбот мекунем, ки замин аз ҳайси замон бар осмонҳо ва аз ҳайси рутба низ, бар соири махлуқоте, ки Худованд бар рӯи он офарид, тақаддум (пешӣ) дорад. Худованди таоло ҳамаи он чиро, ки дар осмон ва замин аст, барои баҳравари мардуми рӯи замин ва мақоми авлиёи худ, ки дар миёни эшон ҳастанд, офарида аст. Ӯст, ки фармудааст:

> ***1**-Оё надидед Худованд он чиро дар осмон ва замин аст**,** мусаххари шумо карда аст**.***[1]
>
> ***2**-Ва ҳар чи дар осмонҳо ва замин аст**,** ҳамаро мусаххари шумо карда аст**.***[2]

Ва низ, аз оёти гузашта чунин истинбот мекунем, ки офариниши ғизои инсон мисли: об, гӯшт ва рӯиданиҳо ҳама, қабл аз офариниши инсон будааст. Чунонки бархе оёт, хилқати ҷин аз оташи гарму сӯзонро пеш аз хилқати инсон ва гил бо сароҳат баён медорад, ҳамчунон ки фариштагон низ, қабл аз инсон офарида шудаанд. Худованд фармуд:

> ***Валақад халақнал инсона мин салсолин мин ҳамаин маснӯн. Валҷонна халақноҳу мин қаблу мин норис самум. Ва из қола раббука лилмалоикати иннӣ холиқун башаран мин салсол Ê***

---

[1] Сураи Луқмон, ояи 20.

أَلَمْ تَرَوْا أَنَّ اللَّهَ سَخَّرَ لَكُم مَّا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ ... {20}

[2] Сураи Ҷосия, ояи 13.

وَسَخَّرَ لَكُم مَّا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعاً مِّنْهُ ... {13}

*Ä Мо инсонро аз гили хушкидаи баргирифта аз гили тираранг офаридем ва ҷинро пеш аз он, аз оташи гарм ва сӯзон халқ кардем. Ва ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон гуфт: Ман башареро аз гили хушкидае меофаринам.*[1]

## Дуввум: офариниши кавокиб ва каҳкашонҳо

Худованд дар Қуръони карим аз бурҷҳо, кавокиб ва шаҳобҳо хабар дода ва фармуд:

***1-Валақад ҷаъално фис самои бурӯҷан ва зайяннохо линнозирӣн. Ва ҳафизноҳо мин кулли шайтонин раҷӣм. Илло ман истарақас самъа, фаатбаъаҳу шиҳобун мубӣн Ê***

*Ä Мо дар осмон бурҷҳое қарор додем ва онро барои бандагон оростем. Ва онро аз ҳар шайтони рондашудае ҳифз кардем, магар он кас, ки истироқи самъ кунад (ва дуздона гӯш диҳад), ки шаҳоби мубин ӯро таъқиб мекунад.*[2]

***2-Инно зайяннас самоад дунё бизӣнатил кавокиб. Ва ҳифзан мин кулли шайтонин морид. Ло яссаммаъӯна илал малаил аъло ва юқзафӯна мин кулли ҷониб. Духӯран ва лаҳум ъазобун восиб. Илло ман хатифал хатфата, фатбаъаҳу шиҳобун соқиб Ê***

---

[1]Сураи Ҳиҷр, ояи 26-28.

وَلَقَدْ خَلَقْنَا الإِنسَانَ مِن صَلْصَالٍ مِّنْ حَمَإٍ مَّسْنُونٍ {26} وَالْجَآنَّ خَلَقْنَاهُ مِن قَبْلُ مِن نَّارِ السَّمُومِ {27} وَإِذْ قَالَ رَبُّكَ لِلْمَلاَئِكَةِ إِنِّي خَالِقٌ بَشَراً مِّن صَلْصَالٍ ... {28}

[2]Сураи Ҳиҷр, ояи 16-18.

وَلَقَدْ جَعَلْنَا فِي السَّمَاءِ بُرُوجاً وَزَيَّنَّاهَا لِلنَّاظِرِينَ {16} وَحَفِظْنَاهَا مِن كُلِّ شَيْطَانٍ رَّجِيمٍ {17} إِلاَّ مَنِ اسْتَرَقَ السَّمْعَ فَأَتْبَعَهُ شِهَابٌ مُّبِينٌ {18}

*ÄМо осмони дунёро бо ситорагон оростем, то онро аз ҳар шайтони хабис ва саркаше ҳифз кунем. Онҳо halnаметавонанд ба суханони фариштагони олами боло гӯш фаро диҳанд ва аз ҳар сӯ башиддат мавриди ҳадаф қарор мегиранд! Магар онҳо, ки дар лаҳзаи кӯтоҳ барои истироқи самъ ба осмон наздик шаванд, ки шаҳоби соқиб онҳоро таъқиб мекунад.*[1]

***3-Таборакал лазӣ ҷаъала фис самои бурӯҷан ва ҷаъала фӣҳо сироҷан ва қамаран мунӣро Ê***

*ÄМуборак ва ҷовидон аст Худое, ки дар осмон манзилгоҳҳое барои ситорагон қарор дод ва дар миёни осмон чароғи равшан ва моҳи тобоне барафрӯхт.*[2]

***4-Ҳувал лазӣ ҷаъалаш шамса зиёан вал қамара нӯран ва қаддараҳу манозила литаъламӯ ъададас синӣна вал ҳисоба... Ê***

*ÄӮ Худое аст, ки офтобро равшанӣ ва моҳро нур қарор дод ва барои он манзилгоҳҳое муқаддар кард, то адади солҳо ва ҳисобро бидонед...*[3]

---

[1]Сураи Соффот, ояи 6-10.

إِنَّا زَيَّنَّا السَّمَاء الدُّنْيَا بِزِينَةٍ الْكَوَاكِبِ {6} وَحِفْظاً مِّن كُلِّ شَيْطَانٍ مَّارِدٍ {7} لَا يَسَّمَّعُونَ إِلَى الْمَلَإِ الْأَعْلَى وَيُقْذَفُونَ مِن كُلِّ جَانِبٍ {8} دُحُوراً وَلَهُمْ عَذَابٌ وَاصِبٌ {9} إِلَّا مَنْ خَطِفَ الْخَطْفَةَ فَأَتْبَعَهُ شِهَابٌ ثَاقِبٌ {10}

[2]Сураи Фурқон, ояи 61.

تَبَارَكَ الَّذِي جَعَلَ فِي السَّمَاء بُرُوجاً وَجَعَلَ فِيهَا سِرَاجاً وَقَمَراً مُّنِيراً {61}

[3]Сураи Юнус, ояи 5.

هُوَ الَّذِي جَعَلَ الشَّمْسَ ضِيَاء وَالْقَمَرَ نُوراً وَقَدَّرَهُ مَنَازِلَ لِتَعْلَمُواْ عَدَدَ السِّنِينَ وَالْحِسَابَ ... {5}

***5-Ва ҷаъалал қамара фӣҳинна нӯран ва ҷаъалаш шамса сироҷо Ê***

*ÄВа моҳро дар миёни осмонҳо мояи равшаноӣ ва офтобро чароғи фурӯзон қарор дода аст.*[1]

***6-Инна ъиддаташ шуҳӯри ъиндаллоҳи исно ъашара шаҳран фӣ китобиллоҳи, явма халақас самовоти вал арза минҳо, арбаъатун ҳурумун золикад дӣнул қаййиму фало тазлиму фӣҳинна анфусакум, ва қотилул мушрикӣна коффатан камо юқотилунакум коффатан, ваъламу анналлоҳа маъал муттақӣн Ê***

*ÄТеъдоди моҳҳо назди Худованд дар китоби илоҳӣ (аз он рӯзе, ки осмонҳо ва заминро офарид) дувоздаҳ моҳ аст, ки чаҳор моҳ аз он, моҳи ҳаром аст. Ин оин собит ва побарҷо аст! Бинобар ин, дар ин моҳҳо ба худ ситам накунед ва бо мушрикон дастаҷамъӣ пайкор кунед, ҳамон гуна, ки онон якпорча бо шумо пайкор мекунанд ва бидонед Худованд бо парҳезкорон аст.*[2]

***7-Ва ъаломотин ва биннаҷми ҳум яҳтадӯн Ê***

*ÄВа аломатҳое қарор дод. Ва ба василаи ситорагон ҳидоят мешаванд.*[3]

---

[1]Сураи Нӯҳ, ояи 16.

وَجَعَلَ الْقَمَرَ فِيهِنَّ نُوراً وَجَعَلَ الشَّمْسَ سِرَاجاً {16}

[2]Сураи Тавба, ояи 36.

إِنَّ عِدَّةَ الشُّهُورِ عِندَ اللّهِ اثْنَا عَشَرَ شَهْراً فِي كِتَابِ اللّهِ يَوْمَ خَلَقَ السَّمَاوَات وَالأَرْضَ مِنْهَا أَرْبَعَةٌ حُرُمٌ ذَلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ فَلاَ تَظْلِمُواْ فِيهِنَّ أَنفُسَكُمْ وَقَاتِلُواْ الْمُشْرِكِينَ كَآفَّةً كَمَا يُقَاتِلُونَكُمْ كَآفَّةً وَاعْلَمُواْ أَنَّ اللّهَ مَعَ الْمُتَّقِينَ {36}

[3]Сураи Наҳл, ояи 16.

وَعَلامَاتٍ وَبِالنَّجْمِ هُمْ يَهْتَدُونَ {16}

***8-Ва ҳувал лазӣ ҷаъала лакумун нуҷӯма литаҳтадӯ биҳо фӣ зулумотил барри вал баҳри...*** Ê

Ä*Ӯ Худое аст, ки ситорагонро барои шумо қарор дод, то дар торикиҳои хушкӣ ва баҳр ба василаи онҳо роҳ ёбед...*[1]

## Шарҳи вожаҳо

***Бурӯҷ:*** буруҷ, ки муфради он бурҷ аст, дар замин ба маънои *кох* ва *қалъа* ва дар осмон *маҷмӯае аз ситорагон* аст, ки моҳ, офтоб ва дигар сайёраҳо аз муқобили онҳо убур мекунанд. Бархе аз ин бурҷҳои осмонӣ ба гунае аст, ки агар шакли онро бар рӯи коғаз расм кунем ва фосилаи миёни ситорагонашро бо хат ба ҳам пайваст намоем ҳамонанди хирс, ақраб ва ғайра мешавад, ки ақраб яке аз манозил ва истгоҳҳои моҳ аст. Истилоҳи машҳури "қамар дар ақраб" аз наздикии моҳ бо ин бурҷ гирифта шуда аст.

Ситорашиносон барои моҳ дувоздаҳ бурҷ дар масири ҳаракаташ қоиланд. Мо дар поёни ҳамин баҳс аз хитоби Қуръон бо мардум дар бораи он чи аз моҳ ба сурати ошкор мебинанд, сухан хоҳем гуфт.

***Раҷӣм:*** рондашуда. Касе, ки аз некиҳо, ё ҷойгоҳи аршиён ва ё раҳмати Худо маҳрум шуда бошад.

***Шиҳоб:*** шӯъла, шӯълаи дар ҳоли фуруд аз осмон, ки ҷамъи он шуҳуб аст. Шарҳи бештари он дар баҳси "Ҷин" меояд.

---

[1]Сураи Анъом, ояи 97.

وَهُوَ الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ النُّجُومَ لِتَهْتَدُواْ بِهَا فِي ظُلُمَاتِ الْبَرِّ وَالْبَحْرِ ... {97}

***Морид:*** морид ва марид аз шаётин, ҷин ва инс ба маънои саркаши тиҳӣ аз хайр ва фурӯрафта дар шар ва гуноҳ аст.

***Дуҳӯр:*** дафъ, тард ва дур кардан.

***Нуҷӯм:*** ситорагони фурӯзоне, ки монанди офтоб нур доранд.

***Кавокиб:*** аҷсоме, ки аз нуҷум ва ситорагон нур мегиранд. Ба ҳамаи аҷсоми нуронии осмон кавокиб гӯянд, чунонки Худои субҳон фармуда аст:

***Инно заййанас самоад дунё бизӣнатил кавокиб Ê***

***Ä*** *Мо осмони дунёро бо кавокиб оростем.*[1]

***Восиб:*** доим ва лозим.

***Хатафа хатфатан:*** босуръат гирифт ва рабуд. Хатафа яъне, як бор рабудан. Мурод ин аст, ки шаётин гоҳе чизеро аз фариштагон шунида ва бо суръат мерабоянд.

***Соқиб:*** нофиз, шикофанда ва равшан. Шаҳоб аз он рӯ ба соқиб васф шуда аст, ки дар торикиҳо нуфуз мекунад ва чунон менамояд, ки бо нури худ онро мешикофад.

## Тафсири оёт

Аз оёте, ки дар баҳси осмонҳо ва ситорагон овардем дониста мешавад, ки: осмони дунё ҷойгоҳаш бартар ва болотар аз ҳамаи кавокиб ва ситорагони фурӯзони каҳкашонҳост. Осмони дуввум аз он бартару болотар ва бартар аз дуввум осмони сеюм ва болои сеюмин,

[1]Сураи Соффот, ояи 6.

إِنَّا زَيَّنَّا السَّمَاءَ الدُّنْيَا بِزِينَةٍ الْكَوَاكِبِ {6}

осмони чаҳорум аст. Ҳамин хел то осмони ҳафтум, ки баландиаш болотар аз соири осмонҳост ва баландии ҳар як аз дигаре, баландии маконӣ аст, бар хилофи арш, ки баландии он баландии маънавӣ аст ва баёни он дар ҷои худ меояд. Ин тавзеҳ ду саволро мутаваҷҷеҳи худ мекунад:

1-Чаро Худованд аз хосиятҳо ва фавоиди ситорагон танҳо умуреро ёдоварӣ мекунад, ки ҳамаи мардум медонанд, монанди ин оя, ки:

***“Ҷаъала лакумун нуҷӯма литаҳтадӯ” Ê***

***Ä*** *"Ситорагонро барои ҳидоят ва роҳнамоии шумо қарор дод"*.[1]

Чаро аз осор ва сифоте, ки донишмандон пас аз нузули Қуръон онҳоро кашф кардаанд чизе нагуфтааст?

2-Худованд дар сураи Соффот фармуда аст:

***"Инно заййанас самоад дунё бизӣнатил кавокиб” Ê***

***Ä*** *“Мо осмони дунёро бо ситорагон оростем"*[2]

Савол ин аст, ки агар ситорагон зинати осмони дунёст, лозимааш ин аст, ки ҷойгоҳи тамоми ситорагон дар зери осмони дунё бошад, бо он ки донишмандони ситорашинос дар гузашта мегуфтанд: ҷойгоҳи бештари ситорагони болои осмони дунёст. Дидгоҳи илмии

---

[1]Сураи Анъом, ояи 97.

**... جَعَلَ لَكُمُ النُّجُومَ لِتَهْتَدُواْ بِهَا فِي ظُلُمَاتِ الْبَرِّ وَالْبَحْرِ ...** {97}

[2]Сураи Соффот, ояи 6.

**إِنَّا زَيَّنَّا السَّمَاء الدُّنْيَا بِزِينَةٍ الْكَوَاكِبِ** {6}

замони мо дар инбора чист? Дар посухи ин ду савол ба ёрии Худо мегӯем:

1-**Ҷавоби суоли аввал**:

Худованди субҳон хотами паёмбаронашро бо Қуръони карим барои он фиристод, то ҳамаи мардумонро ба оине, ки барои онон муқаррар фармуда аст, ҳидоят кунад. Чунонки худ фармуда аст:

***1-Қул ё айюҳан носу иннӣ расулуллоҳи илайкум ҷамӣъо*** Ê

Ä*Бигӯ: эй мардум! Ман фиристодаи Худо ба сӯи ҳамагии шумо ҳастам...*[1]

***2-Ва ӯҳия илайя ҳазал Қур'ону лиунзиракум биҳӣ ва ман балаға*** Ê

Ä*Ин Қуръон бар ман ваҳӣ шуда аст, то шумо ва ҳамаи касонеро, ки ин паём ба онон мерасад, бим диҳам...*[2]

Аз ҳамин сабаб Қуръони карим дар гуфтораш ҳамаи мардумонро мавриди таваҷҷӯҳ ва хитоби "ё айюҳаннос" қарор медиҳад ва чун ҳамаи мардум аз ҳар синф ва гурӯҳе мавриди хитоб ҳастанд, ночор сухан ҳам бояд ба фарохӯри ҳол ва фаҳми ҳамагон бошад, то ҳамаи мардумонро дар ҳар мавқеъияти замон ва макone, ки ҳастанд онро бифаҳманд. Чунон, ки дар мақоми истидлол ва иқомаи бурҳон бар ягонагии Холиқ ва Илоҳ (тавҳиди улуҳият) мефармояд:

---

[1]Сураи Аъроф, ояи 158.

قُلْ يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنِّي رَسُولُ اللّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعاً ... {158}

[2]Сураи Анъом, ояи 19.

... وَأُوحِيَ إِلَيَّ هَذَا الْقُرْآنُ لأُنذِرَكُم بِهِ وَمَن بَلَغَ ... {19}

*Оё онон ба шутур наменигаранд, ки чӣ гуна офарида шудааст?! Ва ба осмон нигоҳ намекунад, ки чӣ гуна барафрошта шуда аст?! Ва ба кӯҳҳо, ки чӣ гуна дар ҷои худ устувор ва побарҷо шудаанд?! Ва ба замин, ки чӣ гуна густурда ва ҳамвор гашта аст?! Пас тазаккур бидеҳ, ки ту фақат тазаккурдиҳандаӣ! Ту султагар ва водоркунандаи онон нестӣ!*[1]

Ва дар мақоми истидлол ва иқомаи бурҳон бар ягонагии Парвардигор (тавҳид рубубият) мефармояд:

*Оё ба обе, ки менӯшед андешидаед?! Оё шумо онро аз абр нозил кардаед ё мо онро фуру мефиристем?! Ҳар гоҳ бихоҳем ин оби гурвороро талх ва шӯр мегардонем. Пас чаро шукр намекунед? Ҳоло ки чунин аст, ба номи Парвардигори бузургат тасбеҳ кун ва ӯро муназзаҳ бидон!*[2]

Агар Худои субҳон равише бар хилофи ин мепаймуд ва дар мақоми истидлол, низоми ҳаракат ва сукуни миллиардҳо ситора дар миллиёнҳо каҳкашони осмонро ёдовар мешуд, ё аз инсон фақат чашми ӯро меҳвари истидлол қарор медод ва миллионҳо хатҳои рези таъбияшуда дар онро зикр мекард ва аз хуни ӯ ва

---

[1]Сураи Ғошия, ояи 17-22.

أَفَلَا يَنظُرُونَ إِلَى الْإِبِلِ كَيْفَ خُلِقَتْ {17} وَإِلَى السَّمَاء كَيْفَ رُفِعَتْ {18} وَإِلَى الْجِبَالِ كَيْفَ نُصِبَتْ {19} وَإِلَى الْأَرْضِ كَيْفَ سُطِحَتْ {20} فَذَكِّرْ إِنَّمَا أَنتَ مُذَكِّرٌ {21} لَّسْتَ عَلَيْهِم بِمُصَيْطِرٍ {22}

[2]Сураи Воқеа, ояи 68-70 ва74.

أَفَرَأَيْتُمُ الْمَاء الَّذِي تَشْرَبُونَ {68} أَأَنتُمْ أَنزَلْتُمُوهُ مِنَ الْمُزْنِ أَمْ نَحْنُ الْمُنزِلُونَ {69} لَوْ نَشَاء جَعَلْنَاهُ أُجَاجاً فَلَوْلَا تَشْكُرُونَ {70}

فَسَبِّحْ بِاسْمِ رَبِّكَ الْعَظِيمِ {74}

миллионҳо доначаҳои сурху сафеди он (лейкотсит ва эритротсит) сухан мегуфт, ё аз мағзи ӯ ва гӯшаҳои печида ва миллионии он парда бармедошт, ё аз ҷиҳози ҳозимаи ӯ ва ё аз анвои беморӣ ва роҳи дармони он мегуфт (чунон, ки бархе мепурсанд: чаро Худованд аз ин достонҳои марбут ба ҷисми инсон, ки худ онро офарида аст, чизе дар Қуръони карим баён накарда аст? Оё ин аз мавориди кӯтоҳӣ ва нақс дар китоби Худо нест?! Ба Худо паноҳ мебарем!) шумо чӣ фикр мекунед? Агар хусусиятҳои хилқат ба ин гуна, ки гузашт дар Қуръони карим меомад, кадоме аз мардумон, қабл аз замони кашфи онҳо, онро мефаҳмид? Агар паёмбарон масалан ба мардум мегуфтанд: замине, ки мо рӯи он зиндагӣ мекунем даври Офтоб мегардад, хуршед бисту се миллион мил аз замин фосила дорад ва ин манзумаи шамсӣ дар канори каҳкашоне ба номи “Роҳи ширӣ” қарор гирифта аст, ки дар он каҳкашон сӣ миллиард ситора аст, дар пушти ин каҳкашон садҳо ҳазор аз оламҳои ношинохта ва чуқуриҳои печида ёфт мешавад ва ҳоказо...

Шумо чӣ меандешед? Агар умматҳо монанди ин суханонро аз паёмбаронашон мешуниданд, ба анбиё чӣ мегуфтанд? Онон, ки паёмбаронро (танҳо ба ин хотир, ки мардумро ба ягонагии Худо даъват мекарданд) девона мехонданд ва Худованд дар бораи онҳо мефармояд:

***1-Каззабат қаблаҳум қавму Нӯҳин. Факаззабӯ ъабдано ва қолӯ маҷнӯнун Ê***

*Ä Пеш аз онҳо қавми Нӯҳ такзиб карданд. Оре, бандаи мо Нӯҳро дурӯғгӯ пиндоштанд ва гуфтанд: Ӯ девона аст!*[1]

***2-Казолика мо атал лазӣна мин қаблиҳим мин расӯлин илло қолӯ соҳирӯн ав маҷнӯн Ê***

*Ä Ин гуна аст, ки ҳеҷ паёмбаре пеш аз онон ба сӯи қавме фиристода нашуд, магар ин ки гуфтанд: Ӯ соҳир аст ё девона!*[2]

***3-Ва яқӯлӯна иннаҳу ламаҷнӯн Ê***

*Ä Ва мегӯянд: Ӯ (Паёмбари Хотам) девона аст.*[3]

Ҳоло бо чунин дидгоҳ ва ҳолате, ки умматҳо доштанд, агар амсоли ин гуфторро низ аз паёмбарон мешуниданд чӣ мегуфтанд? Усулан чӣ теъдод аз мардумон мухотаби Қуръон буданд, ки ин ҳақоиқи илмиро дарк кунанд. Ҳақоиқе, ки донишмандон то имрӯз кашф карда ва пас аз ин кашф мекунанд чӣ гуна барои онон фаҳмиданӣ ва қобили дарк буд?

Ба илова, ин масоиле, ки донишмандон то ба имрӯз кашф кардаанд дар чӣ теъдоди маҷмӯаи илмӣ меғунҷад? Дар ҳоле, ки Худованд Қуръони каримро бар хотами паёмбарон нозил кард, то китоби ҳидоят бошад, мардумро омӯзиш диҳад, ки чӣ гуна Худои худро бандагӣ кунанд, ӯ ва амру наҳйҳои вайро итоат

---

[1] Сураи Қамар, ояи 9.

كَذَّبَتْ قَبْلَهُمْ قَوْمُ نُوحٍ فَكَذَّبُوا عَبْدَنَا وَقَالُوا مَجْنُونٌ ... {9}

[2] Сураи Зориёт, ояи 52.

كَذَلِكَ مَا أَتَى الَّذِينَ مِن قَبْلِهِم مِّن رَّسُولٍ إِلَّا قَالُوا سَاحِرٌ أَوْ مَجْنُونٌ {52}

[3] Сураи Қалам, ояи 51.

وَيَقُولُونَ إِنَّهُ لَمَجْنُونٌ ... {51}

намоянд. Чӣ гуна бо дигар мардумон бархӯрд кунанд ва аз он чи Худо барои эшон офарида ва мусаххар карда аст, чӣ гуна дар роҳи расидан ба дараҷаи камоли инсонӣ ва саодати дунёю охират баҳра гиранд.

Худованд Қуръони каримро нозил кард, то мардумонро аз хусусиятҳои об, ҳаво, замин, ҳайвон ва наботот огоҳ созад. Балки ин мавзӯъро аз вазоифи ақли башарӣ қарор дода аст. Ақле Худованд ба онон бахшид, то ба ҳамаи инҳо бар ҳасби ниёзашон, дар давронҳои паёпай ва ҳолатҳои мухталиф ононро ҳидоят намояд.

Бо чунин ақле, ки Худои субҳон ба инсон бахшид, башар ниёзманди он набуд, то масалан Худованд дар Қуръони карим чигунагии шикофтани атомро ба ӯ омӯзиш диҳад. Балки ниёзи воқеии башар дар ин аст, ки Худованд роҳи баҳрагирӣ ва корбарии ин нерӯ ва амсоли онро ба вай нишон диҳад, то пас аз кашф ва тасаллут бар он, дар роҳи манофеи инсонӣ онро ба кор гирад, на дар роҳи нобудии навъи башар, ҳайвонот ва гиёҳон!

Пас, ҳикмати воқеӣ ҳамон аст, ки Қуръони карим оварда аст ва дар истидлол ва иқомаи бурҳон ба зикри навъҳои махлуқот пардохтааст. Албатта ин сухан бо он ки Қуръони карим гоҳе ишорае ҳам ба ҳақоиқи илмии кашфшуда дошта бошад, зиддияте надорад. Ҳақоиқе, ки пас аз замони нузули Қуръон кашф шуда аст ва Қуръон пеш аз кашф ба онҳо ишора карда, аз далоили равшан ва нишонаҳои тозае аст бар ин ки Қуръони карим аз тарафи холиқи ҳастӣ ва Парвардигори он нозил шуда аст. Ҳамон гуна, ки васии Хотами Анбиё -

Алии Муртазо фармуда аст: “Аҷоиби Қуръон поённопазир аст”.[1]

Ва ин шигифтиҳои Қуръони карим аст, ки ҳар ҷо зикре аз хусусиятҳою вижагиҳои махлуқот дар он шуда аст, бо ҳақоиқи илмӣ, ки баъд аз он тавассути донишмандон дар тӯли қарнҳо ва асрҳо кашф шуда аст, мухолиф нест.

## 2-Ҷавоби саволи дуввум

Гурӯҳе аз донишмандон дар бархе аз даврон, баъзе аз он чиро, ки дар Қуръони карим омада аст, таъвил ва тавҷеҳ карда бо назариёти иштибоҳ ва беасосе, ки дар замони эшон аз ҳақоиқи илмӣ ба ҳисоб меомад татбиқ додаанд. Монанди тавҷеҳи эшон аз осмонҳои ҳафтгона, ба афлоки ҳафтгонаи машҳур дар назди донишмандони гузашта бар асоси назарияи Батламиюс, ки дар ҳудуди соли 90 то 160 мелодӣ мезистааст. Батламиюс гуфта аст:

Осмонҳо ва Замин аҷсоми куравӣ ҳастанд, ки бархе аз онҳо ҳамонанди лояҳои пиёз рӯи бархе дигар қарор гирифтаанд. Маркази ин курот Замин аст, ки се чаҳоруми он аз об ташкил шудааст. Мартабаи болоии замин ҳавост ва болотар аз ҳаво оташ аст. Ин чаҳор унсур яъне: хок, об, ҳаво ва оташро тобеъҳои чаҳоргона номидаанд. Болотари инҳо фалаки Қамар аст, ки фалаки аввал мебошад. Сипас фалаки Аторуд, сипас фалаки Зӯҳра, сипас фалаки Офтоб, сипас фалаки Миррих, сипас Муштарӣ, ва баъд аз он Зуҳал. Ситорагони ин афлокро ҳам, сайёраҳои ҳафтгона номидаанд, ки фалаки ситорагони собит, ки онро фалаки буруҷ гӯянд, бар он иҳота дорад. Пас аз он

[1]Наҳҷулбалоға, хутбаи 18

фалаки Атласе аст, ки ситорае дар он нест. Ин донишмандон осмонҳои ҳафтгонаро ба афлоки сайёраҳои ҳафтгона ва Курсиро ба фалаки бурҷ ва Аршро ба фалаки нӯҳумин тавҷеҳ ва таъвил кардаанд!

Эшон ҳамчунин, он чи дар Қуръон ва ҳадис дар атрофи бархе аз истилоҳоти исломӣ омада аст, ҳамаро бо назарот ва дидгоҳҳои беасоси фалсафӣ ва нуҷумии замони худашон тафсир ва таъвил кардаанд. Чун дар бархе аз ин назариёт матлабе аст, ки бо матни Қуръони карим мухолиф аст, кӯшидаанд, то байни он чи дар Қуръони карим омадаро бо ин назариёт ҷамъ кунанд. Марҳуми Маҷлисӣ (раҳ.) ба ин равиш ишора карда ва гуфтааст:

Бидон! Дар ин ҷо ишколи машҳуре аст ва он ин ки: донишмандони илми ҳайъат иттифоқ доранд, ки дар осмони аввал ҷуз моҳ чизи дигаре нест ва соири ситорагони сайёр, ҳамагӣ дар як фалак ва гарданда ҳастанд. Ситорагони собит дар фалаки ҳаштумин ҳастанд, дар ҳоле ки ояи каримаи Қуръон далолат дорад, ки ҳамаи онҳо ё бештарашон дар осмони дунё ҳастанд.[1] Ӯ сипас ҷавобҳои гуфташударо меоварад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ояи мавриди ишора ва тафсири он дар зер меояд, аз зикри ваҷҳҳои мавриди нақли марҳуми Маҷлисӣ дар ин ҷо сарфи назар мекунем ва танҳо сухани бузурги файласуфони замони ӯ, Мирдомод (раҳ.)-ро дар таъвили ҳадисе дар ин боб меоварем:

Маҷлисӣ (раҳ.) дар китоби Биҳоруланвор гуфтааст:

---

[1]Инно заййаннас самоад дунё бизинатил кавокиб, Сураи Соффот, ояи 6.

إِنَّا زَيَّنَّا السَّمَاءَ الدُّنْيَا بِزِينَةٍ الْكَوَاكِبِ {6}

## Баён ва таъвили нодуруст

Саййиди Домод (раҳ.) дар бархе таълиқоташ, ки бар китоби "*Ман ло яҳзараҳул фақиҳ*" навишта аст, гуфта шудааст: Арш ҳамон фалакулафлок аст. Ва ин ки Имом[а] онро мураббаъ донистаанд, барои он аст, ки фалак ба хотири ҳаракати даврие, ки дорад барои ӯ як камарбанд ва ду қутб ба вуҷуд меояд. Ҳар доираи бузурге, ки ба даври курае кашида шавад, он кураро нисф мекунад ва фалак ҳам ба воситаи камарбанди ҳаракатӣ ва доиравӣ, ки аз ду қутби он мегузарад ба чаҳор бахш тақсим мегардад. Ва Арш ки фалаки дуртарин аст ва Курсӣ ки фалаки ситорагони собит аст ба василаи нисфуннаҳор[1] ва камарбанди буруч ва доирае, ки бар қутбҳои чаҳоргона мегузарад, ба чаҳор бахш тақсим мегарданд. Ҳамчунин доираи уфуқ, ки бар сатҳи фалак болотар аст ба василаи нисфуннаҳор ва доираи Машриқ ва Мағриб чаҳор бахш мегардад. Ҳар бахш аз он ба гунае дар маҷмӯае қарор мегирад, ки тарафҳои чаҳоргонаи Ҷануб, Шимол, Машриқ ва Мағрибро мушаххас мекунад. Файласуфон фалакро нозил - манзалаи инсоне фарз кардаанд, ки бар пушти худ хобида сари ӯ ба самти шимол, поҳояш ба сӯи ҷануб, дасти росташ дар ҷиҳати мағриб ва дасти чапи ӯ ба самти машриқ мебошад.

Ва низ, чоркунҷа ва шашкунҷа аввалин шаклҳои доираанд, ки дар ҷои худ равшан шудааст. Зеро, чоркунҷа бо ду диагонале, ки қоим ба якдигар бошанд ва ҳамдигарро қатъ кунанд, ҳосил мешавад ва шашкунҷа ба нисфи қутр, зеро ватари (хорда) як шашум баробари нисфи диагонал аст ва як чаҳоруми давр як қавси тамом аст. Ва ҳарчи аз як чаҳорум кам

---

[1] Хати Экватор.

бошад, боқимондаи он то расидан ба ҳадди як чаҳорум боиси тамоми он мешавад.

Ва низ, фалаки ниҳоӣ дорои модда, сурат ва ақл мебошад, ки ҳамон ақли аввал аст. Ба он ақли кул гуфта мешавад ва дорои нафс аст, ки ҳамон нафси уло буда ба он нафси кул мегӯянд. Ва ин нафси мураббаъ аст ва аввалин аз мураббаоти низоми ҳастӣ аст.

Дар он ҷо ҷиҳатҳои дигаре низ ҳаст, ки мақомро ғунҷоиши басти он нест ва ҳар ки хоҳад, бояд дар паи фаҳми он бошад.

Маҷлисӣ (раҳ) мегӯяд: “Адами мувофиқати ин тавҷеҳот бо қавонини шаръ ва мусталлаҳоти аҳли ислом махфӣ нест. Поёни он чи Маҷлисӣ (раҳ) оварда аст.

Изофа бар он чи овардем, бархе донишмандон низ, Қуръони каримро бо исроилиёт, тафсир кардаанд. Бархе низ, бо ривоёти дурӯғине, ки бар Паёмбари Худо(с) баста шуда аст, бидуни таҳқиқу баррасӣ, ба тафсири Қуръон пардохтаанд. Бар асари чунин бархӯрдҳо, фаҳми Қуръон, истилоҳоти исломӣ ва алфоз ва вожаҳо, бар тиловаткунандагони Қуръон ва ҳадис пӯшида ва норавшан гардида аст. Мо бахше аз ин иштибоҳкориҳоро дар китоби "Қуръони карим ва ривоёти ду мактаб" дар бахши "Қуръон дар замони расули Худо ва баъд аз он ҳазрат" овардаем.

## Фишурдаи баҳс

**1- само:**

Осмон дар луғат он чизе аст, ки шуморо аз боло бипӯшонад ва осмони ҳар чизе боло ва сақфи он аст.

Осмон дар Қуръони карим он ҷо, ки муфрад омада аст, гоҳе ба маънои атрофи Замин аст монанди:

***1-Алам ярав илат тайри мусаххаротин фӣ ҷаввис самои*** **Ê**

**Ä** *Оё онон паррандагони нигаҳдошташуда дар фазои осмонро надидаанд***?**[1]

***2-Ва анзала минас самои моан*** **Ê**

**Ä** *Ва аз осмон обе фиристод***.**[2]

Ва гоҳе мурод аз он, ситорагон ва осмонҳои ҳафтгонаи болост, монанди:

***Суммаставо илас самои фасаввоҳунна сабъа самовот*** **Ê**

**Ä** *Сипас ба осмон пардохт ва онҳоро ба сурати ҳафт осмон мураттаб намуд***.**[3]

“Само” он ҷо, ки ба лафзи ҷамъ омада аст, мақсуд аз он осмонҳои ҳафтгона аст, чунон, ки дар ояи гузашта омада буд.

**2- ибтидои хилқат:**

Худои субҳон худ хабар дода аст, ки пеш аз офариниши осмонҳо ва замин, обро халқ карда буд. Мо аз оёти гузашта дармеёбем, ки Худованд заминро аз ин об офарида ва осмонҳоро аз бухори ин обу ин

---

[1]Сураи Наҳл, ояи 79.

أَلَمْ يَرَوْاْ إِلَى الطَّيْرِ مُسَخَّرَاتٍ فِي جَوِّ السَّمَاء ... {79}

[2] Сураи Бақара, ояи 22.

... وَأَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً ... {22}

[3] Сураи Бақара, ояи 29.

... ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء فَسَوَّاهُنَّ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ ... {29}

замин падид оварда аст. Мароҳили хилқати осмону замин ва офариниши бархе мавҷудот дар онҳо, ки дар зимни он, ниёзмандиҳои зиндагии инсон ҳам буд, дар шаш давра ба поён расида аст. Ва ин ки Худованд ҳамаи ситорагони нурониро дар зери осмони дунё қарор дода аст, ва ахборе, ки аз Худованд дар бораи офариниш ба мо расида аст ба андозаест, ки барои ҳидояти мардум мавриди ниёз аст ва ақли башар беш аз ин тавони дарки масоили марбут ба ибтидои хилқат ва ҳақиқати каҳкашонҳо ва сайёротро надорад.

Бархе аз донишмандон худро ба заҳмат андохта ва ҳар чиро дар Қуръон дар васфи осмонҳо ва ситорагон ёфтаанд, ба масоиле, ки дар замони худашон сохта шуда буд ва онро илмӣ медонистанд, тавҷеҳ ва таъвил кардаанд; монанди таъвили маънои осмонҳо ба афлоки ҳафтгона, ки онро масъалаи қатъӣ ва амалӣ медонистанд ва имрӯза бутлони он возеҳу равшан аст.

Ҳамчунин, бархе аз оётро бо ривоёти исроилӣ тафсир кардаанд. Равише, ки ҳанӯз ҳам дар миёни мусулмонон идома дорад ва ба ин сабаб дидгоҳи нодурусте аз синфҳои мавҷудот дар ҷомеаи исломӣ мунташир гардидааст, ки дар баҳсҳои оянда ба ёрии Худо бархе аз онҳоро баррасӣ мекунем.

**1- даввоб, ҷунбандагон**

Худои субҳон дар бораи офариниши онҳо мефармояд:

***1-Валлоҳу халақа кулла доббатин мин моин, фаминҳум ман ямшӣ ъало батниҳи, ва минҳум ман ямшӣ ъало риҷлайни, ва минҳум ман ямшӣ ъало арбаъин, яхлуқуллоҳу мо яшоу, инналлоҳа ъало кулли шай'ин қадӣр Ê***

*Ä Худованд ҳар ҷунбандаеро аз обе офарид. Гурӯҳе аз онҳо бар шиками худ роҳ мераванд, гурӯҳе бар ду пои худ ва гурӯҳе бар чаҳор пои худ роҳ мераванд. Худованд ҳар чиро бихоҳад меофаринад, зеро Худо бар ҳамаи чиз тавоност.*[1]

***2-Ва мо мин доббатин фил арзи ва ло тоирин ятӣру биҷаноҳайҳи, илло умамун амсолукум мо фарратно фил китоби мин шай'ин, сумма ило раббиҳим юҳшарӯн Ê***

*Ä Ҳеҷ ҷунбандае дар замин ва ҳеҷ парандае, ки бо ду боли худ ҳаракат мекунад нест, магар ин ки умматҳое ҳамонанди шумо ҳастанд. Мо ҳеҷ чизро дар ин китоб фурӯгузор накардем; сипас ҳамагӣ ба сӯи Парвардигорашон маҳшур мегарданд.*[2]

***3-Ва лиллоҳи ясҷуду мо фис самовоти ва мо фил арзи мин доббатин Ê***

*Ä Тамоми он чи дар осмонҳо ва замин аз ҷунбандагон вуҷуд дорад, барои Худо саҷда мекунанд.*[3]

---

[1]Сураи Нур, ояи 45.

وَاللَّهُ خَلَقَ كُلَّ دَابَّةٍ مِن مَّاء فَمِنْهُم مَّن يَمْشِي عَلَى بَطْنِهِ وَمِنْهُم مَّن يَمْشِي عَلَى رِجْلَيْنِ وَمِنْهُم مَّن يَمْشِي عَلَى أَرْبَعٍ يَخْلُقُ اللَّهُ مَا يَشَاءُ إِنَّ اللَّهَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ {45}

[2]Сураи Анъом, ояи 38.

وَمَا مِن دَآبَّةٍ فِي الأَرْضِ وَلاَ طَائِرٍ يَطِيرُ بِجَنَاحَيْهِ إِلاَّ أُمَمٌ أَمْثَالُكُم مَّا فَرَّطْنَا فِي الكِتَابِ مِن شَيْءٍ ثُمَّ إِلَى رَبِّهِمْ يُحْشَرُونَ {38}

[3] Сураи Наҳл, ояи 49.

وَلِلّهِ يَسْجُدُ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الأَرْضِ مِن دَآبَّةٍ ... {49}

## Шарҳи вожаҳо

*Добба:* ҷунбанда, ҳар ҷунбандае аз синфи ҳайвонот, ки ба оромӣ бар рӯи замин меравад, ӯро “добба” гӯянд. Мурод аз “*добба*” дар оёти мазкур тамоми ҷонварони рӯи замин аст.

## Тафсири оёт

Худованд ҳар ҷунбандаи ҷондореро аз об офарида аст, ҳеҷ зиндае дар замин ва ҳеҷ паррандае дар ҳаво нест магар он ки умматҳо ва тавоифе ҳамчун одамиёнанд. Мурча худ уммате аст бо низоми зиндагӣ, ҳамон гуна, ки инсон низом ва барномаи зистан дорад. Ҳамчунин аст моҳӣ дар об, хазандагон дар замин ва ҳашароти даруни он ва дигар ҷонварон, ҳама умматҳое монанди инсонанд, ки ҳар як низоми зиндагии хоси худро доранд. Мо ба ёрии Худо дар баҳси "Ҳидояти раббулъоламин" чигунагии ин ҳидоятро, ки барои ҳар як аз умматҳои ҷунбанда, низоми зисти мушахассеро таъин фармуда аст, баён медорем.

### *4-Ҷин ва шайтон*

## А) Ҷин ва ҷонн

***Ҷин***: мастур ва пӯшида. *Ҷаннашшай’ ё ҷанна ъала шай’*, яъне онро пӯшонид.

Чунонки Худои субҳон фармуда аст:

***Фаламмо ҷанна ъалайҳил лайлу*** **Ê**

**Ä** *Ҳангоме ки торикии шаб ӯро пӯшонид*.[1]

---

[1]Сураи Анъом, ояи 76.

فَلَمَّا جَنَّ عَلَيْهِ اللَّيْلُ ... {76}

Пас, ҷин ва ҷонн махлуқоте пӯшида ва нодиданӣ ба шарҳи зеранд:

**А)** Худованд дар бораи сохтмони вуҷуди ҷин мефармояд:

***1-Ва халақал ҷонна мин мориҷин мин нор Ê***

***Ä****Ва ҷинро аз шӯълаҳои омехта ва мутаҳаррики оташ халқ кард!*[1]

***2-Вал ҷонна халақноҳу мин қаблу мин норис самӯм Ê***

***Ä****Ва ҷинро пеш аз инсон, аз оташи гарм ва сӯзон офаридем.*[2]

**Б)** Дар бораи ин ки онон умматҳое ҳамчун одамиёнанд, мефармояд:

***Фӣ умамин қад халат мин қаблиҳим минал ҷинни вал инс Ê***

***Ä****Онон (аҷина) ба сарнавишти умматҳои гумроҳе аз ҷин ва инс, ки пеш аз онон буданд гирифтор шуданд.*[3]

**В)** Дар бораи ин ки Сулаймони паёмбарононро ба хидмат гирифтааст, мефармояд:

***Ва минал ҷинни ман яъмалу байна ядайҳи биизни раббиҳи, ва ман язиъ минҳум ъан***

---

[1]Сураи Раҳмон, ояи 15.

وَخَلَقَ الْجَانَّ مِن مَّارِجٍ مِّن نَّارٍ {15}

[2] Сураи Ҳиҷр, ояи 27.

وَالْجَآنَّ خَلَقْنَاهُ مِن قَبْلُ مِن نَّارِ السَّمُومِ {27}

[3]Сураи Фуссилат, ояи 25.

... فِي أُمَمٍ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِم مِّنَ الْجِنِّ وَالْإِنسِ ... {25}

***амрино нузиқҳу мин ъазобис саъӣр. Яъмалӯна лаҳӯ мо яшшоу мин маҳорӣба ва тамосӣла ва ҷифонин кал ҷавоби ва қудӯрин росиёт*** Ê

**Ä** *Ва гурӯҳе аз ҷин пеши рӯи Сулаймон ба изни Парвардигораш кор мекарданд; ва ҳар кадом аз онон, ки аз фармони мо сарпечӣ кунад, ӯро азоби оташи сӯзон мечашонем. Онон ҳарчи Сулаймон мехост барояш дуруст мекарданд: маъбадҳо, тимсолҳо, зуруфи бузурги таом монанди: ҳавзҳо ва дегҳои собити ҳамлношуданӣ!*[1]

**Г)** Дар бораи ин ки дар сипоҳи Сулаймон афроде аз ҷин буданд, ки метавонистанд фосилаи миёни Фаластин ва Яманро, қабл аз ин ки Сулаймон аз ҷои худ бархезад, рафта ва баргарданд! Худованд гуфтори яке аз онон ба Сулаймонро чунин баён фармудааст:

***Қола ъифрӣтун минал ҷинни, ано отӣка биҳӣ қабла ан тақӯма мин мақомика, ва иннӣ ъалайҳи лақавиюн амӣн*** Ê

**Ä** *Ифрите аз ҷин гуфт: "ман он тахтро назди ту меоварам, пеш аз ин ки аз маҷлисат бархезӣ ва ман нисбат ба ин амр, тавоно ва аминам!"*[2]

**Д)** Дар бораи ин ки аҷина аз ғайб беиттилоъ ва ноогоҳанд фармуд:

---

[1] Сураи Сабо, ояи 12-13.

**... وَمِنَ الْجِنِّ مَن يَعْمَلُ بَيْنَ يَدَيْهِ بِإِذْنِ رَبِّهِ وَمَن يَزِغْ مِنْهُمْ عَنْ أَمْرِنَا نُذِقْهُ مِنْ عَذَابِ السَّعِيرِ {12} يَعْمَلُونَ لَهُ مَا يَشَاءُ مِن مَّحَارِيبَ وَتَمَاثِيلَ وَجِفَانٍ كَالْجَوَابِ وَقُدُورٍ رَّاسِيَاتٍ ... {13}**

[2] Сураи Намл, ояи 39.

**قَالَ عِفْرِيتٌ مِّنَ الْجِنِّ أَنَا آتِيكَ بِهِ قَبْلَ أَن تَقُومَ مِن مَّقَامِكَ وَإِنِّي عَلَيْهِ لَقَوِيٌّ أَمِينٌ {39}**

***Фаламмо қазайно ъалайҳил мавта мо даллаҳум ъало мавтиҳи илло доббатул арзи та'кулу минсотаҳу, фаламмо харра табайянатил ҷинну ан лав конӯ яъламӯнал ғайба мо лабисӯ фил ъазобил муҳӣн*** Ê

***Ä*** *Ҳангоме ки маргро бар Сулаймон муқаррар доштем, касе онро бар марги вай огоҳ насохт магар ҷунбандаи замин (арзамӯрак), ки асои ӯро мехӯрд (то шикаст ва пайкари Сулаймон фурӯ афтод); пас ҳангоме ки бар замин афтод ҷинниён фаҳмиданд, ки агар аз ғайб огоҳ буданд дар азоби хоркунанда боқӣ намемонданд!*[1]

Е) Дар бораи ақоид, гуфтор ва кирдорашон қабл аз беъсати Хотами Анбиё(с) аз забони худашон фармуда аст:

***1-Ва аннаҳу кона яқӯлу сафӣҳуно ъалаллоҳи шатато*** Ê

***Ä*** *Ва ин ки сафеҳи мо (Иблис) дар бораи Худованд суханони нораво мегуфт!*[2]

***2-Ва иннаҳум занну камо занантум ан лан ябъасаллоҳу аҳадо*** Ê

***Ä*** *Ва ин ки онон гумон карданд (ҳамон гуна, ки шумо гумон мекардед) Худованд ҳаргиз касеро ба паёмбарӣ мабъус намекунад.*[3]

---

[1]Сураи Сабо, ояи 14.

فَلَمَّا قَضَيْنَا عَلَيْهِ الْمَوْتَ مَا دَلَّهُمْ عَلَى مَوْتِهِ إِلَّا دَابَّةُ الْأَرْضِ تَأْكُلُ مِنسَأَتَهُ فَلَمَّا خَرَّ تَبَيَّنَتِ الْجِنُّ أَن لَّوْ كَانُوا يَعْلَمُونَ الْغَيْبَ مَا لَبِثُوا فِي الْعَذَابِ الْمُهِينِ {14}

[2] Сураи Ҷин, ояи 4.

وَأَنَّهُ كَانَ يَقُولُ سَفِيهُنَا عَلَى اللَّهِ شَطَطاً {4}

[3]Сураи Ҷин , ояи 7.

***3-Ва иннаҳу кона риҷолун минал инси, яъӯзӯна бириҷолин минал ҷинни, фазодуҳум раҳақо Ê***

*Ä Ва ин ки мардоне аз башар ба мардоне аз ҷин паноҳ мебурданд ва онон сабаби афзоиши гумроҳӣ ва туғёнашон мешуданд!*[1]

Ж) Дар бораи истироқи самъи онон баъд аз беъсати Хотами Анбиё(с) аз қавли худашон мефармояд:

***1-Ва инно ламаснас самоа фаваҷадноҳо мулиат ҳарасан шадӣдан ва шуҳубо Ê***

*Ä Мо осмонро ҷустуҷӯ кардем ва ҳамаро пур аз муҳофизони қавӣ ва тирҳои шаҳоб ёфтем!*[2]

***2-Ва анно кунно нақъуду минҳо мақоъида лиссамъи, фаман ястамиъил она яҷид лаҳӯ шуҳубан расадо Ê***

*Ä Ва мо пеш аз ин ба истироқи самъ дар осмонҳо менишастем; аммо акнун ҳар касе бихоҳад истироқи самъ кунад, шаҳоберо дар камини худ меёбад!*[3]

З) Дар бораи мусулмон шудани ҷинниён мефармояд: онон гуфтанд:

***1-Ва анно миннас солиҳӯна ва минно дӯна золика кунно тароиқа қидадо Ê***

---

وَأَنَّهُمْ ظَنُّوا كَمَا ظَنَنتُمْ أَن لَّن يَبْعَثَ اللَّهُ أَحَداً {7}

[1] Сураи Ҷин , ояи 6.

وَأَنَّهُ كَانَ رِجَالٌ مِّنَ الْإِنسِ يَعُوذُونَ بِرِجَالٍ مِّنَ الْجِنِّ فَزَادُوهُمْ رَهَقاً {6}

[2] Сураи Ҷин, ояи 8.

وَأَنَّا لَمَسْنَا السَّمَاءَ فَوَجَدْنَاهَا مُلِئَتْ حَرَساً شَدِيداً وَشُهُباً {8}

[3] Сураи Ҷин , ояи 9.

وَأَنَّا كُنَّا نَقْعُدُ مِنْهَا مَقَاعِدَ لِلسَّمْعِ فَمَن يَسْتَمِعِ الْآنَ يَجِدْ لَهُ شِهَاباً رَّصَداً {9}

*Ä Ва дар миёни мо афроде солеҳ ва афроде ғайрисолеҳ ҳастанд!*[1]

***2-Ва анно миннал муслимӯна ва миннал қоситӯна фаман аслама фаулоика таҳаррав рашадо Ê***

*Ä Гурӯҳе аз мо мусулмононанд ва гурӯҳе золим; ҳар кас исломро ихтиёр кунад роҳи ростро баргузидааст.*[2]

## Б) Шайтон

*Шайтон* номе аст барои ҳар мутаккабири саркаш аз одамӣ, ҷин ва ҳайвон.

Худованди Субҳон фармудааст:

***1-Ва лақад ҷаъално фис самои бурӯҷан ва зайяннoҳо линнозирӣн. Ҳафизноҳо мин кулли шайтонир раҷӣм. Илло манистарақас самъа фаатбаъаҳу шиҳобун мубӣн Ê***

*Ä Мо дар осмон бурҷҳое қарор додем; ва онро барои бинандагон оростем. Онро аз ҳар шайтони рондашудае ҳифз кардем, магар он касе, ки истироқи самъ мекунад ва дуздона гӯш фаро диҳад, ки шаҳоби мубин ӯро таъқиб мекунад ва меронад!*[3]

---

[1] Сураи Ҷин , ояи 11.

وَأَنَّا مِنَّا الصَّالِحُونَ وَمِنَّا دُونَ ذَلِكَ كُنَّا طَرَائِقَ قِدَداً {11}

[2] Сураи Ҷин , ояи 14.

وَأَنَّا مِنَّا الْمُسْلِمُونَ وَمِنَّا الْقَاسِطُونَ فَمَنْ أَسْلَمَ فَأُوْلَئِكَ تَحَرَّوْا رَشَداً {14}

[3] Сураи Ҳиҷр, ояи 16-18.

وَلَقَدْ جَعَلْنَا فِي السَّمَاءِ بُرُوجاً وَزَيَّنَّاهَا لِلنَّاظِرِينَ {16} وَحَفِظْنَاهَا مِن كُلِّ شَيْطَانٍ رَّجِيمٍ {17} إِلاَّ مَنِ اسْتَرَقَ السَّمْعَ فَأَتْبَعَهُ شِهَابٌ مُّبِينٌ {18}

***2-Инно зайяннас самоад дунё бизӣнатил кавокиб. Ва ҳифзан мин кулли шайтонин морид. Ло яссаммаъӯна илал малаил аъло ва юқзафӯна мин кулли ҷониб. Духӯран ва лаҳум ъазобун восиб. Илло ман хатифал хатфата фатбаъаҳу шиҳобун соқиб Ê***

*Ä Мо осмони дунёро бо ситорагон оростем, то онро аз ҳар шайтони хабисе ҳифз кунем! Онон наметавонанд ба суханони олами боло гӯш фаро диҳанд ва аз ҳар сӯ ҳадаф қарор мегиранд! Онон ба шиддат ба ақиб ронда мешаванд ва барои онон муҷозоти доим аст! Магар онон, ки дар лаҳзаи кӯтоҳ барои истироқи самъ ба осмон наздик шаванд, ки шаҳоби соқиб ононро таъқиб мекунад.*[1]

***3-Валақад зайяннас самоад дунё бимасобӣҳа ва ҷаъалноҳо руҷӯман лишшаётин ва аътадно лаҳум ъазобас саъӣр Ê***

*Ä Мо осмони дунёро бо чароғҳои равшан зинат бахшидем ва онҳоро тирҳои дуркунандаи шаётин қарор додем ва барои онон азоби фурӯзон фароҳам сохтем.*[2]

---

[1]Сураи Соффот, ояи 6-10.

**إِنَّا زَيَّنَّا السَّمَاءَ الدُّنْيَا بِزِينَةٍ الْكَوَاكِبِ {6} وَحِفْظاً مِّن كُلِّ شَيْطَانٍ مَّارِدٍ {7} لَا يَسَّمَّعُونَ إِلَى الْمَلَإِ الْأَعْلَى وَيُقْذَفُونَ مِن كُلِّ جَانِبٍ {8} دُحُوراً وَلَهُمْ عَذَابٌ وَاصِبٌ {9} إِلَّا مَنْ خَطِفَ الْخَطْفَةَ فَأَتْبَعَهُ شِهَابٌ ثَاقِبٌ {10}**

[2] Сураи Мулк, ояи 5.

**وَلَقَدْ زَيَّنَّا السَّمَاءَ الدُّنْيَا بِمَصَابِيحَ وَجَعَلْنَاهَا رُجُوماً لِّلشَّيَاطِينِ وَأَعْتَدْنَا لَهُمْ عَذَابَ السَّعِيرِ {5}**

***4-Ва казоликa ҷаъалнo ликулли набиййин ъадувван шаётинал инси вал ҷинни юҳӣ баъзуҳум ило баъзин зуҳзуфал қавли ғуруран ва лав шоа раббукa мо фаъалуҳу фазарҳум ва мо яфтарун. Ва литасъо илайҳи афъидатул лазӣна ло йуъминӯна бил охирати ва лиярзавҳу ва лияқтарифӯ мо ҳум муқтарифӯн Ê***

*ÄИнчунин дар баробари ҳар паёмбаре душмане аз шаётини инс ва ҷин қарор додем. Онон ба таври сиррӣ суханони фиребанда ва беасос ба якдигар мегӯянд, то мардумро фиреб диҳанд; ва агар парвардигорат мехост, чунин намекарданд; бино бар ин ононро бо тӯҳматҳояшон ба ҳоли худ вогузор! Натиҷа ин мешавад, ки дилҳои мункирони қиёмат ба онон мутамойил гардад ва ба он розӣ шаванд. Ва ҳар гуноҳе, ки бихоҳанд анҷом диҳанд!*[1]

***5-Инно ҷаъалнаш шаётӣна авлиёа лил лазӣна ло йуъминӯн Ê***

*ÄМо шаётинро авлиёи касоне қарор додем, ки имон намеоваранд!*[2]

***6-Иннал мубаззирӣна конӯ ихвонаш шаётӣни ва конаш шаётӣну лираббиҳи кафӯро Ê***

---

[1] Сураи Анъом, ояи 112-113.

وَكَذَلِكَ جَعَلْنَا لِكُلِّ نِبِيٍّ عَدُوّاً شَيَاطِينَ الإِنسِ وَالْجِنِّ يُوحِي بَعْضُهُمْ إِلَى بَعْضٍ زُخْرُفَ الْقَوْلِ غُرُوراً وَلَوْ شَاء رَبُّكَ مَا فَعَلُوهُ فَذَرْهُمْ وَمَا يَفْتَرُونَ {112} وَلِتَصْغَى إِلَيْهِ أَفْئِدَةُ الَّذِينَ لاَ يُؤْمِنُونَ بِالآخِرَةِ وَلِيَرْضَوْهُ وَلِيَقْتَرِفُواْ مَا هُم مُّقْتَرِفُونَ {113}

[2] Сураи Аъроф, ояи 27.

... إِنَّا جَعَلْنَا الشَّيَاطِينَ أَوْلِيَاء لِلَّذِينَ لاَ يُؤْمِنُونَ {27}

*Ä Табзиркунандагон[1], бародарони шайтонанд ва шайтон дар баробари Парвардигораш бисёр носипос буд![2]*

***7-Ва ло таттабиъӯ хутувотиш шайтони, иннаҳу лакум ъадуввун мубӣн. Иннамо йаʼмурукум биссуʼи вал фаҳшои ва ан тақӯлу ъалаллоҳи мо ло таъламӯн Ê***

*Ä-Аз гомҳои шайтон пайравӣ накунед! Чӣ ин ки ӯ, душмани ошкори шумо аст! Ӯ шуморо фақат ба бадиҳо ва кори зишт фармон медиҳад; ва ба ин ки, он чиро ки намедонед ба Худо нисбат диҳед.[3]*

***8-Аш шаётину яъидкумул фақра ва йаʼмурукум бил фаҳшои, валлоҳу яъидукум мағфиратан минҳу ва фазлан, валлоҳу восиъун ъалӣм Ê***

*Ä Шайтон шуморо ваъдаи фақру тиҳидастӣ медиҳад ва ба фаҳшою зиштиҳо вомедорад. Вале Худованд ба шумо ваъдаи омурзиш ва фузунӣ медиҳад. Оре, Худованд фузунибахши огоҳ аст.[4]*

***9-Ва ман яттахизиш шайтона валийян мин дӯниллоҳи, фақад хасира хусронан мубӣно.***

[1] Исрофкорон ва талафкунандагон(-и амвол).

[2] Сураи Исро, ояи 27.

إِنَّ الْمُبَذِّرِينَ كَانُواْ إِخْوَانَ الشَّيَاطِينِ وَكَانَ الشَّيْطَانُ لِرَبِّهِ كَفُوراً {27}

[3] Сураи Бақара, ояи 168-169.

... وَلاَ تَتَّبِعُواْ خُطُوَاتِ الشَّيْطَانِ إِنَّـهُ لَكُمْ عَدُوٌّ مُّبِينٌ {168} إِنَّمَا يَـأْمُرُكُمْ بِالسُّوءِ وَالْفَحْشَاء وَأَن تَقُولُواْ عَلَى اللّهِ مَا لاَ تَعْلَمُونَ {169}

[4] Сураи Бақара , ояи 268.

الشَّيْطَانُ يَعِدُكُمُ الْفَقْرَ وَيَأْمُرُكُم بِالْفَحْشَاء وَاللّهُ يَعِدُكُم مَّغْفِرَةً مِّنْهُ وَفَضْلاً وَاللّـهُ وَاسِعٌ عَلِيمٌ {268}

***Яъидуҳум ва юманнӣҳим ва мо яъидуҳумуш шайтону илло ғурӯро*** **Ê**

**Ä** *Ҳар кас шайтонро ба ҷои Худо валии худ баргузинад, зиёни ошкоре кардааст. Ӯ ба онон ваъда медиҳад, ба орзуҳо саргармашон месозад, дар ҳоле ки ҷуз фиреб ва найранг ба онон ваъда намедиҳад!*[1]

***10-Иннамо юридуш шайтону ан юқиъа байнакумул ъадовата вал бағзоа фил хамри вал майсири ва ясуддукум ъан зикриллоҳи ва ъанис салавоти, фаҳал антум мунтаҳӯн*** **Ê**

**Ä** *Шайтон мехоҳад ба василаи шаробу қимор дар миёни шумо адовату кина эҷод кунад ва шуморо аз ёди Худо ва аз намоз нигаҳ дорад. Оё худдорӣ хоҳед кард?!*[2]

***11-Ё бани Одама ло яфтинаннакумуш шайтону камо ахраҷа абавайкум минал ҷаннати, янзиъу ъанҳумо либосаҳумо лиюрӣяҳумо сав'отиҳимо иннаҳу ярокум ҳува ва қабилуҳу мин ҳайсу ло таравнаҳум*** **Ê**

**Ä** *Эй фарзандони Одам! Шайтон шуморо нафаребад, он гуна, ки падару модари шуморо аз биҳишт берун карда либоси ононро аз таншон берун сохт, то авраташонро ба онон нишон диҳад!*

[1] Сураи Нисо, ояи 119-120.

... وَمَن يَتَّخِذِ الشَّيْطَانَ وَلِيّاً مِّن دُونِ اللّهِ فَقَدْ خَسِرَ خُسْرَاناً مُّبِيناً {119} يَعِدُهُمْ وَيُمَنِّيهِمْ وَمَا يَعِدُهُمُ الشَّيْطَانُ إِلاَّ غُرُوراً {120}

[2] Сураи Моида, ояи 91.

إِنَّمَا يُرِيدُ الشَّيْطَانُ أَن يُوقِعَ بَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةَ وَالْبَغْضَاءَ فِي الْخَمْرِ وَالْمَيْسِرِ وَيَصُدَّكُمْ عَن ذِكْرِ اللّهِ وَعَنِ الصَّلاَةِ فَهَلْ أَنتُم مُّنتَهُونَ {91}

*Чӣ ин ки ӯ ва ҳамкоронаш шуморо мебинанд аз ҷое, ки шумоононро намебинед!*[1]

## В) Иблис

**А)** *Иблис* дар луғат ба маънои касе аст, ки аз рӯи ҳузн, андӯҳ, ҳайрат ва ноумедӣ водор ба сукут шуда, дасташ аз далелу бурҳон кӯтоҳ аст.

Худованд дар Қуръони карим мефармояд:

***Ва явма тақумус соъату юблисул муҷримӯн*** **Ê**

**Ä** *Он рӯз, ки қиёмат барпо мешавад муҷримон дар ноумедӣ ва ғаму андӯҳ фурӯ меравaнд!*[2]

**Б)** *Иблис* дар Қуръони карим исме аст хос барои шайтоне, ки истикбор варзид ва аз саҷда барои Одам сарпечӣ кард. Лафзи шайтон дар Қуръони карим ҳар ҷо бо *муфрад* ва *алифу лом* омад, мақсуд ҳамин Иблис аст.

Достони Иблис бо ҳамин ном дар Қуръони карим дар оёти зер омадааст:

***1-Ва из қулно лилмалоикати, усҷудӯ ли-Одама, фасаҷадӯ илло Иблӣса кона минал ҷиннӣ, фафасақа ъан амри раббиҳи афататтахизунаҳу ва зурриятаҳу авлиёа мин дӯнӣ, ва ҳум лакум ъадуввун би'са лиз золимӣна бадало*** **Ê**

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 27.

يَا بَنِي آدَمَ لاَ يَفْتِنَنَّكُمُ الشَّيْطَانُ كَمَا أَخْرَجَ أَبَوَيْكُم مِّنَ الْجَنَّةِ يَنزِعُ عَنْهُمَا لِبَاسَهُمَا لِيُرِيَهُمَا سَوْءَاتِهِمَا إِنَّهُ يَرَاكُمْ هُوَ وَقَبِيلُهُ مِنْ حَيْثُ لاَ تَرَوْنَهُمْ ... {27}

[2] Сураи Рум, ояи 12.

وَيَوْمَ تَقُومُ السَّاعَةُ يُبْلِسُ الْمُجْرِمُونَ {12}

*Ä Ҳангоме ки ба фариштагон гуфтем: барои Одам саҷда кунед! Онон ҳамагӣ саҷда карданд, ҷуз Иблис, ки (аз ҷин буд) ва аз фармони Парвардигораш берун шуд! Оё ӯ ва фарзандонашро ба ҷои ман авлиёи худ интихоб мекунед, дар ҳоле ки онон душмани шумо ҳастанд? Чӣ ҷойгузини баде аст барои ситамкорон!*[1]

***2-Ва лақад саддақа ъалайҳим иблӣсу заннаҳу, фаттабаъуҳу илло фарӣқан минал му'минӣн. Ва мо кона лаҳӯ ъалайҳим мин султон... Ê***

*Ä Ба ростӣ, ки Иблис гумони худашро дар бораи онон муҳаққақ сохт. Ҳамагӣ аз ӯ пайравӣ карданд, ҷуз гурӯҳи андаке аз мӯъминон!*[2] *Ӯ ҳеҷ гуна султае бароишон надошт...*

Достони ӯ бо номи “Шайтон” дар оёти дигар чунин аст:

***1-Фа васваса лаҳумаш шайтону лиюбдия лаҳумо мо вурия ъанҳумо мин сав'отиҳимо... Ва нодоҳумо раббуҳумо алам анҳакумо ъан тилкумаш шаҷарати ва ақул лакумо инна шайтона лакумо ъадуввун мубӣн Ê***

*Ä Пас шайтон он дуро васваса кард, то он чиро аз андомашон пинҳон буд, ошкор созад... Ва*

---

[1] Сураи Каҳф, ояи 50.

وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَائِكَةِ اسْجُدُوا لِآدَمَ فَسَجَدُوا إِلَّا إِبْلِيسَ كَانَ مِنَ الْجِنِّ فَفَسَقَ عَنْ أَمْرِ رَبِّهِ أَفَتَتَّخِذُونَهُ وَذُرِّيَّتَهُ أَوْلِيَاء مِن دُونِي وَهُمْ لَكُمْ عَدُوٌّ بِئْسَ لِلظَّالِمِينَ بَدَلاً {50}

[2] Сураи Сабо, ояи 20-21.

وَلَقَدْ صَدَّقَ عَلَيْهِمْ إِبْلِيسُ ظَنَّهُ فَاتَّبَعُوهُ إِلَّا فَرِيقاً مِّنَ الْمُؤْمِنِينَ {20} وَمَا كَانَ لَهُ عَلَيْهِم مِّن سُلْطَانٍ ... {21}

*Парвардигорашон ононро нидо дод, ки оё шуморо аз он дарахт наҳй накардам? Ва нагуфтам, ки шайтон барои шумо душмани ошкоре аст?!*[1]

***2-Алам аъҳад илайкум ё бани Одама ан ло таъбудуш шайтона, иннаҳу лакум ъадуввун мубйн Ê***

*Ä Оё бо шумо аҳд накардам эй фарзандони Одам, ки шайтонро пайравӣ накунед, ки ӯ барои шумо душмани ошкоре аст?!*[2]

***3-Инаш шайтона лакум ъадуввун фаттахизӯҳу ъадувван, иннамо ядъӯ ҳизбаҳу лиякӯну мин асҳобис саъйр Ê***

*ÄБа яқин шайтон душмани шумост, пас ӯро душман бидонед. Ӯ фақат ҳизбашро ба ин даъват мекунад, ки аҳли оташи сӯзон бошанд!*[3]

## Шарҳи вожаҳо

***Мориҷ:*** *марҷ* ба маънои омехта ва *мориҷ* шӯълаи омехта бо сиёҳии оташ аст.

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 20 ва 22.

فَوَسْوَسَ لَهُمَا الشَّيْطَانُ لِيُبْدِيَ لَهُمَا مَا وُورِيَ عَنْهُمَا مِن سَوْءَاتِهِمَا ... وَنَادَاهُمَا رَبُّهُمَا أَلَمْ أَنْهَكُمَا عَن تِلْكُمَا الشَّجَرَةِ وَأَقُل لَّكُمَا إِنَّ الشَّيْطَآنَ لَكُمَا عَدُوٌّ مُّبِينٌ {22}

[2] Сураи Ёсин, ояи 60.

أَلَمْ أَعْهَدْ إِلَيْكُمْ يَا بَنِي آدَمَ أَن لَّا تَعْبُدُوا الشَّيْطَانَ إِنَّهُ لَكُمْ عَدُوٌّ مُّبِينٌ {60}

[3] Сураи Фотир, ояи 6.

إِنَّ الشَّيْطَانَ لَكُمْ عَدُوٌّ فَاتَّخِذُوهُ عَدُوّاً إِنَّمَا يَدْعُو حِزْبَهُ لِيَكُونُوا مِنْ أَصْحَابِ السَّعِيرِ {6}

***Самӯм:*** боди бисёр гарми нимрӯзиро самум гӯянд, аз он рӯ, ки ба монанди  заҳр дар сӯрохиҳои бадан асар мекунад.

***Язиғ:*** мунҳариф шавад. *Ва ман язиғ минҳум ан амрино,* яъне: ҳар як аз онон, ки аз масири худоӣ мунҳариф шавад

***Маҳорӣб:*** ҷамъи меҳроб, ба маънои садри маҷлис ё беҳтарин ҷои он мебошад. Ҳамон ҷойгоҳе, ки подшоҳро аз дигарон мумтоз мекунад. Ғурфае, ки пешорӯи ибодатгоҳ аст, ё масоҷиде, ки дар онҳо ибодат мешавад.

***Ҷифон:*** ҷамъи *ҷафна,* зарфҳои махсуси таомхӯрӣ.

***Ҷавоб:*** зарфҳои бисёр калони таом, ки аз ҷиҳати вусъат ва калонӣ  ба монанди ҳавзи об бошанд.

***Росиёт:*** ҷамъи *росия,* чизи собит ва побарҷоро гӯянд.

***Ъифрӣт:*** қавитарин ва хабистарини ҷинниён.

***Расад:*** дар камин нишастан, муроқибат кардан. Росид ва расад яъне: посдор ва нигаҳбон ва "расадан" дар оя ба маънои нигаҳбон дар камин аст.

***Тароиқ:*** ҷамъи *тариқа* яъне: равишу ҳолат, хуб бошад ё бад.

***Қидадо:*** ҷамъи *қидда* ба маънои ҷамоат ва гурӯҳе аст, ки дидгоҳҳои мутафовит доранд ва ***тароиқ қидадан*** яъне: ҷамъиятҳое, ки хостаҳо ва салиқаҳояшон гуногун аст.

***Қоситӯн:*** ҷамъи *қосит* ба маънои золим аст ва қоситони ҷин яъне ситамкороне, ки исломро напазируфтаанд.

***Рашад:*** дурустӣ ва дурӣ аз гумроҳӣ ва залолат.

***Сафӣҳ:*** ҷоҳил дар дин ё сабуксару беақл.

***Шатат:*** ифрот ва зиёдаравӣ дар дурӣ аз ҳақ. Ва қулно ъалаллоҳи шататан, яъне: дар гуфтани суханони дур аз ҳақ ба нисбатҳои золимона ба Худо зиёдарвӣ мекардем.

***Яъӯзӯна:*** паноҳ мебаранд. Яъузу биҳи, яъне: ба ӯ паноҳ мебарад ва худро ба ӯ мечаспонад.

***Раҳақан:*** туғёнан ва сафӣҳан, "*зода ва ҳум раҳақо*", яне: бар туғёну сафоҳат ва зиллати эшон афзуд.

***Доббатул арз:*** ҷунбандаи замин. Добба номе аст барои ҳамаи ҳайвоноти нар ва мода, оқил ва ғайри оқил, лекин бештар дар бораи ғайриоқил ба кор бурда шудааст. Мурод аз "доббатул арз" дар ин ҷо, мӯриёна аст, ки чӯбро мехӯрад.

***Минсаатуҳу:*** асои ӯ. Араб ва чӯбе, ки бо он чаҳорпоёнро меронад минсаат гӯяд.

***Ғайб:*** ғайри маҳсус, чизе, ки дар ҳавос нағунҷида ва аз дастраси ҳис дур ё пинҳон бошад, монанди: Худои Холиқ ва Парвадигори парваришгар, ки инсон бо ақли худ ва аз роҳи тадаббур ва диққат дар асбоби мусаббабот, ба вуҷуди ӯ пай мебарад ва ӯро мешиносад, на аз роҳи ҳавос, ки дидаҳо ӯро дарнаёбанд. Зоти бемисолаш аз дастраси ҳис дур ва ҳавос аз дарки ӯ оҷизанд. Ва низ, он чи пӯшидаю мастур аст монанди: ҳаводисе, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, ё ҳамакнун ҳаст, вале аз мо дур аст ва аз ҳавоси мо пинҳон, ё ҳарчи ба василаи ахбори паёмбарон ба мо мерасад, аз ҳар ду навъ: ғайби дастноёфтанӣ ва дур аз дастраси ҳавос ва ғайби мастур аз ҳайси замону макон ё хабарҳое, ки аз мардум дар маконҳои дур ба мо мерасад, ҳама аз мо ғоибанд ва мастур.

***Руҷӯм:*** ҷамъи *раҷм* ва *руҷм*, яъне: василаи рондан ва тард кардан.

***Зухруф:*** зинат. *Зухруфул қавл*: оростани сухан бо дурӯғ.

***Юҳӣ:*** *ювасвис*, ***ийҳо***, дар ин ҷо яъне: васваса кардан.

***Ғурӯр:*** фиреб ва тамаъ андохтан аз роҳи ботил.

***Яқтариф ва муқтарифӯн:*** *яқтарафул ҳасанату ав саййиат*, яъне касб мекунад некӣ ё бадиро, ва муқтариф яъне: касбкунанда ва амалкунанда.

***Мубаззирӣн:*** зоеъкунандагон. Яъне касоне, ки амволро аз роҳи исроф ҳайфу майл мекунанд ва онро дар ғайри мавриди масраф ба кор мебаранд, инҳо мубаззиранд.

***Хутувотуш шайтон:*** қадамҳои шайтон. *Хутва*, яъне як қадам, *Ва ло таттабиъу хутувотиш шайтон*, яъне: аз паси осори шайтон набошед, ба васвасаҳои ӯ таваҷҷӯҳ накунед.

***Фаҳшо:*** гуфтору кирдори зишту қабеҳ. Дар истилоҳи исломӣ гоҳе ба маънои гуноҳони зишт ба кор бурда мешавад.

***Майсир:*** қимор. Қимори араб дар ҷоҳилият ба василаи азлом ва қидоҳ будааст.

***Азлом:*** ҷамъи *залам*: қитъачӯби дарозе, ки бар яке аз онҳо менавиштанд: Парвардигорам маро амр карда аст ва бар дигаре: Парвардигорам маро наҳй карда аст ва сеюмиро бидуни навишта дар зарфе мениҳоданд ва ҳар як аз амру наҳй, ки берун меомад ба ҳамон амал мекарданд ва агар нонавишта берун меомад дубора тираҳоро дар зарф ниҳода ва такрор мекарданд.

Азломи қурайшро дар ҷоҳилият дар Каъба мегузоштанд, то ходимон ва калиддорони хона ба кори қуръакашӣ бипардозанд.

***Қидоҳ:*** ҷамъи “*қидҳ:*” қитъаи чӯбе ба дарозии даҳ то понздаҳ сантиметр бо арзи кам ва соф, ки рӯи яке "оре" ва рӯи дигаре "не" ва сеюмӣ бидуни навишта буда ва ба василаи онҳо қимор ва қуръа анҷом мегирифт.

***Сав'отиҳумо:*** *авротуҳумо*, яъне: шармгоҳҳои он ду.

***Қабӣл:*** синф, гурӯҳи ҳамонанд, ҷамоат, пайравон. Дар ояи: ***Иннаҳу ярокум ҳува ва қабилуҳу*** мақсуд *ҳамонандон ва пайравони шайтон* аст.

***Фасақа:*** *фисқ*. Дар луғат ба маънои берун шудан ва аз ҳад гузаштан аст ва дар истилоҳи исломӣ ба маънои дурии фоҳиш аз тоати Худо ва ҳудуди шаръ аст. Яъне: фурӯ рафтан дар мунҷалоби гуфтору кирдори зишт ва қабеҳ. Фисқ аъам аз куфр, нифоқ ва гумроҳӣ аст, чунонки Худои субҳон фармудааст:

***1-Ва мо якфуру биҳо иллал фосиқӯн*** Ê

Ä *Ҳеҷ кас ҷуз фосиқон ба оёти мо куфр намеварзад.*[1]

***2-Иннал мунофиқӣна ҳумул фосиқӯн*** Ê

Ä *Ба яқин мунофиқон ҳамон фосиқонанд!*[2]

***3-Фаминҳум муҳтадин ва касӣрун минҳум фосиқӯн*** Ê

Ä *Бархе аз онон ҳидоят ёфтаанд ва бисёре аз эшон гумроҳанд.*[3]

---

[1] Сураи Бақара, ояи 99.

... وَمَا يَكْفُرُ بِهَا إِلاَّ الْفَاسِقُونَ {99}

[2] Сураи Тавба, ояи 67.

... إِنَّ الْمُنَافِقِينَ هُمُ الْفَاسِقُونَ {67}

[3] Сураи Ҳадид, ояи 26.

... فَمِنْهُم مُّهْتَدٍ وَكَثِيرٌ مِّنْهُمْ فَاسِقُونَ {26}

Фисқ бо имон муқобила мекунад, чунонки фармуда аст:

> ***Минҳумул муъминӯна ва аксаруҳумул фосиқӯн*** **Ê**
>
> **Ä***Бархе аз онон мӯъминанд ва бештари эшон фосиқанд***.**[1]

## Г) Ҷин дар тафсири ривоӣ

Суютӣ дар тафсири сураи "Ҷин" овардааст:

Ҷинниён дар фосилаи замонии миёни Исо(а) ва ҳазрати Муҳаммад(с) озод буданд ва ба осмонҳо мерафтанд. Ҳангоме ки Худованд Муҳаммад(с)-ро мабъус кард, вурудашон ба осмони дунё мамнӯъ шуд ва ононро бо шаҳобҳои равшан таъқиб ва дур мекарданд. Ҷинниён назди Иблис гирд омаданд ва ӯ ба онон гуфт: дар Замин ҳодисае падид омада аст. Бигардед, шиносоӣ кунед ва моро аз ин рӯйдод бохабар созед, ки ин ҳодиса чист? Сипас гурӯҳе аз ашроф ва бузургони ҷинро ба атрофи Яман ва Таҳома фиристод. Онон паёмбари Акрам(с)-ро дар ҳоли анҷоми намози субҳ мушоҳида карданд, ки дар канори нахли хурмое Қуръон мехонад. Ҳангоме ки наздик шуданд ба якдигар гуфтанд: хомӯш бошед ва чун аз намоз фориғ шуд онон ба сӯи қавми худ бозгаштанд ва дар ҳоле ки имон оварданд ба инзори онон пардохтанд. Паёмбар ҳам мутаваҷҷеҳи онон нашуда буд, то вақте ки ин оя нозил шуд:

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 110.

**... مِّنْهُمُ الْمُؤْمِنُونَ وَأَكْثَرُهُمُ الْفَاسِقُونَ** {110}

***Қул ӯҳия илайя аннаҳу, истамаъа нафарун минал ҷинни Ê***

*Ä Бигӯ: ба ман ваҳй шудааст, ки ҷамъе аз ҷин ба суханонам гӯш фаро додаанд.*[1]

Гуфта шудааст ин гурӯҳ, ҳафт нафар аз аҳли носибин будаанд.[2]

***

Он чи гузашт бархе аз шарҳи ҳоли ҷин, шаётин ва иблис дар Қуръони карим буд. Он чи дар ривоёт омадааст ба шарҳи зер аст:

1-*Имом Боқир*(а) *дар бораи Сулаймон*(а) *фармудааст*: Сулаймон ибни Довуд рӯзе ба ёрони худ фармуд: Худои таборак ва таоло маро салтанате бахшидааст, ки барои аҳаде пас аз ман сазовор нест. Бодро дар ихтиёрам қарор дода аст ва инсон, ҷин, паррандагон ва вуҳушро сар ба фармон ва мутеи ман кардааст. Сухангуфтан бо паррандагонам омӯхта ва аз ҳар чизе ба ман ато фармудааст, вале бо ин ҳама неъмат ва салтанате, ки ба ман дода шуда аст як рӯзро дар шодӣ ба шаб нарасондаам. Акнун дӯст дорам рӯзи дигар вориди қасри худ шавам ва бар баландии он рафта сарзаминҳои таҳти фармонамро назора кунам. Пас ҳеҷ касро иҷозати даромад ба назди ман надиҳед, то осудахотир бошам ва чизи нохостае, ки ин рӯзро боиси ранҷиши хотир ва ғамгин кунад, нашнавам. Онон гуфтанд: оре, чунин мекунем.

Пагоҳи он рӯз асои худро ба даст гирифта ба болотарин мавзеи қасри хеш рафт. Ӯ бар асои худ такя

---

[1]Сураи Ҷин, ояи 1.

**... فَقالُوا إِنَّا سَمِعْنا قُرْآناً عَجَباً** {1}

[2] Тафсири Дуррулмансур, ҷ.6, с.270.

кард ва дар ҳоле ки шоду хурсанд ба тамоши сарзаминҳояш пардохта аз он чи ба ӯ ато шуда буд фараҳнок менамуд, ногоҳ чашмаш ба ҷавони зеборӯи хушлибосе афтод, ки аз тарафи гӯшаи қасраш ба сӯи ӯ меомад. Сулаймон аз ӯ пурсид: чӣ касе туро вориди ин қаср карда аст, дар ҳоле ки ман қасд доштам имрӯз дар он танҳо бошам? Бигӯ бидонам, бо иҷозати чӣ касе ворид шудаӣ? Он ҷавон гуфт: Парвардигори ин қаср маро ба ин ҷо овард ва ман бо иҷозати ӯ дохил шудам? Сулаймон гуфт: оре, Парвардигори қаср аз ман ба он сазовортар аст. Ту кӣ ҳастӣ? Гуфт: ман фариштаи маргам. Сулаймон[а] гуфт: барои чӣ кор омадаӣ? Гуфт: омадаам то рӯҳи туро бигирам! Гуфт: ба ҳарчи маъмур ҳастӣ ҳамон кун, ки имрӯз рӯзи шодии ман аст ва Худои азза ва ҷалла намехоҳад барои ман суруре ҷуз мулоқоти ӯ бошад! Пас Малакулмавт дар ҳамон ҳол, ки Сулаймон ба асо такя карда буд ӯро қабзи рӯҳ кард.

Сулаймон дар ҳамон ҳолате, ки бар асо такя дод, муддатҳои зиёде бар ҷой буд ва мардумон ӯро медиданд ва зинда мепидоштанд. Сипас ба ихтилоф ва фитна дарафтоданд. Бархе аз онон гуфтанд: Сулаймон тамоми ин муддатро бидуни он ки бихобад, ё хаста шавад, ё бихӯраду биошомад бар асои худ такя карда аст! Пас ин ҳамон парвардигори мост, ки бояд ӯро ибодат кунем! Гурӯҳи дигаре гуфтанд: Сулаймон сеҳр карда аст. Ӯ бо сеҳр кардани чашмон чунин менамояд, ки истодааст ва ба асои худ такя зада аст, дар ҳоле ки чунин нест! Мӯъминон низ гуфтанд: Сулаймон банда ва набии Худо аст, Худованд ҳар гуна бихоҳад кори ӯро сомон медиҳад.

Пас аз ин ихтилоф Худованд арзамӯракро фиристод, то дар асои Сулаймон рафт ва даруни онро хӯрд. Асо

шикаст ва Сулаймон аз қасри худ ба рӯ афтод. Ин фармудаи Худои азза ва ҷалла аст, ки:

***Фаламмо харра табайянатил ҷинну ан лав конӯ яъламӯнал ғайба мо лабисӯ фил ъазобил муҳӣн Ê***

***Ä*** *Ҳангоме ки бар замин афтод ҷинниён фаҳмиданд,* *ки агар аз ғайб огоҳ буданд дар азоби хоркунанда боқӣ намемонданд!*[1]

2-*Имом Содиқ*[(а)] дар чавоб ба ин савол, ки барои чӣ Худои азза ва ҷалла Одам[(а)]-ро бидуни падару модар офарид, Исо[(а)]-ро бидуни падар халқ кард ва бақияи мардумонро аз падару модар падид овард? Фармуд:

Барои ин ки мардум тамомият ва қудрати Худоро бидонанд ва бифаҳманд, ки ӯ ҳамон гуна, ки қодир аст мавҷудеро аз мода бидуни нар биёфаринад, ҳамчунон метавонад ин мавҷудро бидуни нар ё мода халқ намояд. Худои азза ва ҷалла инчунин кард, то дониста шавад, ки ӯ бар ҳар чизе тавоност.[2]

Дар Қасасуланбиё омадааст, ки фармуд:

Худованд Иблисро фармон дод, то барои Одам саҷда кунад. Иблис гуфт: Парвардигоро ба иззатат савганд! Агар маро аз саҷдаи Одам озод кунӣ, ончунон туро ибодат кунам, ки ҳаргиз аҳаде монанди он ибодат

---

[1]Сураи Сабо, ояи 14;

... فَلَمَّا خَرَّ تَبَيَّنَتِ الْجِنُّ أَن لَّوْ كَانُوا يَعْلَمُونَ الْغَيْبَ مَا لَبِثُوا فِي الْعَذَابِ الْمُهِينِ {14}

ва низ Биҳоруланвор, ч.14, с.136 ва 138 ба нақл аз Илалушшароеъ ва Ъуюуну ахборир Ризо[(а)].

[2] Биҳоруланвор, ҷ.11, с.108.

накарда бошад. Худои ҷалил фармуд: ман дӯст дорам Он гуна, ки хостаам итоат шавам!.. .[1]

Аз он ҳазрат дар бораи иблис пурсиданд: оё иблис аз фariштагон буда ё аз ҷинниён? Фармуд: фariштагон ӯро аз худ донистанд ва танҳо Худованд медонист, ки Иблис аз онон нест. Пас, ҳангоме ки маъмур ба саҷда шуд моҳияти худро ошкор кард. Аз он ҳазрат дар бораи биҳишти Одам(а) пурсиданд, фармуд: “Он ҷо боғе аз боғҳои дунё буд, ки моҳу офтоб бар он метобидаанд, ва агар он боғ аз боғҳои ҷовидонӣ буд, ҳаргиз аз он ҷо берун намешуд”.[2]

Ва дар бораи сухани Худои таоло: "*Зиштиҳояшон бар онҳо намоён шуд*"[3], фармуд: “Шармгоҳҳои он ду чунон буд, ки дида намешуд ва пас аз он ошкор ва намоён гардид”.[4]

*Зиндиқе аз имом Содиқ(а) пурсид*:

Киҳонат (ахтаршиносӣ, ғайбгӯӣ) чӣ гуна ва аз чӣ роҳ падид омада аст? Ва аз куҷо мардумонро аз ҳаводис хабар медоданд? Имом(а) фармуд: киҳонат дар даврai ҷоҳилӣ ва дар фосилаи миёни беъсати паёмбар буд. Коҳин ба манзалаи қозӣ ва довар буд ва мардум дар масоиле, ки бар онон норавшан ва печида мешуд ба ӯ мурочиат мекарданд. Ӯ аз ҳаводис ва рӯйдодҳо ба онон хабар медод. Ин хабардодан аз роҳҳои мухталиф монанди, тезбинӣ, заковат, васвасаи нафс ва зиракии рӯҳ ҳамроҳ бо илқои матлаб дар қалби коҳин тавассути шайтон буд. Зеро, шайтон ин матлабро медонист ва

---

[1]Биҳоруланвор, ҷ.11, с.144.

[2] Биҳоруланвор, ҷ.11, с.143.

[3]Сураи Тоҳо, ояи 121.

فَأَكَلَا مِنْهَا فَبَدَتْ لَهُمَا سَوْآتُهُمَا ... {121}

[4]Биҳоруланвор, ҷ.11, с.145.

онро ба коҳин мерасонид ва ӯро аз ҳаводису рӯйдодҳои атроф бохабар мекард.

*Аммо хабарҳои осмон*: Шаётин дар ҳангоме ки бо шаҳобҳо аз осмон ронда намешуданд ва ҳиҷобу монеае барояшон дар шунидани ин ахбори осмонӣ набуд, дар ҷойгоҳҳои истироқи самъ менишастанд ва ин ахборро гӯш медоданд. Иллати ҷилавгирӣ аз истироқи самъи онон ҳам ин буд, ки дар замин чизе ҳамонанди ваҳй, ки аз осмон хабар медиҳад, ба вуҷуд наёяд, то мардумро ба шубҳа андозад ва ҳақиқати ваҳйи Худовандиро бар онон пӯшонад. Ваҳйе, ки Худованд барои исботи ҳуҷҷат ва бартараф кардани шубаҳот мефиристад набояд мислу монанде дошта бошад.

Шайтон аз роҳи истироқи самъ калимаи воҳиде аз ахбори осмонӣ дар бораи ҳаводиси заминро мешунид, мерабуд ва онро ба замин оварда ба коҳин илқо мекард. Коҳин низ калимоте аз пеши худ бар он меафзуд ва ҳаққу ботилро дарҳам меомехт. Пас, ҳар чӣ аз ахбори коҳин дуруст меомад ҳамоне буд, ки шаётини ӯ шунида ва ба вай расонда буд ва ҳарчи нодуруст мешуд аз ботили худаш буд, ки бар он меафзуд. Замоне ки шаётин аз истироқи самъ мамнӯъ гардиданд, киҳонат низ аз миён рафт.

Имрӯза шаётин танҳо ахбори мардумонро ба коҳинҳои худ мерасонанд, чизҳое ки мардум дар миёни худ аз он сухан мегӯянд ва корҳое, ки мехоҳанд анҷом диҳанд. Шаётин ҳаводис ва рӯйдодҳои дур ва махфӣ монанди: duздӣ, қатл ва гумшудани афродро ба дигар шаётин мерасонанд. Онон дар ин кор низ, ба монанди мардум, ростгӯ ва дуруғгӯ ҳастанд.

Зиндиқ гуфт: шаётин чӣ гуна ба осмон мерафтанд, дар ҳоле ки онон дар офариниш ҳамонанди соири

мардумон ҷисми пур ва ғализ доранд ва барои Сулаймон ибни Довуд биноҳое месохтанд, ки аз тавони Бани Одам хориҷ буд? Имом[(а)] фармуд: онон ҳамон гуна, ки мусаххари Сулаймон гардиданд, барои ӯ ғализ ва пурвазн шуданд, вагарна онон махлуқоти нарм ва нозуку тунуканд, ки ғизои онон бӯидан аст. Далели он ҳам боло рафтани онон ба осмонҳо барои истироқи самъ аст. Ҷисми пур ва ғализ қудрат боло рафтан надорад, магар бо нардбон ё василаи дигар.[1]

Ва дар посух ба суоле дар бораи Иблис, ки пурсиданд: Оё Иблис аз фариштагон аст? Оё дар чизе аз кори осмонҳо дахолат дорад? Фармуд:

Иблис на аз фариштагон буд ва на дар чизе аз умури осмонҳо дахолат дошт. Ӯ ҳамроҳи фариштагон буд ва малоика ӯро аз худашон мепиндоштанд. Танҳо Худо буд, ки медонист ӯ аз онон нест ва ҳангоме ки маъмур шуд ба Одам[(а)] саҷда кунад, ҳамон чиз аз ӯ сарзад, ки буд![2]

## Фишурдаи баҳс дар бораи ҷин, шайтон ва иблис

***1-Ҷин:*** мавҷуди пӯшида, ки дида намешавад. Худованд дар Қуръони карим хабар дода аст, ки ҷинниёнро аз шӯълаи оташи омехта бо сиёҳӣ офаридааст.

***2-Шаётин:*** шаётин номе аст барои ҳар мустакбири саркаш аз одамӣ, ҷин ва ҳайвон. Мурод аз шаётин дар ин баҳс шаётини ҷин аст.

***3-Иблис:*** маҳзун, ҳайратзада, сокит ва ноумед аз далел ва бурҳон. Иблиси мавриди баҳси мо ҳамон

---

[1]Хисоли Шайх Садуқ, ҷ.1, с.152.
[2]Биҳоруланвор, ҷ.11, с.119.

махлуқи ҷинне аст, ки аз саҷда барои Одам сарпечӣ кард.

Худованд аз саргузашти ҷинниён ва сар ба фармон кардани онон барои Сулаймон ва аз ин ки барои ӯ тимсолҳо, меҳроб ва зарфҳои бузург месохтанд ва ин ки дар миёни онон касе буд, ки қудрати овардани тахти Билқис аз Яман ба Шомро қабл аз бархостани Сулаймон аз ҷои худ дошта аст, хабар додааст. Ҳамчунин аз ишрофи Сулаймон ба онон дар ҳолате, ки бар асои хеш такя дода буд ва Худованд қабзи рӯҳаш кард ва ин ки бо ҳамон ҳолат муддатҳо пас аз мурдан бар ҷои худ боқӣ монд ва ҷинниён саргарми кори худ буданд ва инро намедонистанд, то он ки арзамӯрак дохили асояшро хӯрд ва Сулаймон фурӯ афтод. Ба ин хотир дониста шуд, ки агар ҷинниён аз ғайб огоҳӣ доштанд, ин ҳама муддатро дар ҳоли сахтӣ ва ранҷи корашон диранг намекарданд. Худованд ҳамаи инҳоро дар Қуръони карим барои мо баён дошта аст.

Худои субҳон фармудааст: шаётин аз аҷина ҳастанд, онон дар ҷойгоҳҳои истироқи самъ менишастанд, то гуфтугӯҳои фариштагонро дӯздона гӯш кунанд. Пас аз беъсати Хотами Анбиё(с) Худованд ононро аз чунин коре боздошт ва фариштагонро фармуд то бо шаҳоби оташин ононро ронда ва бисӯзонанд. Худованд ҳамчунин достони Иблис ва чигунагии васвасаи Одам ва Ҳавво, то берун карданашон аз биҳиштро дар Қуръони карим баён фармудааст. Шарҳи он дар баҳси оянда меояд.

### *5-Инсон*

Худованд достони оғози офариниши инсонро дар Қуръони карим баён дошта ва фармудааст:

***1-Инно халақноҳум мин тӣнин лозиб*** **Ê**

**Ä***Мо инсонро аз гили часпандае офаридем.*[1]

***2-Ва лақад халақнал инсона мин салсолин мин ҳамоин маснӯн*** **Ê**

**Ä***Мо инсонро аз гили хушкидае, ки аз гили бадбӯи тираранге гирифта шуда буд, офаридем.*[2]

***3-Халақал инсона мин салсоли кал фаххор*** **Ê**

**Ä***Инсонро аз гили хушкидае ҳамчун сафол офаридем.*[3]

***4-Аллазӣ аҳсана кулла шай'ин халақаҳу ва бадаа халқал инсони мин тӣн. Сумма ҷаъала наслаҳӯ мин сулолатин мин моин маҳӣн. Сумма саввоҳу ва нафаха фӣҳи мин рӯҳиҳӣ ва ҷаъала лакумус самъа вал абсора вал аф'ида, қалӣлан мо ташкурӯн*** **Ê**

**Ä***Худованде, ки ҳар чиро офарид, некӯ офарид; ва офариниши инсонро аз гил огоз кард; сипас насли ӯро аз усорае аз оби ночиз ва беқадр офарид. Сипас ӯро мавзун сохт ва аз рӯҳи хеш дар вай дамид; ва барои шумо гӯш ва чашмҳо ва дилҳо қарор дод; аммо камтар шукри неъматҳои ӯро баҷо меоваред!*[4]

---

[1]Сураи Соффот, ояи 11.

... إِنَّا خَلَقْنَاهُم مِّن طِينٍ لَّازِبٍ {11}

[2]Сураи Ҳиҷр, ояи 26.

وَلَقَدْ خَلَقْنَا الإِنسَانَ مِن صَلْصَالٍ مِّنْ حَمَإٍ مَّسْنُونٍ {26}

[3]Сураи Раҳмон, ояи 14.

خَلَقَ الْإِنسَانَ مِن صَلْصَالٍ كَالْفَخَّارِ {14}

[4]Сураи Саҷда, ояи 7-9.

***5-Ё айюҳан носу, ин кунтум фӣ райбин минал баъси фаинно халақнокум мин туробин, сумма мин нутфатин, сумма мин ъалақатин, сумма мин музғатин мухаллақатин ва ғайри мухалалақатин линубаййина лакум, ва нуқирру фил арҳоми мо нашоу ило аҷалин мусаман сумма нухриҷукум тифлан сумма литаблуғӯ ашуддакум, ва минкум ман ютаваффо ва минкум ман юраддy ило арзалил ъумри ликайло яълама мин баъди ъилмин шай'о ... Ê***

***Ä****Эй мардум! Агар дар растохез шак доред,* **(***тавачҷӯҳ кунед, ки:***)** *мо шуморо аз хок офаридем. Сипас аз нутфа ва баъд аз хуни басташуда, сипас аз "музға"* **(***чизе шабеҳи гӯшти хоидашуда***)**, *ки баъзе дорои шакл ва хилқат аст ва бархе бидуни шакл; то барои шумо равшан созем,* **(***ки бар ҳар чиз қодирем***)!** *Ва ҷанинҳоеро, ки бихоҳем то муддати муайяне дар раҳими модарон қарор медиҳем; баъд шуморо ба сурати тифл берун меоварем; сипас барои он ки ба ҳадди рушд ва булуғ бирасед. Дар ин миён бархе аз шумо мемиранд; ва баъзе он қадре умр мекунанд, ки ба бадтарин марҳалаи зиндагӣ мерасанд; ончунон, ки баъд аз илм ва огоҳӣ чизе намедонанд*...![1]

---

الَّذِي أَحْسَنَ كُلَّ شَيْءٍ خَلَقَهُ وَبَدَأَ خَلْقَ الْإِنسَانِ مِن طِينٍ {7} ثُمَّ جَعَلَ نَسْلَهُ مِن سُلَالَةٍ مِّن مَّاء مَّهِينٍ {8} ثُمَّ سَوَّاهُ وَنَفَخَ فِيهِ مِن رُّوحِهِ وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَالْأَفْئِدَةَ قَلِيلاً مَّا تَشْكُرُونَ {9}

[1]Сураи Ҳаҷ, ояи 5.

يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِن كُنتُمْ فِي رَيْبٍ مِّنَ الْبَعْثِ فَإِنَّا خَلَقْنَاكُم مِّن تُرَابٍ ثُمَّ مِن نُّطْفَةٍ ثُمَّ مِنْ عَلَقَةٍ ثُمَّ مِن مُّضْغَةٍ مُّخَلَّقَةٍ وَغَيْرِ مُخَلَّقَةٍ لِّنُبَيِّنَ لَكُمْ وَنُقِرُّ فِي الْأَرْحَامِ مَا نَشَاء إِلَى

***6-Ва лақад халақнал инсона мин сулолатин мин тӣн. Сумма ҷаъалноҳу нутфатан фӣ қарорин макӣн. Сумма халақнан нутфата ъалақатан, фахалақнал ъалақата музғатан, фахалақнал музғата ъизоман, факасавнал ъизома лаҳман, сумма анша'ноҳу халқан охара фатаборакаллоҳу аҳсанул холиқӣн, сумма иннакум баъда золика ламайййитӯн. Сумма инакум явмал қиёмати тубъасӯн Ê***

***Ä***_Мо инсонро аз усорае аз гил офаридем; сипас ӯро нутфае дар қароргоҳи мутмаин қарор додем; сипас нутфаро ба сурати алақа ва алақаро ба сурати музға ва музғаро ба сурати устухонҳое даровардем; ва бар устухонҳо гӯшт пӯшондем; сипас онро офариниши тозае додем; пас бузург аст Худое, ки беҳтарини офаридагон аст! Сипас шумо баъд аз он мемиред; сипас дар рӯзи қиёмат барангехта мешавед._[1]

***7-Ҳувал лазӣ халақакум мин туробин, сумма мин нутфатин, сумма мин ъалақатин, сумма юхриҷукум тифлан, сумма литаблуғӯ ашуддакум, сумма литакӯну шуюхан ва минкум ман ютаваффо мин қаблу ва***

---

أَجَلٍ مُّسَمًّى ثُمَّ نُخْرِجُكُمْ طِفْلاً ثُمَّ لِتَبْلُغُوا أَشُدَّكُمْ وَمِنكُم مَّن يُتَوَفَّى وَمِنكُم مَّن يُرَدُّ إِلَى أَرْذَلِ الْعُمُرِ لِكَيْلَا يَعْلَمَ مِن بَعْدِ عِلْمٍ شَيْئاً ... {5}

[1] Сураи Мӯъминун, ояи 12-16.

وَلَقَدْ خَلَقْنَا الْإِنسَانَ مِن سُلَالَةٍ مِّن طِينٍ {12} ثُمَّ جَعَلْنَاهُ نُطْفَةً فِي قَرَارٍ مَّكِينٍ {13} ثُمَّ خَلَقْنَا النُّطْفَةَ عَلَقَةً فَخَلَقْنَا الْعَلَقَةَ مُضْغَةً فَخَلَقْنَا الْمُضْغَةَ عِظَاماً فَكَسَوْنَا الْعِظَامَ لَحْماً ثُمَّ أَنشَأْنَاهُ خَلْقاً آخَرَ فَتَبَارَكَ اللَّهُ أَحْسَنُ الْخَالِقِينَ {14} ثُمَّ إِنَّكُمْ بَعْدَ ذَلِكَ لَمَيِّتُونَ {15} ثُمَّ إِنَّكُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ تُبْعَثُونَ {16}

***литаблуғӯ аҷалан мусамман ва лаъаллакум таъқилӯн Ê***

*ÄӮ касе аст, ки шуморо аз хок офарид, сипас аз нутфа, сипас аз алақа, сипас шуморо ба сурати тифле берун мефиристад. Баъд ба марҳалаи камоли қуввати худ мерасед ва баъд аз он пир мешавед ва гурӯҳе аз шумо пеш аз расидан ба ин марҳала мемиранд ва дар ниҳоят ба саромади умри худ мерасед; ва шояд андеша кунед!*[1]

***8-Фал яннзурил инсону мимма хулиқ. Хулиқа мин моин дофиқ. Яхруҷу мин байнис сулби ват тароиб Ê***

*ÄИнсон бояд бингарад, ки аз чӣ чиз офарида шудааст? Аз як оби ҷаҳанда халқ шудааст. Обе, ки аз миёни пушт ва синаҳо хориҷ мешавад.*[2]

***9-Халақакум мин нафсин воҳидатин сумма ҷаъала минҳо завҷаҳо Ê***

*Ä Ӯ шуморо аз як нафс офарид ва ҳамсарашро аз он халқ кард.*[3]

***10-Ва ҳувал лазӣ аншаакум мин нафсин воҳидатин фамустақаррун ва муставдаъун Ê***

---

[1] Сураи Мӯъмин, ояи 67.

هُوَ الَّذِي خَلَقَكُم مِّن تُرَابٍ ثُمَّ مِن نُّطْفَةٍ ثُمَّ مِنْ عَلَقَةٍ ثُمَّ يُخْرِجُكُمْ طِفْلاً ثُمَّ لِتَبْلُغُوا أَشُدَّكُمْ ثُمَّ لِتَكُونُوا شُيُوخاً وَمِنكُم مَّن يُتَوَفَّى مِن قَبْلُ وَلِتَبْلُغُوا أَجَلاً مُّسَمًّى وَلَعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ {67}

[2] Сураи Ториқ, ояи 5-7.

فَلْيَنظُرِ الْإِنسَانُ مِمَّ خُلِقَ {5} خُلِقَ مِن مَّاء دَافِقٍ {6} يَخْرُجُ مِن بَيْنِ الصُّلْبِ وَالتَّرَائِبِ {7}

[3] Сураи Зумар, ояи 6.

خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَاحِدَةٍ ثُمَّ جَعَلَ مِنْهَا زَوْجَهَا ... {6}

*Ä Ӯ касе аст, ки шуморо аз як нафс офарид, бархе аз шумо пойдор ва баъзе нопойдоред.*[1]

***11-Ва лақад ъаҳидно ило Одама мин қаблу фанасия ва лам наҷид лаҳӯ ъазмо. Ва из қулно лил малоикати, усҷудӯ ли-Одама фасаҷадӯ илло иблӣса або. Фақулно ё Одаму инна ҳозо ъадуввун лака ва лизавҷика фало юхриҷаннакумо минал ҷаннати фаташқо... Ê***

*Ä Мо пеш аз ин аз Одам паймон гирифта будем! Аммо ӯ фаромӯш кард; ва азми устуворе барои ӯ наёфтем! Ва ҳангоме, ки ба фариштагон гуфтем: барои Одам саҷда кунед! Ҳамагӣ саҷда карданд; ҷуз Иблис, ки саркашӣ кард! Пас гуфтем: эй Одам! Ин душмани ту ва душмани ҳамсари туст! Мабодо шуморо аз биҳишт берун кунад, ки ба заҳмат ва ранҷ хоҳӣ афтод! Ту дар биҳишт ҳеҷ гоҳ гурусна ва бараҳна нахоҳӣ шуд; ва ҳаргиз ташна ва гармозада намешавӣ! Вале шайтон ӯро васваса кард ва гуфт: эй Одам! Оё мехоҳӣ туро ба дарахти зиндагии ҷовид ва мулке безавол роҳнамоӣ кунам?! Пас ҳар ду аз он хӯрданд, пас шармгоҳҳояшон ошкор гашт ва барои пӯшондани худ аз баргҳои биҳиштӣ ҷома дӯхтанд! Оре, Одам Парвардигорашро нофармонӣ кард ва аз подоши ӯ маҳрум шуд!*

*Сипас Парвардигораш ӯро баргузид, тавбаашро пазируфт ва ҳидояташ намуд. Ва фармуд: ҳар ду аз он фуруд оед, дар ҳоле ки душмани якдигар хоҳед буд! Вале ҳар гоҳ ҳидояти ман ба суроғи шумо ояд, ҳар кас аз ҳидояти ман пайравӣ кунад, на гумроҳ*

---

[1] Сураи Анъом, ояи 98.

وَهُوَ الَّذِيَ أَنشَأَكُم مِّن نَّفْسٍ وَاحِدَةٍ فَمُسْتَقَرٌّ وَمُسْتَوْدَعٌ ... {98}

*мешавад ва на дар ранҷ хоҳад буд! Ва ҳар кас аз ёди ман рӯйгардон шавад, зиндагии сахт ва танге хоҳад дошт ва рӯзи қиёмат ӯро нобино маҳшур мекунем!*[1]

***12-*** *Мо шуморо офаридем; сипас суратбандӣ кардем; баъд ба фариштагон гуфтем: "барои Одам саҷда кунед!" Онон ҳама саҷда карданд; ҷуз Иблис, ки аз саҷдакунандагон набуд Худованд ба ӯ фармуд: "Дар он ҳангоме ки ба ту фармон додам, чӣ чиз туро монеъ шуд, ки саҷда кунӣ?" Гуфт: "ман аз ӯ беҳтарам; маро аз оташ офаридаӣ ва ӯро аз гил!"*

*Фармуд: аз он мақом фуруд ой! Ту ҳақ надорӣ дар он мақом такаббур кунӣ! Берун шав, ки ту аз афроди паст ва бемиқдорӣ! Гуфт: маро то рӯзе, ки барангехта мешаванд муҳлат деҳ! Фармуд: ту аз муҳлатдодашудагонӣ!*

*Гуфт: акнун, ки маро гумроҳ сохтӣ, ман бар сари роҳи мустақими ту дар баробари онон камин мекунам! Сипас аз пеши рӯ ва аз пушти сар ва аз тарфи рост ва аз тарафи чапи онон, ба сурогашон*

---

[1]Сураи Тоҳо, ояи 115-124.

وَلَقَدْ عَهِدْنَا إِلَى آدَمَ مِن قَبْلُ فَنَسِيَ وَلَمْ نَجِدْ لَهُ عَزْماً {115} وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَائِكَةِ
اسْجُدُوا لِآدَمَ فَسَجَدُوا إِلَّا إِبْلِيسَ أَبَى {116} فَقُلْنَا يَا آدَمُ إِنَّ هَذَا عَدُوٌّ لَّكَ وَلِزَوْجِكَ
فَلَا يُخْرِجَنَّكُمَا مِنَ الْجَنَّةِ فَتَشْقَى {117} إِنَّ لَكَ أَلَّا تَجُوعَ فِيهَا وَلَا تَعْرَى {118}
وَأَنَّكَ لَا تَظْمَأُ فِيهَا وَلَا تَضْحَى {119} فَوَسْوَسَ إِلَيْهِ الشَّيْطَانُ قَالَ يَا آدَمُ هَلْ أَدُلُّكَ
عَلَى شَجَرَةِ الْخُلْدِ وَمُلْكٍ لَّا يَبْلَى {120} فَأَكَلَا مِنْهَا فَبَدَتْ لَهُمَا سَوْآتُهُمَا وَطَفِقَا
يَخْصِفَانِ عَلَيْهِمَا مِن وَرَقِ الْجَنَّةِ وَعَصَى آدَمُ رَبَّهُ فَغَوَى {121} ثُمَّ اجْتَبَاهُ رَبُّهُ
فَتَابَ عَلَيْهِ وَهَدَى {122} قَالَ اهْبِطَا مِنْهَا جَمِيعاً بَعْضُكُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ فَإِمَّا يَأْتِيَنَّكُم
مِّنِّي هُدًى فَمَنِ اتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشْقَى {123} وَمَنْ أَعْرَضَ عَن ذِكْرِي فَإِنَّ
لَهُ مَعِيشَةً ضَنكاً وَنَحْشُرُهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ أَعْمَى {124}

*меравам; ва бештари ононро шукргузор нахоҳӣ ёфт! Фармуд: аз он мақом бо нангу ор ва хорию зиллат, берун шав! Ба яқин ҳар кас аз онон туро пайравӣ кунад, ҷаҳаннамро аз шумо ҳамагӣ пур кунам!*

*Ва эй Одам! Ту ва ҳамсарат дар биҳишт сокин шавед! Ва аз ҳар ҷо, ки хостед, бихӯред, аммо ба ин дарахт наздик нашавед, ки аз ситамкорон хоҳед буд! Сипас шайтон он дуро васваса кард, то он чиро аз андомашон пинҳон буд, ошкор созад ва гуфт: Парвардигоратон шуморо аз ин дарахт наҳӣ карда, магар ба хотири ин ки бо хӯрдани он фаришта мешавед, ё ҷовидонагӣ меёбед! Ва барои онон савганд хӯрд, ки ман хайрхоҳи шумо ҳастам.*

*Ба ин тартиб, ононро фиреб дод ва ҳангоме аз он дарахт чашиданд, шармгоҳҳояшон бар онон ошкор шуд; ва шурӯъ карданд ба қарор додани баргҳои биҳиштӣ бар худ, то онро бипӯшонанд. Парвардигорашон ононро нидо дод, ки: оё шуморо аз он дарахт наҳй накардам?! Ва нагуфтам, ки шайтон барои шумо душмани ошкоре аст?! Гуфтанд: Парвардигоро! Мо ба хештан ситам кардем! Ва агар моро набахшӣ ва бар мо раҳм накунӣ аз зиёнкорон хоҳем буд! Фармуд: аз мақоми хеш фуруд ойед, дар ҳоле ки бархе аз шумо нисбат ба бархе дигар, душман хоҳед буд! Ва барои шумо дар замин, қароргоҳ ва василаи баҳрагирӣ то замони муайяне хоҳед буд.*

*Фармуд: дар он зинда мешавед, дар он мемиред ва аз он хориҷ хоҳед шуд.*[1]

[1]Сураи Аъроф, ояи 11-25.

***13-**Қола а’асҷуду лиман халақта тӣно. Қола араайтака ҳозал лазӣ каррамта ъалайя лаин аххартани ило явмил қиёмати лааҳтаниканна зурриятаҳу алло қалӣло. Қола изҳаб фаман табиъака минҳум фаинна ҷаҳаннама ҷазоукум ҷазоан мавфӯро. Ва истафзиз ман истатаъта минҳум бисавтика ва аҷлиб ъалайҳим бихайлика ва риҷлика ва шорикҳум фил амволи вал авлоди ва ъидҳум ва мо яъидуҳумуш шайтону илло ғурӯро инна ъибодӣ лайса лака ъалайҳим султонун ва кафо бираббика вакӣло* Ê

---

وَلَقَدْ خَلَقْنَاكُمْ ثُمَّ صَوَّرْنَاكُمْ ثُمَّ قُلْنَا لِلْمَلآئِكَةِ اسْجُدُواْ لآدَمَ فَسَجَدُواْ إِلاَّ إِبْلِيسَ لَمْ يَكُن
مِّنَ السَّاجِدِينَ {11} قَالَ مَا مَنَعَكَ أَلاَّ تَسْجُدَ إِذْ أَمَرْتُكَ قَالَ أَنَاْ خَيْرٌ مِّنْهُ خَلَقْتَنِي مِن
نَّارٍ وَخَلَقْتَهُ مِن طِينٍ {12} قَالَ فَاهْبِطْ مِنْهَا فَمَا يَكُونُ لَكَ أَن تَتَكَبَّرَ فِيهَا فَاخْرُجْ إِنَّكَ
مِنَ الصَّاغِرِينَ {13} قَالَ أَنظِرْنِي إِلَى يَوْمِ يُبْعَثُونَ {14} قَالَ إِنَّكَ مِنَ المُنظَرِينَ
{15} قَالَ فَبِمَا أَغْوَيْتَنِي لأَقْعُدَنَّ لَهُمْ صِرَاطَكَ الْمُسْتَقِيمَ {16} ثُمَّ لآتِيَنَّهُم مِّن بَيْنِ
أَيْدِيهِمْ وَمِنْ خَلْفِهِمْ وَعَنْ أَيْمَانِهِمْ وَعَن شَمَآئِلِهِمْ وَلاَ تَجِدُ أَكْثَرَهُمْ شَاكِرِينَ {17} قَالَ
اخْرُجْ مِنْهَا مَذْؤُوماً مَّدْحُوراً لَّمَن تَبِعَكَ مِنْهُمْ لأَمْلأَنَّ جَهَنَّمَ مِنكُمْ أَجْمَعِينَ {18} وَيَا
آدَمُ اسْكُنْ أَنتَ وَزَوْجُكَ الْجَنَّةَ فَكُلاَ مِنْ حَيْثُ شِئْتُمَا وَلاَ تَقْرَبَا هَذِهِ الشَّجَرَةَ فَتَكُونَا مِنَ
الظَّالِمِينَ {19} فَوَسْوَسَ لَهُمَا الشَّيْطَانُ لِيُبْدِيَ لَهُمَا مَا وُورِيَ عَنْهُمَا مِن
سَوْءَاتِهِمَا وَقَالَ مَا نَهَاكُمَا رَبُّكُمَا عَنْ هَذِهِ الشَّجَرَةِ إِلاَّ أَن تَكُونَا مَلَكَيْنِ أَوْ تَكُونَا مِنَ
الْخَالِدِينَ {20} وَقَاسَمَهُمَا إِنِّي لَكُمَا لَمِنَ النَّاصِحِينَ {21} فَدَلاَّهُمَا بِغُرُورٍ فَلَمَّا ذَاقَا
الشَّجَرَةَ بَدَتْ لَهُمَا سَوْءَاتُهُمَا وَطَفِقَا يَخْصِفَانِ عَلَيْهِمَا مِن وَرَقِ الْجَنَّةِ وَنَادَاهُمَا
رَبُّهُمَا أَلَمْ أَنْهَكُمَا عَن تِلْكُمَا الشَّجَرَةِ وَأَقُل لَّكُمَا إِنَّ الشَّيْطَآنَ لَكُمَا عَدُوٌّ مُّبِينٌ {22}
قَالاَ رَبَّنَا ظَلَمْنَا أَنفُسَنَا وَإِن لَّمْ تَغْفِرْ لَنَا وَتَرْحَمْنَا لَنَكُونَنَّ مِنَ الْخَاسِرِينَ {23} قَالَ
اهْبِطُواْ بَعْضُكُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ وَلَكُمْ فِي الأَرْضِ مُسْتَقَرٌّ وَمَتَاعٌ إِلَى حِينٍ {24} قَالَ
فِيهَا تَحْيَوْنَ وَفِيهَا تَمُوتُونَ وَمِنْهَا تُخْرَجُونَ {25}

*Ä Иблис гуфт: оё барои касе саҷда кунам, ки ӯро аз хок офаридаӣ? Сипас гуфт: ба ман бигӯ, ин касеро, ки бар ман бартарӣ додаӣ (ба чӣ далел буда аст?). Агар маро то рӯзи қиёмат зинда бигзорӣ, ҳамаи фарзандонашро, ҷуз иддаи каме, гумроҳ ва решакан хоҳам сохт!*

*Фармуд: бирав! Ҳар кас аз онон аз ту табаият кунад, ҷаҳаннам кайфари шумост, кайфаре аст фаровон!*

*Ҳар кадом аз ононро метавонӣ бо садоят таҳрик кун! Ва сипоҳи савора ва пиёдаатро ба онон гусел дор! Ва дар сарват ва фарзандонашон ширкат ҷӯй! Ва ононро бо ваъдаҳо саргарм кун! Вале шайтон, ҷуз фиребу дурӯғ ваъдае ба онон намедиҳад. Ту ҳаргиз султа бар бандагони ман нахоҳӣ ёфт! Ва ҳамин бас, ки Парвардигорат ҳофизи онон бошад.*[1]

***14-Қола рабби бимо ағвайтанӣ лаузаййинанна лаҳум фил арзи ва лауғвияннаҳум аҷмаъӣн. Илло ъибодака минҳумул мухласӣн. Қола ҳозо сиротун ъалайя мустақӣм. Инна ъибодӣ лайса лака ъалайҳим султонун илло маниттабаъака минал ғовӣн. Ва инна ҷаҳаннама ламавъидуҳум аҷмаъӣн Ê***

*Ä Иблис гуфт: Парвардигоро! Ҳол, ки маро гумроҳ сохтӣ, ман низ (неъматҳои моддии заминро дар*

---

[1]Сураи Исро, ояи 61-65.

... قالَ أأسْجُدُ لِمَنْ خَلَقْتَ طِيناً {61} قالَ أرَأيْتَكَ هَـذا الَّذِي كَرَّمْتَ عَلَيَّ لَئِنْ أخَّرْتَنِ إلَى يَوْمِ الْقِيَامَةِ لأحْتَنِكَنَّ ذُرِّيَّتَهُ إلاَّ قَلِيلاً {62} قالَ اذْهَبْ فمَن تَبعَكَ مِنْهُمْ فإنَّ جَهَنَّمَ جَزَآؤُكُمْ جَزَاء مَّوْفُوراً {63} وَاسْتَفْزِزْ مَنِ اسْتَطَعْتَ مِنْهُمْ بصَوْتِكَ وَأجْلِبْ عَلَيْهِم بخَيْلِكَ وَرَجِلِكَ وَشَارِكْهُمْ فِي الأمْوَالِ وَالأوْلادِ وَعِدْهُمْ وَمَا يَعِدُهُمُ الشَّيْطَانُ إلاَّ غُرُوراً {64} إنَّ عِبَادِي لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَانٌ وَكَفَى برَبِّكَ وَكِيلاً {65}

*назари онон зинат медиҳам ва ҳамагиро гумроҳ хоҳам сохт, магар бандагони мухласатро. Фармуд: ин роҳи мустақиме аст, ки бар ӯҳдаи ман аст. Ту бар бандагони ман тасаллут нахоҳӣ ёфт, магар гумроҳоне, ки аз ту пайравӣ кунанд ва ҷаҳаннам миъодгоҳи ҳамаи онон аст.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

***Лозиб:*** гили сахтшудаи ба ҳам часпида.

***Салсол:*** гили хушкшудаи ҳароратнадида.

***Ҳама':*** гили сиёҳи бадбӯй.

***Маснӯн:*** гили софшудаи шаклгирифта.

***Мухаллақа:*** ҷанини суратбандишудаи том ва тамом.

***Сулб ва тароиб:*** сулби мард, сутуни фақарот ва маҷрои нутфаи ӯст ва тароиби зан, (бино ба назари луғатшиносон) устухонҳои болои синааш мебошад.

***Васваса:*** фарохонӣ дар гӯше ва бесадо ба коре. Ҳадиси нафс, яъне он чиро дар даруни ҷон ва замир мегузорад, фиреби инсон ва барангехтани ӯ ба сӯи шар аз тарафи шайтон. Тафсири ин калима дар сухани Худои мутаол омада аст, он ҷо ки фармуд:

***Ва зайяна лаҳумуш шайтону мо конӯ яъмалӯн Ê***

*Ä Ҳар кореро, ки мекарданд дар назарашон зинат дода аст!*[2]

---

[1] Сураи Ҳиҷр, ояи 39-43.

**قَالَ رَبِّ بِمَا أَغْوَيْتَنِي لأُزَيِّنَنَّ لَهُمْ فِي الأَرْضِ وَلأُغْوِيَنَّهُمْ أَجْمَعِينَ {39} إِلاَّ عِبَادَكَ مِنْهُمُ الْمُخْلَصِينَ {40} قَالَ هَذَا صِرَاطٌ عَلَيَّ مُسْتَقِيمٌ {41} إِنَّ عِبَادِي لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَانٌ إِلاَّ مَنِ اتَّبَعَكَ مِنَ الْغَاوِينَ {42} وَإِنَّ جَهَنَّمَ لَمَوْعِدُهُمْ أَجْمَعِينَ {43}**

[2]Сураи Анъом, ояи 43.

Ва фармуд:

***Зайяна лаҳумуш шайтону аъмолаҳум*** **Ê**

**Ä** *Шайтон аъмоли онҳоро дар назаршон ҷилва додааст*.[1]

***Сав'атун:*** чизе, ки нишон додани он қабеҳ ва пӯшонданаш лозим аст.

***Ъазман:*** ъазм ба маънои сабр ва шикебоӣ, ҷиддӣ будан ва низ ба маънои тасмими қотеъ бар анҷоми кор мебошад.

***Ҷаннат:*** ҳар боғи пурдарахте, ки бо дарахтонаш заминро пӯшонад. Ҷаннат бо ҳамин маъно дар каломи Худои мутаол низ омада аст, он ҷо ки фармуд:

***А) Ва қолӯ лан нуъмина лака ҳатто тафҷура лано минал арзи янбӯъо. Ав такӯна лака ҷаннатун мин нахӣл*** **Ê**

**Ä** *Гуфтанд*: *мо ба ту имон намеоварем*, *то ин ки чашмаи ҷӯшоне аз ин сарзамин барои мо хориҷ созӣ*.

---

... وزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ {43}

[1]Сураҳои Анфол, ояи 48.

وَ زَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أعْمَالَهُمْ ... {48}

Наҳл, ояи 63;

... فَزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أعْمَالَهُمْ فَهُوَ وَلِيُّهُمُ ... {63}

Намл, ояи 24;

... وزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أعْمَالَهُمْ فَصَدَّهُمْ عَنِ السَّبِيلِ ... {24}

Анкабут, ояи 38.

... وزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أعْمَالَهُمْ فَصَدَّهُمْ عَنِ السَّبِيلِ وَكَانُوا مُسْتَبْصِرِينَ {38}

*Ё "боғе" аз дарахтони нахл ва ангур азони ту бошад;*[1]

***Б) Лақад кона лисабаин фӣ масканиҳим оятун ҷаннатони ъан ямӣнин ва шимолин кулӯ мин ризқи раббикум вашкурӯ лаҳу... Фааъразӯ фаарсално ъалайҳим сайлал ъарими ва баддалноҳум биҷанатайҳим ҷаннатайни завотай укулин хамтин ва аслин ва шай'ин мин сидрин қалӣл Ê***

***Ä****Барои қавми Сабо дар маҳалли сукунаташон нишонае (аз қудрати илоҳӣ) буд: ду "боғ" (бузург ва густарда) аз рост ва чап, (ба онҳо гуфтем) аз рӯзии Парвардигоратон бихӯред ва шукри ӯро баҷо оваред... Аммо онон рӯйгардон шуданд ва мо сели вайронгарро бар эшон фиристодем ва ду "боғ"-и (пурбаракати) ононро ба ду "боғ"-и (беарзиш) бо меваҳои талху дарахтони шӯрангез ва андаке дарахти сидр мубаддал сохтем.*[2]

***Хамт:*** рӯиданиҳое, ки мазаи талх ё турши зананда доранд.

***Асл:*** дарахти баланди ростқомати хушчӯби пуршоха бо гираҳои зиёд ва баргҳои дарозу нозук, ки меваи он донаи сурхранги нохӯрданӣ аст.

---

[1]Сураи Исро, ояи 90-91.

وَقَالُواْ لَن نُّؤْمِنَ لَكَ حَتَّى تَفْجُرَ لَنَا مِنَ الأَرْضِ يَنبُوعاً {90} أَوْ تَكُونَ لَكَ جَنَّةٌ مِّن نَّخِيلٍ ... {91}

[2]Сураи Сабо, ояи 15 -16.

لَقَدْ كَانَ لِسَبَإٍ فِي مَسْكَنِهِمْ آيَةٌ جَنَّتَانِ عَن يَمِينٍ وَشِمَالٍ كُلُوا مِن رِّزْقِ رَبِّكُمْ وَاشْكُرُوا لَهُ ... {15} فَأَعْرَضُوا فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ سَيْلَ الْعَرِمِ وَبَدَّلْنَاهُم بِجَنَّتَيْهِمْ جَنَّتَيْنِ ذَوَاتَى أُكُلٍ خَمْطٍ وَأَثْلٍ وَشَيْءٍ مِّن سِدْرٍ قَلِيلٍ {16}

Тавзеҳ он ки: биҳишти охират, ҷаннат ва боғ номида шуда аст, чун бо боғҳои рӯи замин шабоҳат дорад (агарчи тафовут аз замин то осмон аст) ва биҳишти ҷовидон тавсиф шуда аст, зеро воридшаванда дар он ҷовидон аст. Ба ин сабаб низ, Худованд биҳиштиёнро, холид ва ҷовидон тавсиф карда фармуда аст:

***А) Қул а золика хайрун ам ҷаннатул хулдил латӣ вуъидал муттақӯн... Лаҳум фӣҳо мо яшоӯна холидӣн Ê***

*Ä Бигӯ: оё ин (ҷаҳаннам) беҳтар аст ё биҳишт ҷовидоне, ки бар парҳезкорон ваъда дода шуда аст?... Ҳарчи бихоҳанд дар он ҷо барои онон фароҳам аст, ҷовидона дар он хоҳанд зист.*[1]

***Б) Вал лазӣна оману ва ъамилус солиҳоти улоика асҳобул ҷаннати ҳум фӣҳо холидӯн Ê***

*Ä Онон ки имон овардaнд ва корҳои шоиста анҷом доданд, онон аҳли биҳиштанд ва дар он ҷовидон хоҳанд буд.*[2]

Пас, ҷаннат дар Қуръони карим ба ҳар ду маънои мазкур ба кор рафтааст.

Аммо ҷаннат ва боғе, ки Худованд Одам(а)-ро дар он ҷой дод (ва сипас ӯро, баъд аз хӯрдани дарахти мамнуъшуда, аз он ҷо фуруд овард), аз боғҳои дунё будааст. Мо пас аз ин, дар баҳси “Биҳишти Одам(а) дар куҷо буда аст?” аз он ёд мекунем.

---

[1] Сураи Фурқон, ояи 15-16.

قُلْ أَذَلِكَ خَيْرٌ أَمْ جَنَّةُ الْخُلْدِ الَّتِي وُعِدَ الْمُتَّقُونَ ... {15} لَهُمْ فِيهَا مَا يَشَاؤُونَ خَالِدِينَ كَانَ عَلَى رَبِّكَ وَعْداً مَسْؤُولاً {16}

[2] Сураи Бақара, ояи **82**.

وَالَّذِينَ آمَنُواْ وَعَمِلُواْ الصَّالِحَاتِ أُولَـئِكَ أَصْحَابُ الْجَنَّةِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ {82}

***Тазҳо:*** *заҳо аррачул*, яъне: ҳарорати офтоб бар ӯ осеб расонд. *Ва ло тазҳо*, яъне: ҳарорати офтоб ва гармои сӯзонро эҳсос намекунӣ.

***Ғаво:*** аз ҷумла маъноҳои ғаво, табоҳ кардани зиндагӣ аст ва муроди оят ҳамин аст, яъне Одам[а] бо хӯрдан аз дарахти манъшуда, зиндагӣ дар рифоҳи худро табоҳ кард.

***Тафиқо:*** шурӯъ кардан ба кор...

***Яхсифон:*** хасф ба маънои часпондан ва қарор додан аст. Яъне шурӯъ карданд ба часпондан ва қарор додани баргҳо бар андоми худ.

***Занко:*** занк яъне зиндагии сахту душвор ва дар тангно қарор гирифтан.

***Вурия:*** пӯшида ва пинҳоншуда.

***Даллоҳум:*** он дуро ҳамон гуна, ки мехост фиреб дод ва аз роҳ ба чоҳ андохт, яъне аз биҳишт берун кард.

***Лааҳтаниканна:*** даҳона ва лаҷом мезанам, яъне ҳамаи авлоди Одамро бо васваса ва зинат дода, аз паси худам мекашам.

***Иҳбитӯ:*** фуруд ойед, ҳубут дар бораи инсон бар сабили истихфоф ба кор рафта аст, бар хилофи инзол, ки Худованд онро дар мавриди шараф ва арзиши мақом овардааст, монанди: инзоли фариштагон, инзоли Қуръони карим ва инзоли борон.

Ҳангоме, ки гуфта мешавад: *ҳабата фишшарри*, яъне ба шарр мубтало шуд ва ҳабата фулон, яъне залил ва паст гардид ва ҳабата мин манзилиҳи, яъне аз ҷойгоҳи худ суқут кард.

***Истафзиз бисавтика:*** бо васвасаат таҳрик кун ва барангез, яъне: ҳар гуна метавонӣ насли Одамро бо васваса ба гуноҳ водорӣ, водор кун!

***Ва аҷлиб ъалайҳим:*** бо садои баланд онро бирон.

***Бихайлик ва раҷилик:*** бо саворон ва пиёдагонат, яъне ҳарчи дар тавон дорӣ аз ҳелаю макр ва нерӯ ба хидмат бигир.

***Ва шорикҳум фил амволи вал авлод:*** дар амволи бадастомада аз роҳи ҳаром ва фарзандони зодашуда аз зинои онон мушорикат кун!

***Султон:*** тасаллут ва чирагии қудратмандона. Султон ба маънои далел ва бурҳон низ омада аст, чунонки Худои субҳон фармудааст: "Оё дар бораи номҳое, ки шумо ва падаронатон (бар бутҳо) гузоштаед, бо ман муҷодила мекунед, дар ҳоле ки Худованд ҳеҷ далеле дар бораи он нозил накардааст?!"

Пас, маънои: ***инна ъибоди лайса лака ъалайҳим султон,*** - *ту бар бандагони ман султоне надорӣ,* ин мешавад, ки: *ту ҳеҷ гуна қудрате бар онон надорӣ ва наметавонӣ бар эшон чира ва ғолиб гардӣ.*

## Тафсири оёт

Худои субҳон дар оёти гузашта аз оғози офариниши аввалин инсон огоҳӣ дод ва фармуд: ӯро аз гили сиёҳи бадбӯи сахти дарҳамшуда ҳамчун сафол, ки аз сахтӣ ва салобати сафол гунааш садодор аст, офарида аст. Сипас насли ӯро аз чакидае аз оби паст, ки аз миёни сулб ва тароиб берун меояд қарор дод. Сипас ӯро алақа гардонид. Аз алақа ба музға, аз музға ба устухон табдил кард ва устухонҳоро гӯшт пӯшонид. Сипас офариниши дигаре ба ӯ дод ва аз рӯҳи худ дар вай дамид. Барои ӯ чашм, гӯш ва дил қарор дод. Пас баландмартаба аст Худое, ки беҳтарини офаридагон аст. Сипас ӯро ба сурати кӯдаке аз раҳими модар берун фиристод, то ба марҳалаи булуғу рушд бирасад. Ва ба ҳангоми

офариниш аз ҳамон чакидаи об, бо нафси воҳиди инсонӣ, нар ва мода қарор дод, то ҳар як дар зиндагии дунё ба вазоифи хоси худ бипардозанд ва то ба синни куҳулату пирӣ ва афтодагӣ расанд. Сипас ононро мемиронад ва дар замин ҷой медиҳад. Пас аз он дар рӯзи қиёмат аз замин берун шуда ва ба маҳшар меоянд, то подошу кайфари кирдори худро бар асоси ҳикмати Парвардигори азизу доно дарёбанд.

## Имтиҳони Худо аз махлуқоти бошуур

**Аввал: Фариштагон ва Иблис:**

Худованд фариштагонро, ки Иблис ҳам бо онон буд, ба воситаи саҷда барои халифаи худ дар рӯи замин, - Одам(а), имтиҳон кард. Суханони фариштагон мерасонад, ки онон фаҳмида буданд, ки мавҷуди заминӣ хунрез аст. Зеро аз махлуқоти гузаштаи рӯи замин чунин равишеро шоҳид будаанд ва Худованд худ, он гуна, ки дар ривоёт омада аст,[1] дастури нобудии ононро ба фариштагон дода буд.

Ҳангоме ки Худованд фариштагонро ба илму донише, ки ба Одам бахшида буд огоҳ кард ва фармони саҷда барои Одамро ба эшон дод, фариштагон барои Одам(а) саҷда карданд, вале Иблис саркашӣ кард. Ӯ худро бартар аз он донист, ки барои Одам(а) саҷда кунад ва далел овард, ки Худованд ӯро аз оташ офарид ва Одамро аз гил. Вай аз ин имтиҳон илоҳӣ нагузашт.

**Дуюм: Одам ва Ҳавво:**

Худованд барои Одам ҳамсараш Ҳавворо офарид ва он дуро дар биҳишти ғайриҷовид ҷой дод ва ба онон

[1] Дар ривоёти "Ибтидои офариниши авсиё” ба онон ишора хоҳад шуд.

фармуд: ҳар чӣ хостед аз ин биҳишт бихӯред, вале ба ин дарахт наздик нашавед, ки аз ситамкорон хоҳед шуд. Одамро огоҳ кард, ки дар ин биҳишт на гурусна мешавад ва на бараҳна. Ҳамчунин ӯро аз Иблис барҳазар дошта фармуд: ин шахс душмани ту ва душмани ҳамсари туст. Эҳтиёт кунед, ки шуморо аз биҳишт берун накунад, ки ба заҳмат хоҳед афтод. Шайтон хӯрдан аз дарахти мамнӯъшударо барои онон зебо ҷилва дод, то шармгоҳҳои пинҳонашон ҳувайдо гардад. Ӯ Одам ва Ҳавворо фиреб дод ва ба ин фикр андохт, ки агар аз он дарахт бичашанд, ҳолоти онон ҳамчун фариштагон шуда ва ҷовидон мегарданд. Иблис барои мутмаин шудани он ду ба номи Худои субҳон савганд хӯрд. Одаму Ҳавво, ки гумон мекарданд ҳеҷ касе наметавонад ба номи Худо савганди дурӯғ бихӯрад, фиребашро хӯрда ва дар доми ботили ӯ гирифтор шуданд. Онҳо аз он дарахти манъшуда чашиданд ва замоне, ки шармгоҳояшон намоён шуд, шурӯъ ба пӯшонидани он бо барги дарахтони биҳишт карданд. Парвардигорашон нидо дод: ман шумо ду нафарро аз наздикшудан ба ин дарахт наҳй накардам? Ба шумо нагуфтам Шайтон душмани ошкори шумост? Гуфтанд: Парвадигоро! Мо ба худамон ситам кардем! Агар моро набахшӣ ва мавриди раҳмати хеш қарор надиҳӣ аз зиёнкорон хоҳем буд.

## Биҳишти Одам дар куҷо буд?

Худои субҳон фармуда аст: Дар ин Замин халифае қарор дода ва хокеро, ки бо он Одам[(а)]-ро офарид аз омехтаи ҳамин замин баргирифта аст. Ҳамчунин бар рӯи ин замин фариштагонро дастури саҷда барои Одам дод ва Иблис аз саҷда барои Одам саркашӣ намуд. Ҳамин тавр Одам[(а)]-ро дар биҳиште, ки дар ин

замин буда аст дохил намуда ва ӯро пас аз офаридан аз ин замин ба ҷои дигар, аз ҷумла ба биҳишти ҷовидон мунтақил накард, то ихроҷаш аз биҳишти ҷовидон ба замин бошад.

Далели мо бар ин матлаб илова бар зуҳури оёт ин аст, ки: ҳар кас вориди биҳишти ҷовидон шавад, ҷовидон аст ва ҳаргиз аз он берун нахоҳад омад, чунонки ривоят бар он далолат дорад.[1]

Мо чунин мебинем, ки ин биҳишт дар Ироқ ва дар ҷазиратулъараб буда аст. Он чи соҳиби китоби "Қомуси китоби муқаддас" аз бисёре аз донишмандон нақл карда аст, ки ин биҳишт дар сарзамини Фурот буда аст, дуруст аст.[2]

Тасдиқкунандаи ин матлаб ин ки, иборати Таврот ба таври равшану возеҳ мегӯяд: рӯдхонаи биҳишти Одам(а) ба чаҳор шоха тақсим шуда аст, ки иборатанд аз: рӯдҳои Фурот, Даҷла, Ҷайҳун ва Фишун.[3]

Дар китоби "Қомуси китоби муқаддас" омада аст, ки бархе аз пажуҳишгарон эҳтимол додаанд Ҷайҳун ва Фишун дар Бобили (Ироқ) бошад.[4]

Бинобар ин аст, ки мурод аз Ҷайҳун рӯдхонаи Ҷайҳуни маъруф нест, рӯдхонае, ки дар баҳрчаи наздики Хоразм (Арал) мерезад ва Ёқути Ҳамавӣ онро дар Мӯъҷамулбулдон овардааст.

---

[1] Дар ривоёти "Ибтидои офариниши авсиё" ба онон ишора хоҳад шуд.
[2] Қомуси китоби муқаддас, моддаи "Ъадн".
[3] Китоби "Аҳди Атиқ" (Таврот), чопи Ричард Ватс, Лондон, 1839, Сифри Таквин, боби дуюм, шумораи 10-14.
[4] Қомуси китоби муқаддас, моддаи "ҷайҳун" ва "файшун".

Ҳангоме ки Одам аз биҳишт фуруд омад, дар минтақаи Бобили Фурот чои зист ихтиёр кард. Чун вафот кард, фарзандаш Шис ӯро дар ғоре дар кӯҳи Абӯқабиси Макка дафн кард. Сипас Нӯҳ устухонҳои ӯро дар киштии худ гузошт ва пас аз пиёда шудан аз киштӣ дар Наҷафи Ашраф дафн кард.[1]

Пас, чунонки мебинем, берун омадани Одам(а) аз биҳиште аст, ки дар Ироқ буда аст ва ҳангоме ки аз он ҷо берун шуд, ба сарзамине наздики он дар Ироқ рафт.

Ӯ аз дарахтон ва донаҳои ин боғ, ниҳолҳо ва базрҳоеро баргирифт, то бо омӯзише, ки Худованд ба ӯ дода буд, дарахтонро шинонад ва донаҳоро бикорад, чунонки ривоёт сариҳан ин матлабро мерасонад.

Аммо сукунаташ дар Ироқ дар моддаи: "Бобулиюн"-и Мӯъҷамулбулдон омадааст:

Аҳли Таврот гуфтаанд: ҷойгоҳи Одам(а) дар Бобил будааст ва Бобил сарзамине аст миёни Фурот ва Даҷла. Дар моддаи "Бобил", дар "Қомуси китоби муқаддас" чизе омада аст, ки хулосаи он чунин аст: *Обҳои Фурот ва Даҷла дар ҳамаи арозии ин сарзамин ҷараён дошт. Ба ин хотир арозии он ҷо ба фаровонию баракат машҳур буд ва навъҳои меваҳою ҳабибот дар он ҷо ба даст меомад ва номи қадимии он Шанъор буда аст.*[2]

Дар моддаи "Бобил"-и Мӯъҷамулбулдон омада аст, ки бархе аз аҳли Таврот гуфтаанд: Бобил ҳамон Кӯфа аст ва Нӯҳ(а) пас аз он ки аз киштӣ пиёда шуд, бо ҳамроҳонаш дар пайи маҳалле барои сукунат ва сарпаноҳ шуданд. Онон дар Бобил манзил ихтиёр намуданд ва баъд аз Нӯҳ(а) густариш ёфтанд.

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ.11, с. 267-268.

[2] Сифри Таквин, боби 10-11 ва моддаи "шанъор", Қомуси китоби муқаддас.

Аммо дафни Одам[(а)] дарривоёти мактаби хулафо омадааст, ки Нӯҳ ӯро дар Байтулмуқаддас дафн карда аст. Дарривоёти мактаби Аҳли Байт бошад омадааст, ки Нӯҳ Одамро дар Наҷаф, дар ҳамин маҳалле, ки имом Алӣ[(а)] дафн гардид аст, ба хок супурда шуда аст. Сукунати Одам[(а)] дар Ироқро он чи дар ривоёти зер омада аст, тасдиқ мекунад:

*Аввал*: Одам[(а)] ба Макка рафт ва дар Арафот, Машъар ва Мино таваққуф кард ва тавбаи ӯ дар Арафот пазируфта шуд. Пас аз он дар Макка ба Ҳавво пайваст ва Худованд ӯро маъмури сохтани Байтуллоҳ кард. Ба назар дур менамояд, ки Одам[(а)] аз макони дуре монанди Ҳинд, маъмур ба ҳаҷ шуда бошад, чунонки дар бархе аз ривоёт (ки дурустиаш назди ман собит нашуда аст) омадааст.

*Дуюм*: Дар ривоёти дигаре омада аст, ки Одам[(а)] дар минтақаи Ғаррои Наҷаф дафн шудааст.[1] Дар ривоёти дафни Хотами Анбиё[(с)] омадааст: ҳар паёмбаре дар ҳамон ҷо, ки қабзи рӯҳ шуда бошад, дафн мегардад.[2]

Аз маҷмӯаи он чи баён доштем чунин натиҷа мешавад, ки: Одам[(а)] дар сарзамини Фурот буда аст ва ҳангоме ки аз он берун шуд, дар наздикии он фуруд омад ва Худованд он боғро хушконид ва аз сафҳаи рӯзгор барандохт. Одам[(а)] маҳалли дигареро бо дарахтон ва киштукор эҳё ва обод кард. Ва Худо донотар аст.

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ.11, с.268.

[2] Табақоти Ибни Саъд, ҷ.2, қисмати дуввум, с.71; Сунани Тирмизӣ, китоби ҷаноиз, ҷ.4, с.235.

## Имтиҳони илоҳӣ ва дигаргунии аҳвол

## Аввал: Фариштагон ва Иблис

Фариштагоне, ки Иблис ҳам дар канорашон буд, Худоро ибодат мекарданд ва ҳар чиро ба онон фармон медод, дар осмонҳо ва замин, итоат намуда ва лаҳзае ҳам нофармонӣ ва исён надошт, то он ки Худои мутаол ба онон хабар дод, ки мехоҳад дар Замин халифа қарор диҳад. Онон ҳикмати ин офариниширо ҷӯё шуданд ва ҳангоме ки Худованд аз ҳикмати он огоҳашон дод ва фармуд то барои ӯ саҷда кунанд (ҳамон гуна, ки дар соири маворид мутеъ ва хозеъ буданд) ҳамагӣ итоат карданд, ҷуз Иблис. Ӯ ки Худоро дар тамоми дастуроте, ки мухолифи ҳавои нафси вай набуд ва бо хӯи истикбориаш бархӯрде надошт, итоат мекард. Дар фармони саҷда барои Одам(а) Иблис аз ҳавои нафсаш пайравӣ карда ва аз дастури Худо сарпечӣ намуд. Ба ин сабаб ҳангоме ки чунин роҳеро барои худ баргузид аз дараҷаи фариштагон (касоне, ки Худоро дар ҳарчи фармон диҳад исён накарда ва ҳамвора ба фармони ӯ амал мекунанд)[1] ба дараҷаи осиён ва ҳавопарастон поин омад. Худованд ба ӯ фармуд: Аз ин мақом фуруд ой, туро нашояд, ки дар ин ҷойгоҳ бузургнамоӣ кунӣ!

Иблис дар чунин ҳолате низ аз исёни худ дар баробари Парвардигори оламиён пушаймон нашуд ва ба сӯи Худо бознагашт ва аз ӯ дархости бахшиш накард, балки ба хости худ ба сукути хеш афзуд ва гуфт:

---

[1]Сураи Таҳрим, ояи 6.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا قُوا أَنفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَاراً وَقُودُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ عَلَيْهَا مَلَائِكَةٌ غِلَاظٌ شِدَادٌ لَا يَعْصُونَ اللَّهَ مَا أَمَرَهُمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ {6}

“Маро то рӯзи қиёмат мӯҳлат деҳ!” Худованд фармуд: Ту аз мӯҳлатдодашудагонӣ.[1]

Он малъун пас аз дарёфти ваъдаи Худо ва расидан ба хостаи хеш бидуни диранг мавзеи худ дар муқобили Худоро мушаххас кард ва гуфт: ин касеро, ки бар ман бартарӣ додӣ аз ӯ интиқом мегирам. Зуррияи ӯро бо лаҷом аз паси худ мекашам ва аз пеши рӯ, пушти сар, рост ва чапи онон ворид мешавам ва аъмолу рафтори бади ононро дар назарашон зебо ҷилва медиҳам, то он ҷо ки бештари ононро сипосгузор нахоҳӣ ёфт. Худои субҳон фармуд:

> *Бирав, ҳар як аз онон ки туро пайравӣ кунад ҷаҳаннам кайфари шумост, кайфаре фаровон.*[2]

Оре, Иблис ба маҳзи интихоби ин роҳ аз дараҷаи фариштагони маъсуми бегуноҳ ба дараҷаи осиёни гунаҳкори фармони Худо мунтақил гардид. Дар ин дараҷа низ роҳи пушаймоншудагон аз гуноҳ ва тавбакунандагон ба сӯи Худоро пеша накард, балки бо ихтиёри худ ба поинтарин дараҷаи пастӣ ва зиллат афтод, дараҷаи касоне, ки мардумро гумроҳ мекунанд ва дар тамоми давру замонҳо бар он исрор меварзанд.

## Дуввум: Одам ва Ҳавво

Худои мутаол пас аз он ки офариниши Одам(а)-ро тамом кард ва фариштагонро барои саҷда бар ӯ водор намуд ва Ҳавворо офарид, ҳар дуро дар он биҳишт ҷой дод. Биҳиште, ки бояд бар рӯи ин замин бошад, зеро

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 14-15.

قَالَ أَنظِرْنِي إِلَى يَوْمِ يُبْعَثُونَ {14} قَالَ إِنَّكَ مِنَ المُنظَرِينَ {15}

[2] Сураи Исро, ояи 63.

... اذْهَبْ فَمَن تَبِعَكَ مِنْهُمْ فَإِنَّ جَهَنَّمَ جَزَآؤُكُمْ جَزَاء مَّوْفُوراً {63}

Худои субҳон Одамро аз гили ҳамин замин офарид ва ӯро барои зиндагӣ бар рӯи ин замин омода кард (ва дар китобу суннат ҳам матни равшане надорем, ки бигӯяд Худованд Одамро пас аз офариниш, аз ин замин ба биҳиште, ки дар яке аз ситорагони дигар буд мунтақил карда ва дубора ӯро ба ин замин бозгардондааст). Пас ночор бояд ин биҳишт, чуноне ки гуфтем бар рӯи ин замин буда аст, ҷуз он ки ин биҳишт чунонки менамояд дар навъи худ беназир, ягона ва махсуси ин марҳала аз мароҳили офариниши Одаму Ҳавво будааст. Ва вуҷуди он бо ба охир расидани ин марҳала аз хилқат, поён пазируфтааст. Худо донотар аст.

Ин биҳишт хусусиятҳо ва имтиёзоти махсусе доштааст, ки Худованд ба бахше аз он ишора карда аст. Аз ҷумла ба Одам(а) фармуда аст: ту дар ин биҳишт на гурусна мешавӣ, на ташна, на урён мегардӣ ва на аз ҳарорати офтоб осеб мебинӣ. Ба ӯ ва Ҳавво фармудааст:

Аз ин боғ ҳар чиро хостед бихӯред, вале наздики ин дарахт наравед, ки аз ситамкорон ба худатон хоҳед шуд.

Ҳамчунин ба Одам(а) гӯшзад кард, ки шайтон душмани ту ва душмани ҳамсари туст, ҳушёр бошед ки аз ин биҳишт шуморо берун накунад.

Одам(а) пас аз он ки шайтон борҳо ба Худо савганд хӯрд ва гуфт, ки хайрхоҳи ӯст, ба ихтиёри худ бо ҳамсараш Ҳавво ба васвасаҳои шайтон гӯш фаро доданд ва аз ҳолати этминон ва худдорию покӣ аз гуноҳ, ки ба фармудаи Худо доштанд поин омада ва ба ҳолати васвасапазир афтоданд. Кайфари он амал низ фуруд омадан аз биҳишти роҳат ба дунёи заҳмат буд.

Дунёи ранҷу заҳмат, таклиф ва омодагӣ барои олами ҷовид, дар неъматҳои биҳиштӣ ё азоби ҷаҳаннамӣ.

Ҳамин тавр инсон ҳамли амонатро пазируфт, амонате, ки Худои субҳон аз он хабар дода ва фармуд:

> ***Инно ъаразнал амоната ъалас самовоти вал арзи, вал ҷиболи фаабайна ан яҳмилнаҳо ва ашфақна минҳо ва ҳамалаҳал инсону иннаҳу кона залӯман ҷаҳӯло. Лиюъазибаллоҳул мунофиқӣна вал мунофиқоти вал мушрикӣна вал мушрикоти ва ятӯбаллоҳу ъалал му'минӣна вал му'миноти ва коналлоҳу ғафӯран раҳӣмо Ê***
>
> ***Ä****Мо амонатро* **(***тааҳҳуд ва таклиф***)** *бар осмонҳо***,** *замин ва кӯҳҳо арза доштем***.** *Онҳо аз ҳамли он сар бартофтанд ва аз он ҳаросиданд***,** *аммо инсон онро бар дӯш кашид***.** *Ӯ бисёр золим ва ҷоҳил буд; ҳадаф ин буд***,** *ки Худованд мардону занони мунофиқ ва мардону занони мушрикро азоб кунад ва Худо раҳмати худро бар мардону занони боимон бифиристад***.** *Худованд ҳамвора омурзанда ва раҳим аст!*[1]

Мурод аз ин амонат дар ин оят, (ва Худо донотар аст) таклифи илоҳӣ ва он чизе аст, ки инсонро ба зевари инсоният ороста мекунад.

---

[1]Сураи Аҳзоб, ояи 72-73.

إِنَّا عَرَضْنَا الْأَمَانَةَ عَلَى السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَالْجِبَالِ فَأَبَيْنَ أَن يَحْمِلْنَهَا وَأَشْفَقْنَ مِنْهَا وَحَمَلَهَا الْإِنسَانُ إِنَّهُ كَانَ ظَلُوماً جَهُولاً {72} لِيُعَذِّبَ اللَّهُ الْمُنَافِقِينَ وَالْمُنَافِقَاتِ وَالْمُشْرِكِينَ وَالْمُشْرِكَاتِ وَيَتُوبَ اللَّهُ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ وَكَانَ اللَّهُ غَفُوراً رَّحِيماً {73}

Мурод аз арзаи он бар осмонҳо ва замин, арза бар ғайри мукаллафин аз махлуқот аст. Ин арза ва қабул муқаддимае барои гузиниши илоҳӣ аст, то мухлисин ва афроди нобро ҷудо созад.

Бино бар ин, исёни Одам дар ҳамли амонат буд, амонате, ки аз осори он таъсирпазирӣ аз васвасаи шайтон аст. Тамоми ин барномаҳо дар марҳалае аз мароҳили офариниши Одам(а) буда аст, ки бо марҳалаи ахири зиндагии ӯ дар олами хокии мо шабоҳате надорад. Дар силсиламароҳили ҳастӣ бахшидан ва эҷод, пеш аз ҳубут ва фуруди маънавии ӯ аз он биҳишти хосу ягона ва вуруд ба хориҷи он дар ин замин будааст. Анбиё(а) дар ин олам маъсум ва аз гуноҳ мубарро ҳастанд ва Одам(а) бо интихоб ва ихтиёри худ ба оламе, ки барои он офарида шуда буд, фуруд омад. Бино бар ин, исёни Одам(а) намоде аз он амри маънавӣ аст (Ва Худо донотар аст).

## *Шарҳи оёт ва тафсири он дар ривоёт*

**Аввал: ривоёти ворид аз Паёмбар(с)**

1-Аҳмад ибни Ҳанбал, Ибни Саъд, Абӯдовуд ва Тирмизӣ бо санадҳои худ аз Расули Худо(с) овардаанд, ки фармуд:

Худованди таоло Одам(а)-ро аз мушти хок, ки аз ҳамаи атрофи Замин баргирифта буд, офарид. Пас Бани Одам, ҳамсӯ бо замин шуданд; бархе сурх, бархе сафед, гурӯҳе сиёҳ ва ҷамъе миёнаи ин гурӯҳ ҳастанд...[1]

[1] Сунани Тирмизӣ, ҷ.11, с.16; Сунани Абидовуд, ҷ.4, с.222, ҳадиси 4693; Муснади Аҳмад, ҷ.4, с.400; ва Табақоти Ибни Саъд, табъи Аврупо, ҷ.1, қисмати аввал, с.5-6.

2-Ибни Саъд аз Расули Худо ривояте оварда аст, ки фишурдаи он чунин аст:

Ҳангоме ки он хато аз Одам(а) сар зад, шармгоҳаш барои ӯ ошкор шуд, дар ҳоле ки пештар онро намедид.[1]

3-Садуқ дар китоби "Хисол" бо санади худ аз Расули Худо овардааст:

Диранги Одам ва Ҳавво дар он биҳишт то ҳангоми хуруҷ ҳафт соат аз рӯзҳои дунё буд, то он ки Худованд дар ҳамон рӯз аз биҳишт фурудашон овард.[2]

## Дуюм-ривоёти ворид аз имом Алӣ(а)

**А) Дар бораи офариниши фариштагон**:

Дар китоби Баҳоруланвор аст, ки он ҳазрат ба Худо арз мекунад:

"...Ва фариштагоне, ки офаридӣ ва дар осмонҳоят ҷой додӣ, сустӣ дар онон роҳ надорад, фаромӯшӣ ба суроғашон наояд ва нофармонӣ дар зоташон нест. Онон донотарини офаридагонат ба ту ҳастанд, бимноктарини онон аз ту, наздиктарини эшон ба сӯи ту ва фармонбартарини махлуқот ба тоати ту мебошанд. Хоб чашмҳои ононро фаро нагирад, иштибоҳи ақлҳо оризашон нагардад ва сустии баданҳо дар эшон роҳ наёбад. Онон дар салби падарону раҳими модарон ҷой нагирифтаанд ва аз оби бемиқдор офарида нашудаанд. Ту худ ононро он гуна, ки бояд эҷод кардӣ, дар осмонҳоят ҷой додӣ, дар канори худ гиромӣ доштӣ, бар ваҳйи худ амин фармудӣ, аз офатҳо дуру аз балоҳо эмин ва аз гуноҳонашон покиза кардӣ.

---

[1]Табақоти Ибни Саъд, табъи Аврупо, ҷ.1, қисмати аввал, с.10.

[2] Биҳоруланвор, ҷ.11, с.119.

Агар тавонашон намедодӣ ва машғули раҳматат набуданд, тавонманд набуданд. Агар побарҷояшон намедоштӣ барҷой намемонданд, агар машмули раҳматат набуданд итоате надоштанд ва агар набудӣ онҳо низ набуданд. Онон ба ҳамаи наздикие, ки ба ту доранд, итоате, ки аз ту мекунанд, ҷойгоҳи махсусе, ки назди ту аз он бархурдоранд, каме ғафлате, ки аз фармони ту доранд, агар мақомоти пӯшидаи туро, ки аз диди онон пӯшида аст, мушоҳида намоянд, аъмоли худро ночиз дониста ба сарзанишу маломати хеш мепардозанд ва ба ростӣ дармеёбанд, он гуна ки ҳаққи ибодат ва бандагии туст, ибодатат накардаанд. Муназзаҳӣ ту, эй Холиқ ва эй Маъбуд, ки имтиҳону гузиниши ту назди махлуқот, чӣ қадар зебою шукӯҳманд аст”.[1]

**Б) Ибтидои офариниш**

Имом Алӣ[(а)] дар бораи пайдоиши хилқат суханоне доранд, ки фишурдаи тафсири он чунин аст:

Худои субҳон фазоҳоро халқ кард ва бар баландии он обе муталотим ва маввоҷ офарид, обе саркаш ва ноором бо мавҷҳои баланд, ки бар якдигар фузунӣ мегирифтанд. Сипас онро бар пушти тундбоде сахту кӯбанда қарор дод, то бо таконҳои бисёр шадид (ҳамон гуна, ки ҷурғот ва ширро дар машк мезананд ва меҷунбонанд ва аз он сари шир ва рӯған мегиранд) кафҳои он бар фароз омад. Об кафҳоро пароканда сохт, кафҳо дар ҳавои боз ва густардаи фазо боло рафтанд. Ва Худованд аз онҳо ҳафт осмон падид овард. Поинтарини онҳоро мавҷе саршор ва ҷорӣ қарор дод ва болотаринашонро сақфе маҳфуз, бидуни он ки сутуне дошта бошад ва ё бо васоил ва абзори иттисол

---

[1]Биҳоруланвор, ҷ.11, с.119.

ва пайванд, ба ҳам муртабит бошанд. Осмони дунёро бо ситорагон орост, сипас миёнаи осмонҳои фавқониро, ки болои осмони дунё ҳастанд кушод ва онҳоро аз навъҳои фариштагон анбошт. Бархе аз онон дар ҳоли саҷдаи доим, барнамехезанд ва бархе дар ҳоли рукӯи доим қиёме надоранд ва бархе истода, мустақим ва устувор бо сафҳои муназзам дар ҷои худ беҳаракат ҳастанд. Онон Худоро тасбеҳ гӯянд ва ҳаргиз хаста намешаванд. Хоби чашмҳо, ғафлати ақлҳо, сустии баданҳо ва фаромӯшию бетаваҷҷӯҳӣ дар онон роҳе надорад. Бархе аминони ваҳйи Худоянд ва забони пайғомрасони ӯ ба расулон ва барои расондани ҳукму фармони Худо доим дар омадурафт ҳастанд. Бархе нигаҳбони бандагони ӯ ва дарбони дарҳои биҳиштанд. Бархе аз онон чунонанд, ки қадамҳояшон бар сарзаминҳои паст қарор гирифта ва сарҳояшон аз осмони боло берун рафтааст... Онон Парвардигори худро бо таваҳҳум ва хаёл тасвир намекунанд ва сифоти махлуқоти маснуъро ба Худо нисбат намедиҳанд. Ӯро ба василаи макон маҳдуд намекунанд ва ба воситаи ташбеҳ ва монандкунӣ мавриди ишора қарор намедиҳанд.

**В) Офариниши инсон**:

Имом фармудаанд: Сипас аз макониҳои мухталифи Замин, аз сахт, нарм, шӯр ва ширини он хокеро баргирифт ва бо об даромехт, то холис шуд ва бо намдор кардани дубораи он, ҷило ва сайқалаш дод. Аз он сурату шакле дорои аъзо ва ҷавореҳ падид овард, онро хушконид то худро гирифт, истеҳкомаш бахшид то маҳкам ва матин шуд, барои рӯзи мушаххас ва маълум.

Сипас аз рӯҳи худ дар он дамид. Пас ба шакли инсони ҳушёре даромад, ки ба таҳрик бархоста зеҳн, фикр ва аъзои худро ба хидмат мегирад ва аз абзори ҷобаҷоӣ истифода мекунад. Ҳақ ва ботилро мешиносад, аз ҳавоси чашидан, бӯидан ва дидан бархурдор аст. Ӯ маъҷунест бо сириште аз рангҳои мухталиф ва ашёи гирдомада, ки бархе зидди якдигар буда ва бархе бо ҳам фарқ мекунанд, монанди: гармӣ ва сардӣ, тарӣ ва хушкӣ, бадҳолӣ ва хушҳолӣ.[1]

**Г) Офариниши ҷин, шайтон ва иблис**:

Имом Алӣ[(а)] фармудаанд: Худованди Субҳон пас аз он ки ҳафт ҳазор сол аз зиндагии ҷин ва наснос бар рӯи замин гузашт, чун дӯст дошт махлуқеро ба дасти қудрати худ биёфаринад ва он махлуқ бояд Одам бошад, ки тадбиру тақдири осмонҳо ва замин барои ӯ манзур шуда буд, парда аз табақоти осмонҳо баргирифт ва ба фariштагон фармуд: махлуқоти манро (ҷин ва наснос) дар замин мушоҳида кунед.

Онон ҳангоме ки рафтори осиёна, хунрезии ноҳақ ва фасоди аҳли заминро диданд, бар эшон гарон омад. Фариштагон барои Худо ба хашм омаданд ва бар заминиён таассуф хӯрданд ва дар ҳоле ки наметавонистанд хашми худро идора кунанд, гуфтанд: Парвардигоро! Ту азизӣ, қодирӣ, ҷабборӣ, қоҳирӣ, бузургворӣ ва инон махлуқоти заиф ва залили ту ҳастанд, ки дар қабзаи қудратат ҷо ба ҷо шудаанд. Аз ризқи ту рӯзӣ мехӯранд, аз бахшиши ту баҳра мебаранд ва бо ин гуноҳони бузург нофармониат мекунанд, ҳол ин ки на нороҳат мешавӣ, на хашм мегирӣ ва на аз он чи аз эшон мешунавӣ ва мебинӣ интиқом мегирӣ. Ин масъала бар мо бисёр гарон аст ва

[1]Шарҳи Наҳҷулбалоғаи Ибни Абилҳадид, ҷ.1, с.32.

онро дар бораи ту хеле бузург мешуморем! Худои субҳон, ки ин суханонро аз фариштагон шунид, фармуд: Ман дар рӯи замин халифае қарор медиҳам, то ҷонишин ва ҳуҷҷати ман бар халқам бошад. Фариштагон гуфтанд: Муназзаҳӣ ту! "Оё дар замин касеро қарор медиҳӣ, ки дар он фасоду хунрезӣ кунад, дар ҳоле ки мо тасбеҳ ва ҳамди туро баҷо меоварем ва туро тақдис мекунем". Ва гуфтанд: ин ҷонишиниро дар байни мо қарор деҳ, ки на дар замин фасод мекунем ва на хунрезӣ менамоем.

Худои азза ва ҷалла фармуд: фариштагони ман! "Ман ҳақоиқеро медонам, ки шумо намедонед", ман бино дорам махлуқеро ба дасти худ биофаринам. Зуррияи ӯро паёмбарони мурсал, бандагони солеҳ ва имомони роҳёфта гардонам. Онoнро дар байни офаридагонам ҷонишинони заминии худ қарор диҳам, то эшонро аз гуноҳон боздоранд, аз азоби ман битарсонанд, ба итоатам роҳнамоӣ кунанд ва ба роҳи ман биёваранд. Онoнро бурҳони огоҳибахш ва далели узви худ гардонам ва наснос[1]-ро аз замини худ дур карда ва онoнро аз нопокии вуҷудашон пок намоям. Ҷинҳои гарданкашро аз байни махлуқоти худ дар замин берун карда ва онoнро дар ҳаво ва макoнҳои дурдасти он ҷой диҳам, то дар ҳамсоягии насли Одам набошанд, бо онон унс нагиранд ва муоширaт нанамоянд. Пас, ҳар ки аз насли ин офаридаи ман, ки онoнро барои худ баргузидаам маро нофармонӣ кунад, ӯро дар ҷойгоҳи саркашон ҷой дода ва ба манзилгоҳҳои эшон ворид мекунам ва аҳамияте намедиҳам! Фариштагон гуфтанд: Парвардигоро! Ҳарчи мехоҳӣ бикун, ки: "Мо чизе ҷуз

[1]Ҳақиқати “Наснос” бар мо равшан нест, дар китоби Биҳоруланвор чунин омада аст.

он чи ба мо таълим додаӣ намедонем, ту доно ва ҳакимӣ..."[1]

## Д) Рӯҳ

Имом Алӣ(а) дар бораи рӯҳ баёне доранд, ки хулосаи он чунин аст:

Рӯҳ Ҷабраил нест. Ҷабраил аз фариштагон аст ва рӯҳ ғайр аз Ҷабраил аст, зеро Худованд ба паёмбараш фармуд:

***Юназзилул малоиката бир рӯҳи мин амриҳи ъало ман яшоу мин ъибодиҳи*** Ê

Ä *Фариштагонро бо рӯҳ* **(***ба фармонаш***)** *бар ҳар кас аз бандагонаш бихоҳад***,** *нозил мекунад***.**[2] *Пас рӯҳ ғайр аз фариштагон аст***.** *Ва фармуд***:**

***Лайлатул қадри хайрун мин алфи шаҳр. Таназзалул малоикату вар рӯҳу фӣҳо биизни раббиҳим*** Ê

Ä *Шаби Қадр бештар аз ҳазор моҳ аст***,** *фариштагон ва рӯҳ дар ин шаб ба изни Парвардигорашон фуруд меоянд***.**[3] *Ва фармуд***:**

***Явма яқӯмур рӯҳу вал малоикату саффо*** Ê

Ä *Рӯзе***,** *ки рӯҳ ва фариштагон дар як саф меистанд***.**[4]

---

[1]Биҳоруланвор, ҷ.63, с.82-83, ба нақл аз Илалушшароеъ.

[2]Сураи Наҳл, ояи 2.

يُنَزِّلُ الْمَلآئِكَةَ بِالْرُّوحِ مِنْ أَمْرِهِ عَلَى مَن يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ ... {2}

[3] Сураи Қадр, ояи 3-4.

لَيْلَةُ الْقَدْرِ خَيْرٌ مِّنْ أَلْفِ شَهْرٍ {3} تَنَزَّلُ الْمَلَائِكَةُ وَالرُّوحُ فِيهَا بِإِذْنِ رَبِّهِم ... {4}

[4] Сураи Набо, ояи 38.

Дар бораи Одам(а) ва фариштагон, ки Ҷабраил низ бо онон буд, фармудааст:

***Иннӣ холиқун башаран мин тӣн. Фаизо саввайтуҳу ва нафахту фӣҳи мин рӯҳӣ, фақаъу лаҳӯ соҷидӣн*** Ê

**Ä***Ман башареро аз гил меофаринам, пас ҳангоме ки онро низом бахшидам ва аз рӯҳи худ бар ӯ дамидам, барои ӯ ба саҷда афтед!*[1]

Пас Ҷабраил ҳамроҳ бо фариштагон барои ин рӯҳ саҷда карданд.

Ва дар бораи Марям фармудааст:

***Фаарсално илайҳо рӯҳино, фатамассала лаҳо башаран савийё*** Ê

**Ä***Мо рӯҳи худро ба сӯи ӯ фиристодем ва ӯ ба монанди инсони тамомъиёр бар Марям намоён шуд.*[2]

Ва ба Паёмбар(с) фармуда аст:

***Назала биҳир рӯҳул амӣн. Ъало қалбик*** Ê

**Ä***Рӯҳуламин онро нозил кардааст дар қалби ту.*

Сипас фармудааст:

---

يَوْمَ يَقُومُ الرُّوحُ وَالْمَلَائِكَةُ صَفّاً ... {38}

[1] Сураи Сод, ояи 71-72.

... إِنِّي خَالِقٌ بَشَراً مِن طِينٍ {71} فَإِذَا سَوَّيْتُهُ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِن رُّوحِي فَقَعُوا لَهُ سَاجِدِينَ {72}

[2] Сураи Марям, ояи 17.

... فَأَرْسَلْنَا إِلَيْهَا رُوحَنَا فَتَمَثَّلَ لَهَا بَشَراً سَوِيّاً {17}

***Литакӯна минал мунзирӣн. Билисонин ъарабиййин мубӣн Ê***

***Ä****То аз бимдиҳандагон бошӣ! Бо забони арабии ошкор!*[1]

Пас рӯҳ ҳақиқате аст ягона бо суратҳои гуногун.[2](поёни каломи Имом[(a)]).

Бино бар ин, рӯҳ (ва Худо беҳтар медонад) он чизе аст, ки дар Одам[(a)] дамида шуд, он чизе аст, ки фариштаи мурсал ба сӯи Марям онро бо худ дошт, он чизе аст, ки фариштаи ҳомили ваҳй бар паёмбар бо худ меоварад. Гоҳе низ ба фариштае, ки ҳомили ваҳй барои Паёмбар[(c)] буда аст, Рӯҳуламин гуфта шудааст. Ҳамчунин рӯҳ ҳамон Рӯҳулқудусе аст, ки Худованд Исо[(a)]-ро ба ӯ таъид фармуда аст ва рӯзи қиёмат худи рӯҳ шахсан бо фариштагон дар як саф қарор мегирад. Ин ҳамон рӯҳ аст, ки Худо дар борааш фармуд:

***Ва йасʼалӯнака ъанир рӯҳи, қулир рӯҳу мин амри раббӣ Ê***

***Ä****Аз ту дар бораи рӯҳ суол мекунанд***, "***бигӯ***: ***рӯҳ аз фармони Парвардигори ман аст***."[3]

Парвардигоро! Моро аз хатои дар фаҳм ва лағжиш дар гуфтор эмин дор.

**Е) Маънои саҷдаи фариштагон барои Одам[(a)]:**

---

[1] Сураи Шуаро, ояи 194-195.

عَلَى قَلْبِكَ لِتَكُونَ مِنَ الْمُنذِرِينَ {194} بِلِسَانٍ عَرَبِيٍّ مُّبِينٍ {195}

[2] "Алғозот"-и Сақафӣ, таҳқиқи устод Мирҷалолиддин Ҳусайнии Армавӣ, ҷ. аввал, с.184-185.

[3]Сураи Исро, ояи 85.

وَيَسْأَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي ... {85}

Имом Алӣ[(а)] дар ин бора сухане доранд, ки фишурдаи он чунин аст:

Саҷдаи фариштагон барои Одам[(а)] саҷдаи тоат набуд ва фариштагон бо ин саҷда ғайри Худо, яъне Одамро ибодат ва бандагӣ накарданд, балки ба бартарии Одам ва фазлу раҳмате, ки Худо ба ӯ дода буд, эътироф карданд.[1]

**Шарҳи каломи имом Алӣ[(а)]:**

Имом Алӣ[(а)] дар баёноти гузашта фариштагонро ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардаанд:

*Гурӯҳи аввал*: Ибдаткунандагон, бархе дар ҳоли рукӯъ, бархе саҷдакунон, бархе истода ва гурӯҳе тасбеҳгӯй.

*Гурӯҳи дуюм*: Аминони ваҳйи Худо дар расондани он ба паёмбарон, забони гӯё дар даҳони расулон ва рафтуомадкунандагон дар паи умури бандагон, ки Худованд ба василаи онон кори халқро сомон медиҳад.

*Гурӯҳи сеюм*: Посдорони ибод, ба гунаи нерӯҳои амонӣ ва захира дар тану ҷони башар, ки Худованд ҳамроҳонашонро ба ин василa аз ҳалокатҳо ва фасодҳо нигаҳ медорад. Агар чунин набуд, ҳалокат ва фасод беш аз саломат ва амон ба инсон мерасид. Бархе аз эшон низ ходими биҳиштанд, яъне нигаҳбон ва хидматгузор.

*Гурӯҳи чаҳорум*: Ҳомилони аршанд, шояд инонанд, ки маъмури тадбири амри ҷаҳон аз фиристодани борон, рӯёндани набот ва амсоли ононанд. Умуре, ки ба рубубияти Парвардигори ҷаҳониён марбут мешавад ва барои олами махлуқот тадбир гардидааст.

**Сеюм: ривоёти ворид аз имом Боқир[(а)]:**

[1]Биҳоруланвор, ҷ.11, с.139.

Имом Боқир(а) дар маънои *"Ва нафахту фӣҳи мин рӯҳӣ"* фармудаанд:

Ин рӯҳ, рӯҳе аст, ки Худо худаш онро интихоб карда, худ онро офарида, онро ба худ мансуб дошта ва бар тамоми арвоҳ бартарӣ додааст.[1]

*Дар ривоёти дигар фармудаанд*:

Худованд ин рӯҳро танҳо аз он рӯ ба худ нисбат додааст, ки онро бар соири арвоҳ бартарӣ бахшидааст. Ҳамон гуна, ки хонае аз хонаҳоро низ барои худ ихтиёр карда ва фармудааст: “Хонаи ман!” Ва ба паёмбаре аз паёмбарон фармудааст: “Халили ман” ва монанди он. Инҳо ҳама махлуқ, маснуъ, муҳдас, марбуб ва мудаббаранд.[2] Яъне изофаи онҳо ба Худо изофаи ташрифӣ аст.

*Дар ривояти дигаре ровӣ мегӯяд*:

Аз имом Боқир(а) пурсидам: рӯҳе, ки дар одам аст ва рӯҳе, ки дар Исо аст чӣ ҳастанд? фармуд: онҳо ду рӯҳ офарида шудаанд, Худованд онҳоро ихтиёр кард ва баргузид: рӯҳи одам ва рӯҳи Исо алайҳимоссаломро.[3]

**Чаҳорум-Ривоёти имом Содиқ(а)**:

Имом Содиқ(а) дар бораи сухани Худои таоло дар бораи Одам ва Ҳавво, ки фармудааст:

***Фабадат лаҳумо сав’отуҳумо*** **Ê**

**Ä** *Шармгоҳҳояшон бар онон ҳувайдо шуд*, 

фармудааст:

[1]Биҳоруланвор, ҷ.4, с.11.

[2] Биҳоруланвор, ҷ.4, с.12, ба нақл аз Маониюл ахбор ва Тавҳиди Садуқ.

[3] Биҳоруланвор, ҷ.4, с.13.

Шармгоҳҳои онон, ки нопайдо буд зоҳир шуд, яъне пеш аз он дар дарун буд.[1]

Имом[(а)] дар бораи гуфтугӯи Ҷабраил бо Одам[(а)] фармудаанд:

Ҳангоме ки Одам аз биҳишт берун шуд, Ҷабраил назди ӯ омад ва гуфт: эй Одам! Оё чунин нест, ки Худованд туро ба дасти худ офарид, аз рӯҳи худ дар ту дамид, фариштагонро ба саҷда барои ту водошт, канизи худ Ҳавворо ба ҳамсарии ту дод, дар биҳишт ҷойгузинат кард, онро бароят ҳалол ва раво донист ва даҳонакӣ туро наҳй кард, ки: аз ин дарахт нахӯрӣ! Ту аз он хӯрдӣ ва Худоро нофармонӣ кардӣ?

Одам гуфт: эй Ҷабраил! Иблис барои ман ба Худо савганд хӯрд, ки ӯ хайрхоҳи ман аст ва ман гумон надоштам касе аз халқи Худо савганди дурӯғ ба Худоро ёд кунад.[2]

Имом[(а)] дар бораи тавбаи Одам[(а)] фармудаанд:

Худои мутаол чун хост аз Одам[(а)] даргузарад, Ҷабраилро ба сӯи ӯ фиристод. Ҷабраил ба ӯ гуфт: салом ба ту эй Одами собир бар балои худ ва тавбакунанда аз хатои хеш. Худованди таборак ва таоло маро ба сӯи ту фиристодааст то корҳоеро, ки мехоҳад бо онҳо тавбаатро бипазирад ба ту биомӯзам. Ҷабраил дасташро гирифт ва бо ӯ ба сӯи хона (манзур Каъба) равона шуд. Дар ин ҳангом абре дар осмон падидор шавад ва ҳар ҷоро, ки ин абр бар ту соя афканад бо пои худ хат каш. Сипас ӯро ҳаракат дод то ба Мино расид ва ҷои масҷиди Миноро ба вай нишон дод ва ҳудуи онро хат кашид. Пас аз он, ки маҳалли хонаро

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ.11, с.160. ба нақл аз Тафсири Қумӣ, с.231.

[2] Биҳоруланвор, ҷ.11, с.163.

мушаххас кард ва ҳудуди ҳарамро хат кашид, ӯро ба Арафот бурд ва дар баландии он қарор дод ва ба вай гуфт: ҳангоме, ки офтоб ғуруб кард ҳафт маротиба ба гуноҳи худ эътироф кун! Ва Одам(а) чунон кард.[1]

**5-Ривоёти имом Ризо(а)**

Имом Ризо дар маънои сухани Худои азза ва ҷалла, ки фармудааст: ***"Халақту биядӣ"*** Фармуд: яъне *онро ба қудрат ва қуввати худ офаридам.*[2]

Он ҳазрат дар бораи исмати анбиё дар посухи саволи Маъмун, ки пурсид:

Эй фарзанди Расули Худо! Магар на онаст, ки шумо мегӯед: паёмбарон маъсуманд?

Фармуд: Оре. Гуфт: Пас маънои сухани Худои азза ва ҷалла, ки мефармояд: "*Фаъасо Одаму раббаҳу фағаво*", чист? Фармуд: Худои таборак ва таоло ба Одам(а) фармуд: "Ту ва ҳамсарат дар биҳишт сокин шавед ва ҳар чӣ аз онро ки хостед, бихӯред ва ба ин дарахт наздик нашавед, ки аз ситамкорон мешавед" ва дарахти гандумро ба онон нишон дод. Худованд ба онон нафармуд аз ин дарахт ва ҳар чӣ аз ҷинси он аст нахӯред. Пас Одам ва Ҳавво ба он дарахт наздик нашуданд. Он ду ҳангоме ки шайтон васвасаашон кард ва гуфт: "Худованд аз ин дарахт шуморо наҳй накарда аст, балки шуморо аз наздик шудан ба ғайри он наҳй кардааст ва шуморо аз хӯрдани он наҳй накардааст, магар он ки ду фаришта шавед ё аз ҷовидониён гардед".

Баъд ҳам барои он ду савганд хӯрд, ки "Ман хайрхоҳи шумо ҳастам" ва оқибат танҳо аз ғайри он хӯрданд.

---

[1]Биҳоруланвор, ҷ.11, с.167.

[2]Тафсири Нуруссақалайн, ҷ.4, с.472, ба нақл аз Уюни ахборир Ризо(а).

Одам ва Ҳавво, ки пеш аз он надида буданд касе савганди дурӯғ ба Худо ёд кунад, фирефта шуданд ва бо эътимод ба савганде, ки ба Худо ёд кард аз он дарахт хӯрданд ва ин кор қабл аз нубуввати Одам[(а)] буд.[1]

Бақияи ривоёти марбут ба ибтидои офариниширо ба ёрии Худо дар пайвастҳои поёни китоб меоварем.

**Фишурдаи баҳс**

Махлуқоти мазкур дар фасли аввали ин баҳс ба гурӯҳҳои чаҳоргонаи зер тақсим мегарданд:

1-Онон, ки маргу зиндагӣ ва иродаю идроки комил доранд ва нафси аммораи биссӯъ[2] надоранд, онон сипоҳиёни Худо, фариштагонанд.

2-Касоне, ки маргу зиндагӣ, ирода ва нафси идроккунанда ва аммораи биссӯъ доранд, ин гурӯҳ ду навъанд:

**А)** Онон, ки аз хок офарида шудаанд, фарзандони Одам, инсонҳо.

**Б)** Онон, ки аз оташи сӯзон офарида шудаанд, ҷинҳо.

3-Гурӯҳе, ки маргу зиндагӣ ва ирода доранд, вале нафси идроккунанда надоранд ва андеша намекунанд, ҳайвонот.

4-Ашёе, ки зиндагии ҳайвонӣ, идрок ва ирода надоранд, монанди: наботот, обҳо, моҳу офтоб ва ситорагон.

Мо бо диққат дар маҷмӯаи навъҳо ва синфҳои ин махлуқот дармеёбем, ки дар зиндагии махсуси ҳар як аз онҳо, низоме дақиқ ва мутқану устуворе нуҳуфта аст, ки ҳар якро дар роҳи худ ба дараҷаи аълои камоли вуҷудиаш мерасонад. Ҳол мепурсем:

---

[1]Биҳоруланвор, ҷ.11, с.164.

[2] Нафсе, ки ба корҳои бад фармон медиҳад.

Он ки барои ҳар як аз ин анвоъ ва асноф, барнома ва низоми зистанро андозагирӣ ва муназзам карда аст, кист? Ва номи ӯ чист?

Ин он чизе аст, ки мо ба ёрии Худо онро дар баҳси рубубият баррасӣ мекунем.

## *1-Рабб*

Истилоҳи "*рабб*" аз муҳимтарин истилоҳоти исломӣ аст, ки дарки маънои равшани он барои баҳсҳои ояндаи мо зарурӣ аст. Чунонки фаҳми бисёре аз оёти Қуръони карим ба наҳви ом ва шинохти Худои азиз ба таври хос, вобастагӣ ба фаҳми возеҳ ва дурусти ин вожа дорад, шинохти паёмбар, ваҳй, имом, рӯзи қиёмат ва шинохти муваҳҳид аз мушрик, низ мутаваққиф бар фаҳми он аст. Мо, ба ёрии Худо, ибтидо маънои луғавӣ ва сипас маънои истилоҳии онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

**а) Маънои “рабб” дар луғати араб**

"*Раб*" дар забони араб ҳам ба маънои мураббӣ ва тадбиркунандаи умур аст, ҳам ба маънои молик ва соҳибихтиёр. "*Рабулббайт*" яъне: молики хона ва "*раббуззайъа*" яъне: мудаббир ё молики амвол ва "*раббулфарас*" яъне: тарбияткунандаи асб ё молики он.

**Б) Маънои “рабб” дар истилоҳи исломӣ**

"*Рабб*" дар истилоҳи исломӣ аз “*Асмои ҳусно*”-и Худованд аст ва номе аст барои Офаридгор, молики махлуқот, бунёдгузори низоми зиндагӣ ва мураббии

онҳо дар таи мароҳили ҳаёт, то ҳар як ба дараҷаи камоли вуҷуди худ бирасанд.[1]

"Рабб" дар Қуръони карим гоҳе ба маънои луғавӣ омада аст ва мо ин маънoро аз қаринае, ки далолат дорад, мақсуд маънои луғавии "рабб" аст, мефаҳмем. Монанди сухани Юсуф(а) ба ҳамроҳони зиндонии худ, ки ба онон фармуд:

***1-А'арбобун мутафарриқӯна хайрун амиллоҳул воҳидул қаҳҳор*** Ê

Ä *Оё моликони чандгона беҳтаранд ё Худои ягонаи пирӯз***?**[2]

***2-Ва қола лил лазӣ занна аннаҳу ноҷин минҳумо узкурнӣ ъинда раббик*** Ê

Ä *Ва ба он касе****,*** *ки медонист раҳоӣ меёбад****,*** *гуфт****:*** *маро назди молики худ ба ёд ор****.***[3]

"*Рабб*" он ҷо, ки мутлақ омада ва ба чизе изофа нашуда аст, мурод аз он Худои мутаол аст. Чунонки дар Қуръони карим омада аст:

***Балдатун таййибатун ва раббун ғафӯр*** Ê

---

[1] Роғиби Исфаҳонӣ дар моддаи "*рабб*" маънои истилоҳӣ ва маънои луғавии онро бо ҳам омехта карда, аз ҳамдигар ҷудо насохтааст. Зеро мурабии чизе дар таи мароҳил то расидан ба дараҷаи камол аз маънои махсуси "*рабб*" дар истилоҳи исломӣ аст, дар ҳоле ки Роғиб онро дар маънои оми "*рабб*" оварда аст.

[2] Сураи Юсуф, ояи 39.

**... أَأَرْبَابٌ مُّتَفَرِّقُونَ خَيْرٌ أَمِ اللّهُ الْوَاحِدُ الْقَهَّارُ** {39}

[3] Сураи Юсуф, ояи 42.

**وَقَالَ لِلَّذِي ظَنَّ أَنَّهُ نَاجٍ مِّنْهُمَا اذْكُرْنِي عِندَ رَبِّكَ ...** {42}

***Ä*** *Сарзамини поку покиза ва парвардигоре омурзанда.*[1]

Бино бар он чи овардем, "*рабб*" дар луғати араб ва истилоҳи исломӣ, ҳар ду ба маънои молик ва мураббӣ омада аст. Изофа бар он дар истилоҳи исломӣ маънои бунёдгузори низоми зиндагӣ дар таи мароҳили парвариш, то расидан ба дараҷаи камол,[2] бар маънои мураббӣ афзун шуда, маънои мураббӣ комил гардида аст. Аз ҳамин ҷиҳат "*рабб*" дар истилоҳ ду маъно пайдо карда аст ва ё ба иборати дигар маънои он дорои ду бахш аст.

Роғиби Исфаҳонӣ дар зайли моддаи "қара'а" мегӯяд:

Ҳар исме, ки барои ду маъно дар канори ҳам вазъ шуда бошанд, ҳар гоҳ танҳо оварда шавад, ба ҳар як аз он ду тааллуқ мегирад, монанди "моида", ки барои суфра ва ғизо бо ҳам вазъ шуда аст, вале ба ҳар як аз он ду, ба танҳоӣ низ, "моида" гӯянд.

*Маънои* ***"рабб"*** *дар луғати араб* низ ин гуна аст, гоҳе ба маънои *молик* ва гоҳе ба маънои *мураббӣ*. *Дар истилоҳи исломӣ* низ, гоҳе ба маънои *молики тарбияткунанда* ва гоҳе дар бахше аз маънои он, яъне: *бонӣ* ва *қонунгузори низоми зиндагӣ* истеъмол шуда аст, монанди сухани Худои мутаол, ки фармуд:

---

[1] Сураи Сабо, ояи 15.

... بَلْدَةٌ طَيِّبَةٌ وَرَبٌّ غَفُورٌ {15}

[2] Вожаи "*раб*" ба монанди вожаи "салот" аст, ки дар луғати араб ба маънои ҳар гуна дуо аст ва дар шариати ислом ба маънои "салоти маъруф", яъне намоз аст.

***Иттахазу аҳбораҳум ва руҳбонаҳум арбобан мин дӯниллоҳ Ê***

***Ä (****Яҳуд ва Насоро****)*** *Донишмандон ва роҳибон худро қонунгузороне дар баробари Худо қарор доданд*.[1]

## 2-*Раббулъоламин ва навъҳои ҳидоят*

### Муқаддима

Баҳси "*Раббулъоламин*" ба бахшҳои зер тақсим мешавад:

**А)** *Шарҳ ва баёни маънои "раббулъоламин"*.

**Б)** *Инҳисори он дар Худои ҷалил*.

**В)** *Баёни навъҳои чаҳоргонаи ҳидоят аз сӯи раббулъоламин* ба шарҳи зер:

1-Ҳидояти фариштагон, ки марг, зиндагӣ, ирода ва ақл доранд ва нафси аммораи биссӯъ надоранд, ҳидоят ба василаи омӯзиши мустақим аз сӯи Худованд.

2-Ҳидояти инсон ва ҷин, ки марг, зиндагӣ, ирода, ақл ва нафси аммораи биссӯъ доранд, ҳидоят ба василаи паёмбарон бо омӯзишу бим додан.

3-Ҳидояти ҳайвоноти дорои марг, зиндагӣ, ирода, ки ақл ва нафси аммораи биссуъ надоранд, ҳидоят ба василаи илҳоми ғаризӣ мебошад.

---

[1] Сураи Тавба, ояи 31.

اتَّخَذُواْ أَحْبَارَهُمْ وَرُهْبَانَهُمْ أَرْبَاباً مِّن دُونِ اللّهِ ... {31}

4-Ҳидояти мавҷудоти беҷон ва беирода, яъне мусаххарот.

## 1– Маънои раббулъоламин дар Қуръони карим

Худои мутаол фармуда аст:

***1-Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Саббиҳисма раббикал аъло. Аллазӣ халақа фасавво. Валлазӣ қаддара фаҳадо. Валлазӣ ахраҷал маръо. Фаҷаъалаҳу ғусоан аҳво*** **Ê**

**Ä** *Ба номи Худованди бахшандаи бахшоишгар*

*Муназзаҳ шумор номи* ***"рабб"-****и баландмартабаатро, Худованде, ки офарид ва муназзам кард. Ӯст, ки андозагирӣ кард ва ҳидоят намуд. Ва ӯст, ки чарогоҳро ба вуҷуд овард. Сипас онро хушк ва тира қарор дод.*[1]

***2-Раббуно, аллазӣ аъто кулла шай'ин халқаҳу сумма ҳадо*** **Ê**

**Ä** *Парвардигори мо ҳамон касе аст, ки ба ҳар мавҷуде он чиро лозимаи офариниши ӯ буд дода аст; сипас ҳидоят карда аст?*[2]

***3-Халақа кулла шай'ин фақаддараҳу тақдӣро*** **Ê**

---

[1] Сураи Аъло, ояи 1-5.

سَبِّحِ اسْمَ رَبِّكَ الْأَعْلَى {1} الَّذِي خَلَقَ فَسَوَّى {2} وَالَّذِي قَدَّرَ فَهَدَى {3} وَالَّذِي أَخْرَجَ الْمَرْعَى {4} فَجَعَلَهُ غُثَاء أَحْوَى {5}

[2] Сураи Тоҳо, ояи 50.

قَالَ رَبُّنَا الَّذِي أَعْطَى كُلَّ شَيْءٍ خَلْقَهُ ثُمَّ هَدَى {50}

***Ä****Ҳама чизро офарид ва бадиққат андозагирӣ намуд.*[1]

***4-Ва ъаллама Одамал асмо'а куллаҳо, сумма ъаразаҳум ъалал малоикати, фақола анбиӯнӣ биасмои ҳоулои ин кунтум содиқӣн. Қолӯ субҳонака ло ъилма лано илло мо ъалламтано иннака антал ъалӣмул ҳакӣм Ê***

***Ä****Ва илми асмо (асрори офариниш)-ро ҳамагӣ ба Одам омӯхтем, сипас онҳоро ба фариштагон арза дошт ва фармуд: агар рост мегӯед номҳои инҳоро ба ман хабар диҳед! Фариштагон гуфтанд: муназзаҳӣ ту! Мо чизе ҷуз он чи ба мо таълим додаӣ, намедонем; ту доно ва ҳакимӣ.*[2]

***5-Шараъа лакум минад дӣни мо вассо биҳӣ Нӯҳан вал лазӣ авҳайно илайка ва мо вассайно биҳӣ Иброҳима ва Мӯсо ва Ъӣсо ан ақӣмуд дӣна ва ло татафаррақу фӣҳи... Ê***

***Ä****Ойин ва низомеро барои шумо ташреъ кард, ки ба Нӯҳ тавсия карда буд; ва он чиро бар ту ваҳӣ кардем ва ба Иброҳим ва Мӯсо ва Исо супориш*

---

[1] Сураи Фурқон, ояи 2.

**... وَخَلَقَ كُلَّ شَيْءٍ فَقَدَّرَهُ تَقْدِيراً** {2}

[2] Сураи Бақара, ояи 31-32.

**وَعَلَّمَ آدَمَ الأَسْمَاء كُلَّهَا ثُمَّ عَرَضَهُمْ عَلَى الْمَلاَئِكَةِ فَقَالَ أَنبِئُونِي بِأَسْمَاء هَـؤُلاء إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ** {31} **قَالُواْ سُبْحَانَكَ لاَ عِلْمَ لَنَا إِلاَّ مَا عَلَّمْتَنَا إِنَّكَ أَنتَ الْعَلِيمُ الْحَكِيمُ** {32}

*намудем ин буд, ки: динро барпо доред ва дар он тафриқа эҷод накунед...*[1]

***6-Инно авҳайно илайка камо авҳайно ило Нӯҳин ван набиййина мин баъдиҳи, ва авҳайно ило Иброҳима ва Исмоъйла ва Исҳоқа ва Яъқӯба вал Асботи ва Ъйсо ва Айюба ва Юнуса ва Ҳорӯна ва Сулаймона ва отайно Довуда Забӯро. Ва русулан қад қасасноҳум ъалайка мин қаблу ва русулан лам нақсусҳум ъалайка ва калламаллоҳу Мӯсо таклӣмо Ê***

*ÄМо ба ту ваҳй фиристодем; ҳамон гуна, ки ба Нӯҳ ва паёмбарони баъд аз ӯ ваҳй кардем ва ба Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Асбот, Исо, Аюб, Юнус, Ҳорун ва Сулаймон ваҳй намудем; ва ба Довуд Забур додем. Паёмбароне, ки саргузашти ононро пеш аз ин, барои ту бозгуфтаем; ва паёмбароне, ки саргузашти ононро баён накардаем; ва Худованд бо Мӯсо сухан гуфт. Паёмбароне, ки башоратдиҳанда ва бимдиҳанда буданд....*[2]

---

[1] Сураи Шӯро, ояи 13.
شَرَعَ لَكُم مِّنَ الدِّينِ مَا وَصَّى بِهِ نُوحاً وَالَّذِي أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ وَمَا وَصَّيْنَا بِهِ إِبْرَاهِيمَ وَمُوسَى وَعِيسَى أَنْ أَقِيمُوا الدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُوا فِيهِ ... {13}

[2] Сураи Нисо, ояи 163-164.
إِنَّا أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ كَمَا أَوْحَيْنَا إِلَى نُوحٍ وَالنَّبِيِّينَ مِن بَعْدِهِ وَأَوْحَيْنَا إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالأَسْبَاطِ وَعِيسَى وَأَيُّوبَ وَيُونُسَ وَهَارُونَ وَسُلَيْمَانَ وَآتَيْنَا دَاوُودَ زَبُوراً {163} وَرُسُلاً قَدْ قَصَصْنَاهُمْ عَلَيْكَ مِن قَبْلُ وَرُسُلاً لَّمْ نَقْصُصْهُمْ عَلَيْكَ وَكَلَّمَ اللّهُ مُوسَى تَكْلِيماً {164}

***7-Наззала ъалайкал китоба билҳаққи мусаддиқан лимо байна ядайҳи ва анзалат Таврота вал Инҷӣл. Мин қаблу ҳудан линноси... Ê***

***Ä****Китобро баҳақ бар ту нозил кард, тасдиқкунандаи китобҳои пешин ва Тавроту Инҷилро пеш аз он барои ҳидояти мардум фиристод...*[1]

***8-Ва мо халақтул ҷинна вал инса илло лияъбудӯн Ê***

***Ä****Ва ҷин ва инсро наофаридем, магар барои ин ки бандагиам кунанд.*[2]

***9-Ё маъшарал ҷинни вал инси алам йа’тикум русулун минкум яқуссӯна ъалайкум оётӣ ва юнзирӯнакум лиқоа явмикум ҳозо, қолӯ шаҳидно ъало анфусино ва ғарратҳумул ҳаётуд дунё ва шаҳидӯ ъало анфусиҳим, аннаҳум конӯ кофирӣн Ê***

***Ä****Эй гурӯҳи ҷин ва инс! Оё расулоне аз худи шумо ба наздатон наомаданд, ки оёти маро бароятон бозгӯ кунанд ва шуморо аз мулоқоти чунин рӯзе бим диҳанд? Гуфтанд: (оре) бар зидди худ гувоҳӣ*

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 3-4.

**نَزَّلَ عَلَيْكَ الْكِتَابَ بِالْحَقِّ مُصَدِّقاً لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ وَأَنزَلَ التَّوْرَاةَ وَالإِنجِيلَ** {3} **مِن قَبْلُ هُدًى لِّلنَّاسِ ...** {4}

[2] Сураи Зориёт, ояи 56.

**وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ** {56}

*медиҳем ва зиндагии дунё ононро фиреб дод ва ба зиёни худ гувоҳӣ медиҳанд, ки кофир буданд.*[1]

***10-*** *Ва ҳангоме ки гурӯҳе аз ҷинро ба сӯи ту мутаваҷҷеҳ сохтем то Қуръонро бишнаванд; ва чун ҳузур ёфтанд ба якдигар гуфтанд: хомӯш бошед! Ва ҳангоме ки поён гирифт, ба сӯи қавми худ бозгаштанд ва ононро бим доданд! Ва гуфтанд: эй қавми мо! Мо китоберо шунидем, ки баъд аз Мӯсо нозил шуда аст, дар ҳоле ки китобҳои пешинро тасдиқ мекунад, ба сӯи ҳақ ва роҳи рост ҳидоят менамояд. Эй қавми мо! Даъваткунандаи илоҳиро иҷобат кунед ва ба ӯ имон оваред, то гуноҳонатонро бибахшад ва шуморо аз азоби дарднок паноҳ диҳад! Ҳар кас даъваткунандаи илоҳиро иҷобат накунд, ҳаргиз наметавонад аз азоби илоҳӣ дар замин фирор кунад ва ғайр аз Худо ёваре надорад, инон дар гумроҳии ошкоранд!*[2]

---

[1] Сураи Анъом, ояи 130.

**يَا مَعْشَرَ الْجِنِّ وَالإِنسِ أَلَمْ يَأْتِكُمْ رُسُلٌ مِّنكُمْ يَقُصُّونَ عَلَيْكُمْ آيَاتِي وَيُنذِرُونَكُمْ لِقَاء يَوْمِكُمْ هَذَا قَالُواْ شَهِدْنَا عَلَى أَنفُسِنَا وَغَرَّتْهُمُ الْحَيَاةُ الدُّنْيَا وَشَهِدُواْ عَلَى أَنفُسِهِمْ أَنَّهُمْ كَانُواْ كَافِرِينَ** {130}

[2] Сураи Аҳқоф, ояи 29-32.

**وَإِذْ صَرَفْنَا إِلَيْكَ نَفَراً مِّنَ الْجِنِّ يَسْتَمِعُونَ الْقُرْآنَ فَلَمَّا حَضَرُوهُ قَالُوا أَنصِتُوا فَلَمَّا قُضِيَ وَلَّوْا إِلَى قَوْمِهِم مُّنذِرِينَ** {29} **قَالُوا يَا قَوْمَنَا إِنَّا سَمِعْنَا كِتَاباً أُنزِلَ مِن بَعْدِ مُوسَى مُصَدِّقاً لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ يَهْدِي إِلَى الْحَقِّ وَإِلَى طَرِيقٍ مُّسْتَقِيمٍ** {30} **يَا قَوْمَنَا أَجِيبُوا دَاعِيَ اللَّهِ وَآمِنُوا بِهِ يَغْفِرْ لَكُم مِّن ذُنُوبِكُمْ وَيُجِرْكُم مِّنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ** {31} **وَمَن لَّا يُجِبْ دَاعِيَ اللَّهِ فَلَيْسَ بِمُعْجِزٍ فِي الْأَرْضِ وَلَيْسَ لَهُ مِن دُونِهِ أَولِيَاء أُوْلَئِكَ فِي ضَلَالٍ مُّبِينٍ** {32}

***11-** Бигӯ: ба ман ваҳй шуда аст, ки ҷамъе аз ҷин ба суханонам гӯш фаро дода ва гуфтанд: мо Қуръони аҷибе шунидаем, ки ба роҳи рост ҳидоят мекунад, пас мо ба он, имон овардем ва ҳаргиз касеро шарики Парвардигорамон қарор намедиҳем! Ва ин ки баланд аст мақоми Парвардигори мо ва ӯ ҳаргиз ҳамсару фарзанде интихоб накарда аст! Ва ин сафиҳи мо (Иблис) буд, ки дар бораи Худованд суханони нораво мегуфт! Ва мо гумон мекардем, ки инсу ҷин ҳаргиз бар Худо дурӯғ намебанданд! Ва ин ки мардоне аз инс ба мардони аз ҷин паноҳ мебурданд, онон бар гумроҳӣ ва туғёнашон афзуданд! Ва онон ҳамчун шумо гумон карданд, ки Худованд ҳаргиз касеро мабъус намекунад!*

*Ва мо осмонҳоро ҷустуҷӯ кардем ва ҳамаро пур аз муҳофизони нерӯманд ва тирҳои шаҳоб ёфтем! Ва мо пеш аз ин ба истироқи самъ дар осмонҳо менишастем; аммо акнун ҳар кас бихоҳад истироқи самъ кунад, шаҳоберо дар камини худ меёбад!*

*Ва мо намедонем оё иродаи шарре дар бораи аҳли замин шуда аст ё Парвардигорашон хоста аст ононро ҳидоят кунад? Ва дар миёни мо афроди солеҳ ва ғайрисолеҳ вуҷуд дорад ва гурӯҳҳои мутафовите ҳастем! Ва мо яқин дорем, ки ҳаргиз наметавонем бар иродаи Худованд дар Замин ғолиб шавем ва наметавонем аз дасти қудрати ӯ бигурезем!*

*Ва мо он гоҳ, ки ҳидояти Қуръонро шунидем ба он имон овардем; ва ҳар кас ба Парвардигораш имон овард, аз нуқсон ва зулм намеҳаросад!*

*Ва ин ки гурӯҳе аз мо мусулмон ва гурӯҳе золиманд, пас ҳар ки ислом овард, роҳи рушд ва бартареро ёфта аст, аммо ситамгарон ҳезуми дӯзаханд!*

*Ва агар онон (ҷин ва инс) дар роҳи ислом пойдорӣ кунанд, бо оби фаровон серобашон мекунем! Бо ин ҳадаф, ки ононро биозмоем ва ҳар кас аз ёди Парвардигораш рӯй гардонад, ӯро ба азоби шадид ва фазояндае гирифтор месозад!*[1]

***12-Ва авҳо раббука илан наҳли аниттахазӣ миналҷиболи буютан ва минаш шаҷари ва миммо яъришӯн. Сумма кулӣ мин куллис***

[1] Сураи Ҷин, ояи 1-17.

قُلْ أُوحِيَ إِلَيَّ أَنَّهُ اسْتَمَعَ نَفَرٌ مِّنَ الْجِنِّ فَقَالُوا إِنَّا سَمِعْنَا قُرْآناً عَجَباً {1} يَهْدِي إِلَى
الرُّشْدِ فَآمَنَّا بِهِ وَلَن نُّشْرِكَ بِرَبِّنَا أَحَداً {2} وَأَنَّهُ تَعَالَى جَدُّ رَبِّنَا مَا اتَّخَذَ صَاحِبَةً وَلَا
وَلَداً {3} وَأَنَّهُ كَانَ يَقُولُ سَفِيهُنَا عَلَى اللَّهِ شَطَطاً {4} وَأَنَّا ظَنَنَّا أَن لَّن تَقُولَ
الْإِنسُ وَالْجِنُّ عَلَى اللَّهِ كَذِباً {5} وَأَنَّهُ كَانَ رِجَالٌ مِّنَ الْإِنسِ يَعُوذُونَ بِرِجَالٍ مِّنَ
الْجِنِّ فَزَادُوهُمْ رَهَقاً {6} وَأَنَّهُمْ ظَنُّوا كَمَا ظَنَنتُمْ أَن لَّن يَبْعَثَ اللَّهُ أَحَداً {7} وَأَنَّا
لَمَسْنَا السَّمَاء فَوَجَدْنَاهَا مُلِئَتْ حَرَساً شَدِيداً وَشُهُباً {8} وَأَنَّا كُنَّا نَقْعُدُ مِنْهَا مَقَاعِدَ
لِلسَّمْعِ فَمَن يَسْتَمِعِ الْآنَ يَجِدْ لَهُ شِهَاباً رَّصَداً {9} وَأَنَّا لَا نَدْرِي أَشَرٌّ أُرِيدَ بِمَن فِي
الْأَرْضِ أَمْ أَرَادَ بِهِمْ رَبُّهُمْ رَشَداً {10} وَأَنَّا مِنَّا الصَّالِحُونَ وَمِنَّا دُونَ ذَلِكَ كُنَّا طَرَائِقَ
قِدَداً {11} وَأَنَّا ظَنَنَّا أَن لَّن نُّعجِزَ اللَّهَ فِي الْأَرْضِ وَلَن نُّعْجِزَهُ هَرَباً {12} وَأَنَّا لَمَّا
سَمِعْنَا الْهُدَى آمَنَّا بِهِ فَمَن يُؤْمِن بِرَبِّهِ فَلَا يَخَافُ بَخْساً وَلَا رَهَقاً {13} وَأَنَّا مِنَّا
الْمُسْلِمُونَ وَمِنَّا الْقَاسِطُونَ فَمَنْ أَسْلَمَ فَأُوْلَئِكَ تَحَرَّوْا رَشَداً {14} وَأَمَّا الْقَاسِطُونَ
فَكَانُوا لِجَهَنَّمَ حَطَباً {15} وَأَلَّوِ اسْتَقَامُوا عَلَى الطَّرِيقَةِ لَأَسْقَيْنَاهُم مَّاء غَدَقاً {16}
لِنَفْتِنَهُمْ فِيهِ وَمَن يُعْرِضْ عَن ذِكْرِ رَبِّهِ يَسْلُكْهُ عَذَاباً صَعَداً {17}

***самароти фаслукӣ субула раббики зулулан яхруҷу мин бутӯниҳо шаробун мухталифун алвонуҳу, фӣҳи шифоун линноси инна фӣ золика лаоятан лиқавмин ятафаккарӯн Ê***

**Ä** *Ва Парвардигори ту ба занбӯри асал ваҳй (илҳоми гаризӣ) намуд, ки: аз кӯҳҳо ва дарахтон ва дорбастҳое, ки мардум боло мебаранд, хонаҳое баргузин! Сипас аз тамоми самарот бихӯр ва роҳҳоеро, ки Парвардигорат барои ту таъин карда аст, ром ва ҳамвор бипаймо! Аз даруни онҳо шарбате бо рангҳои мухталиф берун меояд, ки дар он шифои мардумон аст; ба яқин дар ин амр, нишонаи равшане аст барои гурӯҳе, ки меандешанд.*[1]

***13-Инна раббакумуллоҳ, аллазӣ халақас самовоти вал арза фӣ ситтати айёмин, суммаставо ъалал ъарши юғшил лайлан наҳора ятлубуҳу ҳасӣсан, ваш шамса вал қамара ван нуҷӯма мусаххаротин биамриҳи, ало лаҳул халқу вал амру, таборакаллоҳу раббул ъоламӣн Ê***

**Ä** *Парвардигори шумо, Худованде аст, ки осмонҳо ва Заминро дар шаш рӯз (даврон) офарид; сипас ба тадбири ҷаҳон пардохт, шабро (ки босуръат аз паси*

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 68-69.

وَأَوْحَى رَبُّكَ إِلَى النَّحْلِ أَنِ اتَّخِذِي مِنَ الْجِبَالِ بُيُوتاً وَمِنَ الشَّجَرِ وَمِمَّا يَعْرِشُونَ {68} ثُمَّ كُلِي مِن كُلِّ الثَّمَرَاتِ فَاسْلُكِي سُبُلَ رَبِّكِ ذُلُلاً يَخْرُجُ مِن بُطُونِهَا شَرَابٌ مُّخْتَلِفٌ أَلْوَانُهُ فِيهِ شِفَاء لِلنَّاسِ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ {69}

*рӯз аст)* бар *рӯз мепӯшонад;* ва *офтоб ва моҳ ва ситорагонро офарид; ки мусаххари фармони ӯянд. Огоҳ бошед, ки офариниш ва тадбир аз они ӯст! Баландмартаба ва муборак аст Худованде, ки парвардигори ҷаҳониё аст.*[1]

## 2– Рубубият танҳо хоси Худои зулҷалол

Худои субҳон дар ин бора фармуда аст:

**1-***Парвардигори шумо Худованде аст, ки осмонҳо ва Заминро дар шаш рӯз* **(***даврон***)** *офарид, сипас бар Арш истило ёфт ва ба тадбири кор пардохт; ҳеҷ шафоаткунандае ҷуз бо изни ӯ нест; ин аст Худованд, парвардигори шумо! Пас ӯро парастиш кунед! Оё мутазаккир намешавед?... Ӯст, ки офтобро равшангару моҳро тобанда қарор дод ва барои он манзилгоҳҳое муқаддар кард то адади солҳо ва ҳисобро бидонед.*[2]

**2-** *Бигӯ: оё шумо ба он касе, ки Заминро дар ду рӯз офарид куфр меварзед ва барои он ҳамонандҳое қарор медиҳед? Ӯ Парвардигори ҷаҳониён аст! Ӯ* **(***ки дар чаҳор рӯз***)** *бар гирди замин кӯҳҳои устувор қарор дод. Дар он*

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 54.

إِنَّ رَبَّكُمُ اللّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يُغْشِي اللَّيْلَ النَّهَارَ يَطْلُبُهُ حَثِيثاً وَالشَّمْسَ وَالْقَمَرَ وَالنُّجُومَ مُسَخَّرَاتٍ بِأَمْرِهِ أَلاَ لَهُ الْخَلْقُ وَالأَمْرُ تَبَارَكَ اللّهُ رَبُّ الْعَالَمِينَ {54}

[2] Сураи Юнус, ояи 3 ва 5.

إِنَّ رَبَّكُمُ اللّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يُدَبِّرُ الأَمْرَ مَا مِن شَفِيعٍ إِلاَّ مِن بَعْدِ إِذْنِهِ ذَلِكُمُ اللّهُ رَبُّكُمْ فَاعْبُدُوهُ أَفَلاَ تَذَكَّرُونَ {3}

هُوَ الَّذِي جَعَلَ الشَّمْسَ ضِيَاءً وَالْقَمَرَ نُوراً وَقَدَّرَهُ مَنَازِلَ لِتَعْلَمُواْ عَدَدَ السِّنِينَ وَالْحِسَابَ ... {5}

*баракату фузунӣ бахшид ва маводди ғизоиро бо ниёзи хосторон дар он ҷой дод! Сипас ба офариниши осмон пардохт, дар ҳоле ки ба сурати дуд буд; ба он ва ба замин дастур дод: ба вуҷуд оед, хоҳ аз рӯи итоат ва хоҳ икроҳ. Онҳо гуфтанд: мо аз рӯи итоат меоем! Пас онҳоро ба сурати ҳафт осмон (дар ду рӯз) офарид ва дар ҳар осмоне кори онро ваҳй фармуд. Ва осмони поёнро бо нурдиҳандаҳо оростем ва аз рахнаи шаётин ҳифз кардем; ин аст тақдири Худованди тавоною доно!*[1]

## Шарҳи вожаҳо

***Саббаҳа:*** *наззаҳа*, яъне Худоро ба покизатарин ваҷҳ ёд кард, ё "*Субҳоналлоҳ*" гуфт, яъне Худоро аз ҳар гуна нуқс ва олудагӣ мубарро донист. Тасбеҳ ба маънои мутлақи ибодат ва парастиш дар рафтор, кирдор ва ният низ омада аст.

***Исм:*** исм, чунонки дар гузашта овардем, ду маъно дорад:

**А)** *Лафзе, ки барои номгузорӣ бар ашё мениҳанд,* монанди: "Макка" нишони шаҳре, ки қиблаи мусулмонон - Каъба, дар он аст ва "Қуръон" нишони китобе, ки Худованд бар Хотами анбиё фиристода аст.

---

[1] Сураи Фуссилат, ояи 9-12.

**قُلْ أَئِنَّكُمْ لَتَكْفُرُونَ بِالَّذِي خَلَقَ الْأَرْضَ فِي يَوْمَيْنِ وَتَجْعَلُونَ لَهُ أَندَاداً ذَلِكَ رَبُّ الْعَالَمِينَ {9} وَجَعَلَ فِيهَا رَوَاسِيَ مِن فَوْقِهَا وَبَارَكَ فِيهَا وَقَدَّرَ فِيهَا أَقْوَاتَهَا فِي أَرْبَعَةِ أَيَّامٍ سَوَاء لِّلسَّائِلِينَ {10} ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء وَهِيَ دُخَانٌ فَقَالَ لَهَا وَلِلْأَرْضِ اِئْتِيَا طَوْعاً أَوْ كَرْهاً قَالَتَا أَتَيْنَا طَائِعِينَ {11} فَقَضَاهُنَّ سَبْعَ سَمَاوَاتٍ فِي يَوْمَيْنِ وَأَوْحَى فِي كُلِّ سَمَاء أَمْرَهَا وَزَيَّنَّا السَّمَاء الدُّنْيَا بِمَصَابِيحَ وَحِفْظاً ذَلِكَ تَقْدِيرُ الْعَزِيزِ الْعَلِيمِ {12}**

**Б)** *Исмушшайъ*: яъне сифоти махсуси ҳар чиз, ки ҳақиқати онро равшан мекунад. Мурод аз исм дар оят ҳамин маъно аст.

***Раббука:*** Парвардигори ту, низомдиҳанда ва қонунгузори ту, чунонки гузашт.

***Аъло:*** бартар, дар оя яъне Худо бартар аз он аст, ки бо чизе муқоиса шавад.

***Халақа:*** офарид, тафсири халақаро дар он чи Худованд аз забони Мӯсо ба Фиръавн баён медорад меҷӯем: Парвардигори мо он касе аст, ки ба ҳар мавҷуде он чиро лозимаи офариниши ӯ буд, дода сипас ҳидоят карда аст.[1] Яъне парвардигори мо ҳамаи чизро дақиқ, мизон ва комил офарида аст.

***Савво:*** андоза кард ва сомон дод, яъне мутаодил, мизон ва пироста аз каҷию костӣ офарид. Тавсияи ҳар чиз, сомон додан ба он дар масири камол ва истеъдоде аст, ки барои он эҷод гардида аст.

Худованд дар сураи Инфитор фармуда аст: "Эй инсон чӣ чиз туро дар баробари парвардигори каримат мағрур сохта аст?! Ҳамон Худое, ки туро офарид, сомон дод ва муназзам сохт?![2] Дар ин оят ҳар ду маънои: ба сомон кардан ва дар масири камол

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 50.

قَالَ رَبُّنَا الَّذِي أَعْطَى كُلَّ شَيْءٍ خَلْقَهُ ثُمَّ هَدَى {50}

[2] Сураи Инфитор, ояи 6 ва 7.

يَا أَيُّهَا الْإِنسَانُ مَا غَرَّكَ بِرَبِّكَ الْكَرِيمِ {6}

الَّذِي خَلَقَكَ فَسَوَّاكَ فَعَدَلَكَ {7}

бурдан, мавриди таваҷҷӯҳ аст. Тасвияи халқ ё ба сомон кардани ӯ чаҳор гуна аст:

***Нахуст***: *Танзим ва банизомдарории инсон*:

Инсон ибтидо аз нутфа офарида мешавад ва дар мароҳили муайяне аз офариниш хилқати аввалияи ӯ дар даврони ҷанин буданаш ба поён мерасад. Худованд тамоми аъзо ва ҷавориҳеро, ки ба василаи онҳо ҳидоят меёбад, монанди: гӯш, чашм ва дигар ҳавоси гирандаи донишро ба вай мебахшад. Қувваи фикрию мағзиашро, ки бояд хазинаи маълумоти ӯ гардад ва ақлу хирадашро, ки бо он дурусту нодурусти донистаҳоро ҷудо мекунад, дар сириштн ӯ ҷойгузин менамояд ва қобилияти доду гирифти донистаҳо бо ҳамтоёни худро ба василаи забон ва қалам дар ӯ эҷод мекунад. Чунонки фармуд:

***1-Халақал инсон. Ъалламаҳул баён*** **Ê**

**Ä** *Инсонро офарид ва сухан гуфтанро ба ӯ омӯхт*.[1]

***2-Иқра' бисми раббикал лазӣ халақ. Халақал инсона мин ъалақ. Иқра' ва раббукал акрам. Аллазӣ ъаллама бил қалам. Ъалламал инсона мо лам яълам*** **Ê**

**Ä** *Бихон ба номи парвардигорат, ки офарид. Инсонро аз хуни баста халқ кард. Бихон, ки Парвардигорат бузургвор аст. Он ки ба василаи*

[1] Сураи Раҳмон, ояи 3-4.

خَلَقَ الْإِنسَانَ {3} عَلَّمَهُ الْبَيَانَ {4}

*қалам омурзиш дод ва ба инсон он чиро намедонист таълим намуд.*[1]

Ёд гирифтан ва ёд додан ба василаи баён ва қалам муҳаббате аст, ки Худои ҷалил танҳо ба инсон ин ду хусусиятро бахшида аст.

***Дуюм:*** *Танзим ва банизомдорории ҳайвон*:

Тасвия ва сомон додани ҳайвон дар офариниш бо эҷоди ғариза дар ӯ поён мепазирад, ғаризае, ки битавонад ба василаи он ҷӣ гуна зистанро, мутаносиб бо сиришти ҳайвонии хеш, танзим намояд.

***Сеюм***: *Танзим ва банизомдорории дар мусаххароти хилқат*:

Худои субҳон фармуд:

***1-Ва саххараш шамса вал қамара куллу яҷрӣ лиаҷалин мусамман, золикумуллоҳу раббукум*** Ê

Ä *Офтоб ва моҳро мусаххар кард, ҳар як то саромади муайяне ба ҳаракати худ идома медиҳанд; ин аст Худованд, Парвардигори шумо.*[2]

---

[1] Сураи Алақ, ояи 1-5.

اقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِي خَلَقَ {1} خَلَقَ الْإِنسَانَ مِنْ عَلَقٍ {2} اقْرَأْ وَرَبُّكَ الْأَكْرَمُ {3} الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ {4} عَلَّمَ الْإِنسَانَ مَا لَمْ يَعْلَمْ {5}

[2] Сураи Фотир, ояи 13.

يُولِجُ اللَّيْلَ فِي النَّهَارِ وَيُولِجُ النَّهَارَ فِي اللَّيْلِ وَسَخَّرَ الشَّمْسَ وَالْقَمَرَ كُلٌّ يَجْرِي لِأَجَلٍ مُّسَمًّى ذَلِكُمُ اللَّهُ رَبُّكُمْ ... {13}

***2-Ваш шамса вал қамара ван нуҷӯма мусаххаротин биамриҳи, ало лаҳул халқу вал амру, таборакаллоҳу раббул ъоламӣн Ê***

*ÄОфтоб ва моҳ ва ситорагон мусаххари фармони ӯянд. Огоҳ бошед, ки офариниш ва тадбир аз они ӯст. Баландмартаба ва муборак аст Худо - Парвардигори ҷаҳониён.*[1]

***Чаҳорум:*** *Танзим ва банизомдарории фариштагон*:

Сомон додани фариштагон ба ин аст, ки Худои мутаол ононро ба гунае сиришта аст, ки:

***Ло яъсӯналлоҳа мо амараҳум ва яфъалӯна мо йу'марӯн Ê***

*ÄҲеҷ гоҳ аз фармони Худо саркашӣ намекунанд ва ҳар чиро ба он маъмур шаванд иҷро менамоянд.*[2]

Маънои комили тасвия ва сомон додани моддӣ дар тафсири: "қаддара фаҳадо" дар зимни тафсири оёти оянда меояд.

***Қаддара:*** андоза кард. Тақдир ва андоза кардани Худованд дар мавориде, ки мо аз паси тафсири он ҳастем, яъне: низоми зистан ҳар чизеро ба гунае танзим кард, ки бо сиришти ӯ таносуб ва ҳамхонӣ дошта бошад. Чунонки фармуд:

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 54.

**... وَالشَّمْسَ وَالْقَمَرَ وَالنُّجُومَ مُسَخَّرَاتٍ بِأَمْرِهِ أَلاَ لَهُ الْخَلْقُ وَالأَمْرُ تَبَارَكَ اللّهُ رَبُّ الْعَالَمِينَ** {54}

[2] Сураи Таҳрим, ояи 6.

**... لَا يَعْصُونَ اللَّهَ مَا أَمَرَهُمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ** {6}

***Ва халақа кулла шайин фақаддараҳу тақдӣро Ê***

***Ä** Ҳама чизро офарид ва бисёр дақиқ андозагирӣ кард:*[1]

***Ҳадо:*** ҳидоят кард. Ҳидоят кардани офаридагон аз сӯи Худованд чаҳор навъ аст:

**А)** *Омӯзиш додан.*

**Б)** *Илҳоми ғаризӣ.*

**В)** *Мусаххар кардан.*

**Г)** *Расондани ваҳй ба василаи паёмбарон.*

Тафсири комили ду калимаи: ***"қаддара"*** ва ***"ҳадо"*** дар бахши тафсири оёт хоҳад омад.

***Ғусо':*** гиёҳи хушке, ки аз ҳам ҷудо гардад.

***Аҳво:*** гиёҳе, ки аз шиддати сабзӣ сиёҳ метобад.

***Ваҳй:***

**А) Ваҳй дар луғат**. Ваҳй дар луғат ба маънои: ишора, имо, сухангуфтани оҳиста ва дар гӯш, илҳом, фармон додан ва илқои сухан мебошад.

**Б) Ваҳй дар истилоҳи исломӣ**. Ваҳй дар истилоҳи исломӣ каломи илоҳӣ аст, ки онро бар паёмбарони худ илқо мекунад. Чӣ паёмбар фариштаи ваҳйро бинад ва суханашро шунавад, монанди паём расонидани Ҷабраил ба Хотами Анбиё(с), ё фақат сухани Худоро бишнавад ва чизеро набинад, ба гунае, ки Мӯсо(а) сухани Худоро мешунид, ё он ки ба василаи рӯъё дар

---

[1]Сураи Фурқон, ояи 2.

... وَخَلَقَ كُلَّ شَيْءٍ فَقَدَّرَهُ تَقْدِيراً {2}

хоб бошад, чунонки Худованд аз қавли Иброҳим(а) ба фарзандаш Исмоил ин гуна хабар дода аст:

***Иннӣ аро фил маноми аннӣ азбаҳука*** Ê

Ä *Ман дар хоб мебинам, ки туро забҳ мекунам*[1]

Ва ё навъҳои дигаре аз ваҳй, ки танҳо Худо медонад ва паёмбаронаш салавотуллоҳи алайҳим онро дарк мекунанд.

Бархе аз мавориди истеъмоли "ваҳй дар истилоҳи исломӣ"-ро, ки дар Қуръони карим омада аст, пештар дар бахши "Ваҳйи Худованд ба паёмбарон" овардем, аммо истеъмоли ваҳй дар маънои луғавӣ, ки дар Қуръон омада аст, чунин аст:

***1-Фахараҷа ъало қавмиҳи минал миҳроби фаавҳо илайҳим ан саббиҳӯ букратан ва ъашийё*** Ê

Ä **(***Закариё***)** *Аз меҳроби ибодат ба сӯи қавмаш берун омад; ва ба онон "ишора" кард: субҳу шом Худоро тасбеҳ гӯед!*[2]

***2-Иннаш шаётӣна лаюҳӯна ило авлиёиҳим*** Ê

Ä *Шаётин ба дӯстони худ матолиберо, ки "илқо" мекунанд.*[1] Яъне, дар дили онон хаёлҳои баду зишт меандозанд.

---

[1] Сураи Соффот, ояи 102.

... إِنِّي أَرَى فِي الْمَنَامِ أَنِّي أَذْبَحُكَ ... {102}

[2] Сураи Марям, ояи 11.

فَخَرَجَ عَلَى قَوْمِهِ مِنَ الْمِحْرَابِ فَأَوْحَى إِلَيْهِمْ أَن سَبِّحُوا بُكْرَةً وَعَشِيّاً {11}

***3-Ва авҳайно ило умми Мӯсо ан арзиъйҳи...* Ê**

**Ä** *Мо ба модари Мӯсо "илҳом" кардем,* ***ки:*** *ӯро шир бидеҳ*...[2]

***4-Ва авҳо раббука илан наҳли* Ê**

**Ä** *Парвардигори ту ба занбӯри асал "илҳом" кард.*[3]

Яъне, занбӯри асалро бо илҳоми ғаризӣ бар ин гуна зистан ҳидоят фармуд. Зеро Худованд ба муқтазои рубубияташ дар ҳар синфе аз аснофи ҳайвонот, ғаризае ниҳода аст, ки ӯро мутаносиб бо сиришту фитраташ роҳ мебарад.

***Истиво:*** чира гашт. Калимаи *истиво* ҳар гоҳ бо "*ъало*" мутаъаддӣ шавад ба маънои истило ва чирагӣ аст. Чунонки дар баҳси "Сифоти рабб" меояд.

***Ъарш:*** *ъарш* дар луғат чои баланди сарпӯшида аст. Тахти подшоҳро низ ба эътибори баландиаш *арш* гӯянд ва онро *кинoя* аз *қудрат, султа* ва *ҳукумат* медонанд. Дар "Лисонуларaб" омада аст: "*Салла ъаршаҳум*, яъне: Худованд салтанати онoнро нобуд кард".[4]

---

[1] Сураи Анъом, ояи 121.

... إِنَّ الشَّيَاطِينَ لَيُوحُونَ إِلَى أَوْلِيَآئِهِمْ لِيُجَادِلُوكُمْ وَإِنْ أَطَعْتُمُوهُمْ إِنَّكُمْ لَمُشْرِكُونَ {121}

[2] Сураи Қасас, ояи 7.

وَأَوْحَيْنَا إِلَى أُمِّ مُوسَى أَنْ أَرْضِعِيهِ ... {7}

[3] Сураи Наҳл, ояи 68.

وَأَوْحَى رَبُّكَ إِلَى النَّحْلِ ... {68}

[4] Ба решаи "ъараша" дар Муфрадоти Роғиб, Мӯъҷамулвасит ва Қомуси Қуръон мурочиат кунед.

***Зиё':*** он чи аз ҷисмҳои нуронӣ пахш мегардад, аз нур қавитар ва фарогиртар аст. “Завъ” равшанибахш аст, монанди: нури офтоб, оташ ва нур, ки равшаниро аз ғайри худ мегирад, монанди нури моҳ.

***Амр:*** амр ду маъно дорад:

**А)** *Хостани анҷоми кор, ки зидди наҳй аст ва ҷамъи он авомир мебошад.*

**Б)** *Шаън, кор ва ҳол, ки ҷамъи он умур аст.*

***Саххара:*** ром кард, хозеъ ва залил намуд ва онро дар масири ҳадафи муайяне равона сохт. Мусаххар: он чи бо қаҳр ва зӯр ром мегардад.

***Равосӣ:*** ҷамъи *росӣ,* кӯҳи собит, устувор ва побарҷо.

## Тафсири оёт

Тафсири машруҳи оётро барои тафсири калимаҳои “*қаддар*” ва “*ҳадо*” меоварем:

**А) тафсири қаддар:**

Худованди азиз дар оёти сураи Фуссилат, офаринишро мунҳасир ва махсуси зоти ақдаси худ - "раббулъоламин" дониста, сипас ба баёни сомон додан ва чигунагии тақдири низом ва идомаи бақои он пардохта ва фармуда аст:

***Ва ҷаъала фӣҳо равосия мин фавқиҳо ва борака фӣҳо ва қаддара фӣҳо ақвотаҳо фӣ арбаъати айёмӣн*** **Ê**

**Ä***Ӯ дар чаҳор рӯз бар гурдаи замин кӯҳҳои устувор қарор дод ва дар он баракату фузунӣ*

*бахшид ва маводди ғизоиро баробар бо ниёзи хосторон дар он ҷой дод.*[1]

Дар бораи осмон фармуд: эҷоди он ба сурати ҳафт осмонро дар ду рӯз ба поён бурда аст. Дар ҳар осмоне кори онро ваҳӣ фармуда, осмони дунёро бо нурдиҳандагон ороста аст ва ҳамаи инҳоро аз тақдир ва сомон додани Парвардигори азизи доно шумурда аст.

Дар бораи ин ки чӣ гуна фармони Парвардигор, барои идомаи бақо бар мутобиқи низоми офариниш ба онҳо содир шуд, фармуда аст:

***Инна раббакумуллоҳ, аллазӣ халақас самовоти вал арза фӣ ситтати айёмин суммаставо ъалал ъарши юдаббирал амра Ê***

**Ä** *Парвардигори шумо Худованде аст, ки осмонҳо ва Заминро дар шаш рӯз (даврон) офарид, сипас ба Арш истило ёфт ва ба тадбири корҳо пардохт.*[2]

Тадбири амри онҳо, яъне тарбияту парвариши онҳо пас аз офариниш аст ва ин ки Парвардигори шумо инсонҳо ӯст, пас фақат ӯро ибодат кунед, Худованд пас аз он, андаке тафсил дода ва фармуда аст: ин парвардигор ҳамон аст, ки офтобро равшангар ва

---

[1] Сураи Фуссилат, ояи 10.

**وَجَعَلَ فِيهَا رَوَاسِيَ مِن فَوْقِهَا وَبَارَكَ فِيهَا وَقَدَّرَ فِيهَا أَقْوَاتَهَا فِي أَرْبَعَةِ أَيَّامٍ ...** {10}

[2] Сураи Юнус, ояи 3.

**إِنَّ رَبَّكُمُ اللّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يُدَبِّرُ الأَمْرَ ...** {3}

моҳро тобанда қарор дод ва барои он манзилгоҳҳое таъин фармуд.

Пас, аз ин оёт чунин баҳра бурдем, ки: “*қаддара тақдиро*”, яъне: барои он низоми мудаббиронаи муайян ва басомон қарор дод.

**Б) тафсири “ҳадо”:**

Дар сураи Фуссилат ва Юнус, ки сухан аз рубубияти Худо барои осмонҳо, Замин, Моҳ ва Офтоб аст, зикри "тарбияти рабб" низ танҳо дар бораи онҳо омада аст. Аммо дар сураи Аъло, ки сухан аз тарбияти ҳамаи махлуқот аст ва фармуд: **“***Аллазӣ халақа фасавво валлазӣ қаддара фаҳадо***”**, муродаш ин аст, ки парвардигоре, ки ин махлуқотро офарид, худи ӯ низ онҳоро ба низом оварда сару сомон бахшида аст. Бо тақдире, ки барои зистани ҳар як аз анвоъ ва аснофашон қарор дода аст, онҳоро барои пазириши ҳидоят омода сохта аст. Барои намуна, чарогоҳи ҳайвонро мисол зада ва қариб ба ин мазмун фармуда аст: “Парвардигори тамоми махлуқот ҳамон касе аст, ки чарогоҳи ҳайвонро аз дили замин берун овард ва онро то расидан ба дараҷаи камоли вуҷудиаш парвариш дод, то ба сабзии шадиди тамоюл ба сиёҳӣ расид, сипас онро бо ҳамон сабзии шадид хушконид!” Худои субҳон чигунагии ҳидояти аснофи чаҳоргонаи халқро дар оёти фаровони дигаре баён фармуда аст, ки дар баҳси оянда меоварем.

## 3-Навъҳои ҳидояти Раббулъоламин барои гурӯҳҳои халқ

Дар ин бахш, ки хелҳои ҳидояти илоҳӣ барои синфҳои мавҷудотро баррасӣ мекунем, баҳсро ба тартиби замони офариниши онҳо шурӯъ мекунем. Худованд ибтидо фариштагонро офарид, зеро онон сипоҳи Худо дар халқ ва ҳомилони сипоҳи Арши рубубӣ ҳастанд. Пас аз он ба офариниши замон, макон, осмон ва Замин пардохт ва ҳарчи мавриди ниёзи ҷондорони он буд, аз об, гиёҳ ва ҳамаи он чизе, ки мавриди ниёзашон буд, дар ихтиёрашон қарор дод. Сипас ҷин ва ҳайвонро офарид. Инсонро бошад, пас аз халқи ҳамаи ниёзмандиҳояш, ба дунё овард. Шарҳи намудҳои ҳидояти "раббулъоламин" барои гурӯҳҳои мазкурро ба тартиби зер меоварем:

### Нахуст: омӯзиши мустақими фариштагон

Худои мутаол дар бораи фариштагон фармуд:

*“Ва ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон гуфт: ман дар рӯи Замин, ҷонишине қарор хоҳам дод. Фариштагон гуфтанд: оё касеро дар он қарор медиҳӣ, ки фасод ва хунрезӣ кунад?! Мо тасбеҳ ва ҳамди туро ба ҷо овардаем ва туро тақдис мекунем. Фармуд: ман ҳақоиқеро медонам, ки шумо намедонед. Сипас илми асмо (асрори офариниш)-ро ҳамагӣ ба Одам омӯхт. Баъд онҳоро ба фариштагон арза дошт ва фармуд: агар рост мегӯед номҳои онҳоро ба ман хабар диҳед! Гуфтанд:*

*мunazzaҳӣ ту! Мо чизе ҷуз он чи ба мо омӯзиш додаӣ, намедонем. Ту доно ва ҳакимӣ. Фармуд: эй Одам! Онoнро аз асомии (ҳақоиқ) ин мавҷудот огоҳ кун. Ва ҳангоме ки онoнро огоҳ кард, фармуд: оё ба шумо нагуфтам, ки ман ғайби осмонҳо ва заминро медонам?! Ва низ медонам он чиро шумо ошкор мекунед ва он чиро пинҳон медоштед! Ва ҳангоме ки ба фариштагон гуфтем: барои Одам саҷда кунед! Ҳамагӣ саҷда карданд, ҷуз Иблис, ки саркашӣ намуд, такаббур варзид ва аз кофирон шуд.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

***Халифа ва халифаталлоҳи фил арз***

***А) Халафа:*** *халафа Зайд Амран*, яъне: Зайд баъд аз Амр омад, ё Зайд баъд аз Амр ба идораи умур пардохт.[2] Маънои аввал монанди ин оят:

***Фахалафа мин баъдиҳим халфун Ê***

***Ä** Баъд аз онон фарзандоне омаданд.*[3]

---

[1] Сураи Бақара, ояи 30-34.

وَإِذْ قَالَ رَبُّكَ لِلْمَلاَئِكَةِ إِنِّي جَاعِلٌ فِي الأَرْضِ خَلِيفَةً قَالُواْ أَتَجْعَلُ فِيهَا مَن يُفْسِدُ فِيهَا
وَيَسْفِكُ الدِّمَاء وَنَحْنُ نُسَبِّحُ بِحَمْدِكَ وَنُقَدِّسُ لَكَ قَالَ إِنِّي أَعْلَمُ مَا لاَ تَعْلَمُونَ {30}
وَعَلَّمَ آدَمَ الأَسْمَاء كُلَّهَا ثُمَّ عَرَضَهُمْ عَلَى الْمَلاَئِكَةِ فَقَالَ أَنبِئُونِي بِأَسْمَاء هَـؤُلاء إِن
كُنتُمْ صَادِقِينَ {31} قَالُواْ سُبْحَانَكَ لاَ عِلْمَ لَنَا إِلاَّ مَا عَلَّمْتَنَا إِنَّكَ أَنتَ الْعَلِيمُ الْحَكِيمُ
{32} قَالَ يَا آدَمُ أَنبِئْهُم بِأَسْمَآئِهِمْ فَلَمَّا أَنبَأَهُمْ بِأَسْمَآئِهِمْ قَالَ أَلَمْ أَقُل لَّكُمْ إِنِّي أَعْلَمُ
غَيْبَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَأَعْلَمُ مَا تُبْدُونَ وَمَا كُنتُمْ تَكْتُمُونَ {33} وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلاَئِكَةِ
اسْجُدُواْ لآدَمَ فَسَجَدُواْ إِلاَّ إِبْلِيسَ أَبَى وَاسْتَكْبَرَ وَكَانَ مِنَ الْكَافِرِينَ {34}

[2] Мӯъҷаму алфозил Қуръонил карим, решаи “халафа”

[3] Сураи Аъроф, ояи 169.

Ва маънои дуввум монанди:

***Ва қола Мӯсо лиахӣҳи Ҳорӯна ахлуфнӣ фӣ қавмӣ* Ê**

***Ä*** *Мӯсо ба бародараш Ҳорун гуфт:* *баъд аз ман* ***(****дар набуди ман****)*** *ба идора ва ислоҳи умури қавм бипардоз.*[1]

***Б) Хилофат:*** ҷонишинӣ аз ғайр ба хотири ғайбат, марг, нотавонӣ ва ё барои боло бурдани мақоми ҷонишин.

***В) Халифа:*** касе, ки ба хотири марг, нотавонӣ, ғайбат ё боло бурдани мақом, ҷонишини дигаре мешавад. Маънои аввал монанди:

***Вазкурӯ из ҷаъалакум хулафоа мин баъди қавми Нӯҳин* Ê**

***Ä*** *Ба ёд оред ҳангомеро ки Худованд шуморо ҷонишинони қавми Нӯҳ қарор дод.*[2]

Ва маънои дуввум монанди:

***Ё Довуду инно ҷаъалнока халӣтфатан фил арзи* Ê**

***Ä*** *Эй Довуд! Мо туро дар замин халифа қарор додем.*[1]

---

فَخَلَفَ مِن بَعْدِهِمْ خَلْفٌ ... {169}

[1] Сураи Аъроф, ояи 142.

... وَقَالَ مُوسَى لأَخِيهِ هَارُونَ اخْلُفْنِي فِي قَوْمِي ... {142}

[2] Сураи Аъроф, ояи 69.

... وَاذكُرُواْ إِذْ جَعَلَكُمْ خُلَفَاء مِن بَعْدِ قَوْمِ نُوحٍ ... {69}

Ва монанди ин сухани Расули Худо(с):

***Аллоҳумма ирҳам хулафой! Аллоҳумма ирҳам хулафой! Аллоҳумма ирҳам хулафой! Қӣла лаҳӯ ё расулаллоҳ, ман хулафоук? Қола аллазӣна йа'тӯна мин баъдӣ ярвуна ҳадӣсӣ ва суннатӣ Ê***

*Ä Худоё ҷонишинони маро бибахш! Худоё ҷонишинони маро бибахш! Худоё ҷонишинони маро бибахш! Гуфта шуд: эй Расули Худо ҷонишинони шумо киҳоянд? Фармуд: касоне, ки баъд аз ман меоянд ва ҳадис ва суннати маро ривоят мекунанд.*[2]

Бо муроҷиат ба ривоёт даниста мешавад, ки халифаи Худо, ё паёмбар аст ё васии паёмбар, ки Худованд ӯро барои ҳидояти мардумон ба шариатҳои осмонӣ таъин фармуда аст. Шарҳи он, ба ёрии Худо, дар мабҳаси "Расулони илоҳӣ" меояд.

***Саҷда:*** *хузӯъ* кард, *саҷда*, яъне *хузӯъ* ва *фурӯтанӣ* ва дар бораи инсон; *пешониро ниҳодан* бар он афзуда шуда аст. Маънои аввал, хузӯъ ва фурӯтанӣ, монанади:

***Ва лиллоҳи ясҷуду ман фис самовоти вал арзи тавъан ва карҳан ва зилолуҳум бил ғудувви вал осол Ê***

*Ä Тамоми касоне, ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд ва сояҳояшон (аз рӯи итоат ё икроҳ) ҳар*

---

[1] Сураи Сод, ояи 26.

يَا دَاوُودُ إِنَّا جَعَلْنَاكَ خَلِيفَةً فِي الْأَرْضِ ... {26}

[2]Маъониюлахбори Садуқ, с.374-375.

*субҳ ва аср, барои Худо саҷда (хузӯъ ва фурӯтанӣ) мекунанд.*[1]

***Сӣмоҳум фӣ вуҷӯҳиҳим мин асарис суҷӯд Ê***

***Ä** Нишонаи онон дар чеҳраҳояшон аз асари саҷда намоён аст.*[2]

## Хулосаи тафсири оёт

Худованд имон ба фариштагонро дар қатори имон ба Худо, рӯзи қиёмат, китобҳои осмонӣ ва паёмбарон қарор дода ва душманӣ бо ононро, душманӣ бо инон. Ононро бандагони хоси худ шумурда, бандагоне, ки тасбеҳгӯи Парвардигори хешанд, барои аҳли замин талаби омурзиш мекунанд ва ҳар чиро Худованд барояшон фармон диҳад анҷом медиҳанд.

Худованд аз ин ки фариштагонро аз чӣ офарид, ёд накардааст, (дар бархе ривоёт омада аст, ки ононро аз нур офарид)[3] танҳо хабар дода аст, ки барои онон болҳои дутоӣ, сетоӣ ва чаҳортоӣ қарор дода аст. Ва ин ки ҳарчи бихоҳад дар офариниш меафзояд, онон ба шакли инсон медароянду маъмурияти худро иҷро мекунанд, шинохти кайфияту чигунагии боли

---

[1] Сураи Раъд, ояи 15.

وَلِلّـهِ يَسْـجُدُ مَـن فِـي السَّـمَاوَاتِ وَالأَرْضِ طَوْعـاً وَكَرْهـاً وَظِلالُهُـم بِالْغُدُوِّ وَالآصَـالِ {15}

[2] Сураи Фатҳ, ояи 29.

... سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِم مِّنْ أَثَرِ السُّجُودِ ... {29}

[3] Саҳеҳи Муслим, китоби зуҳд, боби аҳодиси мутафарриқа, с. 2294 ва Муснади Аҳмад, ҷ.6, с. 153 ва 168.

паррандагон (бо муқоисаи онҳо ба боли паррандагон) барои мо мумкин нест. Зеро фариштагон монанди паррандагон аҷсоми моддӣ нестанд ва бо воситаҳои шинохте, ки мо инсонҳо дар ихтиёр дорем, яъне шинохти ҳиссии аҷсом, роҳе ба дарки ҳақиқати онҳо, ҷуз роҳи нақл, надорем. Ҳамон гуна, ки шинохти шаҳрҳои нодида ва сарзаминҳои дур аз мо танҳо аз роҳи шунидан имконпазир аст, бо ин тафовут, ки мо метавонем маҳсусотро бо ҳамонандашон муқоиса кунем ва бо натиҷагирии ақлӣ, дуруст ва нодурустии шунида ва гӯяндаро ба доварӣ бинишинем (дар ин ҷо маҷоли шарҳ он нест). Вале қиёси олами нодида ба он чи дар дунёи моддии мост имкон надорад.

Худои мутаол дар зимни гузориши ҳоли фариштагон, фармуда аст: Худованд ҳар чиро, ки фариштагон мебоист бидонанд, ба онон омӯхта аст. Омӯзише, ки ночор бояд дар ҳудуди маъмурият ва вазоифи онон бошад. Ва низ, ононро аз ин ки мехоҳад дар рӯи замин халифа қарор диҳад огоҳ карда ва Одам Абулбашрро ба онон нишон дода аст. Ва фармуд, фариштагон гуфтанд:

> ***А таҷъал фӣҳо ман юфсиду фӣҳо ва ясфикуд димоа ва наҳну нусаббиҳу биҳамдика ва нуқаддису лак*** **Ê**
>
> **Ä** *Оё дар Замин касеро қарор медиҳӣ, ки фасоду хунрезӣ кунад?! Мо тасбеҳ ва ҳамди туро ба ҷо меоварем ва туро тақдис мекунем.*[1]

[1] Сураи Бакара, ояи 30.

Дар ривоят омада аст, ки фариштагон ин суханро аз он рӯ гуфтаанд, ки Худованд қабл аз Одам(а) махлуқотеро дар замин офарида буд, ки хунрезӣ ва фасод мекарданд ва ба хотири ҳамин корҳо Худованд онҳоро нобуд кард. Фариштагон ҳолати махлуқоти навро ба он чи аз махлуқи қаблии Худо дида буданд муқоиса карданд.

Посухи Худованд ба онон ин буд, ки: "*Ман ҳақоиқеро медонам, ки шумо намедонед!*" Сипас Одамро офарид ва ҳамаи асомӣ, яъне ҳақоиқи ҳамаи ашёро ба ӯ ёд дод. Зеро *асмо* дар ин ҷо *ҷамъи исм* ба маънои сифоти махсуси шайъ ва баёнкунандаи ҳақиқати он омада аст. Ин ба он хотир аст, ки Худованд, ҳар чиро дар осмону замин аст ба суди инсон мусаххар фармуда, сипас ночор сифоту хавоси онҳоро низ бояд ба ӯ омӯзиш диҳад. Шарҳи он дар поёни ин баҳс меояд.

Худованд хусусиёти ҳамаи мусаххаротро[1] ба Одам омӯхт, то бо онҳо ба суди худ амал намояд ва ҳар як аз фариштагонро танҳо нисбат ба чизе, ки барои анҷоми он офарида шуда буд, огоҳ кард. Масалан: фариштагонеро, ки барои ибодат офарида буд, чигунагии таҳлил, тасбеҳ ва такбир барои Худоро он гуна, ки сазовори ӯст, ёд дод. Фариштагонеро, ки барои сабти аъмоли инсон офарида буд, аз чигунагии сабти хайру шарри одамӣ огоҳ кард ва ба фариштагон қабзи

---

... أَتَجْعَلُ فِيهَا مَن يُفْسِدُ فِيهَا وَيَسْفِكُ الدِّمَاء وَنَحْنُ نُسَبِّحُ بِحَمْدِكَ وَنُقَدِّسُ لَكَ ... {30}

[1] Мусаххарот: чизҳое, ки ҳамеша таҳти фармон ҳастанд.

рӯҳ ва кайфияти қабзи онро омӯзиш дод ва дигаронро он чи барои он офарида шуда буданд.

Бино бар ин, фариштагон наметавонистанд он чиро Худованд ба Одам(а) омӯхта буд, дарк намоянд. Ҳангоме ки Худованд аз фариштагон, аз он асмо ва ҳақоиқе, ки ба Одам(а) ёд дода буд пурсид, гуфтанд: Муназзаҳӣ ту! Мо чизе ҷуз он чи ба мо омӯхтаӣ, намедонем! Худованд ба Одам(а) дастур дод ононро аз он чи Худо ба ӯ ёд дода аст огоҳ кунад. Сипас малоикаҳоро фармуд барои Одам(а) саҷда кунанд, ҳама саҷда карданд ҷуз Иблис, ки саркашӣ намуд, истикбор варзид ва...

***Натиҷа***: Ин синф аз халқ, яъне фариштагоне, ки Худованд ононро дар осмонҳо ва Замин ҷой дода аст, дорои марг, зиндагӣ ва ақли дарккунанда ҳастанд ва ҳавои нафс надоранд. Дар мақоми ҳидоят, ононро ҳамин бас, ки он чиро ба хотири он офарида шудаанд фаро бигиранд, то дар тӯли зиндагиаашон ба он қиём намоянд ва онро ба иҷро гузоранд. Аммо достони пурсиши ононро дар ахбори саҷдаи Одам(а) беш аз ин нест, ки намедонистанд Одам барои чӣ офарида шуда аст? Ҳангоме ки инро ба воситаи Одам(а) донистанд ва ӯ асмо ва ҳақоиқи ашёро ба онон омӯхт, дастуроти Худоро итоат карданд ва барои Одам(а) саҷда намуданд магар Иблис, ки аз саҷда барои Одам(а) сарпечӣ намуд, истикбор варзид ва аз ҳавои нафси худ пайравӣ кард.

Бино бар ин, ҳидояти фариштагон бо омӯзиши Худованд аст, омӯзиши чизе, ки аз онон хоста аст.

## Дуввум: тасхири мусаххарот

Дар баҳси ҳидояти тасхирӣ дар ин ҷо, танҳо бархе аз оётеро меоварем, ки бо сароҳат мегӯянд Худованд ин мусаххаротро ба суди инсон тасхир карда аст, чунон, ки фармуд:

***1-Ва саххара лакум мо фис самовоти ва мо фил арзи ҷамӣъан минҳу, инна фӣ золика лаоётин лиқавмин ятафаккарӯн*** **Ê**

**Ä** *Худованд он чи дар осмонҳо ва он чи дар Замин аст, ҳамаро аз сӯи худаш барои шумо мусаххар сохта аст. Ростиро, ки дар ин кор, нишонаҳоест барои онон, ки меандешанд.*[1]

***2-Аллоҳул лазӣ ҷаъала лакумул арза қароран вас самоа биноан*** **Ê**

**Ä** *Худованде, ки Заминро барои шумо ҷойгоҳи амну оромиш қарор дод ва осмонро ҳамчун сақфе барафрошт.*[2]

***3-Аллазӣ ҷаъала лакумул арза маҳдан ва ҷаъала лакум фӣҳо субулан лаъаллакум таҳтадӯн*** **Ê**

---

[1]Сураи Ҷосия, ояи 13.
وَسَخَّرَ لَكُم مَّا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعاً مِّنْهُ إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَاتٍ لَّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ {13}

[2] Сураи Ғофир, ояи 64.
اللَّهُ الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الْأَرْضَ قَرَاراً وَالسَّمَاء بِنَاء ... {64}

*ÄОн касе, ки Заминро маҳди осоиши шумо қарор дод ва барои шумо дар он роҳҳое офарид, ки ҳидоят шавед.*[1]

***4-Вал арза вазаъаҳо лил аном. Фӣҳо фокиҳатун ван нахлу зотул акмом. Вал ҳаббу зул ъасфи вар райҳон. Фабиаййи олои раббикумо туказзибон Ê***

*ÄВа заминро барои халоиқ офарид, ки дар он меваҳо ва нахлҳои пуршукуфа аст ва донаҳои ҳамроҳ бо поя ва барге, ки ба сурати коҳ медарояд, пас кадоме аз неъматҳои Парвардигоратонро таксиб мекунед?*[2]

***5-Ҳувал лазӣ ҷаъала лакумул арза залӯлан фамшӯ фӣ манокибиҳо ва кулӯ мин ризқиҳи ва илайҳин нушӯр Ê***

*ÄӮ Худованде аст, ки заминро барои шумо ром кард, пас бар шонаҳои он роҳ бираведва аз рӯзиҳои Худованд бихӯред; ва (бидонед) бозгашти ҳама ба сӯи ӯст.*[3]

---

[1] Сураи Зухруф, ояи 10.

الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الْأَرْضَ مَهْداً وَجَعَلَ لَكُمْ فِيهَا سُبُلاً لَّعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ {10}

[2] Сураи Раҳмон, ояи 10-13.

وَالْأَرْضَ وَضَعَهَا لِلْأَنَامِ {10} فِيهَا فَاكِهَةٌ وَالنَّخْلُ ذَاتُ الْأَكْمَامِ {11}
وَالْحَبُّ ذُو الْعَصْفِ وَالرَّيْحَانُ {12} فَبِأَيِّ آلَاء رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ {13}

[3] Сураи Мулк, ояи 15.

هُوَ الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الْأَرْضَ ذَلُولاً فَامْشُوا فِي مَنَاكِبِهَا وَكُلُوا مِن رِّزْقِهِ
وَإِلَيْهِ النُّشُورُ {15}

***6-Алам тара анналлоҳа саххара лакум мо фил арзи*** Ê

ÄОё надидӣ, ки Худованд он чиро дар Замин аст мусаххар ва роми шумо кард...[1]

***7-Ва лақад каррамно бани Одама ва ҳамалноҳум фил барри вал баҳри ва разақноҳум минат таййиботи ва фаззалноҳум ъало касӣрин мимман халақно тафзӣло*** Ê

ÄБа яқин одамиёнро гиромӣ доштем, ононро дар хушкӣ ва баҳр роҳ бурдем, аз покизагиҳо ба онон рӯзӣ додем ва эшонро бар бисёре аз офаридагон бартарӣ бахшидем.[2]

***8-Аллоҳул лазӣ халақас самовоти вал арза ва анзала минас самои моан, фаахраҷа биҳӣ минас самароти ризқан лакум ва саххара лакумул фулка литаҷрия фил баҳри биамриҳи ва саххара лакумул анҳор. Ва саххара лакумуш шамса вал қамара доибайни ва саххара лакумул лайла ван наҳор. Ва атокум мин кулли мо саалтумӯҳу ва ин таъуддӯ ниъматаллоҳи ло туҳсӯҳо, иннал инсона лазалӯмун каффор*** Ê

ÄХудованде, ки осмонҳою Заминро офарид ва аз осмон обе нозил кард ва бо он меваҳоро барои рӯзии

---

[1] Сураи Ҳаҷ, ояи 65.

أَلَمْ تَرَ أَنَّ اللَّهَ سَخَّرَ لَكُم مَّا فِي الْأَرْضِ ... {65}

[2] Сураи Исро, ояи 70.

وَلَقَدْ كَرَّمْنَا بَنِي آدَمَ وَحَمَلْنَاهُمْ فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ وَرَزَقْنَاهُم مِّنَ الطَّيِّبَاتِ وَفَضَّلْنَاهُمْ عَلَى كَثِيرٍ مِّمَّنْ خَلَقْنَا تَفْضِيلاً {70}

*шумо берун овард; ва киштиҳоро мусаххару роми шумо гардонид, то дар баҳрҳо ба фармони ӯ ҳаракат кунанд ва наҳрҳоро мусаххари шумо намуд. Офтобу моҳро (ки бо барномаи муназзаме дар коранд) ва шабу рӯзро, ба суди шумо мусаххар сохт ва ҳарчи аз ӯ хостед, ба шумо дод; ва агар неъматҳои Худоро бишуморед, ҳаргиз шуморашонро ёфта натавонед! Ростиро, ки инсон, ситамгару носипос аст.*[1]

**9-** *Ва бар Худост, ки роҳи ростро нишон диҳад; аммо бархе аз роҳҳо бероҳа аст! Ва агар Худо бихоҳад ҳамаи шуморо ҳидоят мекунад; ӯ касе аст, ки аз осмон обе фиристод, ки нӯшидании шумо аз он аст. Худованд бо он об, барои шумо зироат, зайтун, нахл, ангур ва аз ҳамаи меваҳо мерӯёнад; мусалламан дар ин кор нишонаи равшане барои андешамандон аст. Ӯ шабу рӯз ва офтобу моҳро мусаххари шумо сохт ва ситорагон низ ба фармони ӯ мусаххари шумоянд. Ҳамоно дар ин тадбир нишонаҳое аст барои гурӯҳе, ки аз ақли худ баҳра мегиранд! Ва махлуқотеро, ки дар Замин ба рангҳои гуногун ба суди шумо офарид, дар ин офариниш нишонаи равшане аст барои онон, ки*

---

[1] Сураи Иброҳим, ояи 32-34.

اللّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ وَأَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَخْرَجَ بِهِ مِنَ الثَّمَرَاتِ رِزْقاً لَّكُمْ وَسَخَّرَ لَكُمُ الْفُلْكَ لِتَجْرِيَ فِي الْبَحْرِ بِأَمْرِهِ وَسَخَّرَ لَكُمُ الأَنْهَارَ {32} وَسَخَّر لَكُمُ الشَّمْسَ وَالْقَمَرَ دَآئِبَينَ وَسَخَّرَ لَكُمُ اللَّيْلَ وَالنَّهَارَ {33} وَآتَاكُم مِّن كُلِّ مَا سَأَلْتُمُوهُ وَإِن تَعُدُّواْ نِعْمَتَ اللّهِ لاَ تُحْصُوهَا إِنَّ الإِنسَانَ لَظَلُومٌ كَفَّارٌ {34}

*панд мегиранд! Ӯ касе аст, ки баҳрро ром кард, то аз он гӯшти тоза бихӯред ва зевари пӯшиданӣ берун биёваред. Киштиҳоро мебинем, ки синаи баҳрро мешикофанд, то шумо аз фазли Худо баҳра гиред, шояд шукри ӯро ба ҷо оваред! Дар Замин кӯҳҳои собит ва устувор қарор дод, то ларзиши онро нисбат ба шумо бигирад ва наҳрҳо ва роҳҳое эҷод кард, то ҳидоят шавед. Ва аломатҳое қарор дод ва ба василаи ситорагон роҳро меёбанд.*[1]

***10-Ва мин самаротин нахӣли вал аъноби таттахизӯна минҳу сакаран ризқан ҳасанан, инна фӣ золика лаоятан лиқавмин яъқилӯн*** Ê

***Ä****Аз меваҳои дарахтони наху ангур, мусаккарот (нӯшокиҳои мастибахш) ва рӯзии хубу покиза мегиранд, дар ин нишонаи равшане аст барои гурӯҳе, ки меандешанд.*[2]

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 9-16.

وَعَلَى اللّهِ قَصْدُ السَّبِيلِ وَمِنْهَا جَآئِرٌ وَلَوْ شَاء لَهَدَاكُمْ أَجْمَعِينَ {9} هُوَ الَّذِي أَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً لَّكُم مِّنْهُ شَرَابٌ وَمِنْهُ شَجَرٌ فِيهِ تُسِيمُونَ {10} يُنبِتُ لَكُم بِهِ الزَّرْعَ وَالزَّيْتُونَ وَالنَّخِيلَ وَالأَعْنَابَ وَمِن كُلِّ الثَّمَرَاتِ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ {11} وَسَخَّرَ لَكُمُ اللَّيْلَ وَالْنَّهَارَ وَالشَّمْسَ وَالْقَمَرَ وَالْنُّجُومُ مُسَخَّرَاتٌ بِأَمْرِهِ إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَاتٍ لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ {12} وَمَا ذَرَأَ لَكُمْ فِي الأَرْضِ مُخْتَلِفاً أَلْوَانُهُ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَذَّكَّرُونَ {13} وَهُوَ الَّذِي سَخَّرَ الْبَحْرَ لِتَأْكُلُواْ مِنْهُ لَحْماً طَرِيّاً وَتَسْتَخْرِجُواْ مِنْهُ حِلْيَةً تَلْبَسُونَهَا وَتَرَى الْفُلْكَ مَوَاخِرَ فِيهِ وَلِتَبْتَغُواْ مِن فَضْلِهِ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ {14} وَأَلْقَى فِي الأَرْضِ رَوَاسِيَ أَن تَمِيدَ بِكُمْ وَأَنْهَاراً وَسُبُلاً لَّعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ {15} وَعَلامَاتٍ وَبِالنَّجْمِ هُمْ يَهْتَدُونَ {16}

[2] Сураи Наҳл, ояи 67.

**Шарҳи вожаҳо**

***Саххара:*** ром ва хозеъ кард то барои ҳадафи мушаххасе ба кор гирад. Мусаххар, яъне он чи бо зӯр хозеъ ва ром шуда аст.

***Акмом:*** ҷамъи кимм: ғилоф ва пӯшиши меваи дарахт ва донаи зироат.

***Ҳабб:*** дона; мурод аз он, гандум, ҷав ва биринҷ аст.

***Ъасф:*** барги хушк, коҳ ва пӯстаи ҳабибот.

***Райҳон:*** гиёҳи хушбӯй.

***Оло':*** неъматҳо.

***Залӯл:*** ром, маркаби саворӣ, ки пас аз бадфеълӣ ва рамандагӣ, рому ором шуда бошад.

***Манокиб:*** ҷамъи манкаб, маҳалли пайванди бозу ва китфи инсон ва ғайри ӯст. Манокиби замин, бинобар ташбеҳ ба шонаҳои шутур, ки барҷаста аст ба кӯҳҳо тафсир шуда ва бинобар ташбеҳ ба паҳлуҳои он, ки дар ду тараф қарор дорад, ба атроф ва навоҳии замин тафсир гардида аст.

***Доибайн:*** таснияи доиб, ба маънои кӯшандаи доим дар кор, яъне моҳу офтоб доим дар ҳаракатанд ва то поёни ҷаҳон сустӣ нагиранд.

***Тусӣмӯна:*** мечаронед, ба чаро мебаред.

***Зара':*** падид овард, аз рӯи навоварии бесобиқа, басту густариш дод.

---

وَمِن ثَمَرَاتِ النَّخِيلِ وَالأَعْنَابِ تَتَّخِذُونَ مِنْهُ سَكَراً وَرِزْقاً حَسَناً إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ {67}

***Мавохир:*** ҷамъи мохира: киштии шикофандаи оби баҳр.

***Тамӣда бикум:*** шуморо ларзонд, *майд*: ларзиши шадид? монанди заминларза аст. Яъне кӯҳҳоро дар Замин қарор додем то ларзиши онро нисбат ба шумо бигирад.

## Натиҷаи баҳс

Худованди мутаол, Замин ва мавҷудоти даруну беруни он, монанди: дарёҳо, рӯдҳо, дарахтон, гиёҳон, маъданҳо ва осмон, каҳкашонҳо, Моҳ, Офтоб, ситорагон ва ҳамаро барои инсон офарида аст. Чунонки мефармояд:

> ***Саххара лакум мо фис самовоти вал арзи ҷамӣъан минҳу Ê***
>
> **Ä** *Ҳарчи дар осмон ва замин аст, ҳамаро аз сӯи худаш мусаххари шумо гардонид.*[1]

Худованд ин гуна махлуқотро бо ҳидояти тасхирӣ чунон сохт, ки мутобиқ бо низоме, ки худ ба муқтазои рубубияташ барои онҳо таъин фармуда аст, ҳаракат кунанд. Ин навъ аз ҳидоят дар Қуръони карим, бештар бо лафзи "*саххара*" ва гоҳе бо иборати "*ҷаъала*" омада аст, монанди: *ҷаъалаш шамса зиёан вал қамара нуран*, яъне: офтобро равшангар ва моҳро тобанда қарор дод.

---

[1]Сураи Ҷосия, ояи 13.

وَسَخَّرَ لَكُم مَّا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعاً مِّنْهُ إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَاتٍ لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ {13}

## Сеюм: Ҳидояти ҳайвонот бо илҳоми ғаризӣ

Худои субҳон дар сураи Наҳл мефармояд:

***1-Вал анъома халақаҳо лакум фӣҳо диф'ун ва манофиъу минҳо та'кулӯн. Ва лакум фӣҳо ҷамолун ҳӣна турӣҳуна ва ҳӣна тасраҳӯн. Ва таҳмилу асқолакум ило баладин лам такӯну болиғӣҳи илло бишиққил анфуси, инна раббакум лараууфун раҳӣм. Вал хайла вал биғола вал ҳамӣра литаркабӯҳо ва зӣнатан ва яхлуқу мо ло таъламӯн*** **Ê**

**Ä** *Ва чаҳорпоёнро офарид; барои шумо дар онҳо василаи пӯшиш ва манофеи дигаре аст; ва аз ширу гӯшти онҳо мехӯред; ва мояи зинат ва ҷамоли шумоянд: гоҳе ки ононро бозмегардонед ва ҳангоме ки ба саҳро мефиристед! Борҳои сангини шуморо ба ҷое, ки ҷуз бо машаққати зиёд ба он намерасед, ҳамл мекунанд. Парвардигори шумо меҳрубон ва бахшоишгар аст. Асбҳо, астарҳо ва улоғҳоро офарид то бар онҳо савор шавед ва зиннати шумо бошад. Ва чизҳое меофарад, ки намедонед.*[1]

[1] Сураи Наҳл, ояи 5-8.

وَالأَنْعَامَ خَلَقَهَا لَكُمْ فِيهَا دِفْءٌ وَمَنَافِعُ وَمِنْهَا تَأْكُلُونَ {5} وَلَكُمْ فِيهَا جَمَالٌ حِينَ
تُرِيحُونَ وَحِينَ تَسْرَحُونَ {6} وَتَحْمِلُ أَثْقَالَكُمْ إِلَى بَلَدٍ لَّمْ تَكُونُواْ بَالِغِيهِ إِلاَّ بِشِقِّ
الأَنفُسِ إِنَّ رَبَّكُمْ لَرَؤُوفٌ رَّحِيمٌ {7} وَالْخَيْلَ وَالْبِغَالَ وَالْحَمِيرَ لِتَرْكَبُوهَا وَزِينَةً
وَيَخْلُقُ مَا لاَ تَعْلَمُونَ {8}

***2-Ва инна лакум фил анъоми лаъибратан нусқикум миммо фӣ бутуниҳи мин байни фарсин ва дамин лабанан холисан соиған лишшорибӣн Ê***

***Ä****Ба ростӣ, ки дар вуҷуди чаҳорпоён барои шумо ибрате аст: аз он чи дар шиками онҳост, аз миёни ғизоҳои хоида ва хун, шири ноби гуворои нӯшандагон, ба шумо менӯшонем.*[1]

***3-Ва авҳо раббука илан наҳли аниттахазӣ минал ҷиболи буютан ва минаш шаҷари ва миммо яъришӯн. Сумма кулӣ мин куллис самароти фаслукӣ субула раббики зулулан яхруҷу мин бутӯниҳо шаробун мухталифун алвонуҳу фӣҳи шифоун линноси инна фӣ золика лаоятан лиқавмин ятафаккарӯн Ê***

***Ä****Парвардигори ту ба занбӯри асал ваҳй намуд, ки: аз кӯҳҳо, дарахтон ва дорбастҳое,*[2] *ки мардум боло мебаранд, хонаҳое баргузин! Сипас аз тамоми самарот бихӯр ва роҳҳои ҳамвори Парвардигоратро бипаймо! Аз даруни шиками онҳо шарбате бо рангҳои гуногун берун меояд, ки дар он шифои мардумон аст. Ба яқин дар ин амр, нишонаи равшане аст барои гурӯҳе, ки меандешанд.*[3]

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 66.
وَإِنَّ لَكُمْ فِي الأَنْعَامِ لَعِبْرَةً نُّسْقِيكُم مِّمَّا فِي بُطُونِهِ مِن بَيْنِ فَرْثٍ وَدَمٍ لَّبَناً خَالِصاً سَآئِغاً لِلشَّارِبِينَ {66}

[2] Мехчӯб, хавоза.

[3] Сураи Наҳл, ояи 68-69.

***4-Валлоҳу халақа кулла доббатин мин моин, фаминҳум ман ямшӣ ъало батниҳи ва минҳум ман ямшӣ ъало риҷлайни ва минҳум ман ямшӣ ъало арбаъин яхлуқуллоҳу мо яшоу инналлоҳа ъало кулли шайъин қадӣр*** Ê

*Ä Худованд ҳар ҷунбандаеро аз обе офарид; гурӯҳе аз онҳо бар шиками худ роҳ меравconfigуранд, гурӯҳе бар ду пои худ ва гурӯҳе бо чаҳор по роҳ мераванд; ҳар чиро бихоҳад меофарад, Худованд бар ҳама чиз тавоно аст.*[1]

***5-Ва мо мин доббатин фил арзи ва ло тоирин ятӣру биҷаноҳайҳи илло умамун амсолукум мо фарратно фил китоби мин шайъин сумма ило раббиҳим юҳшарӯн*** Ê

*Ä Ҳеҷ ҷунбандае дар замин ва ҳеҷ паррандае, ки бо ду боли худ парвоз мекунад нест, магар он ки умматҳое монанди шумо ҳастанд. Ҳеҷ чизро дар ин китоб фурӯгузор накардем; сипас ҳама ба сӯи Парвардигорашон маҳшур мегарданд.*[2]

---

وَأَوْحَى رَبُّكَ إِلَى النَّحْلِ أَنِ اتَّخِذِي مِنَ الْجِبَالِ بُيُوتاً وَمِنَ الشَّجَرِ وَمِمَّا يَعْرِشُونَ {68} ثُمَّ كُلِي مِن كُلِّ الثَّمَرَاتِ فَاسْلُكِي سُبُلَ رَبِّكِ ذُلُلاً يَخْرُجُ مِن بُطُونِهَا شَرَابٌ مُّخْتَلِفٌ أَلْوَانُهُ فِيهِ شِفَاء لِلنَّاسِ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ {69}

[1] Сураи Нур, ояи 45.

وَاللَّهُ خَلَقَ كُلَّ دَابَّةٍ مِن مَّاء فَمِنْهُم مَّن يَمْشِي عَلَى بَطْنِهِ وَمِنْهُم مَّن يَمْشِي عَلَى رِجْلَيْنِ وَمِنْهُم مَّن يَمْشِي عَلَى أَرْبَعٍ يَخْلُقُ اللَّهُ مَا يَشَاءُ إِنَّ اللَّهَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ {45}

[2] Сураи Анъом, ояи 38.

## Шарҳи вожаҳо

***Фарс:*** он чи дар меъда аст.

***Ваҳйи Худованд ба ҳайвонот:*** илҳом ва ҳидояти ғаризӣ ба анҷоми коре, ки зиндагӣ ва салоҳи онҳо ба он кор вобаста аст ва гоҳе низ бо диққат ва тезбинӣ ҳамроҳ аст. Кори ҳайвон тақрибан ҳамонанди коре аст, ки синфи тасхиршуда анҷом медиҳанд.

***Яъришӯн:*** аз моддаи *"ъараша"* ба маънои дорбаст ва сақф, яъне ба баландии дорбастҳое, ки боло мебаранд, низ хона бигир.

***Зулулан:*** ором ва ҳамвор.

## Натиҷаи баҳс

Худованд барои мавҷудоте, ки дар маҳдудаи поини осмони дунё офарида аст, мавҷудоте, ки марг, зиндагӣ ва нафси ҳайвонӣ доранд, вале ақл надоранд, дар фазо бошанд ё дар замин, дар даруни он бошанд ё дар дили баҳрҳо, барои ҳар як аз анвоъ ва аснофи онҳо низоме қарор дода аст, ки бо сохтори фитрӣ ва ҳаёти ҳайвониаш таносуб дорад. Ва ҳар навъеро ба василаи ғаризае, ки дар фитраташ ниҳода аст, илҳом бахшида аст, ки дар зиндагӣ бар асоси он низом ҳаракат кунад. Ӯ худ чигунагии ҳидояти ин гуна махлуқотро дар хабаре, ки аз зиндагии занбӯри асал медиҳад ин гуна баён кардааст: "Парвардигори ту ба занбӯри асал ваҳй намуд, ки: аз кӯҳҳо, дарахтон ва дорбастҳое, ки мардум

---

وَمَا مِن دَآبَّةٍ فِي الأَرْضِ وَلاَ طَائِرٍ يَطِيرُ بِجَنَاحَيْهِ إِلاَّ أُمَمٌ أَمْثَالُكُم مَّا فَرَّطْنَا فِي الكِتَابِ مِن شَيْءٍ ثُمَّ إِلَى رَبِّهِمْ يُحْشَرُونَ {38}

боло мебаранд, хонаҳое баргузин. Сипас аз тамоми самарот бихӯр ва роҳҳои ҳамвори парвардигоратро бипаймо! Аз даруни шиками онҳо шарбате бо рангҳои гуногун берун меояд, ки дар он шифои мардумон аст. Ба яқин дар ин амр, нишонаи равшане аст барои гурӯҳе, ки меандешанд”.[1]

Бино бар ин, он чи ки занбӯри асал бо маҳорату зиракӣ анҷом медиҳад ва ҳакимонаю дақиқ менамояд, бо илҳоми парвардигори мо, Раббулъоламин аст. Ин баён намунаи тавзеҳ барои навъи ҳидояти ин гуна ҷондорон аст, ки дар оёт (5-7)-и ҳамин сура дар бораи синфи чаҳорпоён, ҳикмати офариниш, низоми зиндагӣ ва нафъе, ки дар онҳост, аз он сухан рафтааст. Таъбири “*Авҳо раббук*” ишора ба он дорад, ки ҳамон парвардигоре, ки занбӯри асалро ҳидоят карда то дар зиндагӣ баробар бо низоми таъиншудаи мутаносиб бо фитраташ сайр кунад. Ӯст парвардигори мо, ки бароямон низоми ҳамоҳанге бо фитратамон қарор дода аст, фитрате ки моро ҳакимона ва устувор бар он сиришта аст

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 68 ва 69.

وَأَوْحَى رَبُّكَ إِلَى النَّحْلِ أَنِ اتَّخِذِي مِنَ الْجِبَالِ بُيُوتاً وَمِنَ الشَّجَرِ وَمِمَّا
يَعْرِشُونَ {68}
ثُمَّ كُلِي مِن كُلِّ الثَّمَرَاتِ فَاسْلُكِي سُبُلَ رَبِّكِ ذُلُلاً يَخْرُجُ مِن بُطُونِهَا شَرَابٌ
مُّخْتَلِفٌ أَلْوَانُهُ فِيهِ شِفَاء لِلنَّاسِ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ {69}

### Чаҳорум: омӯзиши инсон ва ҷин ба воситаи паёмбарон

Инсон ва ҷин мисдоқи сухани Худои мутаол дар оёти: “*Халақа фасавво*” ва “*Қаддара фаҳадо*” аз сураи Аъло ҳастанд.

### Нахуст: инсон

Парвардигори оламиён инсонро офарид ва барои ӯ низоми зиндагӣ таъин фармуд. Дар зоти ӯ ҳам ҳавои нафсро қарор дод, ки ба хостаи дил меравад ва ҳам ақли ташхисдиҳанда бахшид то суд ва зиёни худро бо он ташхис диҳад. Ва ӯро барои пазириши ҳидоят аз ду роҳ омода кард:

1-**Аз роҳи сухан гуфтан бо забон**. Худованд ба инсон аз роҳи тафоҳум бо дигарон сухангуфтанро илҳом фармуда аст:

***Халақал инсона ъалламаҳул баён* Ê**

**Ä** *Инсонро офарид ва ӯро сухангуфтан омӯхт.*[1]

**2- Аз роҳи хондан, навиштан ва нақли афкор, аз инсоне ба инсони дигар ва аз насле ба насли баъд.** Чунонки фармуда аст:

***Иқра’ ва раббукал акрам. Аллазӣ ъаллама бил қалам. Ъалламал инсона мо лам яълам* Ê**

---

[1] Сураи Раҳмон, ояи 3 ва 4.

خَلَقَ الْإِنسَانَ {3} عَلَّمَهُ الْبَيَانَ {4}

*Ä**Бихон**,** ки Парвардигорат бузургвортар аст**.** Ҳамон касе ки ба василаи қалам омӯзиш дод ва ба инсон он чиро намедонист омӯхт.*[1]

Худои субҳон пас аз он, низоми зиндагӣ ва қонуни зистанро мутаносиб бо фитрати инсонии инсон барои ӯ таъин кард, чунонки фармуда аст:

***Фаақим ваҷҳака лиддӣни ҳанӣфан фитраталлоҳил латӣ фатаран носа ъалайҳо Ê***

*Ä**Рӯи худро мутаваҷҷеҳи ойини ноб ва устувори Парвардигор кун**!** Фитрати Худованде**,** ки мардумонро бар он офарида аст.*[2]

Худованд бо фиристодани ваҳй бар паёмбарон, инсонро ба сӯи ин дин, ки бо фитрати ӯ таносуб ва созгорӣ дорад, ҳидоят карда аст. Чунонки фармуд:

***1-Инно авҳайно илайка камо авҳайно ило Нӯҳин ван набиййина мин баъдиҳи... Ê***

*Ä**Мо ба ту ваҳй фиристодем**;** ҳамон гуна**,** ки ба Нӯҳ ва паёмбарони баъд аз ӯ ваҳй кардем...*[3]

***2-Шараъа лакум минад дӣни мо вассо биҳӣ Нӯҳан вал лазӣ авҳайно илайка ва мо вассайно***

---

[1] Сураи Алақ, ояи 3 ва 4.

اقرأ وَرَبُّكَ الْأَكْرَمُ {3} الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ {4}

[2] Сураи Рум, ояи 30.

فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفاً فِطْرَةَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا ... {30}

[3] Сураи Нисо, ояи 163.

إِنَّا أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ كَمَا أَوْحَيْنَا إِلَى نُوحٍ وَالنَّبِيِّينَ مِن بَعْدِهِ ... {163}

***биҳӣ Иброҳима ва Мӯсо ва Ъӣсо ан ақӣмуд дӣна Ê***

***Ä****Динеро барои шумо ташреъ кард, ки ба Нӯҳ супориш карда буд; ва он чиро бар ту ваҳӣ фиристодем ва он чи ба Иброҳим ва Мӯсо ва Исо тавсия намудем ин буд, ки: динро барпо доред ва...*[1]

Худованд ин динеро, ки бар паёмбарон фиристод, ***Ислом*** номида аст, чунонки фармуда аст:

***Иннад дӣна ъиндаллоҳил Ислом Ê***

***Ä****Дин дар назди Худо* ***Ислом*** *аст.*[2]

### Дуввум: ҷин

Худованд ҷинро офарид ва зиндагии ӯро монанди инсон қарор дод. Дар сиришти ӯ низ ҳавои нафс аст, ки ба сӯи хостаи дил меронад, ақл аст, ки суду зиёни хешро бо он дарк мекунад. Чунонки моро аз ҳоли Иблис, ки аз ҷин буд бохабар сохт ва фармуд:

***Ва из қулно лилмалоикати, усҷудӯ ли-Одама фасаҷадӯ илло Иблӣса кона минал ҷинни фафасақа ъан амри раббиҳи... Ê***

---

[1] Сураи Шӯро, ояи 13.
شَرَعَ لَكُم مِّنَ الدِّينِ مَا وَصَّى بِهِ نُوحاً وَالَّذِي أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ وَمَا وَصَّيْنَا بِهِ إِبْرَاهِيمَ وَمُوسَى وَعِيسَى أَنْ أَقِيمُوا الدِّينَ ... {13}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 19.
إِنَّ الدِّينَ عِندَ اللّهِ الإِسْلاَمُ وَمَا اخْتَلَفَ الَّذِينَ أُوْتُواْ الْكِتَابَ إِلاَّ مِن بَعْدِ مَا جَاءهُمُ الْعِلْمُ بَغْياً بَيْنَهُمْ وَمَن يَكْفُرْ بِآيَاتِ اللّهِ فَإِنَّ اللّهِ سَرِيعُ الْحِسَابِ {19}

*Ä Ҳангоме ки ба фариштагон гуфтем: барои Одам саҷда кунед, ҳама саҷда карданд ҷуз Иблис, ки аз ҷин буд ва аз фармони Парвардигораш берун шуд...*[1]

Худованд достони Иблисро дар сураи Аъроф бо шарҳи бештаре баён дошта ва фармуда аст:

*Мо шуморо офаридем; сипас суратбандӣ кардем; баъд ба фариштагон гуфтем: "барои Одам саҷда кунед!" Онон ҳама саҷда карданд, ҷуз Иблис, ки аз саҷдакунандагон набуд. Худованд ба ӯ фармуд: дар он ҳангом ки ба ту дастур додам, чӣ чиз туро аз саҷда боздошт? Гуфт: "ман аз ӯ беҳтарам, маро аз оташ офаридӣ ва ӯро аз гил!" Фармуд: аз он мақом фуруд ой! Ту ҳақ надорӣ дар он ҷо такаббур биварзӣ! Берун шав, ки ту аз афроди паст ва фурӯмоя ҳастӣ? Иблис гуфт: маро то рӯзе, ки барангехта мешаванд мӯҳлат деҳ! Фармуд: ту аз мӯҳлатдодашудагонӣ! Гуфт: акнун, ки маро гумроҳ сохтӣ, ман бар сари роҳи мустақими ту дар баробари онон камин мекунам! Сипас аз пеши рӯ, пушти сар, аз тарафи рост ва аз тарафи чапи онон ба сурогашон меравам; ва бештари ононро шукргузор нахоҳӣ ёфт! Фармуд: аз он мақом бо нанг ва хорӣ берун шав! Савганд, ки ҳар кас аз онон*

---

[1] Сураи Каҳф, ояи 50.

وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَائِكَةِ اسْجُدُوا لِآدَمَ فَسَجَدُوا إِلَّا إِبْلِيسَ كَانَ مِنَ الْجِنِّ

فَفَسَقَ عَنْ أَمْرِ رَبِّهِ ... {50}

> *туро пайравӣ кунанд ҷаҳаннамро аз ҳамагии шумо пур хоҳам кард.*[1]

Маълум мешавад ҳавои нафс дар ин мавҷуди ҷинни саркаш бар Худои азизи ҷаббор, аз ҳавои нафси ҳамаи ҳаводорон бештар ва қавитар аст.

Худованди мутаол дар сураи "Ҷин" аз вуҷуди ҳавои нафс дар ҳамаи ҷинниён низ хабар дода ва фармуд:

Аҷинна дар пайравӣ аз ҳавои нафс ба ҳадде пеш рафтанд, ки ба истироқи самъи суханони фариштагон менишастанд. Онҳо аз ин равиш даст накашиданд то Хотами Анбиё(с) мабъус гардид ва Худованд ононро ҳадафи шаҳобҳои сӯзон қарор дод. Дар ривоят омада аст, ки онон ҳарчи аз фариштагон мешуниданд барои коҳинон бозгӯ мекарданд ва аз рӯи ситаму инҳироф дурӯғҳоеро барои озору азияти одамиён бар он меафзуданд.

Худованд аз ин равиш низ, дар сураи Ҷин, хабар дода ва фармуда аст: "*фазодуҳум раҳақо*", яъне ҷинниён бар гумроҳии одамиён меафзуданд! Ва аз ин ки аҷинна дар

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 11-18.

**وَلَقَدْ خَلَقْنَاكُمْ ثُمَّ صَوَّرْنَاكُمْ ثُمَّ قُلْنَا لِلْمَلآئِكَةِ اسْجُدُواْ لآدَمَ فَسَجَدُواْ إِلاَّ إِبْلِيسَ لَمْ يَكُن مِّنَ السَّاجِدِينَ** {11} **قَالَ مَا مَنَعَكَ أَلاَّ تَسْجُدَ إِذْ أَمَرْتُكَ قَالَ أَنَاْ خَيْرٌ مِّنْهُ خَلَقْتَنِي مِن نَّارٍ وَخَلَقْتَهُ مِن طِينٍ** {12} **قَالَ فَاهْبِطْ مِنْهَا فَمَا يَكُونُ لَكَ أَن تَتَكَبَّرَ فِيهَا فَاخْرُجْ إِنَّكَ مِنَ الصَّاغِرِينَ** {13} **قَالَ أَنظِرْنِي إِلَى يَوْمِ يُبْعَثُونَ** {14} **قَالَ إِنَّكَ مِنَ المُنظَرِينَ** {15} **قَالَ فَبِمَا أَغْوَيْتَنِي لأَقْعُدَنَّ لَهُمْ صِرَاطَكَ الْمُسْتَقِيمَ** {16} **ثُمَّ لآتِيَنَّهُم مِّن بَيْنِ أَيْدِيهِمْ وَمِنْ خَلْفِهِمْ وَعَنْ أَيْمَانِهِمْ وَعَن شَمَآئِلِهِمْ وَلاَ تَجِدُ أَكْثَرَهُمْ شَاكِرِينَ** {17} **قَالَ اخْرُجْ مِنْهَا مَذْؤُوماً مَّدْحُوراً لَّمَن تَبِعَكَ مِنْهُمْ لأَمْلأَنَّ جَهَنَّمَ مِنكُمْ أَجْمَعِينَ** {18}

пайравӣ аз ҳавои нафс ҳамонанди одамиёнанд ва дар миёни онон мусулмону ғайримусулмон вуҷуд дорад, низ хабар дода аст.

Дар сураи Аҳқоф омада аст: гурӯҳе аз ҷинниён ҳангоме ки Паёмбари Акрам[с] Қуръонро тиловат мекард, ҳозир шуданд, онро шуниданд ва ба сӯи қавми худ бозгаштанд ва ононро бим дода гуфтанд: Худованд баъд аз Мӯсо[а] китобе ба номи Қуръонро фиристода ва аз онон хостанд, ки ба ин китоб имон оваранд. Ҳамчунин дар сураи Ҷин аз яксонии дидгоҳи бархе аз ҷинниён бо баъзе одамиён дар бораи маод ва гумони онон ба Худо, хабар дода мегӯянд: Худованд ҳаргиз касеро дар рӯзи қиёмат мабъус нахоҳад кард!

Аз тамоми он чи гузашт натиҷа мегирем, ки дар ҷин ҳам монанди инсон дарёфти ақлӣ ва идроки комил вуҷуд дорад ва онон суханони инсонро мефаҳманд ва дар ёдгирӣ аз роҳи сухангуфтан бо инсон шариканд. Ин мавзӯъро ба сурати ошкор бар достоне, ки Худованд аз муколимаи Сулаймон[а] бо онон дар оёти 18 ва 29-сураи Намл оварда аст дармеёбем.

Ҳамин тавр ин ду синф - ҷин ва инс, дар ҳамаи ҳолатҳои нафсонӣ муштараканд, ҳамон гуна, ки дар ҷавлонгоҳҳои рафторӣ низ монанди ҳам амал мекунанд. Худои субҳон дар сураи Сабо фармуд:

***Яъмалӯна лаҳӯ мо яшоу мин маҳорӣба ва тамосӣла ва ҷифонин калҷавоби ва қудӯр*** **Ê**

*Ä Ҷинниён барои Сулаймон ҳарчи мехост анҷом медоданд, меҳроб, тимсолҳо ва зарфҳои бисёр калонҳаҷм месохтанд.*[1]

Ва дар сураи Анбиё мефармояд:

***Ва минаш шаётӣни ман яғӯсӯна лаҳӯ ва яъмалӯна ъамалан дӯна золик Ê***

*Ä Бархе аз шаётин барои Сулаймон ғаввосӣ мекарданд ва корҳои ғайр аз он низ анҷом медоданд.*[2]

Худованд ин ду гурӯҳи ҷин ва инсро дар ҳидоят ба ислом ва фиристодани паёмбарон ба сӯи онон барои башорат, бимдодан ва омӯзиш, баробар донista аст, то ба Худои ягона имон оваранд, ҳеҷ касеро шарики ӯ насозанд ва ба паёмбарон, фариштагон, қиёмат ва машоҳиду мавоқифи он низ имон биоваранд.

Аммо аҳкоми исломӣ он чи, ки дар бораи одоби иҷтимоӣ монанди: ёрӣ расондан ба нотавонону ниёзмандони мӯъминон, тарки озори дигарон ва монанди онҳост, ҳар ду гурӯҳ дар он муштараканд. Аммо ибодатҳое монанди: намоз, рӯза, ҳаҷ ва дигар аҳкоми марбут ба ҷин, ночор бояд бо ҳолатҳои онон созгор бошад. Чунонки одамиён низ бархе бо бархе дигар дар аҳком ихтилоф доранд, монанди аҳкоми

---

[1] Сураи Сабо, ояи 13.

يَعْمَلُونَ لَهُ مَا يَشَاءُ مِن مَّحَارِيبَ وَتَمَاثِيلَ وَجِفَانٍ كَالْجَوَابِ وَقُدُورٍ ... {13}

[2] Сураи Анбиё, ояи 82.

وَمِنَ الشَّيَاطِينِ مَن يَغُوصُونَ لَهُ وَيَعْمَلُونَ عَمَلاً دُونَ ذَلِكَ ... {82}

хоси зану мард, бемору солим, мусофиру муқим ва амсоли он.

### Натиҷаи баҳс

Худованд фариштагонро офарид, то сипоҳиёни "*улуҳият* ва *рубубият*"-и ӯ бошанд. Чунонки худ дар оёти гузашта ва оёте, ки аз фариштагон[1] ёд шуд аз он хабар дода аст. Ба ин хотир ононро пеш аз дигарон офарида аст. Онон замоне, ки Арши Худо дар об буд, ҳомилони Арш буданд,[2] чунонки дар сураи Ҳуд фармуда аст:

> ***Ва ҳувал лазӣ халақас самовоти вал арза фӣ ситтати айёмин ва кона ъаршуҳу ъалал мои...*** **Ê**
>
> **Ä** *Ӯ Худое аст,* *ки осмонҳо ва Заминро дар шаш рӯз* **(***даврон***)** *офарид ва Арши ӯ бар об қарор дошт*...[3]

Ва низ Худои субҳон осмонҳоро бо ҳарчи дар даруну беруни онҳост офарид: фариштагоне, ки медонем ва онҳое, ки намедонем ва ҳарчи дар зери осмонҳо, каҳкашонҳо, ситорагон ва моҳу хуршедҳо, ки медонем ва онҳо, ки намедонем ва заминро бо он чи бар рӯи он аст. Ва ҳарчи дар дарун дорад аз обҳо, гиёҳон ва

---

[1] Ба моддаи "*малак*"-и Мӯъҷам муфаҳриси Қуръони карим муроҷиат шавад.

[2] Мурод аз *Арш*, маҳалли сипоҳиёни Худо, фариштагони коргузори улуҳият ва рубубият аст, ки ҷойгоҳи онон пеш аз офариниши осмонҳо ва Замин бар рӯи об будааст.

[3] Сураи Ҳуд, ояи 7.

وَهُوَ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ وَكَانَ عَرْشُهُ عَلَى الْمَاء ... {7}

маъданҳо, ки дар зиндагӣ муфид аст ва ҳарчи дар байни осмонҳо ва Замин аст аз газҳо ва ғайри он. Он чиро мешиносем ва онҳоро, ки намешиносем ҳамаи инҳо чизҳое аст, ки ин аснофи сегона яъне: ҳайвон, ҷин ва инсон дар зиндагӣ ниёзманди онҳоянд. Ҳайвонро пеш аз ҷин ва инс офарид, зеро ин ду синф дар зиндагӣ ба он ниёз доранд ва ҷинро низ пеш аз инсон офарид чунон, ки худ дар достони офариниши Одам(а) фармуда аст:

Баъд аз хилқати Одам(а) малоикаро, (ки Иблиси ҷиннӣ ҳам дар миёни онҳо буд), дастур дод то барои Одам саҷда кунанд, сипас инсонро баъд аз офариниши ҳамаи аснофи махлуқот офарид.

Инҳо ахбори аснофи чаҳоргонаи махлуқоти Худои субҳон буд, ки аз оёти Қуръони карим ва ривоёт ба муқтазои тартиби он истинбот кардем. Аммо анвои ҳидояти онҳо ба ин қарор аст:

Чун Худованди "*раббулъоламин*" фариштагон, ҷин ва инсро ақлу идрок бахшид, ҳидояти ононро ба ду гуна: *омӯзиши мустақим* ва *омӯзиши ғайримустақим*, қарор дод. Чунонки аз қавли фариштагон хабар дода аст, ки дар достони хилқати Одам гуфтанд: Муназзаҳӣ ту! Мо чизе ҷуз он чи ба мо ёд додаӣ намедонем! Ва дар бораи синфи инсон фармуд: (Асрори офариниш)-ро ба Одам ёд дод ва фармуд: ба инсон он чиро намедонист ёд дод.[1] Дар бораи ҷин дар достоне, ки аз худи онон

[1]Сураи Алақ, ояи 5.

عَلَّمَ الْإِنسَانَ مَا لَمْ يَعْلَمْ {5}

меоварад чунин аст: Онон Қуръонро ёд гирифта ба василаи он ҳидоят шуданд ва ин замоне буд, ки тиловати Қуръони каримро аз Расули Худо(с) шуниданд.

Аз он ҷо, ки Худои субҳон ва ҳамаи даввоб ва ҷунбандагонро андаке аз идрок бахшида аст, навъе ҳидоят барои ҳар як аз онҳо, бо илҳоми ғаризӣ аст. Чун соири махлуқот монанди ситорагон, сайёрот ва ҷимодот, ҳатто атомро чизе аз ҳаёт ва идрок надода аст, ҳидояти онҳо ҳидояти тасхирӣ аст, Ҳамон гуна ки шарҳи онро дар Қуръони карим баён фармуда аст.

Худованд низомеро, ки барои ҳидояти инсон қарор дода аст, ***Ислом*** номида ва мо ба ёрии Худо дар баҳсҳои оянда онро баррасӣ мекунем.

## ***Дин***

Лафзи "***дин***" дар шариати исломӣ ба ду маъно омадааст:

1-***Ҷазо***, зеро “*явмуддин*”, ки дар Қуръони карим омада аст, рӯзи ҷазо аст ва “*молики явмиддин*”[1] дар сураи Фотиҳа, яъне: молики рӯзи ҷазо.

***2-Шариати дарбардорандаи маънои итоат ва таслим***, ки бештарин корбурди дин дар шариати исломӣ ба ҳамин маъно аст. Монанди сухани Худои таоло дар достони Юсуф ва бародарони ӯ:

***Мо кона лийаъхуза ахоҳу фӣ дӣнил малик*** **Ê**

**Ä (***Юсуф***)** *Наметавонист бародаришро тибқи оини подшоҳ ва шариати ӯ бигирад.*[2] Дар сураи Бақара низ фармуда аст:

***Инналлоҳастафо лакумуд дӣна*** **Ê**

---

[1] Сураи Фотиҳа, ояи 4.

مَالِكِ يَوْمِ الدِّينِ {4}

[2] Сураи Юсуф, ояи 76.

... مَا كَانَ لِيَأْخُذَ أَخَاهُ فِي دِينِ الْمَلِكِ ... {76}

*Ä Худованд шариати ҳамроҳ бо итоат ва таслимро барои шумо баргузид.*[1]

## *Ислом ва мусулмон*

**Ислом**: таслими Худо будан ва сар ба фармони шариатҳо ва аҳкоми ӯ доштан аст.

Худои субҳон фармуд:

***Иннад дӣна ъиндаллоҳил Ислом Ê***

*Ä Дин дар назди Худо* ***Ислом*** *аст.*[2]

**Мусулмон**: касе аст, ки таслими Худо ва таслими дини ӯ бошад. Бино бар ин, ***Ислом*** дар замони Одам[(а)]: таслими Худо будан ва сар ба фармони шариати ӯ доштан аст ва мусулмони он замон касе буд, ки таслими Худо ва шариати нозил бар Одам[(а)] буда аст. Ин таслим будан, мутазаммини таслим будан дар баробари Одам[(а)], ки баргузидаи Худо ва ҳомили шариати асри худ буд, низ мебошад.

***Ислом*** дар замони Нӯҳ[(а)] низ таслими Худо будан, сар ба фармони шариати ӯ доштан ва пайравӣ аз Нӯҳ ба унвони паёмбари мурсали Худо ва имон ба шариати пешини Одам[(а)] буда аст. Мусулмон касе буд, ки ба ҳамаи он чи гуфта шуд имон дошта аст.

---

[1] Сураи Бақара, ояи 132.

... إِنَّ اللّهَ اصْطَفَى لَكُمُ الدِّينَ ... {132}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 19.

إِنَّ الدِّينَ عِندَ اللّهِ الإِسْلاَمُ ... {19}

***Ислом*** дар замони Иброҳим[а] низ, таслими Худо будан ва сар ба фармони шариати Нӯҳ доштан буд. Пайравӣ аз Иброҳим[а] ба унвони паёмбари мурсали Худо ва имон ба паёмбар ва анбиёи пешин то Одам[а] буда аст.

Дар асри Исо[а] ва Мӯсо[а] низ инчунин буда аст.

Ва низ дар замони Хотами Анбиё[с] ***Ислом*** ҳамон аст, ки дар гузашта буда ва ҳадди он иқрор ба забон, яъне гуфтани шаҳодатайн: ***Ашҳаду ан ло илоҳа иллалоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан расӯлуллоҳ*** мебошад.

Чунин иқрори забонӣ лозимааш он аст, ки: ҳеҷ як аз заруриёти дин, ақоид, аҳком ва нубуввати анбиёи пешин, ки дар Қуръони карим омада аст инкор нагардад. Яъне: он чи, ки мавриди иттифоқи ҳамаи мусулмонон аст ва онро аз ***Ислом*** медонанд набояд инкор шавад, монанди: воҷиб будани намоз, рӯза, ҳаҷ, ҳаром будани шаробхӯрӣ, гирифтани рибо ва издивоҷ бо касоне, ки ҳамбистарӣ бо онон манъ шуда аст ва амсоли он аз чизҳое, ки ҳамаи мусулмонон ҳукми онро медонанд, набояд мавриди инкор қарор гирад.

## *Мӯъмин ва мунофиқ*

### Нахуст: мӯъмин

Мӯъмин касе аст, ки шаҳодатайнро бар забон оварад, ба ақоиди ***Ислом*** имони қалбӣ дошта бошад, ба аҳкоми он амал намояд ва агар коре бар хилофи аҳкоми ***Ислом*** аз ӯ сар зад онро гуноҳ дониста, тавба ва

бозгашт ба сӯи Худо ва дархости омурзиш аз ӯро бар худ воҷиб шуморад.

Фарқи миёни мӯъмин ва муслим дар рӯзи қиёмат равшан мегардад ва дар дунё ҳар дуи онон шомили аҳкоми ***Ислом*** ва муслимин ҳастанд. Ба ин хотир аст, ки Худои субҳон дар сураи Ҳуҷурот фармуда аст:

> ***Қолатил аъробу оманно, қул лам туъминӯ валокин қӯлӯ асламно ва ламмо ядхулил имону фӣ қулӯбикум ...*** **Ê**
>
> **Ä***Бодиянишинон гуфтанд: имон овардаем, бигӯ: шумо имон наовардаед, вале бигӯед ислом овардаем ва ҳанӯз имон вориди қалби шумо нашуда аст!...*[1]

## Дуввум: мунофиқ

**А) Нифоқ дар луғат**:

*Нифоқ* дар луғат берун рафтан аст. *Нофақал ярбуъ*, яъне муш бо задани сар ба дари махфии хонаи худ аз сӯрох берун рафт. Ин ба он хотир аст, ки лонаи навъе мӯш, ки дастҳои кӯтоҳ ва пойҳои дароз дорад ҳамеша дорои ду дар аст: яке вурудии ошкор ва дигаре хуруҷии пинҳон. Ӯ дари хуруҷиро ба гунае моҳирона махфӣ нигоҳ медорад, то ҳар гоҳ душман аз дари даромад дохил шавад, бо кӯбидани сар ба он хориҷ шуда ва фирор намояд. Он вақт мегӯянд: "нофақал ярбуъ".

---

[1] Сураи Ҳуҷурот, ояи 14.
**قَالَتِ الْأَعْرَابُ آمَنَّا قُل لَّمْ تُؤْمِنُوا وَلَكِن قُولُوا أَسْلَمْنَا وَلَمَّا يَدْخُلِ الْإِيمَانُ فِي قُلُوبِكُمْ** {14} ...

## Б) Нифоқ дар истилоҳи исломӣ:

*Нифоқ* дар истилоҳи исломӣ амали зоҳирӣ ва куфри ботинӣ аст. *Нофақар раҷулу нифоқан*, яъне исломро ошкор ва ба он амал кард ва куфри худро пинҳон дошт, пас ӯ мунофиқ аст. Худои субҳон дар сураи Мунофиқун мефармояд:

***Изо ҷоакал мунофиқӯна қолӯ нашҳаду иннака ларасӯлуллоҳи, валлоҳу яъламу иннака ларасӯлуҳу, валлоҳу яшҳаду иннал мунофиқӣна лакозибӯн, иттахазӯ аймонаҳум ҷуннатан... Ê***

**Ä** *Ҳангоме ки мунофиқон назди ту оянд мегӯянд: мо шаҳодат медиҳем, ки ба ростӣ ту расули худоӣ, Худованд медонад, ки ту расули ӯ ҳастӣ, вале Худованд гувоҳӣ медиҳад, ки мунофиқон дурӯғгӯёнанд. Онон савгандҳояшонро сипар сохтаанд...*[1]

Яъне онон чунин савгандҳоро парда ва рӯпӯши хеш қарор медиҳанд, нифоқи худашонро бо ин қасамҳои дурӯғ пинҳон медоранд ва Худованд нодурустии гуфторашонро барои паёмбари Акрам(с) ошкор мекунад.

Дар сураи Нисо фармудааст:

---

[1] Сураи Мунофиқун, ояи 1 ва2.

إِذَا جَاءكَ الْمُنَافِقُونَ قَالُوا نَشْهَدُ إِنَّكَ لَرَسُولُ اللَّهِ وَاللَّهُ يَعْلَمُ إِنَّكَ لَرَسُولُهُ وَاللَّهُ يَشْهَدُ إِنَّ الْمُنَافِقِينَ لَكَاذِبُونَ {1} اتَّخَذُوا أَيْمَانَهُمْ جُنَّةً ... {2}

***Иннал мунофиқӣна юходиъӯналлоҳа ва ҳува ходиъуҳум ва изо қомӯ илас салоти қомӯ кусоло юроунан носа*** **Ê**

**Ä***Мунофиқон бо Худо найранг мекунанд, дар ҳоле ки ӯ ононро фиреб медиҳад ва ҳангоме ки ба намоз бармехезанд, бо танбалӣ бархоста ва дар баробари мардум риё мекунанд...*[1]

## Г) Ислом номест барои ҳамаи шариатҳо

Номи ***Ислом*** дар Қуръони карим дар бораи умматҳои гузашта низ омада аст. Худованд дар сураи Юнус[(а)] мефармояд: Нӯҳ[(а)] ба қавми худ гуфт:

***Фаин таваллайтум фамо саалтукум мин аҷрин, ин аҷрия илло ъалаллоҳи ва умирту ан акӯна минал муслимӣн*** **Ê**

**Ä***Агар аз даъвати ман рӯй гардонед, ман аз шумо подоше намехоҳам. Музди ман танҳо бар Худо аст! Ва ман дастур дорам, ки аз мусулмонон бошам.*[2]

Дар бораи Иброҳим[(а)] фармудааст:

---

[1] Сураи Нисо, ояи 142.

إِنَّ الْمُنَـافِقِينَ يُخَـادِعُونَ اللّـهَ وَهُـوَ خَـادِعُهُمْ وَإِذَا قَـامُواْ إِلَـى الصَّـلاَةِ قَـامُواْ كُسَـالَى يُرَآؤُونَ النَّاسَ ... {142}

[2] Сураи Юнус, ояи 72.

فَـإِن تَـوَلَّيْتُمْ فَمَـا سَـأَلْتُكُم مِّـنْ أَجْـرٍ إِنْ أَجْـرِيَ إِلاَّ عَلَـى اللّـهِ وَأُمِـرْتُ أَنْ أَكُـونَ مِـنَ الْمُسْلِمِينَ {72}

***1-Мо кона Иброҳиму яҳудийян ва ло насронийян валокин кона ҳанӣфан муслиман ва мо кона минал мушрикӣн Ê***

***Ä** Иброҳим на яҳуд буду на насронӣ, балки муваҳҳиде холис ва мусулмон буд ва ҳаргиз аз мушрикон набуд.*[1]

***2-Ва вассо биҳо Иброҳиму банӣҳи ва Яъқӯбу ё бунайя инналлоҳастафо лакумуд дӣна фа ло тамӯтунна илло ва антум муслимӯн Ê***

***Ä** Иброҳим ва Яъқуб, фарзандони худро (ба оини **Ислом**) супориш карданд ва гуфтанд: фарзандони ман, Худованд ин динро барои шумо интихоб намудааст ва шумо ҷуз ба ойини **Ислом** аз дунё наравед.*[2]

***3-Мо ҷаъала ъалайкум фид дӣни мин ҳараҷин миллата абӣкум Иброҳима ҳува саммокумул муслимӣна мин қаблу Ê***

***Ä** Худованд дар ин дин, ки дини падари шумо Иброҳим аст, ҳеҷ гуна сахтӣ ва тангное қарор надод. Ӯ шуморо дар гузашта мусулмон номид.*[3]

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 67.

مَا كَانَ إِبْرَاهِيمُ يَهُودِيّاً وَلاَ نَصْرَانِيّاً وَلَكِن كَانَ حَنِيفاً مُّسْلِماً وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {67}

[2] Сураи Бақара, ояи 132.

وَوَصَّى بِهَا إِبْرَاهِيمُ بَنِيهِ وَيَعْقُوبُ يَا بَنِيَّ إِنَّ اللّهَ اصْطَفَى لَكُمُ الدِّينَ فَلاَ تَمُوتُنَّ إَلاَّ وَأَنتُم مُّسْلِمُونَ {132}

[3] Сураи Ҳаҷ, ояи 78.

Дар сураи Зориёт дар бораи шаҳри қавми Лут фармуда аст:

***Фаахраҷно ман кона фӣҳо минал муъминин. Фамо ваҷадно фӣҳо ғайра байтин минал муслимӣн*** Ê

Ä*Мо мӯъминонеро, ки дар он шаҳр буданд берун бурдем, вале ҷуз як хонавода аз мусулмонон дар тамоми онҳо наёфтем.*[1]

Дар бораи Мӯсо(а) мефармояд: ӯ ба қавми худ гуфт:

***Ё қавми ин кунтум омантум биллоҳи фаъалайҳи таваккалӯ ин кунтум муслимӣн*** Ê

Ä*Эй қавми ман! Агар ба Худо имон овардаед, бар ӯ таваккул кунед, агар мусулмонед.*[2]

Дар сураи Аъроф сухани соҳирони Фиръавнро ёд мекунад, ки гуфтанд:

***Раббано африғ ъалайно сабран ва таваффано муслимӣн*** Ê

Ä*Парвардигоро! Сабр ва истиқоматро бар мо фурӯ рез ва моро мусулмон бимирон!*[1]

---

**... وَمَا جَعَلَ عَلَيْكُمْ فِي الدِّينِ مِنْ حَرَجٍ مِّلَّةَ أَبِيكُمْ إِبْرَاهِيمَ هُوَ سَمَّاكُمُ الْمُسْلِمينَ مِن قَبْلُ ...** {78}

[1] Сураи Зориёт, ояи 35 ва 36.

**فَأَخْرَجْنَا مَن كَانَ فِيهَا مِنَ الْمُؤْمِنِينَ** {35}

**فَمَا وَجَدْنَا فِيهَا غَيْرَ بَيْتٍ مِّنَ الْمُسْلِمِينَ** {36}

[2] Сураи Юнус, ояи 84.

**وَقَالَ مُوسَى يَا قَوْمِ إِن كُنتُمْ آمَنتُم بِاللّهِ فَعَلَيْهِ تَوَكَّلُواْ إِن كُنتُم مُّسْلِمِينَ** {84}

Дар сураи Юнус, дар достони Фиръавн мефармояд:

***Ҳатто изо адракаҳул ғарақу, қола оманту аннаҳу ло илоҳа иллал лазӣ оманат биҳӣ банӯ Исроила ва ано минал муслимӣн*** **Ê**

**Ä** *Ҳангоме ки ғарқоб ӯро дар худ кашид, гуфт: имон овардам, ки ҳеҷ маъбуде, ҷуз касе, ки бани Исроил ба ӯ имон оварданд, вуҷуд надорад ва ман аз мусулмонон ҳастам!*[2]

Дар бораи номаи Сулаймон ба маликаи Сабо ва сухани ӯ ба атрофиён дар сураи Намл омада аст:

***Иннаҳу мин Сулаймона ва иннаҳу бисмиллоҳир раҳмонир раҳӣм. Алло таълӯ ъалайя ва'тӯнӣ муслимӣн*** **Ê**

**Ä** *Ин нома аз Сулаймон аст ва чунин мебошад: ба номи худованди бахшандаи бахшоишгар. Нисбат ба ман бартариҷӯӣ накунед ва дар ҳоле ки мусулмонед ба сӯи ман биёед.*[3]

Ва дар ҳамин сура мефармояд:

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 126.

**... رَبَّنَا أَفْرِغْ عَلَيْنَا صَبْراً وَتَوَفَّنَا مُسْلِمِينَ** {126}

[2] Сураи Юнус, ояи 90.

**... حَتَّى إِذَا أَدْرَكَهُ الْغَرَقُ قَالَ آمَنتُ أَنَّهُ لا إِلِـهَ إِلاَّ الَّذِي آمَنَتْ بِهِ بَنُو إِسْرَائِيلَ وَأَنَاْ مِنَ الْمُسْلِمِينَ** {90}

[3] Сураи Намл, ояи 30-31.

**إِنَّهُ مِن سُلَيْمَانَ وَإِنَّهُ بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ** {30} **أَلَّا تَعْلُوا عَلَيَّ وَأْتُونِي مُسْلِمِينَ** {31}

***Ё айюҳал малау айюкум йаʼтӣнӣ биъаршиҳо қабла ан йаʼтӯнӣ муслимӣн* Ê**

***Ä** Эй бузургон! Кадом як аз шумо тахти ӯро барои ман меоварад, пеш аз он ки онон ислом оварда назди ман оянд?*[1]

Дар бораи ҳавориёни (ёрон) Исо[(а)] дар сураи Моида мефармояд:

***Ва из авҳайту илал ҳаворийина ан оминӯ бӣ ва бирасӯлӣ қолӯ оманно вашҳад бианнано муслимӯн* Ê**

***Ä** Ва замоне, ки ба ҳавориён ваҳй фиристодем, ки: ба ман ва ба фиристодаи ман имон ов箇ед! Онон гуфтанд: имон овардем ва гувоҳ бош, ки мо мусулмонем.*[2]

Дар сураи Оли Имрон мефармояд:

***Фаламмо аҳасса Ъӣсо минҳумул куфра, қола ман ансорӣ илаллоҳи, қолал ҳаворийюна наҳну ансоруллоҳи, оманно биллоҳи вашҳад бианно муслимӯн* Ê**

***Ä** Ҳангоме ки Исо[(а)] аз онон эҳсоси куфр кард, гуфт: ёварони ман ба сӯи Худо киҳо ҳастанд? Ҳавориён*

---

[1] Сураи Намл, ояи 38.

... يَا أَيُّهَا المَلَأُ أَيُّكُمْ يَأْتِينِي بِعَرْشِهَا قَبْلَ أَن يَأْتُونِي مُسْلِمِينَ {38}

[2] Сураи Моида, ояи 111.

وَإِذْ أَوْحَيْتُ إِلَى الْحَوَارِيِّينَ أَنْ آمِنُواْ بِي وَبِرَسُولِي قَالُوَاْ آمَنَّا وَاشْهَدْ بِأَنَّنَا مُسْلِمُونَ {111}

*гуфтанд: мо ёрони Худоем; ба Худо имон овардем; ва ту гувоҳ бош, ки мусулмонем!*[1]

Ин истилоҳ нисбат ба умматҳои гузашта мунҳасир ба Қуръони карим нест, дар дигар санадҳо ва ҳуҷҷатҳои исломӣ низ, дар мавориде аз зикри саргузашти онон омада аст. Масалан: Ибни Саъд ба санади худ аз Ибни Аббос оварда аст, ки ӯ пас аз ёдоварии берун омадани Нӯҳ аз киштӣ гуфта аст: "Падарони Нӯҳ то Одам(а) ҳамагӣ бар дини ***Ислом*** будаанд." Ва дар ривояти баъд аз он чунин аст: фосила миёни Одам ва Нӯҳ даҳ қарн тӯл кашид, ки ҳама бар дини ***Ислом*** буданд. Дар идомаи ривоят Ибни Аббос оварда аст: Ӯ дар бораи касоне, ки аз киштӣ берун омаданд ва дар шаҳр маскан гузиданд, гуфта аст: ҷамъияти онон фузунӣ ёфт ва ба сад ҳазор нафар расиданд, ки ҳамагӣ бар дини ***Ислом*** буданд.[2]

## Д) Таҳрифи шариатҳои гузашта ва таҳрифи номи онҳо

Умматҳот пешин ҳамон гуна, ки асли шариати раббулъоламинро таҳриф карданд, номи онро низ тағир доданд, зеро номгузории бархе адён ба номи

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 52.

فَلَمَّا أَحَسَّ عِيسَى مِنْهُمُ الْكُفْرَ قَالَ مَنْ أَنصَارِي إِلَى اللّـهِ قَالَ الْحَوَارِيُّونَ نَحْنُ أَنصَارُ اللّهِ آمَنَّا بِاللّهِ وَاشْهَدْ بِأَنَّا مُسْلِمُونَ {52}

[2] Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ.1, с. 18. Ибни Касир низ дар таърихи худ, ҷ. 1, с. 101 ривояти Ибни Аббосро оварда аст, ки: Ъашарату қурун куллуҳум ъалал ислом.

ғайри ислом, монанди: яҳудият ва насроният, худ таҳрифе аст дар номи дин, ки тавзеҳи он чунин аст:

### А) Номгузории яҳуд

Яҳуд, номе аст мансуб ба шаҳри Яҳудо дар кӯҳи Сеҳюн, дар ҷанубу ғарбии Иерусалим, (Байтулмуқаддас) ки Довуд(а) онро пойтахти ҳукумати хеш сохт ва бинои махсусе барои тобут,[1] ки Таврот ва соири мавориси бани Исроил дар он буд, бунёд ниҳод. Подшоҳони бани Исроил дар он ҷо мадфунанд.[2]

### Б) Номгузории насоро

Насронӣ номе аст мансуб ба шаҳри Носира дар минтақаи Алҷалил, ки Исои писари Марям(а) кӯдакии худро дар он ҷо сипарӣ карда аст. Он ҳазрат дар замони худ ба Исои Носирӣ машҳур буда аст. Шогирдони вай низ ба ин хотир маъруф ба Носирӣ[3] шуданд.

Масеҳият низ, мансуб ба Масеҳ, Исои писари Марям аст. Пайравони Масеҳ(а)-ро аз соли 41-мелодӣ масеҳиён номиданд ва бо ин лақаб қасди мазамммати ононро доштанд.[4]

---

[1] Сандуқе, ки дар он ашёи гаронбаҳо аз он ҷумла Таврот дар он нигаҳдорӣ мешуд.

[2] Қомуси китоби муқаддас, моддаи "яҳуд", "яҳудо" ва "сиҳюн".

[3] Ҳамон, моддаи "*носира*" ва "*носирӣ*".

[4] Ҳамон, моддаи "*масеҳ*" ва "*масеҳӣ*".

## В)-Таҳрифи шариат

Мо ба он сабаб, ки маърифат ва шинохти "улуҳият" ва "рубубият" пояе барои шинохти ақоид ва аҳкоми дин аст (дар баёни кайфияти таҳрифи шариати Мӯсо ва Исо[а] тавассути яҳуд ва насоро), танҳо ба баёни таҳрифи ақидаи "улуҳият ва рубубият" тавассути эшон басанда мекунем:

## А)- Таҳрифи шариати Мӯсо[а] тавассути яҳуд:

Он чи дар зер меояд, хулосае аз боби дуввум ва тамоми боби сеюми рисолаи “Пайдоиши Таврот” аст, ки аз асли иброни̣, калдони̣ ва юнони̣ ба форси̣ тарҷума ва дар соли 1932-и мелоди̣ дар Доруссалтанати Лондон ба чоп расида аст:

Парвардигори Холиқ боғеро дар Адан падид овард ва аз даруни он чаҳор рӯд ҷори̣ сохт, ки Фурот ва Ҷайҳун аз онҳоянд. Дар он боғ дарахтоне кошт ва дар миёни он, дарахти зиндаги̣ ва дарахти ташхиси хубу бадро шинонд ва Одамро дар он ҷой дод. Парвардигори Холиқ ба Одам супориш кард ва фармуд: аз ҳамаи дарахтони ин боғ ҳар чи̣ хоҳи̣ бихӯр, аммо аз дарахти ташхиси хубу бад нахӯр, зеро рӯзе, ки аз он бихӯри̣ ба сахти̣ мемири̣. Баъд аз он хоберо бар Одам чира кард ва яке аз дандонҳояшро баргирифт ва аз он Ҳавво - ҳамсари Одамро офарид. Одам ва Ҳавво ҳар ду урён буданд ва аз он шармгин намешуданд.

**Боби сеюм**

Ва мор аз ҳамаи ҳайвоноти саҳро, ки худованди Худо сохта буд ҳушёртар буд ва ба зан гуфт оё Худо ҳақиқатан гуфтааст, ки аз ҳамаи дарахтони боғ нахӯред. Зан ба мор гуфт аз меваи дарахтони боғ мехӯрем. Лекин аз меваи дарахте, ки дар васати боғ ҳаст, Худо гуфт аз он нахӯред ва онро ламс накунед мабодо бимиред. Мор ба зан гуфт ҳеҷ вақт нахоҳед мурд. Балки Худо медонад дар рӯзе, ки аз он бихӯред чашмони шумо боз шавад ва монанди Худо орифи неку бад хоҳед буд. Ва чун зан дид, ки он дарахт барои хӯрок некӯст, ба назар хушнамо ва дарахти дилпазири донишафзост, пас аз меваաш гирифта бихӯрд ва ба шавҳари худ низ дод ва ӯ хӯрд. Он гоҳ чашмони ҳар дуи онҳо боз шуд ва фаҳмиданд, ки урёнанд. Пас баргҳои анҷир ба ҳам дӯхта сатрҳо барои хештан сохтанд. Ва овози худованди худоро шуниданд, ки дар ҳангоми вазидани насими наҳор дар боғ мехиромид ва Одаму занаш хештанро аз ҳузури худовани худо дар миёни дарахтони боғ пинҳон карданд. Ва худованди худо Одамро нидо дод ва гуфт: куҷо ҳастӣ? Гуфт чун овози туро дар боғ шунидам тарсон гаштам, зеро ки урёнам, пас худро пинҳон кардам. Гуфт: кӣ туро огоҳонид, ки урёнӣ оё аз он дарахте, ки туро манъ кардам, ки аз он нахӯрӣ, хӯрдӣ? Одам гуфт: ин зане, ки қарини ман сохтӣ вай аз меваи дарахт ба ман дод, ки хӯрдам. Пас худованди худо ба зан гуфт: ин чӣ кор аст, ки кардӣ? Зан гуфт: мор маро иғво намуд, ки хӯрдам. Пас худованди худо ба мор гуфт: чун ки ин кор кардӣ аз тамоми ҳайвоноти хонагӣ ва аз ҳамаи ҳайвоноти саҳро малъунтар ҳастӣ, бар шикамат роҳ хоҳӣ рафт ва

тамоми айёми умрат хок хоҳӣ хӯрд. Ва адоват дар миёни ту ва зан ва дар миёни зуррияти ту ва зуррияти вай мегузорам. Ӯ сари туро хоҳад кӯбид ва ту пошнаи вайро хоҳӣ кӯбид. Ва ба зан гуфт: алам ва ҳамли туро (дарди таваллудатро) бисёр афзун гардонам, бо алам фарзандон хоҳӣ зоид ва иштиёқи ту ба шавҳарат хоҳад буд ва ӯ бар ту ҳукмронӣ хоҳад кард. Ва ба Одам гуфт: чунки сухани завҷаатро шунидӣ ва аз он дарахт хӯрдӣ, ки амр фармуда гуфтам, ки аз он нахӯрӣ, пас ба сабаи ту замин малъун шуд ва тамоми айёми умрат аз он бо ранҷ хоҳӣ хӯрд. Ва ба арақи пешониат нон хоҳӣ хӯрд, то замоне ки ба хок баргардӣ, ки аз он гирифта шудӣ. Зеро, ки ту хок ҳастӣ ва ба хок хоҳӣ баргашт. Ва Одам зани худро Ҳавво ном ниҳод, зеро ки ӯ модари ҳамаи зиндагон аст. Ва худованди худо рахтҳо барои Одам ва занаш аз пӯст бисохт ва эшонро пӯшонид. Ва худованди Худо гуфт: ҳамоно инсон мисли яке аз мо шудааст, ки орифи хубу бад гардидааст. Инак мабодо дасти худро дароз кунад ва аз дарахти ҳаёт низ гирифта бихӯрад ва то абад зинда монад. Пас худованди худо ӯро аз боғи Адан берун кард, то кори заминеро, ки аз он гирифта шуда буд, бикунад. Пас Одамро берун кард ва ба тарафи шарқии боғи Адан, Каррубиёнро маскан дод ва шамшери оташбореро, ки ба ҳар сӯ гардиш мекард то тариқи дарахти ҳаётро муҳофизат кунад.[1]

---

[1] Китоби Муқаддас, Аҳди Атиқ (Таврот), с. 4-5, тарҷумаи форсӣ аз ибронӣ, калдонӣ ва юнонӣ, чопи доруссалтанати Лондон, 1932 мелодӣ.

## Баррасии муҳтавои ин ду боб

Бинобар он чи гузашт, натиҷа ин мешавад, ки: Парвардигори холиқ ба махлуқи худ Одам дурӯғ гуфт. Зеро ба ӯ фармуд: агар аз дарахти ташхиси хайр ва шар бихӯрӣ, мемирӣ! Ва мор Ҳавворо аз ҳақиқати амр ва дурӯғи Худои холиқ огоҳ кард. Он ду аз дарахт хӯрданд ва чашмонашон кушода шуда бараҳнагии худро дарёфтанд. Ва чун овози Парвардигори холиқро, ки дар боғ сайр мекард шуниданд, пинҳон шуданд. Ва Худованд, ки ҷои ононро намедонист, Одамро садо зад ва фармуд: куҷоӣ? Одам ҳам пинҳон шудани худ ба сабаби бараҳнагиро ба Худо хабар дод ва Худованд чигунагии дарки ин маънӣ, аз Одам пурсид ва фармуд: оё аз он дарахт хӯрдаӣ? Одам аз ҳақиқати моҷаро хабар дод ва Худои холиқ бар Одам, Ҳавво ва мор хашм гирифт ва ононро ба замин бозгардонид ва ба хотири коре, ки карда буданд уқубат дод. Ва парвадигори холиқ чун дид, ки ин махлуқ ҳамонанди худи ӯ шиносои хайру шарр шуда аст тарсид, ки ба дарахти зиндагӣ даст дароз кунад ва аз он бихӯрад ва барои ҳамеша зинда бимонад. Ӯро аз боғи Адан берун кард ва бар сари роҳи дарахти зиндагӣ, посдороне аз Каррубин гузошт, то эшон ба он наздик нагарданд.

Ростиро, ки ин парвардигори холиқ чӣ қадар нотавон аст! (муназзаҳ аст Худо аз он чи ба ӯ нисбат медиҳад) Худое, ки метарсад махлуқи ӯ ҳамонандаш гардад ва ба ин хотир ҳамаи абзорҳоро барои боздоштани ӯ аз расидан ба дараҷаи худ ба кор мегирад. Ва чӣ дурӯғгӯю найрангбоз аст, ки бар зидди

махлуқи худ кор мекунад ва ба ӯ дурӯғ мегӯяд, дурӯғе, ки баъдан фош мегардад!

Ва чӣ ситамгар аст, ки морро ба хотири он, ки ҳақиқатро ба Ҳавво гуфт, уқубат мекунад! Ва мо надонистем мақсуди он аз ин сухан чист, ки гуфтааст: “Ин инсон монанди яке аз мо шуд!” Оё мурод ин аст, ки дар ин ҷо ғайр аз Парвардигори холиқи ягона худоён ва парвардигорони дигаре низ будаанд, ки ҷонишини ҷамъ (минно) оварда аст?

Ва дар поён мегӯем: асари чунин маърифат ва шинохте бар касе, ки ба дурустии Таврот мӯътақид аст, чӣ хоҳад буд? Ӯ ҳангоме ки дар Таврот мехонад: худои холиқи ҳастӣ дурӯғ мегӯяд, найранг мекунад ва ба хотири тарс аз инсон ӯро аз расидан ба дараҷаи камол бозмедорад, чӣ меандешад?! Ба ростӣ, ки муназзаҳ аст Худо ва бартар аст аз он чи ситамкорон ба ӯ нисбат медиҳанд, бартарии васфношуданӣ.

### Б) таҳрифи насоро

Он чи овардем аз муштаракоти яҳуд ва насоро буд. Насоро хусусияти дигаре ҳам доранд, ки он: *таҳриф дар ақидаи "улуҳият ва рубубият"* аст. Баёни он чунин аст:

### Таслис[1] назди насоро

Насоро гуфтанд: Масеҳ писари Худост ва Худо падари ӯ. Он ду бо Рӯҳулқудус яке мебошанд, ки ҳамон Худост. Пас Худои ягона се то аст: *Падар, Писар, Рӯҳулқудус*. Ин се: "Худо, Исо ва Рӯҳулқудус", яке

[1] Таслис: эътиқод ба худои сегона.

ҳастанд, ки ҳамон Худост. Се нафар яке аст ва яке сетост!

Худои субҳон дар сураи Моида фармуда аст:

*Онон ки гуфтанд: Худованд ҳамон Масеҳи писари Марям аст, ба яқин кофир шуданд, (бо ин ки худи ) Масеҳ гуфт: эй Бани Исроил! Худованди ягонаро, ки Парвардигори ман ва шумост бандагӣ кунед, зеро ҳар кас шарике барои Худо қарор диҳад, Худованд биҳиштро бар ӯ ҳаром карда ва ҷойгоҳи ӯ дӯзах аст ва ситамкоронро ёру ёваре нест. Онон, ки гуфтанд: Худованд яке аз се худост, (низ) ба яқин кофир шуданд, худое ҷуз Худои ягона вуҷуд надорад. Масеҳи фарзанди Марям, фақат фиристодае буд, ки пеш аз ӯ расулони дигаре буданд. Модари ӯ зани бисёр ростгӯ ва дурусткирдоре буд, ҳар ду таом мехӯрданд! Бингар чӣ гуна нишонаҳоро ба равшанӣ барои онон баён медорем! Сипас бингар чӣ гуна аз ҳақ бозгардонда мешаванд!*[1]

Дар сураи Нисо фармуда аст:

---

[1] Сураи Моида, ояи 72-73 ва 75.

لَقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَالُواْ إِنَّ اللّهَ هُوَ الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ وَقَالَ الْمَسِيحُ يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ اعْبُدُواْ اللّهَ رَبِّي وَرَبَّكُمْ إِنَّهُ مَن يُشْرِكْ بِاللّهِ فَقَدْ حَرَّمَ اللّهُ عَلَيهِ الْجَنَّةَ وَمَأْوَاهُ النَّارُ وَمَا لِلظَّالِمِينَ مِنْ أَنصَارٍ {72} لَّقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَالُواْ إِنَّ اللّهَ ثَالِثُ ثَلاَثَةٍ وَمَا مِنْ إِلَـهٍ إِلاَّ إِلَـهٌ وَاحِدٌ وَإِن لَّمْ يَنتَهُواْ عَمَّا يَقُولُونَ لَيَمَسَّنَّ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِنْهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ {73}

مَّا الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ إِلاَّ رَسُولٌ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِهِ الرُّسُلُ وَأُمُّهُ صِدِّيقَةٌ كَانَا يَأْكُلاَنِ الطَّعَامَ انظُرْ كَيْفَ نُبَيِّنُ لَهُمُ الآيَاتِ ثُمَّ انظُرْ أَنَّى يُؤْفَكُونَ {75}

***Ё аҳлал китоби ло тағлӯ фӣ дӣникум ва ло тақӯлу ъалаллоҳи иллал ҳаққа, инамал Масӣҳу Ъисабну Маряма расӯлуллоҳи ва калиматуҳу алқоҳо ило Маряма ва рӯҳун минҳу, фаоминӯ биллоҳи ва расӯлиҳи ва ло тақӯлу салосатун интаҳу хайран лакум, инамаллоҳу илоҳун воҳидун субҳонаҳу ан якӯна лаҳӯ валадун, лаҳӯ мо фис самовоти ва мо фил арзи ва кафо биллоҳи вакӣло*** **Ê**

**Ä** *Эй Аҳли китоб! Дар дини худ ғулув ва зиёдаравӣ накунед! Дар бораи Худо, ғайр аз ҳақ нагӯед! Масеҳ - Исо писари Марям фақат фиристодаи Худо ва Калимаи ӯст, ки ӯро ба Марям илқо намуд ва рӯҳе аз тарафи ӯ буд. Пас ба Худо ва паёмбарони ӯ имон оваред ва нагӯед: (Худованд) сегона аст! Аз ин сухан бозистед, ки барои шумо беҳтар аст! Худо, танҳо маъбуди ягона аст. Ӯ муназзаҳ аст, ки фарзанде дошта бошад. Ҳарчи дар осмонҳою Замин аст аз они ӯст, ва ҳамин бас, ки Худо тадбиргар бошад.*[1]

Ростиро, ки Худои субҳон дуруст фармуда аст ва таҳрифкунандагон дурӯғ гуфтаанд. Зоти ақдаси илоҳӣ аз он чи ситамкорон мегӯянд, бартар аст!

***

---

[1] Сураи Нисо, ояи 171.

**يَا أَهْلَ الْكِتَابِ لاَ تَغْلُواْ فِي دِينِكُمْ وَلاَ تَقُولُواْ عَلَى اللّهِ إِلاَّ الْحَقِّ إِنَّمَا الْمَسِيحُ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ رَسُولُ اللّهِ وَكَلِمَتُهُ أَلْقَاهَا إِلَى مَرْيَمَ وَرُوحٌ مِّنْهُ فَآمِنُواْ بِاللّهِ وَرُسُلِهِ وَلاَ تَقُولُواْ ثَلاَثَةٌ انتَهُواْ خَيْراً لَّكُمْ إِنَّمَا اللّهُ إِلَـهٌ وَاحِدٌ سُبْحَانَهُ أَن يَكُونَ لَهُ وَلَدٌ لَّهُ مَا فِي السَّمَاوَات وَمَا فِي الأَرْضِ وَكَفَى بِاللّهِ وَكِيلاً** {171}

Ҳоло, агар масъала чунон аст, ки баён доштем (ва дар воқеъ чунон аст) ва дини мақбул назди Худо фақат ***Ислом*** аст, номгузории дин ба ғайри ислом таҳриф аст ва яҳудияту насроният, дар исму расм, ҳар ду таҳриф шудаанд, пас ***Исломи*** саҳеҳ чист? Ва шариати ***Ислом*** кадом аст?

## Е) Ислом бо фитрати инсон созгор аст

Худои субҳон дар сураи Рум фармуда аст:

***Фаақим ваҷҳака лид дӣни ҳанӣфан фитраталлоҳил латӣ фатаранноса ъалайҳо ло табдӣла лихалқиллоҳи, золикад дӣнул қайййиму ва локинна аксаран носи ло яъламӯн*** **Ê**

**Ä***Пас, рӯи худро мутаваҷҷеҳи оини холиси парвардигор кун! Ин фитрате аст, ки Худованд инсонҳоро бар он офарида аст. Дигаргунӣ дар офариниши илоҳӣ нест. Ин аст дини устувор, вале бештари мардум намедонанд!*[1]

**Шарҳи вожаҳо**

***Ҳанӣфан:*** ҳанафа аз каҷӣ ба ростӣ шудан ва ҷанафа: аз ростӣ ба каҷӣ рафтан аст.

***Ҳанӣф:*** мухлис, касе, ки ба фармони Худо сар фуруд оварда ва ҳаргиз аз дини Худо мунҳариф нашуда аст.

---

[1] Сураи Рум, ояи 30.

**فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفاً فِطْرَةَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا لَا تَبْدِيلَ لِخَلْقِ اللَّهِ ذَلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ** {30}

***Фатара:*** ихтироъ кард. Фатараллоҳул ъолам, яъне Худованд ҷаҳонро ихтироъ ва эҷод кард.

Худованд пас аз он ки дар оёти қаблӣ гунаҳое аз инҳирофи гумроҳон аз роҳи исломро баршумурд ва ба аъмоли нек ишора фармуд, ин мавзӯъро ба унвони фаръӣ бар он афзуд ва фармуд: пас рӯи худро мутаваҷҷеҳи дин кун (дине, ки назди Худо ***Ислом*** аст)- ва аз каҷӣ, ростӣ ва эътидол, яъне ба ҳақ, таваҷҷӯҳ намо, ки рӯй овардан ба дини ***Ислом***, ба муқтазои фитрати инсонӣ аст. Фитрате, ки Худованд ӯро бар асоси он офарида аст ва дар офариниши илоҳӣ табдилу дигаргунӣ роҳ надорад. Ба ин сабаб дар дини ӯ ҳам, ки мутаносибу созгор бо фитрати одамӣ ҳаст, дигаргунӣ нахоҳад буд. Ҳамоҳангӣ бо фитрат далели равшани устуворӣ ва истеҳкоми ин дин аст, вале бештари мардумон намедонанд.

Ҳамаи ҷондорон дар ин бора ба монанди инсонанд ва мутаносиб бо фитрати худ ҳидоят мешаванд. Барои мисол: занбӯри асал бо фитрат ва ҳидояти ғаризие, ки Худованд дар ӯ ба амонат ниҳода аст, он чи аз шукуфаи гулҳоро, ки ба кори асал меояд, мемакад ва гоҳе ки бо фитрат ва ҳидояти ғаризиаш мухолифат мекунад ва чизҳои нобоб ва зиёновар мехӯрад, дар даромадгоҳи қуттии занбури асал ба воситаи нигаҳбон боздошт ва пора-пора мегардад.

Мурғ низ бо фитрат ва ҳидояти ғаризие, ки Худованд дар ӯ эҷод карда аст, донаҳо ва сабзиҳои покро бармечинад ва ҳар гоҳ аз ин ҳидояти ғаризии илоҳӣ сар печид ва мадфуъи наҷасро хӯрад, дар шариати ***Ислом***

"ҷаллола" номида шуда ва хӯрдани гӯшташ мамнӯъ мегардад, то он ки се рӯз аз донаҳои пок бихӯрад ва покиза шавад.

Оре, ҳукми Парвардигори оламиён нисбат ба ҳамаи офаридагон яксон аст. Онҳоро ҳидоят мекунад то ба корҳое, ки барояшон муфид аст иқдом намоянд ва аз корҳои зиёновар, ки ҳастиашонро дар хатар қарор медиҳад, дурӣ гузинанд. Чунонки нисбат ба инсон дар сураи Моида фармуда аст:

***Яс'алунака мозо уҳилла лаҳум қул уҳилла лакумут таййибот... Ê***

***Ä****Аз ту мепурсанд чӣ чизҳое барои онон ҳалол шуда аст**?** Бигӯ**:** ҳама покизаҳо барои шумо ҳалол гардида аст**.*[1]

Дар сураи Аъроф фармуда аст:

***Аллазӣна яттабиъӯнар расӯлан набиял уммиял лазӣ яҷидӯнаҳу мактӯбан ъиндаҳум фит Тавроти вал Инҷӣли, йа'муруҳум бил маърӯфи ва янҳоҳум ъанил мункари ва юҳиллу лаҳумут таййиботи ва юҳарриму ъалайҳимул хабоиса... Ê***

***Ä****Онон ки аз фиристодаи Худо**,** паёмбари уммӣ пайравӣ мекунанд; паёмбаре**,** ки сифоташро дар Тавроту Инҷиле**,** ки наздашон аст**,** мееёбанд**,** ки ононро ба маъруф дастур медиҳад ва аз мункар*

[1] Сураи Моида, ояи 4.

يَسْأَلُونَكَ مَاذَا أُحِلَّ لَهُمْ قُلْ أُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبَاتُ ... {4}

*бозмедорад! Покизаҳоро барои онон ҳалол ва нопокҳоро бар онон ҳаром мекунад...*[1]

Пас, милок дар аҳкоми исломӣ, суду зиёни инсон аст. Худованд нопокиҳоро ҳаром фармуда аст, чун барои инсон зиёнбор аст ва покизаҳоро ҳалол фармуда аст, чун барои ӯ муфид аст. Таидкунандаи ин сухан баёни Худои мутаол дар сураи Раъд аст, ки мефармояд:

***Фаммаз забаду фаязҳабу ҷуфоан ва аммо мо янфаъун носа фаямкусу фил арз*** **Ê**

**Ä***Аммо кафҳо дар канора нобуд мешаванд, вале он чи ба мардум суд расонад дар замин мемонад.*[2]

Ва дар сураи Ҳаҷ фармуда аст:

***Ва аззин фӣн носи бил ҳаҷҷӣ йаʼтӯка риҷолан ва ъало кулли зомирин йаʼтӣна мин кулли фаҷҷин ъамӣқ. Лияшҳадӯ манофиъа лаҳум*** **Ê**

**Ä***Мардумонро ба ҳаҷ фаро хон, то пиёдаю савора бар маркабҳои лоғар аз ҳар роҳи дуре ба сӯи ту оянд, то шоҳиди манфиатҳои хеш бошанд.*[3]

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 157.

**الَّذِينَ يَتَّبِعُونَ الرَّسُولَ النَّبِيَّ الأُمِّيَّ الَّذِي يَجِدُونَهُ مَكْتُوباً عِندَهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَالإِنْجِيلِ يَأْمُرُهُم بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَاهُمْ عَنِ الْمُنكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ الطَّيِّبَاتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَآئِثَ ...** {157}

[2] Сураи Раъд, ояи 17.

**... فَأَمَّا الزَّبَدُ فَيَذْهَبُ جُفَاء وَأَمَّا مَا يَنفَعُ النَّاسَ فَيَمْكُثُ فِي الأَرْضِ ...** {17}

[3] Сураи Ҳаҷ, ояи 27 ва 28.

**وَأَذِّن فِي النَّاسِ بِالْحَجِّ يَأْتُوكَ رِجَالاً وَعَلَى كُلِّ ضَامِرٍ يَأْتِينَ مِن كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٍ** {27}
**لِيَشْهَدُوا مَنَافِعَ لَهُمْ ...** {28}

Ва дар оёти пешини ҳамин сура фармуда аст:

***Ядъӯ мин дӯниллоҳи мо ло язурруҳу ва мо ло янфаъуҳу золика ҳуваз залолул баъӣд. Ядъӯ лиман зарруҳу ақрабу мин нафъиҳи...* Ê**

**Ä** *Бархе аз мардум ҷуз Худо касеро мехонанд, ки на зиёне ба ӯ мерасонанд ва на суде, ин ҳамон гумроҳии бисёр амиқ аст! Ӯ касеро мехонад, ки зиёнаш аз нафъаш наздиктар аст...*[1]

Парвардигори оламиён, он чиро ки барои инсон суду зиён дорад, вале зиёни он бештар бошад, онро низ ҳаром фармуда аст. Чунонки дар сураи Бақара мефармояд:

***Яс'алӯнака ъанил хамри вал майсари, қул фӣҳо исмун кабӣрун ва манофиъун линноси ва исмуҳо акбару мин нафъиҳимо...* Ê**

**Ä** *Аз ту дар бораи шароб ва қимор савол мекунанд, бигӯ: дар онҳо гуноҳ ва зиёни бузурге аст. Манфиате ҳам барои мардум дар бар дорад ва гуноҳи онҳо аз нафъашон бештар аст.*[2]

Ҳарчи доираи суду зиён густариш ёбад, ба пайравӣ аз он доираи ҳарому ҳалол низ, барои махлуқот бо таваҷҷӯҳ ба абъоди вуҷудии ҳар як, густариш меёбад.

---

[1] Сураи Ҳаҷ, ояи 12 ва13.

يَدْعُو مِن دُونِ اللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُ وَمَا لَا يَنفَعُهُ ذَٰلِكَ هُوَ الضَّلَالُ الْبَعِيدُ {12}
يَدْعُو لَمَن ضَرُّهُ أَقْرَبُ مِن نَّفْعِهِ ... {13}

[2] Сураи Бақара, ояи

يَسْأَلُونَكَ عَنِ الْخَمْرِ وَالْمَيْسِرِ قُلْ فِيهِمَا إِثْمٌ كَبِيرٌ وَمَنَافِعُ لِلنَّاسِ وَإِثْمُهُمَا أَكْبَرُ مِن نَّفْعِهِمَا {219}

Инсоне, ки абъоди вуҷудиаш густардатарин аст, риояти суду зиёнаш низ, ба муқтазои ҳикмат, бояд мутаносиб бо абъоди вуҷудиаш бошад. Барои мисол: инсон чун ҷисми моддӣ дорад, табиӣ аст, ки бархе чизҳо барои ҷисми ӯ зиёнбор ва бархе муфиданд. Аз ҳамин сабаб Худованд ҳам ҳар чиро барои ҷисми ӯ фоидаовар будааст, монанди хӯрдани покизаҳо, барои инсон ҳалол фармуд ва ҳар чиро, ки бар ҷисми ӯ зиён мерасонад, монанди хӯрдани палидиҳо, ҳаром гардонида аст.

Амсоли ин аҳком барои инсон аҳкоми фардӣ аст. Дар ҳар ҷо, ки бошад, чи дар ғорҳои кӯҳистон ё дар бешазори даштҳо ва чи дар ҷомеаи инсонӣ ва ё дар ситорагону сайёраҳои дигар.

Аммо чун Худои мутаол камоли зиндагии инсонро дар зиндагии иҷтимоӣ қарор дода аст, чизҳои дигаре монанди: доду гирифт ва тиҷоратро низ, ки суди иҷтимоӣ доранд, барои инсон ҳалол фармуда ва корҳое, ки ба ҷомеа зиён мерасонад, монанди: рибо ва қиморро, ҳаром карда аст.

Инсон дорои нафс аст (ва таҳзиби нафс аз заруриёти зиндагӣ аст) ва ҳаҷ, ки дар он таҳзиби нафс ва мушоҳидаи манофеи дигар аст, бар ӯ воҷиб намуда аст. Ҳар чиро, ки бар ҷомеа зарар оварад ҳаром фармуда ва инсонро ба он чи суди ҷомеа дар он аст иршод намуда аст. Дар сураи Ҳуҷурот мефармояд:

> *Мӯъминон бародари якдигаранд, пас миёни ду бародари худро ислоҳ кунед... Эй касоне, ки имон овардед, набояд гурӯҳе аз шумо гурӯҳи дигарро*

*масхара кунад, шояд онон аз инон беҳтар бошанд ва на заноне занони дигарро, шояд онон беҳтар аз инон бошанд. Якдигарро мавриди таъну айбҷӯӣ қарор надиҳед ва бо лақабҳои зишту нописанд ҳамдигарро ёд накунед. Бисёр бад аст, ки бар касе баъд аз имон номи бад ва куфромез бигзоред ва онон, ки тавба накунанд, золим ва ситамгаранд!*

*Эй мӯъминон! Аз гумонҳои бисёр бипарҳезед, чаро, ки баъзе аз гумонҳо гуноҳ аст; ва ҳаргиз ҷосусӣ накунед ва ҳеҷ яке аз шумо дигареро ғайбат накунед. Оё касе аз шумо дӯст дорад гӯшти мурдаи бародари худро бихӯрад?! Ҳамаи шумо инро намеписандед. Тақвои илоҳӣ пеша кунед, ки Худованд тавбапазир ва бахшоишгар аст.*[1]

Ин шаъни шариати исломӣ аст, ки бо фитрати инсонӣ дар ҳар замону маконе созгор аст. Аз ин сабаб дар Қуръони карим чунин меёбем, ки Худои мутаол намоз, рӯза ва закотро ҳамон гуна, ки бар мо фарз карда аст, бар умматҳои пешин ҳам воҷиб намуда, онро дар бораи Иброҳим, Лут, Исҳоқ ва Яъқуб дар сураи Анбиё баён медорад:

---

[1] Сураи Ҳуҷурот, ояи 10-12.
إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ فَأَصْلِحُوا بَيْنَ أَخَوَيْكُمْ ... {10} يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا يَسْخَرْ
قَومٌ مِّن قَوْمٍ عَسَى أَن يَكُونُوا خَيْراً مِّنْهُمْ وَلَا نِسَاء مِّن نِّسَاء عَسَى أَن يَكُنَّ خَيْراً
مِّنْهُنَّ وَلَا تَلْمِزُوا أَنفُسَكُمْ وَلَا تَنَابَزُوا بِالْأَلْقَابِ بِئْسَ الاِسْمُ الْفُسُوقُ بَعْدَ الْإِيمَانِ وَمَن لَّمْ
يَتُبْ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ {11} يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اجْتَنِبُوا كَثِيراً مِّنَ الظَّنِّ
إِنَّ بَعْضَ الظَّنِّ إِثْمٌ وَلَا تَجَسَّسُوا وَلَا يَغْتَب بَّعْضُكُم بَعْضاً أَيُحِبُّ أَحَدُكُمْ
أَن يَأْكُلَ لَحْمَ أَخِيهِ مَيْتاً فَكَرِهْتُمُوهُ وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ تَوَّابٌ رَّحِيمٌ {12}

***Ва ҷаъалноҳум аимматан яҳдӯна биамрино ва авҳайно илайҳим феълал хайроти ва иқомас салоти итоаз закоти...*** **Ê**

**Ä** *Онончро пешвоёне қарор додем, ки ба фармони мо ҳидоят мекарданд ва анҷоми корҳои нек ва барподоштани намоз ва адои закотро ба онон ваҳй кардем...*[1]

Дар сураи Марям аз ҳоли Исо(а) ҳикоят мекунад, ки гуфт:

***Ва авсонӣ биссалоти ваз закоти мо думту ҳайян.*** **Ê**

**Ä** *Худованд маро то зиндаам ба намозу закот супориш карда аст.*[2]

Ҳамчунин аз ҳоли Исмоили содиқулваъд хабар медиҳад ва мефармояд:

***Ва кона йа'муру аҳлаҳу биссалоти ваз закоти ва кона ъинда раббиҳи марзийё*** **Ê**

**Ä** *Ӯ ҳамеша хонаводаашро ба намозу закот фармон медод ва ҳамвора мавриди ризояти Парвардигораш буд.*[3]

---

[1] Сураи Анбиё, ояи 73.

وَجَعَلْنَاهُمْ أَئِمَّةً يَهْدُونَ بِأَمْرِنَا وَأَوْحَيْنَا إِلَيْهِمْ فِعْلَ الْخَيْرَاتِ وَإِقَامَ الصَّلَاةِ وَإِيتَاء الزَّكَاةِ ... {73}

[2] Сураи Марям, ояи 31.

... وَأَوْصَانِي بِالصَّلَاةِ وَالزَّكَاةِ مَا دُمْتُ حَيّاً {31}

[3] Сураи Марям , ояи 55.

Худои мутаол моро ба рӯза супориш карда, дар сураи Бақара фармуда аст:

***Ё айюҳал лазӣна оманӯ кутиба ъалайкумус сиёму камо кутиба ъалаллазӣна мин қабликум, лаъаллакум таттақӯн*** **Ê**

**Ä***Эй мӯъминон***!** *Рӯза бар шумо навишта шуд***,** *ҳамон гуна ки бар гузаштагони шумо навишта шуда буд то парҳезкор шавед***.**[1]

Ва моро аз "рибо" боз дошт, ҳамон гуна, ки умматҳои пешинро нигаҳ дошт. Дар сураи Нисо дар бораи Бани Исроил мефармояд:

***Ва ахзиҳимур рибо ва қад нуҳӯ ъанҳу...*** **Ê**

**Ä***Ва ба хотири рибо гирифтан***,** *дар ҳоле ки аз он наҳӣ шуда буданд***!...**[2]

Ва қасосро бар мо воҷиб фармуд, ҳамон гуна, ки бар гузаштагони пеш аз мо фарз кард. Чунонки дар сураи Моида аз Таврот хабар медиҳад ва мефармояд:

***Инно анзалнат Таврота фӣҳо ҳудан ва нӯрун, яҳкуму биҳан набийюнал лазӣна асламу лил лазӣна ҳодӯ... Ва катабно ъалайҳим фӣҳо аннан***

---

وَكَانَ يَأْمُرُ أَهْلَهُ بِالصَّلَاةِ وَالزَّكَاةِ وَكَانَ عِندَ رَبِّهِ مَرْضِيّاً {55}

[1] Сураи Бақара, ояи 183.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ
لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ {183}

[2] Сураи Нисо, ояи 161.

وَأَخْذِهِمُ الرِّبَا وَقَدْ نُهُواْ عَنْهُ ... {161}

***нафса биннафси вал ъайна бил ъайни вал анфа бил анфи вал узуна бил узуни вас синна бис синни вал ҷурӯҳа қисосун... Ê***

***Ä****Мо Тавротро нозил кардем, дар ҳоле ки дар он ҳидоят ва нур буд. Паёмбароне, ки дар баробари фармони Худо таслим буданд, бо он барои яҳуд ҳукм мекарданд... Ва барои онон дар Таврот муқаррар доштем, ки ҷон дар муқобили ҷон, чашм дар муқобили чашм, бинӣ дар муқобили бинӣ, гӯш дар муқобили гӯш ва дандон дар баробари дандон бошад. Ва ҳар захме қасосе дорад...*[1]

Ва ҳангоме ки Худованд дар сураи Бақара фармуд:

***Вал волидоту юрзиъна авлодаҳунна ҳавлайни комилайни, лиман арода ан ютиммар ризоъата... Ê***

***Ä****Ва модарон фарзандони худро ду соли тамом шир медиҳанд. Ин барои касе аст, ки бихоҳад даврони ширхорагиро комил кунад...*[2]

Ин барномаро низоме барои даврони кӯдакии инсон, аз аввалин кӯдаке, ки барои Одам ва Ҳавво зода шуд то охирини онҳо барои ҳамаи кӯдакон, дар ҳар сарзамине,

---

[1] Сураи Моида, ояи 44-45.

إِنَّا أَنزَلْنَا التَّوْرَاةَ فِيهَا هُدًى وَنُورٌ يَحْكُمُ بِهَا النَّبِيُّونَ الَّذِينَ أَسْلَمُواْ لِلَّذِينَ هَادُواْ ... {44} وَكَتَبْنَا عَلَيْهِمْ فِيهَا أَنَّ النَّفْسَ بِالنَّفْسِ وَالْعَيْنَ بِالْعَيْنِ وَالأَنفَ بِالأَنفِ وَالأُذُنَ بِالأُذُنِ وَالسِّنَّ بِالسِّنِّ وَالْجُرُوحَ قِصَاصٌ ... {45}

[2] Сураи Бақара, ояи 233.

وَالْوَالِدَاتُ يُرْضِعْنَ أَوْلاَدَهُنَّ حَوْلَيْنِ كَامِلَيْنِ لِمَنْ أَرَادَ أَن يُتِمَّ الرَّضَاعَةَ ... {233}

ки ба дунё оянд, қарор дод. Ин барнома ихтисос ба шариати хос ҳам надорад, зеро ин низом бо фитрати илоҳӣ, ки одамиёнро бар он офарид, мутаносибу созгор аст. Дигаргунӣ дар офариниши Худо роҳ надорад, ба ҳамин сабаб, дар дини Худо ҳам дигаргунӣ нахоҳад буд. Ин дин устувор аст, вале бештари мардум намедонанд.

Аммо ин ки чаро инсон бо аҳкоми илоҳӣ, ки бо фитрати ӯ созгор аст, мухолифат мекунад? Инро дар баҳси оянда ба ёрии Худои субҳон, пай мегирем:

## *Ж) инсон ва нафси аммораи биссӯъ*

Аз он чи гузашт донистем, ки ғайр аз мавҷудоте, ки ҳидояти тасхирӣ доранд, мавҷудоти ҷондор, гоҳе бо ҳидояти ғаризии Парвардигори азиз мухолифат мекунанд. Ин монанди мурғе аст, ки гоҳе ба ҷои хӯрдани сабза ва донаи пок, мадфӯъ мехӯрад ва ба хотири он бояд се рӯз ғизои покиза хӯрад то пок шавад.

Занбӯри асал ҳам, ки аз ширае гулҳо мемакад, гоҳе чизҳоеро мегирад, ки ба кори асал дар қуттӣ зарар мезанад. Аз ин сабаб нигаҳбонони канду (қуттӣ) ӯро ҳангоми даромадан нигаҳ дошта ва барои ҳифз, бақои насл ва идомаи зиндагии гурӯҳе, онро нобуд мекунанд.

Ҳоли башар низ чунин аст, зеро дар байни инсонҳо касоне ҳастанд, ки бо низоми ҳамоҳанг бо фитрати одамӣ ва ҳидояти илоҳии анбиёҳо мухолифат мекунанд, то аз ҳавои нафси хеш пайравӣ намоянд. Тавзеҳи он ин аст, ки: Худованди мутаол инсонро бар соири ҷондорон бартарӣ дода, ӯро нафси инсонӣ ато

фармуда аст. Нафсе, ки ҳеҷ кас ҷуз холиқи он абъоди вуҷудиашро намедонад. Аз хусусиятҳои нафси инсонӣ яке ақл аст, ки одамӣ ба василаи он ҳамаи ашёро ба хидмат мегирад, аз атом гирифта то дигар ашёе, ки ҳанӯз кашф нашуда аст. Худои субҳон дар васфи ин нафс дар сураи Шамс мефармояд:

***Ва нафсин ва мо саввоҳо. Фаалҳамаҳо фуҷӯраҳо ва тақвоҳо Ê***

*Ä Қасам ба ҷони одамӣ ва он кас, ки ӯро муназзам сохт, сипас фуҷур ва тақво ба ӯ илҳом кард.*[1]

## Шарҳи вожаҳо

***Нафс:*** нафс дар забони арабӣ чанд маъно дорад, ки аз он ҷумла:

**А)** Рӯҳе, ки сарчашмаи зиндагӣ аст ва агар аз ҷисм ҷудо шавад, марг ба суроғи ӯ меояд. Мегӯянд: нафси мӯҳтазар[2] берун рафт.

**Б)** Зот ва ҳақиқати чиз, мисли нафси инсон ва ҷин, яъне: ҳақиқати инсон ва ҳақиқати ҷин.

**В)** Айни ҳар чиз, чунонки дар мақоми таъкид гуфта мешавад: "ҷоа Муҳаммад нафсуҳу- Муҳаммад худаш назди ман омад.

**Г)** Он чизе ки ба ҷои қалб истеъмол мешавад ва бо он тамизу идрок ҳосил мегардад. Инсон ба воситаи нафс чизҳои атрофи худро эҳсос мекунад ва ҳангоми хоб ва

---

[1] Сураи Шамс, ояи 7-8.

وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا {7} فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا {8}

[2] Ҷоне, ки дар ҳоли берун рафтан аз бадан аст.

беҳушиаш аз ӯ канора мегирад. Ин ҳамон шуурест, ки инсонро мутаваҷҷеҳи рафтори хайру шар мекунад. Чуноне ки гуфта мешавад: нафсам ба ман фармон дод, нафсам чунин кори бадеро бароям орост. Мурод аз нафс дар ояи карима ҳамин маъно аст.

***Саввоҳо:*** офариниши онро такмил кард, то ба дараҷаи камоли омодагӣ барои пазириши ҳидоят расид.

***Фаалҳамаҳо фуҷӯраҳо ва тақвоҳо:*** яъне дар нафси ӯ эҳсосеро илқо кард, ки бо он байни гумроҳӣ ва ҳидоят фарқ мегузорад. Дар замони мо аз чунин шууре ба замир ва виҷдон таъбир мекунанд.

Аз хусусиятҳо ва рафтори ин нафс, изофа бар он чи, ки дар бораи ақли чудокунандаи хайру шарр ва поку нопок овардем, умуре аст, ки инсон ва ҳайвон дар он шариканд, монанди: муҳаббату ризо, майлу хоҳиш ва душманию нафрат. Инсон агар аз роҳнамоии ақл пайравӣ кунад ва бадиҳою палидиҳоро канор гузорад, подош мегирад. Ҳар гоҳ бо ҳукми ақл мухолифат намояд ва аз ҳавои нафс итоат кунад, уқубат мешавад. Чунонки Худои субҳон дар сураи Нозиот фармуда аст:

> ***Ва аммо ман хофа мақома раббиҳи ва наҳан нафса ъанил ҳаво. Фаиннал ҷанната ҳиял ма'во Ê***
>
> ***Ä****Ва ҳар касе,* *ки аз мақоми Парвардигораш тарсон бошад ва нафсро аз ҳаво нигаҳ дорад,* *яқинан биҳишт ҷойгоҳи ӯст.*[1]

---

[1] Сураи Нозиот, ояи 40-41.

***Фааммо ман таго. Ва осарал ҳаётат дунё. Фаиннал ҷаҳӣма ҳиял ма'во Ê***

*Ä Аммо он касе, ки туғён кард ва зиндагии дунёро муқаддам донист, ҳатман дӯзах ҷойгоҳи ӯст.*[1]

Худованд дар сураи Марям қавмеро чунин васф карда аст:

***Азоъус салота ваттабаъуш шаҳавот Ê***

*Ä Намозро зоеъ карданд ва аз шаҳватҳо пайравӣ намуданд.*[2]

Ҳамон гуна, ки дар даруни нафси инсонӣ ангезаҳои мутафовит ба монанди хайрхоҳӣ ва шарталабӣ, ки бо якдигар дар ҷидоланд, Худованд барои инсон дар беруни нафси ӯ низ ин дугонагиро эҷод карда аст. Гурӯҳе ӯро ба ҳидоят ва тарки ҳавои нафс фаро мехонанд, ки инҳо анбиё ва пайравони эшонанд. Ва гурӯҳе ӯро ба гумроҳӣ ва пайравии ҳавои нафс даъват мекунанд, ки онон шаётини ҷинну инс мебошанд.

Ин ду гурӯҳ ҳеҷ гуна фармонравоие бар инсон надоранд, балки ҳар як аз ин ду тоифа танҳо муҳтавои даъвати худ, яъне ҳидоят ва гумроҳиро зинат ва шарҳ медиҳанд. Чунонки Худои мутаол дар сураи Ҳиҷр аз

---

وَأَمَّا مَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِ وَنَهَى النَّفْسَ عَنِ الْهَوَى {40} فَإِنَّ الْجَنَّةَ هِيَ الْمَأْوَى {41}

[1] Сураи Нозиот , ояи 37-39.

فَأَمَّا مَن طَغَى {37} وَآثَرَ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا {38} فَإِنَّ الْجَحِيمَ هِيَ الْمَأْوَى {39}

[2] Сураи Марям, ояи 59.

... أَضَاعُوا الصَّلَاةَ وَاتَّبَعُوا الشَّهَوَاتِ فَسَوْفَ يَلْقَوْنَ غَيّاً {59}

шайтон ва гуфтори ӯ пас аз ронда шудан, хабар медиҳад, ки гуфт:

> ***Рабби бимо ағвайтанӣ лаузайййинанна лаҳум фил арз*** **Ê**
>
> **Ä** *Парвардигоро! Ҳоло, ки маро гумроҳ кардӣ, ман ашёи заминиро дар назари онон зинат медиҳам.*[1]

Ва дар сураи Иброҳим аз хитоби шайтон ба пайравонаш дар рӯзи қиёмат хабар медиҳад ва мефармояд:

> ***Ва қолаш шайтону ламмо қузиял амру, инналлоҳа ваъадакум ваъдал ҳаққи, ва ваъадтукум фаахлафтукум ва мо кона лия ъалайкум мин султонин илло ан даъавтукум фастаҷабтум лӣ фало талӯмӯнӣ ва лӯмӯ анфусакум...*** **Ê**
>
> **Ä** *Ва шайтон ҳангоме ки кор ба поён мерасад, мегӯяд: Худованд ба шумо ваъдаи ҳақ дод ва ман ҳам ба шумо ваъда додам ва ваъдашиканӣ кардам! Ман бар шумо тасаллуте надоштам, ҷуз ин ки шуморо даъват кардам ва шумо даъвати маро пазируфтед! Бино бар ин маро сарзаниш накунед, худатонро сарзаниш кунед!*[2]

---

[1] Сураи Ҳиҷр, ояи 39.

قَالَ رَبِّ بِمَا أَغْوَيْتَنِي لأُزَيِّنَنَّ لَهُمْ فِي الأَرْضِ ... {39}

[2] Сураи Иброҳим, ояи 22.

وَقَالَ الشَّيْطَانُ لَمَّا قُضِيَ الأَمْرُ إِنَّ اللّهَ وَعَدَكُمْ وَعْدَ الْحَقِّ وَوَعَدتُّكُمْ فَأَخْلَفْتُكُم وَمَا كَانَ لِيَ عَلَيْكُم مِّن سُلْطَانٍ إِلاَّ أَن دَعَوْتُكُمْ فَاسْتَجَبْتُمْ لِي فَلاَ تَلُومُونِي

Ҳоли паёмбарон бо мардум низ ин тавр аст, чунонки Худои субҳон хитоб ба Паёмбари Акрам(с) дар сураи Ғошия фармуда аст:

***Фазаккир иннамо анта музаккир. Ласта ъалайҳим бимусайтир* Ê**

***Ä** Пас тазаккур деҳ, ки ту фақат тазаккурдиҳандаӣ! Ту султагар ва маҷбуркунандаи онон нестӣ.*[1]

Ва дар сураи Балад фармуда аст:

***Ва ҳадайноҳун наҷдайн* Ê**

***Ä** Роҳи хайр ва шарро ба инсон нишон додем.*[2]

Ва дар сураи Инсон фармуда аст:

***Инно ҳадайноҳус сабӣла иммо шокиран ва иммо кафӯро* Ê**

***Ä** Мо роҳи ростро ба ӯ нишон додем, хоҳ шокир бошад ва хоҳ носипос!*[3]

Ва дар сураи Бақара фармуда аст:

---

وَلُومُواْ أَنفُسَكُم ... {22}

[1] Сураи Ғошия, ояи 21-22.

... فَذَكِّرْ إِنَّمَا أَنتَ مُذَكِّرٌ {21} لَّسْتَ عَلَيْهِم بِمُصَيْطِرٍ {22}

[2] Сураи Балад, ояи 10.

وَهَدَيْنَاهُ النَّجْدَيْنِ {10}

[3] Сураи Инсон, ояи 3.

إِنَّا هَدَيْنَاهُ السَّبِيلَ إِمَّا شَاكِراً وَإِمَّا كَفُوراً {3}

***Ло икроҳа фид дӣни, қад табайянар рушду минал ғаййи, фаман якфур биттоғӯти ва йу'мин биллоҳи, фақадистамсака бил ъурватил вусқо ланфисома лаҳо, валлоҳу самӣъун ъалӣм. Аллоҳу валийюл лазӣна оманӯ юхриҷуҳум миназ зулмоти илан нӯри, вал лазӣна кафарӯ авлиёуҳумут тоғӯту юхриҷӯнаҳум минан нӯри илаз зулумот, улоика асҳобун нори ҳум фӣҳо холидӯн* Ê**

**Ä** *Ҳеҷ икроҳе дар қабули дин нест. Роҳи рост аз гумроҳӣ равшан шуда аст. Бинобар ин, касе, ки ба тоғут кофир шавад ва ба Худо имон оварад, ба дастгираи маҳкаме чанг зада аст, ки гусастанӣ барои он нест. Ва Худованд шунаво ва доност. Худованд, валӣ ва сарпарасти касоне аст, ки имон овардаанд; ононро аз торикиҳо берун ва ба сӯи нур мебарад ва касоне, ки кофир шуданд, авлиёи онон тоғутҳо ҳастанд, ки ононро аз нур берун ва ба сӯи зулумот мебаранд. Онон аҳли оташанд ва ҳамеша дар он хоҳанд буд.*[1]

Ба ин сабаб инсон ҷавобгари рафтори хеш аст. Чунон, ки дар сураи Зилзол фармуда аст:

---

[1] Сураи Бақара, ояи 256-257.

لاَ إِكْرَاهَ فِي الدِّينِ قَد تَّبَيَّنَ الرُّشْدُ مِنَ الْغَيِّ فَمَنْ يَكْفُرْ بِالطَّاغُوتِ وَيُؤْمِن بِاللّهِ فَقَدِ اسْتَمْسَكَ بِالْعُرْوَةِ الْوُثْقَىَ لاَ انفِصَامَ لَهَا وَاللّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ {256} اللّهُ وَلِيُّ الَّذِينَ آمَنُواْ يُخْرِجُهُم مِّنَ الظُّلُمَاتِ إِلَى النُّوُرِ وَالَّذِينَ كَفَرُواْ أَوْلِيَآؤُهُمُ الطَّاغُوتُ يُخْرِجُونَهُم مِّنَ النُّورِ إِلَى الظُّلُمَاتِ أُوْلَـئِكَ أَصْحَابُ النَّارِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ {257}

***Фаман яъмал мисқола зарратин хайран яраҳ. Ва ман яъмал мисқола зарратин шарран яраҳ*** **Ê**

**Ä** *Пас, ҳар кас ба андозае кори нек анҷом диҳад онро мебинад! Ҳар кас ба андозаи заррае кори бад анҷом диҳад онро мушоҳида мекунад.*[1]

Инҳо корҳое аст, ки Худованд дар бораи инсон хабар дода аст ва ҷинниён дар он бо ӯ шариканд. Чунонки дар баҳси гурӯҳҳои махлуқот ба он ишора шуд, ки шарҳи он ба изни Худои мутаол дар баҳси оянда меояд:

### 3) Мушорикати ҷин ва инс дар шариати Ислом

Худои субҳон дар сураи Аҳқоф фармуда аст:

***Ва из сарафно илайка нафаран минал ҷинни ястамиъӯнал Қур'она фаламмо ҳазарӯҳу қолӯ анситу фаламмо қузия валлав ило қавмиҳим мунзирӣн. Қолӯ ё қавмано, инно самиъно китобан унзила мин баъди Мӯсо мусаддиқан лимо байна ядайҳи, яҳдӣ илал ҳаққи ва ило тариқин мустақӣм. Ё қавмано аҷибӯ доъияллоҳи ва оминӯ биҳи...*** **Ê**

**Ä** *Ва ҳангоме ки гурӯҳе аз ҷинро ба сӯи ту мутаваҷҷеҳ сохтем, ки Қуръонро бишнаванд, чун ҳузур ёфтанд ба якдигар гуфтанд: хомӯш бошед ва*

[1] Сураи Зилзол, ояи 7-8.

فَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ خَيْراً يَرَهُ {7} وَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ شَرّاً يَرَهُ {8}

*бишнавед! Ва замоне, ки поён гирифт, ба сӯи қавми худ бозгаштанд ва ононро бим доданд! Гуфтанд: эй қавми мо! Мо китоберо шунидем, ки баъд аз Мӯсо нозил шуда аст. Ҳамоҳанг бо нишонаҳои китобҳои пеш аз он аст, ки ба сӯи ҳақ ва роҳи рост ҳидоят мекунад. Эй қавми мо! Даъваткунандаи илоҳиро иҷобат кунед ва ба ӯ имон оваред...*[1]

Ва дар сураи Ҷин фармуда аст:

*Бигӯ: ба ман ваҳй шуда аст, ки ҷамъе аз ҷинниён ба суханонам гӯш фаро додаанд. Сипас гуфтаанд: мо Қуръони аҷибе шунидем, ки ба роҳи рост ҳидоят мекунад, пас ба он имон овардем ва ҳаргиз касеро шарики Парвардигорамон қарор намедиҳем!*

*Ва ин ки баланд аст мақоми боазамати Парвардигори мо ва ӯ ҳаргиз барои худ ҳамсару фарзанде интихоб накарда аст! Ва ин ки бехиради мо дар бораи Худованд суханони нораво мегуфт. Ва ин ки мо гумон мекардем, ки инсу ҷин ҳаргиз ба Худо дурӯғ намебанданд!*

*Ва ин ки мардоне аз башар ба мардоне аз ҷин паноҳ мебаранд ва онон сабаби афзоиши гумроҳӣ ва тугёнашон мешаванд! Ин ки онон гумон мекарданд*

---

[1] Сураи Аҳқоф, ояи 31-32.

وَإِذْ صَرَفْنَا إِلَيْكَ نَفَراً مِّنَ الْجِنِّ يَسْتَمِعُونَ الْقُرْآنَ فَلَمَّا حَضَرُوهُ قَالُوا أَنصِتُوا فَلَمَّا قُضِيَ وَلَّوْا إِلَى قَوْمِهِم مُّنذِرِينَ {29} قَالُوا يَا قَوْمَنَا إِنَّا سَمِعْنَا كِتَاباً أُنزِلَ مِن بَعْدِ مُوسَى مُصَدِّقاً لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ يَهْدِي إِلَى الْحَقِّ وَإِلَى طَرِيقٍ مُّسْتَقِيمٍ {30} يَا قَوْمَنَا أَجِيبُوا دَاعِيَ اللَّهِ وَآمِنُوا بِهِ ... {31}

*(ҳамон гуна, ки шумо гумон кардед) ки Худованд ҳаргиз касеро мабъус намекунад!*

*Ва ин ки мо осмонро ҷустуҷӯ кардем ва ҳамаро пур аз муҳофизони қавӣ ва тирҳои шаҳоб ёфтем. Ва ин ки мо пеш аз ин ба истироқи самъ дар осмонҳо менишастем, аммо акнун ҳар кас бихоҳад истироқи самъ кунад, шаҳоберо дар камини худ меёбад.*

*Ва ин ки мо намедонем оё иродаи шарре дар бораи аҳли Замин шуда аст ё Парвардигорашон хоста аст, ки ононро ҳидоят кунад?! Ва ин ки дар миёни мо афроди солеҳ ва афроди ғайри солеҳанд ва мо гурӯҳҳои гуногуне ҳастем! Ва ин ки мо яқин дорем ҳаргиз наметавонем бар иродаи Худованд дар Замин ғолиб шавем ва наметавонем аз зери қудрати ӯ бигрезем! Ва ин ки мо ҳангоме ки ҳидояти Қуръонро шунидем ба он имон овардем ва ҳар кас ба парвардигораш имон биёварад, на аз нуқсон метарсад ва на аз зулм! Ва ин ки гурӯҳе аз мо мусулмон ва гурӯҳе золиманд. Ҳар кас* ***Исломро*** *ихтиёр кунад роҳи ростро баргузида аст. Аммо золимон ҳезуми дӯзаханд!*

*Ва агар онон (ҷин ва инс) дар роҳи рост истиқомат варзанд, бо оби фаровон серобашон мекунем.*[1]

---

[1] Сураи Ҷин, ояи 1-16.

**قُلْ أُوحِيَ إِلَيَّ أَنَّهُ اسْتَمَعَ نَفَرٌ مِّنَ الْجِنِّ فَقَالُوا إِنَّا سَمِعْنَا قُرْآناً عَجَباً {1} يَهْدِي إِلَى الرُّشْدِ فَآمَنَّا بِهِ وَلَن نُّشْرِكَ بِرَبِّنَا أَحَداً {2} وَأَنَّهُ تَعَالَى جَدُّ رَبِّنَا مَا اتَّخَذَ صَاحِبَةً وَلَا وَلَداً {3} وَأَنَّهُ كَانَ يَقُولُ سَفِيهُنَا عَلَى اللَّهِ شَطَطاً {4} وَأَنَّا ظَنَنَّا أَن لَّن تَقُولَ**

Дар сураи Анъом фармуда аст:

*Ва дар он рӯз, ки ҳамаи ононро ҷамъ овард, мегӯяд: эй ҷамоати ҷинҳо! Шумо афроди зиёде аз инсонҳоро гумроҳ сохтаед! Дӯстони инсии онон мегӯянд: парвардигоро! Ҳар яке аз мо (ду гурӯҳ) аз дигаре истифода кардем ва ба саромаде, ки барои мо муқаррар дошта будӣ, расидем. Худованд мефармояд: оташ ҷойгоҳи шумост, ҳамеша дар он мемонед, магар он чи Худо бихоҳад. Парвардигори ту ҳаким ва доност.*

*Эй гурӯҳи ҷин ва инс! Оё расулоне аз худатон ба сӯи шумо наомаданд, ки оёти маро бароятон бозгӯ мекарданд ва шуморо аз мулоқоти чунин рӯзе бим медоданд?! Мегӯянд: мо бар зидди худамон гувоҳӣ медиҳем. Оре, зиндагии дунё ононро фиреб дод ва ба зиёни худ гувоҳӣ медиҳанд, ки кофир буданд!*[1]

---

الْإِنسُ وَالْجِنُّ عَلَى اللَّهِ كَذِباً {5} وَأَنَّهُ كَانَ رِجَالٌ مِّنَ الْإِنسِ يَعُوذُونَ بِرِجَالٍ مِّنَ
الْجِنِّ فَزَادُوهُمْ رَهَقاً {6} وَأَنَّهُمْ ظَنُّوا كَمَا ظَنَنتُمْ أَن لَّن يَبْعَثَ اللَّهُ أَحَداً {7} وَأَنَّا
لَمَسْنَا السَّمَاء فَوَجَدْنَاهَا مُلِئَتْ حَرَساً شَدِيداً وَشُهُباً {8} وَأَنَّا كُنَّا نَقْعُدُ مِنْهَا مَقَاعِدَ
لِلسَّمْعِ فَمَن يَسْتَمِعِ الْآنَ يَجِدْ لَهُ شِهَاباً رَّصَداً {9} وَأَنَّا لَا نَدْرِي أَشَرٌّ أُرِيدَ بِمَن فِي
الْأَرْضِ أَمْ أَرَادَ بِهِمْ رَبُّهُمْ رَشَداً {10} وَأَنَّا مِنَّا الصَّالِحُونَ وَمِنَّا دُونَ ذَلِكَ كُنَّا طَرَائِقَ
قِدَداً {11} وَأَنَّا ظَنَنَّا أَن لَّن نُّعجِزَ اللَّهَ فِي الْأَرْضِ وَلَن نُّعْجِزَهُ هَرَباً {12} وَأَنَّا لَمَّا
سَمِعْنَا الْهُدَى آمَنَّا بِهِ فَمَن يُؤْمِن بِرَبِّهِ فَلَا يَخَافُ بَخْساً وَلَا رَهَقاً {13} وَأَنَّا مِنَّا
الْمُسْلِمُونَ وَمِنَّا الْقَاسِطُونَ فَمَنْ أَسْلَمَ فَأُوْلَئِكَ تَحَرَّوْا رَشَداً {14} وَأَمَّا الْقَاسِطُونَ
فَكَانُوا لِجَهَنَّمَ حَطَباً {15} وَأَلَّوِ اسْتَقَامُوا عَلَى الطَّرِيقَةِ لَأَسْقَيْنَاهُم مَّاء غَدَقاً {16}

[1] Сураи Анъом, ояи 128 ва 130.

## Шарҳи вожаҳо

***Ҷадда:*** ҷадда дар ин ҷо ба маънои азамат ва ҷалол аст.

***Ғадақан:*** ғадақа ба маънои бисёр аст. *Ва ҳум фӣ ғадақин минал ъайш*, яъне: онон дар неъмат ва фаровонӣ ҳастанд.

## Тафсири оёт

Худованди мутаол, пас аз беъсати Хотами Анбиё(с) гурӯҳе аз ҷинниёнро дар масире қарор дод, то тиловати Қуръонро аз забони Расули Акрам(с) бишнаванд. Онон ҳангоми гӯш фаро додан ба якдигар гуфтанд: хомӯш бошед! Тиловати Расулуллоҳ, ки поён ёфт, ба сӯи қавми худ бозгаштанд ва ононро бим доданд ва гуфтанд: Эй қавми мо! Мо китоберо гӯш додем (яъне Қуръон), ки пас аз Мӯсо нозил шуда, китоби пешиниёнро тасдиқ мекунад ва ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Эй қавм! Даъваткунандаи илоҳиро иҷобат кунед ва ба ӯ имон оваред, ки мо ба ӯ имон овардем ва ҳеҷ касро шарики Парвардигори худ нахоҳем кард. Ба ростӣ Парвардигори мо бартар аст аз он ки ҳамсаре баргузинад ё фарзанде ихтиёр намояд.

---

وَيَوْمَ يِحْشُرُهُمْ جَمِيعاً يَا مَعْشَرَ الْجِنِّ قَدِ اسْتَكْثَرْتُم مِّنَ الإِنسِ وَقَالَ أَوْلِيَآؤُهُم مِّنَ الإِنسِ رَبَّنَا اسْتَمْتَعَ بَعْضُنَا بِبَعْضٍ وَبَلَغْنَا أَجَلَنَا الَّذِيَ أَجَّلْتَ لَنَا قَالَ النَّارُ مَثْوَاكُمْ خَالِدِينَ فِيهَا إِلاَّ مَا شَاء اللّهُ إِنَّ رَبَّكَ حَكِيمٌ عَلِيمٌ {128}
يَا مَعْشَرَ الْجِنِّ وَالإِنسِ أَلَمْ يَأْتِكُمْ رُسُلٌ مِّنكُمْ يَقُصُّونَ عَلَيْكُمْ آيَاتِي وَيُنذِرُونَكُمْ لِقَاء يَوْمِكُمْ هَـذَا قَالُواْ شَهِدْنَا عَلَى أَنفُسِنَا وَغَرَّتْهُمُ الْحَيَاةُ الدُّنْيَا وَشَهِدُواْ عَلَى أَنفُسِهِمْ أَنَّهُمْ كَانُواْ كَافِرِينَ {130}

Бархе аз мардони инс ҳамонанди шумо гумон мекарданд, ки Худованд ҳеҷ касро ба рисолат мабъус нахоҳад кард. Дар миёни мо ҷинниён афроди солеҳ ва ашхоси носолеҳ, ҳар ду вуҷуд доранд ва равишу рафтори мо мухталиф аст. Бархе аз мо мусулмонем ва бархе дигар золиму ситамгар ва аз ҳақ дурем. Ба ростӣ, ки мӯъминони ба Парвардигор, аз камбуду нуқсон дар ҳаққи худ ва ҷабру ситам бар хештан намеҳаросанд. Аммо ситамгарони ҳақгурез яқинан ҳезуми ҷаҳаннам хоҳанд буд ва дар он азоб мешаванд. Ин рӯз ҳамон рӯзе аст, ки Худованд ҳамаи ҷин ва инсро дар он гирд овард ва пас аз эътирофи гуноҳкорон ба гуноҳони худ ба онон мегӯяд: ин оташ ҷойгоҳи шумост, ҳамеша дар он хоҳед буд, магар он киро Худо бихоҳад ва хости ӯ талаб кунад ва мавриди раҳмати хеш қарор диҳад.

Худованд дар чунин рӯзе мефармояд: Эй гурӯҳи ҷин! Оё расулоне аз худатон ба сӯи шумо наомад, ки оёти маро бар шумо мехонданд ва аз мулоқоти ин рӯз шуморо бим медоданд? Пас онон бар зидди худ, ба куфри хештан шаҳодат медиҳанд.

Аз сухани ҷинниён, ки гуфтанд: "Мо китоберо гӯш додем, ки пас аз Мӯсо омада аст... Эй қавми мо! Даъваткунандаи илоҳиро иҷобат кунед."Аз ин суханон чунин натиҷа ба даст меояд, ки ҷинҳо дар ҳидоят ёфтан ба василаи китоби паёмбарони соҳибшариат бо инсонҳо шариканд. Шояд ин ки Худованд фармуда аст:

> ***Алам йаʼтикум расӯлун минкум яқуссӯна ъалайкум оётӣ ва янзурӯнакум лиқоа явмикум Ê***

**Ӓ** *Мурод ҳамон паёмбарони улулазм бошад***.**

## Тафсири оёт дар ривоёт

Дар Саҳеҳи Муслим ва ғайри он аз қавли Ибни Аббос овардаанд (мо иборати Муслимро меоварем), ки гуфт: Паёмбари Акрам(с) бо гурӯҳе аз ёронаш ба сӯи бозори Аккоз равона шуданд. Ин дар замоне буд, ки миёни шаётин ва ахбори осмонӣ фосила эҷод шуда буд ва ононро бо тири шаҳоб мезаданд. Шаётин назди қавми худ баргаштанд ва қавм ба онон гуфтанд: ба шумо чӣ шуда аст? Ҷавоб доданд: байни мо ва ахбори осмонӣ фосила шуда, тирҳои шаҳоб ба сӯи мо фиристода мешавад. Ба онон гуфтанд: ҳатман ҳодисаи муҳимме рух дода аст, ки шуморо аз хабарҳои осмонӣ нигаҳ доштаанд. Шарқу ғарби оламро бигардед, баррасӣ кунед ва бибинед чӣ чизе аст, ки байни шумо ва ахбори осмон монеъ шуда аст. Гурӯҳе аз онон, ки ба сӯи Таҳома рафта буданд мутаваҷҷеҳи Паёмбари Акрам шуданд, ки дар минтақаи Нахла, дар масири бозори Аккоз, бо ёронаш намози субҳ мехонданд. Ҳангоме ки Қуръонро шуниданд, ба он гӯш фаро доданд ва гуфтанд: ба Худо савганд, ин аст он чи, ки байни шумо ва ахбори осмон монеъ шуда аст. Пас ба сӯи қавми худ бозгаштанд ва гуфтанд: эй қавми мо! Мо Қуръони аҷиберо шунидем, ки ба роҳи рушд ҳидоят мекунад, пас мо ба он имон овардем ва ҳеҷ касро шарики Парвардигори худ қарор намедиҳем. Пас аз он Худованд ин оятро бар паёмбараш фиристод: Бигӯ: бар ман ваҳӣ шуда аст, ки гурӯҳе аз ҷинниён гӯш фаро

доданд. Он чи бар он ҳазрат ваҳй шуд, ҳамон гуфтори ҷинниён буд.[1]

Дар китоби Биҳоруланвор аз тафсири Алӣ ибни Иброҳими Қумӣ зери ояи каримаи: **“***Ё қавмано инно самиъно***...”** аз сураи Аҳқоф оварда, ки мегӯяд:

Сабаби нузули ин оя он буд, ки Расули Худо(с) аз Макка ба сӯи бозори Аккоз берун рафт ва дар ҳоле, ки Зайд ибни Ҳориса бо ӯ буд, мардумро ба ислом даъват кард. Вақте ки ҳеҷ кас даъваташро лаббайк нагуфт ва касеро наёфт то аз ӯ бипазирад, ба сӯи Макка баргашт. Ҳангоме ки ба маҳалле (ба номи водии Муҷанна) расид, дар нимаи шаб ба таҳаҷҷуд (намози шаб) бархост ва ба тиловати Қуръон пардохт. Дар ин ҳангом гурӯҳе аз ҷинниён аз назди ӯ гузаштанд ва бо шунидани қироати Расули Худо, ба он гӯш фаро доданд ва якдигарро ба сукут водоштанд. Ҳангоме ки Расули Худо тиловатро ба поён расонд, ба сӯи қавми худ баргаштанд ваононро бим доданд ва гуфтанд: эй қавми мо: мо китоберо шунидем, ки пас аз Мӯсо нозил шудааст, китобҳои пешинро тасдиқ мекунад ва ба сӯи ҳақ ва ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Эй қавми мо! Даъваткунандаи илоҳиро иҷобат кунед ва ба ӯ имон оваред... То он ҷо, ки мегӯяд: "Ин гурӯҳ дар гумроҳии ошкор ҳастанд." Пас аз он барои ошноӣ бо усул ва аҳкоми ***Ислом*** хидмати Расули Худо(с) расиданд ва изҳори ислом карданд ва имон оварданд. Расули Акрам(с) низ аҳкоми исломро ба онон таълим дод.

---

[1] Саҳеҳи Муслим, Китоби салот, боби: Алҷаҳр билқироат, ҳадиси 149 ва Саҳеҳи Бухорӣ, Китоби тафсир, тафсири сураи Ҷин, ҷ.3, с. 139.

Пас аз он, Худованд ин сурaро бар паёмбараш фиристод, ки: Бигӯ: ба ман ваҳй шуда аст, ки гурӯҳе аз ҷинниён гӯш фаро доданд..., то поёни сура, ки Худованд гуфторашонро бозгӯ карда аст. Расули Худо яке аз ононро барояшон сарпараст интихоб кард.[1]

## Натиҷаи баҳс

Ҷинниён дар дарёфти китобҳои илоҳӣ, мисли Таврот ва Қуръон, ҳамонанди инсонанд ва дар байни ҷинҳо касоне ёфт мешаванд, ки монанди инсонҳо ба дараҷаи бимдиҳандагони қавми худ мерасанд ва онон буданд, ки қавми худро аз вуҷуди Қуръон ва ин ки тасдиққунандаи китоби илоҳии пешин аст (бо тамоми маъное, ки дар калимаи тасдиқ аст ва бар дурустии Қуръон далолат мекунад) бохабар карданд. Дигар ин ки, дар ҷин низ ба монанди инс, мушрикон ба Парвардигори холиқ вуҷуд дорад ва аз сиёқи оёт ба даст меояд, ки ҷинниён мӯътақиданд Худованд фарзанд дорад. Ин ҳамон гуна аст, ки бархе аз инсонҳо мӯътақиданд Масеҳ писари Худост. Афроде аз ҷин ҳам, монанди мардоне аз инс гумон мекунанд, ки Худованд ҳеҷ паёмбаре нафиристода аст ва баъд аз ҳаёти дунявӣ, ҳашр ва ҳаёти дигаре нест.

Хулосаи калом ин ки: ҷинниён ба монанди инсонҳоянд. Дар байни онон мусулмонони мӯъмин ба Парвардигор ва кофирони золими нобакор, ҳар ду вуҷуд доранд. Аммо мӯъминон ба Парвардигорашон ва ба он чи ёд кардем, дар рӯзи қиёмат растагоронанд ва

[1] Биҳоруланвор, ҷ.63, с.81, ба нақл аз Тафсири Қумӣ, с.623-624.

аммо кофирони нобакор ба зудӣ дар оташи ҷаҳаннам азоб шуда ва ҳезум ва оташгираи ҷаҳаннам хоҳанд буд.

Ва низ, ҷин ва инсро дар ақоид муштарак мебинем. Бархе мушриканд ва қоил ба ин ки Худо фарзанд дорад, бархе аз онон душмани анбиёанд, бархе васвасагару иғвокунандаи дигаронанд ва дастае ҳам мусулмони мӯъмин ба Худо ва паёмбарон ва китобҳои ӯ ҳастанд. Ин ду гурӯҳ ҳамагӣ дар рӯзи қиёмат маҳшур ва ҳисобу китоб шуда, азоб мешаванд ё подош мегиранд. Ин ду синф дар ҳамаи маворид муштараканд, аммо кайфияти амали гурӯҳи ҷин ба аҳкоми ***Ислом*** ночор бояд ба гунае бошад, ки бо сохтмони вуҷудӣ ва фитрате, ки Худованд бар он эшонро халқ намуд, таносуб дошта бошанд.

Бино бар ин, ***Ислом*** ҳамон дини Худо ва шариати ӯ барои ҷин ва инс аст, ки ба воситаи паёмбарони соҳибшариат ва ҷонишинони эшон, ки пас аз онон омадаанд, онро ба ҷин ва инс расонида аст. Мо кайфияти онро дар баҳси оянда ба ёрии Худо баён медорем.

## *Набӣ, расул ва васӣ*

### А) Набӣ ва нубувват.

Нубувват дар луғат ба маънои баландӣ ва улувви мақом аст. Худованд дар сураи Оли Имрон мефармояд:

> ***Мо кона либашарин ан йу'тияҳуллоҳул китоба вал ҳукма ван нубуввата сумма яқӯла линноси кӯнӯ ъибодан лӣ, мин дӯниллоҳи... Ê***
>
> **Ä** *Барои ҳеҷ инсоне сазовор нест*, *ки Худованд ба вай китоби осмонӣ*, *ҳукм ва набуввaт диҳад*, *сипас ӯ ба мардум бигӯяд: ғайр аз Худо маро парастиш кунед*...[1]

Пас нубувват чойгоҳи хосе аст ва набӣ ба воситаи илме, ки Худо ба ӯ дода аст ва мақоми қурбе, ки барои ӯ арзонӣ дошта аст, бар дигарон бартарӣ ёфта аст.

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 79.

**مَا كَانَ لِبَشَرٍ أَن يُؤْتِيَهُ اللّهُ الْكِتَابَ وَالْحُكْمَ وَالنُّبُوَّةَ ثُمَّ يَقُولَ لِلنَّاسِ كُونُواْ عِبَاداً لِّي مِن دُونِ اللّهِ ...** {79}

Бино бар ин, набӣ касе аст, ки чунин манзалатеро дошта бошад. Ҳамин маъноро дар хитоби Худои мутаол бар Набии Акрам(с) дар сураи Аҳзоб мебинем, ки мефармояд:

***Ё айюҳан набию инно арсалнока шоҳидан ва мубашширан ва назӣро ва доъиян илаллоҳи биизниҳи ва сироҷан мунӣро*** **Ê**

**Ä***Эй Паёмбар! Мо туро гувоҳ фиристодем ва бошоратдиҳанда, тарсонанда, даъваткунанда ба сӯи Худо ба фармони ӯ ва чароғи равшангар.*[1]

Яъне: эй баландмартабаи воломақом, мо туро фиристодем то...

Ҳамчунин дар ояти дигари сураи Аҳзоб мефармояд:

***Аннабию авло билмуъминӣна мин анфусиҳим*** **Ê**

**Ä***Паёмбар нисбат ба мӯъминон аз худашон сазовортар аст.*[2]

Набӣ касе аст, ки ба ӯ ваҳй мешавад, чунонки Худои субҳон дар сураи Нисо фармуда аст:

***Инно авҳайно илайка камо авҳайно ило Нӯҳин ван набийийна мин баъдиҳи...*** **Ê**

---

[1] Сураи Аҳзоб, ояи 45 ва 46.

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ شَاهِداً وَمُبَشِّراً وَنَذِيراً {45} وَدَاعِياً إِلَى اللَّهِ بِإِذْنِهِ وَسِرَاجاً مُّنِيراً {46}

[2] Сураи Аҳзоб, ояи 6.

النَّبِيُّ أَوْلَى بِالْمُؤْمِنِينَ مِنْ أَنفُسِهِمْ ... {6}

> ***Ä****Мо ба сӯи ту ваҳй фиристодем****,*** *ҳамон гуна****,*** *ки ба сӯи Нӯҳ ва анбиёи баъд аз ӯ ваҳй кардем****...***[1]

Бино бар ин "*набӣ*" истилоҳе аст исломӣ ба маънои: инсоне, ки назди Худо мақоми волое дорад ва ба ӯ ваҳй мешавад. Парвардигори холиқ анбиёи воломақомро бармеангезад то расулоне башоратдиҳанда ва тарсонанда бошанд ва мардумро ҳидоят намоянд, чунонки дар сураи Бақара фармуда аст:

> ***Конан носу умматан воҳидатан фабаъасаллоҳун набиййина мубашширӣна ва мунзирӣна ва анзала маъаҳумул китоба... Ê***
>
> ***Ä****Мардумон ҳама уммати ягона буданд****.*** *Худованд анбиёро барангехт то башоратдиҳандаю тарсонанда бошанд ва бо онон китобро фиристод****...***[2]
>
> ***Ва анзала маъаҳумул китоб,*** *яъне: Парвардигори холиқ бо касоне аз анбиё****,*** *ки барангехта шудаанд китоб фиристод****,*** на он ки Худованд бо ҳар як аз анбиё китоберо ҳамроҳ карда бошад. Дигар он ки Парвардигори оламиён бархе аз анбиёро бар бархе дигар бартарӣ дода аст. Чунонки дар сураи Исро мефармояд:

---

[1] Сураи Нисо, ояи 163.

**إِنَّا أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ كَمَا أَوْحَيْنَا إِلَى نُوحٍ وَالنَّبِيِّينَ مِن بَعْدِهِ ...** {163}

[2]Сураи Бақара, ояи 213.

**كَانَ النَّاسُ أُمَّةً وَاحِدَةً فَبَعَثَ اللّهُ النَّبِيِّينَ مُبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ وَأَنزَلَ مَعَهُمُ الْكِتَابَ ...** {213}

***Валақад фаззално баъзан набиййина ъало баъзин*** Ê

Ä*Мо баъзе аз анбиёро бар баъзеи дигар бартарӣ додем*.[1]

Худованд ҳамчунин расулони худро аз миёни анбиё баргузида, ба сӯи мардум фиристода аст, чунонки меояд:

### Б) Расул

*Расул*: ҳомили рисолат. Ӯ василаи ҳидояти мардумон аз сӯи Парвардигори оламиён аст ва шарафи васотат миёни Офаридагор ва офарида, аз навъи башар, махсуси ӯст ва бо рисолати хос ба сӯи онон фиристода мешавад. Худованд ӯро аз миёни касоне, ки ба сӯяшон фиристода шуда ва бо забони онон сухан мегӯяд, бармегузинад. Чунонки дар сураи Иброҳим мефармояд:

***Ва мо арсално мин расӯлин илло билисони қавмиҳи лиюбаййина лаҳум...*** Ê

Ä*Мо ҳеҷ паёмбареро ҷуз ба забони қавмаш, нафиристодем то барои онон равшан кунад...*[2]

Дар сураҳои Аъроф ва Ҳуд мефармояд:

***Ва ило Ъодин ахоҳум Ҳӯдан*** Ê

---

[1] Сураи Исро, ояи 55.

... وَلَقَدْ فَضَّلْنَا بَعْضَ النَّبِيِّينَ عَلَى بَعْضٍ ... {55}

[2] Сураи Иброҳим, ояи 5.

وَ ما أَرْسَلْنا مِن رَّسُولٍ إلّا بِلِسانِ قومِهِ لِيُبَيِّنَ لَهُمْ ... {5}

*ÄВа ба сӯи қавми "Од" бародарашон "Ҳуд"-ро фиристодем.*[1]

Ва дар сураҳои Аъроф, Ҳуд ва Намл мефармояд:

***Ва ило Самӯда ахоҳум Солиҳан Ê***

*ÄБа сӯи қавми Самуд бародарашон Солеҳро фиристодем.*[2]

Ва дар сураи Аъроф ва Ҳуд ва Анкабут мефармояд:

***Ва ило Мадяна ахоҳум Шуъайбан Ê***

*ÄВа ба сӯи Мадян бародарашон Шуайбро фиристодем.*[3]

Ҳикмати чунин интихобе низ равшан аст, зеро Расули Худо дар қавми худ, бо хешовандонаш тақвият ва дар анҷоми таблиғ тавоно мегардад. Чунонки Худои мутаол дар сураи Ҳуд достони қавми Шуайбро овард, ки ба ӯ мегуфтанд:

***Ва лав ло раҳтука ларақамнока Ê***

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 65

وَإِلَى عَادٍ أَخَاهُمْ هُوداً ... {65}

[2] Сураи Ҳуд, ояи 61

وَإِلَى ثَمُودَ أَخَاهُمْ صَالِحاً ... {61}

ва сураи Намл, ояи 45.

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا إِلَى ثَمُودَ أَخَاهُمْ صَالِحاً ... {45}

[3] Сураи Анкабут, ояи 36.

وَإِلَى مَدْيَنَ أَخَاهُمْ شُعَيْباً ... {36}

*ÄАгар хешовандонат набуданд, туро сангсор мекардем.*[1]

Худованд паёмбаронро барои ҳидояти мардумон ва итмоми ҳуҷҷат бар онон мефиристад, чунонки дар сураи Нисо фармуда аст:

***Ва расӯлан мубашширӣна ва мунзирӣна лиалло якӯна линноси ъалаллоҳи ҳуҷатун баъдар русули*** Ê

*ÄРасулоне, ки башоратдиҳанда ва тарсонанда буданд, то баъд аз ин паёмбарон, мардумонро бар Худо ҳуҷҷате намонд.*[2]

Ва дар сураи Исро мефармояд:

***Ва мо кунно муъазибӣна ҳатто набъаса расӯло*** Ê

*ÄВа мо ҳаргиз муҷозот нахоҳем кард, магар он ки паёбаре барангехта бошем.*[3]

Дар сураи Юнус мефармояд:

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 91.

... وَلَوْلاَ رَهْطُكَ لَرَجَمْنَاكَ ... {91}

[2] Сураи Нисо, ояи 165.

رُسُلاً مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلاَّ يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى اللّهِ حُجَّةٌ بَعْدَ الرُّسُلِ ... {165}

[3] Сураи Исро, ояи 15.

... وَمَا كُنَّا مُعَذِّبِينَ حَتَّى نَبْعَثَ رَسُولاً {15}

***Ва ликулли умматин расӯлун фаизо ҷоа расӯлуҳум қузия байнаҳум бил қисти ва ҳум ло юзламӯн*** **Ê**

***Ä*** *Ва барои ҳар уммате паёмбаре хоҳад буд. Ҳар гоҳ паёмбарашон биёяд, дар байни онон ба адлу дод ҳукм мешавад ва онон мавриди ситам қарор намегиранд.*[1]

Умматҳое, ки паёмбарро нофармонӣ мекунанд, сазовори азоби дунё ва охират мегарданд. Чунонки Худованд аз Фиръавн ва умматҳои пеш аз он хабар дода ва дар сураи Ҳоққа фармуда аст:

***Фаъасав расӯла раббиҳим фаахазаҳум ахзатан робиятан*** **Ê**

***Ä*** *Онон фиристодаи Парвардигорашонро нофармонӣ карданд, Худованд ҳам эшонро ба азоби шадиде гирифтор сохт.*[2]

Нофармонии паёмбар айни нофармонии Худост, чунонки дар сураи Ҷин мефармояд:

***Ва ман яъсиллоҳа ва расӯлаҳу фаинна лаҳӯ нора ҷаҳаннама холидӣна фӣҳо абадо*** **Ê**

***Ä*** *Ва ҳар касе Худо ва расули ӯро нофармонӣ кунад, оташи дӯзах аз они ӯст ва ҳамеша дар он хоҳад буд.*[1]

---

[1] Сураи Юнус, ояи 47.

وَلِكُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولٌ فَإِذَا جَاء رَسُولُهُمْ قُضِيَ بَيْنَهُم بِالْقِسْطِ وَهُمْ لاَ يُظْلَمُونَ {47}

[2] Сураи Ҳоққа, ояи 10.

فَعَصَوْا رَسُولَ رَبِّهِمْ فَأَخَذَهُمْ أَخْذَةً رَّابِيَةً {10}

Худованд расулонро аз миёни анбиё баргузид ва ҳамеша теъдоди паёмбарон аз теъдоди анбиё камтар аст, чунонки дар ривояти Абӯзар омада аст, ки гуфт:

> ...*Гуфтам: эй Расули Худо теъдоди анбиё чанд аст***?** *Фармуд***:** *яксаду бисту чаҳор ҳазор нафар***.** *Расулон аз ин ҷамъ***:** *сесаду понздаҳ нафаранд***,** *маҷмӯи онон ҳамин аст***.**[2]

Бино бар он чи овардем, ҳар расуле набӣ аст, вале ҳар набӣ расул нест. Чунонки "Ясаъ" расул набуд, вале набӣ ва васии Мӯсои Калим буд. Бархе аз паёмбарон бо шариате, ки меоваранд, баъзе аз маносики шариати собиқро насх мекунанд. Чунонки шариати Мӯсо(а) бо шариатҳои пеш аз худ чунин нисбате дошт. Бархе аз паёмбарон ҳам шариате меоваранд, ки комилкунанда ва азнавкунандаи шариати собиқ аст, чунонки шариати Хотами Анбиё(с) нисбат ба оини ҳанифи Иброҳими Халил(а) чунин буд.

Худованд дар сураи Наҳл мефармояд:

> ***Сумма авҳайно илайка аниттабиъ миллата Иброҳима ҳанӣфан... Ê***
>
> **Ä***Сипас ба сӯи ту ваҳӣ фиристодем***,** *ки аз оини холиси Иброҳим пайравӣ кун***...**[3]

---

[1]Сураи Ҷин, ояи 23.

... وَمَن يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَإِنَّ لَهُ نَارَ جَهَنَّمَ خَالِدِينَ فِيهَا أَبَداً {23}

[2] Муснади Аҳмад, ҷ.5, 265-266; Маониюлахбори Садуқ бо шарҳи бештар, с.322; Хисоли Садуқ, чопи Мактабатус Садуқ, ҷ.2, с. 523; Биҳоруланвор, ҷ.11, с.32, ҳадиси 24. Иборати ҳадисро аз Муснади Аҳмад овардем.

[3]Сураи Наҳл, ояи 123.

Дар сураи Моида мефармояд:

***Алявма акмалту лакум дӣнакум ва атмамту ъалайкум ниъмати ва разийту лакумул Ислома дӣно Ê***

***Ä** Имрӯз дини шуморо комил кардам, неъмати худро бар шумо тамом намудам ва **Исломро** ба унвони оини шумо писандидам.*[1]

Дар баҳси оянда ахбори ҷонишинони анбиёро пай мегирем:

## В) Васӣ ва васият

*Васӣ* дар китоб ва суннат инсоне аст, ки шахси дигаре ба ӯ васият мекунад, то пас аз маргаш ба корҳое, ки мавриди таваҷҷӯҳи ӯст, иқдом намояд. Чӣ бо ин лафз ва иборат бошад, ки: *ба ту васият мекунам, ки баъд аз ман чунин кунӣ*, ё: бо ин лафз, ки: *бо ту аҳд мебандам ва бар ӯҳдаи ту мегузорам, ки баъд аз ман чунин ва чунон намоӣ*, фарқе надорад. Ҳамон гуна, ки дар огоҳ намудани дигарон дар бораи васият низ, ишора ба лафзи васӣ ва васият, ё ғайри он, фарқе надорад ва агар бигӯяд: *фалонӣ баъд аз ман васии ман аст*, ё бигӯяд: *фалонӣ баъд аз ман чунин ва чунон мекунад* ва ё ҳар иборате, ки бар васият далолат мекунад, басанда аст.

---

ثُمَّ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ أَنِ اتَّبِعْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً ... {123}

[1] Сураи Моида, ояи 3.

... الْيَوْمَ أَكْمَلْتُ لَكُمْ دِينَكُمْ وَأَتْمَمْتُ عَلَيْكُمْ نِعْمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ الإِسْلاَمَ دِيناً ... {3}

*Васии набӣ* низ, инсоне аст, ки паёмбар бо ӯ аҳд баста аст то пас аз маргаш, кори шариат ва уммати ӯро бар ӯҳда гирад ва ба анҷом расонад.[1]

Аз ҷумла ахбори васиёни анбиё, ки ба мо расида аст, хабаре аст, ки Табарӣ аз ибни Аббос оварда аст. Фишурдаи он чунин аст:

Ҳавво барои Одам[(а)] *Ҳибатуллоҳро*, ки номи ибриаш Шис мешавад ба дунё овард ва Одам[(а)] ӯро васии худ қарор дод. Шис низ фарзанде ба номи *Анӯш* дошт, ки ҳангоми бемори ӯро васии худ қарор дод ва аз дунё рафт. Сипас фарзандони Анӯш, Қайнон[2] ва дигарон ба дунё омадаанд, ки васии падар *Қайнон* шуд. Аз Қайнон ҳам Ярд ва гурӯҳи дигаре ба дунё омаданд, ки васият бар зиммаи *Ярд* қарор гирифт. Аз Ярд низ, Ухнух,[3] ки ҳамон Идрис бошад бо дигар фарзандон ба дунё омаданд ва *Идрис* васии падараш шуд. Аз Идрис низ *Матушалах* ва теъдоди дигаре ба дунё омаданд, ки васият бар ӯҳдаи ӯ қарор гирифт.

Ибни Саъд дар Табақот, дар бораи Идриси набӣ аз Ибни Аббос оварда аст, ки гуфт: аввалин паёмбаре, ки баъд аз Одам барангехта шуд, Идрис буд. Ӯ Ухнух ибни Ярд аст... Аз Ухунух низ Матушалах ва теъдоди дигар ба дунё омаданд ва васият бар ӯҳдаи ӯ қарор гирифт. Аз Матушалах низ Ламак ва гурӯҳи дигар зода шуданд

---

[1] Шарҳи бештарро дар китоби “Фарҳанги ду мактаб дар Ислом”, ҷилди аввал, баҳси “Истилоҳи васӣ” меёбед.

[2] Ин ном ду хел хонда мешавад: Қайнон ва Қинон, ки аввалӣ дар Таърихи Табарӣ зикр шуда аст.

[3] Ахнух, Ханух ва Хунух низ гуфта шуда аст.

ва ӯ васии падараш шуд. Аз Ламак низ Нӯҳ ба дунё омад.[1]

Масъудӣ дар "Ахборуззамон" ривояте оварда аст, ки фишурдаи он чунин аст: Худои субҳон ҳангоме ки хост Одамро қабзи рӯҳ кунад, ба ӯ дастур дод, ки фарзандаш Шисро васии худ қарор диҳад ва ҳама улумеро, ки ба вай дода шуда аст ба ӯ биомӯзад ва ӯ чунин кард. Ва гуфта аст: Шис пас аз он ки Суҳуфро ба фарзандаш Қайнон омӯзиш дод, хубиҳои замин ва захираҳои онро барояш баён кард. Ӯро васии худ сохт ва ба иқомаи намоз, додани закот, гузоридани ҳаҷ ва ҷиҳод бо фарзандони Қобил фармон дод. Ӯ фармони падарро ба анҷом расонид ва дар синни ҳафтсаду бистсолагӣ аз дунё рафт.

Қайнон фарзанди худ Маҳлоилро васии худ сохт ва ӯро ба он чи худ супориш шуда буд, супориш кард. Умри Маҳлоил ҳаштсаду ҳафтоду панҷ сол буд. Ӯ ҳам ба фарзандаш Баворад васият кард ва Суҳуфро ба вай омӯхт. Ӯро аз захираҳои замин ва ҳаводиси оянда огоҳ кард ва китоби “Сирри малакут”-ро ба ӯ супурд, китобе, ки Маҳлоили малак ба Одам[(а)] омӯхта буд ва онро сарбаста ва бидуни нигоҳ дар он, аз якдигар ба ирс мебурданд. Аз Баворид фарзандаш Хунух ба дунё омад. Вай ҳамон Идриси набӣ[(а)] аст, ки Худои мутаол ӯро мартабаи воло дод. Ӯро аз он рӯ Идрис гуфтаанд,

---

[1]Таърихи Табарӣ, чопи Аврупо, ҷ.1, с.153-165 ва 166; Таърихи Ибни Асир, ҷ.1, с.19-20. Дар бораи Шис ибни Одам, Табақоти Ибни Саъд, ҷ.1, с.16. Ибни Касир дар Таърихи худ хабари васияти Одам ба фарзандаш Шисро оварда аст.

ки китоби Худои азза ва ҷалла ва суннатҳои диниро бисёр хонда ва пайравӣ мекард. Худои субҳон сӣ адад саҳифаро бар ӯ нозил кард, ки бо онҳо саҳифаҳои нозила дар он замон комил шуд. Баворид писараш Хунух[1] (Идрис)-ро васии худ қарор дод ва васияти падарашро дар ихтиёри ӯ гузошт ва улумеро, ки наздаш буд ба вай омӯхт ва "Мусҳафи Сиррӣ"-ро ба ӯ супурд ва...

Яъқубӣ ахбори авсиёро силсилавор ва бо шарҳи бештар аз Табарӣ ва Ибни Асир оварда аст. Ӯ ахбори дигареро низ дар бораи васият оварда аст, ки (барои мисол) мегӯяд: ҳангоми вафоти Одам(а) фарзандаш Шис ва дигар фарзандону набераҳояш назди вай омаданд. Ӯ бар онон дуруд фиристод ва аз Худо барояшон баракату фаровонӣ хост ва Шисро васии худ қарор дод. Яъқубӣ гуфта аст:

Баъд аз марги Одам, фарзандаш Шис ба по хест ва қавми худро ба тақвои илоҳӣ ва амали солеҳ фармон медод..., то он ҷо, ки мегӯяд: ҳангоми вафоти Шис фарзандон ва набераҳои ӯ, ки дар он рӯз, Анӯш, Қайнон, Маҳлоил, Ярд ва Ухнух буданд бо зану фарзандонашон назди ӯ омаданд. Шис бар онон дуруд фиристод ва аз Худо барояшон баракат ва фузунӣ хост ва ба онон рӯ оварда савгандашон дод, ки бо авлоди Қобили малъун омезиш накунанд ва фарзанди худ Анӯшро васии худ қарор дод.

---

[1] Ҳамон Ухнух аст, ки дар баъзе сарчашмаҳо ба ин шакл навишта шуда аст.

Яъқубӣ ҳамин тавр ахбори васиятро силсилавор ҳамроҳ бо зикри воқеаҳои рӯзгори онон меоварад. Ӯ замоне, ки ба хабари васияти Нӯҳ мерасд, мегӯяд:

Ҳангоми вафоти Нӯҳ ҳар се фарзанди ӯ: Сом, Ҳом, Ёфис ва фарзандони эшон назди ӯ ҷамъ шуданд. Сипас ба шарҳи васияти Нӯҳ ба Сом пардохта аст. Ӯ ҳамчунин силсилавор ахбори авсиё (ҳар васӣ баъд аз набӣ)- ро то охирин анбиёи Бани Исроил ва авсиёи эшон оварда аст, ки мо то ин ҷо ба ҳамон фишурдае, ки овардем басанда мекунем.

Дар замони Нӯҳ[а] ибодати бутҳо дар миёни фарзандони Қобил густариш ёфт. Идрис фарзанди худ Матушалахро васии худ қарор дод. Зеро Худованд ба ӯ ваҳй фиристод, ки васиятро дар фарзандат Матушалах қарор деҳ, ки ман ба зудӣ аз салби ӯ набии писандидакирдореро берун хоҳам овард. Худованд Идрис[а]-ро ба сӯи худ боло бурд ва баъд аз он ваҳй қатъ гардид ва ихтилофу низоъ падидор ва фузунӣ гирифт. Иблис овоза кард, ки Идрис мурда аст, зеро ӯ коҳин буда, мехоста аст ба фалак боло равад, ки оташ гирифта ва сӯхта аст. Фарзандони Одам, ки пайрави дини ӯ буданд сахт андӯҳгин шуданд. Иблис гуфт, ки бути калони онон Идрисро ҳалок карда аст. Пас бутпарастон дар ибодати бутҳо фузунӣ ёфтанд, ба ороиши онҳо пардохтанд, барояшон қурбонӣ карданд ва ҷашн гирифтанд, ҷашне, ки ҳамагон дар он ҳузур ёфтанд. Онон дар ин даврон бутҳое ба номи: Яғус, Яъуқ, Наср, Вадд ва Сувоъ доштанд.

Ҳангоме ки марги Матушалах фаро расид, фарзандаш Ламакро васии худ қарор дод (Ламак ба маънои ҷомеъ) ва аз ӯ паймон гирифт. Суҳуф ва китобҳои махтумаи Идрис(а)-ро ба ӯ супурд. Умри Матушалах дар ин ҳангом нӯҳсад сол буд.

Васият ба Ламак мунтақил шуд (ӯ падари Нӯҳ(а) буд). Ӯ боре чунон дид, ки оташе аз даҳонаш хориҷ шуд ва ҷаҳонро сӯзонд, ва бори дигар дид, ки гӯё рӯи дарахте дар миёни дарёст ва ҳеҷ чизи дигаре нест.

Нӯҳ(а) ба воя расид ва Худованд ӯро дар панҷоҳсолагӣ мақоми баланд дод, нубувват бахшид ва ӯро ба сӯи қавмаш, ки бут мепарастиданд фиристод. Ӯ аз расулони улулъазм буд.

Дар бархе аз ахбор, умри Нӯҳро ҳазору дусаду панҷоҳ сол зикр кардаанд. Ӯ ҳамон гуна, ки Худои мутаол фармуда аст: нӯҳсаду панҷоҳ сол[1] дар миёни қавми хеш диранг кард ва ононро ба сӯи имон фаро хонд. Шариати вай тавҳид, намоз, рӯза, ҳаҷ ва ҷиҳод бо душманони Худо аз фарзандони Қобил буд. Ӯ ба ҳалол маъмур ва аз ҳаром наҳй шуда буд ва дастур дошт мардумонро ба сӯи Худои мутаол даъват намояд, аз азоби ӯ барҳазар дорад ва неъматҳои Худоро ба онон ёдовар кунад.

---

[1]Сураи Анкабут, ояи 14.

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا نُوحاً إِلَى قَوْمِهِ فَلَبِثَ فِيهِمْ أَلْفَ سَنَةٍ إِلَّا خَمْسِينَ عَاماً فَأَخَذَهُمُ الطُّوفَانُ وَهُمْ ظَالِمُونَ {14}

Масъудӣ гуфтааст: “Худованд раёсат ва китобҳои анбиёро барои Сом ибни Нӯҳ қарор дод ва васияти Нӯҳ махсуси фарзандони ӯ шуда аст”.[1]

То ин ҷо он чи аз китоби “Ахборуззамон”-и Масъудӣ назди мо буд, ба поён расид. Масъудӣ ҳамчунин дар китоби "Исботулвасия"[2] силсилаи авсиёро аз Одам(а) то Набии Хотам(с), оварда аст. Ин он чизе аст, ки дар санадҳои баҳсҳои исломӣ дар бораи расулон ва авсиёи эшон омада аст. Дар баҳси оянда, ба ахбори расулон ва авсиёи онон дар китобҳои аҳдайн (Таврот ва Инҷил) мепардозем.

### 2-Бахше аз ахбори авсиё дар китобҳои Аҳдайн

Дар нақли ахбори авсиё аз китоби аҳдайн ба овардани се васият аз онҳо басанда мекунем:

### А) Васияти Мӯсои Калимуллоҳ ба набии Худо Юшаъ(а)

Дар китоби "Қомуси китоби муқаддас" зери моддаи "Юшаъ" ба нақл аз Таврот омада аст:

Юшаъ ибни Нун бо Мӯсо дар кӯҳи Сино буд ва ба парастиши гӯсола дар замони Ҳорун олуда нагардид.[3]

---

[1]Ахборуззамони Масъудӣ, чопи Бейрут, 1386 ҳ.қ., с.75-102.

[2]Мо дар ҷилди дуввуми ин китоб нисбати китоби Исботулвасия ба Масъудӣ дар фасли “*Асри фатрат*”, боби “*Падарони Паёмбар*(с) тавзеҳи лозимро овардаем.

[3]Қомуси Китоби муқаддас, тарҷума ва таълифи Мистер Ҳокси Амрикоӣ, чопи матбааи амрикоӣ, Бейрут 1928, саҳ.1970.

Дар охири боби бисту ҳафтум аз Сифри аъдод, дар бораи хабари таъини ӯ ба васигии Мӯсо аз ҷаноби Худо, омада аст:

“Мӯсо ба Худованд арз карда гуфт: хоҳиши ман ин ки Яҳува худои арвоҳи тамоми башар касеро бар ин ҷамоат бигуморад, ки пеши рӯи эшон берун равад, пеши рӯи эшон дохил шавад ва эшонро берун барад ва эшонро дароварад, то ҷамоати худованд мисли гӯсфандони бечӯпон набошанд. Худованд ба Мӯсо гуфт: Юшаъ ибни Нунро, ки марди соҳибрӯҳ аст гирифта дасти худро бар ӯ бигзор ва ӯро ба ҳузӯри Алъозори коҳин ва ба ҳузури тамоми ҷамоат барпо дошта дар назари эшон ба вай васият намо. Аз иззати худ бар ӯ бигзор, то тамоми ҷамоати Бани Исроил ӯро итоат намоянд ва ӯ ба ҳузури Алъозори коҳин биистад то аз барои ӯ ба ҳукми Уврим ба ҳузури Худованд савол намояд. Ба фармони вай, ӯ ва тамоми Бани Исроил бо вай ва тамоми ҷамоат берун раванд ва ба фармони вай дохил шаванд. Пас Мӯсо ба навъе, ки Худованд ӯро амр фармуда буд амал намуд. Юшаъро гирифт ва ӯро ба ҳузури Алъозори коҳин ва ба ҳузури тамоми ҷамоат аз ҷой хезонд ва дастҳои худро бар ӯ гузошта, вайро ба тавре ки Худованд ба воситаи Мӯсо гуфта буд, васият намуд.[1]

[1] Китоби Муқаддас, Аҳди атиқ (Таврот), с.254, тарҷумаи форсӣ аз иброний, калдонӣ ва юнонӣ, чопи Доруссалтанати Лондон, соли 1932, с.322-370.

Ва низ достони қиёми ӯ ба идораи умури Бани Исроил ва ҷангҳояш дар бисту се боб дар Сифри Юшаъ ибни Нун омада аст.[1]

### Б) Васияти Довуди набӣ ба Сулаймон(а)

Дар боби дуюм аз "Китоби аввали подшоҳон" омада аст:[2]

### Боби дуюм

Ва чун айёми вафоти Довуд расид, писари худ Сулаймонро васият фармуда гуфт: ман ба роҳи тамоми аҳли замин меравам, пас ту қавӣ ва далер бош. Васиятҳои Яҳувоҳ - Худои худро нигаҳ дошта ба тариқаҳои вай раҳсипор шав, фарзҳо, амрҳо, аҳком ва шаҳодати вайро ба навъе, ки дар Тавроти Мӯсо навишта шуда аст муҳофизат намо то дар ҳар коре, ки кунӣ ва ба ҳар ҷое, ки таваҷҷӯҳ намоӣ, бархурдор бошӣ.[3]

### В) Васияти Исо(а) ба ҳаворӣ - Шамъуни Петрус:

Дар боби даҳуми Инҷили Матто дар бораи Самъун, ки номи ӯ Шамъун мебошад, омада аст:

Сипас дувоздаҳ шогирди худро талабида эшонро ба арвоҳи палид қудрат дод, ки онҳоро берун кунанд ва

---

[1] Ҳамон сарчашма.
[2] Ҳамон сарчашма.
[3] Ҳамон сарчашма, с.524.

ҳар беморию ранҷеро шифо диҳанд. Номҳои дувоздаҳ расул ин аст: аввал Шамъун, маъруф ба Петрус...

Дар боби бисту якуми Инҷили Юҳанно, шумораи 15-18 омада аст:

Исо[(а)] ӯ (Шамъун)-ро васии худ қарор дод ва ба вай гуфт:

"Гӯсфандони маро чӯпонӣ кун", яъне имон оварандагон ба маро муроқибат намо.

Дар "Қомуси китоби муқаддас" низ омада аст:

Масеҳ[(а)] ӯ (Шамъун)-ро барои ҳидояти Каниса таъин кард.[1]

Дар хабари аввал дидем, ки набии расул, Мӯсо ибни Имрон[(а)] пас аз худ набии Худо Юшаъ (дар Қуръони карим Алясаъ)-ро васӣ қарор медиҳад. Ва дар хабари дуввум набии Худо Довуд[(а)] ба Сулаймон васият мекунад то ба шариати набӣ ва расули Худо Мӯсо ибни Имрон[(а)] амал намояд.

Дар хабари саввум, Исои Рӯҳуллоҳ[(а)] ба ҳавории худ васият кард, то мардумонро ҳидоят намояд.

## Ахбори расулон ва авсиё дар Қуръони карим

Худои субҳон дар Қуръони карим достони бисту шаш нафар аз анбиёро бо зикри номи онон оварда аст, ки иборатанд аз:

Одам, Нӯҳ, Идрис, Ҳуд, Солеҳ, Иброҳим, Лут, Аюб, Алясаъ, Зулкафл, Илёс, Исҳоқ, Яқуб, Юнус, Шуайб,

---

[1] Қомуси китоби муқаддас, моддаи Петруси ҳаворӣ.

Мӯсо, Ҳорун, Довуд, Сулаймон, Закариё, Яҳё, Исмоили содиқулваъд, Исо ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳим аҷмаъин.

Бархе аз онон соҳиби шариате будаанд, ки тамомкунанда ва комилкунандаи шариати гузашта буд, монанди шариати Нӯҳ(а), ки мукаммили шариати Одам(а) шуд ва шариати Муҳаммад(с), ки мукаммили шариати Иброҳим(а) буд. Бархе аз онон, ҳам набӣ буданд ва ҳам васӣ ва ҳам барподорандаи шариати расули пешин, монанди Юшаъ ибни Нун, ки васии Мӯсо ибни Имрон(а) буд.

Ба он хотир, ки ҳар кас аз тарафи Парвардигори оламиён барои ҳидояти мардум барангехта мешавад (паёмбар бошад ё васии паёмбар) бояд нишонае аз ҷониби Худо ба вай дода шавад то шоҳиди сидқи муддаояш буда ва мабъус будан аз ҷониби Парвардигорашро гувоҳӣ диҳад. Дар баҳси оянда ин мавзӯъ, яъне "Мӯъҷиза"-ро пай мегирем:

## *3-Оят ва мӯъҷиза*

Оят дар луғат ба маънои нишонае аст, ки бар чизе далолат кунад, ба гунае ки ҳар гоҳ он нишонае пайдо шуд вуҷуди он чиз ошкор гардад.

Мо дар истилоҳи исломӣ ду хел оят ва нишона дорем, яке он ки бар вуҷуди Холиқ далолат намояд ва дигаре он ки бар яке аз сифоти вай (асмои ҳусни илоҳӣ) роҳнамо бошад. Он ду иборатанд аз:

А) Оёте, ки бо вуҷуди равшану возеҳ ва санҷида будан, худ бар холиқи ҳаким ва низоми устувори ӯ далолат доранд ва чунон менамоянд, ки ин маҷмӯа дорои парвардигори ҳакиме аст, ки корҳои халқро баробар бо низоми устувор тадбир мекунад ва мо онро "Суннатҳои Худо дар ҳастӣ" меномем.

*Намунаи аввал*, монанди он чи Худои мутаол дар сураи Ғошия мефармояд:

***Афало янзурӯна илал ибили кайфа хулиқат ва илас самои кайфа руфиъат. Ва илал ҷиболи кайфа нусибат*** **Ê**

**Ä** *Оё онон ба шутур наменигаранд чӣ гуна офарида шуда аст**?!** Ва ба осмон нигоҳ намекунанд**,** ки чӣ гуна барафрошта шуда аст**?!** Ва ба кӯҳҳо**,** ки чӣ гуна дар ҷои худ насб гардидаанд**?!...*** [1]

Дар сураи Анкабут мефармояд:

***Халақаллоҳус самовоти вал арза бил ҳаққи инна фӣ золика лаоятан лил му'минӣн*** **Ê**

**Ä** *Худованд осмонҳо ва Заминро ба ҳақ офарид**,** ба ростӣ**,** ки дар ин ояте аст барои мӯъминон**.*** [2]

---

[1] Сураи Ғошия, ояи 17-19.

أَفَلَا يَنظُرُونَ إِلَى الْإِبِلِ كَيْفَ خُلِقَتْ {17} وَإِلَى السَّمَاءِ كَيْفَ رُفِعَتْ {18} وَإِلَى الْجِبَالِ كَيْفَ نُصِبَتْ {19}

[2] Сураи Анкабут, ояи 44.

خَلَقَ اللَّهُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ بِالْحَقِّ إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَةً لِّلْمُؤْمِنِينَ {44}

Худованд дар ин хел оёти Қуръонӣ, навъҳое аз махлуқотро ёдовар мешавад, ки бо вуҷуди худ, бар вуҷуди холиқи хеш далолат доранд. Ба ин хотир низ, онҳоро оёт ва нишонаҳо номида аст.

*Намунаи дуюм*, сухани Худои мутаол дар сураи Наҳл аст, ки мефармояд:

> ***Ҳувал лазӣ анзала минас самои моан лакум, минҳу шаробун ва минҳу шаҷарун фӣҳи тусӣмӯн. Юнбиту лакум биҳиз заръа ваз зайтӯна ван нахӣла вал аъноба ва мин куллис самароти, инна фӣ золика лаоятан лиқавмин ятафаккарӯн. Ва саххара лакумул лайла ван наҳора ваш шамса вал қамара ван нуҷӯму мусаххаротун биамриҳи, инна фӣ золика лаоётин лиқавмин яъқилӯн. Мо зара'а лакум фил арзи мухталифан алвонуҳу, инна фӣ золика лаоятан лиқавмин яззаккарӯн Ê***
>
> *ÄӮст Худое, ки аз осмон обе фиристод, ки нӯшидании шумо аз он аст ва гиёҳону дарахтоне, ки ҳайвоноти худро дар он ба чарогоҳ мебаред, низ аз он аст. Худованд бо он об, барои шумо зироат, зайтун, нахл, ангур ва ҳамаи намуди меваро мерӯёнад. Ба ростӣ, ки дар ин, нишонаи равшане барои андешамандон аст. Ӯ шабу рӯз, офтоб ва моҳро мусаххари шумо сохт ва ситорагон низ ба фармони вай мусаххари шумоянд. Ба ростӣ, ки дар ин нишонаҳоест барои гурӯҳе, ки андеша мекунанд. Ва махлуқоти гуногуну рангорангеро, ки дар замин*

*офарид, мусаххари шумо гардонид. Ростиро, ки дар ин, нишонаи равшане аст барои онон, ки ба ёд меоваранд.*[1]

Худованд дар ин гуна оёти қуръонӣ, навъҳое аз низоми ҳастиро, ки бар вуҷуди Парвадигори мудаббири ҳаким далолат дорад, баёни мекунад. Гоҳе низ бо ҷамъ намудан миёни оёт ва нишонаҳои далолаткунанда бар вуҷуди "холиқи азиз" ва "раби мудаббири ҳаким" ҳамаро якҷоя оварда аст. Чунонки дар сураи Бақара мефармояд:

***Инна фӣ халқис самовоти вал арзи вахтилофил лайли ван наҳори, вал фулкил латӣ таҷрӣ фил бахри бимо янфаъун носа ва мо анзалаллоҳу минас самои мин моин, фааҳё биҳил арза баъда мавтиҳо ва басса фӣҳо мин кулли доббатин ва тасрӣфир риёҳи вас саҳобил мусаххари байнас самои вал арзи, лаоётин лиқавмин яъқилӯн*** **Ê**

**Ä***Ба ростӣ, ки дар офариниши осмонҳою Замин, гардиши шабу рӯз, киштиҳои баҳрпаймо ба нафъи мардумон, обе, ки Худованд аз осмон фурӯ мефиристад ва заминро пас аз мурданаш зинда*

---

[1]Сураи Наҳл, ояи 10-13.

هُوَ الَّذِي أَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً لَّكُم مِّنْهُ شَرَابٌ وَمِنْهُ شَجَرٌ فِيهِ تُسِيمُونَ {10} يُنبِتُ لَكُم بِهِ الزَّرْعَ وَالزَّيْتُونَ وَالنَّخِيلَ وَالأَعْنَابَ وَمِن كُلِّ الثَّمَرَاتِ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ {11} وَسَخَّرَ لَكُمُ اللَّيْلَ وَالْنَّهَارَ وَالشَّمْسَ وَالْقَمَرَ وَالْنُّجُومُ مُسَخَّرَاتٌ بِأَمْرِهِ إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَاتٍ لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ {12} وَمَا ذَرَأَ لَكُمْ فِي الأَرْضِ مُخْتَلِفاً أَلْوَانُهُ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَذَّكَّرُونَ {13}

*мекунад ва намудҳои ҷунбандагонро дар он густариш медиҳад, ҳаракати бодҳо ва абрҳои тасхиршуда миёни осмон ва Замин, нишонаҳои равшане аст барои онон, ки меандешанд.*[1]

Худованд дар ибтидои ин оят, офариниши осмонҳо ва Заминро оварда ва пас аз он ба зикри нишонаҳои низоми ҳастӣ пардохта аст. Низоме, ки Парвардигори олам онро танзим карда ва мо онро "Суннатҳои Худованд дар ҳастӣ" меномем.

Б) Оёте, ки Парвардигори олам дар ихтиёри анбиё қарор медиҳад, монанди вилоят бар низоми ҳастӣ, ба гунае, ки ҳар гоҳ хости илоҳӣ ҳукм кунад, паёмбар-ба изни Худо-метавонад ҷузъи хурде аз ин низомро, ки Худованд бар ҳастӣ ҳоким фармуда аст, тағир диҳад. Чунонки Худои мутаол дар васфи Исо(а) фармуд:

***Ва расӯлан ило бани Исроила аннӣ қад ҷи'тукум биоятин мин раббикум, аннӣ ахлуқу лакум минат тӣни каҳай'атит тайри фаанфуху фӣҳи, фаякӯну тайран биизниллоҳ... Ê***

***Ä****Исо фиристодаест ба сӯи бани Исроил* **(** *ки ба онон гуфт:***)** *ман нишонае аз Парвардигоратон барои*

[1] Сураи Бақара, ояи 164.
إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَاخْتِلاَفِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ وَالْفُلْكِ الَّتِي تَجْرِي فِي الْبَحْرِ بِمَا يَنفَعُ النَّاسَ وَمَا أَنزَلَ اللّهُ مِنَ السَّمَاءِ مِن مَّاء فَأَحْيَا بِهِ الأرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا وَبَثَّ فِيهَا مِن كُلِّ دَآبَّةٍ وَتَصْرِيفِ الرِّيَاحِ وَالسَّحَابِ الْمُسَخِّرِ بَيْنَ السَّمَاء وَالأَرْضِ لآيَاتٍ لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ {164}

*шумо овардам; ман аз гил барои шумо чизе ҳамонанди парранда месозам, сипас дар он медамам ва ба фармони Худо паррандае мегардад...*[1]

Ин гуна оёти илоҳиро дар урфи исломӣ "мӯъҷиза" гӯянд, зеро дигар афроди башар аз овардани монанди он оҷизанд. Он хориқи одат ва бар хилофи низоми табиии офариниш аст, монанди мӯъҷизаи ҳазрати Исо(а), ки аз гил ба изни Худо парранда офарид то далеле бошад бар ин ки:

1-Ин Парвардигори оламиён аст, ки хусусиятҳои ашё ва низоми табииро ба онон бахшида аст. Ҳар гоҳ ҳикмати ӯ иқтизо кунад то хосияти чизеро аз он бигирад, чунин қудратеро дорост, ба ин шакл, ки ҳарорати оташро гирифт ва онро аз сӯзондани Иброҳим(а), ки дар он афтода буд, боздошт. Ҳар гоҳ ҳикматаш иқтизо кунад то низоми табииро, ки худ барои бархе махлуқоташ қарор дода аст, тағир диҳад, бар чунин коре тавоност. Монанди офариниши мурғ аз гил, ба дасти Исо(а) ба ҷои ба вуҷуд овардани он аз мурғи модар аз тариқи ҷуфтгирӣ бо ҷинси нар бар асоси низоми табии офариниш, ки дар силсилаи хилқати ҷондорон қарор дода аст.

Мӯъҷизоти анбиё (ҳамон гуна, ки гуфтем) хориқулодда ва бар хилофи низоми табиӣ аст ва тайи мароҳили интиқоли модда, яъне аз ҳоле ба ҳоли дигар

---

[1]Сураи Оли Имрон, ояи 49.

وَرَسُولاً إِلَى بَنِي إِسْرَائِيلَ أَنِّي قَدْ جِئْتُكُم بِآيَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ أَنِّي أَخْلُقُ لَكُم مِّنَ الطِّينِ كَهَيْئَةِ الطَّيْرِ فَأَنفُخُ فِيهِ فَيَكُونُ طَيْراً بِإِذْنِ اللّهِ ... {49}

ва аз сурате ба сурати дигар то расидан ба шакли ниҳоӣ, пайравӣ намекунад. Зеро тайи мароҳили офариниши мурғ аз гил (чунон, ки аз сухани бархе файласуфони мусулмон низ, фаҳмида мешавад) чизе наздик ба суръати сайри нур буд, ки Худованд онро тезтар аз замони табиӣ ва давраи интиқол, барои паёмбараш аз байн бурд.

Мӯъҷиза сеҳромез нест, зеро сеҳр навъе аз хаёлпарварии пуч ва ғайривоқеӣ аст. Барои мисол, соҳире, ки дида мешавад мурғеро фурӯ мебарад ё аз даҳони шутур ворид ва аз махраҷи он берун меояд, зарфҳои шишагиро майда мекунад ва дубора онро ба шакли аввалӣ бармегардонад, дар воқеъ ҳеҷ як аз ин корҳоро анҷом надода аст, балки танҳо чашми бинандагонро сеҳр карда аст ва онон ин корҳоро дар хаёли худ дидаанд. Аз ҳамин сабаб ҳангоме ки кори сеҳр поён мепазирад ҳозирон ҳама чизро ҳамон гуна, ки буд, бидуни ҳар гуна тағиру табдиле, дар ҷои худ мебинанд. Вале мӯъҷиза низоми табииро ҳақиқатан тағир медиҳад, монанди коре, ки асои Мӯсо кард: море азимҷусса шуд ва ҳамаи он чиро, ки соҳирон дар он майдони калон омода карда буданд якбора фурӯ бурд ва ҳангоме ки дубора ба дасти Мӯсо(а) ба шакли асо даромад асаре аз он чи соҳирон дар он майдон омода карда буданд боқӣ намонд. Аз ҳамин сабаб буд, ки соҳирон ба саҷда афтоданд ва гуфтанд: Мо ба Парвардигори оламиён имон овардем, Парвардигори Мӯсо ва Ҳорун. Онон дар кори сеҳр мутхассис буданд

ва фаҳмиданд, ки кори Мӯсо(а) сеҳр нест, балки оят ва нишонае аз оёти Парвардигори мутаол аст.

Мӯъҷиза ба кори нашуданӣ тааллуқ намегирад ва он чи, ки дар илми мантиқ аз он ба иҷтимои нақизайн таъбир мекунанд (монанди он ки чизе дар як замону макон ҳам бошад ва ҳам набошад) он ҳам аз доираи асари мӯъҷиза берун аст.

Ҳақиқати мӯъҷизоти паёмбарон, оёте аст, ки Парвардигори холиқ ба дасти онон ҷорӣ месозад. Нишонаҳое, ки ҷину инс аз овардани монанди онҳо нотавонанд, агарчи бархе аз онон бархе дигарро пуштибонӣ кунанд. Бо он ки дар байни ҷинниён афроде ёфт мешаванд, ки (барои мисол) қодиранд тахти Билқисро аз Яман то Байтулмуқаддас, қабл аз бархостани Сулаймон(а) аз ҷои худ, назди ӯ биёваранд,[1] дар ин маврид комилан нотавонанд, бо он ки суръати сайри ҷин дар фазо чизе наздик ба суръати нур аст.

Ба ҳамин далел аст, ки ҷинниён гоҳе метавонанд ахбори дурдастро, ба коҳине, ки бо онон робита дорад бирасонанд, вале ҳамин ҷин ва инс наметавонанд мурғеро аз гил бисозанд, ки бидуни изни Парвардигори олам мурғи ҳақиқӣ гардад.

Муртози ҳиндӣ ҳам гоҳе метавонад қаторро (поезд) аз ҳаракат боздорад, вале ӯ ва ғайри ӯ аз касоне, ки Худо ба онон иҷозат надода аст, наметавонанд асои

---

[1]Сураи Намл, ояи 39.

قَالَ عِفْرِيتٌ مِّنَ الْجِنِّ أَنَا آتِيكَ بِهِ قَبْلَ أَن تَقُومَ مِن مَّقَامِكَ وَإِنِّي عَلَيْهِ لَقَوِيٌّ أَمِينٌ {39}

худро бар санг бизананд, то аз он дувоздаҳ чашмаи об фаввора занад.

Парвардигори холиқ оёт ва мӯъҷизотро, аз он рӯ ба анбиёи мабъуси худ медиҳад то умматҳои онон дурустии иддаояшонро дарёбанд ва бидонанд, ки онон барангехтаи Худо ҳастанд. Муқтазои ҳикмат он аст, ки ин мӯъҷизот аз умуре бошанд, ки уммате, ки паёмбар барои ҳидояти он мабъус гардида аст, онро бишносад. Чунонки имом Ризо[(а)] дар посухи касе, ки аз ӯ пурсид: барои чӣ Худованд Мӯсо ибни Имрон[(а)]-ро бо "яди байзо" ва "асо" мабъус кард, Исо[(а)]-ро бо тибб ва Муҳаммад[(с)]-ро бо каломӯ сухан? Имом[(а)] фармуд:

Худои мутаол ҳангоме ки Мӯсоро барангехт сеҳр дар он замон ривоҷ дошт. Ӯ ҳам аз ҷониби Худои азза ва ҷалла бо чизе ба назди онон рафт, ки ҳамонандаш дар тавони он мардум набуд, чизе ки сеҳрашонро ботил кард ва ҳуҷҷатро ба василаи он барояшон тамом намуд.

Худованди мутаол Исоро низ дар замоне барангехт, ки бемориҳои давонашаванда падидор шуда буд ва мардум ниёзманди тибб буданд. Он ҳазрат аз сӯи Худои раҳмон чизе барои онон овард, ки ҳамонанди он дар назди эшон набуд, чизе ки мурдагонро барояшон зинда мекард ва кӯр ва песро ба хости Худованд шифо медод ва ҳуҷҷатро ба василаи он бар онон тамом кард.

Худои мутаол Муҳаммад[(с)]-ро низ ҳангоме мабъус фармуд, ки фанни ғолиби замон, суханварӣ ва хитоба (ровӣ мегӯяд: ба гумонам фармуд: ва шеър) буд. Он

ҳазрат аз китоби Худои азза ва ҷалла, мавъизаҳо ва аҳкоми он барои эшон чизҳое овард, ки ҳама суханонашонро ботил кард ва ҳуҷҷатро барояшон тамом намуд.

Саволдиҳанда гуфт: ба Худо савганд, мисли имрӯзеро то ба ҳол ҳаргиз надидаам! Сипас гуфт: ҳуҷҷат бар мардум дар замони мо чист? Имом[(а)] фармуд: "Ақл. Бо он (шахси) ростгӯ бар Худоро мешиносӣ ва тасдиқаш мекунӣ ва дурӯғгӯ бар Худоро низ ташхис медиҳӣ ва дурӯғаш мешуморӣ”.

Саволкунанда гуфт: ба Худо савганд, ҷавоби дуруст ҳамин асту бас.[1]

***

Мӯъҷизоти хориқулодаи паёмбарон, ки бо бахше аз низоми табиии ашё ноҳамоҳанг аст, худ аз суннатҳои таквинии Парвардигори оламиён дар ҷомеаи инсонӣ аст. Ҷомеае, ки анбиёро ба сӯи онон барангехта буд. Ба ҳамин далел ҳам, умматҳо аз паёмбарашон мӯъҷиза мехостанд, то далеле бар дурустии иддаои онон бошад, чунон, ки Худованд дар сураи Шуаро сухани қавми Самудро оварда аст, ки ба паёмбараш Солеҳ[(а)] гуфтанд:

***Мо анта илло башарун мислуно фа’ти биоятин ин кунта минас содиқӣн. Қола ҳозиҳи ноқатун лаҳо ширбун ва лакум ширбу явмин***

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ.11, с.70-71, ба нақл аз Илалушшароеъ, с.52 ва Уюунулахбор, с.234.

***маълӯм. Ва ло тамассӯҳо бисӯин файа'хузакум ъазобу явмин ъазӣм*** **Ê**

**Ä** *Ту фақат башаре ҳамчун моӣ, агар рост мегӯӣ оёт ва нишонаҳое биёвар! Гуфт: ин ноқа (оёти илоҳӣ аст) саҳме аз об барои ӯст ва саҳме барои шумо дар рӯзи муайян. Мабодо камтарин осебе ба ӯ расонед, ки азоби Рӯзи бузург шуморо фаро хоҳад гирифт!*[1]

Бисёре аз умматҳо пас аз он ки паёмбарашон мӯъҷизае меоварد, бар душмании худ меафзуданд ва бо ӯ ба мухолифат мепардохтанд ва аз имон овардан саркашӣ мекарданд. Чунонки Худои мутаол дар бораи қавми Самуд пас аз дидани ноқа, мефармояд:

***Фаъақарӯҳо фаасбаҳӯ нодимӣн*** **Ê**

**Ä** *Саранҷом он ноқаро пай карданд, сипас аз кардаи худ пушаймон шуданд!*[2]

Суннати Худованд бар ин аст, ки агар мардуме аз паёмбари худ дархости оят ва мӯъҷиза кfeatures ва мӯъҷиза омаду онон имон наоварданд , сазовори азобу уқубат мегарданд. Худои мутаол эшонро азоб мекунад,

---

[1] Сураи Шуаро, ояи 154-156.

مَا أَنتَ إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُنَا فَأْتِ بِآيَةٍ إِن كُنتَ مِنَ الصَّادِقِينَ {154} قَالَ هَٰذِهِ نَاقَةٌ لَّهَا شِرْبٌ وَلَكُمْ شِرْبُ يَوْمٍ مَّعْلُومٍ {155} وَلَا تَمَسُّوهَا بِسُوءٍ فَيَأْخُذَكُمْ عَذَابُ يَوْمٍ عَظِيمٍ {156}

[2] Сураи Шуаро, ояи 157.

فَعَقَرُوهَا فَأَصْبَحُوا نَادِمِينَ {157}

чунон, ки дар ҳамин сура, низ аз саранҷоми қавми Самуд хабар дода ва фармуд:

***Фаахазаҳумул ъазобу инна фӣ золика лаоятан ва мо кона аксаруҳум му'минӣн* Ê**

**Ä***Пас азоби илоҳӣ ононро фаро гирифт. Ба ростӣ, ки дар ин, оят ва нишонае аст, вале бештари онон муъмин набуданд!*[1]

Мӯъҷиза овардани анбиё ба иқтизои ҳикмат аст, муқтазои ҳикмат ҳам он аст, ки мӯъҷиза ба миқдоре бошад, ки ҳаққонияти иддаои паёмбарро барои касе, ки мехоҳад ба ӯ имон оварад, исбот намояд. Ояти илоҳӣ ба дилхоҳи саркашон ва мардумозороне, ки аз имон овардан ба Худо ва расул дар ҳар ҳоле саркашӣ менамоянд нест, то ҳарчи хостанд қабул шавад. Чунонки гузашт, он мӯъҷиза бар амри маҳол тааллуқ намегирад, чунонки ҳар ду қисми он дар хостаи Қурайш аз Хотами Паёмбарон(с) вуҷуд дошт, дар ҳоле ки Худованд оят ва мӯъҷизаи махсуси араб - "Сухани балиғ"-ро ба онон дод. Дар сураи Бақара эшонро мухотаб сохта ва фармуда буд:

***Ва ин кунтум фӣ райбин миммо наззално ъало ъабдино фа'ту бисӯратин мин мислиҳи, вадъӯ шуҳадоакум мин дӯниллоҳи ин кунтум содиқӣн. Фаин лам тафъалӯ ва лан тафъалӯ***

---

[1]Сураи Шуаро, ояи 158.

فَأَخَذَهُمُ الْعَذَابُ إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَةً وَمَا كَانَ أَكْثَرُهُم مُّؤْمِنِينَ {158}

***фаттақун норал латӣ вақӯдуҳан носу вал ҳиҷорату уъиддат лилкофирӣн Ê***

*Ä Агар дар бораи он чи бар бандаи худ нозил кардаем шак доред, як сура ҳамонанди он биёваред; ва гувоҳони худро (ғайри Худо) барои ин кор фаро хонед агар рост мегӯед. Пас агар чунин накунед (ки ҳаргиз нахоҳед кард) аз оташе, ки ҳезуми он, мардумон ва сангҳост ва барои кофирон омода шуда аст, битарсед.*[1]

Сарони Қурайш, ки қасди имон овардан надоштанд, бар озори худ афзуданд ва барои ба заҳмат афкандан ва оҷиз намудани паёмбарон ба дархостҳои гуногун ва ҳатто маҳоли худ афзуданд. Худованд дар сураи Исро аз навъҳои саркашӣ ва музоҳимати эшон хабар дода ва фармуд:

*Бигӯ: агар ҳамаи инсонҳо ва тамоми ҷинниён гирдиҳам оянд, то ҳамонанди ин Қуръонро биёваранд, монанди онро нахоҳанд овард, ҳарчанд якдигарро дар ин кор пуштибонӣ кунанд. Мо дар ин Қуръон, барои мардум аз ҳама чиз намунае овардем, аммо бештари мардумон ҷуз носипосӣ, коре накарданд. Гуфтанд: мо ҳаргиз ба ту имон намеоварем то ин ки чашмаи ҷӯшоне аз ин сарзамин барои мо берун оварӣ, ё боғе аз нахлу ангур*

---

[1]Сураи Бақара, ояи 23 ва 24.

**وَإِن كُنتُمْ فِي رَيْبٍ مِّمَّا نَزَّلْنَا عَلَى عَبْدِنَا فَأْتُواْ بِسُورَةٍ مِّن مِّثْلِهِ وَادْعُواْ شُهَدَاءكُم مِّن دُونِ اللّهِ إِنْ كُنْتُمْ صَادِقِينَ {23} فَإِن لَّمْ تَفْعَلُواْ وَلَن تَفْعَلُواْ فَاتَّقُواْ النَّارَ الَّتِي وَقُودُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ أُعِدَّتْ لِلْكَافِرِينَ {24}**

*аз они ту бошад ва наҳрҳо дар дохили он ҷорӣ намоӣ, ё пораҳои осмонро (он чунон, ки мепиндорӣ) бар сари мо фуруд оварӣ, ё Худованд ва фариштагонро дар баробари мо ҳозир кунӣ, ё барои ту хонае аз нақшу нигори заррин бошад, ё ба осмон боло равӣ. Мо болорафтанатро бовар намекунем, магар ин ки номае бар мо фуруд оварӣ, ки онро бихонем! Бигӯ: муназзаҳ аст Парвардигори ман, магар ман ҷуз инсоне фиристодаи Худо ҳастам?! Танҳо чизе ки баъд аз омадани ҳидоят монеи имони мардум шуд ин буд, ки мегуфтанд: оё Худованд башареро ба унвони расул фиристода аст? Бигӯ: агар дар рӯи замин фариштагоне буданд ва бо оромиш қадам бармедоштанд, мо ҳам фариштаеро ба унвони расул бар онон мефиристодем! Бигӯ: ҳамин бас, ки Худованд миёни ман ва шумо гувоҳ бошад, чаро ки ӯ нисбат ба бандагонаш хабиру биност.*[1]

---

[1]Сураи Исро, ояи 88-96.
قُل لَّئِنِ اجْتَمَعَتِ الإِنسُ وَالْجِنُّ عَلَى أَن يَأْتُواْ بِمِثْلِ هَـذَا الْقُرْآنِ لاَ يَأْتُونَ بِمِثْلِهِ وَلَوْ كَانَ
بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ ظَهِيراً {88} وَلَقَدْ صَرَّفْنَا لِلنَّاسِ فِي هَـذَا الْقُرْآنِ مِن كُلِّ مَثَلٍ فَأَبَى
أَكْثَرُ النَّاسِ إِلاَّ كُفُوراً {89} وَقَالُواْ لَن نُّؤْمِنَ لَكَ حَتَّى تَفْجُرَ لَنَا مِنَ الأَرْضِ يَنبُوعاً
{90} أَوْ تَكُونَ لَكَ جَنَّةٌ مِّن نَّخِيلٍ وَعِنَبٍ فَتُفَجِّرَ الأَنْهَارَ خِلالَهَا تَفْجِيراً {91} أَوْ
تُسْقِطَ السَّمَاء كَمَا زَعَمْتَ عَلَيْنَا كِسَفاً أَوْ تَأْتِيَ بِاللّهِ وَالْمَلآئِكَةِ قَبِيلاً {92} أَوْ يَكُونَ
لَكَ بَيْتٌ مِّن زُخْرُفٍ أَوْ تَرْقَى فِي السَّمَاء وَلَن نُّؤْمِنَ لِرُقِيِّكَ حَتَّى تُنَزِّلَ عَلَيْنَا كِتَاباً
نَّقْرَؤُهُ قُلْ سُبْحَانَ رَبِّي هَلْ كُنتُ إَلاَّ بَشَراً رَّسُولاً {93} وَمَا مَنَعَ النَّاسَ أَن يُؤْمِنُواْ إِذْ
جَاءهُمُ الْهُدَى إِلاَّ أَن قَالُواْ أَبَعَثَ اللّهُ بَشَراً رَّسُولاً {94} قُل لَّوْ كَانَ فِي الأَرْضِ
مَلآئِكَةٌ يَمْشُونَ مُطْمَئِنِّينَ لَنَزَّلْنَا عَلَيْهِم مِّنَ السَّمَاءِ مَلَكاً رَّسُولاً {95} قُلْ كَفَى بِاللّهِ
شَهِيداً بَيْنِي وَبَيْنَكُمْ إِنَّهُ كَانَ بِعِبَادِهِ خَبِيراً بَصِيراً {96}

Парвардигори холиқ ҳуҷҷатро бар қурайшиён тамом кард ва фармуд: агар дар борам он чи бар бандаи худ фиристодем шак ва тардид доред, як сура ҳамонанди он биоваред ва гувоҳони худро (ғайр аз Худо) фаро хонед. Ва хабар дод, ки ҳамаи ҷин ва инс ҳам агар ҷамъ шаванд, наметавонанд монанди Қуръонро биёваранд, ҳарчанд якдигарро пуштибонӣ кунанд ва онро таъкид кард ва фармуд: ҳаргиз наметавонед ҳамонанди онро биёваред. То имрӯз ҳам душманони *Ислом* (бо теъдоди зиёд ва қудрати анбошта ва гуногуни худ) натавонистаанд сурае ба монанди Қуръон биоваранд. Мушрикони Қурайш пас аз ин муборизаталабии ошкори Қуръон ва ин ки ин мӯъҷизае аст, ки ҷинну инс дар баробари он оҷизу нотавонанд, ҳангоме ки худро дармонда ва залил диданд, аз паёмбар чизҳои дигареро хостанд. Онҳо талаб намуданд, то табиат ва ҳавои Маккаро тағир диҳад, хонае пур аз тилло дошта бошад, ё Худо ва малоикаро дар як саф рӯ ба рӯи онон қарор диҳад, ё ба осмон боло равад. Болорафтанашро ҳам замоне бовар доранд, ки аз осмон барои эшон номае биёварад ва онро бихонанд. Чунончи мушоҳида мекунед, дар хостҳояшон амри маҳол низ буд ва он овардани Худо ва малоика дар рӯ ба рӯи эшон аст. Ростӣ, мартабаи Худо бартар аз он аст, ки ситамгарон дар мавриди он мегӯянд. Дигар ин ки, бархе хостаҳои онон бо суннатҳои Худованд дар фиристодани паёмбарон мухолиф буд, монанди дар пеши чашмони онон боло рафтан ба осмон ва овардани китоб, ки Худованд онро махсуси расулони худ аз фариштагон

қарор дода ва кори башар нест. Онон инро, ки Худованд башареро ба паёмбарӣ баргузид, мункир медоштанд, дар ҳоле ки иқтизои ҳикмати он аст, ки паёмбари мурсал ба сӯи башар бояд аз ҷинси худи онон бошад, то дар кирдору рафтор намуна ва ибрати эшон гардад. Агарчи соири хостаҳояшон ҳам бар муқтазои ҳикмат набуд, монанди ин ки, дархости азоб мекарданд. Ба ин хотир Худованд ба паёмбар мефармояд дар ҷавоби онон бигӯяд: муназзаҳ аст Парвардигори ман, оё ман инсоне ҷуз фиристодаи Худо ҳастам?!

*Хулоса* он чи овардем: ҳикмати худовандӣ иқтизо кард, то фиристодаи ӯ мӯъҷизае аз парвардигори худ барои дурустии иддаояш биёвард ва бо он ҳуҷҷатро бар мардумон тамом кунад, дар чунин ҳоле ҳар ки бихоҳад имон меоварад ва ҳар ки нахоҳад инкор мекунад. Чунонки ҳоли қавми Мӯсо ва Ҳорун[а] ин гуна буд, ки пас аз дидани мӯъҷизот, соҳирон имон оварданд ва Фиръану дарбориёни вай куфр варзиданд. Худованд ононро бо ғарқ кардан хору залил гардонд.

Ҳар оятеро, ки паёмбарон аз ҷониби Худои субҳон биёваранд, дар истилоҳи исломӣ ба он мӯъҷиза гӯянд.

Изофа бар он чи овардем, касонеро, ки Худованд пешвоёни замин ва ҳодиёни мардум қарор дод (паёмбарони соҳибшариат бошад ё васии паёмбар) сифатҳои хосе доранд, ки аз дигар мардумон мумтоз мегарданд ва мо дар баҳси оянда ба ёрии Худои мутаол ба он мепардозем:

## *Иблис бар ҷонишинони Худо дар замин тасаллут надорад*

Худованди Субҳон дар сураи Ҳиҷр дар баёни гуфтугӯи худ бо Иблис хабар дода аст, ки Иблис бар бандагони мухлиси ӯ султае надорад. Он муҳовира чунин аст:

> ***Қола рабби бимо агвайтанӣ лаузаййинанна лаҳум фил арзи ва лаугвияннаҳум аҷмаъйна илло ъибодака минҳумул мухласӣн. Қола... инна ъибодӣ лайса лака ъалайҳим султонун илло маниттабаъака минал говӣн* Ê**
>
> ***Ä****Иблис гуфт: Парвардигоро! Ба хотири он ки гумроҳам кардӣ, дар замин барои онон ҷилва мекунам ва ҳамаашонро гумроҳ менамоям, магар бандагони мухлисатро. Фармуд..., ту бар бандагони ман султае надорӣ, магар гумроҳоне, ки аз ту пайравӣ мекунанд.*[1]

---

[1]Сураи Ҳиҷр, ояи 39-42.

Дар баёни моҷарои Юсуфу Зулайхо ва чигунагии муҳофизати Худо аз мухлисин дар баробари васвасаи Шайтон чунин оварда аст:

***Ва лақад ҳаммат биҳӣ ва ҳамма биҳо, лавло ан рао бурҳона рабиҳи, казолика линасрифа ъанҳус сӯ'а вал фаҳшоа, иннаҳу мин ъибодинал мухласӣн Ê***

*Ä Он зан қасди ӯ кард ва ӯ низ (агар бурҳони Парвардигорашро намедид) қасди вай менамуд! Инчунин кардем то бадӣ ва фаҳшоро аз ӯ дур созем, чаро ки ӯ аз бандагони мухлиси мо буд!*[1]

Мо васфи мазкур, яъне исмат ва надоштани султаи Иблисро дар сураи Бақара дар он чи миёни Худои субҳон ва халили ӯ Иброҳим мегузорад, аз шартҳои имомат меёбем. Он ҷо, ки фармуд:

***Ва изибтало Иброҳима раббуҳу бикалимотин фаатаммаҳунна, қола иннӣ ҷоъилука линноси имоман, қола ва мин зуррийятӣ, қола ло янолу ъаҳдиз золимӣн Ê***

*Ä Ҳангоме ки Худованд Иброҳимро бо васоили гуногуне имтиҳон кард, ӯ ба хубӣ аз ӯҳдаи он баромад. Худованд ба ӯ фармуд: ман туро Имом ва*

---

قَالَ رَبِّ بِمَا أَغْوَيْتَنِي لأُزَيِّنَنَّ لَهُمْ فِي الأَرْضِ وَلأُغْوِيَنَّهُمْ أَجْمَعِينَ {39} إِلاَّ عِبَادَكَ مِنْهُمُ الْمُخْلَصِينَ {40} قَالَ ... {41} إِنَّ عِبَادِي لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَانٌ إِلاَّ مَنِ اتَّبَعَكَ مِنَ الْغَاوِينَ {42}

[1] Сураи Юсуф, ояи 24.

وَلَقَدْ هَمَّتْ بِهِ وَهَمَّ بِهَا لَوْلا أَن رَّأَى بُرْهَانَ رَبِّهِ كَذَلِكَ لِنَصْرِفَ عَنْهُ السُّوءَ وَالْفَحْشَاءَ إِنَّهُ مِنْ عِبَادِنَا الْمُخْلَصِينَ {24}

*пешвои мардум қарор додам. Иброҳим арз кард: аз хонадони ман низ! Худованд фармуд: паймони ман ба ситамкорон намерасад!*[1]

Дар сураи Анбиё оварда аст:

Касонеро, ки Худованд пешвоёни мардум қарор дода аст, онон мардумро ба фармони Худо ҳидоят мекунанд:

***"Ва чаъалноҳум аимматан яҳдӯна биамрино" Ê***

***Ä*** *Ононро пешвоёне қарор додем, ки ба фармони мо ҳидоят мекунанд.*[2]

Дар ҳамон сура бархе аз ононро ном бурда аст, монанди: Нӯҳ, Иброҳим, Лут, Исмоил, Аюб, Зулкафл, Юнус, Мӯсо, Ҳорун, Довуд, Сулаймон, Закариё, Яҳё ва Исо(а).

Дар миёни касоне, ки Худованд дар ин сура ононро ба имомат васф намуда аст, набӣ, расул, вазир ва васӣ ҳамагӣ вуҷуд доранд. Бинобар ин, барои мо ошкор мешавад, ки Худои таборак ва таоло чунин шарт фармуда аст, ки ҳар касро имом қарор медиҳад, набояд золим бошад.

---

[1]Сураи Бақара, ояи 124.

وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَاماً قَالَ وَمِن ذُرِّيَّتِي قَالَ لاَ يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ {124}

[2] Сураи Анбиё, ояи 73.

وَجَعَلْنَاهُمْ أَئِمَّةً يَهْدُونَ بِأَمْرِنَا ... {73}

Худованд имомро халифаи худ дар Замин шумурда аст, чунонки дар хитоб ба Довуд(а) дар сураи Сод мефармояд:

> ***Ё Довуду инно ҷаъалнока халӣфатан фил арз*** **Ê**
>
> **Ä***Эй Довуд! Мо туро ҷонишин дар Замин қарор додем.*[1]

Дар васфи Одам(а), барои фариштагон дар сураи Бақара фармуда аст:

> ***Ва из қола раббука лил малоикати иннӣ ҷоъилун фил арзи халифатан*** **Ê**
>
> **Ä***Ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон фармуд: ман дар рӯи Замин халифа қарор медиҳам.*[2]

## Шарҳи вожаҳо

***Ағвайтанӣ, лауғвияннаҳум, алғовӣн:***

***Ғаво:*** гумроҳ шуд.

***Ғовӣ:*** касе, ки ғарқ дар гумроҳӣ аст. Шайтони лаин аз он рӯ, ба Худо "*ағвайтанӣ,*" - гумроҳам кардӣ мегӯяд, ки Худованд пеш аз он лаънаташ карда ва фармуда буд:

> ***"Инна ъалайкал лаъната ило явмиддӣн*** **Ê**
>
> **Ä** *Дурӣ аз раҳмати Ҳақ то рӯзи қиёмат бар ту бод*

---

[1] Сураи Сод, ояи 26.

يَا دَاوُودُ إِنَّا جَعَلْنَاكَ خَلِيفَةً فِي الْأَرْضِ ... {26}

[2]Сураи Бақара, ояи 30.

وَإِذْ قَالَ رَبُّكَ لِلْمَلَائِكَةِ إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً ... {30}

Ин дурӣ аз раҳмати Худо, кайфари нофармонӣ ва нофармонии ӯ аз саҷда барои Одам(а) буд. Чунонки дар сураи Бақара фармуда аст:

***Юзиллу биҳӣ касӣран ва яҳдӣ биҳӣ касӣро ва мо юзиллу биҳӣ иллал фосиқӣн.***

*Худованд ҷамъи зиёдеро бо он гумроҳ мекунад ва гурӯҳи бисёреро бо он ҳидоят мекунад, вале т анҳо фосиқонро бо он гумроҳ месозад!*[1]

***Лаузаййинанна лаҳум:*** рафтори зишти ононро некӯ ҷилва медиҳам, чунонки Худои субҳон фармуда аст:

***Зуййина лаҳумуш шайтону аъмолаҳум.***

*Шайтон рафтори ононро дар назарашон зинат дода аст.*[2]

Ва фармуд:

***Зуййина лаҳум сӯ'у аъмолиҳим.***

*Зиштиҳои аъмолашон барои онон зебо шуда аст.*[3]

***Мухласӣн:*** покон, касоне, ки Худованд ононро (пас аз он ки худро вақфи Худо карда ва дар ҷонашон макони барои ғайри Худо нест) барои худ баргузида аст.

***Ибтало:*** имтиҳон кард, бо хайру шарр, рифоҳ ва сахтӣ озмуд.

***Бикалимотин:*** мақсуд аз калимот дар ин ҷо ҳаводисе аст, ки Худованд, Иброҳим(а)-ро бо онҳо имтиҳон кард.

---

[1] Сураи Бақара, ояи 26.

... يُضِلُّ بِهِ كَثِيراً وَيَهْدِي بِهِ كَثِيراً وَمَا يُضِلُّ بِهِ إِلاَّ الْفَاسِقِينَ {26}

[2]Сураи Анфол, ояи 48.

... زَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أَعْمَالَهُمْ ... {48}

[3] Сураи Тавба, ояи 37.

... زُيِّنَ لَهُمْ سُوءُ أَعْمَالِهِمْ ... {37}

Монанди: мубтало шуданаш ба ситорапарастону бутпарастон, сӯзондашудан бо оташ, буридани сари фарзанд ба дасти худ ва амсоли он.

***Фаатаммаҳунна:*** онҳоро ба беҳтарин шакл анҷом дод.

***Ҷоъилука:*** *ҷаъл* дар забони арабӣ ба маънои: офариниш, эҷод, ҳукм, қонунгузорӣ, ҷойгузин кардан ва қарор додан омада аст, ки дар ин ҷо ҳамин маънои охир мурод аст, яъне ман туро имом қарор додам.

***Имоман:*** *имом* яъне пешво ва муқтадои мардумон дар гуфтор ва кирдор.

***Золимӣн:*** *зулм*: ниҳодани чиз дар ғайри ҷои худ ва низ, таҷовуз аз ҳақ аст. Зулм се хел аст:

*а) зулм миёни инсон ва парвардигор*, ки бузургтарини он ширк ва куфр аст. Чунонки дар сураи Луқмон фармуда аст:

***Иннаш ширка лазулмун ъазӣм***

*Ба ростӣ, ки ширк зулми бузурге аст.*[1]

Дар сураи Анъом фармуда аст:

***Фаман азлама мимман каззаба биоётиллоҳ***

*Чӣ касе золимтар аст аз он ки оёти Худоро дурӯғ мешуморад.*[2]

---

[1]Сураи Луқмон, ояи 13.

**... إِنَّ الشِّرْكَ لَظُلْمٌ عَظِيمٌ** {13}

[2] Сураи Анъом, ояи 157.

**... فَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّن كَذَّبَ بِآيَاتِ اللّهِ ...** {157}

*б) зулм миёни инсон ва ғайри ӯ*, чунонки дар сураи Шӯро фармуда аст:

***Иннамас сабӣлу ъалал лазӣна язлимӯнан носа***

*Султа ва муҷозот бар касоне аст, ки ба мардум зулм мекунанд.*[1]

*в) зулми инсон бар хештан*, чунонки дар сураи Бақара фармуда аст:

***...Ва ман яфъал золика фақад залама нафсаҳу***

*...Ҳар кас чунин кунад, ба хештан зулм карда аст.*[2]

Дар сураи Талоқ фармуда аст:

***Ва ман ятаъадда ҳудудаллоҳи фақад залама нафсаҳу***

*Ҳар гоҳ, ки аз ҳудуд ва марзҳои илоҳӣ хориҷ шавад, мусалламан ба хештан зулм карда аст.*[3]

Зулм аз ҳар навъе, ки бошад дар наҳоят зулм ба хештан аст ва ба касе, ки дар ҳар замоне зулм карда бошад, золим гӯянд.

***Ҳаммат биҳӣ ва ҳамма биҳо:*** *ҳамма*, яъне тасмим бар иқдом гирифт, вале анҷом надод.

***Рао:*** дид. Дидан ду гуна аст: дидани бо чашм, яъне нигоҳ кардан ва дидани бо қалб, яъне басират ва идрок.

---

[1] Сураи Шӯро, ояи 42.

إِنَّمَا السَّبِيلُ عَلَى الَّذِينَ يَظْلِمُونَ النَّاسَ ... {42}

[2] Сураи Бақара, ояи 231.

... وَمَن يَفْعَلْ ذَلِكَ فَقَدْ ظَلَمَ نَفْسَهُ ... {231}

[3] Сураи Талоқ, ояи 1.

... وَمَن يَتَعَدَّ حُدُودَ اللَّهِ فَقَدْ ظَلَمَ نَفْسَهُ ... {1}

***Бурҳон:*** далели маҳкам ва ҳуҷҷати ошкор, ки ҳақ ва ботилро аз ҳам ҷудо месозад ва он чи Юсуф(а) дид болотар аз ин таърифҳо аст.

## Таъвили оёт

Иблис ба Парвардигори оламиён гуфт: Парвардигоро! Ҳоло ки маро лаънат кардӣ ва аз раҳмати худ дур сохтӣ, ман ҳам дар дунё рафторҳои бадро дар назари мардумон зебо ҷилва медиҳам. Чунонки дар сураи Наҳл фармуда аст:

> ***Таллоҳи лақад арсално ило умамин мин қаблика, фазайяна лаҳумуш шайтону аъмолаҳум Ê***
>
> ***Ä*** *Ба Худо савганд, мо ба сӯи умматҳои пеш аз ту паёмбароне фиристодем, аммо шайтон рафторашонро дар назарашон зебо ҷилва дод.*[1]

Дар сураи Анфол фармуда аст:

> ***Ва из зайяна лаҳумуш шайтону аъмолаҳум ва қола ло ғолиба лакумул явм... Ê***
>
> ***Ä*** *Ҳангоме ки шайтон рафтори мушриконро дар назарашон зебо ҷилва дод ва гуфт: имрӯз ҳеҷ кас бар шумо пирӯз нахоҳад шуд...*[2]

Дар сураи Намл мефармояд:

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 63.

تَاللّٰهِ لَقَدْ أَرْسَلْنَا إِلَى أُمَمٍ مِّن قَبْلِكَ فَزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أَعْمَالَهُمْ ... {63}

[2] Сураи Анфол, ояи 48.

وَإِذْ زَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أَعْمَالَهُمْ وَقَالَ لاَ غَالِبَ لَكُمُ الْيَوْمَ ... {48}

***...Ясҷудӯна лишшамси мин дӯниллоҳи ва зайяна лаҳумуш шайтону аъмолаҳум, фасаддаҳум ъанис сабӣли...*** **Ê**

**Ä...***Ба ҷои Худо, барои офтоб саҷда мекунанд ва шайтон аъмолашонро дар назарашон зебо ҷилва дода аст ва ононро аз роҳи рост боздошта аст...*[1]

Оре, шайтон гуфт: ман корҳои ҳамаи мардумонро дар чашми онон зебо ҷилва медиҳам, магар бандагони хосатро, ки барои худ баргузидаӣ!

Худованд дар ҷавоби ӯ фармуд: "*Ту ҳеҷ гуна тасаллуте надорӣ, магар бар онон ки пайравиат мекунанд, касоне ки дар гумроҳӣ ва залолат фурӯ рафтаанд*".

Худованд аз ҳоли бандагони мухлиси худ дар моҷарои Юсуф ва Зулайхо хабар дода ва мефармояд: "Он зан қасди Юсуф кард ва Юсуф ҳам агар бурҳони Парвардигорашро намедид, қасди вай менамуд". Ин дар хонае буд, ки ҳеҷ инсоне ҷуз Юсуф(а) ва Зулайхо дар он набуд!

Зулайхо, ки шоҳбонуи Миср ва молики Юсуф буд, тасмим бар он дошт то аз Юсуф(а) ком ситонад. Агар Юсуф(а) бурҳони Парвардигорашро намедид, ё тасмим ба қатли ӯ мегирифт ё ин ки тасмим ба фаҳшо, ки мувофиқи ҳол ва табиати ҷавонии ӯ буд ва дар ин сурат бо Зулайхо - моликаи ҷавони худ, ки ӯ ҳам дар шароити машобеҳ ва дар авҷи рифоҳи ашрофӣ мезист,

---

[1] Сураи Намл, ояи 24.

... يَسْجُدُونَ لِلشَّمْسِ مِن دُونِ اللَّهِ وَزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أَعْمَالَهُمْ فَصَدَّهُمْ عَنِ السَّبِيلِ ... {24}

дар хонаи холӣ аз ағёр дармеомехт. Вале бурҳони парвардигорашро дид, иффат варзид ва аз гуноҳ ва бадӣ дурӣ ҷуст. Ба ростӣ, ӯ аз касоне буд, ки Худованд ононро барои худ баргузида ва покизаашон гардонида аст. Аммо бурҳоне, ки Юсуф(а) дид ва чигунагии дидани он ба таври мухтасар чунин аст, ки ӯ осори ҳар ду корро бар хештан мушоҳида кард. Шарҳи он дар оянда меояд.

## Осори амал ва ҷовидонагии он, исмати ҷонишинони Худо аз гуноҳ

Барои ошноӣ аз исмати анбиё зебанда он аст, ки ибтидо чигунагии сироят ва густариши баракат ва шумии осори кори инсон бар замону макон дар дунё ва охиратро баррасӣ кунем. Пас, аз Худо мадад ҷуста ва мегӯем: Худои субҳон дар сураи Бақара фармуда аст:

> ***Шаҳру Рамазон, аллазӣ унзила фӣҳил Қур'он, ҳудан линноси ва баййинотин минал ҳудо вал Фурқон, фаман шаҳида минкумуш шаҳра фалясумҳу Ê***
>
> ***Ä(****Рӯза дар****)*** *Моҳи Рамазон аст****,*** *моҳе****,*** *ки Қуръон барои роҳнамоии мардум ва нишонаҳои ҳидоят ва фарқ миёни ҳаққу ботил дар он нозил шуда аст****.*** *Пас ҳар ки аз шумо ин моҳро дарёбад****,*** *рӯза бидорад****.***[1]

Дар сураи Қадр фармуда аст:

---

[1]Сураи Бақара, ояи 185.

شَهْرُ رَمَضَانَ الَّذِيَ أُنزِلَ فِيهِ الْقُرْآنُ هُدًى لِّلنَّاسِ وَبَيِّنَاتٍ مِّنَ الْهُدَى وَالْفُرْقَانِ فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ الشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُ ... {185}

***Инно анзалноҳу фӣ лайлатил қадр. Ва мо адрока мо лайлатул қадр. Лайлатулқадри хайрун мин алфи шаҳр. Таназзалул малоикату варрӯҳу фӣҳо биизни раббиҳим мин кулли амр. Саломун ҳия ҳатто матлаъил фаҷр Ê***

*Ä Мо Қуръонро дар шаби Қадр нозил кардем! Ту чӣ медонӣ, ки шаби Қадр чист? Шаби Қадр беҳтар аз ҳазор моҳ аст! Фariштагону рӯҳ дар он шаб ба изни Парвардигорашон барои ҳар коре нозил мешаванд. Шабе аст, ки саршор аз саломат то сапедадам!*[1]

Худованд Қуръонро дар яке аз шабҳои моҳи Рамазон, бар хотами паёмбаронаш нозил фармуд. Ин шаб, ба ин хотир шаби Қадр шуд. Фариштагону рӯҳ, барои ҳамеша, ҳар сол ба фармони Парвардигорашон фуруд меоянд ва баракати ин шаб ба ҳамаи шабҳои моҳи Рамазон, то абад сироят кард.

Мо дар баҳси насх, ба ёрии Худо, баррасӣ хоҳем кард, ки рӯзи ҷумъа аз замони Одам(а) баракат ёфт. Ин ба он хотир аст, ки Худои субҳон дар он рӯз баракати худро бар Одам(а) нозил фармуд. Рӯзи нӯҳуми Зилҳиҷҷа низ муборак шуд ва рӯзи омурзиши гуноҳони бандагони Худо дар Мино гардид ва ин ба он сабаб буд, ки Худованд омурзиши худро дар ин рӯз бар Одам(а) нозил фармуд. Сарзаминҳои Арафот, Мино ва Машъар ҳам, дар нӯҳум ва даҳуми Зилҳиҷҷа бар ҳамаи авлоди

---

[1] إِنَّا أَنزَلْنَاهُ فِي لَيْلَةِ الْقَدْرِ {1} وَمَا أَدْرَاكَ مَا لَيْلَةُ الْقَدْرِ {2} لَيْلَةُ الْقَدْرِ خَيْرٌ مِّنْ أَلْفِ شَهْرٍ {3} تَنَزَّلُ الْمَلَائِكَةُ وَالرُّوحُ فِيهَا بِإِذْنِ رَبِّهِم مِّن كُلِّ أَمْرٍ {4} سَلَامٌ هِيَ حَتَّى مَطْلَعِ الْفَجْرِ {5}

Одам сарзамини муборак шуд ва осори он то дар тамоми давру замон боқӣ монд.

Ҳамчунин, асари қадамҳои Иброҳим(а) дар хонаи Худо, бар рӯи гиле, ки дар зери пои худ ниҳода буд, то рӯи он баромада ва девори хонаро боло бибарад, баракат ёфт ва Худованд моро фармон дод, то барои ҳамеша онро ибодатгоҳи худ қарор диҳем ва фармуд:

Аз мақоми Иброҳим ибодатгоҳе барои худ интихоб кунед. Ҳоли шумӣ ва сирояти он ба дигарон низ, ин гуна аст. Чунонки вазъи хонаҳои қавми Од дар минтақаи Ҳиҷр, пас аз нузули азоб, чунин буд ва расули Худо ба ҳангоми убур аз он ҷо дар ғазваи Табук, моро аз он хабардор фармуда аст. Хулосаи он дар китобҳои ҳадис ва сира чунин аст:

Ҳангоме ки Расули Худо(с) дар соли нӯҳуми ҳиҷрӣ ба сӯи ғазваи Табук мерафт, ба сарзамини Ҳиҷр (шаҳри қавми Самуд дар Водиюлқуро, дар роҳи Мадина ба Шом), ки расиданд, пеш аз убур аз он пиёда шуданд ва сипоҳиён аз чоҳи он ҷо об кашиданд, ки мунодии паёмбар фарёд зад! Аз оби чоҳи ин ҷо нанӯшед! Ва барои намоз бо он вузу насозед! Мардум ҳарчи дар обгирҳои худ доштанд бар замин рехтанд ва гуфтанд: эй расул! Бо он хамир сохтем, фармуд: онро ба шутур бихӯронед, мабодо монанди он чи ба онон расид бар шумо ҳам бирасад. Ҳангоме ки бор бардоштанд ва аз Ҳиҷр гузаштанд ҷомаи худро бар чеҳра кашид ва маркаби худро бошитоб ронд. Сипоҳиён низ чунин карданд. Расули Худо(с) фармуд:

***Ло тадхулӯ буютал лазӣна заламӯ, илло ва антум бокӯн*** Ê

ÄДохили хонаи ситамкорон нашавед, магар дар ҳоли гиристан!*

“Марде бо ангуштаре, ки дар Ҳиҷр аз хонаи азобшудагон ёфта буд, хидмати Расули Худо(с) омад. Он ҳазрат аз вай рӯ гардонид ва бо дасти худ пеши чашмонашро гирифт, то онро набинад ва фармуд: онро бияндоз! Ӯ ҳам ба дур афканд”.[1]

Монанди ин воқеа барои имом Алӣ(а) низ, пеш омад. Наср ибни Музоҳим ва баъзеи дигар овардаанд: “Муханнаф ибни Сулайм (ё Салим) бо имом Алӣ(а) аз "Бобил"[2] мегузаштанд, ки Имом Алӣ(а) фармуд: дар сарзамини Бобил, маҳалле аст, ки мавриди азоб воқеъ гардида, бар замин фурӯ рафта аст. Маркаби худро тезтар бирон то шояд намози асрро дар беруни ин ҷо ба ҷо оварем!

Ӯ мегӯяд: имом Алӣ(а) маркаби худро тез ронданд ва мардум низ маркабҳои худро аз қафои он ҳазрат ронданд. Вақте ки аз пули Сирот гузашт, аз маркаб пиёда шуд ва намози асрро бо мардум иқома кард”.[3] Дар ривояти дигаре омада аст:

“Бо Амирулмӯъминин ҳангоми аср, аз пули Сирот гузаштем, фармуд: ин сарзамин, водии азобшудае аст

---

[1]Мағозии Воқидӣ, с. 1006 то 1008.

[2]Бобил мантақае аст дар кишвари Ироқ байни Кӯфа ва Бағдод ва Пули Сирот бар рӯи дарёи Сирот дар наздики Бағдод буда аст.

[3] Вақъату Сиффин, Наср ибни Музоҳим, с.135.

ва барои ҳеҷ паёмбар ё васии паёмбаре шоиста нест то дар ин ҷо намоз бигзорад”.[1]

Оре, баракат аз замону маконе, ки Худованд онро барои бандае аз бандагони мухлиси худ, муборак гардонида аст, ба дигар замонҳою маконҳо сироят карда ва густариш меёбад. Чунонки шумию наҳсӣ ҳам густариш ва сироят дорад ва аз замоне, ки Худованд бар бандагони шақӣ ва бадбахти худ ғазаб фармуд, ба дигар замонҳо ва маконҳо роҳ меёбад. Мо ба зудӣ дар баҳси "*Осори амал*" ки дар оянда меояд, мебинем, ки рафтори одамиён дар дунё ва охират осори ҳамешагӣ дорад, ки ё ба шакли оташи ҷовиде, ки оташгираи он мардумон ва сангҳо ҳастанд, зоҳир мешавад, ё ба шакли неъматҳои ҷовидон дар биҳиштҳои адн. Ҳамаи ин осор ва сироятҳоро бандагони мухлиси Худо мебинанду дарк мекунанд. Ин биниш ононро ба кӯшиши бештар дар анҷоми корҳои шоиста, дурӣ аз бадкорию фаҳшо ва мункар мекашонад.

Ин бининшҳо, ҳамон бурҳони илоҳӣ аст, ки Худованд ба касоне аз бандагонаш медиҳад, ки худро пок карда ва ризои Худоро бар хостаи нафси аммора баргузидаанд. Ба ин хотир аз бандагони мухлиси Худо гуноҳи ҳалокатбор сар намезанад. Мисоли эшон дар ин бора мисоли инсони бино ва шахси кӯр аст, ки бо ҳам дар як роҳи ноҳамвори пур аз ҷарӣ мераванд. Равшану бадеҳӣ аст ки шахси бино аз гирифтор шудан дар ҳалокатҳо дурӣ мекунад ва ҳамроҳи нобинои худро низ

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ.41, с.168 ба нақл аз Илалушшароеъ ва Басоируддараҷот.

огоҳ мекунад то аз афтодан дар он дурӣ намояд. Ё монанди инсонҳои ташнае, ки рӯёрӯи онон оби зулол худнамоӣ карда ва ҷонашон барои нӯшидани ҷуръае аз он лаҳзашуморӣ мекунад то ҳарорати ташнагии худро фурӯ нишонанд. Вале дар миёни эшон табибе аст, ки бо микроскоп обро озмоиш мекунад ва дар он навъхои микробҳои кушанда меёбад ва ба ҳамроҳони худ мегӯяд: бояд ин обро пеш аз нӯшидан соф намоем!

Мисоли бандагони мухлиси Худо, чунин аст. Онон бурҳон илоҳиро мебинанд ва ҳақоиқи аъмол ва осори неку бади онро дармеёбанд. Эшон бо чунин басирате, ки аз бадии гуноҳ доранд ва медонанд, ки гуноҳ дар охират азоби муҷассам ва оташи ҷовидон мегардад, мумкин нест дар ҳоли ихтиёр ба чунин амал даст зананд.

Шубҳаҳое ки дар мавриди исмати анбиё меоваранд ва ба оёти муташобеҳ шоҳид меоваранд, ба он хотир аст, ки дар таъвили бархе роҳи иштибоҳ рафта ва бархе дигарро бо ривоёти нодуруст тафсир мекунанд. Мо барои дурудароз нашудани баҳс танҳо ба овардани намунаҳое аз ҳар ду навъ басанда мекунем:

## *Ривоёти дурӯғине, ки бар набии Худо, Довуд(а) дар бораи издивоҷ бо беваи Уриё бастанд ва бар Хотами Анбиё(с) дар бораи издивоҷ бо Зайнаби муталлақаи[1] Зайд нисбат доданд ва ҳикмати ин ду издивоҷ*

Мо ибтидо, ривоёти марбут ба издивоҷи Довуд бо беваи Уриё ва пас аз он издивоҷи Паёмбари Акрам(с) бо муталлақаи Зайдро мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

**Издивоҷи Довуд(а) дар Қуръони карим**:

Худои субҳон дар сураи Сод мефармояд:

*Дар баробари он чи мегӯянд сабур бош ва ба ёд ор бандаи мо Довуди соҳибқудратро, ки бисёр тавбакунанда буд. Мо кӯҳҳоро мусаххари ӯ сохтем, ки шомгоҳ ва бомдод бо ӯ тасбеҳ мегуфтанд. Паррандагонро низ мусаххари ӯ намудем, ки ҳамагӣ ба сӯи ӯ меомаданд. Ҳукуматашро устувор кардем ва ҳикмат ба ӯ бахшидем ва ба ӯ доварии одилона омӯхтем. Оё достони шикояткунандгон, ҳангоме ки аз меҳроб боло рафтанд, ба ту расида аст?! Дар он ҳангоме ки бар Довуд ворид шуданд ва ӯ аз дидани онон тарсид, гуфтанд: Натарс, мо ду нафар шикояткунанда ҳастем, ки яке аз мо бар дигаре ситам карда аст. Акнун дар миёни мо ба дурустӣ доварӣ кун, аз ҳақ дур машав ва моро ба роҳи рост ҳидоят кун! Ин бародари ман аст. Ӯ наваду нӯҳ меш дорад ва ман яке бештар надорам! Ӯ исрор*

---

[1] Муталлақа: зане, ки он талоқ дода шуда аст.

*мекунад, ки: ин якеро ҳам ба ман вогузор ва дар сухан бар ман ғалаба карда аст. Довуд гуфт: мусаллам аст, ки ӯ бо дархосташ дар афзудани меши ту ба мешҳои худ, бар ту ситам намуда аст. Ва бисёре аз шарикон бар якдигар ситам мекунанд магар касоне, ки имон оварда ва амали шоиста анҷом додаанд, ки шумори онон андак аст. Довуд донист, ки мо ӯро имтиҳон кардем. Пас, аз Парвардигораш омурзиш хост ва ба саҷда афтод ва тавба кард. Мо ин корро бар ӯ бахшидем ва ӯ назди мо дорои мақоми воло ва саранҷоми некӯст. Эй Довуд! Мо туро ҷонишине дар замин қарор додем; пас дар миёни мардум ба ҳақ доварӣ кун...*[1]

---

[1]Сураи Сод, ояи 17-26.

اصْبِرْ عَلَى مَا يَقُولُونَ وَاذْكُرْ عَبْدَنَا دَاوُودَ ذَا الْأَيْدِ إِنَّهُ أَوَّابٌ {17} إِنَّا سَخَّرْنَا
الْجِبَالَ مَعَهُ يُسَبِّحْنَ بِالْعَشِيِّ وَالْإِشْرَاقِ {18} وَالطَّيْرَ مَحْشُورَةً كُلٌّ لَّهُ أَوَّابٌ {19}
وَشَدَدْنَا مُلْكَهُ وَآتَيْنَاهُ الْحِكْمَةَ وَفَصْلَ الْخِطَابِ {20} وَهَلْ أَتَاكَ نَبَأُ الْخَصْمِ إِذْ
تَسَوَّرُوا الْمِحْرَابَ {21} إِذْ دَخَلُوا عَلَى دَاوُودَ فَفَزِعَ مِنْهُمْ قَالُوا لَا تَخَفْ خَصْمَانِ
بَغَى بَعْضُنَا عَلَى بَعْضٍ فَاحْكُم بَيْنَنَا بِالْحَقِّ وَلَا تُشْطِطْ وَاهْدِنَا إِلَى سَوَاءِ الصِّرَاطِ
{22} إِنَّ هَذَا أَخِي لَهُ تِسْعٌ وَتِسْعُونَ نَعْجَةً وَلِيَ نَعْجَةٌ وَاحِدَةٌ فَقَالَ أَكْفِلْنِيهَا وَعَزَّنِي
فِي الْخِطَابِ {23} قَالَ لَقَدْ ظَلَمَكَ بِسُؤَالِ نَعْجَتِكَ إِلَى نِعَاجِهِ وَإِنَّ كَثِيراً مِّنْ الْخُلَطَاء
لَيَبْغِي بَعْضُهُمْ عَلَى بَعْضٍ إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ وَقَلِيلٌ مَّا هُمْ وَظَنَّ
دَاوُودُ أَنَّمَا فَتَنَّاهُ فَاسْتَغْفَرَ رَبَّهُ وَخَرَّ رَاكِعاً وَأَنَابَ {24} فَغَفَرْنَا لَهُ ذَلِكَ وَإِنَّ لَهُ عِندَنَا
لَزُلْفَى وَحُسْنَ مَآبٍ {25} يَا دَاوُودُ إِنَّا جَعَلْنَاكَ خَلِيفَةً فِي الْأَرْضِ فَاحْكُم بَيْنَ النَّاسِ
بِالْحَقِّ ... {26}

## Таъвили ин оёт дар ривоёти мактаби хулафо

Ривоёти мактаби хулафо дар таъвили оёте, ки аз доварии Довуд[(а)] сухан мегӯянд, бисёранд. Мо дар зер танҳо ба овардани се намуна аз онҳо басанда мекунем:

### 1-Ривояти Ваҳаб ибни Мунаббаҳ

Табарӣ дар таъвили оёт аз қавли Ваҳаб ибни Мунаббаҳ оварда аст, ки:

Ҳангоме ки Бани Исроил дар атрофи Довуд[(а)] гирд омаданд, Худованд Забурро ба ӯ нозил кард, фанни оҳангариро ба ӯ омӯхт ва оҳанро барояш нарм сохт. Кӯҳҳо ва паррандагонро фармон дод то ҳар гоҳ тасбеҳ гӯяд бо ӯ ҳамроҳӣ намоянд. (Аз ҷумла овардаанд) Худованд ба ҳеҷ як аз офаридагонаш монанди овози Довудро надода аст. Ӯ ҳар гоҳ Забур мехонд (чунонки овардаанд) ҳайвоноти ваҳшӣ ба андозае наздики ӯ мешуданд, ки гардани онҳоро мегирифт ва онҳо сокиту ором ба садои он гӯш месупурданд. Ӯ бисёр талошгар ва ибодатпеша буд. Дар миёни Бани Исроил ба ҳукумат бархост ва набии ҷонишине буд, ки ба фармони Худо доварӣ мекард. Аз анбиёи бисёр заҳматкаш буд, ки зиёд гиря мекард. Сипас ба фитнаи он зан мубтало шуд. Ӯ меҳроби махсусе дошт, ки худ танҳо дар он ба тиловати Забур ва намоз мепардохт. Дар поёни он (меҳроб), боғчаи марди Бани Исроилӣ қарор дошт ва он зане, ки Довуд мубталои ӯ шуда буд назди ин мард буд.

Ӯ ҳангоме ки дар он рӯз ба меҳроби худ ворид шуд, гуфт: имрӯз то шаб ҳеҷ кас набояд назди ман ояд ва ҳеҷ

чиз набояд хилватамро барҳам занад. Сипас дохили меҳроб шуд, Забурро кушод ва ба тиловати он пардохт. Дар меҳроб тирезае буд, ки боғчаи мазкур аз он дида мешуд. Дар ҳамон ҳол, ки Довуд Забури худро тиловат мекард, кабӯтаре заррин, рӯёрӯи ӯ дар тиреза қарор гирифт. Ӯ сар бардошту онро дид ва дар шигифт шуд. Сипас ба ёди гуфтаи хеш афтод, ки: "Ҳеҷ чиз набояд ӯро аз ибодат боздорад". Сипас сари худро ба зер афканд ва ба Забур пардохт. Кабӯтар, ки барои имтиҳон ва озмоиш омада буд аз тиреза бархост ва рӯ ба рӯи Довуд ба замин нишаст. Ӯ ба сӯяш даст кушод ва кабутар худро қадре ақиб кашид. Аз пасаш бархост ва кабутар ба сӯи тиреза пар зад. Барои гирифтанаш ба сӯи тиреза рафт, кабутар ба сӯи боғча пар кашид. Ӯ бо чашм вайро таъқиб кард то куҷо менишинад. Дар ин ҳангом он занро дар ҳоли шустушӯи худ дид (зане, ки дар зебоӣ ва ҷамолу андом, Худованд ба ҳоли ӯ донотар аст. Мегӯянд он зан вақте Довудро дид мӯйҳояшро кушод ва бадани худро бо он пӯшонд), пас қалбаш фурӯ рехт ва ба сӯи Забур ва нишемангоҳи худ баргашт ва чунон шуд, ки ёди он зан аз дилаш ҷудо намешуд. Ин фитна ӯро то ба он ҷо кашонд, ки ҳамсари занро ба ҷанг фиристод ва фармондеҳи лашкарро (ба гумон Аҳли китоб) фармон дод ӯро ба коми марг фиристад, то он ки ба хостааш расад. Ӯ, ки наваду нӯҳ зан дошт, он занро низ пас аз марги шавҳараш хостгорӣ ва бо вай хонадор шуд. Худованд ҳам дар мавқее, ки дар меҳроб буд, ду фариштаро дар ҳоли низоъ назди вай фиристод, то намунае аз кори ӯ бо ҳамсояашро ба вай бинамояд. Довуд, ки он дуро дар меҳроб бар болои худ

истода дид, тарсид ва гуфт: чӣ чиз шуморо бар сари ман кашонд? Гуфтанд: натарс, мо барои даргирӣ ва қасди баде наомадаем. "Мо ду нафар шикояткунанда ҳастем, ки яке аз мо бар дигаре ситам карда аст. Омадаем то миёни мо доварӣ кунӣ, байни мо ба дурустӣ доварӣ кун ва аз ҳақ дур машав ва моро ба роҳи рост ҳидоят кун". Яъне: моро ба роҳи ҳақ бибар ва бар ғайри ҳақ мабар. Фариштае, ки аз ҷониби Уриё ибни Ҳанониё - шавҳари он зан, сухан меронад гуфт: "Ин бародари ман аст", яъне бародари динии ман аст. "Ӯ наваду нӯҳ меш дорад ва ман танҳо як меш дорам, ба ман мегӯяд: меши худро дар ихтиёри ман гузор", яъне маро бар ӯ мусаллат кун. Сипас дар сухан бар ман ғалаба ва ба ман зӯр гуфт, зеро аз ман нерӯмандтар аст. Ӯ меши маро дар шумори мешҳои худаш оварда ва маро дасти холӣ раҳо карда аст. Довуд хашмгин шуд ва ба шикояткунандаи сокит рӯ оварду гуфт: агар он чи мегӯяд рост бошад, биниатро бо теша мекӯбам. Сипас ба худ омад, сокит шуд ва донист, ки мурод аз ин саҳна, намоёндани коре аст, ки дар бораи ҳамсари Уриё анҷом дода аст. Бо гиря ва фиғон, ба саҷда афтод ва тавба кард. Ӯ чиҳил рӯзро инчунин дар ҳоле ки рӯза буд ва чизе намехӯрду намеошомид дар саҷда гузаронид, то сиришки дида дар зери рӯяш сабза рӯёнид ва саҷда бар гӯшти чеҳрааш асар гузошт. Худованд ӯро бахшид ва тавбаашро пазируфт.

Чунин мепиндоранд, ки ӯ гуфт: Парвардигоро! Ҷиноятеро, ки дар ҳаққи он зан раво доштам бахшидӣ, аммо хуни он куштаи мазлум чӣ мешавад? (Ба гумони Аҳли китоб) Ба ӯ гуфта шуд: эй Довуд! Бидон, ки

Парвардигори ту дар хуни ӯ ситам накарда аст, вале базудӣ аз ӯ дар бораи ту савол мекунанд ва хунбаҳояшро мепардозад ва аз души ту бармедорад. Ӯ ҳангоме ки гирифториҳояш бартараф шуд, гуноҳашро дар кафи дасти рости худ намудор кард ва ҳар гоҳ ғизо ба даҳон мебурд ё шарбате менӯшид, онро медид ва гиря мекард. Вақте барои сухан гуфтан бо мардум бармехост, дасти худро боз мекард ва рӯ ба рӯи мардум қарор медод, то намудори гуноҳашро бубинанд.[1]

## 2-Ривояти Ҳасани Басрӣ

Табарӣ ва Суютӣ дар тафсири оёт аз Ҳасани Басрӣ овардаанд, ки гуфт:

Довуд айёми зиндагиро чаҳор бахш карда буд: рӯзеро барои занонаш ихтисос дода буд, рӯзеро барои ибодат, рӯзеро барои доварӣ дар Бани Исроил ва рӯзеро ба худи Бани Исроил, то пандаш диҳанд ва пандашон диҳад, ӯро гирёнанд ва ӯ ононро гирёнад. Рӯзи Бани Исроил, ки шуд, гуфт: мавъиза кунед. Гуфтанд: оё рӯзе бар инсон мегузарад, ки дар он гуноҳ накунад? Довуд дар худ чунон дид, ки ӯ тавони инро дорад. Рӯзи ибодаташ, ки расид, дарҳоро ба рӯи худ баст ва дастур дод ҳеҷ касе бар ӯ ворид нашавад. Сипас ба Таврот пардохт. Дар ҳоли қироат буд, ки кабӯтаре заррин бо рангҳои зебо пеши рӯи ӯ қарор гирифт. Хост онро бигирад, пар зад ва қадре дуртар ба миқдоре, ки аз дастрасӣ ба ӯ навмед нагардад, ба замин нишаст. Ӯ ҳамчунон аз паси кабӯтар рафт то дидагонаш аз боло

---

[1]Тафсири Табарӣ, ҷ.23, с.95-96, чопи Дорулмаърифа, Бейрут.

бар зане афтод, ки худро шустушӯ медод. Андом ва зебоияш ӯро ба шигифт овард. Зан, ки сояашро дид худро бо мӯҳояш пӯшонд ва ин бар шигифтӣ ва эъҷоби вай афзуд. Довуд, ки пеш аз ин шавҳари вайро барои фармондеҳӣ бо бархе сипоҳиёнаш ба берун фиристода буд, барои ӯ навишт, ки ба сӯи макони чунин ва чунон ҳаракат намояд, маконе, ки агар ба сӯи он мерафт бозгаште надошт. Ӯ дастурро анҷом дод ва кушта шуд. Вай низ занро хостгорӣ кард ва бо ӯ издивоҷ намуд.[1]

### 3-Ривояти Язиди Рақошӣ аз Анас ибни Молик

Табарӣ ва Суютӣ дар тафсири оёт ва санади худашон аз Язиди Рақошӣ аз Анас ибни Молик ривояте овардаанд, ки фишурдаи он чунин аст: Язиди Рақошӣ мегӯяд, аз Анас ибни Молик шунидам, ки мегуфт:

Аз Паёмбари Худо(с) шунидам, ки мефармуд: Довуд(а) ҳангоме ки он занро дид, Бани Исроилро ба ҷанг фиристод ва ба фармондеҳи сипоҳ супориш кард: ҳар гоҳ ба душман расидед фалонӣ (Уриё) бояд пеши рӯи тобут шамшер бизанад. Тобутро дар он замон барои пирӯзӣ мебурданд ва ҳар кас, ки пешорӯи тобут мерафт барнамегашт то кушта шавад ё душман аз ӯ бигрезад. Ӯ кушта шуду Довуд бо он зан издивоҷ кард. Он ду фаришта бар Довуд(а) фуруд омаданд, ӯ ба саҷда афтод ва чиҳил рӯз дар ин ҳол буд то аз serишки дидааш сабза рӯид ва замин рӯяшро хӯрд. Ӯ дар саҷдааш мегуфт: Парвардигори ман! Довуд лағжише

[1] Тафсири Табарӣ, ҷ.23, с.95-96, чопи Дорулмаърифа, Бейрут, Суютӣ, ҷ.5, с.148, ибора аз Табарӣ аст.

кард, ки аз фосилаи Машриқ ва Мағриб дуртар аст. Худои ман! Агар ба нотавонии Довуд раҳм накунӣ ва хатояшро набахшӣ, сухани мардумон пас аз вай гуноҳи ӯ мегардад. Ҷабраил(а) пас аз чиҳил рӯз омад ва гуфт: эй Довуд! Худованд бар ту бахшид. Довуд гуфт: ман медонам, ки Худо одил аст ва заррае аз адл мунҳариф намешавад. Агар фалонӣ (Уриё) рӯзи қиёмат биёяд ва бигӯяд: эй Парвардигори ман! Хуни ман ба гардани Довуд аст, чӣ кунам? Ҷабраил гуфт: ман аз Парвардигорат дар ин бора савол накардаам, агар бихоҳӣ чунон кунам. Гуфт: оре, бипурс. Ҷабраил(а) боло рафт ва Довуд ба саҷда афтод. Муддате гузашт, ки Ҷабраил фуруд омад ва гуфт: эй Довуд! Дар бораи он чи маро фиристодӣ аз Худо савол кардам. Парвардигор фармуд: ба Довуд бигу: Худованди шумо ду нафарро дар рӯзи қиёмат меоварад ва ба он мегӯяд: хунеро, ки ба гардани Довуд дорӣ бар ман бибахш. Мегӯяд: Парвардигоро! Онро ба ту бахшидам. Худованд мефармояд: дар ивази он ҳарчи мехоҳӣ дар биҳишт баргузин ва ҳарчи майл дорӣ аз они ту бошад...[1]

Ривояти ворид дар бораи набии Худо Довуд(а) дар тафосир ба ин гуна буд, ки дидем. Инак ба баррасии санадҳои онҳо мепардозем:

---

[1] Тафсири Табарӣ, ҷ.23, с.96, чопи Дорулмаърифа, Бейрут; Суютӣ, ҷ.5, с.300-301.

## Барраси санадҳои ривоёт

1-*Ваҳаб ибни Мунаббаҳ*. Падари вай аз эрониёне буд, ки Касро ононро ба Яман фиристод. Шарҳи ҳоли ӯ дар табақоти ибни Саъд (фишурдаи он) чунин аст:

Ваҳаб гуфт: ман наваду ду китобро, ки ҳама аз осмон нозил шуда буд хондаам. Ҳафтоду ду тои онҳо дар канисаҳо ва дар дасти мардон аст ва бист адади дигарро танҳо иддаи каме медонанд. Ӯ дар соли 110-и ҳиҷрӣ вафот кард.

Доктор Ҷавод Алӣ гӯяд: гуфта мешавад Ваҳаб аз реша яҳудӣ аст, ӯ ба гумони худ забони юнонӣ, сирёнӣ, ҳамирӣ ва хондани китобҳои қадимаро хуб медониста аст. Дар Кашфуззунун, китоби "Қасасуланбиё"-ро аз таълифоти вай шумурда аст.[1]

2-*Ҳасани Басрӣ*. Абӯсаид, падараш ғуломи Зайд ибни Собит буда аст. Ӯ дар ду соли охири хилофати халифаи дуввум Умар ба дунё омад. Дар Басра зиндагӣ ва дар соли 110-и ҳиҷрӣ вафот кард. Дар фасоҳату балоғат баландмартаба, дар назди мардум ва дастгоҳи хилофат пуршукӯҳ ва дар Басра пешвои пайравони мактаби хулафо буд.[2]

*Дидгоҳ ва ақоиди ӯ*: Аз ривоёти шарҳи ҳолаш дар табақоти Ибни Саъд чунин ба даст меояд, ки ӯ қадаримазҳаб буда ва дар бораи он мунозира мекарда аст ва сипас аз ин ақида баргашта аст. Ӯ қиём бар

---

[1] Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ.5, с.395 ва Кафшуззунун, с.1328 ва "Таърихулъараб қаблал ислом" аз дуктур Ҷавод Алӣ, ҷ.1, с.44.

[2] Вафаётулаъёни Ибни Халкон, чопи аввал, ҷ.1, с.354 ва Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ.7, қис.1, с.120.

алайҳи ҳукумати золиме ҳамчун Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфро ҷоиз намедонист.

*Арзиши ривоёти ӯ:* Бахше аз шарҳи ҳоли ӯ дар Мизонулэътидол[1] чунин аст: Ҳасани Басрӣ бисёр фиребкор буд. Ӯ ҳар ҳадисеро, ки аз дигарон ривоят карда аст, беэътибор ва заиф аст. Зеро ба хотири ниёз санадсозӣ мекард, ба хусус аҳодиси касоне монанди Абӯҳурайра ва амсоли вай, ки яқинан чизе аз онон нашунида аст. Муҳаддисон ривоёти ӯ аз Абӯҳурайраро аз зумраи ривоёти бесанад медонанд ва Худо донотар аст.

Яъне: Ҳасан ҳар гоҳ дар ҳадисе гуфта аст: (аз фалонӣ) ин ривоят заиф аст. Зеро ӯ ба гуфтани ин сухан, ки (аз фалон касе шунидам) ниёзманд буда аст, бахусус ровиёне, ки чизе аз худи онон нашунидааст. Монанди ривоёти мустақими вай аз Абӯҳурайра ва амсоли ӯ. Ҳасан дар ҳоле ки ононро надида буд бидуни восита аз эшон ривоят карда аст.

Дар қисмате аз шарҳи ҳолаш дар Табақоти Ибни Саъд аз қавли Алӣ ибни Зайд оварда аст:

Ман барои Ҳасани Басрӣ ҳадисе гуфта будам ва ӯ ҳамонро барои дигарон ривоят мекард. Ба ӯ гуфтам: эй Абӯсаид! Чӣ касе ин ҳадисро барои шумо ривоят кард? Гуфт: намедонам. Ба ӯ гуфтам: ман инро барои шумо ривоят кардам.

Ҳамчунин оварда аст: ба ӯ гуфта шуд: ин фатвоҳо, ки барои мардум содир мекунӣ аз аҳодисе аст, ки шунидаӣ ё аз дидгоҳ ва пиндори шахсӣ аст? Гуфт: не,

---

[1] Мизонулэътидол, ҷ.1, с.527, тарҷума дар соли 1968.

ба худо чунон нест, ки ҳар фатвое медиҳем онро шунида бошем, балки раъй ва назари мо (барои мардум) аз раъй ва диди худашон барои онон беҳтар аст![1]

Восил ибни Ато - бунёдгузори мактаби мӯътазила (мутаваффои 131 ҳиҷрӣ) ва Ибни Абилъавҷо яке аз бузургони зиндиқон, аз хатмкардагони мактаби Ҳасани Басрӣ ҳастанд.

Ба Ибни Абилавҷо гуфтанд: мактаби устодатро раҳо кардӣ ва ба роҳе ворид шудӣ, ки на асле дораду на ҳақиқате! Гуфт: устоди ман номуназзам ва номутаодил буд; гоҳе қадарӣ буд ва гоҳе ҷабримаслак. Бовар надорам ӯ ба ақидаи собите пойбанд монда бошад.

Ибни Абилъавҷоро фармондори Кӯфа дар соли 155-и ҳиҷрӣ кушт. Ӯ пеш аз кушта шуданаш гуфт: маро мекушед, вале бидонед ман чаҳор ҳазор ҳадисе сохтаам, ки ҳалоли Худоро дар онҳо ҳаром карда ва ҳароми Худоро ҳалол намудаам. Рӯзи рӯзадориатонро ба ифтор ва рӯзи ифторатонро ба рӯза баргардондам.[2]

3-*Язид ибни Обони Раққошӣ*:

"Ҳадисгӯи қиссапардози басрӣ, зоҳиди гирёни бехирад". Фишурдаи шарҳи ҳоли ӯ дар Таҳзибулкамоли Маззӣ ва Таҳзибуттаҳзиби Ибни Ҳаҷар чунин аст:

---

[1]Ҳар ду ривоят дар Табақоти Ибни Саъд, ҷ.8, с.120 чопи Аврупо ва ҷ.7, қис.1, с.120 омада аст.

[2]Ба тарҷумаи Восил ибни Ато дар Вафаётулаъён ва шарҳи ҳоли Ибни Абилъавҷо дар баҳси зандақа ва занодиқа ҷилди аввали “Яксаду панҷоҳ саҳобаи сохтагӣ” муроҷиат шавад.

*Дар бораи зӯҳди ӯ:* Ӯ хештанро гуруснаю ташна медошт, ҷисмаш лоғар, андомаш заиф ва рангаш кабут шуда буд. Гиря мекард ва ҳамнишинони худро мегирёнид ва мегуфт (масалан), биёед барои оби хунук дар рӯзи ташнагӣ гиря кунем! Ва мегуфт: салом бар оби хунук ба ҳангоми зуҳр. Ровӣ мегӯяд: ӯ корҳое мекард, ки паёмбар нагуфта ва на амал карда буд. Худои субҳон мефармояд:

Бигӯ: чӣ касе зинатҳои илоҳӣ ва рӯзиҳои покизаро, (ки Худо барои бандагони худ берун оварда аст), ҳаром карда аст? Бигӯ: инҳо барои мӯъминон дар зиндагии дунёст...[1]

*Дидгоҳи ӯ:* Эътиқодаш заиф ва мазҳабаш қадарӣ буд.[2]

*Арзиши ривоёти ӯ:* Аз қавли яке аз ровиён ба номи Шуъба овардаанд, ки гуфт: агар роҳзанӣ кунам назди ман маҳбубтар аст, то аз вай ривоят намоям!

Дар бораи ривоёти ӯ гуфтаанд, ривоёташ мункар ва ношинохта аст, ривоёташ матрук аст, ривоёти ӯ навишта намешавад!

Абӯҳотам гуфтааст: воизе гирён буд. Аз Анас бисёр ривоят мекард ва ин маҳалли тааммул ва ишкол аст. Ҳадиси ӯ заиф аст.

Дар "Таҳзибуттаҳзиб" омадааст:

---

[1]Сураи Аъроф, ояи 32.

قُلْ مَنْ حَرَّمَ زِينَةَ اللّهِ الَّتِيَ أَخْرَجَ لِعِبَادِهِ وَالْطَّيِّبَاتِ مِنَ الرِّزْقِ قُلْ هِي لِلَّذِينَ آمَنُواْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا خَالِصَةً يَوْمَ الْقِيَامَةِ كَذَلِكَ نُفَصِّلُ الآيَاتِ لِقَوْمٍ يَعْلَمُونَ {32}

[2]Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ.7, қис.2, с.13.

“Ибни Ҳаббон гӯяд: ӯ аз беҳтарин бандаҳои гирёни Худо дар шаб буд, лекин аз навиштани дурусти ҳадис ба хотири ибодат ғофил монд, ба гунае ки сухани Ҳасанро баръакс ва онро ба ҷои қавли Анас аз Паёмбари Акрам(с) қарор медод. Ривоят аз қавли ӯ раво нест, магар барои изҳори шигифтӣ! Язид ибни Обон пеш аз соли 120-и ҳиҷрӣ вафот кард”.[1]

## Баррасии матни ривояти Ваҳаб

***1**-Ривояти Ваҳаб*

Фишурдаи ривоят:

Набии Худо Довуд(а) рӯзеро ба ибодат ихтисос дод ва хилват гузид ва бар рӯи Таврот афтод ва ба қироати он пардохт. Ногоҳ кабӯтари заррин рӯ ба рӯи ӯ сабз шуд. Хост онро бигирад, пар зад ва қадре ақиб нишаст. Довуд аз паи ӯ рафту рафт, то ҳамсари Уриёи ҳамсояашро дар ҳоли шустушӯи худ дид. Аз зебоии ӯ дар шигифт шуд. Зан, ки вуҷуди ӯро эҳсос намуд, худро даруни мӯйҳояш пинҳон кард ва ин бар шигифтии Довуд афзуд. Нақшаи куштани шавҳарашро, ки дар майдони ҷанг буд тарроҳӣ ва бо ин зан издивоҷ кард. Сипас он ду фаришта бар ӯ ворид шуданд. Ва дунболи достоне, ки Қуръони карим баён медорад.

Ин ровӣ як бор мегӯяд: (Ваҳаб гуфт) ва бори дигар мегӯяд: ( бино бар он чи Аҳли китоб мепиндоранд) ва бо ин сухан, масъулияти онро аз худ дур мекунанд. Мо ҳангоме ки ба Таврот, боби 11 ва 12 китоби дуввуми

---

[1] Шарҳи ҳоли ӯро дар “Таҳзибуттаҳзиб”, ҷ.11, с.309-311 меёбед.

Самуил мурочиат кунем, достонеро чунин меёбем, ки? Довуд Ятшабаъ - ҳамсари Уриёи ҳамсояашро аз болои бом дида аз зебоии вай дар шигифт мешавад. Ӯро ба хонаи худ даъват намуда, бо ӯ ҳамбистар мешавад. Зан аз ӯ ба зино бордор мегардад ва..., мулоҳиза кунед:

"Ва воқеъ шуд дар вақти аср, ки Довуд аз бистараш бархост ва бар пушти боми хонаи подшоҳ гардиш кард ва аз пушти бом занеро дид, ки хештанро шустушӯ мекунад ва он зан бисёр некӯманзар буд. Пас Довуд, фиристода дар бораи зан истифсор намуд ва ӯро гуфтанд, ки оё ин Батшабаъ духтари Аляъом, зани Уриёи Ҳиттӣ нест? Довуд қосидон фиристода ӯро гирифт. Ӯ назди вай омад ва Довуд бо ӯ ҳамбистар шуд. Ӯ аз начосати худ тоҳир шуд ва ба хонаи худ баргашт. Ва он зан ҳомила шуд ва фиристодаи Довудро бохабар сохт ва гуфт, ки ман ҳомила ҳастам. Пас Довуд назди Юоб фиристод, ки Урёи Ҳиттиро назди ман бифирист ва Юоб Уриёро назди Довуд фиристод. Ва чун Уриё назди вай расид Довуд аз саломатии Юоб, аз саломатии қавм ва саломатии чанг пурсид. Ва Довуд ба Уриё гуфт: ба хонаат бирав ва пойҳои худро бишӯй. Пас Урё аз хонаи подшоҳ берун рафт ва аз пасаш хоне аз подшоҳ фиристода шуд. Аммо Уриё назди дари подшоҳ бо соири бандагони хӯчаинаш хобида ба хонаи худ нарафт. Ва Довудро хабар дода гуфтанд, ки Уриё ба хонаи худ нарафта аст. Пас Довуд ба Урё гуфт: оё ту аз сафар наёмадаӣ? Пас чаро ба хонаи худ нарафтӣ! Уриё ба Довуд арз кард, ки Тобут, Исроил ва Яҳудо дар хаймаҳо сокинанд ва хӯчаинам - Юоб ва бандагони ӯ бар рӯи биёбон хайманишинанд. Оё ман ба хонаи худ

биравам то хӯраму нӯшам ва бо зани худ бихобам? Ба ҳаёти ҷони ту қасам, ки ин корро нахоҳам кард. Ва Довуд ба Урё гуфт: имрӯз низ ин ҷо бош ва фардо туро равона мекунам. Пас Уриё он рӯз ва фардояшро дар Иерусалим монд ва Довуд ӯро даъват намуд, ки дар ҳузураш хӯраду нӯшад. Ва ӯро маст кард ва вақти шом берун рафта бар бистараш бо бандагони хӯҷаинаш хобид ва ба хонаи худ нарафт. Бомдодон Довуд мактубе барои Юоб навишта ба дасти Уриё фиристод ва дар мактуб ба ин мазмун навишт, ки Уриёро дар хати пеши ҷанги сахт бигзоред ва аз ақибаш биравед то задашуда бимирад. Замоне ки Юоб шаҳрро муҳосира мекард Уриёро дар маконе, ки медонист мардони шуҷоъ дар он ҷо мебошанд, гузошт ва мардони шаҳр берун омада бо Юоб ҷанг карданд. Баъзе қавм аз бандагони Довуд афтоданд ва Урёи Ҳиттӣ низ мурд. Пас Юоб фиристодаи Довудро аз ҳамаи воқеаҳои ҷанг хабар дод ва қосидро амр фармуда гуфт: чун аз тамоми воқеаҳои ҷанг ба подшоҳ хабар дода бошӣ, агар хашми подшоҳ афрӯхта шавад ва туро гӯяд чаро барои ҷанг ба шаҳр наздик шудед! Оё намедонистед, ки аз сари ҳисор тир хоҳанд андохт. Кист, ки Абумалак ибни Яруббӯштро кушт? Оё зане санги болоини осиёеро аз рӯи ҳисор бар ӯ наяндохт, ки дар Тобос мурд. Пас чаро ба ҳисор наздик шудед? Он гоҳ ту гӯй, ки бандаат Уриёи Ҳиттӣ низ мурдааст. Пас қосид равон шуда омад ва Довудро аз ҳар он чи Юоб ӯро пайғом дода буд, бохабар сохт. Қосид ба Довуд гуфт, ки мардон бар мо ғолиб шуда дар паси мо ба саҳро берун омаданд ва мо бар эшон то дари дарвоза тохтем. Ва тирандозон бар

бандагони ту аз рӯи ҳисор тир андохтанд ва баъзе аз бандагони подшоҳ мурданд ва бандаи ту Уриёи Ҳиттӣ низ мурда аст. Довуд ба Қосид гуфт ба Юоб чунин бигӯ: ин воқеа дар назари ту бад наёяд зеро ки шамшер ину онро бетафовут ҳалок мекунад. Пас дар муҳориба бо шаҳр ба сахтӣ кӯшида онро вайрон бисоз, пас ӯро хотирҷамъӣ бидеҳ. Ва чун зани Уриё шунид, ки шавҳараш Уриё мурдааст, барои шавҳари худ мотам гирифт. Замоне ки айёми мотам гузашт Довуд ӯро ба хонаи худ овард ва ӯ зани вай шуд ва барояш писаре зоид. Аммо коре, ки Довуд карда буд дар назари Худованд нописанд омад".

## Боби дувоздаҳум

Ва Худованд Нотонро назди Довуд фиристод. Ӯ хидмати Довуд расид ва ба ӯ гуфт: дар шаҳре ду мард буданд, яке давлатманд ва дигаре фақир. Ва давлатмандро гӯсфанд ва гови бениҳоят буд ва фақирро ҷуз як модабарраи хурд набуд, ки онро харида ва парвариш дода ҳамроҳи вай ва писаронаш калон мешуд. Аз хӯроки вай мехӯрд, аз косаи ӯ менӯшид, дар оғӯшаш мехобид ва барояш мисли духтар буд. Ва мусофире назди марди давлатманд омад ва ӯро ҳайф омад, ки аз гӯсфандон ва говони худ бигирад, то ба ҷиҳати мусофире, ки назди вай омада буд, (таоме) муҳайё созад. Ва барраи он марди фақирро гирифта ва барои он мард, ки назди вай омада буд (таом) муҳайё сохт. Он гоҳ чашми Довуд бар он шахс афрӯхта шуда ба Нотон гуфт: ба ҳаёти Худованд қасам касе, ки ин корро карда аст, сазовори

қатл аст. Ва чун ин корро карда аст ва ҳеҷ тараҳҳум нанамуда барраро чаҳорчандон бояд баргардонад. Нотон ба Довуд гуфт: он мард ту ҳастӣ ва Яҳува - худои Исроил чунин мегӯяд: ман туро бар Исроил ба подшоҳӣ насб намудам, ман туро аз дасти Шоул раҳоӣ додам, хонаи хӯҷаини туро ба ту додам, занони хӯҷаини туро ба оғӯши ту ва хонадони Исроил ва Яҳудоро ба ту ато кардам. Агар ин кам мебуд чунин ва чунон барои ту зиёд мекардам. Пас каломи Худовандро хор намуда дар назари вай амали бад баҷо овардӣ ва Уриёи Ҳиттиро ба шамшер зада, зани ӯро барои худ ба занӣ гирифтӣ ва ӯро бо шамшери Бани Аммун ба қатл расондӣ. Пас, акнун шамшер аз хонаи ту ҳаргиз дур нахоҳад шуд, ба иллати ин ки маро таҳқир намуда зани Уриёи Ҳиттиро гирифтӣ, то зани ту бошад. Худованд чунин мегӯяд: инак ман аз хонаи худат бадиро бар ту ориз хоҳам гардонд ва занони туро пеши ту гирифта ба ҳамсояат хоҳам дод. Ва ӯ дар назари ин офтоб бо занони ту хоҳад хобид, зеро ки ту ин корро ба пинҳонӣ кардӣ, аммо ман ин корро пеши тамоми Исроил ошкоро хоҳам кард. Довуд ба Нотон гуфт: ба Худованд гуноҳ кардаам. Нотон ба Довуд гуфт: Худованд низ гуноҳи туро авф намудааст, ки нахоҳӣ мурд. Лекин чун аз ин амр боиси куфр гуфтани душманони худованд шудаӣ, писаре низ, ки барои ту зоида шуда аст, албатта хоҳад мурд. Пас Нотон ба хонаи худ рафт ва Худованд писареро, ки зани Уриё барои Довуд зоида буд мубтало сохт, ки сахт бемор шуд. Довуд аз Худо барои тифл дуо намуд. Довуд рӯза гирифт ва рӯз ва тамоми шаб бар рӯи замин хобид. Ва машоихи хонааш бар ӯ

бархостанд то ӯро аз замин бархезонанд, аммо қабул накард ва бо эшон нон нахӯрд. Дар рӯзи ҳафтум тифл мурд ва ходимони Довуд тарсиданд, ки аз мурдани тифл ӯро хабардор кунанд. Зеро гуфтанд инак чун тифл зинда буд бо вай сухан гуфтем ва қавли моро нашнид, пас агар ба ӯ хабар диҳем, ки тифл мурдааст чӣ қадар зиёд ранҷида мешавад. Ва чун Довуд дид, ки бандагонаш бо якдигар гӯшакӣ мекунанд, Довуд фаҳмид, ки тифл мурда аст. Довуд ба ходимони худ гуфт: оё тифл мурда аст? Гуфтанд: мурда аст. Он гоҳ Довуд аз замин бархоста хештанро шустушӯ дода рӯғанмолӣ кард ва либоси худро аваз намуда ба хонаи Худованд рафт ва ибодат намуд. Ва ба хонаи худ омада таом хост, ки пешаш гузоштанд ва хӯрд. Ва ходимонаш ба вай гуфтанд ин чӣ кор аст, ки кардӣ, вақте ки тифл зинда буд рӯза гирифтӣ, гиря намудӣ ва чун тифл мурд бархоста хӯрок хӯрдӣ. Ӯ гуфт: вақте ки тифл зинда буд рӯза гирифтам ва гиря намудам, зеро фикр кардам кист бидонад, ки шояд Худованд бар ман тараҳҳум фармояд то тифл зинда бимонад. Аммо ҳоло, ки мурда аст, пас чаро ман рӯза бидорам. Оё метавонам дигар ӯро боз биёварам? Ман назди ӯ хоҳам рафт, лекин ӯ назди ман нахоҳад омад.

Аз муқоисаи ривоёти Ваҳаб бо он чи, ки дар Таврот, дар китоби дуввуми Самуил, омада аст, маълум мешавад, ки Ваҳаб бархе аз достонро аз Таврот ва бархеро аз китобҳои исроилии дигаре, ки хонда аст, гирифта аст (чунонки худ аз хондани онҳо хабар дода аст). Ин гуна ривоёт, дар илми ҳадисшиносӣ, ривояти исроилӣ ё исроилиёт номида мешавад.

## Дуввум: ривоёти Ҳасани Басрӣ:

Хулосаи ривояти Ҳасани Басрӣ ҳамон хулосаи ривояти Ваҳаб мебошад, ҷуз он ки Басрӣ дар ибтидои достон афзуда аст: Довуд авқотро[1] ба чаҳор бахш тақсим карда аст ва мо намедонем оё инро аз пиндор ва ибтикори худ бар он афзуда аст ё аз ровии дигаре аз ровиёни исроилиёт гирифта аст?

Ҳар гуна бошад, Ҳасани Басрӣ санади ин ривоятро баён накарда, онро бидуни санад ва истилоҳи "мурсал" оварда аст. Агар ӯ ба ҳангоми ривоят сарчашмаи онро баён мекард ва мегуфт аз Ваҳаб ибни Мунаббаҳ ё ғайри ӯ аз ровиёни исроилиёт ривоят мекунад, масъала осон мешуд ва пажуҳишгарон ба маъхази ривоят даст меёфтанд ва ба роҳатӣ мефаҳмиданд, ки аз ривоёти исроилӣ аст. Ӯ бо баён накардани санад кори ин ривоятро бар муҳаққиқон бисёр мушкил карда аст ва ин ба он сабаб, ки дар мактаби хулафо (Ҳасани Басрӣ) имоми пешкисватон дар ақоид ба шумор меравад. Ривояти ӯ дар фаҳми ақоиди исломӣ асари дучандон дорад.

Бештари ровиёни ривоятҳои исроилӣ, ҳамон кореро мекунанд, ки Ҳасани Басрӣ карда аст, яъне ривоёти исроилиро бесанад ва марҷаъ меоваранд. Аз ҳамин сабаб, кори ин гуна ривоёт бар афроде, ки ҳадисшинос нестанд бисёр сахт ва печида мешавад.

[1] Авқот: ҷамъи вақт, вақтҳо.

## Сеюм: Ривояти Язиди Раққошӣ:

Язид ибни Обон гуфта аст: ин ривоётро аз Анаси саҳоба, ки аз Расули Худо(с) шунида аст, дарёфт карда ва бо ин сухан, ҳам бар Анас ва ҳам бар Расули Худо(с) дурӯғ баста аст. Дар ҳоле ки симои зоҳириаш дар ҷомеа, зоҳид, обид ва гирён аст! Ба ростӣ асари ривояте, ки афроде ҳамонанди Язид, обиди зоҳиди гирён, дар мавъизаҳо ва достонҳои худ ривоят мекунанд, чӣ миқдор аст?! Оё ғайримутахассис дар илми ҳадисшиносӣ метавонад бифаҳмад, ки Язиди Раққошӣ, он чиро аз Ҳасани Басрӣ шунида аст, ба саҳобаи паёмбар Анас ва ба Паёмбари Худо(с) нисбат дода аст?! Хусусан, ки пас аз онон низ муфассироне монанди Табарӣ (мутаваффои 310 ҳиҷрӣ) то Суютӣ (мутаваффои 911 ҳиҷрӣ) аз паи ҳам меоянд ва ин афсонаҳоро дар тафосири худ ворид мекунанд. Ғамбортар аз ин он ки онон дар нақли худ ба он чи аз ривоёти исроилӣ дар он ҷо овардем басанда накардаанд, балки доманаи нақлро аз чунин ровиён ба дигар саҳоба ва тобеин густариш доданд. Мо бархе аз ононро дар ҷузъи панҷум ва дувоздаҳуми "Нақши имомон дар эҳёи дин" овардаем,[1] монанди:

**1**-*Саҳоба Абдуллоҳ ибни Амри Ос*, касе ки девони бузург аз навиштаҳои Аҳли китобро дар бархе ҷангҳо ба даст овард. Вай аз ин китобҳо бе зикри ҳеҷ гуна сарчашмае ривоят мекард.

---

[1]Ҷузъи аввал то чаҳордаҳум бо ҳамин унвон ба форсӣ чоп ва нашр шуда аст.

**2**-*Саҳоба Тамими Дорӣ***.** Вай пас аз он ки роҳиби насоро буд ислом овард ва дар рӯзҳои ҷумъа дар Масҷиди Паёмбар(с) пеш аз шурӯи хутбаи намоз тавассути халифаи дуввум Умар ибни Хаттоб – суханронӣ мекард. Ин кор, дар замони халифаи сеюм Усмон, ба ҳафтае ду рӯз густариш ёфт.

**3**-*Каъбулахбор* (тобеин): Ӯ дар замони хилофати халифаи саввум Умар ислом овард ва пас аз он, дар қатори уламои муслимин ба ҳисоб меомад.

Пас аз ин гурӯҳ, касони дигаре, афсонаҳои ёдшударо аз инон гирифта ва тафсири Қуръон номиданд, монанди:

**4**-*Мақотил ибни Сулаймон***,** *Марвазии Аздӣ* (мутаваффои 150 ҳиҷрӣ). Ӯ ба "Муфассири китоби Худо" шӯҳрат дорад. Шофеӣ дар борааш гуфта аст:

Ҳамаи мардум пайрави се нафаранд: дар тафсир Мақотил ибни Сулаймон, дар шеър Зуҳайр ибни Абисалмо ва дар калом Абӯҳанифа!

Ҳоло ҷаноби Мақотил чӣ миқдор аз исроилиётро дар ривоёти мавриди эътимоди мактаби хулафо ҷой дода ва чӣ миқдор аз пеши худ сохта ва ба дигарон нисбат дода аст, Худо медонаду бас!![1]

## Натиҷаи баррасӣ

Ваҳаб ибни Мунаббаҳ ривояти дурӯғинеро, ки дории тӯҳмату дурӯғ бар набии Худо Довуд(а) аст, аз китобҳои

---

[1] Ба Таърихи Бағдод, ҷ.12, с.160-169, шумораи 7142, "Вафаётулаъён", ҷ.4, с.240-242, "Таҳзибуттаҳзиб", ҷ.10, с.279-285 ва "Мизонулэътидол", ҷ.4, с.172, шумораи 7841 мурочиат шавад.

Аҳли китоб нақл кард ва манбаи онро нишон дод. Пешвои имомони мактаби хулафо, - Ҳасани Басрӣ, онро бидуни ишора ба сарчашмаю санад ривоят кард. Ҳадисгӯи қиссапардоз, зоҳид ва обиди гирён, - Язид ибни Обон, бо фаребкорӣ онро ба Анас нисбат дод ва гуфт: Анас онро аз Расули Худо(с) шунида аст!

Ин гуна фаребкорӣ ва нисбат додани ривоёти исроилӣ ба саҳоба, мунҳасир ба ин мавриди танҳо ва саҳобаи хос нест. Ба монанди ин ривоят ва хеле бештар аз инро, ба писарамаки паёмбар - Абдуллоҳ ибни Аббос, нисбат додаанд. Ривоёте, ки баррасии онҳо ниёзманди баҳсҳои татбиқии густурда аст ва бо мурочиат ба саҳифаи охири тафсири Суютӣ (Дуррулмансур) бархе аз ин мавзӯъ барои мо равшан мегардад.

***

Ҳамин тавр маншаи хабари дурӯғинеро, ки бар Довуд(а) бастаанд, дар қиссаҳои Таврот меёбем. Ин гуна ахбори исроилӣ, батадриҷ ва дар тӯли замон, бо тафсири Қуръон даромехт ва барои мусулмонон дидгоҳи нодурусте аз сираи паёмбарон эҷод кард. Инҳо достони дурӯғини издивоҷи Довуд(а) бо беваи Уриё ва дурӯғҳое буд, ки дар ин бора бар ӯ бастанд.

Дар баҳси оянда, достони саҳеҳи издивоҷи Зайнаб - духтари Ҷаҳш, бо Зайд ва сипас бо Расули Худо(с)-ро, баён медорем:

### Издивоҷи Паёмбар(с) бо Зайнаб дар ривоят:

Хозин дар тафсири ояи:

***Ва тахфо фӣ нафсика Ê***

***Ä** Ва дар дил чизеро пинҳон медоштӣ,*

мегӯяд:

Росттарин сухан дар ин боб ривояте аст, ки Суфиён ибни Уйийна аз Алӣ ибни Ҷадъон расида, ки гуфта аст: Зайнилобидин, Алӣ ибни Ҳусайн[а] аз ман пурсид: Ҳасани Басрӣ дар бораи ин сухани Худои мутаол, ки фармуда аст: "Дар дил чизеро пинҳон медоштӣ, ки Худо онро ошкор мекунад ва аз мардум метарсидӣ дар ҳоле ки Худованд сазовортар аст, ки аз ӯ битарсӣ", чӣ мегӯяд? Гуфтам: мегӯяд ҳангоме ки Зайд хидмати Расули Худо расид ва гуфт: эй Расули Худо! Ман тасмим дорам Зайнабро талоқ гӯям, паёмбар ба шигифт омад ва фармуд: ҳамсаратро нигаҳ дор ва аз Худо битарс. Алӣ ибни Ҳусайн[а] фармуд: чунин нест, балки Худои Зулҷалол паёмбарро огоҳ карда буд, ки Зайнаб ба зудӣ дар шумори занони паёмбар медарояд ва Зайд ӯро талоқ мегӯяд. Ҳангоме ки Зайд назди он ҳазрат омад ва гуфт: ман мехоҳам Зайнабро талоқ гӯям, фармуд: ҳамсаратро нигаҳ дор. Худои мутаол ҳам ӯро итоб кард ва фармуд: чаро гуфтӣ ҳамсаратро нигаҳ дор, ман, ки туро огоҳ карда будам, ки ба зудӣ дар шумори занони ту меояд?!

Хозин мегӯяд:

Ин тафсир ба ҳоли паёмбарон, сазовортар ва шоистатар аст ва равшании оёти Қуръон дамсоз аст ва...

Шарҳи достони издивоҷи Зайнаб, ибтидо бо Зайд ва сипас бо Паёмбар[с], дар оёт ва ривоёт чунин аст:

## А) Оёти издивоҷи Расули Худо бо Зайнаб:

Худованд дар сураи Аҳзоб мефармояд:

*Ҳеҷ марду зани боимонеро нашояд* (*ҳангоме ки Худо ва паёмбараш амреро лозим бидонанд*) *ихтиёре аз худ нишон диҳанд ва ҳар кас Худо ва Расулашро нофармонӣ кунад, ба гумроҳии ошкоре дарафтода аст. Ва ҳангоме ки ба он кас, ки Худованд неъматаш дод, мегуфтӣ: ҳамсаратро нигаҳ дор ва аз Худо битарс ва дар дил чизеро пинҳон медоштӣ, ки Худованд ошкораш мекунад. Ва аз мардум тарсидӣ дар ҳоле ки Худованд сазовартар аст, ки аз ӯ битарсӣ. Пас ҳангоме ки Зайд ниёзашро аз он зан поён дод, мо ӯро ба издивоҷи ту додем то мушкиле барои мӯъминон дар издивоҷ бо занони писархондаашон* (*ҳангоме ки талоқ гиранд*) *набошад. Ва фармони Худо анҷомшуданӣ аст. Ҳеҷ гуна тангное бар паёмбар* (*дар он чи Худо барояш муқаррар дошт*) *вуҷуд надорад. Ин суннати илоҳӣ дар мавриди пешиниён ҳам ҷорӣ буда ва фармони Худо рӯи ҳисоб ва андоза аст. Пешиниёне, ки рисолатҳои илоҳиро таблиғ мекарданд ва аз ӯ метарсиданд ва аз ҳеҷ кас ҷуз Худо бим надоштанд ва ҳамин бас, ки Худованд ҳисобрас бошад. Муҳаммад*(с) *падари ҳеҷ як аз мардони шумо нест, ва лекин ӯ Расули Худо ва охирини паёмбарон аст. Ва Худованд бар ҳамаи чиз огоҳ аст.*[1]

---

[1]Сураи Аҳзоб, ояи 36-40.

وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلَا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَمْراً أَن يَكُونَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ وَمَن يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَالاً مُّبِيناً {36} وَإِذْ تَقُولُ لِلَّذِي أَنْعَمَ

## Таъвили оёти мазкур дар ривоёти мактаби хулафо

Табарӣ дар таъвили ин оят, аз Ваҳаб ибни Мунаббаҳ ривоят карда аст: Паёмбари Акрам(с) Зайнаб бинти Ҷаҳш - духтари аммаи худро ба издивоҷи Зайд ибни Ҳориса даровард. Рӯзе Расули Худо аз паси Зайд ба дари хонаи ӯ рафт, боде бархост ва пардаи дари хонаро канор зад. Зайнаб дар хона бепӯшиши кофӣ намоён шуд ва шигифте аз ҷамоли ӯ дар қалби паёмбар ҷорӣ гашт. Ин воқеа, ки пеш омад... (то он ҷо, ки) Зайд хидмати Расули Худо(с) расид ва гуфт: эй Расули Худо! Ман мехоҳам аз ҳамсарам ҷудо шавам. Паёмбар фармуд: Ба ту чӣ шуда аст? Оё шубҳае дар бораи ӯ ба ту расида аст? Гуфт: не, ба Худо чизи машкуке аз ӯ суроғ надорам ва ҷуз хубӣ аз ӯ надидам...,[1] то охири ҳадис.

Ривояти дигаре низ дар ин бора бо ҳамин мазмун аз Ҳасани Басрӣ омада аст, ки ба зудӣ онро –дар зимни ривояти Аҳли Байт(а) дар таъвили оёт- меоварем.

---

اللَّهُ عَلَيْهِ وَأَنْعَمْتَ عَلَيْهِ أَمْسِكْ عَلَيْكَ زَوْجَكَ وَاتَّقِ اللَّهَ وَتُخْفِي فِي نَفْسِكَ مَا اللَّهُ مُبْدِيهِ وَتَخْشَى النَّاسَ وَاللَّهُ أَحَقُّ أَن تَخْشَاهُ فَلَمَّا قَضَى زَيْدٌ مِّنْهَا وَطَراً زَوَّجْنَاكَهَا لِكَيْ لَا يَكُونَ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ حَرَجٌ فِي أَزْوَاجِ أَدْعِيَائِهِمْ إِذَا قَضَوْا مِنْهُنَّ وَطَراً وَكَانَ أَمْرُ اللَّهِ مَفْعُولاً {37} مَّا كَانَ عَلَى النَّبِيِّ مِنْ حَرَجٍ فِيمَا فَرَضَ اللَّهُ لَهُ سُنَّةَ اللَّهِ فِي الَّذِينَ خَلَوْا مِن قَبْلُ وَكَانَ أَمْرُ اللَّهِ قَدَراً مَّقْدُوراً {38} الَّذِينَ يُبَلِّغُونَ رِسَالَاتِ اللَّهِ وَيَخْشَوْنَهُ وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَداً إِلَّا اللَّهَ وَكَفَى بِاللَّهِ حَسِيباً {39} مَّا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَا أَحَدٍ مِّن رِّجَالِكُمْ وَلَكِن رَّسُولَ اللَّهِ وَخَاتَمَ النَّبِيِّينَ وَكَانَ اللَّهُ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيماً {40}

[1]Тафсири Алмизон, чопи “Дорулмаърифат”-и Бейрут, ҷ.22, с.10 ва 11.

## Баррасии ҳар ду ривоят

*А) Санади ду ривоят:*

Ин ду ривоят аз қавли Ваҳаб ибни Мунаббаҳ ва Ҳасани Басрӣ мебошад. Мо афзун бар он чи дар шарҳи ҳоли он ду овардем, мегӯем: ҳар дуи онон солҳо баъд аз Расули Худо(с) ба дунё омадаанд. Пас чӣ тавр бе зикри ҳуҷҷату сарчашма ривоят мекунанд ва онро монанди мусалламот қатъӣ баён медоранд?!

*Б) Матни ду ривоят*:

Матлаби аслӣ ҷуз ин нест, ки: паёмбар аз дидори ногаҳонии ҷамоли беҳиҷоби Зайнаб дар шигифт омада ва дар дил хостори талоқи вай тавассути Зайд шуд, вале онро дар худ махфӣ медошт.

*Баёни ботил будани ривоят*:

Зайнаб духтари аммаи паёмбар буд ва ҳукми ҳиҷоб ҳам пас аз издивоҷи паёмбар бо Зайнаб омад. Он ҳазрат ӯро пеш аз издивоҷ бо Зайд борҳо ва борҳо дида буд. Пас ҳар ки чунин чизе гуфта аст, бар Расули Худо дурӯғ баста аст. Хабари саҳеҳ он аст, ки аз китобҳои сира меоварем:

## Зайд ибни Ҳориса кист?

Бахше аз саргузашти Зайд ибни Ҳорисаи Калбӣ чунини аст:

Зайд дар давраи ҷоҳилият ба асорат даромад. Ӯ дар бархе бозорҳои араб ба фурӯш рафт ва барои Хадича харидорӣ шуд.

Хадича, пеш аз беъсат,[1] ӯро дар синни ҳаштсолагиаш ба паёмбар бахшид. Вай назди паёмбар бузург шуд. Замоне ки хабари ӯ ба хешовандонаш расид, падару амакаш барои озод кардани ӯ ба Макка омаданд. Онон бар паёмбар ворид шуда гуфтанд: эй фарзанди Абдулмутталиб, эй зодаи Ҳошим ва эй касе, ки фарзанди бузурги қавми худ ҳастӣ! Мо барои бурдани фарзандамон назди ту омадем. Бар мо миннат гузор ва дар фидо гирифтан дар ҳаққи мо некӣ кун! Паёмбар фармуд: чӣ касеро мегӯед? Гуфтанд: Зайд ибни Ҳорисаро. Фармуд: чаро равиши дигареро пеш нагирем? Гуфтанд: чӣ кунем? Фармуд: ӯро ба ин ҷо даъват кунед ва ба ихтиёри худаш бигзоред. Агар шуморо баргузид аз они шумо бошад ва агар маро баргузид, ба Худо савганд ман он шахсе нестам то дигареро бар касе, ки маро баргузида аст, афзал донам. Гуфтанд: ба ростӣ ки аз марзи инсоф ҳам фаротар рафтӣ, бар мо бахшидӣ ва некӯӣ намудӣ. Расули Худо(с) Зайдро ба наздаш хонд ва фармуд: инҳоро мешиносӣ? Гуфт: оре, ин падар ва ин ҳам амакам мебошанд. Фармуд: ман низ ҳамонам, ки мешиносӣ ва сӯҳбатамро дидаӣ. Акнун ҳар як аз моро мехоҳӣ интихоб кун. Зайд гуфт: ман ононро намехоҳам, ман он касе нестам, ки дигареро бар ту интихоб кунам! Ту барои ман ҳам падар ва ҳам амак ҳастӣ. Гуфтанд: вой бар ту эй Зайд! Оё бардагиро бар озодӣ ва бар падару хешовандонат бартар медонӣ? Гуфт: оре, ман аз ин мард чизе дидаам, ки ҳеҷ гоҳ касеро бар ӯ афзал намедонам. Расули Худо,

---

[1] Беъсат: интихоби ҳазрати Муҳаммад(с) ба мақоми паёмбарӣ.

баъд аз мушоҳидаи ин саҳна ӯро ба сӯи Ҳиҷр (дар Байтуллоҳ) бурд ва фармуд: эй касоне, ки дар ин ҷо ҳозиред! Гувоҳ бошед, ки Зайд писари ман аст. Ӯ аз ман ирс мебарад ва ман аз ӯ! Вақте ки падару амаки Зайд инро диданд, дилашон ором гирифт ва шодмон баргаштанд.[1] Зайд пас аз ин воқеа ба паёмбар нисбат пайдо намуд ва ба ӯ Зайд ибни Муҳаммад мегуфтанд. Паёмбар канизи тарбияткардаи худ, - Умми Айманро ба ҳамсарии Зайд дод ва ӯ дар Макка Усома ибни Зайдро барои ӯ ба дунё овард.[2]

Ин буд достони писархондагии Зайд аз сӯи Расули Худо(с). Достони издивоҷи паёмбар бо Зайнаб чунон аст, ки дар зер меояд:

## Издивоҷи Зайд бо Зайнаб - духтари аммаи Расули Худо(с).

Пас аз ҳиҷрат ба Мадина, иддае аз саҳоба аз Зайнаб - духтари аммаи паёмбар хостгорӣ намуданд. Ӯ бародарашро барои машварат дар ин бора хидмати Расули Худо(с) фиристод. Паёмбар фармуд:

Назараш дар бораи он кас, ки китоби Худо ва суннати паёмбарашро ба вай биомӯзад чист?

Зайнаб пурсид: ин шахс кист? Посух шунид: Зайд! Зайнаб хашмгин шуд ва гуфт: оё духтари аммаи худро ба издивоҷи ғуломат медиҳӣ?! Ман бо ӯ издивоҷ намекунам! Ман аз ҷиҳати хонадон аз ӯ бартарам! Ман

[1] Усдулғоба, ҷ.2, с.224-227 .

[2] Ҳамон, ҷ.7, с.303.

аййим ва бешавҳари қавми худ ҳастам! Пас, Худои мутаол ин ояро фиристод:

> ***Ва мо кона лиму'минин ва ло му'минатин изо қазаллоҳу ва расӯлуҳу амран ан якӯна лаҳумул хиярату мин амриҳим ва ман яъсиллоҳа ва расӯлаҳу фақад залла залолан мубӣно Ê***
>
> ***Ä** Ҳеҷ марду зани мӯъминро нашояд **(**ҳангоме ки Худованд ва паёмбараш амреро лозим бидонанд**)** аз худ ихтиёре нишон диҳанд ва ҳар кас Худо ва паёмбаращро нофармонӣ кунад ба гумроҳии ошкоре дарафтода аст**.***[1]

Зайнаб, ки оятро шунид, ризоят дод ва паёмбар ӯро пас аз Умми Айман - сиёҳпӯсти ҳабашӣ ва модари Усома ибни Зайд, ба издивоҷи Зайд даровард. Зайнаб бар Зайд бартарӣ меҷӯст, дағалӣ мекард ва бо забон озораш медод. Зайд ба паёмбар шиква мекард ва саъй дошт ӯро талоқ гӯяд. Хости Худо низ чунин буд, ки Зайнаб пас аз Зайд ба издивоҷи паёмбар дарояд, то ба ин васила писархондагиро дар миёни мусулмонон лағв намояд ва инро бо ваҳй ба иттилои паёмбар расонда буд. Паёмбар ҳам аз он метарсид, ки мардум бигӯянд бо зани писари худ издивоҷ карда аст. Бинобар ин, сирри ваҳйро дар ҷони худ махфӣ дошт ва ба Зайд фармуд: аз Худо битарс ва ҳамсаратро нигаҳ дор! Зайд дар наҳоят аз дасти ҳамсараш Зайнаб ба танг омад ва

---

[1]Сураи Аҳзоб, ояи 36.

وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلَا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَمْراً أَن يَكُونَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ وَمَن يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَالاً مُّبِيناً {36}

ӯро талоқ гуфт. Замоне ки иддаи[1] талоқ ба поён расид, маҷмӯаи ин оёт якбора бар паёмбар фуруд омад ва аз воқеа хабар дод ва ҳукми писархондагӣ дар шариати ***Ислом***ро ин хел баён дошт:

> ***Фаламмо қазо Зайдун минҳо ватаран заввачнокаҳо ликай ло якӯна ъалал му'минийна ҳарачун фӣ азвочи адъиёиҳим... Мо кона Муҳаммадун або аҳадин мин ричоликум ва локин расӯлаллоҳи ва хотаман набийийн*** **Ê**
>
> **Ä** *Пас ҳангоме ки Зайд ниёзашро аз он зан поён дод* **(***ва ӯро талоқ дод***),** *мо ӯро ба издивоҷи ту даровардем то мушкиле барои мӯъминон дар издивоҷ бо ҳамсарони писархондаҳошон набошад***...** *Муҳаммад падари ҳеҷ як аз мардони шумо нест***,** *вале Расули Худо ва хотами паёмбарон аст***.**[2]

Худои субҳон ба дигар мӯъминон ҳам мефармояд:

> ***Ва мо ҷаъала адъиёакум, абноакум золикум қавлукум биафвоҳикум валлоҳу яқӯлул ҳаққа ва ҳува яҳдис сабӣл. Удъӯҳум лиобоиҳим ҳува ақсату ъиндаллоҳи фаин лам таъламӯ обоаҳум фаихвонукум фиддӣни ва мавolӣкум*** **Ê**

---

[1] Идда: замони муайяне, ки зан баъд аз гирифтани талоқ ё мурдани ҳамсар ҳаққи шавҳаркардан надорад.

[2]Сураи Аҳзоб, ояи 37ва40.

**... فَلَمَّا قَضَى زَيْدٌ مِّنْهَا وَطَراً زَوَّجْنَاكَهَا لِكَيْ لَا يَكُونَ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ حَرَجٌ فِي أَزْوَاجِ أَدْعِيَائِهِمْ ... {37} مَّا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَا أَحَدٍ مِّن رِّجَالِكُمْ وَلَكِن رَّسُولَ اللَّهِ وَخَاتَمَ النَّبِيِّينَ وَكَانَ اللَّهُ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيماً {40}**

*Ä Худованд фарзандхондаҳои шуморо фарзанди ҳақиқии шумо қарор надода аст. Ин сухани шумост, ки бар даҳон меронед, вале Худованд ҳақро мегӯяд ва ӯст, ки ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Ононро ба номи падаронашон бихонед, ки ин назди Худо одилонатар аст.*

*Агар падаронашонро намешиносед, онон бародарони динӣ ва дӯстони шумо ҳастанд.*[1]

Мо дар гузашта ду намуна аз оётеро, ки донишмандон дар таъвили онҳо иштибоҳ карда буданд овардем. Ин иштибоҳ ба он сабаб буд, ки онон ба ривояти дурӯғине, ки бар анбиё баста шуда буд эътимод карданд. Дар баҳси оянда оётеро, ки бархе дар таъвили он (бидуни истинод ба ҳар гуна ривояте) дучори иштибоҳ шудаанд, меоварем:

## Оёте, ки дар таъвили онҳо ба хатогӣ роҳ додаанд

1-Дар сураи Тоҳо, роҷеъ ба нисбати исён ба Одам(а), он ҷо ки мефармояд:

***Ва ъасо Одаму раббаҳу фағаво Ê***

*Ä Одам Парвардигорашро нофармонӣ кард ва роҳи ҳалокат паймуд.*[2]

---

[1] Сураи Аҳзоб, ояи 4-5.

... وَمَا جَعَلَ أَدْعِيَاءكُمْ أَبْنَاءكُمْ ذَلِكُمْ قَوْلُكُم بِأَفْوَاهِكُمْ وَاللَّهُ يَقُولُ الْحَقَّ وَهُوَ يَهْدِي السَّبِيلَ {4} ادْعُوهُمْ لِآبَائِهِمْ هُوَ أَقْسَطُ عِندَ اللَّهِ فَإِن لَّمْ تَعْلَمُوا آبَاءهُمْ فَإِخْوَانُكُمْ فِي الدِّينِ وَمَوَالِيكُمْ ... {5}

[2] Сураи Тоҳо, ояи 121.

... وَعَصَى آدَمُ رَبَّهُ فَغَوَى {121}

2-Дар сураи Анбиё, он ҷо ки Иброҳим[(а)] дар бораи шикастани бутҳо гуфт: балки ин корро бузургашон карда аст. Дар ҳоле ки худи ӯ буд, ки онҳоро шикаст. Чунонки Худои субҳон фармуд:

> *Саранҷом, ҳамаи бутҳо (ҷуз бути бузургашон)-ро қитъа-қитъа кард, то шояд суроғи ӯ биёянд. Гуфтанд: ҳар кас бо худоёни мо чунин карда аст, қатъан аз ситамгарон аст! Гуфтанд: шунидем навҷавоне аз бутҳо сухан мегуфт, ки ӯро Иброҳим гӯянд. Гуфтанд: ӯро пеши назари мардумон биёваред, то гувоҳӣ диҳанд! Гуфтанд: оё ту инро бо худоёни мо кардаӣ, эй Иброҳим! Гуфт: балки ин корро бузургашон карда аст! Аз онҳо бепурсед агар сухан мегӯянд! Онон ба виҷдони хеш бозгаштанд ва гуфтанд: ба ростӣ, ки шумо ситамгаред! Сипас бар сарҳояшон вожгун шуданд, ки ту хуб медонӣ, ки инҳо сухан намегӯянд!*[1]

3-Худованд дар сураи Юсуф хабар дода аст, ки корманди Юсуф[(а)] ба бародаронаш гуфт: ба ростӣ, ки шумо дуздонед, дар ҳоле ки инон зарфи подшоҳро надуздида буданд. Зеро Худои субҳон мефармояд:

---

[1]Сураи Анбиё, ояи 65-85.

فَجَعَلَهُمْ جُذَاذاً إِلَّا كَبِيراً لَّهُمْ لَعَلَّهُمْ إِلَيْهِ يَرْجِعُونَ {58} قَالُوا مَن فَعَلَ هَذَا بِآلِهَتِنَا إِنَّهُ لَمِنَ الظَّالِمِينَ {59} قَالُوا سَمِعْنَا فَتًى يَذْكُرُهُمْ يُقَالُ لَهُ إِبْرَاهِيمُ {60} قَالُوا فَأْتُوا بِهِ عَلَى أَعْيُنِ النَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَشْهَدُونَ {61} قَالُوا أَأَنتَ فَعَلْتَ هَذَا بِآلِهَتِنَا يَا إِبْرَاهِيمُ {62} قَالَ بَلْ فَعَلَهُ كَبِيرُهُمْ هَذَا فَاسْأَلُوهُمْ إِن كَانُوا يَنطِقُونَ {63} فَرَجَعُوا إِلَى أَنفُسِهِمْ فَقَالُوا إِنَّكُمْ أَنتُمُ الظَّالِمُونَ {64} ثُمَّ نُكِسُوا عَلَى رُؤُوسِهِمْ لَقَدْ عَلِمْتَ مَا هَؤُلَاء يَنطِقُونَ {65}

*Ҳангоме ки борҳои ононро баст, зарфи обхӯрии подшоҳро дар дохили бори бародараш гузошт. Сипас нидокунандае фарёд зад: эй аҳли қофила шумо дузд ҳастед! Онон рӯ ба сӯи ӯ карданд ва гуфтанд: ба Худо савганд шумо хуб медонед, ки мо наомадаем то дар ин сарзамин фасод кунем. Мо дузд набудаем. Гуфтанд: агар дурӯғгӯй бошед, кайфараш чист? Гуфтанд: паймона дар бори ҳар кас пайдо шавад, худи ӯ кайфари он бошад. Мо ситамгаронро ин гуна кайфар медиҳем. Ӯ пеш аз баррасии бори бародараш, ба ҷустуҷӯи борҳои онҳо пардохт. Сипас онро аз бори бародараш берун овард. Ин гуна барои Юсуф чора сохтем! Ӯ наметавонист бародарашро тибқи оини подшоҳ бигирад, магар он ки Худо бихоҳад! Дараҷаи ҳар касро бихоҳем боло мебарем ва болотар аз ҳар соҳибилме, олиме аст! Гуфтанд: агар ӯ дуздӣ кунад, бародараш низ пеш аз ӯ дуздӣ кард! Юсуф инро дар даруни худ пинҳон дошт ва барои онҳо ошкор накард. Гуфт: шумо аз назари ҷойгоҳ бадтарин мардумед! Худо аз он чи васф мекунед, огоҳтар аст! Гуфтанд: эй азиз! Ӯ падари пире дорад, яке аз моро ба ҷои ӯ бигир. Мо туро аз некӯкорон мебинем!*[1]

---

[1]Сураи Юсуф, ояи 70-78.

**فَلَمَّا جَهَّزَهُم بِجَهَازِهِمْ جَعَلَ السِّقَايَةَ فِي رَحْلِ أَخِيهِ ثُمَّ أَذَّنَ مُؤَذِّنٌ أَيَّتُهَا الْعِيرُ إِنَّكُمْ لَسَارِقُونَ {70} قَالُواْ وَأَقْبَلُواْ عَلَيْهِم مَّاذَا تَفْقِدُونَ {71} قَالُواْ نَفْقِدُ صُوَاعَ الْمَلِكِ وَلِمَن جَاء بِهِ حِمْلُ بَعِيرٍ وَأَنَاْ بِهِ زَعِيمٌ {72} قَالُواْ تَاللّهِ لَقَدْ عَلِمْتُم مَّا جِئْنَا لِنُفْسِدَ فِي الأَرْضِ وَمَا كُنَّا سَارِقِينَ {73} قَالُواْ فَمَا جَزَآؤُهُ إِن كُنتُمْ كَاذِبِينَ {74} قَالُواْ جَزَآؤُهُ مَن وُجِدَ فِي رَحْلِهِ فَهُوَ جَزَاؤُهُ كَذَلِكَ نَجْزِي الظَّالِمِينَ {75} فَبَدَأَ بِأَوْعِيَتِهِمْ**

4-Худованд дар сураи Анбиё низ хабар дода аст, ки Зуннуни паёмбар (Юнус) чунон медид, ки Худо ҳаргиз ӯро дар тангно қарор намедиҳад. Он ҷо ки фармуда аст:

***Ва Заннуни из заҳаба муғозибан, фазанна ан лан нақдира ъалайҳи фанодо физ зулумоти ан ло илоҳа илло анта субҳонака иннӣ кунту миназ золимӣн. Фастаҷабно лаҳӯ ва наҷҷайноҳу минал ғамми ва казолика нунҷил му'минӣн Ê***

*ÄЗуннун (Юнус) ҳангоме ки хашмгин рафт ва чунон медид, ки мо бар ӯ танг нахоҳем гирифт, дар он зулматҳо фарёд зад: ҷуз ту маъбуде нест! Муназзаҳӣ ту! Ман аз ситамкорон будам! Мо дуои ӯро иҷобат кардем ва аз андӯҳ наҷот додем. Ва ин гуна мӯъминонро наҷот медиҳем!*[1]

5-Худованд дар сураи Фатҳ низ хабар дода аст, ки пас аз фатҳ (-и Макка), гуноҳони гузашта ва оянадаи Хотами Анбиё(с)-ро омурзида аст. Он ҷо ки мефармояд:

---

قَبْلَ وِعَاء أَخِيهِ ثُمَّ اسْتَخْرَجَهَا مِن وِعَاء أَخِيهِ كَذَلِكَ كِدْنَا لِيُوسُفَ مَا كَانَ لِيَأْخُذَ أَخَاهُ فِي دِينِ الْمَلِكِ إِلاَّ أَن يَشَاءَ اللّهُ نَرْفَعُ دَرَجَاتٍ مِّن نَّشَاء وَفَوْقَ كُلِّ ذِي عِلْمٍ عَلِيمٌ {76} قَالُواْ إِن يَسْرِقْ فَقَدْ سَرَقَ أَخٌ لَّهُ مِن قَبْلُ فَأَسَرَّهَا يُوسُفُ فِي نَفْسِهِ وَلَمْ يُبْدِهَا لَهُمْ قَالَ أَنتُمْ شَرٌّ مَّكَاناً وَاللّهُ أَعْلَمْ بِمَا تَصِفُونَ {77} قَالُواْ يَا أَيُّهَا الْعَزِيزُ إِنَّ لَهُ أَباً شَيْخاً كَبِيراً فَخُذْ أَحَدَنَا مَكَانَهُ إِنَّا نَرَاكَ مِنَ الْمُحْسِنِينَ {78}

[1]Сураи Анбиё, ояи 87-88.

... وَذَا النُّونِ إِذ ذَّهَبَ مُغَاضِباً فَظَنَّ أَن لَّن نَّقْدِرَ عَلَيْهِ فَنَادَى فِي الظُّلُمَاتِ أَن لَّا إِلَهَ إِلَّا أَنتَ سُبْحَانَكَ إِنِّي كُنتُ مِنَ الظَّالِمِينَ {87} فَاسْتَجَبْنَا لَهُ وَنَجَّيْنَاهُ مِنَ الْغَمِّ وَكَذَلِكَ نُنجِي الْمُؤْمِنِينَ {88}

***Инно фатаҳно лака фатҳан мубӣно. Лиягфира лакаллоҳу мо тақаддама мин занбика ва мо тааххара ва ютимма неъматаҳу ъалайка ва яҳдияка сиротан мустақӣмо. Ва янсуракаллоҳу насран ъазӣзо*** **Ê**

**Ä** *Мо барои ту пирӯзии ошкоре фароҳам сохтем, то Худованд гуноҳони гузашта ваояндаатро биёмурзад, неъматашро бар ту тамом кунад ва ба роҳи рост ҳидоят фармояд. Пирӯзиат диҳад, пирӯзии шикастнопазир!*[1]

Инҳо ва оёти назир инҳост, ки таъвили дурусти онро дарк накардаанд ва мо пас аз тафсири калимот ва бархе истилоҳот, ба баррасии онҳо мепардозем.

## *Тафсири бархе вожаҳо ва истилоҳҳо*

**Нахуст: Таърифи мусталаҳоти баҳс**

***А)*** *Амрҳо ва наҳйҳои Худо:*

Бархе аз авомир ва навоҳии Худо марбут ба умури шахсӣ аст ва осори мухолифат бо он танҳо дар зиндагии дунё ошкор мегардад ва ба зиндагии охират намерасад, монанди:

***Кулӯ вашрабӯ ва ло тусрифӯ*** **Ê**

**Ä** *Бихӯред ва биошомед ва исроф накунед.*[2]

---

[1]Сураи Фатҳ, ояи 1-3.

إِنَّا فَتَحْنَا لَكَ فَتْحاً مُّبِيناً {1} لِيَغْفِرَ لَكَ اللَّهُ مَا تَقَدَّمَ مِن ذَنبِكَ وَمَا تَأَخَّرَ وَيُتِمَّ نِعْمَتَهُ عَلَيْكَ وَيَهْدِيَكَ صِرَاطاً مُّسْتَقِيماً {2} وَيَنصُرَكَ اللَّهُ نَصْراً عَزِيزاً {3}

[2]Сураи Аъроф, ояи 31.

*Исроф:* аз андоза гузаштан ва зиёдаравӣ дар ҳар коре аст, ки инсон анҷом медиҳад, монанди: пур хӯрдан ва зиёд нӯшидани покизаҳо. Инсон асари мухолифат бо ин гуна авомир ва навоҳии Худоро дар зиндагии дунё мебинад ва ба охирати вай марбут нест. Ин гуна амр ва наҳйро дар истилоҳи фиқҳӣ, амр ва наҳйи иршодӣ номанд.

Шакли дагаре аз авомир ва навоҳӣ он аст, ки феъли хосташударо воҷиб, тарки онро ҳаром ва анҷоми феъли наҳйшударо мамнӯъ медонад.

Осори мухолифат бо ин гуна амру наҳй бар инсон, ба қиёмат кашида ва барои ӯ азобофарин мегардад. Инҳоро дар истилоҳи фиқҳӣ амру наҳйи мавлавӣ гӯянд, монанди: вуҷуби намоз, рӯза, ҳаҷ ва ҳаром будани қимор, шароб, рибо ва...

***Б)** Тарки авло:*

Дар миёни аъмоле, ки аз инсон сар мезанад бархе аз онҳо ба шакле аст, ки агар зидди онро анҷом медод, беҳтар ва бартар менамуд. Тарки чунин беҳтарро "тарки авло" номанд, монанди бархе аз корҳои анбиёи илоҳӣ, ҳамчун Одам ва Мӯсо(а), ки дар Қуръони карим омада аст ва дар баҳси оянда меояд.

***В)** Маъсият:*

Маъсият ва исён яъне берун шудан аз итоат ва анҷом надодани фармон аст. Осӣ бошад, яъне нофармон.

Калима ва лафзи “амр” дар ҷумла гоҳе пас аз зикри муштаққоти маъсият меояд, монанди он чи дар сураи

---

**... وكُلُواْ وَاشْرَبُواْ وَلاَ تُسْرِفُواْ ...** {31}

Каҳф дар достони Хизр ва Мӯсо омада аст ва аз забони Мӯсо мегӯяд:

***Сатаҷидунӣ иншоаллоҳу собиран ва ло уъсия лака амро* Ê**

**Ä***Ба зудӣ* **(***ба хости Худо***)** *маро сабур ёфта ва дар ҳеҷ коре мухолифати фармони ту нахоҳам кард***.**[1]

Ва дар васфи фариштагони коргузори ҷаҳаннам дар сураи Таҳрим мефармояд:

***Ъалайҳо малоикатун ғилозун шидодун ло яъсӯналлоҳа мо амараҳум ва яфъалӯна мо йу'марӯн* Ê**

**Ä***Бар оташи ҷаҳаннам фариштагоне вобаста шудаанд***,** *ки дағал ва сахтгиранд ва ҳаргиз "амр"–и Худоро мухолифат намекунанд ва ба он чи маъмуранд амал менамоянд***.**[2]

Калима ва лафзи "*амр*" бештари вақт ба он хотир, ки маъно дар ҷумла равшан аст, оварда намешавад, монанди сухани Худои мутаол дар сураи Тоҳо:

***Ва ъасо Одаму раббаҳу* Ê**

---

[1]Сураи Каҳф, ояи 69.

... سَتَجِدُنِي إِن شَاءَ اللَّهُ صَابِراً وَلَا أَعْصِي لَكَ أَمْراً {69}

[2]Сураи Таҳрим, ояи 6.

... عَلَيْهَا مَلَائِكَةٌ غِلَاظٌ شِدَادٌ لَا يَعْصُونَ اللَّهَ مَا أَمَرَهُمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ {6}

*Ä Одам Парвардигорашро нофармонӣ кард.*[1] *Яъне, Одам **"амр"**-и Парвардигорашро нофармонӣ кард.*

Гоҳе низ номи шахси нофармонро дар ҷумла намеоваранд, монанди он чи дар бораи Фиръавн дар сураи Нозиот омада аст:

***Факаззаба ва ъасо Ê***

*Ä Пас такзиб кард ва нофармонӣ намуд.*[2]

*Г) Занб:*

Ҳақиқати "занб" дунбола ва асари ҳар коре аст, ки дар оянда ба инсон зиён мерасонад. Ин асар гоҳе хоси бархе корҳои дунёӣ мегардад ва аз ҷониби зӯрмандоне, ки қудрати зиёнрасонӣ доранд ба инсонҳо мерасад. Чунонки дар сухани Мӯсо[(а)] дар муноҷот бо Парвардигори худ, дар сураи Шуаро омада аст:

***Ва из нодо раббука Мӯсо ани'тил қавмаз золимӣн. Қавма Фиръавна ало яттақӯн. Қола раббииннӣ ахофу ан юказзибӯн. Ва язӣқу садрӣ ва ло янталиқу лисонӣ фаарсил ило Ҳорӯн. Ва лаҳум ъалайя занбун фаахофу ан яқтулӯн. Қола калло фазҳабо биоётино инно маъакум мустамиъӯн Ê***

---

[1]Сураи Тоҳо, ояи 121.

... وَعَصَى آدَمُ رَبَّهُ ... {121}

[2]Сураи Нозиот, ояи 21.

فَكَذَّبَ وَعَصَى {21}

*Ӓ Ва ҳангоме ки Парвардигорат Мӯсоро нидо дод, ки ба суроғи қавми ситамгар бирав. Қавми Фиръавн, оё онон парҳез намекунанд?! Мӯсо арз кард: парвадигоро! Ман аз он бим дорам, ки дурӯғгӯям бихонанду синаам танг шавад ва забонам гӯё нагардад, пас ба сӯи Ҳорун фирист. Ононро бар ӯҳдаи ман "гуноҳе"аст, ки метарсам маро бикушанд. Фармуд: чунин нест, шумо ҳар ду бо оёти мо биравед, мо бо шумо буда ва мешунавем!*[1]

Кори Мӯсо (занби ӯ) ҳамон куштани шахси қибтӣ буд, ки дар оёти сураи Қасас чунин омада аст:

*Ӯ ба ҳангоме ки аҳли шаҳр дар ғафлат буданд вориди шаҳр шуд; ногаҳон ду мардро дар ҳоли даргирӣ дид; яке аз пайравони ӯ буд ва дигаре аз душманонаш. Он ки аз пайравони ӯ буд дар баробари душманаш аз вай кӯмак хост; Мӯсо мушти маҳкаме бар синаи ӯ зад ва корашро тамом кард. Гуфт: ин аз амали шайтон буд, ки ӯ душмани гумроҳкунандаи ошкоре аст! (Сипас) Гуфт: Парвардигоро! Ман ба хештан ситам кардам; маро бубахш! Худованд ӯро бахшид, ки ӯ бахшандаи бахшоишгар аст. Арз кард: Парвардигоро! Ба шукронаи неъмате, ки ба ман додӣ, ҳаргиз пуштибони муҷримон нахоҳам буд!*

[1]Сураи Шуаро, ояи 10-15.

وَإِذْ نَادَى رَبُّكَ مُوسَى أَنِ ائْتِ الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ {10} قَوْمَ فِرْعَوْنَ أَلَا يَتَّقُونَ {11} قَالَ رَبِّ إِنِّي أَخَافُ أَن يُكَذِّبُونِ {12} وَيَضِيقُ صَدْرِي وَلَا يَنطَلِقُ لِسَانِي فَأَرْسِلْ إِلَى هَارُونَ {13} وَلَهُمْ عَلَيَّ ذَنبٌ فَأَخَافُ أَن يَقْتُلُونِ {14} قَالَ كَلَّا فَاذْهَبَا بِآيَاتِنَا إِنَّا مَعَكُم مُّسْتَمِعُونَ {15}

*Мӯсо дар шаҳр тарсону нигарон буд, ногаҳон дид ҳамон касе, ки дирӯз аз ӯ ёрӣ хоста буд, фарёд мезанад ва аз вай кӯмак мехоҳад. Мӯсо ба ӯ гуфт: ростиро, ки ту гумроҳи ошкорӣ. Ҳангоме ки хост бо касе, ки душмани он ду буд дуруштӣ намояд, гуфт: эй Мӯсо! Мехоҳӣ маро бикушӣ, ҳамон гуна, ки дирӯз инсонеро куштӣ?! Ту танҳо мехоҳӣ ҷабборе дар рӯи замин бошӣ ва намехоҳӣ аз муслиҳон гардӣ! (Дар ин ҳангом) Марде бо суръат аз дуртарин нуқтаи шаҳр омада ва гуфт: эй Мӯсо! Сарони қавм барои куштани ту нақша мекашанд; берун шав, ки ман аз хайрхоҳони ту ҳастам! Мӯсо дар ҳоле ки тарсону нигарон буд, аз шаҳр берун рафт. Гуфт: Парвардигоро! Маро аз ин қавми ситамгар раҳоӣ бахш.*[1]

Кори Мӯсо[(а)] (куштани қибтӣ) асар ва паёмади дунёӣ дошт, ки ҳамон тарҳи куштани ӯ ба василаи Фиръавниён буд.

---

[1] Сураи Қасас, ояи 15.

**وَدَخَلَ الْمَدِينَةَ عَلَى حِينِ غَفْلَةٍ مِّنْ أَهْلِهَا فَوَجَدَ فِيهَا رَجُلَيْنِ يَقْتَتِلَانِ هَذَا مِن شِيعَتِهِ وَهَذَا مِنْ عَدُوِّهِ فَاسْتَغَاثَهُ الَّذِي مِن شِيعَتِهِ عَلَى الَّذِي مِنْ عَدُوِّهِ فَوَكَزَهُ مُوسَى فَقَضَى عَلَيْهِ قَالَ هَذَا مِنْ عَمَلِ الشَّيْطَانِ إِنَّهُ عَدُوٌّ مُّضِلٌّ مُّبِينٌ {15} قَالَ رَبِّ بِمَا أَنْعَمْتَ عَلَيَّ فَلَنْ أَكُونَ ظَهِيراً لِّلْمُجْرِمِينَ {17} فَأَصْبَحَ فِي الْمَدِينَةِ خَائِفاً يَتَرَقَّبُ فَإِذَا الَّذِي اسْتَنصَرَهُ بِالْأَمْسِ يَسْتَصْرِخُهُ قَالَ لَهُ مُوسَى إِنَّكَ لَغَوِيٌّ مُّبِينٌ {18} فَلَمَّا أَنْ أَرَادَ أَن يَبْطِشَ بِالَّذِي هُوَ عَدُوٌّ لَّهُمَا قَالَ يَا مُوسَى أَتُرِيدُ أَن تَقْتُلَنِي كَمَا قَتَلْتَ نَفْساً بِالْأَمْسِ إِن تُرِيدُ إِلَّا أَن تَكُونَ جَبَّاراً فِي الْأَرْضِ وَمَا تُرِيدُ أَن تَكُونَ مِنَ الْمُصْلِحِينَ {19} وَجَاءَ رَجُلٌ مِّنْ أَقْصَى الْمَدِينَةِ يَسْعَى قَالَ يَا مُوسَى إِنَّ الْمَلَأَ يَأْتَمِرُونَ بِكَ لِيَقْتُلُوكَ فَاخْرُجْ إِنِّي لَكَ مِنَ النَّاصِحِينَ {20} فَخَرَجَ مِنْهَا خَائِفاً يَتَرَقَّبُ قَالَ رَبِّ نَجِّنِي مِنَ الْقَوْمِ الظَّالِمِينَ {21}**

Бештари осори нофармонии авомир ва навоҳии мавлавии Худованд, дар охират гиребонгири инсон мешавад. Гоҳе низ дар дунё ва охират ҳар ду аст ва он, гуноҳони густохонаи инсон дар баробари Парвардигори бузурги хеш аст.

**Дуввум: Шарҳи бархе вожаҳо**

***Зал'айд:*** тавонманд.

***Аввоб:*** таввоб, бозгашткунанда ба сӯи Худо бо тарки гуноҳ ва анҷоми фармон.

***Ло туштит:*** ситам макун ва аз андоза магзар, аз решаи "*шатат*" ба маънои ҷавру ситам дар қазоват ва таҷовузи аз ҳад аст.

***Акфилнӣҳо:*** маро сарпарасти ӯ қарор деҳ, нигаҳдориашро ба ман биспор.

***Ъаззанӣ фил хитоб:*** дар сухан бар ман дуруштӣ карда аст.

***Алхулто':*** дӯстон, ҳамсоягон ва анбозон.

***Занна:*** *занн* он чизе аст, ки аз шавоҳид ва нишонаҳо ба даст ояд. Гоҳе ба дараҷаи яқин мерасад, монанди:

***Ва занна Довуду иннамо фатанноҳу Ê***

***Ä** Довуд яқин кард, ки ӯро имтиҳон кардем.*

Гоҳе хеле камранг ва аз яқин ба дур ва дар ҳадди ҳадс ва ваҳм аст, монанди:

***Ва мо лаҳум бизолика мин ъилмин ин ҳум илло язуннӯн Ê***

***Ä** онон ба он чи мегӯянд илме надоранд, балки танҳо ҳадс мезананд.*

***Фатанноҳу:*** фитнааш задем, имтиҳонаш кардем.

***Харра:*** аз баландӣ суқут кард, ҳарра рокиъан- яъне ба рукӯъ рафт.

***Аноба:*** бозгашт ва тавба намуд ва ба Худо паноҳ бурд. Иброҳим[а] аз он рӯ "*мунӣб*" хонда шуд, ки дар ҳамаи корҳои худ ба Худо такя дошт ва ба сӯи ӯ бозмегашт.

***Фағафарно лаҳу:*** бар ӯ пӯшонидем. Ғофир ва ғафур ба маънои пӯшонанда ва ғаффор барои муболиға аст. Бахше аз зиреҳро, ки дар зери кулоҳи худ бар сар мекашанд миғфар гӯянд, зеро сару гарданро мепӯшонад. *Ғафаруллоҳу зунубаҳу*, яъне: Худованд гуноҳашро пӯшонид, ин пӯшондан бо нобудии осори гуноҳон дар дунё ва охират мебошад.

***Зулфо:*** қурб ва манзалат.

***Маоб:*** саранҷом, исми замон ва макони *авб* (бозгашт) низ мебошад.

***Халӣфа:*** шарҳи маънои халифа гузашт, хулосааш чунин аст:

Маънои халифатуллоҳ дар Қуръон чунонки бархе гуфтаанд, хилофати навъи инсон дар замин нест, балки мурод: имом ва пешвои баргузида аз сӯи Худо барои ҳидояти мардумон ва қазоват дар байни эшон аст. Чунонки аз сухани Худои мутаол ба Довуд[а] ошкор мегардад: "*Эй Довуд мо туро ҷонишин дар замин қарор додем, пас миёни мардум ба ҳақ доварӣ кун*".

***Хиярат:*** ихтиёр ва ҳаққи интихоб.

***Ватар:*** ниёзи муҳим ва мавриди таваҷҷӯҳ, ки ҳар гоҳ ба он расид, мегӯянд: қазо ватараҳу, ниёзашро бароварда сохт.

***Адъиёуҳум:*** мансубон ба онон, даъӣ: касе ки ӯро ба қавм нисбат диҳанд ва аз онон набошад. Намунаи равшани он, писархондагӣ аст.

***Суннаталлоҳ:*** низоми Худовандӣ, ки барои махлуқот тақдир карда аст.

***Суннаталлоҳи фил лазӣна халав Ê***

***Ä*** *Фармони Худо ва шариате, ки бар паёмбарони пешин фиристода аст.*

***Қадаран мақдӯран:*** андозаи тадбиршуда.

***Қадараллоҳур ризқа Ê***

***Ä*** *Рӯзиро маҳдуд ва андак қарор дод.*

***Ҷузоз:*** қитъа-қитъа шуда, шикаста шуда.

***Фато:*** ҷавони шодоб, навҷавон. Ба ғулом ва каниз ҳам барои утуфат ва дилҷӯӣ "*фато*" гуфта мешавад ва низ ба мардони комил ва ҷавонмардон, вале дар ин ҷо мақсад навҷавон аст.

***Накису:*** аз рӯи хорӣ ва хиффат сар ба зер шуданд.

***Сиқоят:*** зарфи обхӯрӣ, ки гоҳе паймонааш мекунанд.

***Ъийр:*** корвони ҳомили бор, мардону шутурон, қофилаи шутур ё қофилаи инсонӣ.

***Сувоъ:*** паймона, ҳамон зарфи обхӯрӣ, ки гузашт.

***Заъйм:*** зомин, кафил.

**Сеюм: таъвили оёт**

Дар баёни таъвили оёт, ибтидо ба таъвили бархе мавориди мутаносиб бо маънои луғавии он пардохта

ва пас аз он ривоёти имомони Аҳли Байт[(а)]-ро меоварем.

### Таъвили оёти мутаносиб бо маънои алфоз дар забони арабӣ

**А)** Таъвили сухани Иброҳим[(а)] дар шикастани бутҳо:

Иброҳим[(а)], ки ба мушрикин фармуд:

***Бал фаъалаҳу кабӣруҳум ҳозо, фасъалӯҳум ин конӯ янтиқӯн*** **Ê**

**Ä** *Балки ин корро бузургашон карда аст***!** *Аз онҳо пурсед агар сухан мегӯянд***.**[1]

Бо ин баён таврия[2] кард, зеро маънои сухани ӯ ин мешавад, ки: агар метавонанд сухан бигӯянд бузургашон ин корро карда аст, ин маъно аз ҷумлаи баъдӣ дониста мешавад, ки гуфтанд:

***Лақад ъалимта мо ҳоулои янтиқӯн*** **Ê**

**Ä** *Ту хуб медонӣ***,** *ки инҳо сухан намегӯянд***!**[3]

**Б)** Таъвили сухане, ки ба бародарони Юсуф гуфта шуд:

Мақсуди ин сухан, ки бародарони Юсуфро дузд номиданд ва гуфтанд:

---

[1]Сураи Анбиё, ояи 63.

... بَلْ فَعَلَهُ كَبِيرُهُمْ هَذَا فَاسْأَلُوهُمْ إِن كَانُوا يَنطِقُونَ {63}

[2] Таврия: каломе, ки дорои чанд маъно буда, маънои аслии он камранг ва дуввумдараҷа аст.

[3]Сураи Анбиё, ояи 65.

... لَقَدْ عَلِمْتَ مَا هَؤُلَاء يَنطِقُونَ {65}

***Айятуҳал ъйру иннакум ласориқӯн*** **Ê**

**Ä** *Эй аҳли қофила, шумо дузд ҳастед!*

Ин буд, ки онон дар гузашта, Юсуф(а)-ро аз падараш дуздида буданд.

Дар бораи паймонаи подшоҳ низ гуфтанд:

***Нафқиду сувоъал малики*** **Ê**

**Ä** *Паймонаи подшоҳро гум кардаем*[1]

ва нагуфтанд: паймонаи подшоҳ дуздида шуд. Дар ин сухан низ чунонки мебинем таврия шуда аст.

**В)** Достони Паёмбар(с) пас аз фатҳ:

Худои субҳон дар сураи Фатҳ мефармояд:

*Мо барои ту пирӯзии ошкоре фароҳам сохтем, то Худованд гуноҳони гузашта ва ояндаатро бипӯшонад, неъматашро бар ту тамом гардонад, ба роҳи рост ҳидоятат намояд ва пирӯзат гардонад, пирӯзии шикастнопазир. Ӯст, ки оромишро дар дилҳои мӯъминон нозил кард...*[2]

## Тафсири калимот

***Фатаҳно:*** кушодем. Мурод аз фатҳ ва кушоиш дар ин ҷо сулҳи Ҳудайбия аст. Худованд аз он рӯ фатҳаш

---

[1]Сураи Юсуф, ояи 72,

... نَفْقِدُ صُوَاعَ الْمَلِكِ ... {72}

Маҷмаулбаён, ҷ.3, с.252.

[2]Сураи Фатҳ, ояи 1-4 .

إِنَّا فَتَحْنَا لَكَ فَتْحاً مُّبِيناً {1} لِيَغْفِرَ لَكَ اللَّهُ مَا تَقَدَّمَ مِن ذَنبِكَ وَمَا تَأَخَّرَ وَيُتِمَّ نِعْمَتَهُ عَلَيْكَ وَيَهْدِيَكَ صِرَاطاً مُّسْتَقِيماً {2} وَيَنصُرَكَ اللَّهُ نَصْراً عَزِيزاً {3} هُوَ الَّذِي أَنزَلَ السَّكِينَةَ فِي قُلُوبِ الْمُؤْمِنِينَ ... {4}

номида аст, ки иқтидори Қурайшро шикаст, ба гунае ки дигар натавонистанд бо паёмбар душманӣ намоянд, барои ҷанг ба он ҳазрат ва таҷҳизи сипоҳ бипардозанд. Пас аз ин сулҳ буд, ки паёмбар Маккаро фатҳ намуд.

***Лиягфира:*** то бипӯшонад. Ғуфрон дар луғат ба маънои пӯшондан аст.

***Занбика:*** гуноҳат, дунбола ва паёмади корат. Роғиб дар Муфрадот гӯяд: “*занб*” дар асл гирифтани дунболаи чиз аст, "*азнабтуҳу*" яъне: дунболи ӯро гирифтам. "*Занб*" бо ин маъно дар ҳар коре ки паёмади вахим ва нохӯшоянд дорад, истеъмол мешавад. Ҷамъи “*занб*”, “*зунуб*” аст.

## Таъвили оят, мутаносиб бо маънои луғавӣ

Фишурдаи он чи Воқидӣ дар бораи сулҳи Ҳудайбия оварда аст чунин аст:

“Халифаи дуввум Умар назди Расули Худо(с) омад ва гуфт: оё мо мусулмон нестем? Фармуд: бале, ҳастем. Гуфт: пас чаро дар дини худ ба пастӣ тан медиҳем? Расули Худо фармуд: Ман бандаи Худо ва паёмбари ӯ ҳастам ва ҳаргиз бо фармони Худо мухолифат намекунам ва ӯ ҳам ҳаргиз маро табоҳ ва зоеъ нахоҳад кард. Умар сухани расули Худо(с)-ро напазируфт ва бо Абӯбакр ва Абӯубайда ба гуфтугӯ пардохт. Он ду низ ӯро посух гуфтанд. Вай пас аз ин моҷаро мегуфт: дар ин рӯз, ки ман дучори шакку тардид шуда будам, ба

гунае бо паёмбар бархӯрд кардам, ки ҳаргиз ба монанди он накарда будам..."[1]

Пас аз сулҳи Ҳудайбия сураи Фатҳ нозил шуд ва эълом дошт, ки ин сулҳ барои паёмбар ва мусулмонон айни пирӯзӣ аст ва он чиро ки мушрикон *занб* ва *гуноҳи* паёмбар мешумурданд, айни савоб аст. Яъне сафиҳ хондани мушрикин ва айбу эроде, ки Паёмбар(с) дар Макка ба худоёни эшон мегирифт ва кушторе, ки пас аз он дар ҷанги Бадр ва ғайри он аз эшон намуд, ҳама ҳақ ва мавриди ризои Худо буда аст. Худованд ҳамаи пиндори мушриконро бо ин сулҳе, ки ин ҳама раҳовард ва пирӯзӣ дошт, маҳв ва нобуд кард! Сухани Худои мутаол дар ин сура, ки мефармояд:

***"Мо тақаддам мин занбика ва мо тааххар*** **Ê**

**Ä** *Гуноҳони гузашта ва ояндаат***"**,

монанди сухане аст, ки аз қавли Мӯсо дар сураи Шуаро оварда аст, ки гуфт:

***Ва лаҳум ъалайя занбун фаахофу ан яқтулӯн*** **Ê**

**Ä** *Ононро бар ӯҳдаи ман гуноҳе аст***,** *ки метарсам манро бикушанд***.**

Яъне ман ба пиндори онон гунаҳкорам!

**ø ø ø**

Ба ҳамин миқдор аз таъвили оёти мутаносиб ба маъонои луғавӣ басанда мекунем ва ба ривоятҳои ворид дар таъвили онҳо мепардозем:

---

[1]"Мағозӣ"-и Воқидӣ, ҷ.2, с.606-607 ва Саҳеҳи Бухорӣ, ҷ.3, с.190, дар тафсири сураи Фатҳ.

## Таъвили оёт дар ривоёти имомони Аҳли Байт алайҳимуссалом

Садуқ овардааст, ки Маъмун халифаи Аббосӣ, соҳибназарони мазҳабҳои исломӣ ва динҳои дигар аз яҳуд, насоро, маҷус ва собиинро барои баҳс бо имом Ризо(а) гирдиҳам овард. Дар миёни онон Алӣ ибни Ҷаҳм, ки аз соҳибназарони мазоҳиби исломӣ буд, ба савол аз Имом(а) пардохт ва гуфт: Эй писари Расули Худо! Оё шумо анбиёро маъсум (пок аз гуноҳ) медонед? Фармуд: оре. Гуфт: пас бо ин сухани Худои азза ва ҷалла чӣ мегӯед, ки мефармояд:

***Ва ъасо Одаму раббаҳу фағаво Ê***

*ÄОдам Парвардигорашро нофармонӣ кард ва аз подош маҳрум шуд?*[1]

Ва ин сухан, ки мефармояд:

***Ва Заннуна из заҳаба муғозиян фазанна ан лан нақдира ъалайҳи Ê***

*ÄВа Зоннун, (Юнус) ки хашмгин рафт ва чунин пиндошт, ки мо бар ӯ танг нахоҳем гирифт?*[2]

Ва ин сухан, ки дар бораи Юсуф фармуда аст:

---

[1]Сураи Тоҳо, ояи 121.

... وَعَصَى آدَمُ رَبَّهُ فَغَوَى {121}

[2] Сураи Анбиё, ояи 87.

وَذَا النُّونِ إِذ ذَّهَبَ مُغَاضِباً فَظَنَّ أَن لَّن نَّقْدِرَ عَلَيْهِ ... {87}

***Ва лақад ҳаммат биҳӣ ва ҳамма биҳо*** Ê

Ä *Он зан қасди Юсуф кард ва Юсуф қасди он зан*?[1]

Ин сухан, ки дар бораи Довуд фармуд:

***Ва занна Довуду аннамо фатанноҳу*** Ê

Ä*Довуд донист, ки мо ӯро имтиҳон кардем*?[2]

Ин сухан, ки дар бораи набии худ Муҳаммад[(с)] фармуд:

***Ва тухфӣ фӣ нафсика маллоҳу мубдӣҳи ва тахшан носа валлоҳу аҳаққу ан тахшоҳу*** Ê

Ä*Дар дил чизеро пинҳон медоштӣ, ки Худованд онро ошкор мекунад ва аз мардум метарсӣ дар ҳоле ки Худованд сазовортар аст, ки аз ӯ битарсӣ*?[3]

Шумо бо ин оёт чӣ мекунед ва чӣ ҷавобе доред?

Имом Ризо[(а)] фармуд: Вой бар ту эй Алӣ! Аз Худо битарс, зиштиҳоро ба анбиёи илоҳӣ нисбат мадеҳ ва китоби Худоро бо раъйи шахсии худат таъвил макун! Худои азза ва ҷалла мефармояд:

***Ва мо яъламу таъвӣлаҳу иллаллоҳу вар росихӯна фил ъилм*** Ê

---

[1] Сураи Юсуф, ояи 24.

وَلَقَدْ هَمَّتْ بِهِ وَهَمَّ بِهَا ... {24}

[2] Сураи Сод, ояи 24.

... وَظَنَّ دَاوُودُ أَنَّمَا فَتَنَّاهُ ... {24}

[3] Сураи Аҳзоб, ояи 37.

... وَتُخْفِي فِي نَفْسِكَ مَا اللَّهُ مُبْدِيهِ وَتَخْشَى النَّاسَ وَاللَّهُ أَحَقُّ أَن تَخْشَاهُ ... {37}

**Ӓ** *Ҳеҷ касе таъвили онро намедонад, ҷуз Худо ва росихон дар илм!*[1]

*Аммо* он чи Худои азза ва ҷалла дар бораи Одам(а) фармуд: Одам парвардигорашро нофармонӣ кард ва аз подош маҳрум шуд, чунин аст: Худои субҳон Одамро офарид то ҳуҷҷат ва ҷонишини ӯ дар Замин бошад. Ӯро барои он биҳишт наофарида буд ва нофармонии Одам(а) дар он биҳишт буд на дар ин замин. Ҳамаи ин барои он буд, ки тақдири Худо ба анҷом расад. Одам ҳангоме ки ба замин фуруд омад ва ҳуҷҷат ва халифаи Худо дар замин шуд, исмат ёфт. Зеро Худои субҳон фармуда аст: Худованд Одам, Нӯҳ, Оли Иброҳим ва Оли Имронро баргузид ва бар оламиён бартарӣ дод.[2]

Ва он чи дар бораи Юнус фармуд: Ва Зоннун, (Юнус) ки хашмгин рафт ва чунин пиндошт, ки мо бар ӯ танг нахоҳем гирифт, ҷуз ин набуд, ки Юнус(а) мепиндошт Худои азиз ризқи ӯро дар тангно қарор нахоҳад дод, магар ин сухани Худои азза ва ҷалларо нашунидаӣ, ки фармуда аст: аммо ҳангоме ки инсонро имтиҳон кунад ва ризқи ӯро коҳиш диҳад,[3] яъне ӯро дар тангнои маишат қарор диҳад. Агар Юнус(а) пиндошта буд Худованд қудрату тасаллуте бар ӯ надорад, ки ба ростӣ кофир шуда буд!

---

[1]Сураи Оли Имрон, ояи 7.

... وَمَا يَعْلَمُ تَأْوِيلَهُ إِلاَّ اللّهُ وَالرَّاسِخُونَ فِي الْعِلْمِ ... {7}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 33.

إِنَّ اللّهَ اصْطَفَى آدَمَ وَنُوحاً وَآلَ إِبْرَاهِيمَ وَآلَ عِمْرَانَ عَلَى الْعَالَمِينَ {33}

[3] Сураи Фаҷр, ояи 16.

وَأَمَّا إِذَا مَا ابْتَلَاهُ فَقَدَرَ عَلَيْهِ رِزْقَهُ فَيَقُولُ رَبِّي أَهَانَنِ {16}

Ва аммо сухани Худои азза ва ҷалла дар бораи Юсуф[а], ки фармуд: “Он зан қасди Юсуф кард ва Юсуф қасди он зан”, чунон аст, ки он зан қасди гуноҳ кард ва Юсуф қасди куштани ӯро, (агар маҷбураш мекард) зеро дар моҷарои бузурге дохил шуда буд ва Худованд куштани он зани фаҳшоро аз Юсуф дур кард. Чунонки фармуд:

Инчунин кардем то бадӣ, яъне куштан ва фаҳшо, яъне зиноро аз ӯ (Юсуф) дур созем.

Аммо Довуд[а], дар бораи ӯ чӣ мегӯянд? Алӣ ибни Ҷаҳм гуфт, мегӯянд: Довуд дар меҳроб намоз мегузошт, ки Иблис ба сурати зеботарини паррандагон худро бар ӯ намоён кард. Ӯ намозашро шикаст ва бархост то паррандаро бигирад. Парранда вориди хона шуд. Онро дунбол кард. Пар зад ва бар пушти бом нишаст. Аз паси он боло рафт. Парранда дар хонаи Уриё ибни Ҳаннон фурӯд омад. Довуд бо чашм онро таъқиб кард, ки ногаҳон ҳамсари Уриёро дар ҳоли шустани худ дид. Ҳангоме ки ба ӯ назар кард, дилбохтааш шуд ва ин дар ҳоле буд, ки Уриёро қаблан ба яке аз ҷангҳо фиристода буд. Пас, ба фармондеҳи худ навишт, ки ӯро ба хатти пеши ҷабҳа бифиристад. Уриё ба хатти муқаддам рафт ва бар мушрикон пирӯз гардид. Ин бар Довуд вазнин омад ва дубора навишт, ки Уриёро пешорӯи “Тобут” бифиристанд. Уриё, ки раҳмати Худо бар ӯ бод кушта шуд ва Довуд бо ҳамсари вай издивоҷ кард. Имом Ризо[а] бо шунидани ин суханон бар сурати худ зад ва фармуд: Инно лиллоҳ ва инно илайҳи роҷиъун! Ростиро, ки шумо яке аз анбиёи илоҳиро то ба он ҷо муттаҳам кардед, ки дар намоз саҳлангорӣ карда,

дунболи парранда рафт ва ба зиштӣ гаройид ва низ ба куштани бегуноҳон даст ёзонд!! Алӣ ибни Ҷаҳм пурсид: эй фарзанди Расули Худо! Пас хатои Довуд чӣ буд? Имом[(а)] фармуд: вой бар ту! Кори Довуд ҷуз ин набуд, ки пиндошт Худои азза ва ҷалла махлуқе донотар аз ӯ наофарида аст. Худованд низ ду фариштаро барангехт то дар меҳроб бар ӯ ворид шуданд ва гуфтанд: “Мо ду нафар шикояткунанда ҳастем, ки яке аз мо бар дигаре ситам карда аст: акнун дар миёни мо ба ҳақ доварӣ кун, ситам раво мадор ва моро ба роҳи рост ҳидоят кун! Ин бародари ман аст. Ӯ наваду нӯҳ меш дорад ва ман яке дорам. Ӯ мегӯяд, ин якеро ҳам ба ман вогузор ва дар сухан бар ман ғалаба карда аст”.[1]

Довуд[(а)] дар доварӣ ба зиёни ҷинояткор шитоб кард ва гуфт: ба ростӣ, ки ӯ бо дархости афзудани меши ту ба мешҳои худ бар ту ситам намуда аст ва аз ҷабрдида нахост то бар ин иддаои худ ҳуҷҷат ва далел биёвард. Ӯ ба ҷинояткор таваҷҷӯҳ нанамуд то аз ӯ бипурсад: ту чӣ мегӯӣ? Пас ин хатои ӯ дар доварӣ буд, на он чи, ки шумо ба он сӯ рафтаед. Магар сухани Худои азза ва ҷалларо нашунидаӣ, ки мефармояд: Эй Довуд! Мо туро дар замин ҷонишин гардонидем, пас дар миёни мардум ба ҳақ доварӣ кун![2]

---

[1]Сураи Сод, ояи 22-23.

**دَخَلُوا عَلَى دَاوُودَ فَفَزِعَ مِنْهُمْ قَالُوا لَا تَخَفْ خَصْمَانِ بَغَى بَعْضُنَا عَلَى بَعْضٍ فَاحْكُم بَيْنَنَا بِالْحَقِّ وَلَا تُشْطِطْ وَاهْدِنَا إِلَى سَوَاءِ الصِّرَاطِ {22} إِنَّ هَذَا أَخِي لَهُ تِسْعٌ وَتِسْعُونَ نَعْجَةً وَلِيَ نَعْجَةٌ وَاحِدَةٌ فَقَالَ أَكْفِلْنِيهَا وَعَزَّنِي فِي الْخِطَابِ {23}**

[2] Сураи Сод, ояи 26.

Алӣ ибни Ҷаҳм мегӯяд, гуфтам: эй фарзанди Расули Худо! Пас достони Уриё чист? Имом Ризо(а) фармуд: "Вазъи зан дар давраи Довуд(а) чунон буд, ки агар шавҳараш вафот мекард ё кушта мешуд пас аз ӯ, ҳаргиз шавҳар намекард. Ва аввалин касе, ки Худованд бар ӯ раво дошт то бар зане, ки шавҳараш кушта шуда буд, издивоҷ намояд, Довуд аст. Ва ин он чизе буд, ки бар мардум дар бораи Уриё вазнин омад".[1]

Дар достони Довуд(а) ривояти махсусе аз Амири мӯъминон Алӣ(а) расида аст, ки фармуд: агар касеро назди ман оваранд, ки бигӯяд Довуд(а) бо ҳамсари Уриё издивоҷ кард, ӯро ду бор ҳад мезанам; ҳадде барои мақоми нубувват ва ҳадде барои ислом.[2] (Яъне, агар касе бигӯяд Довуд(а) қабл аз шаҳодати Уриё бо ҳамсари ӯ издивоҷ кардааст)

Ва дар ривояти дигаре мефармояд: ҳар кас достони Довудро ба гунаи достонсароён ривоят кунад, саду шаст тозиёна бар ӯ хоҳам зад. Дар ривояти дигаре аст, ки ин ҳадди дурӯғбастан бар анбиёст.[3]

Садуқ низ, аз имом Содиқ(а) ҳамонанди ривояти аввалро оварда аст.

---

**يَا دَاوُودُ إِنَّا جَعَلْنَاكَ خَلِيفَةً فِي الْأَرْضِ فَاحْكُم بَيْنَ النَّاسِ بِالْحَقِّ وَلَا تَتَّبِعِ الْهَوَى فَيُضِلَّكَ عَن سَبِيلِ اللَّهِ إِنَّ الَّذِينَ يَضِلُّونَ عَن سَبِيلِ اللَّهِ لَهُمْ عَذَابٌ شَدِيدٌ بِمَا نَسُوا يَوْمَ الْحِسَابِ** {26}

[1]Биҳоруланвор, ҷ.11, с.73-74, ба нақл аз Амолии Садуқ ва Уюну ахборир Ризо(а).

[2] Ба тафсири оя дар Маҷмаулбаён ва Нуруссақалайн ва Танзиҳуланбиё муроҷиат шавад.

[3]Ба тафсири оя дар тафсири "Хозин" (4-356) , Тафсири Фахри Розӣ (26-192) ва тафсири "Нуруссақалайн" (6-4) муроҷиат шавад.

Дар ривояти дигаре аз Имом Ризо[(а)] аст, ки фармуд: “Вазъи зан дар он давраи Довуд[(а)] чунон буд, ки агар ҳамсараш вафот мекард ё кушта мешуд, пас аз ӯ ҳаргиз издивоҷ намекард. Довуд[(а)] аввалин касе, аст, ки Худованд бар ӯ раво дошт то бо зане, ки шавҳараш кушта шуда аст, издивоҷ намояд. Ӯ пас аз кушта шудани Уриё ва поёни иддаи вафот, бо ҳамсари ӯ издивоҷ кард. Ин аст он чи пас аз кушта шудани Уриё бар мардум гарон омад”.[1]

Муаллиф гӯяд: агар гуфта шавад он чи шумо овардед бо ривояте, ки Қумӣ дар тафсири худ оварда аст, муориз мебошад, ривояте, ки хулосаи он чунин аст:

Довуд[(а)] дар меҳроб намоз мегузорид, ки паррандае пеши рӯи ӯ қарор гирифт ва ӯро ба гунае дар шигифт овард, ки намозро фаромӯш кард. Ӯ бархост то онро бигирад, парранда пар зад ва бар девори миёни хонаи Довуд ва Урё нишаст (Довуд Уриёро ба ҷабҳа фиристода буд). Довуд аз девор боло рафт то онро бигирад, ки занеро дар ҳоли шустушӯи худ дид. Зан, ки сояи ӯро дид мӯйҳои худро пароканда ва баданашро бо ӯ пӯшонид. Довуд шефтаи ӯ шуд ва ба меҳроб бозгашт ва ба фармондеҳи лашкар навишт, ки ба фалон ҷо ва фалон маҳал ҳаракат кунад, тобутро миёни худ ва душман қарор диҳад ва Уриёро дар пеши тобут бифиристанд. Ӯ чунин кард ва Уриё кушта шуд ва[2]...

---

[1]Биҳоруланвор ҷ.14, с.24 ва “Нуруссақалайн” ҷ.4, с.446, ба нақл аз Уюну ахборир Ризо[(а)].

[2]Ҳамон, ҷ.14, с.20-23, аз Тафсири Қумӣ.

Мегӯем: ровии ин ривоят онро аз ривоёти гуногуни ворид дар китобҳои тафсири мактаби хулафо ҷамъоварӣ ва ҳамроҳ карда, аз хаёли худ бар он афзуда, сипас онро аз қавли имом Содиқ(а) ривоят карда аст. Мо акнун матни ривоятро бидуни ишора ба санади он баррасӣ мекунем:

1-Имом Содиқ(а) худ ба мо фармуд аст: ду ҳадисе, ки бо ҳам зиддият доранд, онро ки бо ахбори омма мувофиқ аст, вогузоред ва ба он эътимод накунед.[1]

2-Дар хусуси достони Уриёи мавриди баҳс аз имом Содиқ(а) ривояте ба мо расида аст, ки вақте аз он ҳазрат пурсида шуд: назари шумо дар бораи он чи мардумон роҷеъ ба Довуд ва ҳамсари Уриё мегӯянд чист? Фармуд: ин чизе аст, ки омма (пайравони мактаби хулафо) мегӯянд.

Имом Содиқ(а) дар ин ҳадис баён мекунад, ки маншаи гуфтори мардум дар бораи Довуд ва беваи Уриё омма, яъне пайравони мактаби Хулафо ҳастанд. Пас, ин сухан яқинан аз сӯи онон дар китобҳо ва санадҳои мактаби Аҳли Байт мунташир шуда аст ва мо ин ривоётро дар ҷои худ "ривоёти мунтақила", яъне мунтақил шуда аз мактаби Хулафо ба мактаби Аҳли Байт номидаем.[2]

Агар дар ҷустуҷӯи масдари ин ривоят дар китобҳои таърих ва тафсири мактаби хулафо бароем,[3]

---

[1]Маолимулмадрасатайн, ҷ.3, с.336.

[2] Ба баҳси "Ривоёти мунтақила" дар ҷилди дуввуми "Алқуръонил карим ва ривоётул мадрасатайн", муроҷиат шавад.

[3] Ба тафсири оя дар Тафсири Табарӣ, Қуртубӣ, Ибни Касир ва Суюутӣ муроҷиат шавад.

дармеёбем, ки ровиёни ин ривоят онро аз Расули Худо(с) нақл накардаанд ва нагуфтаанд Расули Худо инро гуфтааст, магар дар як ривоят, ки Суютӣ дар тафсири ояи мавриди баҳс аз Язиди Раққошӣ, ки аз Анас оварда аст ва мо бутлони онро дар гузаштаи ин баҳс ошкор кардем.

**Аммо достони Зайд ва Зайнаб**:

Расули Акрам(с) бо хонадор кардани Зайнаб ба Зайд қонуни баробарии насабӣ ё табъизи наҷодиро, ки аз усули шинохташудаи асри ҷоҳилӣ буд, шикаст ва онро ба қонуни баробарии исломӣ табдил кард. Он ҳазрат пас ин тавфиқи бузург, аз ҷониби Худои мутаол маъмурият ёфт то бо издивоҷ бо талоқдодашудаи Зайд қонуни писархондагиро ҳам, ки аз усули шинохташудаи ҷоҳилият буд, бишканад ва ин кори Паёмбари Акрам монанди кори Довуд(а) дар издивоҷ бо беваи Уриё ва табдили қонуни ҷоҳилӣ ба қонуни исломӣ буд. Ҳамаи анбиёи илоҳӣ дар иҷрои аҳкоми ислом чунинанд. Паёмбари Акрам(с) дар ботил намудани қонуни "рибо" ва қонуни "хунхоҳии аъроби ҷоҳилӣ", низ чунин кард ва бо нодуруст шумурдани судҳои рибоии амакаш Аббос ва ҳадар донистани хуни фарзанди писарамакаш Рабиа дар Ҳаҷҷатулвидоъ, онро эълом дошт.[1]

---

[1] Дар Сираи Ибни Ҳишом, чопи Миср, 1365 ҳ.қ. , ҷ.4, с.275 омада аст: Расули Худо дар хутбаи худ дар Ҳаҷҷатулвидоъ фармуд: “...Ҳар рибо ва суди пулӣ бардошта шуд, вале сармояҳои шумо аз они худатон аст. На ситам кунед ва на ситам шавед. Ҳукми Худо бар он аст, ки рибое набошад. Рибои Аббос ибни Абдулмутталиб ҳамагӣ бардошта шуд. Ҳар хуне, ки дар ҷоҳилият буд бардошта шуд. Аввалин хуне, ки аз шумо

Ин буд чакида ва асоси издивоҷи Довуди набӣ[а] бо беваи Уриё ва издивоҷи Хотами Анбиё[с] бо муталлақаи писархондаи худ, Зайд, вале афсӯс, ки сирояти ривоёти исроилӣ дар таъвили достонҳои анбиёи гузашта ва ривоёти сохтагӣ дар таъвили ғайри он, дар бархе китобҳои тафсир ва баъзе санадҳои таҳқиқии исломӣ, монеи диди дуруст ва саҳеҳи пажуҳишгарон гашта ва ботилро ҳақ ва ҳақро ботил менамояд. Ин ривоят хусусан аз он рӯ шӯҳрат ёфта ва дар табақоти миёнаи ҷомеаи исломӣ ривоҷ гирифта аст, то санади маънидод кардани ҷиноятҳо ва ғӯтаварии баъзе аз афроди ҳайъати ҳокима дар шаҳвату шаҳватронӣ қарор гирад. Чунонки судури гуноҳони бузург аз амсоли Язид ибни Муовия ва ҳамтоёни ӯ аз хулафои Марвонӣ ва ҳамонанди онон. Ҳамаи ин оммаро бар он дошт, то ба анбиё ва расулони илоҳӣ низ гуноҳонеро нисбат дода, исматро аз онон ҷудо намоянд ва оёти қуръониро дар ҳаққи эшон ба шакле таъвил кунанд, ки эрод ва ишколе бар бархе аз хулафо ворид наояд!

ø ø ø

Пас аз анҷоми баҳс ва баррасии сифатҳои мубаллиғони илоҳӣ, шоиста он аст, ки дар баҳси оянда наҳваи муборизаи эшон бо тоғутҳо ва золимони саркаши асри худро ба баррасӣ бигзорем.

---

мебардорам, хуни писари Рабиа писари Ҳарас писари Абдулмутталиб аст. Писари Рабиа дар давраи ширхорагӣ дар қабилаи Бани Лайс буд, ки қабилаи Ҳузайл ӯро кушт.

### *Муборизаҳои анбиё дар бораи рубубият*

Таърихи адёни осмонӣ нишон медиҳад, ки меҳвари даргирии аксари ҷабборон ва ситамгароне, ки ба муқобила бо анбиё бархостанд, "*рубубият* ва *парвардигорӣ*"-и Худованд буда аст, на "холиқият"-и ӯ. Зеро бештари ақвом, ба ин ки "Аллоҳ" холиқи ҳамаи мавҷудот аст иқрор доштанд, агарчӣ гоҳе номи дигаре бар он ниҳодаанд, монанди яҳуд, ки "Аллоҳ"-ро "Яҳва" меноманд. Ҳамон гуна ки Худованд аз онон хабар дода ва фармуд:

***1-Ва лаин саалтаҳум ман халақас самовоти вал арза, лаяқӯлунналлоҳ*** **Ê**

**Ä***Агар аз эшон бипурсӣ чӣ касе осмонҳо ва Заминро офарида аст***,** *мегӯянд: Аллоҳ!*[1]

***2-Ва лаин саалтаҳум ман халақас самовоти вал арза лаяқӯлунна халақаҳуннал ъазӣзул ъалӣм*** **Ê**

---

[1]Сураи *Луқмон*, ояи 25.

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ اللَّهُ ... {25}

*Ä Агар аз эшон бипурсӣ чӣ касе осмонҳо ва Заминро офарида аст, мегӯянд: Худованди қодиру доно онҳоро офарида аст.*[1]

***3-Ва лаин саалтаҳум ман халақаҳум лаяқӯлунналлоҳу фаанно йу'факӯн Ê***

*ÄАгар аз эшон бипурсӣ чӣ касе ононро офарида аст, мегӯянд: Аллоҳ! Пас, чӣ гуна аз ӯ мунҳариф мешаванд?*[2]

Мо баҳс ва баррасиро аз муборизаи Мӯсои Калим(а) бо Фиръавн, (ки гӯшаҳои дигаре дар он комилан равшан аст) оғоз менамоем:

## Мӯсои Калим ва Фиръавн

Достони Мӯсо(а) бо тоғути замонаш - Фиръавн, борҳо ва борҳо дар Қуръони карим омада аст. Аз ҷумла дар сураи Нозиот аст, ки: Фиръавн пас аз он ки оёти илоҳиро дид ва Мӯсо(а) ҳуҷҷатро бар ӯ тамом кард, гурӯҳи бузурге аз аҳли Мисрро гирд овард ва дар миёни онон нидо кард:

***Ано раббукумул аъло Ê***

*ÄМан **рабби** бартари шумо ҳастам.*[3]

---

[1] Сураи Зухруф, ояи 9.

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ خَلَقَهُنَّ الْعَزِيزُ الْعَلِيمُ {9}

[2]Сураи Зухруф , ояи 87.

وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَهُمْ لَيَقُولُنَّ اللَّهُ فَأَنَّى يُؤْفَكُونَ {87}

[3] Сураи Нозиот, ояи 24.

... أَنَا رَبُّكُمُ الْأَعْلَى {24}

Фиръавн бо ин шиори худ дар воқеъ мегӯяд: (Масалан) Агар мурғи парваришӣ парваришдиҳандае дорад, ки молики он аст ва обу донааш дода, низоми зистан барои зиндагӣ ва рушдаш қарор медиҳад, мани Фиръавн низ нисбат ба шумо чунинам! Ӯ мегӯяд:

***А лайса лӣ мулку Мисра ва ҳозиҳил анҳору тачрӣ мин таҳтӣ Ê***

**Ä** *Оё ҳукумати Миср аз они ман нест ва ин наҳрҳо таҳти фармони ман ҷараён надорад***?**[1]

Фиръавни Миср, дар он даврон, молики тамомии Миср ва ончи мутааллиқ ба он буд, буд. Бинобар ин чунон медид, ки мисриёнро ӯ таом медиҳад ва ӯст, ки ниёзҳои ҳамаиононро бартараф карда ва ба онон ёрию имдод мерасонад. Пас, ӯ парваришдиҳандаи онон аст ва низоми зистии эшон бояд аз тарафи ӯ таъин гардад ва ҳар гоҳ қонуне гузорад, ки (масалан) Бани Исроил бояд ходими мисриён бошанд, ин ҳамон шаръ ва дин буда ва амал ба он воҷиб аст. Маънои сухани Фиръавн, ки гуфт: ***Ано раббукумул аъло*** ҳамин аст.

Ӯ дар сухани худ иддаои офариниши осмонҳо ва замин ва мавҷудоти онҳоро надошт.

Аммо ин ки Мӯсои Калим ба ӯ чӣ мегӯяд? Ва рисолати ӯ ва бародараш Ҳорун дар расонидани паёми илоҳӣ ба Фиръавн чист?, Худованд ҳар ду мавзӯъро дар ин хитоб муайян карда ва фармуда аст:

---

[1]Сураи Зухруф, ояи 51.

**... أَلَيْسَ لِي مُلْكُ مِصْرَ وَهَذِهِ الْأَنْهَارُ تَجْرِي مِن تَحْتِي ...** {51}

***Изҳабо ило Фиръавна, иннаҳу тағо... Фа'тиёҳу фақӯло инно расӯло раббика фаарсил маъано бани Исроила ва ло туъаззибҳум қад ҷи'нока биоятин мин раббик*** **Ê**

**Ä***Бираведба сӯи Фиръавн, ки саркашӣ карда аст..., Назди ӯ бираведва бигӯед: мо фиристодагони парвардигори туем, пас Бани Исроилро бо мо бифирист ва ононро шиканҷаю азоб макун. Мо бо нишонаи равшан аз Парвардигорат назди ту омадаем.*[1]

Худованд дар ин оят мефармояд: эй Мӯсо ва эй Ҳорун! Назди Фиръавн биравед ва бигӯед мо ҳар ду фиристодаи Парвардигори туем, он ки туро падид овард, парвариш дод ва ба камол расонид. Ба ӯ бигӯед: ҷаноби Фиръавн! Ту дар иддаои "*рубубият*"-и худ иштибоҳ мекунӣ! Мо барои дурустии гуфтори худ далел ва нишонае аз Парвардигори ту ҳамроҳ дорем.

Вале Фиръавн пас аз мушоҳидаи оёт ва нишонаҳои Худо бо Мӯсо ба ҷидол ва овардани далелу бурҳон бархост ва гуфт: агар шумо "*рубубият*"-и маро қабул намекунед ва мегӯед "*рубубият*" аз они дигаре, ки ғайри ман аст ва мо бояд низоми зистанро аз ӯ бигирем, пас ин "*рабб*" –и мавриди иддаои шумо кист?

---

[1]Сураи Тоҳо, ояи 43 ва 47.

اذْهَبَا إِلَى فِرْعَوْنَ إِنَّهُ طَغَى {43}
... فَأْتِيَاهُ فَقُولَا إِنَّا رَسُولَا رَبِّكَ فَأَرْسِلْ مَعَنَا بَنِي إِسْرَائِيلَ وَلَا تُعَذِّبْهُمْ قَدْ جِئْنَاكَ بِآيَةٍ مِّن رَّبِّكَ ... {47}

***Фаман раббукумо ё Мӯсо*** Ê

***Ä** Парвардигори шумо ду нафар кист, эй Мӯсо?*[1]

Қуръони карим дар ин ҷо ҷавоби Мӯсо ва Фиръавнро дар камоли эъҷоз баён намуда ва фармуда аст:

***Раббуно, аллазӣ аъто кулла шай'ин халқаҳу сумма ҳадо*** Ê

***Ä** Парвардигори мо он касе аст, ки ба ҳар мавҷуде, он чи лозимаи офариниши ӯ буд, бахшида аст, сипас ҳидоят намуда аст.*[2]

Яъне, хилқати ҳар чизеро том ва тамом ба анҷом расонида аст. Худованд дар сураи "Аъло" ин тамомиятро бо тафсили бештар баён дошта ва фармуда аст:

***Фасавво*** Ê

***Ä** Мизон ва муназзам кард.*

Яъне ӯро барои пазириши ҳидоят омода сохт, сипас

***Қаддара фаҳадо*** Ê

***Ä** Андозагирӣ кард ва ҳидоят намуд.*[3]

Яъне, ҳар синфе аз махлуқотро мутаносиб бо фитрат ва зоти ӯ дар андозаи муносиб офарид, ҳидоят кард ва

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 49.

قَالَ فَمَن رَّبُّكُمَا يَا مُوسَى {49}

[2] Сураи Тоҳо, ояи 50.

قَالَ رَبُّنَا الَّذِي أَعْطَى كُلَّ شَيْءٍ خَلْقَهُ ثُمَّ هَدَى {50}

[3] Сураи Аъло, ояи 2-3.

الَّذِي خَلَقَ فَسَوَّى {2} وَالَّذِي قَدَّرَ فَهَدَى {3}

одамиёнро дар маҷмӯаи хилқат ба василаи паёмбарон ҳидоят намуд.

Фиръавн бар он шуд то дар ин истидлоли Мӯсо(а) шубҳа ворид намояд, ба ин хотир гуфт:

***Фамо болал қурӯнил ӯло*** **Ê**

**Ä** *Пас таклифи наслҳои гузашта чӣ хоҳад шуд.*[1]

Яъне, агар парвардигори ту мардумро ба василаи паёмбарон ба сӯи низоме, ки барои онон қарор дода аст ҳидоят мекунад, ин парвардигор наслҳои гузаштаро чӣ гуна ҳидоят карда аст? Расулоне, ки ба сӯи онон ирсол шудаанд, киҳо ҳастанд? Дастурот ва шариатҳои онон чӣ гуна аст? Мӯсо(а) гуфт: илми он назди Парвардигорам дар китобе маҳфуз аст. Парвардигори ман ҳаргиз гумроҳ намешавад ва фаромӯш намекунад.[2] Яъне, илму огоҳии ин давронҳо назди Парвардигор дар китобе навишта аст ва ӯ ҳаргиз ба гумроҳӣ ва фаромӯшӣ дучор нахоҳад шуд.

Мӯсо(а) пас аз он ба шарҳи сифатҳо ва хусусиятҳои Парвардигор пардохт ва гуфт:

***Аллазӣ ҷаъала лакумул арза маҳдан ва салака лакум фӣҳо субулан ва анзала минас самои моан фаахраҷно биҳӣ азвоҷан мин наботин***

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 51.

قَالَ فَمَا بَالُ الْقُرُونِ الْأُولَى {51}

[2] Сураи Тоҳо, ояи 52.

قَالَ عِلْمُهَا عِندَ رَبِّي فِي كِتَابٍ لَّا يَضِلُّ رَبِّي وَلَا يَنسَى {52}

***шатто. Кулӯ варъав анъомакум инна фӣ золика лаоётин лиулин нуҳа Ê***

*Ä Ҳамон худованде, ки Заминро маҳалли осоиши шумо қарор дод, роҳҳое дар он эҷод кард ва аз осмон обе фиристод, ки бо он навъҳои гуногуни гиёҳонро баровардем. Бихӯред ва чаҳорпоёнатонро дар он бичаронед, ростиро ки дар инҳо нишонаҳои равшане барои хирадмандон аст.*[1]

Қуръони карим дар ин қисмат посухи Мӯсо(а)-ро ба Фиръавн ёд карда ва мефармояд: ҷаноби Фиръавн, ту ки мегӯӣ: ***А лайса лӣ мулку Мисра ва ҳозиҳил анҳору таҷрӣ мин таҳтӣ.***[2]

Ту ва ҳамаи дарбориёну ҳошиянишинони дарборат бояд бидонед, ки: Парвардигори шумо ҳамон офаринандае аст, ки Заминро офарид ва муқтазои "рубубият"-и худи онро маҳди оромиши инсон қарор дод, дар он роҳҳо эҷод кард (замине, ки мамлакати Миср ҳам ҷузъе аз он аст) ва аз осмон боронеро фиристод, ки наҳрҳо аз он ба вуҷуд ояд (ва дарёи Нил яке аз онҳост) ва ба воситаи ҳамин об аз замин гиёҳҳои гуногун берун овард, то хӯроки инсон ва ҳайвонот бошад.

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 53-54.

الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الْأَرْضَ مَهْداً وَسَلَكَ لَكُمْ فِيهَا سُبُلاً وَأَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَخْرَجْنَا بِهِ أَزْوَاجاً مِّن نَّبَاتٍ شَتَّى {53} كُلُوا وَارْعَوْا أَنْعَامَكُمْ إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَاتٍ لِّأُوْلِي النُّهَى {54}

[2] Сураи Зухруф, ояи 51.

... أَلَيْسَ لِي مُلْكُ مِصْرَ وَهَذِهِ الْأَنْهَارُ تَجْرِي مِن تَحْتِي ... {51}

Фиръавн, ки дар баробари ин мантиқи Мӯсо[(а)] оҷиз ва дармонда шуда буд, тасмим гирифт то дубора шубҳа афканад ва бурҳонҳои равшани Мӯсо[(а)]-ро таҳти шуоъ қарор диҳад. Худованд дар бораи ӯ ва мавзеъгирии дубораш мефамояд:

***Ва лақад арайноҳу оётино куллаҳо* Ê**

**Ä** *Ба ростӣ, ки мо ҳама оёти худро ба ӯ нишон додем.*[1]

Яъне, пас аз он ки мо оёти оммаи ҳастӣ ва оёти хосу вижаеро, ки Мӯсо оварда буд ба ӯ нишон додем,

***Факаззаба ва або* Ê**

**Ä** *Ӯ такзиб кард ва саркашӣ намуд*

ва гуфт:

***А ҷи’тано литухриҷано мин арзино бисиҳрика ё Мӯсо. Фалана’тияннака бисиҳрин мислиҳи фаҷъал байнано ва байнака мавъидан ло нухлифуҳу наҳну ва ло анта маконан суво* Ê**

**Ä** *Эй Мӯсо! Омадаӣ, ки бо сеҳри худ моро аз сарзаминамон берун кунӣ? Мусалламан мо ҳам сеҳре монанди он барои ту хоҳем овард. Акнун таърихи муайянеро миёни мо ва худат қарор деҳ, ки на мо ва на ту, ҳеҷ як аз он хилоф накунем, дар маконе, ки нисбат ба ҳама баробар бошад.*[2]

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 56.

وَلَقَدْ أَرَيْنَاهُ آيَاتِنَا كُلَّهَا فَكَذَّبَ وَأَبَى {56}

[2] Сураи Тоҳо, ояи 57-58.

Мӯсо[(а)] аз қавми Бани Исроил буд. Онон дар сарзамини Миср ғарибона ба бардагӣ гирифта шуда буданд. Фиръавн бо ин сухан, ки: омадаӣ то моро аз сарзаминамон берун кунӣ? Мехост атрофиёни гарданкаши худро бар зидди Мӯсои ғариб бишӯронад. Дар оёт ва нишонаҳои илоҳӣ (асо ва яди байзо) бо ин сухан, ки инҳо сеҳри ту ҳастанд, талқини шубҳа намояд ва ин ба он хотир буд, ки сеҳр дар сарзамини Миср паҳн шуда буд ва бисёре аз соҳирон пайравони Фиръавн буданд.

Сеҳр, хаёл ва пиндори беҳақиқат аст, ки чашму ҳавоси одамиро фиреб медиҳад, ҳамон гуна ки гоҳе эҳсоси инсон фиреб мехӯрад ва дар хаёли худ чизҳоеро мебинад, ки вуҷуди хориҷӣ надоранд. Аммо нишонаҳои ҳамроҳи Мӯсо, сохтаи қудрати Худои субҳон буд, қудрате, ки оташро бар Иброҳим[(а)] сард ва салом кард. Вале оммаи мардум навъан қуввати тамиз ва ташхиси ҳаққу ботил ва хаёлу воқеъро надоранд, ба иловае, ки гоҳе касрат ва зиёдатӣ ғолиб ояд ва Фиръавн низ бо таваҷҷӯҳ ба ҳоли мардум ва нерӯи фиребандаи сеҳр буд, ки аз мавзеи қудрат бо Мӯсо бархӯрд кард ва гуфт: "Мусалламан мо ҳам сеҳре ҳамонанди он барои ту хоҳем оварад, акнун таърихи мушаххаси байни мо ва худро қарор деҳ, ки ҳеҷ як аз он тахаллуф накунем, дар макони мусовӣ ва баробар!"

---

قَالَ أَجِئْتَنَا لِتُخْرِجَنَا مِنْ أَرْضِنَا بِسِحْرِكَ يَا مُوسَى {57} فَلَنَأْتِيَنَّكَ بِسِحْرٍ مِّثْلِهِ فَاجْعَلْ بَيْنَنَا وَبَيْنَكَ مَوْعِداً لَّا نُخْلِفُهُ نَحْنُ وَلَا أَنتَ مَكَاناً سُوًى {58}

Фиръавн аз мавзеи қудрат ва бартарӣ бо Мӯсо ба мубориза падохт ва таъини замонро дар ихтиёри Мӯсо гузошт. Мӯсо муборизаро пазируфт ва рӯзи ваъдашударо яке аз идҳо қарор дод, ки мардум ҷашн мегирифтанд ва дар майдонҳои рӯкушода ҷамъ меомаданд.

***Мавъидукум явмуз зӣнати ва ан юҳшаран носу зуҳан*** **Ê**

**Ä** *Ӯ гуфт: вохӯрии мо ва шумо рӯзи зинат ва ид бошад, бо ин шарт, ки ҳамаи мардум дар рӯшноии рӯз ҷамъ оянд*[1].

*Зуҳо* ҳангоме аст, ки офтоб боло меояд ва шуои он густариш меёбад.

***Фатаваллo Фиръавну фаҷамаъа кайдаҳу*** **Ê**

**Ä** *Фиръавн маҷлисро тарк гуфт ва ба ҷамъоварии макр ва ҳилаи худ пардохт.*[2]

Бахши дигар аз вохӯрии Мӯсои Калим бо Фиръавн дар сураи Шуаро аст, он ҷо ки Худои субҳон аз фиристодани Мӯсо ва Ҳорун ба сӯи Фиръавн ва натиҷаи рӯёрӯӣ хабар медиҳад ва мефармояд:

***Фа'тиё Фиръавна фақӯло инно расӯлу раббил ъоламӣн. ...Қола Фиръавну ва мо раббул***

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 59

... مَوْعِدُكُمْ يَوْمُ الزِّينَةِ وَأَن يُحْشَرَ النَّاسُ ضُحًى {59}

[2] Сураи Тоҳо, ояи 60.

فَتَوَلَّى فِرْعَوْنُ فَجَمَعَ كَيْدَهُ ... {60}

***ъоламӣн. Қола раббус самовоти вал арзи ва мо байнаҳумо ин кунтум муқинӣн. Қола лиман ҳавлаҳу ало тастамиъӣн. Қола раббукум ва раббу обоикумул аввалӣн. Қола инна расӯлакумул лазӣ урсила илайкум ламаҷнӯн. Қола раббул машриқи вал мағриби ва мо байнаҳумо ин кунтум таъқилӯн*** Ê

Ä*Ба сурoғи Фиръавн биравед ва бигӯед: мо фиристодаи Парвардигори ҷаҳониён ҳастем...*

*Фиръавн гуфт: Павардигори оламиён чист? Мӯсо гуфт: Парвардигори осмонҳо ва Замин ва он чи миёни он ду аст, агар аҳли яқин ҳастед! Фиръавн ба атрофиёнаш гуфт: оё намешунавед? Мӯсо гуфт: ӯ Парвардигори шумо ва Парвардигори ниёгони пешини шумост! Фиръавн гуфт: паёмбаре, ки ба сӯи шумо фиристонда шуда аст, мусалламан девона аст! Мӯсо гуфт: ӯ Парвардигори Машриқ ва Мағриб ва он чи миёни он ду аст мебошад, агар ақл ва андешаи худро ба кор бигиред!*[1]

---

[1]Сураи Шуаро, ояи 16 ва 23-28.

فَأْتِيَا فِرْعَوْنَ فَقُولَا إِنَّا رَسُولُ رَبِّ الْعَالَمِينَ {16}

... قَالَ فِرْعَوْنُ وَمَا رَبُّ الْعَالَمِينَ {23} قَالَ رَبُّ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا إِن كُنتُم مُّوقِنِينَ {24} قَالَ لِمَنْ حَوْلَهُ أَلَا تَسْتَمِعُونَ {25} قَالَ رَبُّكُمْ وَرَبُّ آبَائِكُمُ الْأَوَّلِينَ {26} قَالَ إِنَّ رَسُولَكُمُ الَّذِي أُرْسِلَ إِلَيْكُمْ لَمَجْنُونٌ {27} قَالَ رَبُّ الْمَشْرِقِ وَالْمَغْرِبِ وَمَا بَيْنَهُمَا إِن كُنتُمْ تَعْقِلُونَ {28}

Пас аз он ки Фиръан аз Мӯсо(а) далел ва нишона хост ва асои Мӯсо ва яди байзои ӯро дид, ба атрофиёнаш гуфт:

*Ин соҳири огоҳ ва моҳире аст! Ӯ мехоҳад бо сеҳраш шуморо аз сарзаминатон берун кунад! Шумо чӣ назар медиҳед? Гуфтанд: ӯ ва бародарашро мӯҳлат деҳ ва маъмуронро барои сафарбарӣ кардан ба тамоми шаҳрҳо бифирист, то ҳар соҳири моҳир ва доноеро назди ту оваранд! Саранҷом соҳирон барои ваъдагоҳи рӯзи муайяне ҷамъоварӣ шуданд. Ба мардум гуфта шуд: оё шумо низ ҷамъ мешавед то агар соҳирон пирӯз бошанд аз онон пайравӣ кунед?! Ҳангоме ки соҳирон омаданд ба Фиръавн гуфтанд: агар мо пирӯз шавем подоши муҳимме хоҳем дошт? Гуфт: оре, дар он сурат шумо аз муқаррабон хоҳед буд! Мӯсо ба соҳирон гуфт: он чиро мехоҳед бияфканед! Онон танобҳо ва асоҳои худро афкандананд ва гуфтанд: ба иззати Фиръавн яқинан мо пирӯзем!*[1]

Дар сураи Аъроф дар бораи кайфияти сеҳри онон ва таъсираш бар мардум мефармояд:

*Ҳангоме ки васоили сеҳри худро афкананд, мардумро чашмбандӣ кардану тарсонданд ва сеҳри*

---

[1]Сураи Шуаро, ояи 34-40.

**... إِنَّ هَذَا لَسَاحِرٌ عَلِيمٌ {34} يُرِيدُ أَن يُخْرِجَكُم مِّنْ أَرْضِكُم بِسِحْرِهِ فَمَاذَا تَأْمُرُونَ {35} قَالُوا أَرْجِهِ وَأَخَاهُ وَابْعَثْ فِي الْمَدَائِنِ حَاشِرِينَ {36} يَأْتُوكَ بِكُلِّ سَحَّارٍ عَلِيمٍ {37} فَجُمِعَ السَّحَرَةُ لِمِيقَاتِ يَوْمٍ مَّعْلُومٍ {38} وَقِيلَ لِلنَّاسِ هَلْ أَنتُم مُّجْتَمِعُونَ {39} لَعَلَّنَا نَتَّبِعُ السَّحَرَةَ إِن كَانُوا هُمُ الْغَالِبِينَ {40}**

*азиме падид оварданд. Мо ба Мӯсо ваҳй кардем: асои худро бияфкан, ки ногаҳон ин асо васоили ононро ба суръат бармегирифт!*

*...Соҳирон ба саҷда афтоданд. Гуфтанд: мо ба Парвардигори ҷаҳониён имон овардем, Парвардигори Мӯсо ва Ҳорун. Фиръавн гуфт: оё пеш аз он ки ба шумо иҷозат диҳам, ба ӯ имон овардед? Яқинан ин фитнае аст, ки дар ин шаҳр чидаед то аҳлашро аз он берун кунед; вале ба зудӣ хоҳед донист!*

*Савганд, ки дастҳо ва поҳои шуморо дар ҷиҳати хилоф қатъ мекунам, сипас ҳамаатонро ба дор меовезам. Соҳирон гуфтанд: мо ба сӯи Парвардигорамон бозмегардем. Интиқоми ту аз мо аз он рӯст, ки мо ба оёти Парвардигори хеш (ки суроғи мо омад) имон овардем. Павардигоро! Сабру истиқомат бар мо фурӯ рез ва моро мусулмон бимирон.*

Дар сураи Шуаро мефармояд:

*Яқинан ӯ бузург ва устоди шумост, ки сеҳрро ба шумо омӯхта аст!*

Дар оёти гузашта омада буд: Фиръавн ба мардуми Миср гуфт:

***Ано раббукумул аъло Ê***

*Ä Ман парвардигори бартари шумо ҳастам.*

Ба Мӯсо[а] ваҳй шуд, ба Фиръавн бигӯяд:

*Мо фиристодагони Парвардигорат ҳастем..., Мо нишонае аз ӯ назди ту овардем.*

*Фиръавн гуфт: Парвадигори шумо кист, эй Мӯсо!*

*Мӯсо(а) ба он гуфт: Парвардигори мо ҳамон касе аст, ки ба ҳар мавҷуде, он чи лозимаи офариниши он буда аст, ато намуда, сипас ҳидоят карда аст.*

Дар посухи ӯ, ки пурсид: таклифи наслҳои гузашта чӣ хоҳад шуд? Гуфт: илми он назди парвардигорам мебошад..., он ки заминро маҳалли осоиши шумо қарор дод ва... Худованд дар мавриди дигаре ба Мӯсо ва Ҳорун фармуд: ба Фиръавн бигӯед: мо фиристодагони раббулъоламин ҳастем!

Фиръавн гуфт: *раббулъоламин* чист? Мӯсо(а) ҷавоб дод: *Рабби* осмонҳо ва Замин ва он чи миёни онҳост.

*Рабби* шумо ва *рабби* падарони гузаштаи шумо. *Рабби* машриқу мағриб ва он чи миёни онҳост.

Аммо соҳирон, он ҳангоме ки мӯъҷизаи асоро диданд ва мушоҳида намуданд ҳар чиро ба дурӯғи воқеӣ ҷилва дода буданд, фурӯ бурд, гуфтанд:

***Оманно бираббил ъоламӣн. Рабби Мӯсо ва Ҳорӯн*** **Ê**

**Ä***Мо ба Парвардигори ҷаҳониён имон овардем, Парвадигори Мӯсо ва Ҳорун.*[1]

Ва дар посухи Фиръавн, ки гуфт: дастҳо ва поҳои шуморо муқобили ҳамдигар қатъ мекунам:

---

[1]Сураи Шуаро, ояи 47-48.

قالُوا آمَنَّا بِرَبِّ الْعَالَمِينَ {47} رَبِّ مُوسَى وَهَارُونَ {48}

***Қолӯ ло зайра, инно ило раббино мунқалибӯн. Ва мо танқиму минно илло ан оманно биоёти раббино ламмо ҷоатно. Раббано, африғ ъалайно сабран ва таваффано муслимӣн Ê***

*Ä Гуфт анд, муҳим нест! мо ба сӯи Парвардигорамон бозмегардем.*[1] *Интиқоми ту аз мо аз он рӯст, ки мо ба оёти Парвардигорамон (ки ба суроғи мо омад) имон овардем. Парвардигоро! Сабр ва истиқоматро бар мо фурӯ рез, ва моро мусулмон бимирон.* [2]

Аз он чи дар Қуръони карим омада аст, ба хубӣ равшан мешавад, ки: рӯёрӯии Мӯсо ва Ҳорун бо Фиръавн ва атрофиёни саркаши ӯ борҳо такрор шуда аст. Чунонки оёт ва нишонаҳои илоҳӣ низ гуногун буда аст, ба монанди: тӯфон, малах, офати гиёҳӣ, қурбоқа, хун. Ҳамаи ин даргириҳо дар атрофи *рубубият* буда ва Мӯсою Ҳорун ба Фиръавн мегуфтанд: *Парвардигори* мо ва шумо ҳамон *Парвардигори* ҷаҳониён аст, *Парвардигори* осмонҳо ва Замин ва он чи миёни онҳост, *Парвардигори* наслҳои гузашта, *Парвардигори* машриқ ва мағриб ва он чи миёни онҳост ва *Парвардигори* падарони пешини шумо.

Мегуфтанд: *Парвардигори* ҳама як аст ва ӯ ҳамон аст, ки ба ҳар мавҷуде ҳарчи лозимаи хилқати ӯ буд, дода аст, сипас ҳидоят карда аст. Соҳирон фаҳмиданд сеҳрашон амри хаёлӣ аст ва ҳақиқат надорад ва осори он муваққатӣ аст. Чӯб ва ресмоне, ки дар майдон

---

[1]Сураи Шуаро, ояи 50 .

[2]Сураи Аъроф, ояи **126**.

ҳамчун мор мавҷ мезанад ба ҳолати аввали худ бозгашта ва чӯбу ресмон боқӣ мемонанд, вале мӯъҷизаи асо ҳамаро фурӯ мебарад ва аслию фаръӣ бар ҷой намегузорад, ва ин ҷуз аз холиқи асо, раббулъоламин, нашояд. Ба ин хотир гуфтанд: мо ба *Парвардигори* ҷаҳониён, *Парвардигори* Мӯсо ва Ҳорун имон овардем. *Парвардигоре*, ки он дуро барои ҳидояти мардумон фиристода аст.

## Муборизаҳои Иброҳим[а] перомуни Тавҳиди улуҳият ва рубубият

Қарнҳо пеш аз асри Мӯсои Калим[а] Иброҳими Халил[а] бо навъҳое аз ширки асри хеш ба мубориза пардохт, ки аз ҷумлаи онҳо:

### А) Мубориза барои Тавҳиди улуҳият.

Худованд дар сураи Анбиё, Шуаро ва Соффот, достони муборизаи Иброҳим бо қавми худ дар бораи "*Тавҳиди улуҳият*"-ро баён дошта ва дар ҳар як аз онҳо бахше аз достонро овардааст, ки: Иброҳим[а] бо далелҳои маҳкам эътиқоди ононро кӯбид ва бутҳояшонро дарҳам шикаст. Ӯро дар оташ афкananд, Худованд оташро бар ӯ сард ва саломат гардонид ва... Мо сухан дар атрофи онро кӯтоҳ карда ва танҳо ба баррасии он чи дар бораи "*Тавҳиди улуҳият*" анҷом дода аст, мепардозем: Мушрикон, ки бутҳои худро дарҳамшикаста диданд, Иброҳим[а]-ро ҳозир карданд ва ба ӯ гуфтанд:

***А'анта фаъалта ҳозо биолиҳатино ё Иброҳим. Қола бал фаъалаҳу кабӣруҳум ҳозо? фас'алӯҳум ин конӯ янтиқӯн Ê***

***Ä** Оё ту бо худоёни мо чунин кардаӣ, эй Иброҳим! Гуфт: балки ин корро бузургашон карда аст! Аз онҳо бипурсед агар сухан мегӯянд.*[1]

Яъне: агар онҳо тавони сухангуфтан доранд аз худашон бипурсед: бузургашон онҳоро шикаста аст ё дигаре? Ва чун бутҳо сухан намегӯянд яқинан бузургашон низ онҳоро нашикаста аст.

Худованд ҳамчунин хабар медиҳад: Иброҳим бо касоне, ки ситорагонро арбоби худ гирифта буданд низ ба овардани бурҳону истидлол бархост, вале аз маънои мавриди назари онон моро огоҳ намекунад ва мо дар ахбори мушрикон меёбем, ки бархе аз онон "*Раб*" ва "*Аллоҳ*"-ро аз ҳам ҷудо намедонистанд. Чунонки дар гузашта баён доштем анбиё ва паёмбарон ҳамеша бо мушрикони уммати худ дар бораи "*Тавҳиди рубубият*" даргир будаанд.

Худованд дар сураи Анъом аз даргирии Иброҳим[(а)] бо ситорапарастон хабар медиҳад ва мефармояд:

*Ва инчунин малакути осмонҳо ва заминро ба Иброҳим нишон додем то аз аҳли яқин гардад. Ҳангоме ки шаб ӯро фаро гирифт ситорае, дид*

---

[1]Сураи Анбиё, ояи 62-63.

قالُوا أَأَنتَ فَعَلْتَ هَذَا بِآلِهَتِنَا يَا إِبْرَاهِيمُ {62} قَالَ بَلْ فَعَلَهُ كَبِيرُهُمْ هَذَا فَاسْأَلُوهُمْ إِن كَانُوا يَنطِقُونَ {63}

*гуфт: ин Худои ман аст***?** *Ва чун ғуруб кард***,** *гуфт***:** *ғурубкунандагонро дӯст надорам***!**

*Ҳангоме ки моҳи шикофандаи уфуқро дид***,** *гуфт***:** *"Ин Худои ман аст"***?** *Чун ғуруб кард***,** *гуфт***:** *агар Парвардигорам маро ҳидоят накунад яқинан аз гумроҳон бошам***.** *Ва ҳангоме ки офтобро дид***,** *ки синаи уфуқро мешикофад***,** *гуфт***:** *ин Худои ман аст***?** *Ин калонтар аст ва чун ғуруб кард***,** *гуфт***:** *эй қавм***!** *Ман аз он чи шарики Худо месозед***,** *безорам***.**

*Ман рӯи худро ба сӯи касе кардам***,** *ки осмонҳо ва Заминро офарид***.** *Ман дар имони худ холисам ва аз мушрикон нестам***.**

*Қавми Иброҳим бо ӯ ба ситез пардохтанд***,** *гуфт***:** *оё дар бораи Худо бо ман ситез мекунед***?** *Дар ҳоле ки Худованд маро ҳидоят карда***,** *ва ман аз он чи шумо шарики ӯ қарор медиҳед наметарсам***,** *магар он ки Парвардигорам чизеро бихоҳад***,** *ки илми Парвардигорам ҳама чизро дар бар гирифта аст***,** *оё ёдовар намешавед***?!**[1]

---

[1]Сураи Анъом, ояи 75-80.

وَكَذَلِكَ نُرِي إِبْرَاهِيمَ مَلَكُوتَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَلِيَكُونَ مِنَ الْمُوقِنِينَ {75} فَلَمَّا
جَنَّ عَلَيْهِ اللَّيْلُ رَأَى كَوْكَباً قَالَ هَـذَا رَبِّي فَلَمَّا أَفَلَ قَالَ لا أُحِبُّ الآفِلِينَ {76} فَلَمَّا
رَأَى الْقَمَرَ بَازِغاً قَالَ هَـذَا رَبِّي فَلَمَّا أَفَلَ قَالَ لَئِن لَّمْ يَهْدِنِي رَبِّي لأكُونَنَّ مِنَ الْقَوْمِ
الضَّالِّينَ {77} فَلَمَّا رَأَى الشَّمْسَ بَازِغَةً قَالَ هَـذَا رَبِّي هَـذَا أَكْبَرُ فَلَمَّا أَفَلَتْ قَالَ يَا
قَوْمِ إِنِّي بَرِيءٌ مِّمَّا تُشْرِكُونَ {78} إِنِّي وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّمَاوَاتِ
وَالأَرْضَ حَنِيفاً وَمَا أَنَاْ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {79} وَحَآجَّهُ قَوْمُهُ قَالَ أَتُحَاجُّونِّي فِي اللّهِ
وَقَدْ هَدَانِ وَلاَ أَخَافُ مَا تُشْرِكُونَ بِهِ إِلاَّ أَن يَشَاءَ رَبِّي شَيْئاً وَسِعَ رَبِّي كُلَّ شَيْءٍ عِلْماً
أَفَلاَ تَتَذَكَّرُونَ {80}

Иброҳими Халил[а] дар ин ҷо ба забони ситорапарастони қавми худ бо эшон сухан мегӯяд ва "*раб*"-ро ба ҳамон маъное, ки мефаҳманд ба кор мебарад. Сухани ӯ, ки мегӯяд: “Ин *рабби* ман аст?” Аз роҳи сохтакорӣ ва савол аст, яъне оё ин *Парвардигори* ман аст? Ҳамон гуна, ки вақте бутҳоро шикаст худро ба нодонӣ зада ва дар посухи бутпарастон гуфт: балки бузургашон ин корро карда аст!

### Б) Ҷиҳоди Иброҳим[а] дар Тавҳиди рубубият ба маънои тарбияти аҷсом:

Бисёре аз инсонҳо дар замонҳои гузашта чунин ақида доштанд: ситорагон бар ҷаҳони мо ва ҳар чӣ дар он аст аз инсон, ҳайвон ва набот, асар мегузоранд. Борон ба хости онҳост, ки меборад ё намеборад, саодату бадбахтӣ, тангдастию кушоиш, саломату бемори дар ҷомеаи инсонӣ аз онҳост. Каму зиёдии марг дар одамиён, ҳайвон ва наботот аз он ҷо мебошад, густариши муҳаббат ва нафрат миёни ду кас ё таъсири муҳаббати одамӣ дар дили дигарон ва ҳар чӣ монанди ин корҳо аст, аз таъсири ситорагон мебошад. Ба ин хотир низ бархе маросими ибодиро барои онон баргузор мекарданд ва фазои маросимро бо уди хӯшбӯ ва атру гулоб муаттар месохтанд. барояшон дуо мехонданд ва аз онҳо ҷалби хайр ва дафъи шарр мехостанд. Бархе аз инҳоро дар навиштаи хаттии мансуб ба Сакокӣ (т. 626-ҳ) дидаам, ки дар он навъҳои тилисмҳо, дуоҳо ва муноҷотҳо барои баъзе ситорагон монанди: Зӯҳра, Миррих ва ғайра буд, ки гоҳе онҳоро

ба номи "*раб*" мавриди хитоб қарор дода аст. Вале ин ки таълифи китоб аз Сакокӣ бошад, барои мо исбот нагардид.

Надим, низ дар “Феҳраст”-и худ, дар бахши ахбори Собииён дар мақолаи нӯҳум, аз бархе фирқаҳои Собиӣ, оварда аст: (Онон баъзе ситорагонро мепарастанд ва барои онҳо маросими махсусе баргузор мекунанд.) Иброҳим[(а)] ин тоифаро бо суханоне, ки дар бораи ситорагон, моҳ ва офтоб гуфт, роҳнамоӣ кард ва бо гуфтани: “*ҳозо раббӣ*” ба ҳангоми тулӯи онҳо ва "*ло уҳиббул офилин*" ҳангоми ғурӯбашон, асоси тафаккури ононро дарҳам рехт ва дар поён бо гуфтани: "*иннӣ ваҷҷаҳту ваҷҳӣ лиллазӣ фатарас самовоти вал арз*" роҳи ростро ба онон нишон дод.

### В) Ҷиҳоди Иброҳим[(а)] дар "тавҳиди рабб" ба маънои ягона қонунгузори низоми ҳастӣ.

Худованд дар сураи Бақара хабар медиҳад ва мефармояд:

> ***Аламтара илал лазӣ ҳоҷҷа Иброҳима фӣ раббиҳи ан отоҳуллоҳул мулка, из қола Иброҳиму раббиял лазӣ юҳйӣ ва юмӣту, қола ано уҳйӣ ва умӣту, қола Иброҳиму фаиналлоҳа йаʻтӣ бишшамси минал машриқи фаʻти биҳо минал мағриби, фабуҳитал лазӣ кафара... Ê***
>
> ***Ä****Оё надидӣ онро, ки Иброҳим дар бораи Парвардигораш баҳс ва гуфтугӯ кард? Он ки Худованд ба ӯ салтанат дода буд. Ҳангоме ки*

*Иброҳим гуфт: рабби ман он касе аст, ки зинда мекунад ва мемиронад, ӯ гуфт: ман низ зинда мекунам ва мемиронам! Иброҳим гуфт: Худованд офтобро аз машриқ меоварад, ту онро аз мағриб биёвар! Он марди кофир мабҳуту дармонда шуд ва*[1]...

Мантиқи Халил(а) дар ин оят, мантиқи Қуръон дар сураи "Аъло" аст, ки мефармояд: Парвардигор ҳамон Худованде аст, ки офарид, муназзам кард, андоза кард ва ҳидоят намуд. Ва мисоли мавҷудот дар ин бора, мисоли ҳамон чарогоҳе аст, ки Парвардигори оламиён онро рӯёнид ва сипас хушку тирааш гардонид. Яъне мавҷудотро ҳаёт дод ва сипас онҳоро миронд.

Истидлоли Иброҳим(а) тавонманд ва равшан буд, вале тоғути замони ӯ, ки мехост онро бо кӯшиши гумроҳкунанда пӯшонад, гуфт:

Агар "рубубият" аз он касе аст, ки зинда мекунад ва мемиронад, ман низ зинда мекунам ва мемиронам! Дастур дод зиндонии маҳкум ба қатлро оварданд ва озодаш кард ва инсони бегуноҳеро, ки мегузашт гирифт ва ба қатл расонд ва бо ин кор атрофиёни худро ба шубҳа андохт.

Иброҳим(а) ба ҷои ҷидол дар маънои мирондан ва зинда кардан ба ҳуҷҷату далеловарӣ дар бораи мавзӯи

---

[1]Сураи Бақара, ояи 258.

أَلَمْ تَرَ إِلَى الَّذِي حَآجَّ إِبْرَاهِيمَ فِي رِبِّهِ أَنْ آتَاهُ اللّهُ الْمُلْكَ إِذْ قَالَ إِبْرَاهِيمُ رَبِّيَ الَّذِي يُحْيِـي وَيُمِيتُ قَالَ أَنَا أُحْيِـي وَأُمِيتُ قَالَ إِبْرَاهِيمُ فَإِنَّ اللّهَ يَأْتِي بِالشَّمْسِ مِنَ الْمَشْرِقِ فَأْتِ بِهَا مِنَ الْمَغْرِبِ فَبُهِتَ الَّذِي كَفَرَ وَاللّهُ لاَ يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ {258}

махсус ва далели ошкоре пардохт то иддаои ин тоғутро аз реша барканад ва гуфт: Парвардигори ман офтобро аз машриқ меоварад, ту ҳам агар парвардигор ҳастӣ, ин низомро тағир деҳ ва офтобро аз мағриб биёвар, ки он марди кофир мабҳут ва дармонда шуд.

Ширки тоғути замони Иброҳим(а) аз навъи ширки тоғути асри Мӯсо(а) буд. Ҳар ду иддаои рубубият карданд, яъне ҳар ду мегуфтанд: ҳаққи қонунгузоррӣ дар низоми зиндагии башарро доранд. Ва чун иддаои ҳар ду шабеҳ буд, он ду паёмбар низ посухи яксоне ба онон доданд ва гуфтанд: Парвардигори инсон, ки низоми зистани ӯро муайян фармуда аст, ҳамон Парвардигори ҳамаи мавҷудот аст. Он ки мавҷудотро ҳаёт бахшид ва барои идомаи вуҷудашон низоми хос суннат ниҳод ва чӣ гуна зистан бар асоси он низомро ба онҳо омӯхт ва ҳидояташон фармуд. Ӯ ҳамон аст, ки ҳама зиндагонро мемиронад.

Ин мантиқи Иброҳим дар даъвати мушрикон ба тавҳид буд. Ӯ ҳамон гуна, ки Худованд дар сураи Шуаро аз ӯ хабар медиҳад, гуфт:

***Фаиннаҳум ъадуввун лӣ, илло раббал ъоламин. Аллазӣ халақанӣ фаҳува яҳдӣн Ê***

*Ä Ҳамаи он чи шумо мепарастидед душмани ман ҳастанд, магар Парвардигори оламиён, ҳамон ки маро офарид ва ҳамеша роҳнамоиям мекунад.*[1]

[1]Сураи Шуаро, ояи 77-78.

فَإِنَّهُمْ عَدُوٌّ لِّي إِلَّا رَبَّ الْعَالَمِينَ {77} الَّذِي خَلَقَنِي فَهُوَ يَهْدِينِ {78}

Ҳамин суханро Мӯсо(а) дар қолаби дигаре дар посухи Фиръавн гуфт:

> ***Раббуно, аллазӣ аъато кулла шай‘ин халқаҳу сумма ҳадо Ê***
>
> *Ä Парвардигори мо ҳамон касе аст, ки ҳар мавҷуде, он чи лозимаи офариниш ва зисти ӯ буд, барояш дода сипас ҳидоят карда аст.*[1]

Иброҳим(а) пас аз он рубубияти Худоро шарҳ дода мегӯяд:

> ***Валлазӣ ҳува ютъимунӣ ва ясқӣн. Ва изо маризту фаҳува яшфӣн. Валлазӣ юмӣтунӣ сумма юҳйийн. Валлазӣ атмаъу ан яғфиралӣ хатӣатӣ явмад дӣн Ê***
>
> *Ä Ҳамон Парвардигоре, ки маро таом медиҳад ва сероб менамояд. Ҳангоме ки бемор шавам маро шифо медиҳад. Ва он гаҳ маро мемиронад ва сипас зинда мекунад. Ва касе, ки умед дорам гуноҳамро дар рӯзи ҷазо бибахшад.*[2]

Қуръон ҳангоме ки ахбори истидлоли паёмбарон бо ақвоми хешро такрор мекунад, дар ҳар боб бахше аз онро мутаносиб бо он чи дар он сура омада аст баён

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 50.

قَالَ رَبُّنَا الَّذِي أَعْطَى كُلَّ شَيْءٍ خَلْقَهُ ثُمَّ هَدَى {50}

[2] Сураи Шуаро, ояи 79-82.

وَالَّذِي هُوَ يُطْعِمُنِي وَيَسْقِينِ {79} وَإِذَا مَرِضْتُ فَهُوَ يَشْفِينِ {80} وَالَّذِي يُمِيتُنِي ثُمَّ يُحْيِينِ {81} وَالَّذِي أَطْمَعُ أَن يَغْفِرَ لِي خَطِيئَتِي يَوْمَ الدِّينِ {82}

медорад, яъне танҳо он чиро, ки барои тавзеҳи фикрӣ, иршоду ҳидояти мардум ва атрофиёни паёмбар новобаста аз мусулмону мушрик ва ё яҳуду насоро лозим медонад, онро такрор мекунад. Зеро Қуръон китоби таърих нест то ахбори пешиниёнро, он гуна, ки воқеъ шуда аст силсилавор пайгирӣ ва баён намояд.

Пас аз баррасии муборизоти паёмбарон ва ин ки донистем бештари даргирии онон дар бораи "*рубубияти раббулъоламин*" буд ва "*раббулъоламин*" яъне, ҳамон рабби инсон, ҳамон, ки зиндагии ӯро тақдир кард ва низоми мутаносиб бо фитраташро барои ӯ ба вуҷуд овард. Низоме, ки номаш "***Дини Ислом***" аст, дине, ки онро ба ҳамаи паёмбаронаш ваҳй кард ва онон барои расонданаш ба мардум камари ҳиммат бастанд. Ҷои ин суол боқӣ аст, ки агар чунин аст ва дини Худо танҳо ***Ислом*** аст, пас маънои "насхи шариат"-и бархе паёмбарон ба василаи шариати паёмбари дигар чист? Ин чизе аст, ки (ба ёрии Худо) дар баҳси баъдӣ, "Насх дар масири анбиё", дар ҷузъи дуюми китоб ба баррасии он мепардозем.

***Валҳамду лиллоҳи раббил ъоламин***

# ФЕҲРАСТИ МАТОЛИБ

§ Сарсухани Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) ..................................9
§ Тақдим.....................................................................................12
§ Пешгуфтори муаллиф..............................................................13
§ Сухане аз мутарҷим.................................................................17

## Мисоқ

§ Ояи каримаи "Аласту бираббикум" ва талоши фикрӣ......23
- Тафсири оят..................................................................... 26

§ Инсон маҷбури муҳит ва падару модар нест........................27
- Тафсири оёт..................................................................... 39
- Фишурдаи баҳс ................................................................. 40

## Мабоҳиси улуҳият

§ Оё махлуқот тасодуфӣ падид омаданд?!..................................45
§ Илоҳ ва маънои он....................................................................49
- Аввал: маънои “илоҳ” дар китобҳои луғат............................ 49
- Дуввум: маънои “илоҳ” дар муҳоварот ва гуфтугӯҳои мардуми арабзабон .............................................................. 50
- Саввум: маънои “илоҳ” дар истилоҳи исломӣ.................... 53

§ Маънои “Ло илоҳа иллаллоҳ” .................................................54

- Шарҳи вожаҳо.....55
- Тафсири оёт..... 56

§ Бозгашт ба нутфаи оғозин.....57

§ Оё Худованд духтар ё писар дорад?.....70
- Шарҳи вожаҳо.....80
- Тафсири оёт..... 84
- Натиҷаи баҳс..... 87


## Анвои махлуқоти Худо дар Қуръони карим


§ 1 – Малоика.....91
- Шарҳи вожаҳо.....101
- Пиндорҳои хаёлӣ аз ҷаҳони ғайб..... 106
- Воситаҳои шинохт ва маърифат..... 107
- Фишурдаи баҳс..... 108

§ 2-Самовот ва арз ва самоул арз.....110
- Нахуст: само ва самовот..... 110
- Дуюм: арз..... 112
- Сеюм: Офариниши самовот ва арз..... 113
- Шарҳи вожаҳо.....122
- Тафсири оёт..... 125
- Аввал: офариниши замин.....126
- Дуввум: офариниши кавокиб ва каҳкашонҳо..... 129
- Шарҳи вожаҳо.....132
- Тафсири оёт..... 133
- Фишурдаи баҳс..... 143
- Шарҳи вожаҳо.....147
- Тафсири оёт..... 147

§ 4-Ҷин ва шайтон.....147
- А) Ҷин ва ҷонн..... 147
- Б) Шайтон..... 152
- В) Иблис..... 157
- Шарҳи вожаҳо.....159
- Г) Ҷин дар тафсири ривоӣ..... 164
- Фишурдаи баҳс дар бораи ҷин, шайтон ва иблис..... 170

§ 5-Инсон..... 171

- Шарҳи вожаҳо....................................................................181
- Тафсири оёт..................................................................... 186
- Имтиҳони Худо аз махлуқоти бошуур ............................... 187
- Биҳишти Одам дар куҷо буд? .............................................. 188
- Имтиҳони илоҳӣ ва дигаргунии аҳвол ............................... 192
- Шарҳи оёт ва тафсири он дар ривоёт ................................ 196
- Фишурдаи баҳс……………………………………….........209


## Мабоҳиси рубубият


§ 1-Рабб..............................................................................213

- Маънои "рабб" дар луғати араб............................................213
- Маънои "рабб" дар истилоҳи исломӣ.................................213

§ 2-Раббулъоламин ва навъҳои ҳидоят.................................. 216

- Муқаддима......................................................................... 216
- Аввал: Маънои раббулъоламин дар Қуръон……….......…217
- Дуввум: Рубубият танҳо хоси Худои зулҷалол ................. 225
- Шарҳи вожаҳо....................................................................226
- Тафсири оёт...................................................................... 234

§ 3-Навъҳои ҳидояти Раббулъоламин барои гурӯҳҳои халқ.....................................................................................237

- Нахуст: омӯзиши мустақими фариштагон ....................... 237
- Шарҳи вожаҳо....................................................................238
- Хулосаи тафсири оёт.......................................................... 241
- Дуввум: тасхири мусаххарот ............................................. 245
- Шарҳи вожаҳо....................................................................250
- Натиҷаи баҳс ...................................................................... 251
- Сеюм: Ҳидояти ҳайвонот бо илҳоми ғаризӣ..................... 252
- Шарҳи вожаҳо....................................................................255
- Натиҷаи баҳс ...................................................................... 255
- Чаҳорум: омӯзиши инсон ва ҷин ба воситаи паёмбарон................................................................................ 257
- Натиҷаи баҳс ...................................................................... 264

## Дин ва Ислом


§ Дин.........................................................................................269
§ Ислом ва мусулмон........................................................... 270
§ Мӯъмин ва мунофиқ.......................................................... 271
- Нифоқ дар истилоҳи исломӣ:.............................................. 273
§ Ислом номест барои ҳамаи шариатҳо................................ 274
§ Таҳрифи шариатҳои гузашта ва таҳрифи номи онҳо...... 279
- А) Номгузории яҳуд ............................................................ 280
- Б) Номгузории насоро ......................................................... 280
- В)-Таҳрифи шариат .............................................................. 281
- - Таҳрифи шариати Мӯсо(а) тавассути яҳуд:........................ 281
- - Таҳрифи насоро ................................................................... 285
- - Таслис назди насоро............................................................ 285
- Ислом бо фитрати инсон созгор аст .................................. 288
- Шарҳи вожаҳо........................................................................288
- Инсон ва нафси аммораи биссӯъ ......................................... 298
- Шарҳи вожаҳо........................................................................299
§ Мушорикати ҷин ва инс дар шариати Ислом...................305
- Шарҳи вожаҳо........................................................................309
- Тафсири оёт............................................................................309
- Тафсири оёт дар ривоёт ....................................................... 311
- Натиҷаи баҳс ......................................................................... 313


## Мубаллиғони илоҳӣ ва муаллимони мардум


§ Набӣ, расул ва васӣ..............................................................318
- А) Набӣ ва нубувват............................................................ 318
- Б) Расул ................................................................................... 320
- В) Васӣ ва васият ................................................................... 325
§ Бахше аз ахбори авсиё дар китобҳои Аҳдайн................331
- А) Васияти Мӯсо(а) ба набии Худо Юшаъ(а) ......................... 331
- Б) Васияти Довуди набӣ ба Сулаймон(а) ............................... 333
- В) Васияти Исо(а) ба ҳаворӣ - Шамъуни Петрус: ................ 333
- Ахбори расулон ва авсиё дар Қуръони карим.................. 334

§ Оят ва мӯъҷиза........................................................................335

## Сифоти мубаллиғони илоҳӣ, исмат аз гуноҳон

§ 1-Иблис бар ҷонишинони Худо тасаллут надорад.......353
- Шарҳи вожаҳо..........................................................................356
- Таъвили оёт ........................................................................... 360

§ Осори амал ва ҷовидонагии он, исмати ҷонишинони Худо аз гуноҳ............................................................................362

§ Ривоёти дурӯғине, ки бар набии Худо, Довуд(а) ва бар Хотами Анбиё(с) нисбат доданд..................................................368
- Таъвили оёт дар ривоёти мактаби хулафо ......................... 370
- Барррасии санадҳои ривоёт ................................................... 376
- Натиҷаи баррасӣ...................................................................... 388

§ Издивоҷи Паёмбар(с) бо Зайнаб дар ривоят:.......................389
- А) Оёти издивоҷи Расули Худо бо Зайнаб:......................... 391
- Таъвили оёти дар ривоёти мактаби хулафо....................... 392
- Зайд ибни Ҳориса кист? ......................................................... 393
- Издивоҷи Зайд бо Зайнаб - духтари аммаи Расули Худо(с)........................................................................................ 395
- Оёте, ки дар тавили онҳо ба хатогӣ роҳ додаанд ............. 398
- Тафсири бархе вожаҳо ва истилоҳҳо.................................. 402
- Таъвили оёт мутаносиб бо маънои алфоз дар забони арабӣ ........................................................................................... 411
- Тафсири калимот ..................................................................... 412
- Таъвили оят мутаносиб бо маънои луғавӣ ......................... 413
- Таъвили оёт дар ривоёти имомони Аҳли Байт алайҳимуссалом. ................................................................. 415

## Муборизоти анбиё алайҳимуссалом

§ Муборизаҳои анбиё дар бораи рубубият............................427
- Мӯсои Калим ва Фиръавн ...................................................... 428
- Муборизаҳои Иброҳим(а) перомуни Тавҳиди улуҳият ва рубубият ............................................................................. 442

- А) Мубориза барои "Тавҳиди улуҳият". .............................. 442
- Б) Ҷиҳоди Иброҳим(а) дар Тавҳиди рубубият ба маънои тарбияти аҷсом:........................................................ 445
- В) Ҷиҳоди Иброҳим(а) дар "тавҳиди рабб" ба маънои ягона қонунгузори низоми ҳастӣ. ........................................ 446


## Феҳрастҳо


§ Феҳрасти вожаҳо..................................................................453

§ Феҳрасти матолиб…………………………………..........……......467

# Фехрасти вожаҳо

| Рақами тартиб | Навишти калима бо хати тоҷикӣ | Асли арабии калима | Саҳифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Сулола | سُلَالَة | 55 |
| 2. | Нутфа | نُطْفَة | 55 |
| 3. | Қарор | قَرَار | 55 |
| 4. | Макӣн | مَكِين | 55 |
| 5. | Ъалақа | عَلَقَة | 56 |
| 6. | Музға | مُضْغَة | 56 |
| 7. | Иншо’ | إنشاء | 56 |
| 8. | Ифк | إِفْك | 80 |
| 9. | Казӣм | كَظِيم | 80 |
| 10. | Султон | سُلْطَان | 80 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11. | Зӣзо | ضِيزَى | 80 |
| 12. | Харқ | خَرْق | 80 |
| 13. | Бадӣъ | بَدِيع | 80 |
| 14. | Юзоҳиӯн | يُضَاهِؤُون | 81 |
| 15. | Иддан | اِدّاً | 81 |
| 16. | Ҳадд | هَدَّ | 81 |
| 17. | Масӣҳ | مَسِيح | 81 |
| 18. | Калима | كَلِمَة | 81 |
| 19. | Сиддӣқа | صِدِّيقَة | 82 |
| 20. | Ъабд | عَبد | 83 |
| 21. | Самад | صَمَد | 83 |
| 22. | Фотир | فَاطِر | 101 |
| 23. | Ҳанӣз | حَنِيذ | 101 |
| 24. | Накираҳум | نَكِرَهُمْ | 101 |
| 25. | Мурдифӣн | مُرْدِفِينَ | 101 |
| 26. | Саббитӯ | ثَبِّتُوا | 101 |
| 27. | Мусаввимӣн | مُسَوِّمِين | 102 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 28. | Макӣн | مَكِين | 102 |
| 29. | Мутоъ | مُطَاع | 102 |
| 30. | Баййинот | بَيِّنَات | 102 |
| 31. | Ҳаблулварӣд | حَبْلُ الْوَرِيد | 102 |
| 32. | Муталаққиён | مُتَلَقِّيَان | 102 |
| 33. | Рақӣб | رَقِيب | 102 |
| 34. | Ъатӣд | عَتِيد | 102 |
| 35. | Таваффо | تَوَفَّى | 102 |
| 36. | Рӯҳ | رُوح | 102 |
| 37. | Явм | يَوْم | 122 |
| 38. | Сумма | ثُمَّ | 122 |
| 39. | Духон | دُخَان | 123 |
| 40. | Истиво | اِسْتِوَى | 123 |
| 41. | Ратқ | رَتْق | 123 |
| 42. | Ҷаъала - ҷаъл | جَعَلَ – جَعْل | 123 |
| 43. | Равосӣ | رَوَاسِى | 124 |
| 44. | Қазоҳунна | قَضَاهُنَّ | 124 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 45. | Авҳо фӣ кулли самоин амраҳо | اَوْحَى فِى كُلِّ سَماءٍ اَمْرَهَا | 124 |
| 46. | Самак | سَمَک | 125 |
| 47. | Баноҳо | بَنَاهَا | 125 |
| 48. | Савво | سَوَّى | 125 |
| 49. | Ағташа | اَغْطَشَ | 125 |
| 50. | Зуҳо | ضُحَى | 125 |
| 51. | Даҳоҳо | دَحَاهَا | 125 |
| 52. | Таҳоҳо | طَحَاهَا | 125 |
| 53. | Мададноҳо | مَدَدْناها | 125 |
| 54. | Мавзӯн | مَوْزُون | 125 |
| 55. | Бурӯҷ | بُرُوج | 132 |
| 56. | Раҷӣм | رَجِيم | 132 |
| 57. | Шиҳоб | شِهاب | 132 |
| 58. | Морид | مَارِد | 133 |
| 59. | Духӯр | دُحُور | 133 |
| 60. | Нуҷӯм | نُجُوم | 133 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 61. | Кавокиб | كَوَاكِب | 133 |
| 62. | Восиб | واصِب | 133 |
| 63. | Хатафа хатфатан | خَطِفَ - خَطْفَةً | 133 |
| 64. | Соқиб | ثَاقِب | 133 |
| 65. | Добба | دَابَّة | 147 |
| 66. | Морич | مَارِج | 159 |
| 67. | Самӯм | سَمُوم | 160 |
| 68. | Язиғ | يَزِغْ | 160 |
| 69. | Маҳорӣб | مَحَارِيب | 160 |
| 70. | Ҷифон | جِفَان | 160 |
| 71. | Ҷавоб | جَوَاب | 160 |
| 72. | Росиёт | راسِيَات | 160 |
| 73. | Ъифрӣт | عِفْرِيت | 160 |
| 74. | Расад | رَصَد | 160 |
| 75. | Тароиқ - тариқа | طَرائِق - طَرِيقَة | 160 |
| 76. | Қидадо қидда | قِدَدَا – قِدَّة | 160 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 77. | Қоситӯн | قاسِطُون | 160 |
| 78. | Рашад | رَشَد | 160 |
| 79. | Сафӣҳ | سَفِيه | 160 |
| 80. | Шатат | شَطَط | 161 |
| 81. | Яъӯзӯна | يَعُوذُون | 161 |
| 82. | Раҳақан туғёнан сафаҳан | رَهَقاً – طُغْياناً – سَفَهاً | 161 |
| 83. | Доббатул арз | دابَّةُ الْاَرْض | 161 |
| 84. | Минсаатуҳу | مِنْسَاَتُهُ | 161 |
| 85. | Ғайб | غَيْب | 161 |
| 86. | Ручӯм | رُجُوم | 161 |
| 87. | Зухруф | زُخْرُف | 162 |
| 88. | Йуҳо | يُوحَى | 162 |
| 89. | Ғурӯр | غُرُور | 162 |
| 90. | Яқтариф ва муқтарифӯн | يَقْتَرِف وَ مُقْتَرِفُون | 162 |
| 91. | Мубаззирӣн | مُبَذِّرِين | 162 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 92. | Хутувотиш шайтон | خُطُوَاتِ الشَّيْطَان | 162 |
| 93. | Фаҳшо | فَحْشاء | 162 |
| 94. | Майсир | مَيْسِر | 162 |
| 95. | Азлом | اَزْلام | 162 |
| 96. | Қидоҳ | قِداح | 163 |
| 97. | Сав'отиҳимо | سَوْءاتِهِما | 163 |
| 98. | Қабӣл | قَبِيل | 163 |
| 99. | Фасақа | فَسَقَ | 163 |
| 100. | Лозиб | لازب | 181 |
| 101. | Салсол | صَلْصال | 181 |
| 102. | Ҳама' | حَمَأ | 181 |
| 103. | Маснӯн | مَسْنُون | 181 |
| 104. | Мухаллақа | مُخَلَّقَة | 181 |
| 105. | Сулб ва тароиб | صُلْب وَ ترائب | 181 |
| 106. | Васваса | وَسْوَسَه | 181 |
| 107. | Сав'атун | سَوْأَةٌ | 182 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 108. | Ъазман | عَزْماً | 182 |
| 109. | Ҷаннат | جَنَّة | 182 |
| 110. | Хамт | خَمْط | 183 |
| 111. | Асл | اَثْل | 183 |
| 112. | Тазҳо | تَضْحَى | 185 |
| 113. | Ғаво | غَوَى | 185 |
| 114. | Тафиқо | طَفِقَا | 185 |
| 115. | Яхсифон | يَخْصِفَان | 185 |
| 116. | Занко | ضَنْكا | 185 |
| 117. | Вӯрия | وُورِىَ | 185 |
| 118. | Даллоҳумо | دَلَّاهُما | 185 |
| 119. | Лаахтаниканна | لَأَحْتَنِكَنَّ | 185 |
| 120. | Иҳбитӯ | اِهْبِطُوا | 185 |
| 121. | Истафзиз бисавтика | اِسْتَفْزِز بِصَوْتِكَ | 185 |
| 122. | Ва аҷлиб ъалайҳим | وَ اَجْلِب عَلَيْهِم | 186 |
| 123. | Бихайлик ва риҷилик | بِخَيْلِكَ وَ رِجْلِكَ | 186 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 124. | Ва шорикҳум фил амволи вал авлод | وَ شارِكْهُم فِى الْأمْوالِ وَ الْأوْلاد | 186 |
| 125. | Султон | سُلْطان | 186 |
| 126. | Саббаҳа | سَبَّحَ | 226 |
| 127. | Исм | اِسْم | 226 |
| 128. | Раббука | رَبُّکَ | 227 |
| 129. | Аъло | اَعْلٰى | 227 |
| 130. | Халақа | خَلَقَ | 227 |
| 131. | Савво | سَوَّى | 227 |
| 132. | Қаддара | قَدَّرَ | 230 |
| 133. | Ҳадо | هَدَى | 231 |
| 134. | Ғусо’ | غُثَاء | 231 |
| 135. | Аҳво | اَحْوَى | 231 |
| 136. | Ваҳй | وَحْى | 231 |
| 137. | Истиво | اِسْتِوَى | 233 |
| 138. | Ъарш | عَرْش | 233 |
| 139. | Зиё’ | ضِياء | 234 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 140. | Амр | أَمْر | 234 |
| 141. | Саххара | سَخَّرَ | 234 |
| 142. | Равосӣ | رَوَاسِى | 234 |
| 143. | Халифа ва халифатуллоҳи фил арз | خَلِيفَه وَ خَلِيفَةاللهِ فِي الأَرْض | 238 |
| 144. | Халафа | خَلَفَ | 238 |
| 145. | Хилофат | خِلاَفَة | 239 |
| 146. | Халифа | خَلِيفَة | 239 |
| 147. | Саҷда | سَجدَه | 240 |
| 148. | Саххара | سَخَّرَ | 250 |
| 149. | Акмом | اَكْمَام | 250 |
| 150. | Ҳабб | حَبّ | 250 |
| 151. | Ъасф | عَصْف | 250 |
| 152. | Райҳон | رَيْحان | 250 |
| 153. | Оло’ | آلاء | 250 |
| 154. | Залӯл | ذُلُول | 250 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 155. | Маносик | مَناسِک | 250 |
| 156. | Доибайн | دائِبَیْن | 250 |
| 157. | Тусӣмӯн | تُسِیمُون | 250 |
| 158. | Зара’ | ذَرَأ | 251 |
| 159. | Мавохир | مَواخِر | 251 |
| 160. | Тамӣда бикум | تَمِیدَ بِکُم | 251 |
| 161. | Фарс | فَرْث | 255 |
| 162. | Ваҳйи Худованд ба ҳайвонот | وحی خداوند به حیوانات | 255 |
| 163. | Яъришӯн | یَعْرِشُون | 255 |
| 164. | Зулулан | ذُلُلاً | 255 |
| 165. | Ҳанӣфан - ҳанафа - ҳанӣф | حَنِیفاً – حَنَفَ - حَنِیف | 288 |
| 166. | Фатара | فَطَرَ | 288 |
| 167. | Нафс | نَفْس | 299 |
| 168. | Саввоҳо | سَوّاها | 300 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 169. | Фаалҳамаҳо фуҷӯраҳо ва тақвоҳо | فَاَلْهَمَها فُجُورَها وَ تَقْوَيها | 300 |
| 170. | Ҷадда | جَدَّ | 309 |
| 171. | Ғадақан | غَدَقا | 309 |
| 172. | Ағвайтанӣ, лауғвияннаҳум, алғовӣн | اَغْوَيْتَنِى – لَاُغْوِيَنَّهُم اَلْغاوِين | 356 |
| 173. | Ғаво | غَوَى | 356 |
| 174. | Ғовӣ | غاوِي | 356 |
| 175. | Лаузаййинанна лаҳум | لَاُزَيِّنَنَّ لَهُم | 357 |
| 176. | Мухласӣн | مُخْلَصِين | 357 |
| 177. | Ибтало | اِبْتَلَى | 357 |
| 178. | Бикалимотин | بِكَلِماتٍ | 357 |
| 179. | Фаатаммаҳунна | فَاَتَمَّهُنَّ | 358 |
| 180. | Ҷоъилука | جاعِلُكَ | 358 |
| 181. | Имоман | اِماماً | 358 |
| 182. | Золимӣн | ظالِمِين | 358 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 183. | Ҳаммат биҳӣ ва ҳамма биҳо | هَمَّتْ بِهِ وَ هَمَّ بِها | 359 |
| 184. | Рао | رَأى | 359 |
| 185. | Бурҳон | بُرْهان | 334 |
| 186. | Зал’айд | ذَاالْأيْد | 408 |
| 187. | Аввоб | أوَّاب | 408 |
| 188. | Ло туштит | لا تُشْطِط | 408 |
| 189. | Акфилнӣҳо | اَكْفِلْنيها | 408 |
| 190. | Ъаззанӣ фил хитоб | عَزَّنِى فِى الْخِطاب | 408 |
| 191. | Алхулто’ | الْخُلْطاء | 408 |
| 192. | Занна | ظَنَّ | 408 |
| 193. | Фатанноҳу | فَتَنّاهُ | 409 |
| 194. | Харра | خَرَّ | 409 |
| 195. | Аноба | اَنابَ | 409 |
| 196. | Фағафарно лаҳу | فَغَفَرْنا لَهُ | 409 |
| 197. | Зулфо | زُلْفَى | 409 |
| 198. | Маоб | مَآب | 409 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 199. | Хиyaратун | خِيَرَة | 409 |
| 200. | Ватр | وَطْر | 409 |
| 201. | Адъиёуҳум | اَدْعِياؤُهُم | 410 |
| 202. | Суннаталлоҳ | سُنَّةُ الله | 410 |
| 203. | Қадаран мақдӯран | قَدَراً مَقْدُوراً | 410 |
| 204. | Ҷузоз | جُذاذ | 410 |
| 205. | Фато | فَتَى | 410 |
| 206. | Накисӯ | نَكِسُوا | 410 |
| 207. | Сиқоятун | سِقايَة | 410 |
| 208. | Ъийр | عِير | 410 |
| 209. | Сувоъ | صُواع | 410 |
| 210. | Заъӣм | زَعِيم | 410 |
| 211. | Фатаҳно | فَتَحْنا | 412 |
| 212. | Лияғфира | لِيَغْفِرَ | 413 |
| 213. | Занбика | ذَنْبِكَ | 413 |